**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS**

# ПАЁМИ
# МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД

**№ 4/1 (29)**
**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
# ВЕСТНИК

**№ 4/1 (29)**
**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC
# BULLETIN

**№ 4/1 (29)**
(science-practical journal)

Душанбе, 2021

**Сармуҳаррир**

Хайрзода Ш.Қ. – сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир:**

Сафаров Б.Г. – муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидмуродов Л.Ҳ. – муовини сармуҳаррир, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

Раҳимзода Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Раҳматзода Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарифов З.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷахон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Хоҷаев П. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Насриддинов Ф.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маъдиев С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷумабоев Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори ПИТ «Молия»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Давлатов Х.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фасеҳзода И. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ғафуров П.Ҷ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи моделсозии математикӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳомидов А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдов Ф.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Туйғунов Н.Ҳ. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
тахти №082/МҶ– 97 аз 15.10.2018 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2021
Паёми молия ва иқтисод

Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и н ти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) шудааст.

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ВЕСТНИК

**№ 4/1 (29)**

**(научно-практический журнал)**

Душанбе, 2021

**Главный редактор**

Хайрзода Ш.К. – гл. редактор, кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора:**

Сафаров Б.Г. – зам. гл. редактора, кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидмуродов Л.Х. – зам. гл. редактора, член-кор. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия:**

Рахимзода Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета, директор Института экономики и демографии НАНТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Рахматзода Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарифов З.Р. - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой бухгалтерского учёта и аудита Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемура

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики и международного предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Ходжаев П. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Бегматов А.А. – кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Насриддинов Ф.Б. - кандидат экономических наук, профессор заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маъдиев С. – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джумабоев Х. – кандидат экономических наук, директор НИИ «Финансы» Таджикского государственного финансово-экономического университета

Давлатов Х.М. – кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М. - кандидат экономических наук, доцент, декан факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, зав. кафедрой международной финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Фасехзода И.- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Гафуров П.Дж. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой математического моделирования в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета

Хомидов А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдов Ф.С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент, директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

Туйгунов Н.Х. - кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.**

*Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №082/ЖР - 97 с 15.10.2018г.*

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2021

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы [illegible] научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

**THE FINANCE AND ECONOMIC BULLETIN**
(scientific and practical journal)
№ 4/1 (29)

Dushanbe, 2021

**CHIEF EDITOR**

Khayrzoda Sh.K – chief editor, candidate of Economic sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

**DEPUTY CHIEF EDITORS:**

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidmurodov L. Kh. – Deputy Editor in Chief, Corresponding Member NAS RT, Doctor of Economics, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

**EDITORIAL BOARD:**

Rakhimzoda Sh. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics, Director of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Rahmatzoda R. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Faqerov Kh.N. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharifov Z.R. – Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Accounting and Auditing of Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur

Sharipov B.M. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Dzhonmamadov Sh.B. – Doctor of Economics, Professor of the Department of World Economy and International Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Khodzhaev P. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of Tajik State University of Finance and Economics

Kandiyorova D.O. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. – Doctor of Economics, Professor, director of research institute of “Finance” of the Tajik State University of Finance and Economics

Begmatov A. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Money circulationof the Tajik State University of Finance and Economics

Nasriddinov F.B. – candidate of Economic sciences, professor of the Department of Economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Kodirov F.A. – deputy chief editor, candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Madiev S.– candidate of Economic sciences, Head of the Department of accounting of the Tajik State University of Finance and Economics

Jumaboev Kh. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department ofTax and Taxation of the Tajik State University of Finance and Economics

Davlatov Kh.M. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodikov M. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Management and Economic Law of the Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - candidate of Economic sciences, Head of the department of international finance and credit relation of the Tajik State University of Finance and Economics

Fasekhzoda I. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Gafurov P.J. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Mathematical Modeling in Economics of Tajik State University of Finance and Economics

Khomidov A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydov F. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics

Tuygunov N.Kh. – candidate of Philology, Associate Professor, Head of the Department of Foreign Languages of the Tajik State University of Finance and Economics

**The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.**

The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №082/ЖР – 97 from 15.10.2018

The Tajik State University of Finance and Economics, 2021

The Finance and Economic Bulletin

The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.

The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

УДК: 336.71

## ВАЗЪИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН ДАР ШАРОИТИ ПАНДЕМИЯ (COVID-19)

***Раҳимзода Шариф*** *– д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 901066652, E-mail: shama100@msn.com*

***Дембегиев Мисралӣ Сафармадович*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.:+992985303020*

*Дар мақола моҳият ва афзалияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун манбаи асосии ташаккулёбӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, алоқамандии мустақими хизматрасониҳои бонкӣ ошкор гардидааст. Ҳамчунин, сиёсати давлатӣ дар бахши хизматрасониҳои бонкӣ бояд ба нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, афзун намудани ҳаҷми сармояи бонкҳо ва маблағи пасандозҳо, тадриҷан баланд бардоштани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт, таъмини шаффофият дар фаъолияти бонкӣ, такмилдиҳии хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла сари вақт таъмин намудани субъектҳои хоҷагидорӣ бо қарз ва намудҳои нави хизматрасонӣ, рушд додани кортҳои пардохтӣ, дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти кӯҳистон бо мақсади ташкили дурусти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва пешниҳоди қарзҳо барои рушди саноати маҳаллӣ равона карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми бонкӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ, бахши пулию қарзӣ, кортҳои пардохтӣ, маблағҳои пулӣ, қурби пули миллӣ, сандуқи қарзӣ, қарзҳои ғайрифаъол, сандуқи қарзӣ, банкоматҳо, таваррум, терминалҳои электронӣ, амалиёти бонкӣ, ислоҳот.*

## СИТУАЦИЯ НА РЫНКЕ БАНКОВСКИХ УСЛУГ И ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА НЕЕ В УСЛОВИЯХ ПАНДЕМИИ (COVID-19)

***Рахимзода Шариф*** *- д.э.н., профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансового-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 901066652, E-mail:* shama100@msn.com

***Дембегиев Мисрали Сафармадович*** *– ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово–экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: +992985303020*

*В статье авторами проанализированы сущность и приоритеты рынка банковских услуг как основного источника формирования коммерческих банков и выявлена прямая связь между банковскими услугами.*

*Авторы подчеркивают, что государственная политика в секторе банковских услуг также должна быть направлена на поддержание инфляции в рамках макроэкономических показателей, увеличение банковского капитала и депозитов, постепенное увеличение доли безналичных платежей в экономике, обеспечение прозрачности банковской деятельности и улучшение своевременности банковских услуг. предоставлять хозяйствующим субъектам ссуды и новые виды услуг, развивать платежные карты в сельских и отдаленных горных районах с целью правильной организации безналичных расчетов и предоставления кредитов для развития местной промышленности.*

***Ключевые слова:*** *банковская система, рынок банковских услуг, денежный сектор, платежные карты, наличные деньги, курс национальной валюты, кредитный портфель, неактивные кредиты, кредитный портфель, банкоматы, инфляция, электронные терминалы, банковские операции, реформы.*

## THE SITUATION IN THE BANKING SERVICES MARKET AND FACTORS AFFECTING IT IN THE CONTEXT OF A PANDEMIC (COVID-19)

***Rahimzoda Sharif*** *– doctor of economics, professor of the Department of Banking Tajik state university of finance and economics. Address 734067, Republic of Tajikistan, г. Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Tel: (+992) 901066652, e-mail:* shama100@msn.com

***Dembegiev Misrali Safarmadovich*** *– asisitant of the Department of Banking the Tajik State University of Finace and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 902528686*

*The article analyzes the essence and priorities of the banking services market as the main source of the formation of commercial banks and reveals a direct connection between banking services.*

*Government policy in the banking sector should also be aimed at maintaining inflation within the framework of macroeconomic indicators, increasing bank capital and deposits, gradually increasing the share of non-cash payments in the economy, ensuring transparency in banking and improving the timeliness of banking services. provide business entities with loans and new types of services, develop payment cards in rural and remote mountain areas in order to properly organize cashless payments and provide loans for the development of local industry.*

***Keywords****: banking system, banking services market, money sector, payment cards, cash, national currency rate, loan portfolio, inactive loans, loan portfolio, ATMs, inflation, electronic terminals, banking operations, reforms.*

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи воқеан муҳими таърихӣ барои ташаккулу пешрафти ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам овард.

Ҳарчанд низоми бонкии ҷумҳурӣ дар заминаи шабакаи бонкии замони шӯравӣ бунёд гардид, дар даврони истиқлолият тадриҷан зинаҳои такмили қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои мунтазаму боэътимод, ташкили назорати ба пояи меъёрҳои молиявию иқтисодӣ асоснокшудаи бонкӣ ва ғайраро тай намуда, дар айни замон ба яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳими иқтисодиёти мамлакат табдил ёфт.

Фаъолияти низоми самарабахши бонкӣ шарти муҳимтарини рушди босуръати иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки захираҳои молиявӣ ҷамъоварӣ намуда, онҳоро барои маблағгузории бахшҳои воқеии иқтисодиёт равона кунанд.

Ҳамчунин, сиёсати давлатӣ дар бахши пулию қарзӣ бояд ба нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, афзун намудани ҳаҷми сармояи бонкҳо ва маблағи пасандозҳо, тадриҷан баланд бардоштани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт, таъмини шаффофият дар фаъолияти бонкӣ, такмилдиҳии хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла сари вақт таъмин намудани субъектҳои хоҷагидорӣ бо маблағҳои қарзӣ, рушд додани маблағгузории хурд дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти кӯҳистон бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва рушди саноати маҳаллӣ равона карда шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо пешрафти низоми бонкӣ шаклу сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ низ мунтазам ба таври мусбат тағйир ёфт. Ташкилотҳои қарзӣ дар баробари навъҳои маъмули хизматрасониҳои бонкӣ, мисли амалиёти хазинавӣ, додани қарз, қабули амонату пасандозҳо, ҳисоббаробаркунӣ, амалиёти муосири бонкиро аз қабили амалиёти сейфӣ, ҳамлу нақл, ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои пардохти бонкӣ ва пардохти электронӣ мавриди истифода қарор медиҳанд [9, с.393-397].

Дар баробари ин, бо мақсади ҷорӣ намудани маҳсулоти муосири бонкӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ, дар ташкилотҳои қарзӣ низоми интернет банкинг ва мобайл банкинг татбиқ мегардад, ки бо истифода аз он муштариён метавонанд бемамониат амалиёти пардохтии фаромарзиро анҷом диҳанд.

Бо мурури замон ва дар натиҷаи густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, хизматрасониҳои бонкӣ низ бо майлон рушд ёфта, ба аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, дар баробари хизматрасониҳои анъанавӣ, инчунин хизматрасониҳои муосирро пешниҳод менамоянд.

Бо мақсади такмил ва таъмини додугирифти боэътимоди пардохтҳои фаромарзӣ моҳи декабри соли 2002 Маркази дастёбии дастаҷамъӣ ба шабакаи SWIFT таъсис дода шуд ва ин имконият фароҳам овард, ки ба он дигар бонкҳои тиҷоратӣ низ ҳамроҳ шаванд.

Дар соли 2005 шаш бонки тиҷоратӣ иштирокдори Маркази дастёбии дастаҷамъии SWIFT-и Бонки миллии Тоҷикистон гардиданд ва дар соли 2020 бошад, ин шумора ба 22 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ узви Ҷамъияти SWIFT (Иттиҳоди умумиҷаҳонии телекоммуникатсияҳои молиявии байнибонкӣ) ба ҳисоб меравaнд.

Дар давоми солҳои 2012-2020 дар бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи кортҳои пардохтӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар ин давра ташкилотҳои қарзии мамлакат иштирокдори Низомҳои пардохти байналмилалӣ “Visa International”, ”Europay International” ва “STB Card” гардиданд. Дар охири соли 2012 аз ҷониби ин бонкҳо зиёда аз 539,1 адад корти пардохт бароварда шуд [7, с. 38-39]. Тибқи ҳисоботи оморӣ ба санаи 01 октябри соли 2020, миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда 2931 ададро ташкил доданд, ки нисбат ба санаи 01 октябри соли 2012 81,6% зиёд гардидаанд.

Дар солҳои баъдӣ, бо мақсади таъмини фаъолияти самаранок ва бехатари низоми пардохт бо истифодаи кортҳои пардохт ва кам кардани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои нақдӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои қарзӣ лоиҳаи созмон додани Маркази протсессингии миллиро оғоз намуд.

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои бозори кортҳои пардохти бонкӣ дар солҳои 2012-2020**

| | Соли 2012 | Соли 2020 | Афзоиши Бо % | Афзоиши нисбӣ, маротиба |
|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии кортҳои пардохт (ҳаз. адад) | 539,1 | 3 247, 8 | 83,4 | 6,2 мар. |
| Миқдори дорандагони кортҳои пардохт (ҳаз. нафар) | 520,7 | 3 016, 9 | 82,7 | 5,7 мар. |
| Банкоматҳо (адад) | 429 | 1 281 | 66,5 | 3 мар. |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (адад) | 488 | 1 899 | 74,3 | 3,8 мар. |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (адад) | 265 | 3 811 | 93 | 14,3 мар. |
| Шумораи умумии амалиёт (ҳаз. адад) | 6913 | 7 886,4 | 12,3 | 1,14 мар. |
| Ҳаҷми умумии амалиёт (млн. сомонӣ) | 2997 | 2 775,82 | -7 | - |

**Сарчашма**: аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ БМТ таҳия карда шудааст. – Душанбе, 2016 (257). – С.103-104. – Душанбе, 2020 (305). - С.99-100.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, дар миқёси кишвар ин шакли хизматрасониҳои бонкӣ (кортҳои пардохтӣ) сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, агар дар соли 2012 миқдори умумии кортҳои пардохтӣ ба 539,1 баробар бошад, он гоҳ дар соли 2020 миқдори он ба 3247,8 расидааст, ки дар қиёс бо соли 2012 83,4% зиёд мебошад, дар баробари ин, миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ 5,7 маротиба, миқдори банкоматҳо 3 маротиба, терминалҳои электронӣ 3,8 маротиба, терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ 14,3 маротиба, шумораи умумии амалиёт 12,3 маротиба афзоиш ёфта бошад, вале аз ҳисоби баъзе омилҳо ҳаҷми умумии амалиёт 7% кам гардидааст. Аз натиҷаҳои таҳлил чунин бармеояд, ки ин шакли хизматрасонӣ дар кишвар рушди рӯзафзун дорад.

Дар замони муосир ташаккулёбӣ ва рушди бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва бахусус, бахши молиявии он ба ҳисоб меравад. Бозори қарзҳои бонкӣ ҳамчун қисми асосӣ, доимоамалкунанда ва

зудинкишофёбандаи бозори қарзӣ дар markup азнавтақсимкунии воситаҳои молиявии муваққатан озоди субъектҳои иқтисодӣ нақши калидӣ мебозад.

Тағйирёбии ҳолати бозори хизматрасониҳои қарзии бонкӣ на танҳо ба қисматҳои алоҳида, балки дар маҷмуъ, ба тамоми иқтисодиёт таъсири мустақим мерасонад. Аз ҷумла, дар ҳолати паст будани фоизҳои қарзҳои ипотекӣ талабот дар бозори манзилӣ зиёд шуда, он боиси рушди соҳаи сохтмон мегардад. Аз фоизи хизматрасониҳои қарзии бонкӣ талаботи аҳолӣ ба молу хизматрасониҳо вобастагӣ дорад, ё ин ки фоизи қарз барои соҳаи кишоварзӣ ба нархи молу маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бевосита таъсир мерасонад [1, с. 393-397].

Ҳамин тариқ, дар замони муосир рушди мукаммали бозори хизматрасониҳои қарзӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Ташаккулёбӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои қарзии бонкӣ аз устуворӣ ва эътимоднокии низоми хизматрасониҳои бонкӣ, сатҳи боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ва мавҷудияти инфрасохтори зарурии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии муосир ба аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Дар замоне ки хатари буҳрони иқтисодию молиявӣ қариб тамоми мамлакатҳоро фаро гирифта, сол аз сол зоҳиршавии он хусусиятҳои навро ба худ касб намуда истодааст, ҳолати бозорҳои молиявӣ, бахусус бозори хизматрасониҳои қарзии бонкиро дар вазъи ногувор ва номуайянӣ қарор медиҳад, омӯзишу тадқиқи ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии омилҳои ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиррасон, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои манфӣ, инчунин, вусъатбахшии бозори қарзҳои бонкӣ барои иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба мунтазам рушд намудани бозори хизматрасониҳои қарзии бонкӣ таъсири мустақим ва ё ғайримустақим мерасонанд. Ин омилҳо ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди бозори мазкур ё таъсири манфӣ ва ё таъсири мусбӣ расонида метавонанд. Аз ин рӯ, муайян намудани омилҳое, ки ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд ва қабули қарорҳои фаврӣ аз ҷониби Ҳукумат, Бонки марказӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо, бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи олимон ва коршиносони соҳаи бонкӣ, аз ҷумлаи омилҳое, ки ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсир мерасонанд, омилҳои зеринро номбар кардан мумкин аст:

• тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;
• сатҳи бекорӣ;
• қобилияти харидории пули миллӣ;
• қобилияти харидории аҳолӣ;
• рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра.

Омилҳои ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиррасонро ба ду гурӯҳ – омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба омилҳои берунӣ омилҳое дохил мешаванд, ки мустақиман аз фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста набуда, дар маҷмуъ, ба тамоми иқтисодиёт, хусусан, ба бозори хизматрасонии қарзҳои бонкӣ таъсири худро мерасонанд. Ба монанди:

- тағйирёбии ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ ба ҷумҳурӣ;
- вазъи геосиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон;
- сатҳи рушди бозорҳои молиявӣ;
- сиёсати пулию қарзии бонки миллӣ;
- сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ;
- сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ;
- сатҳи боварии сармоягузорон ва амонатгузорон ба бозори қарзии мамлакат;
- сатҳи андозҳо барои ташкилотҳои қарзӣ;
- қурби пули миллӣ;
- мавҷудияти воситаҳои пулӣ барои истифодабарии дарозмуҳлат ва ғайраҳо.

Омилҳои мазкур дар ҳолати муътадил буданашон ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири мусбӣ расонида, дар ҳолати ноустувор ва бад будан, таъсири манфӣ мерасонанд.

Ба ақидаи мо, вобаста ба хусусиятҳои хоси худ ба бозори хизматрасонии қарзии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми интиқоли пулӣ, инфрасохтори бозори мазкур, маърифати молиявии аҳолӣ ва ғайра таъсири мустақим мерасонанд. Боиси зикр аст, ки кам шудани ҳаҷми интиқоли пулӣ ба вазъи бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсири амиқ мерасонад. Мо барои исбот намудани таъсири омили мазкур ба бозори қарзҳои бонкӣ, алоқамандии байни ҳаҷми интиқоли маблағҳо ва бақияи хизматрасонии қарзии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шахсони воқеӣ додашударо муайян намудем, ки натиҷаи он дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

**Диаграммаи 1. - Ҷуғрофияи интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма:** аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Бюллетени омории БМТ омода карда шудааст.

Маълумоти диаграммаи 1 аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми зиёд шудани ҳаҷми маблағҳои интиқолӣ ба ҷумҳурӣ бақияи қарзҳои додашуда ба шахсони воқеӣ зиёд шудаанд ва баръакс, ҳангоми кам шудани ҳаҷми онҳо бақияи қарзҳои додашуда ба шахсони воқеӣ кам шудаанд. Тамоюли афзоиши интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар сабаби зиёд шудани даромадҳои аҳолӣ гардида, ба зиёд шудани талабот дар иқтисодиёт оварда мерасонад, ки ин дар ниҳояти кор қобилияти пардохтпазирии аҳолиро баланд мебардорад.

Дар натиҷа, талабот ба қарзҳои бонкӣ низ зиёд мешаванд. Вале ҳангоми кам шудани даромадҳои аҳолӣ (аз ҳисоби кам шудани интиқоли маблағҳо) талаботи онҳо низ кам шуда, қобилияти пардохтпазириашон кам мегардад. Дар натиҷа, қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ ба мизоҷон кам мешавад. Гуфтаҳои боло далели онанд, ки дар ҷумҳурӣ байни ҳаҷми интиқоли маблағҳо ва сандуқи қарзии низоми бонкӣ вобастагӣ дида мешавад. Ба омилҳои дохилии ба бозори қарзии бонкӣ таъсиррасон бошад, омилҳоеро шомил намудан мумкин аст, ки мустақиман ба низоми бонкӣ рабт дошта, бартараф намудани онҳо аз иштирокчиёни бозори қарзҳои бонкӣ (Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ) вобастагии калон доранд. Ба гурӯҳи омилҳои дохилӣ, ки бевосита ба бозори қарзии бонкӣ таъсир мерасонанд ва идора намудани онҳо аз иштирокчиёни бозори мазкур вобастагӣ дорад, омилҳои зеринро шомил намудан мумкин аст:

- ҳаҷми хароҷоти амалиётии ташкилотҳои қарзӣ;
- сатҳи фоизи қарзҳо;
- ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ;
- дурустии таҳлили пардохтпазирии мизоҷ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ;
- баҳогузории нархи амволи багаравгирифташуда;
- қарздории аз ҳад зиёди як муштарӣ аз чанд ташкилоти қарзӣ;

- сифати хизматрасониҳои бонкӣ;
- сатҳи рушди инфрасохтори бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ.

Дар робита ба ин, диққати хосро таҳлили омилҳои дохилии ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиррасон талаб менамояд. Зеро омилҳои дохилӣ аз фаъолияти иштирокчиёни бозори мазкур вобаста буда, ба ҳолати бозор таъсири бевосита мерасонанд. Тавре қайд кардем, яке аз омилҳои асосие, ки ба вазъи бозори хизматрасониҳои қарзии бонкӣ таъсир мерасонад, ин хароҷоти амалиётии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад. Зиёд будани хароҷоти амалиётӣ сабаби баланд шудани фоизи қарз шуда, метавонад ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ расонад. Аз рӯи маълумотҳои фаврии Бонки миллии Тоҷикистон, дар низоми бонкӣ хароҷоти амалиётӣ дар муайян намудани арзиши аслии қарз зиёда аз 11 фоизро ташкил менамояд [8, с.393-397], ки бевосита ба фоизи қарзҳои бонкӣ таъсир расонида, онро баланд менамоянд.

Баъзе ташкилотҳои қарзии молиявӣ хароҷоти бемантиқу ношаффофи зиёд доранд, ки ҷуброни он ба дӯши муштариён гузошта шудааст. Аз ҷумла, хароҷоти зиёд барои сафарҳои хизматӣ, ҳақи хизмати зиёд барои мушовирони хориҷӣ, масрафи калон барои сӯзишворӣ, сохтмони зиёди амволи ғайриманқул ва ғайра.

Омили дигаре, ки ба тағйирёбии вазъи бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсир мерасонад, ин меъёри фоизи қарзӣ мебошад. Бидуни шак, чӣ қадаре ки фоизи қарз паст бошад, ҳамон қадар талабот ба қарз зиёд мешавад ва ё баръакс, дар ҳолати баланд будани фоизи қарз талабот ба қарз кам мегардад. Маълумот оид ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо дар солҳои 2009-2018 дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. - Меъёри миёнавазни фоизи солонаи қарзҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2009-2018**




**Сарчашма:** аз тарафи муаллифон дар асоси маълумоти Бюллетени омории БМТ омода карда шудааст.

Таҳлили маълумоти диаграммаи 2 нишон медиҳад, ки меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ то соли 2013 нисбат ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо пули миллӣ нисбатан баланд буданд. Аз соли 2014 инҷониб фоизи қарзҳо бо пули миллӣ нисбат ба меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ баланд шудаанд. Яке аз сабабҳои баланд будани фоизҳо бо асъори хориҷӣ то соли 2013 ин зиёд будани сатҳи долларишавии (долларизатсия) иқтисодиёт мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар муқоиса ба сатҳи миёнаи фоизи қарзҳо дар сатҳи байналмилалӣ фоизҳои қарзӣ дар кишвари мо баланд ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати паст шудани фоизи қарз шумораи муштариён афзоиш меёбад, рақобатпазирӣ ба миён меояд ва дар ин замина доираи интихоб намудани муштариёни фаъол васеъ шуда, сифати сандуқи қарзӣ беҳтар мегардад, ки ин боиси аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ гирифтани даромади фоизии бештар мешавад. Аммо зиёд

будани ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ омили дигаре ба шумор меравад, ки он ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ташкилотҳои қарзии мамлакат барои додани қарз пасандозҳои ҷалбшударо, ки тақрибан нисфи онҳо бо асъори хориҷианд, истифода менамоянд, бинобар ин, дар таркиби сандуқи қарзии онҳо асъори хориҷӣ бештар мебошад.

Дар диаграммаи 3 тағйирёбии сандуқи қарзӣ аз рӯи асъори хориҷӣ дар давраи 2009-2018 муқоиса карда шудааст. Таҳлили маълумоти диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки аз соли 2011 то соли 2018 дар таркиби

сандуқи қарзии низоми бонкӣ ҳаҷми қарзҳо бо асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ зиёдтар мебошад.

**Диаграммаи 3. - Муқоисаи тағйирёбии таркиби сандуқи қарзӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2009-2018** ***(бо млрд. сомонӣ)***




**Сарчашма:** аз тарафи муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ ҳисоб карда шудааст. - Декабри 2011/12 (197). - С. 21. - Феврали 2014/2 (235). - С. 16. - Феврал 2015/2 (235). - С. 17. - №289, 2019. -127., С.18.

Зиёд шудани қарзҳо бо асъори хориҷӣ хавфи асъориро ҳам барои мизоҷ ва ҳам барои ташкилоти қарзӣ зиёд менамояд. Дар назар бояд дошт, ки дар ҳолати болоравии қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ пардохтпазирии мизоҷ паст гашта, муштарӣ имкони сари вақт пардохт намудани қарзро аз даст медиҳад. Ин раванд, дар навбати худ, боиси зиёд шудани қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ, сари вақт иҷро накардани ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди муштариён оид ба баргардонидани амонатҳо гардида, дар ниҳояти кор, ба хавфи бад шудани вазъи молиявии низом оварда мерасонад.

Омили дигари ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиррасон ин дурустии таҳлили қобилияти пардохтпазирии муштарӣ ба шумор меравад. Таҳлили нодурусти пардохтпазирии муштарӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ боиси он мегардад, ки муштарӣ қарзи аз тавони пардохташ зиёдро гирифта, онро ба ташкилоти қарзӣ баргардонида наметавонад. Дар натиҷа, ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода дар сандуқи қарзӣ зиёд гардида, сифати сандуқи қарзӣ паст мешавад. Таҷрибаи мазкурро мо дар фаъолияти баъзе бонкҳои низомсози кишвар дидем, ки яке аз сабабҳои асосии ба бӯҳрон дучор шудани онҳо маҳз дар нодуруст баҳогузорӣ намудани қобилияти пардохтпазирии муштариён буд. Дар баробари дурустии таҳлили қобилияти пардохтпазирии муштарӣ дуруст баҳогузорӣ намудани нархи амволи гарав омиле мебошад, ки таъсири бевоситаи худро ба бозори қарзҳои бонкӣ мерасонад. Мутаассифона, дар низоми бонкии мамлакат раванди баҳогузории нархи амволи гарав дар сатҳи на он қадар хуб қарор дорад. Вобаста ба ҳолати мазкур дар санаи 10 майи соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкҳо низ изҳори нигаронӣ намуда, аз

Бонки миллии Тоҷикистон талаб намуданд, ки раванди мазкурро таҳти назорати ҷиддӣ қарор диҳад. Таъсири манфии омили мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳолати нодуруст баҳогузорӣ намудани нархи амволи гарав, рӯёнидани қарзи ғайрифаъол аз ҳисоби амволи ба гарав гирифташуда, ғайриимкон мегардад ва барои ташкилоти қарзӣ мушкилоти молиявиро ба бор меорад.

Қарздории аз ҳад зиёд (қарз гирифтани як муштарӣ аз чанд ташкилоти қарзӣ) омили дигарест, ки ба бозори қарзҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои мисол, як муштарӣ барои қонеъ гардонидани талаботаш ба воситаҳои пулии дарозмуддат аз якчанд ташкилоти қарзии молиявӣ қарз мегирад. Дар ҳолати дуруст ба роҳ намондани фаъолият, муштарӣ ба мушкилиҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад ва ниҳоят барои баргардонидани қарзи аз як бонк гирифтааш ба бонки дигар мурочиат менамояд ва дар натиҷа қарздории муштарӣ ва хавфи ташкилотҳои қарзӣ дар самти баргардонидани қарз низ меафзояд. Дар алоқамандӣ ба ҳалли ин масъала, яке аз дастовардҳои муҳими низоми бонкӣ – ташкили Бюрои таърихи қарзӣ ба шумор меравад. Бешубҳа, барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин пойгоҳ имкон медиҳад, ки муштариёни таърихи қарзии манфӣ доштаро шиносанд ва ба онҳо қарз надиҳанд. Тамоюли қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2009-2018 дар диаграммаи 4 оварда шудааст. Маблағи қарзҳои батаъхирафтода дар давраи таҳлилшаванда дар охири давра нисбати аввали он 13 маротиба зиёд шудааст. Аммо боиси қайд аст, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ пас аз соли 2016 тамоюли камшавиро дорад ва аз 47% дар соли 2016 то ба 29% дар соли 2018 кам шудааст, ки ин аз беҳтар шудани таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад. Барои дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, муайян намудани қобилияти пардохтпазирии муштариён, муайян намудани нархи бозории амволи ба гарав гузошта ва суғуртаи он, кор аз болои баргардонидани қарзҳои мушкилситон ва паст намудани дигар хавфҳои эҳтимолӣ, дар бозори қарзҳои бонкӣ бояд институтҳои махсус фаъолият намоянд, то ин ки ташкилотҳои қарзӣ аз онҳо истифода баранд.

**Диаграммаи 4. - Ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ дар солҳои 2009-2018 (*бо млрд. сомонӣ*)**




**Сарчашма**: аз тарафи муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ ҳисоб карда шудааст: Декабри 2011 /12 (197). - С. 21; - Феврали 2014 /2 (235). -С. 16; - Феврали 2015/2 (235). - С. 17. - № 289, 2019. -127. С.18.

Институтҳо ё ширкатҳои мазкур дар якҷоягӣ инфрасохтори бозори қарзҳои бонкиро ташкил менамоянд. Иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим дар раванди қарздиҳӣ иштирок намуда, хавфи қарзро барои ташкилотҳои қарзӣ паст менамоянд. Рушди инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ омилест, ки шояд аз ҳама бештар ба рушди бозори мазкур таъсири амиқ расонад. Тибқи таҳлилҳо, инфрасохтори бозори қарзии бонкии Тоҷикистон айни замон дар ҳоли ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад ва баъзе институтҳои он то дараҷаи лозимӣ рушд наёфта, баъзеи

дигараш тамоман ташаккул наёфтаанд. Бе рушди мукаммали инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ дар пешниҳоди қарзҳо хавфи баланди барнагаштани қарзҳо, паст шудани сифати сандуқи қарзӣ, бад шудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст.

Иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Бонки миллии Тоҷикистон, бюрои таърихи қарз, ширкатҳои аудиторӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, ассотсиатсияи бонкҳо, ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо ба шумор меравaнд. Ба ҳолати аввали соли 2019 дар ҷумҳурӣ ду бюрои таърихи қарз, 18 ташкилоти суғуртавӣ ва 11 ширкати аудиторӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда, дар ҳолати номуътадилӣ боиси афзоиши ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, паст шудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, коҳиш ёфтани боварии сармоягузорон ва амонатгузорон ба бозори қарзии мамлакат, кам шудани қарздиҳӣ ва дигар оқибатҳои манфӣ шуда метавонанд.

Барои таъмин намудани рушди босуботи бозори қарзҳои бонкӣ ва боло бурдани нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат, пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба бозори қарзҳои бонкӣ монеа эҷодкунанда, ба сомон расонидани чунин корҳоро зарур мешуморем:

• Баландбардории масъулият ва ҷавобгарии роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ нисбати ҷалби сармояи арзони дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи роҳу услуби сарфакорӣ ва кам намудани хароҷоти амалиётӣ, инчунин, баланд бардоштани сифати сандуқи қарзӣ;

• Ҷоннок намудани фаъолияти Бюрои таърихи қарзӣ ва такмил додани махзани бюрои таърихи қарз барои ташкилотҳои қарзӣ ва муштариён, инчунин, ҷоннок намудани фаъолияти дигар иштирокчиёни инфрасохтори бозори қарзҳои бонкӣ;

• Таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқии махсус роҷеъ ба тартиби муайян намудани арзиши аслии гарави қарз;

• Таъсисдиҳии институтҳои молиявии нав аз қабили ширкатҳои кор бо қарзҳои мушкилситон, ширкатҳои баҳогузорӣ ва раддабандии ташкилотҳои қарзӣ (рейтингӣ), ширкатҳои баҳодиҳандаи нархи амволи гарав ва ғайраҳо.

Дар қисми хулоса ҳаминро қайд намудан бамаврид аст, ки бо назардошти аҳамияти муҳими иқтисодӣ доштани хизматрасониҳои бонкӣ ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки барои ба даст овардани эътимоду боварии мизоҷон ва пурзӯр намудани захираҳои пулию қарзӣ дар бозори байнибонкӣ чораҳои зарурири андешанд:

1. Бештар ҷалб намудани захираҳои озоди пулии бонкҳо ва аҳамияти ҷиддӣ додан ба қобилияти пардохтпазирии бонк ҳангоми иҷрои амалиёти гуногуни ҳисоббаробаркунонии ғайринақдӣ.

2. Бурдани назорати қатъӣ оид ба ҳолати таъминнокии банкоматҳо бо пули нақд, бештар намудани нуқтаҳои ҷойгиршавӣ ва сатҳи хизматрасонии онҳо.

4. Мақсаднок ва аз рӯи таъйинот ба самтҳои афзалиятнок дуруст истифодабарии захираҳои пулӣ ва пасандозҳои ҷалбгардида.

5. Вобаста ба талаботи бозор ва имкониятҳои аҳолӣ дастрасии хизматрасониҳои фосилавӣ.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкӣ. Васоити таълимӣ \ Н. Ашуров. – Душанбе, 2014. – 125с.
2. Бюллетени омори бонкӣ. – 2007 № 2 (139). – С.15-18
3. Бюллетени омори бонкӣ. – 2011. – № 12 (197). – С.21, 81;
4. Бюллетени омори бонкӣ. –2012. – № 11 (208). – С.44, 56, 85;
5. Бюллетени омори бонкӣ. - 2014. – № 2 (235). – С.16;
6. Бюллетени омори бонкӣ. - 2017. – № 2(). – С.17; 2018. –440 С.70; 2019. – № 11 (289). – С.18, 127.
7. Ҷӯраев Б.М. Фаъолияти бонкӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2014. – 234с.
8. Махшулов С.Ҷ. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити буҳрони молиявӣ [Матн] / С.Ҷ. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2018. - №3 (15). – С. 80-84.

9. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ. –Душанбе:Эр-граф. – 2018. – С.393-397
10. Сандалов Ҳ.А,. Асосҳои институтсионалии рушди захираҳои қарзӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ \ Ҳ. Сандалов. // Паёми молия ва иқтисод.- Душанбе, 2019. – №4 (19).– С.101-107.

---

**УДК: 338.46 (575.3)**

## СОЦИАЛЬНЫЕ СОСТАВЛЯЮЩИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Кошонова Манзура Рахматджановна*** *- д.э.н., профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734002. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 93-555-50-72. E-mail:* manzura@yandex.ru

*В статье рассматриваются социальные составляющие государственных финансов Республики Таджикистан с позиции с социально-ориентированного экономического развития. На основе параметров социально-ориентированной экономики можно выстроить социальные составляющие государственных финансов. Автор обосновывает, что государственный бюджет Республики Таджикистан целенаправлен на такой формат развития, так как последние годы 20 века и начала 21 века знаменателен глобальными переменами в социальной сфере. Социальная устойчивость зависит от социальной направленности бюджета, которые могут способствовать повышению уровня жизни, доходов населения и увеличению уровня занятости в стране. Автор в ходе поэтапного анализа государственного бюджета приходит к выводу, что финансирование в социальной сфере приводит к экономическому развитиию: человеческого капитала, капитала здоровья, капитала культуры, капитала образования. Автор рекомендует углубление реформы в социальной сфере с учетом, принятых государственных социальных программ, а также НСР РТ на период до 2030 года.*

***Ключевые слова:*** *государственные финансы, социальная направленность, параметры человеческого капитала, социальные программы, субвенции, развитие уровня жизни, социальная устойчивость, социальная политика, финансовая политика, социально-ориентированная экономика.*

## УНСУРҲОИ ИҶТИМОИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Кошонова Манзура Раҳматҷоновна*** *- д.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 93-555-50-72. E-mail:* manzura@yandex.ru

*Дар мақола молияи давлатӣ бо назардошти рушди иқтисодии ба иҷтимоӣ нигаронида дар зери таҳқиқ гирифта шудааст. Омилҳое, ки ба рушди устувори иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд, ин параметрҳои ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ равонашуда мебошанд. Муаллиф хотиррасон менамояд, ки дар охири асри 20 ва аввали асри 21 глобализатсияи ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки ба соҳаи иҷтимоӣ диққати ҷолиб дода шавад. Аз ин нуктаи назар, муаллиф ҳиссаи буҷети давлатиеро, ки ба иҷтимоиёт равона гардидааст, бо далелҳо исбот карда, ба рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва соҳаи иҷтимоӣ диққати олимон ва мутахассисонро ҷалб менамояд. Чунончи, ин соҳаҳо дар барномаи рушди иқтисодии ҶТ то соли 2015 ва дар барномаи стратегияи миллии рушд то соли 2030 овардашударо оиди вобастагии рушди неруи инсонӣ бо рушди инноватсия пайваста донистаат. Муаллиф дар мақола таҷрибаи ҷаҳониро дар рушди иқтисоди иҷтимоиёт афзал диниста, ба монанди мисол ба хонандагон ва таҳқиқотчиён нишон медиҳад, ки сатҳи зисти мардум маҳз аз рушди соҳаҳои ба неруи инсонӣ таъсирбахш асос гузошта шудааст. Дар асоси таҳлили минтақаҳо, муаллиф ба хулосае омадааст, ки солҳои тӯлонӣ он ноҳияҳое, ки аз тарафи буҷаи давлатӣ кумак расонида мешаванд, ба монанди: субсидия, дотатсия рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии на*

*он қадар сатҳи баланд доранд. Ва сол то сол миқдори ин гуна ноҳияҳо кам шуда истодааст, яъне ин далели рушди иҷтимоиёт дар ҷумҳуриро нишон дода истодааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди иҷтимоиёт, рушди устувори минтақа, параметрҳои рушди устувории иҷтимоиёт, худтаъминкунӣ, худмаблаѓгузорӣ, худтаъминкунӣ, истиқлолият, , субсидияҳо, рушди сатҳи зист,сиёсати иҷтимоиёт, сиёсати молиявӣ, иқтисодиёти ба иҷтимоиёт равонакардашуда.*

## SOCIAL ORIENTED PUBLIC FINANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Koshonova Manzura*** *– Doctor of economics, Professor of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 724067, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova St. 64/14. Phone: +992935555072, e-mail: manzura@yandex.ru*

*The article considers the social oriented public finance in the Republic of Tajikistan from the position of socio-economic development. The factors influencing the social oriented economic are several parametres wich all world last 20 c. and beginind 21 century on globalization base to change vision on social sphere. Social susnainable independ from social oriented, social purpose of Government. Such social and finance policy will promote income population and employment increasing, empoverment life level,etc. The auther during his analyses made conclusion that improvement of human capital, culture, education and health will help to achieve economic development in Republic of Tajikistan:*

*The author argued that by social sustainable development of the region are substantiated on the basis of the parameters of economy sustainable development, development as a whole, which can contribute to increase in the standard of living, income of the population and the development of employment in the country. The author making recommendation to deeply realize the social reforms,governmental social programs,and NSI RT till 2030 year.*

***Key words:*** *government finance, social oriented economic, social-sustainable development, social-oriented parameters:devevelopment of human capital, culture, education, health, social progrems, subsidies, donations,level of life, social police, fiancé police.*

В Конституции Республики Таджикистан в первой статье в Основе конституционного строя приводится «Таджикистан, являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие человека» [1].

Переход к рыночной экономике является периодом не только собственно перехода к рынку, но и формирования и становления социально ориентированной рыночной экономики. Экономический рост, основанный на рыночных отношениях и механизмах и ведущий к ощутимому эффекту, требует обновления всей социальной политики. Необходимо преодолеть узкоэкономический подход к реформированию экономики, игнорирование реальных социальных процессов.

8. Симоненко К.Н. Водород – основа химической технологии и энергетики будущего/ К.Н. Симоненко. - М. 1979. - 60 с.
9. Татаркин, А. И. Системный подход к разработке и реализации промышленной политики России[Электронный ресурс] / А. И. Татаркин // Материалы II дальневосточного международного экономического форума. – Хабаровск, 2006. – Режим доступа : http://dvforum.ru/2007/doklads/ks1_Tatar.aspx
10. Фурмер И.Э. Общая химическая технология / И.Э. Фурмер, В.Н. Зайцев. - М., 1986. - 231 с.

**УДК: 339.9.338.24.(575.3)**

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (РЕГИОНАЛЬНЫЙ АСПЕКТ)

***Сафаров Бахром Гулматович*** *- к.э.н., доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +(992) 985 000 515. E-mail: bahrom_1975@list.ru.*

*В статье рассмотрены теоретико-методологические аспекты внешнеэкономической безопасности регионов страны. Отмечается, что существующие теории, а также методология оценки внешнеэкономической безопасности страны, в том числе регионов, разработанные коллективом авторов российских ученых, можно применять ко всем странам. Однако данная теория требует дальнейшего методологического расширения.*

*Предлагается, с учётом специфики стран, экспортирующих рабочую силу, включить индикатор отношения экспорта рабочей силы к ВРП регионов страны. Данный индикатор наиболее реально отражает безопасность регионов страны, где доля денежных переводов вносит весомый вклад в социально-экономическое развитие регионов.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, внешнеэкономическая безопасность регионов, внешняя трудовая миграция, внешнеэкономическая безопасность страны, валовый региональный продукт, экспорт и импорт товаров.*

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ҶАНБАИ МИНТАҚАВӢ)

***Сафаров Баҳром Гулматович*** *- н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 985000515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва методологии таҳлили бехатарии иқтисодиёти берунӣ дар доираи назарияҳо ва методҳои мавҷуда баррасӣ гаштааст. Қайд карда шудааст, ки методологияи коркардашудаи коллективи олимони рус бобати арзёбии бехатарии иқтисодиёти берунии минтақаҳо гарчанде барои иқтисодиёти минтақавии кишварҳо созгор бошад ҳам, он вобаста ба махсусияти иқтисодиёти миллии мо коркарди методологияи васеътарро тақозо менамояд.*

*Пешниҳод мегардад, ки барои муайян кардани ҳолати воқеии бехатарии иқтисодии минтақаҳои кишвар шохиси ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба МММ истифода гардад. Ин нишондиҳанда амнияти минтақаҳои кишварро, ки ҳиссаи интиқоли маблағҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо саҳми назаррас мегузорад, ба таври воқеӣ инъикос мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти минтақавӣ, бехатарии иқтисодиёти берунии минтақаҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, бехатарии иқтисодии давлат, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, содирот ва воридоти мол.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASIS OF RESEARCH OF THE EXTERNAL ECONOMIC SAFETY OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN (REGIONAL ASPECT)

***Safarov Bahrom Gulmatovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor Vice-Rector for Science of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Tel: 985000515,* bahrom_1975@list.ru

*In the article it is studied the theoretical and methodological aspects of the analysis of the external economic safety of the regions of the country. It is noted that existing theory and methodology of assessment of foreign economic security of regions, developed by a group of Russian scientists, although it is possible to apply to all countries, but it requires further methodological extensions.*

*It is proposed that, taking into account the specifics of countries exporting labor, it is necessary to include an indicator of the ratio of labor exports to the GRP of the country's regions. This indicator most realistically reflects the security of the country's regions, where the share of remittances makes a significant contribution to the socio-economic development of the regions.*

***Key words:*** *regional economy, external economic security of regional economy, external labor migration, foreign economic security of the country, gross regional product, export and import of goods.*

Влияние мирового финансового кризиса на экономику Республики Таджикистан было весьма ощутимо. Темп роста экономики страны во время кризиса снизился на 4 процентных пункта, и в 2009г. составил 3,9% против 7,9% в 2008г. [6, с.357]. Денежные переводы мигрантов за этот период уменьшились на сумму 796,1 тыс. долл. США [2, с.73], сократился объем поступления иностранных инвестиций в страну на сумму 606,1 тыс. долл. США [6, с.403]. Но, необходимо отметить, что глубина негативного влияния мирового финансового кризиса распределялась в стране по-разному, и наиболее была ощутима в тех регионах, где основным источником доходов малоимущих семей являются доходы от внешней трудовой миграции. Такая ситуация ещё больше увеличила диспропорцию в экономическом развитии регионов страны.

Следует отметить, что несмотря на предпринятые антикризисные меры со стороны Правительства страны, особенно по вопросам создания новых рабочих мест, проблема трудоустройства населения на сегодняшний день является весьма актуальной. До сих пор по официальным данным ежегодно более 700 тыс. человек выезжают за рубеж на заработки. Такая ситуация свидетельствует о том, что и в ближайшем будущем не снизится значимость вопроса о влиянии внешних шоков на экономику Республики Таджикистан. Эти и другие негативные факторы предопределили необходимость исследования теоретических взглядов и методологических разработок экономической безопасности страны и ее регионов, и на основе специфических особенностей Республики Таджикистан разработки теоретико-методологической концепции экономической безопасности в целом, и ее внешнеэкономической составляющей в частности.

В экономической литературе существует несколько сотен определений экономической безопасности. Впервые теоретические взгляды экономической безопасности рассматривались в трудах зарубежных исследователей. В основном это было связано с обретением независимости страны и совершенствованием системы рыночного механизма управления экономикой. Основное направление теоретического исследования экономической безопасности зарубежных ученых определялось необходимостью обеспечения суверенитета государства в принятии решений, касающихся как внутренних вопросов, так и международного положения государства. В их работах большое внимание уделялось степени влияния внешнеэкономических факторов, основными индикаторами которых являются экспорт, импорт, приток и отток капитала, золотовалютный резерв страны и объем внешнего долга. Например, по мнению H. Machovki, «экономическая безопасность должна обеспечить достаточно высокую степень независимости от партнера по жизненно важным экономическим параметрам, то есть таким, которые в случае нарушения влияют на свободу выбора в политических решениях и неприемлемы с коммерческой точки зрения» [8, с.25]. Такое определение приемлемо и для регионов страны, так как региональная экономика тоже испытывает эти угрозы.

Как известно, плановая система управления экономикой, которая господствовала в социалистических странах, снижала риск нарушения сбалансированного роста. Поэтому, после приобретения независимости, разрушения прежних хозяйственных отношений и перехода на

рыночную форму хозяйствования в постсоветских странах, вопрос об обеспечении экономической безопасности страны и ее регионов стал чаще озвучиваться в академических, правительственных и общественных кругах. Следует отметить, что в трудах российских ученых наряду с внешнеэкономическими факторами безопасности, большое значение придается и внутренним факторам. По мнению одного из ведущих российских ученых Л.И. Абалкина, «экономическая безопасность - это совокупность условий и факторов, обеспечивающих независимость национальной экономики, ее стабильность и устойчивость, способность к постоянному обновлению и совершенствованию» [1, с.17]. Кроме того, особое место уделяется в их работах исследованию проблем экономической безопасности на региональном уровне. Это больше всего связано со структурой управления экономикой - распределением полномочий между федеральным Центром и отдельными субъектами Российской Федерации, а также высокой неравномерностью развития ее регионов. Одним из первых коллективов, занимавшихся исследованием проблем региональной экономической безопасности, была уральская научная школа под руководством академика А.И. Татаркина. В их развернутой трактовке под экономической безопасностью территориального уровня (области, республики, федерального округа и его субъектов) понимается «совокупность условий и факторов, характеризующих текущее состояние экономики, стабильность, устойчивость ее развития, степень ее независимости и интеграции с экономикой Российской Федерации» [3, с.28]. В данной трактовке понятия экономической безопасности региона акцент больше всего делается на внутренние факторы обеспечения экономической безопасности территории страны. Заполняет этот пробел В.К. Сенчаков, и дает следующую трактовку безопасности региональной экономики: «безопасность экономики регионов отражает прочность связей внутри системы, способность выдерживать внутренние и внешние угрозы» [3, с.28].

Более точное определение внешнеэкономической безопасности регионов предлагают ученые И.В. Шевченко и М.В. Егоров. Согласно их определению, «внешнеэкономическая безопасность региона - это такое состояние внешнеэкономической деятельности региона, которое может удовлетворять потребности регионального народнохозяйственного комплекса в производстве экспортных товаров и в поступлении необходимых импортных товаров, не наносящих угрозу экономическому развитию региона, и отвечающих всем требованиям инвестиционной, экологической и продовольственной безопасности, как региона, так и государства» [7, с.41].

Однако в этом определении ученые уделяют больше внимания торговым операциям региона и мало уделяют внимания другим аспектам внешнеэкономической деятельности, в частности, информационной технологии и внешней трудовой миграции.

Другой исследователь В.В. Солдатенков связывает внешнеэкономическую безопасности региона с внутренней динамикой развития безопасности экономики страны. По его мнению «внешнеэкономическая безопасность региона - это динамические экономические отношения по защите от внутренних и внешних факторов, осуществляемые экономическими и неэкономическими средствами возможности реализации комплекса целей: способности экономики региона к расширенному воспроизводству на основе конкурентоспособной продукции прогрессивных технологий; роста благосостояния населения; сохранения благоприятной экологической обстановки; внутренней устойчивости при резких колебаниях внешнего рынка» [5, с.16].

Не вдаваясь в подробности, можно констатировать тот факт, что любая страна в реализации экономической политики должна учитывать все негативные факторы и разработать стройную теоретико-методологическую концепцию экономической безопасности страны и ее регионов, как составляющую национальной экономики в целом.

Для Республики Таджикистан с малой открытой экономикой в условиях высокой степени интегрированности в мировой рынок и все возрастающей зависимости от изменений мировой рыночной конъюнктуры, вопрос об обеспечении внешнеэкономической безопасности страны и ее регионов является одной из первоочередных задач.

Выбор, в качестве стратегической цели экономической политики Правительства Республики Таджикистан, таких проблем как обеспечение продовольственной безопасности, энергетической независимости и выход из коммуникационной изоляции является неоспоримым доказательством важности этих направлений для экономики страны с точки зрения принятия

превентивных мер по предотвращению внешних и внутренних угроз безопасности. Последующие решительные шаги по обеспечению соблюдения пороговых значений внешних и внутренних угроз безопасности отражены во многих национальных и отраслевых программах развития национальной экономики Республики Таджикистан и нормативно правовых документах. Среди таджикских ученых те или иные аспекты экономической безопасности и ее внешнеэкономической составляющей рассматривались после приобретения независимости Республики Таджикистан,[2] и в основном на уровне национальной экономики. Комплексное исследование вопросов экономической безопасности административно-территориальных единиц (далее регионы) страны, особенно ее внешнеэкономической составляющей, осталось малоизученным, а некоторые её направления вовсе не изучены. Это особенно важно, так как по многим важнейшим социально-экономическим параметрам видно, что в Республике Таджикистан наблюдается неравномерное развитие регионов.

Сложившаяся ситуация говорит о наличии определенных недостатков и существующих резервах для проведения дополнительных исследований проблем внешнеэкономической безопасности страны в разрезе отдельных её регионов, то есть внешнеэкономической безопасности регионов страны.

На наш взгляд, внешнеэкономическая безопасность региона, как составная часть экономической безопасности региона, представляет собой состояние защищённости жизненно важных экономических интересов личности и граждан региона от внешних угроз. Сущность внешнеэкономической безопасности региона состоит в возможности и способности экономики региона противостоять влияниям внешних угроз и при этом, поэтапно повышать конкурентоспособность экономики региона, улучшать качество жизни населения на уровне общепринятых стандартов, при оптимальных затратах всех видов ресурсов.

Мировой опыт показывает, что для регионов страны с малой открытой экономикой и острым дефицитом внутренних ресурсов, с целью поддержания нормального уровня воспроизводственного процесса и обеспечения адекватного темпа экономического роста, свойственна высокая интеграция с внешним рынком. Это является одной из специфических особенностей регионов нашей страны и, по нашему мнению, является резервом для проведения дополнительных исследований в этом направлении.

Как было отмечено выше, одной из первых диагностикой внешнеэкономической безопасности регионов занималась уральская научная школа под руководством академика А.И. Татаркина [3, с.28], по результатам исследований которой были опубликованы параметры ряда показателей, которые являются приемлемыми для некоторых стран СНГ, в том числе и для Республики Таджикистан.

В состав индикаторов внешнеэкономической безопасности для территорий регионального уровня авторы включают следующее индикаторы [3, с.123-124]:

1. Отношение экспорта продукции территории к ВРП;
2. Соотношение между объемами экспорта и импорта продукции;
3. Доля импорта продовольственных товаров в их потреблении.

---

[2] Несмотря на то, что разработка данной проблемы в республике находится только на начальном этапе на уровне национальной экономики, различными аспектами внешнеэкономической безопасности страны занимались под руководством член корреспондента АН РТ, д.э.н., профессора Саидмуродова Л.Х., такие исследователи как: Джураев Х.Г. Усмонов П.Н. Сандалов Х.А. Насриддинов Б.Ф. Однако в центре их исследований лежат в основном проблемы экономической безопасности в контексте определения внутренних и внешних условий роста национальной экономики, и ее способность удовлетворять потребности общества, государства и индивида, а также обеспечивать конкурентоспособность на внешних рынках, гарантирующую защиту от различного рода угроз. Более подробно смотрите: Джураев Х.Г. Теоретические вопросы экономической безопасности в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан). Диссертация на соискание ученой степени к.э.н., Душанбе. 2007 г.; Усмонов П.Н. Экономическая безопасность Республики Таджикистан в условиях внешнего финансирования. Диссертация на соискание ученой степени к.э.н., Душанбе. 2010г.; Сандалов Х.А. Теоретические основы внешнеэкономической безопасности в условиях открытой и переходной экономики (на примере Республики Таджикистан). Автореферат диссертационной работы на соискание ученой степени к.э.н. Душанбе, 2012г.; Насриддинов Б.Ф. Теоретические основы внешнеэкономической безопасности переходной экономикой Республики Таджикистан: Диссертация на соискание ученой степени к.э.н., Душанбе, 2013г.

Отношение экспорта продукции территории к ВРП измеряется следующим показателем:

$$a^t_{\text{эксп}} = \frac{a^t_{\text{ВЭД}} \cdot K^t_{\text{долл}}}{\text{ВРП}^t} \cdot 100\ \%, \quad , \qquad (1.1)$$

где $a^t_{\text{эксп}}$ - отношение экспорта продукции территории к ВРП, %;

$a^t_{\text{ВЭД}}$ – суммарный объем экспорта продукции, млн. долл.;

$k^t_{\text{долл}}$ – среднегодовой курс сомони по отношению к доллару США, руб./долл.

$\text{ВРП}^t$ - валовой региональный продукт, млн. долл.

Соотношение объемов экспорта и импорта продукции оценивались следующим образом:

$$a^t_{\text{эксп}-\text{имп}} = \frac{\text{Э}^t_{\text{ВЭД}}}{\text{И}^t_{\text{ВЭД}}} \cdot 100, \%, \qquad (1.2)$$

где $a^t_{\text{эксп-имп}}$ - соотношение между объемами экспорта и импорта продукции, %;

$\text{Э}^t_{\text{ВЭД}}$ - суммарный объем экспорта продукции, млн. долл.

$\text{И}^t_{\text{ВЭД}}$ – суммарный объем импорта продукции, млн. долл.

А доля импорта продовольственных товаров в их потреблении оценивалась следующим образом:

$$a^t_{\text{имп.прод}} = \frac{\text{И}^t_{\text{прод}}}{V^t_{\text{прод.розн}}} \cdot 100,\%, \qquad (1.3)$$

где $a^t_{\text{имп.прод}}$ - доля импорта продовольственных товаров в их потреблении, %;

$\text{И}^t_{\text{прод}}$ – оценочное количество импортных продовольственных товаров или товаров, сделанных на основе импортного продовольственного сырья, в обороте розничной торговли продовольственными товарами, млн. руб.;

$V^t_{\text{прод.розн}}$ – оборот розничной торговли продовольственными товарами, млн руб.

На наш взгляд, вышеперечисленные индикаторы применительно к реалиям регионов Республики Таджикистан недостаточны[3]. Как известно, методология разработки индикаторов зависит от состояния экономики региона по обеспечению жизненно важных параметров существования, и в рамках нашего исследования зависит от направления влияния внешних угроз (шоки мировой экономики) в социально-экономическом развитии региона. Применительно к Республике Таджикистан необходимо еще в состав индикаторов добавить соотношение доли доходов от внешней трудовой миграции к ВРП:

$$L^t_{\text{мигр}} = \frac{L^t_{\text{мигр}-\text{дох}}}{\text{ВРП}^t} \cdot 100\ \% \qquad (1.4)$$

где $L^t_{\text{мигр}}$ – соотношение доли доходов от внешней трудовой миграции к ВРП, в %.

$L^t_{\text{мигр}-\text{дох}}$- денежные поступления от мигрантов, млн. долл.

$\text{ВРП}^t$- валовой региональный продукт, млн. долл.

Как показывают результаты опроса населения по вопросам обращения национальной валюты, основным источником роста доходов населения являются доходы от внешней трудовой миграции [7, 27]. Согласно этому опросу, доля доходов от внешней трудовой миграции в формировании общих доходов населения достигает почти 70%, и она по различным регионам страны значительно различается. Необходимо отметить, что на протяжении последних лет основной страной перевода денег от внешней трудовой миграции является Россия - 68% [4, с.28]. Продолжительное влияние мирового финансового кризиса и принятие санкций против России со стороны государств членов ЕС-28 и присоединившихся к ним других стран, предупреждает об угрозе сокращения валютных поступлений от внешней трудовой миграции в Республику Таджикистан вследствие сокращения рабочих мест в этой стране, и, следовательно, снижение доходов семьи.

На наш взгляд, включение этого индикатора в состав индикаторов внешнеэкономической безопасности регионов страны во многом обязывает уполномоченные министерства и ведомства, представителей местных органов государственной власти работать над этой проблемой. Особенно по вопросам создания рабочих мест в регионах Республики Таджикистан,

---

[3] Из-за отсутствия официальных данных по внешнеэкономической деятельности в разрезе регионов Республики Таджикистан не проведено расчетов.

диверсификации направлений внешней трудовой миграции, повышения квалификации и переквалификации потенциальных трудовых мигрантов.

**Литература:**

1. Абалкин Л.И. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение/ Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. - 1994. - № 12. - С.13-25.
2. Джураев Б.М. Роль денежных переводов в экономическом развитии Республики Таджикистан/Б.М. Джураев// Таджикистан и современный мир. - 2014.- №3(41).-С.71-78.
3. Криваторов В.В. Экономическая безопасность государства и регионов/В.В. Криваторов, А.В. Калина, Н.Д. Эриашвили. - Москва, Юнити-2011. - 347с.
4. Место национальной валюты. Результаты опроса населения по отношению обращения иностранной валюты в РТ. //Бонкдорї дар Тољикистон. – 2014. - №1(54), январь. - С.87.
5. Солдатенков В.В. Внешнеэкономическая деятельность как фактор экономической безопасности [Текст]: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук: /В.В. Солдатенков. - Ярославль, 2002. - 28с.
6. Таджикистан: 20 лет Государственной независимости. Агентство по статистике при Президенте РРТ. - Душанбе, 2011. - 831с.
7. Шевченко И.В. Внешнеэкономическая политика как инструмент обеспечения внешнеэкономической безопасности России и ее регионов. Под ред. И.В. Шевченко, О.В. Никулиной / И.В. Шевченко, М.В. Егоров //Международный бизнес: стратегии инновационного развития. - Краснодар: Экоинвест, 2010. - С.180.
8. H. Machovki. Ost-West Handle: Entwiclung, Interesselagen, Aussichten. Bonn. 1985.- C.230.

**УДК: 336.1**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ

***Убайдов Фахриддин Сайфиддинович** - дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 907-62-25-62, e-mail:* F_Ubaidov@mail.ru.

***Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич** - аспиранти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14 Тел.:(+992) 931999974, e-mail: Sohidnazar Dehkkonov@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фарогири иқтисодӣ оид ба асосҳои идоракунӣ, методологии нақши давлат дар рушди иқтисодии минтақаҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ, истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидааст. То ба имрӯз нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақаҳо дар муносибатҳои бозорӣ боқӣ мемонад. Дар шароити таносуби ноустувори фароҳамомада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши сиёсати давлатӣ дар дастгирии буҷетию молиявии вилояту минтақаҳои кишвар бо мақсади баробарсозии сатҳи рушди онҳо баландтар мешавад. Дар ин шароит танзими давлатии рушд тавассути татбиқи имконоти буҷетӣ метавонад суботи вазъи иқтисодии минтақаҳои кишварро ба воситаи коҳиши сатҳи тафовути рушди иқтисодии байни минтақаҳо таъмин намояд.*

*Вазифаи асосие, ки дар назди мо меистад, ин самаранок истифода намудани имконоти буҷетӣ ва ба низоми нави сарфакорӣ гузаронидани корхонаҳо дар шароити низоми иқтисоди бозории мамлакат мебошад.*

***Калидвожаҳо:** буҷет, истифодаи захираҳои молиявӣ, идоракунии иқтисоди минтақаҳо, суръати устувори рушд, хусусиятҳои истифодаи захираҳо, фаъолияти хоҷагии минтақа.*

# ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РОЛИ ГОСУДАРСТВА В РАЗВИТИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ

***Убайдов Фахриддин Сайфиддинович*** – *к.э.н., доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 907-62-25-62. E-mail: F_Ubaidov@mail.ru*
***Дехконов Сохибназар Амирхочаевич*** - *аспирант кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 931999974. E-mail: Sohidnazar Dehkkonov@mail.ru*

*В статье рассматриваются экономические вопросы, основы управления и методологическая роль государства в развитии региональной экономической системы в условиях рыночных отношений, использования экономических ресурсов в регионах Республики Таджикистан. На сегодняшний день роль государства в развитии экономической системы регионов в рыночных отношениях сохраняется. В условиях нестабильного баланса, международного рынка возрастает роль государственной политики в поддержке бюджета регионов страны. В этом контексте государственное регулирование развития через реализацию бюджетных возможностей может обеспечить стабильность экономической ситуации в регионах страны, за счет сокращения разрыва в экономическом развитии между регионами. Основная задача перед нами – это эффективное использование бюджетных возможностей и переход предприятий на новую систему экономики в условиях рыночной экономики.*
***Ключевые слова:*** *бюджет, использование финансовых ресурсов, управление экономикой регионов, развитие, особенности использования ресурсов, хозяйственная деятельность региона.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE ROLE OF THE STATE IN THE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMIC SYSTEM

***Ubaidov Fakhriddin Saifiddinovich*** – *Ph.D., Associate Professor, Head of the Economic Theory Department of FEIT.* ***Address:*** *734045, Dushanbe, 734018, Republic of Tajikistan. Telephone: (+992) 907-62-25-62, E-mail: F_Ubaidov@mail.ru*
***Dekhkonov Sokhibnazar Amirhochaevich****, postgraduate student of the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734045, Dushanbe st. Nakhimov 64/14, mob. (+992) 931999974, e-mail: Sohidnazar Dehkkonov@mail.ru*
*The article examines economic issues, foundations of management and the metalogical role of the state in the development of the regional economic system in the conditions of market relations, the use of economic resources in the regions of the Republic of Tajikistan. Today, the role of the state in the development of the economic system of regions in market relations remains. In conditions of an unstable balance, the international market, the role of state policy in supporting the budget of the country's regions is increased. In this context, state regulation of development through the implementation of budgetary opportunities can ensure the stability of the economic situation in the regions of the country, by reducing the gap in economic development between regions. The main task before us is the effective use of budgetary opportunities and the transition of enterprises to a new economic system in a market economy.*
***Key words:*** *budget, use of financial resources, economic management of regions, development, features of use of resources, economic activity of the region.*

Дар шароити таносуби ноустувори фароҳамомада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши сиёсати давлатӣ барои дастгирии буҷетию молиявии вилояту минтақаҳои кишвар бо мақсади баробарсозии сатҳи рушди минтақаҳо баландтар мешавад. Минтақа яке аз марказҳои рушди татбиқи муносибатҳои иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин шароит танзими давлатии рушд маҳз тавассути татбиқи имконоти буҷетӣ метавонад суботи вазъи иқтисодии минтақаҳои кишварро таъмин намояд. Оид ба рушди минтақаҳо таҳлилҳо хеле зиёданд. Тавре ки Л.Ҳ. Саидмуродов қайд менамояд, айни замон дар аксари кишварҳои ҷаҳон тадқиқот дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ба роҳ монда шуда, ба таҳлили минтақаҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад [4, с. 104].

Давлат ба ин соҳа таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, вале ҷидду ҷаҳд асосан ба ҳавасмандсозии рушди вилоятҳои ақибмонда равона шудааст, на ба бартараф кардани сабабҳои ақибмонии онҳо. Бинобар ин, таваҷҷуҳи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ

бояд ба пешбурди сиёсати асосноки минтақавӣ бо мақсади коҳиш додани фарқият дар шароити объективии хоҷагидории байни минтақаҳо, ҳосил намудани таносуби беҳтари рушди иқтисодии минтақа ва вилоятҳо равона карда шавад.

Дар ҷараёни ду садсола таҷрибаи ғании ҳамкории бозор ва давлат фароҳам омад, низом ва консепсияҳои гуногун аз тарафи як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ, институтҳои байналмилалӣ ва давлатӣ пешниҳод гардиданд. Вобаста ба шароити муосир Б.Ҷ. Ҷӯрахонзода қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ яке аз масъалаҳои муҳими молиявӣ ва иқтисодии давлат ин таъмини молиявии минтақа ба ҳисоб меравад, ки хазинаи молиявии минтақаҳоро барои таъмини эҳтиёҷоти субъектони хоҷагидорӣ дар бар мегирад [8, с. 99]. Дар ҳар низом аломатҳои амалишавӣ ва зоҳиргардии онҳо гуногун буда, аз хусусиятҳои хоси минтақаҳо вобастагӣ доранд. Вобаста ба ин, аломатҳои хоси онро қайд бояд кард.

1. Ҳар ду низом бо ҳам вобастагии мутақобила доранд. Бозор ниёзманди зерсохтор аст, ки фақат давлат метавонад онро созад. Давлат низоми ҳимояи тамоми корбарони бозорро низ таъмин мекунад. Бозор ба давлат барои ба даст овардани захираҳои зарурӣ лозим аст [2, с. 12-13].

2. Ниҳодҳо ба ҳамдигар таъсири мусбат мерасонанд. Давлат дар тайи садсолаҳо хосияти озодтар, таҳаммулпазирӣ нисбат ба тиҷоратро касб мекунад. Тиҷорат ҳам ба низоми қоидаҳо мутобиқ мешавад. Зиёда аз ин, ҳамкории ду ниҳод натиҷаи иловагиро таъмин менамояд ва ин, ба истилоҳ, самараи синергетикиро ба бор меорад. Тадбирҳои давлатӣ на танҳо ба бозор дар бартараф кардани як қатор нуқсонҳои он кумак мекунанд, балки самараи иловагиро низ таъмин менамоянд. Андозаи он ба мувофиқати неруи ду «агент» вобастагӣ дорад. Зимнан, дар назар бояд дошт, ки таносуби оқилонаро шароити таърихии рушд муайян мекунад. Дар назарияи муосир арзёбии нақши давлат хеле муҳим аст. Мутобиқи назарияи мактаби неоклассикӣ, иштироки давлат бештари мавриди бори зиёдатӣ барои низоми бозор ба вуҷуд меорад. Иқтисодшиносони мактабҳои ордолибералӣ ва интитутсионалӣ дар ин бобат нуқтаи назари дигарро иброз мекунанд. Ҳар яке аз ду ниҳод аз истиқлоли нисбӣ бархӯрдоранд [4, с. 36]. Аз ин сабаб, манфиатҳои мухталиф ва баъзан муқобили ҳамдигар вуҷуд доранд, зеро ки ҳар ду ниҳод - чӣ бозорӣ ва чӣ давлатӣ, низоме мебошанд, ки бар асоси силсиламаротиби (иерархияи) мутамарказ сохта шудаанд [3, с. 27]. Давлати муосир дар як вақт ҳамчун сохтори иерархӣ ва ҳам низоми сатҳу унсурҳое ташкил ёфтааст, ки дар байнашон ваколатҳо тақсим шудаанд (ё тавассути муносибатҳои мубориза сиёсии рақибона бо ҳам иртибот доранд). Ҳар кадоми онҳо ҳадафҳои худро доранд, ки онҳоро ба истиқлоли мустақилона, ба даромади худӣ, "шахсӣ" водор мекунанд. Чуноне ки классикҳои иқтисоди сиёсӣ қайд намуда буданд, бозор фишурдаи иродаву хоҳишҳои инсонист. Дар натиҷа, дар майдони рақобат бархӯрди дастаҳои хусусӣ ва давлатии дорои ҳадафу манфиатҳои мухталиф ногузир мебошад.

Ҳамкории мутақобилаи ду ниҳод дар муҳити муайяни беруна амалӣ мегардад, ки дар он таъсири ҳолатҳои иловагӣ: ҷаҳонишавӣ ва равандҳои сиёсии ҷаҳон зоҳир мешавад (расми 1).

**Ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои бозорӣ ва давлатӣ**

| | |
|---|---|
| ***Муҳити иқтисодии беруна:***<br>*- содирот;*<br>*- воридот;*<br>*- сиёсати тиҷорати беруна;*<br>*- ҷалби сармоягузорӣ;*<br>*- ихроҷи сармоя.* | ***Омилҳои беруна:***<br>*- макроиқтисодӣ;*<br>*- иҷтимоии фарҳангӣ;*<br>*- технологӣ;*<br>*- сиёсӣ-ҳуқуқӣ.* |
| ***Ниҳодҳои бозорӣ:***<br>*- муносибатҳои моликият;*<br>*- шароити аҳдҳои бозаргонӣ ва амалигардонии онҳо;*<br>*- бозори соҳавӣ;*<br>*- муҳити рақобат;*<br>*- рафтори таҳвилгарон;* | ***Ниҳодҳои давлатӣ:***<br>*- танзими нарх;*<br>*- сиёсати зиддиинҳисорӣ;*<br>*- танзими бозори меҳнат;*<br>*- танзими бозори сармоя;*<br>*- танзими бозори замин;*<br>*- таъмини минтақавии моликият.* |

| | |
|---|---|
| *- хусусияти бозори молҳои субститут* | |
| ***Ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳо:***<br>*- вобастагии ҳамдигарии ниҳодҳои бозорӣ ва давлатӣ;*<br>*- таъсири мутақобила;*<br>*- тавофуқи манфиатҳо* | |

**Расми 1. - Ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои бозор ва давлат.**

*Манбаъ: Дар асоси назарияҳо ва маводҳои иқтисодӣ аз тарафи муаллифон омода карда шудааст.*

Ҳангоми таҳлили ҳамкории мутақобилаи ду ниҳод одатан таъсиреро, ки давлат ба низоми бозор мерасонад, баррасӣ мекунанд. Сабабаш дар ин аст, ки камбудиҳои бозор зарурати ислоҳи як қатор хатоҳоро ба миён меорад, ки худи бозор наметавонад ба осонӣ онҳоро бартараф кунад. Ва онҳо дар раванди як қатор омилҳо зоҳир мешаванд:

- давлат ҳадафҳои таъсиррасониро ташаккул дода, стратегияеро таҳия мекунад, ки он бояд дар байни гурӯҳи зиёди қарорҳои дигар муносибтарин бошад;
- сиёсати иқтисодӣ аз ҳисоби истифодабарии механизмҳои муайяни молиявӣ (фискалӣ) ва пулӣ татбиқ карда мешавад;
- талабот ба доираи васеи тадбирҳои давлат боиси ташаккулёбии таҷрибаи амалӣ намудани мавқеи давлат дар якчанд самт мегардад.

Дар шакли умумӣ раванди танзими давлатиро чунин тасвир кардан мумкин аст (расми.2).

| Таъсиррасонии давлат ба низоми бозорӣ | |
|---|---|
| Давлат: ҳадафҳои танзимкунӣ | - рушди иқтисодӣ;<br>- афзоиши шуғл;<br>- устувории қурби пули миллӣ;<br>- мувозинати иқтисоди беруна. |
| Сиёсати иқтисодии давлат | |
| Давлат | Низоми бозорӣ |
| **Субъектони татбиқи сиёсати иқтисодӣ** | |
| - ниҳодҳои давлатӣ | - ниҳодҳои ғайридавлатӣ |
| **Таъсиррасонӣ ба низоми бозорӣ** | |
| - сиёсати молиявӣ;<br>- сиёсати пулӣ | - бозорҳои молиявӣ;<br>- низоми қарзгузорӣ |
| Самтҳои сиёсати иқтисодӣ | - сиёсат дар соҳаи шуғли аҳолӣ;<br>- сиёсати зидди таварум;<br>- иҷтимоӣ;<br>- инфрасохторӣ |

**Расми 2. - Таъсиррасонии давлат ба низоми бозорӣ**

*Манбаъ: Дар асоси назарияҳо ва маводҳои иқтисодӣ аз тарафи муаллифон омода карда шудааст.*

Коршиносони соҳаи иқтисодӣ, иқтисоддонҳо асосан фақат ҷанбаҳои худтанзимкунандаи бозорро таҳқиқ мекунанд. Вале воридшавии фаъоли бозор ба фазои иқтисодии давлат дар даҳсолаҳои охир водор мекунад, ки ин ҷанбаҳоро муфассалтар таҳқиқ намоем.

Зимни тавсифи таъсиррасонии баръакси низоми бозорӣ бояд дар хотир дошт, ки сохтори ниҳоди мазкур дар қиёс бо ниҳоди давлат чандон дақиқ нест. Он табиати дутарафа дошта, дар он ду хосият якҷоя вуҷуд доранд: яке беихтиёрӣ ва дигаре - силсиламаротиб, муташаккилии аниқ [5, с. 8].

Бисёрҷанба будани бозор иқтисодшиносонро водор ба он мекунад, ки роҳҳои таъсиррасонии онро ба низоми хоҷагӣ бо давлат дар ду самти нисбатан мустақил биҷӯянд.

Роҳи якум, тавассути таҳлили нақши низоми бозорӣ чун асоси беихтиёр амалӣ мегардад. Роҳи дувум, тариқи таъсиррасонии корхонаҳову ширкатҳо амалӣ мешавад, ки ҳадафгузории (стратегияи) аниқ муайяншударо талаб мекунад. Ва давлат ба низоми бозорӣ чунин таъсир мерасонад;

- *ҷустуҷӯи тадбирҳои танзимкунандаи мақбул барои бизнес;*
- *таъсиррасонӣ ба мақомоти ҳокимият (қонунгузор, иҷроия, суд) бо мақсади ноил гаштан ба шароити муфид;*
- *таъсиррасонӣ ба идеология, ба низоми арзишҳои ҷомеа*

Ҳокимият ба давлат маҳз барои он дода шудааст, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногунро ба ҳам пайваста, онҳоро ба изҳори фаъолии хеш дар пайи ҳадафҳои муайян водор карда тавонад. Дар шароити низоми ҳуқуқии Ғарб баъзе сохторҳои наздик ба давлат, ки ҳамчунин, ба сифати субъектони сиёсати иқтисодӣ баромад мекунанд, ҳанӯз вуҷуд доранд. Ин ниҳодҳои дорои мақоми ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Онҳо муассисаҳои мустақил (мисли корхонаҳо) нестанд. Ҳамзамон, онҳо қисми таркибии дастгоҳи идораи давлат намебошанд. Ба онҳо вазифаҳои муайяни идоракунӣ, ки аз соҳаи фаъолияти сохторҳои идораи давлатӣ гирифта шудаанд, дода мешаванд.

Чунин созмонҳои ниҳодӣ мавқеи миёна ва фосилавиро дар иқтисод ишғол мекунанд (дар байни давлат ва бахши хусусӣ). Сабаби таъсиси онҳо ин аст, ки иқтисоди хусусӣ одатан зидди нақши мустақиму танзимкунандаи давлат мебошад. Ин шакли созишкоронаи ташкилотӣ мебошад. Дар амалияи танзим нақши он нисбатан суст аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои чунин сатҳи ҳуқуқӣ ҳоло барои эҳё ва рушди фаъолият дастгирии давлатро асос меҳисобанд. Ба ғайр аз ниҳодҳои давлатӣ ва иттиҳодҳои иқтисодӣ, ки бевосита дар пешбурди сиёсати иқтисодӣ ширкат меварзанд, инчунин, гурӯҳу ниҳодҳоеро бояд зикр кард, ки метавонанд ба тасмимгирӣ дар сиёсати иқтисодӣ таъсири ғайримустақим расонанд. Инҳо созмону ҳизбҳои сиёсӣ, ВАО, шахсиятҳои таъсиргузор ва афкори ҷомеа мебошанд. Дараҷаи таъсири ин субъектҳо ба хосияти сиёсати иқтисодӣ, ба навъи низоми сиёсӣ, сохтори он, суботи вазъи кишвар вобастагӣ дорад. Ба ин васила, таҷрибаи фароҳамшудаи сиёсати иқтисодӣ дар кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «сиёсати иқтисодӣ» аз истилоҳи «танзими давлатӣ» васеътар аст. Давлат зимни пешбурди сиёсати иқтисодӣ ташаббускор буда, ҷузъи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аммо бояд дарк кард, ки давлат дар ин нақш ба сифати танзимгари тими хеле бузург баромад мекунад [3, с. 145]. Муваффақияти амалҳо оид ба танзими макроиқтисодӣ на ба ҳокимияти мутлақ, балки ба имкони ташкили оқилонаи амалҳои муштараки тамоми ширкаткунандагони сиёсати татбиқшаванда вобаста мебошад. Бидуни ҳамкорӣ бо онҳо давлат ба сифати танзимгари яктарафа баромад хоҳад кард.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «субъекти сиёсати иқтисодӣ» асосан ба мафҳуми «давлат» қаробат дорад. Мувофиқ ба ин, дар шуури ҷамъиятӣ одатан мардум аз нақши ҳукумат дар ҳалли бештари мушкилоти иқтисодӣ умеди нек доранд.

Сохтори низоми ҷамъиятию иқтисодии Тоҷикистон ҳоло чандон гуногунранг нест. Масалан, дар кишвар аввалин нишонаҳои иттифоқҳои касабаи мустақилона амалкунанда пайдо шудаанд. Вале нақши онҳо дар сиёсати иқтисодӣ (хусусан, дар тасмимгирӣ оид ба сатҳи музди кор дар макотиби олӣ, муассисаҳои илмӣ, соҳаи таъмини нафақа) хеле ночиз аст. Иттифоқҳои соҳибкорон (тибқи қоидаи соҳавӣ ташкилёфта) амалан ташаккул наёфтаанд. Фаъолтарин субъектони амалкунанда имрӯз ниҳодҳои давлатӣ, аз қабили Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо, «Тоҷикстандарт», Хадамоти гумрук, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андоз ба ҳисоб меравнд. Бояд қайд намоем, ки низоми андозу буҷет механизмҳое мебошанд, ки тавассути онҳо давлат мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ҳаллу фасл менамояд. Масъалаҳои нақши андозҳои мустақим ва ғайримустақим дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаҳои илмии олимони ватанӣ А.А. Бегматов [1, с. 35-36] ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ба ақидаи онҳо, ҳифз ва таъмини манфиатҳои миллии Тоҷикистон танҳо дар асоси рушди устувори иқтисодиёт ва фаъолияти самараноки низоми андози миллӣ бо истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ имконпазир мегардад.

Вазъи иқтисодӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон гуногуншакл сурат гирифта, нақши гурӯҳҳои монополист торафт болотар мегардад. Ва рақобат дар ин ҷода барои ширкатҳои хурди навтаъсис мушкилӣ эҷод менамояд.

Барои татбиқи сиёсати иқтисодӣ давлат аз василаҳои муайян истифода мекунад. Пеш аз он ки ба тавсифи онҳо пардозем, бояд ҷанбаҳои муҳити тағйирёбандаро, ки дар чорчӯби он танзими давлатии иқтисод амалӣ мешавад, қайд намоем:

1. Дар шароити муосир зичии фазои иқтисодӣ (чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ байналмилалӣ) зуд меафзояд. Сабаб ин аст, ки ба муҳити бозорӣ ҳамеша субъектони нав илова мешаванд (ҷанбаи экстенсивӣ). Худи амалиёти бозорӣ тавассути шаклҳои нав ба нави трансаксионӣ амалӣ мешаванд. Зичшавии фазо ҳатман фазои рақобати субъектонро шадидтар мекунад. Ин ба хосияти истифодабарии тадбирҳои танзимкунандаи давлат таъсири ғайримустақим мерасонад.

2. Вобастагии афзояндаи кишварҳо аз ҳамдигар боис мешаванд, ки истифодаи тадбирҳои танзимкунанда аз ҷониби як давлат вокуниши ногузири кишварҳои шарикро ба вуҷуд орад. Ин ҳукуматҳоро водор мекунад, ки ҳангоми амалӣ кардани тадбирҳои танзимгари худ оқибатҳои имконпазири тадбирҳои мазкурро барои кишварҳои дигар ба назар гиранд.

3. Дар шароити ҳамгироӣ ва яккутбии ҷаҳони муосир, ки дар ҳоли афзоиш аст, шумораи зиёди давлатҳоро (пеш аз ҳама, дар чорчӯби созмонҳои таъсисёфта) лозим меояд, ки аз рафтори иқтисодии кишвари пешсафи ҷаҳон - ИМА бештар вобаста бошанд. Бисёре аз хосиятҳои роҳҳои танзимкунанда дар бисёре аз кишварҳо фақат пас аз омӯзиши дақиқи тадбирҳои амалишуда (ё тарҳрезикарда)-и ИМА ба кор андозанд. Азбаски консепсияҳои истифодашаванда гуногунанд, иқтисодшиносон ҳам аз равишҳои мухталифи таснифот кор мегиранд. Тавре намояндагони мактаби иқтисоди сиёсӣ ду шакли танзим - шакли иқтисодӣ ва маъмурӣ (меъёрӣ)-ро ҷудо мекунанд. Танзими иқтисодӣ таъсиррасонӣ ба иқтисодро тавассути қиматҳои арзишӣ: андозҳо, субсидияву қарзҳо, тамвили бахши иҷтимоӣ, тағйирдиҳии меъёри фоиз, савдои коғазҳои қиматнок дар бозори фондӣ ва ғайра дар назар доранд.

Маҷмуи фишангҳои маъмурӣ (меъёрӣ) тадбирҳои танзимгареро дар бар мегирад, ки дар навбати аввал, бо *таъмини заминаи ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд.* Вазифаи тадбирҳои амалишаванда дар ин ҳангом аз он иборат аст, ки шароити чорчӯбаи ҳуқуқии маъқултарин барои бахши иҷтимоӣ фароҳам сохта шавад. Дараҷаи фаъолии татбиқи тадбирҳои маъмурӣ вобаста ба соҳаи иқтисод метавонад гуногун бошад. Аёнтар аз ҳама, онҳо дар соҳаи иҷтимоӣ, инчунин, дар соҳаи ҳифзи муҳити зист зоҳир мешаванд. Таснифоти дигари тадбирҳои танзимнамоӣ низ вуҷуд дорад. Онҳоро ба усулҳои мустақим ва ғайримустақими таъсиррасонӣ ба иқтисод тақсим кардан мумкин аст.

Усулҳои таъсиррасонии мустақим чунин танзимро аз сӯи давлат дар назар доранд, ки он рафтори субъектони иқтисодиро бештар ба қоидаҳои давлат асос дода, на ин ки ба интихоби иқтисодии мустақилонаи худи субъектон вогузор менамояд [6, с. 83]. Барои мисол, таъсиррасонии қонунгузории андозро мегирем. Дар ҳар кишвар қонун шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро уҳдадор кардааст, то қисми муайяни даромади гирифтаашонро ба таври бебозгашт ба ихтиёри давлат супоранд. Барои бизнеси хусусӣ, инчунин, тартиби ҳисоб кардани пардохтҳои истеҳлок муқаррар карда шудааст (вобаста ба усули муҳосибаи хароҷот андозаи фоидаи андозбандишаванда метавонад тағйир ёбад). Расмиёти гумрукии ҳукумат низ таъсири мустақим мерасонанд.

Усулҳои таъсиррасонии ғайримустақим дар он зоҳир мешаванд, ки давлат мустақиман ба тасмимгириҳои субъектон таъсир намерасонад. Он фақат заминаҳоро барои он ба вуҷуд меоварад, ки субъектон ҳангоми интихоби мустақилонаи қарорҳои иқтисодӣ ба он вариантҳое майл кунанд, ки ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодӣ мувофиқ мебошанд. Мисоли чунин амалҳо танзими меъёри ҳисобдорӣ (нархи нузул) метавонад бошад. Сарҳади байни ҳар ду усули таъсиррасонӣ ба иқтисод дақиқу аниқ нест. Дар ҳар васила аломатҳои ҳар ду усул мавҷуданд, лекин таносуби онҳо муҳим аст. Масалан, дар чорчӯби татбиқи сиёсати молиявӣ усулҳои мустақими танзим ба чашм мерасанд, аммо ҳангоми истифода бурдани сиёсати монетарӣ (пулӣ) ҷанбаҳои ғайримустақим ба ҷои якум мебароянд. Яке аз падидаҳои берунаи ин омил дар он ифода меёбад, ки Вазорати молия ҳамчун масъули татбиқи сиёсати молиявӣ ҳамеша ба ҳайси унсури таркиби дастгоҳи ҳукумат баромад мекунад. Дар қиёс бо он, мақоми бонки миллӣ, тибқи конситутсияи бисёре аз кишварҳо мустақилтар аст.

Аз нуқтаи назари равиши мушаххастари прагматикӣ, бояд қайд намоем, ки ду омили асосиро давлат барои танзимнамоии молиявӣ сиёсати (фискалӣ) ва сиёсати (монетарӣ)-ро истифода менамояд.

Аз ин бармеояд, ки дар инкишофи таърихии ҷомеаи бозорӣ таҳаввулоти кӯчиши батадриҷи маркази танзим аз усулҳои мустақим (ки бештар барои сиёсати молиявӣ хос буданд) ба сӯи усулҳои ғайримустақим (бештар дар сиёсати монетарӣ истифода мегарданд) дида мешавад. Фишангҳои молиявӣ-буҷетӣ аллакай, шуруъ аз нимаи асри XIX фаъол шуданд ва дар солҳои 60-уми асри XX ба авҷи инкишофи худ расиданд. Нақши тадбирҳои пулию қарзӣ дар сеяки аввали асри XX зоҳир шуда, аз нимаи дувуми солҳои 70-ум босуръат тақвият ёфт. Ҳукуматҳои кишварҳои мухталиф имрӯз ҷонибдори истифодабарии василаҳое ҳастанд, ки бештар ба табиати механизми бозор мувофиқ меоянд (яъне сиёсати монетарӣ).

**Адабиёт**

1. Бегматов А.А. Нақши андозҳои ғайримустақим дар ташаккулёбии даромади буҷети давлатӣ /А.А. Бегматов, Н.А. Солиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2020. - №4(24). – С.34-42.
2. Макроэкономическое регулирование: роль государства и корпораций. - М.: Кнорус, 2010. – 130с.
3. Механизм регулирования экономики в Германии: как он функционирует / под ред. Л.Шюллера, Р. Петерхоффа, В. Гугника. - М.: ВлаДар, 1995. – 156с.
4. Саидмуродов Л.Х. Регионы Республики Таджикистан: теория и методология оценки /Л.Х. Саидмуродов, Ф.М. Муминова, Р.М. Мирбобоев. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 174 с.
5. Смолкин Р.Г. Совершенствование государственного регулирования регионального развития на основе бюджетной системы: автореферат диссер. на соис. канд. э.н. /Р.Г. Смолкин.- Чебоксары, 2008. – 24 с.
6. Современные макроэкономические проблемы России /Под ред. С.С.Носовой - М.: Кнорус, 2010. – 160с.
7. Штулберг Б.М., Региональная политика России: теоретические основы, задачи и методы реализации/ Б.М.Штулберг, В.Г. Введенский - М.: Гелиос АРВ, 2008. - 184 с.
8. Чурахонзода Б.Ч. Совершенствование механизма бюджетной поддержки и резервы социально-экономического развития регионов Таджикистана /Б.Ч. Чурахонзода // Финансово-экономический вестник, научно-практический журнал.- Душанбе. - 2020. - №4(24) – С.97-104.

**УДК: 332.122.**

## ПОЯҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ РАВИШИ МАКОНӢ ДАР РУШДИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ

***Муслихова Таҳмина Тагоевна** – н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.*

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва методологии равиши маконӣ дар инкишофи назарияи иқтисодиёти минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бар ин назар аст, ки дар ҷодаи таҳқиқи хусусиятҳо ва сохтори макони иқтисодӣ баррасӣ ва ҷамъбасти равишҳои мавҷудаи назариявӣ нисбат ба муайянкунии таърифи худи макони иқтисодӣ ва рушди иқтисодии минтақавӣ марҳилаи басо муҳим мебошад. Дар мақола, аввалан, пайдоиши мафҳуми "минтақа" дар мадди назар қарор гирифта, пас аз он, ба равиши маконӣ нисбати таҳқиқи иқтисодиёти минтақавӣ диққат дода шудааст. Дар ин росто, дар баробари саҳми бузурги классикони назарияи иқтисодӣ, ҳиссагузории олимони маъруфи ватанӣ низ дар ташаккули назарияи иқтисодиёти минтақавӣ ботафсил ва бо истинод ба осори дахлдор таъкид гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: равиши маконӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти ҳудудӣ, назарияи бартарияти мутлақ, бартарияти нисбӣ, ҷойгиркунонии истеҳсолот, ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда, махсусгардонии соҳаҳои иқтисодиёт.*

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОСТРАНСТВЕННОГО ПОДХОДА К РАЗВИТИЮ ТЕОРИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Муслихова Тахмина Тагоевна** – к.э.н., доцент кафедры биржевого дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

*В данной статье рассматриваются теоретико-методологические основы пространственного подхода к развитию теории региональной экономики. Автор считает, что в ходе изучения характеристик и структуры экономического пространства рассмотрение и обобщение существующих теоретических подходов к определению самого экономического пространства и экономического развития «региона» является очень важным этапом. В статье сначала делается акцент на появлении понятия «регион», а затем обращается внимание на пространственном подходе к изучению региональной экономики. В этой связи, наряду с огромным вкладом классиков экономической теории, подробно и со ссылкой на соответствующие работы подчеркивается вклад известных отечественных ученых в становлении теории региональной экономики.*

***Ключевые слова:** пространственный подход, региональная экономика, территориальная экономика, теория абсолютных преимуществ, относительное доминирование, размещение производства, размещение производительных сил, специализация отраслей экономики.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE SPATIAL APPROACH TO THE DEVELOPMENT OF THE THEORY OF REGIONAL ECONOMY

***Muslikhova Tahmina Tagoevna** - candidate of economics sciences, associate professor of the exchange business department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.*

*This article discusses the theoretical and methodological foundations of the spatial approach to the development of the theory of regional economics. The author believes that in the course of studying the characteristics and structure of the economic space, consideration and generalization of existing theoretical approaches to the definition of the economic space itself and the economic development of the "region" is a very important stage. The article first focuses on the emergence of the concept of "region", and then draws attention to the spatial approach to the study of the regional economy. In this regard, along with the huge contribution of the classics of economic theory, the contribution of well-known domestic scientists to the development of the theory of regional economics is emphasized in detail and with reference to relevant works.*

***Key words:** spatial approach, regional economy, territorial economy, absolute advantage theory, relative dominance, location of production, location of productive forces, specialization of economic sectors.*

Ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт ва хоҷагидории миллӣ вобаста ба сершумор будани таконҳои беруна хавфи аз даст додани суботи рушди иқтисодии минтақаҳои кишварро ба бор овардааст. Агар яке аз сабабҳои халалдор шудани суботи иқтисодии минтақаҳо, таконҳои беруна ва таъсири номатлуби онҳо ба хоҷагии халқ бошад, сабаби дигараш, гуногунрангии дохилиминтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки зарурати ҳалли он масъалаи ошкорнамоӣ ва таҳлили равишҳои мавҷудаи назариявию методологиро нисбат ба таҳқиқи хусусиятҳои хоси рушди иқтисодии минтақавӣ мубрамтар мегардонад. Аз тарафи дигар, равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ, тақвиятёбии ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар хоҷагии ҷаҳон, чуноне ки мутахассисон қайд мекунанд, дигаргунсозии тамоми унсурҳои иқтисодиёти миллӣ, ҷустуҷӯи механизмҳои наву босифати идоракунии онро дар назар доранд [7, с.7].

Марҳилаи муҳимтарин дар ҷодаи таҳқиқи хусусиятҳо ва сохтори макони иқтисодӣ ин баррасӣ ва ҷамъбасти равишҳои мавҷудаи назариявӣ нисбат ба муайянкунии таърифи умуман худи макони иқтисодӣ ва аз ҷумла рушди иқтисодии минтақавӣ мебошад. Ҳарчанд ки масъалаи ташкили маконии истеҳсолот чандон нав набуда, он аллакай аз ҷониби олимон дар тӯли солҳои зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар байни таҳқиқоти ҷамъбастии солҳои охир, ки назариёти мухталифро оид ба пайдоиш ва сохтори макони иқтисодӣ дарҷ намудаанд, ягонагии консептуалӣ дида намешавад. Гап дар он аст, ки тасаввуроти илмӣ оид ба табиати иқтисодиёти маконӣ таҳти таъсири рӯйдодҳои таърихӣ, инкишофи афкори иқтисодӣ, мушкилоти дар ҷомеа мавҷудбуда ташаккул ёфтаанд, аз ин рӯ, гуногунрангии равишҳои назариявӣ нисбат ба масъалаи мазкур табиист.

Ҳанӯз классики иқтисоди сиёсӣ Адам Смит оид ба муаммоҳои ташаккулёбии ҳудуди иқтисодӣ ва масоили рушди он муҳокимаронӣ карда, назарияи бартариятҳои мутлақро офарида буд, ки тибқи он дар заминаи мубодила робитаи байни бозор, тақсимоти меҳнат ва самаранокии истеҳсолот ба вуҷуд меояд. Назарияи бартариятҳои мутлақи А.Смитро инкишоф дода, намояндаи дигари барҷастаи иқтисоди сиёсӣ – Давид Рикардо дар заминаи усули бартариятҳои нисбӣ дар тиҷорати байниминтақавӣ назарияҳои бартариятҳои нисбӣ ва рентаи ҷойгиршавиро тарҳрезӣ кардааст. Аз ин рӯ, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ин ду классики иқтисоди сиёсӣ бунёдгузори на танҳо назарияи ташкили маконии хоҷагидорӣ мебошанд, балки дар ташаккули илмҳои ҷуғрофиёи иқтисодӣ ва геополитика низ саҳмгузоранд.

Дар баробари ин олимони намоён, дар ташаккулёбии илми иқтисодиёти минтақавӣ ва нақши ҳудудҳо дар иқтисодиёти кишвар саҳми намояндагони мактаби афкори иқтисодии Олмон – А.Вебер, И. Тюнен, В. Лаунҳардт низ назаррас мебошад, ки назарияи ҷойгиркунонии истеҳсолот, таълимот дар бораи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудудро офаридаанд. Намояндаи дигари мактаби мазкур Ф. Ратсел, дар ҳақиқат, ҳамчун бунёдгузори назарияҳои ҷуғрофӣ ва геополитикии макони иқтисодӣ шинохта мешавад, ки асосҳои рушди иқтисодиёти маконӣ дар осори пайравони ӯ гузошта шудааст.

Давлатро ҳамчун як организми зинда тасвир намуда, Фридрих фон Ратсел дар асари пурарзиши худ «Ҷуғрофиёи сиёсӣ», ки соли 1897 ба табъ расидааст, қайд мекунад, ки хусусиятҳои халқ ва заминро танҳо давлат муттаҳид месозад ва ҳамчун як танаи бутун доимо дар сабзиш мебошад. Ба мисли дигар организмҳои зинда, давлатҳо низ барои мавҷудияти худ мубориза мебаранд. Дар ҳамин асари истинодшуда Ф.Ратсел қонуниятҳои асосии инкишофи маконии давлатро кашф намудааст, ки дар зер мо дар шакли нақша манзур менамоем (расми 1).




**Расми 1. Қонуниятҳои асосии инкишофи маконии давлат аз дидгоҳи мактаби афкори иқтисодии Олмон**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои адабиёти [12]

Чуноне ки дар расми овардашуда мебинем, ҳудудҳои давлат маҳз дар пояи макони муайяни ҷуғрофӣ ташаккул ёфта, дар рафти инкишофи минбаъдаи худ ҷанбаҳои идеологӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва амсоли онро касб мекунад.

Вале, пеш аз он ки ба таҳқиқи худи мафҳуми "равиши маконӣ нисбати таҳқиқи иқтисодиёти минтақавӣ" гузарем, месазад, ки саравval ба пайдоиши мафҳуми "минтақа" таваҷҷуҳ намоем, то манзараи бавуҷудоии пояҳои назариявию методологии равиши маконӣ дар рушди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ равшан гардад.

Мафҳуми минтақа дар адабиёти иқтисодӣ вобаста ба вазифаҳое, ки муҳаққиқони алоҳида дар назди худ гузоштаанд, таъриф дода шудааст. Дар ин маврид, муҳаққиқи ватанӣ қайд намудааст, ки "тафовут ё умумияти ин ё он таъриф на танҳо аз дидгоҳи муаллифони алоҳида, балки инчунин аз давраҳо ва марҳилаҳои таърихии инкишоф вобаста мебошад, ки муҳри муайяни худро дар таърифҳои ироашуда гузоштаанд"[14, с.15].

Таҳлили таърифҳои мавҷуда дар умум имкон медиҳад, ки ду унсури асосии мафҳуми "минтақа" ҷудо карда шавад. Яъне, умумияти ҷуғрофии ҳудуди муайян ба мисли иқлими ягона, релефи умумӣ, манзараи ягона ва амсоли он, ки таҳти таъсири онҳо аломатҳое ба вуҷуд меоянд, ки минбаъд далели тақсимоти маъмурӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёти миллӣ мегарданд. Минтақаи ҷуғрофӣ метавонад, ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба якчанд минтақа ҷудо карда шавад. Сониян, дараҷаи махсусгардонида шудани ин ё он намуди истеҳсолот дар дохили ҳудуди муайян ҳамчун унсури калидии таърифи минтақа шудан метавонад, ки дар доираи он тарзи муайяни зиндагии аҳолӣ ташаккул ёфта, расму анъанаҳо, урфу одатҳо, касбу ҳунарҳои мардумӣ ба вуҷуд меоянд. Соҳаҳои ёрирасони истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба истеҳсолоти асосии махсусгардонидашуда хизмат мерасонанд. Ҳамаи ин дар умум уфуқҳо ва самтҳои ҳамгироии минтақаро бо минтақаҳои дигар мушаххас мекунад.

Баррасии таърифҳои мавҷудаи минтақаро арзёбӣ намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мафҳуми мазкур дар умум ҳамчун ҳудуде фаҳмида мешавад, ки ба таври табиӣ ташаккул ёфта, марзҳои мушаххаси маъмурию хоҷагидорӣ дорад ва дар доираи ин марзҳо қавмҳо ташаккул меёбанд, ҳунарҳо ва урфу одатҳо ба вуҷуд меоянд, макони иқтисодие ташаккул меёбад, ки дар он идоракунии муназзам, шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ, тиҷорату соҳибкорӣ дар пайи роҳандозии тадбирҳо оид ба ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ва махсусгардонии соҳаҳои иқтисодиёт сурат мегирад. Мо ба андешаи муҳаққиқ тарафдорем, ки роҳандозии чораҳо оид ба ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ва махсусгардонии соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ хусусиятҳои ҳавасмандсозанда доранд, на ин ки хусусиятҳои амрию маъмурӣ [9, с.41-52].

Агар ба таҳаввули назарияҳои ташкили маконии иқтисодиёти минтақавӣ назар афканем, маълум мегардад, ки муҳаққиқи олмонии дар боло истинодшуда, яъне Фридрих фон Ратсел сар карда, то замони муосир нисбат ба назарияи макони иқтисодӣ андешаҳо ва равишҳои илмӣ хеле гуногун мебошанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ мафҳуми «макони иқтисодӣ» хеле зиёд истифода мешавад, аммо бархӯрдҳои имрӯза ба моҳияти макони иқтисодӣ муҳтавои зидду нақиз доранд. Тафсирҳои ниҳоят гуногунранги ин мафҳум боиси паст шудани возеҳият ва якрангии он мегардад, ки ин дар навбати худ кори муҳаққиқонро душвор мегардонад ва тавзеҳу дақиқтар кардани моҳияти онро тақозо мекунад.

Тафсири макони иқтисодӣ дар адабиёти илмӣ ҳам абстрактӣ ва ҳам ба таври воқеӣ дода шудааст. Барои муаррифии ҳамаҷонибаи категорияи мавриди омӯзиш ба маънои аслии мафҳуми “макон” муроҷиат кардан ва таҳаввули тафсири ин мафҳумро дар улуми мухталиф, аз қабили иқтисодиёт, физика, фалсафа, ҷомеашиносӣ пайгирӣ кардан лозим аст.

Омӯзиши моҳияти макон аз файласуфони Юнони Қадим ибтидо гирифтааст. Ҳамин тавр, ба ақидаи Демокрит – маънои макон холигӣ [4] аст ва ба ақидаи Арасту, он дар ҷойҳои ишғолкардаи ҷисмҳо [1] ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, Р.Декарт исбот мекунад, ки андозаи материя моликияти асосӣ ва ҷудонашавандаи макон мебошад [5, с.196].

Дар илми физика бар хилофи тадқиқоти фалсафии мавзуи макон, он аз мавқеи олами воқеии сеченака баҳо дода мешавад, яъне мавқеи ҷисмҳои физикиро меомӯзад, ки дар онҳо ҳаракати механикӣ, ҳаракати ҷисмҳои гуногуни физикӣ ба амал меояд. Дар баробари ин, дар математика он ба таври абстрактӣ ҳамчун маҷмуи векторҳо [3, с. 584] баррасӣ мешавад ва ин аз он сабаб аст, ки дар он объектҳои моддӣ вуҷуд надоранд [8, с. 42-49].

Дар ҷомеашиносӣ, ҷустуҷӯи макон дар ибтидо бо фаҳмиши физикӣ ва ҷуғрофӣ алоқаманд буд. Дюркгейм макони иҷтимоиро ҳамчун ташкилоти иҷтимоии ҷуғрофиёи ҳамзистии ақвом ҳудуди муайян шарҳ медод [6, с.350]. Макон барои ӯ аз гурӯҳи иҷтимоие, ки дар ин ҳудуд бо маданият, хусусиятҳои зиндагиаш фарқ мекунад, ҷудонашаванда аст. Манзараи муосири макони иҷтимоӣ дар таҳқиқоти А.Ю. Барковская дода шудааст, ки онро ҳамчун равандҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, амалияи иҷтимоӣ, мавқеъҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷиҳати функсионалӣ ба ҳам алоқаманданд, мефаҳмад [2, с.49-55].

Дар илми иқтисодӣ мафҳуми «макон» дар муқоиса бо дидгоҳҳои фалсафӣ, физикӣ, риёзӣ ва ҷомеашиносӣ ҳам хусусиятҳои монанд ва ҳам хусусиятҳои ба худ хос дорад. Албатта, категорияи макон барои улуми иқтисодӣ як чизи усулан набуда, бо ин муаммо ҳанӯз дар осори мутафаккирони асрҳои XVII-XVIII Ҷ. Стюарт, А. Смит, Д. Рикардо вохӯрдан мумкин аст, ки болотар мо аз назарияи бартариятҳои мутлақ ва нисбии онҳо ёд карда гузаштем.

Барои ба таври аёнӣ оид ба муҳтавои равишҳои мухталиф нисбат ба тафсиру тавзеҳи моҳияти мафҳуми макони иқтисодӣ онро дар шакли ҷадвали алоҳида манзур менамоем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1 - Баррасии равишҳои назариявӣ оид ба таърифи “макони иқтисодӣ” ҳамчун категорияи мустақил**

| Муҳаққиқон | Таърифи макони иқтисодӣ |
|---|---|
| Ф. Перру (1950) | Макон майдони қувваест, ки аз тарафи корхонаҳо, ширкатҳо ва |

| | |
|---|---|
| | тавассути ҳамкории онҳо офарида мешавад. |
| Кругман П. (1994) | Макон мавзеи абстрактии иқтисодии тақсимоти динамикии захираҳо вобаста ба вазъи онҳо ва ҷойгиршавиашон |
| Шибусова (2000) | Макон ҳамчун як ҷузъи тиҷоратии шабакаи интернет тафсир карда мешавад, ки тавассути он идоракунии ҷараёнҳои молҳои истеҳсолшуда амалӣ карда мешавад. |
| Чекмарев В.В. (2001) | Макон ҷойгоҳест, ки тавассути:<br>а) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба хотири татбиқи талабот ва манфиатҳои иқтисодиашон бо ҳамдигар муносибатҳои иқтисодиро ба роҳ мемонанд;<br>б) иншооти физикӣ ва ғайрифизикӣ, ки манбаи манфиатҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ба вуҷуд оварда мешавад.<br>Ба маънои маҳдуд макони иқтисодӣ ҷойи муносибатҳо ва равобитест, ки дар ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва такроистеҳсол ба вуҷуд меоянд. |
| Паринов С. (2002) | Макон аз тарафи субъектҳои хоҷагидор дар раванди фаъолияти иқтисодӣ ташаккул мeёбад ва тавассути маҷроҳои иттилоотӣ макони иқтисодӣ ба вуҷуд меояд. |
| К루ковский Я. (2002) | Макон ин ҳамкории омилҳои сершумори табиати мухталифдоштаест, ки дар асари тағйирёбии равандҳои кооператсия ва тақсимот ба вуҷуд омада, ба ташаккул, амалкард ва рушди корхона таъсир мерасонанд. |
| Гранберг А.Г. (2003) | Макон як қаламрави аз ҷиҳати иқтисодӣ муташаккил буда, дорои объектҳо ва робитаҳои зиёде мебошад:<br>- маҳалҳои аҳолинишин;<br>- корхонаҳои саноатӣ;<br>– минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ва фароғатӣ;<br>– шабакаҳои наклиётию муҳандисӣ ва ғайра.<br>Ҳар як қаламрав макони дохилии иқтисодии худро дорад ва бо фазои дигар қаламрав робита дорад. |
| Бияков О.А. (2004) | Макон ин системаи муносибатҳои байни субъектҳои амалкунандаи равандҳои иқтисодии хусусӣ ва субъекти раванди умумии иқтисодӣ барои ташаккули натиҷаҳои пешбинишудаи фаъолияти онҳо мебошад. |
| Урунов А.А. (2012) | Макон соҳаест, ки минтақаи ҷуғрофиро (иборат аз минтақаи обӣ, ҳавоӣ, ҳудудӣ) фаро мегирад, ки бо сарҳади маъмурии муҳити институтсионалӣ рост меояд ва дар он равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иртибототи агентҳо ташкил шуда, аллакай ҷараён доранд ё ба амал меоянд. |
| Гагарина Г.Ю. (2013) | Макон робитаи байни равандҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва раванди умумии иқтисодӣ барои ташаккули натиҷаҳои имконпазири фаъолияти иқтисодӣ мебошад. |
| Минакир П.А., Демьяненко А.Н. (2014) | Макон маҷмуи агентҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар фазои муайяни ҷуғрофӣ тақсим карда шудаанд ва бо ҳамдигар мувофиқи институтҳои иқтисодӣ дар дохили ин фазои ҷуғрофӣ амал мекунанд. Ҳамзамон субъектҳои иқтисодӣ шахс ё гурӯҳи шахсонеро дар назар доранд, ки ақаллан дар яке аз равандҳо – истеҳсол, мубодила, истеъмол иштирок мекунанд. |
| Гатауллин Р.Ф., Каримов А.Г., Комаров А.Г. (2014) | Макон «қисми фазои физикиест, ки дар рафти такрористехсол ба таври субъективӣ сохта мешавад, раванди аз ҷиҳати ҳудудӣ алоҳида ва махаллишудаи муомилоти байни субъектҳои хоҷагидориро инъикос менамояд, ки дар асоси амалӣ гардондани |

| | |
|---|---|
| | манфиатҳои иқтисодии онҳо ташаккул меёбад.<br>Макони иқтисодӣ аз муносибатҳои иқтисодӣ, маҳалҳои аҳолинишин, иншооти инфрасохтори муҳандисӣ, корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт иборат аст. Дигар хусусияти хоси макони иқтисодӣ кушода будани он (хусусияти хоси он аст, ки ҳангоми мавҷуд набудани ҳудудҳои маъмурӣ ва дигар ҳудудҳо) мебошад, яъне минтақаи таъсири мутақобилаи фазои иҷтимоӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ мазмуни макони иқтисодӣ мебошад. |
| Бокарев Ю.П. (2014) | Макони иқтисодӣ, аз як тараф, мавқеъ ва нақши ҳар як иштирокчии равандҳои истеҳсол ва истеъмол, институтҳои иқтисодиро дар шароити иқтисодӣ муайян мекунад. Аз тарафи дигар, он дар зери таъсири фаъолияти созанда ва харобиовари одамон, ки ба манфиати худ ва самтхои арзишманди худ нигаронида шудаанд, пайваста тағйир меёбад. |
| Иванов Е.Ю. | Макон тавассути ҷараёнҳои иттилоотӣ, ки байни субъектҳои хоҷагидорӣ давр мезанад, ташаккул меёбад ва маҳз онҳо сохтори ин фазоро муайян мекунанд. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар заминаи адабиёти мавриди таҳқиқ

Агар хусусиятҳои асосии назарияҳои мавҷударо оид ба макони иқтисодӣ ба инобат гирем, пас ногузир ба назарияи классикон муроҷиат мекунем. Таҳаввули назарияҳои макони иқтисодӣ, чуноне ки дар боло гуфтем, аз назарияи ҷуғрофӣ ва геосиёсии макони иқтисодӣ сарчашма мегирад, ки аз ҷониби олимоне назири Фридрих фон Ратсел, Рудолф Челлен, Фридрих Науман, Х. Макиндер ва амсоли онҳо коркард шудааст ва дар тибқи он давлатҳо тамоюли то ба макони иқтисодӣ тавсеа ёфтанро паси сар мекунанд.

Аз тарафи олимоне ба мисли И.Г. Тюнен, А. Вебер, В. Кристаллер якхела будани макони иқтисодӣ таъкид гардидааст, ки корхона бояд вобаста ба тамоми омилҳои ҷойгиркунонӣ баррасӣ шавад.

Назарияи мувозинати маконии иқтисодӣ аз ҷониби А. Леш коркард шудааст, ки тибқи он ҳолати мувозинат дар шароити зерин ба амал меояд: ҷойгиршавии ҳар як ширкат бо афзалиятҳои максималии имконпазир барои истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон тавсиф карда мешавад; ширкатҳо тавре ҷойгир шудаанд, ки ҳудуд пурра истифода бурда шавад; баробарии нарх ва хароҷот вуҷуд дорад; ҳамаи минтақаҳои бозор андозаи (дар шакли шашкунҷаҳо) ҳадди ақал доранд.

Муаллифи назарияи қутбҳои рушд Ф. Перрокс бар ин ақида аст, ки ҳудудҳое, ки дар онҳо корхонаҳои соҳаҳои пешқадам воқеъ гардидаанд, омилҳои истеҳсолотро ба худ ҷалб намуда, имкон медиҳанд, ки онҳо самараноктар истифода шаванд. Ҳамин тавр, мутамарказонидани истеҳсолот ба амал омада, қутби рушди иқтисодӣ ташаккул меёбад.

Дар таълимоти У. Айзард, ки назарияи низомҳои хоҷагидории минтақавиро пешниҳод намудааст, тартиби азназаргузаронии комплекси саноатӣ коркард шуда, системаҳои иқтисодии ҳудудӣ ва муносибатҳои байниноҳиявӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар ин росто назарияи кластерҳо, ки аз ҷониби олимони маъруф М. Портер, Д. Майлат, П. Кругман таҳия шудааст, низ қобили таваҷҷуҳ аст, ки тибқи он ширкатҳо барои воридшавӣ ба макони истисноии мутамаркази иқтисодӣ саъй мекунанд ва макони одатан дар ҷойҳое, ки ширкатҳо бештар ҷойгиранд, мутамарказ мешавад.

Назарияи ноҳиябандии иқтисодӣ, ки дар таҳияи он, аз ҷумла олими ватанӣ шодравон академик Р. Раҳимов саҳмгузор буд, ташаккули сохтори ҳудудии давлат, нақшаҳои тақсимоти маъмурию иқтисодии давлатро баррасӣ мекунад. Мавсуф оид ба ташаккули Комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ таҳқиқоти арзишманде анҷом додааст, ки дар нақшаҳои таҳиякардаи рушд ва ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон, барномаи комплексии пешрафти илму техникаи минтақаи мазкур барои 20 сол, бунёди истеҳсолоти гуногуни сатҳи коркарди баланд зоҳир гардида, дар онҳо ба мушкилоти мутамарказонидани истеҳсолот диққати калон дода шудааст [13, с.25].

Назарияи макони иқтисодӣ дар осори олимони муосири иқтисоддон, ба мисли А.Г. Гранберг, Ф. Рянский, В.В. Радаева, В. Чекмарёв ва дигарон аз дидгоҳи равишҳои ҳудудӣ, захиравӣ ва иттилоотӣ комилтар гардидааст [7, С.9-22].

Муҳаққиқи ватанӣ Н.В. Хоналиев масъалаи ҷойгиркунонии истеҳсолоти Тоҷикистони Шимолиро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса даст ёфтааст, ки «дараҷаи тараққиёт натиҷаи истифодаи иқтидори иқтисодии минтақаи алоҳида мебошад». Дар идома мавсуф якчанд муаммои имрӯз низ мубрамбударо ҷудо кардааст, ки аз тараққиёти нобаробари минтақаҳо маншаъ мегиранд. Чунончи, «ба ҳам наздик шудани сатҳи инкишофи ин ё он минтақа бо муаммоҳои муҳимтарини рушд ва ҷойгиркунонии истеҳсолот, ... оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, иктисодӣ ва меҳнатӣ зич алоқаманд аст» [15, с.16-17].

Зимнан, саҳми олимони ватанӣ дар инкишофи назарияи ташкили маконии иқтисодиёти минтақавӣ бо ҳамин маҳдуд намешавад. Ташаккули муҷтамаи саноатии шаҳр дар осори И.Р.Пулотова ва идоракунии механизми рушди нобаробари минтақаҳо дар асарҳои Ф.М. Муминова мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти худ И.Р.Пулотова ба хулосае омадааст, ки яке аз воситаҳои асосии баландбардории самаранокии истеҳсолот ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҳудуди муайян бароҳмонӣ ва инкишофи ҳамкории корхонаҳо дар тамоми зинаҳои такрористеҳсол мебошад. Барои ноил шудан ба ин, муҳайё кардани шароити якхела дар самти истифодабарии муштараки захираҳои меҳнатии маҳаллӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошад [11, с.25].

Ф.М. Муминова бошад, бар ин назар аст, ки тафриқа дар сатҳи инкишофи мавзеи деҳот нисбат ба фарқиятҳои байниминтақии рушд хеле бештар аст. Саҳми дигари муҳаққиқи мазкур дар он аст, ки ӯ минтақаҳои буҳрониро маълум карда, нақши давлатро дар ҳалли масоили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ин минтақаҳо асоснок намудааст. Ба ақидаи ӯ, барои батанзимдарории рушди минтақавӣ тафриқаи баланд дар сатҳу сифати зиндагӣ асос шуда метавонад [10, с.25].

Муҳаққиқони ватанӣ Д. Қандиёрова ва И. Каримова асосҳои назариявии рушди макони иқтисодии минтақаҳоро дар шакли монографияи алоҳида таҳқиқ кардаанд. Дар таҳқиқоти худ равишҳои назариявии омӯзиши иқтисодиёти макониро баррасӣ намуда, онҳо ба хулосае омадаанд, ки аввалан, истифодаи муқоисавии назарияҳо ва мафҳумҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки равиши мунтазам дар ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди макони иқтисодии минтақаҳо ба вуҷуд оварда шавад ва сониян, ҳамаи назария ва мафҳумҳои мавриди назар бар меҳвари баррасии омили маконии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа такя мекунад [7, с.24].

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бароварда мешавад, ки таваҷҷуҳ ба масъалаҳои макони иқтисодӣ ва омӯзиши хосиятҳои он дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз якчанд самтҳои рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ин назария вуҷуд дорад, ки аҳамияти масъаларо нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, то ҳол асосҳои ягонаи назариявию методологии равиши маконӣ дар рушди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ таҳия карда нашудаанд, ки онҳоро дар як низоми мутаносиби мантиқӣ дар шакли назарияи пурра такмилшудаи ташкили маконии иқтисодиёти минтақавӣ муттаҳид намоем.

Бо назардошти он ки рушди минтақаҳои кишвар муҳимтарин марҳилаи татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, нуқтаи ниҳоии тамоми талошҳои ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок: таъмини сатҳи қобили қабули энергия ва амнияти озуқаворӣ, рушди иқтидори коммуникатсионии кишвар ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб меравад, ҳанӯз ҳам таҳқиқоти амиқи мушкилоти иқтисодиёти минтақавӣ, хусусиятҳо ва меъёрҳои минтақавӣ, қонуниятҳои махсусгардонӣ ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда ба роҳ монда нашудаанд. Аз ҳамин нуктаи назар, дар шароити ҷумҳурии мо омӯхтани муаммоҳои иқтисодиёти минтақавӣ, чӣ аз ҷиҳати назариявӣ-методологӣ ва чӣ аз ҷиҳати амалӣ басо мубраму саривақтӣ ба назар мерасад.

Азбаски дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои иқтисодӣ бештар дар нақши ҳудудҳо баромад мекунанд, ба ин муносибат ба мақсад мувофиқ мебуд, ки

минтақаҳои кишвар на танхо аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ, балки бо нишон додани хусусиятҳои хоси равандҳои иҷтимоию иқтисодии дар ин ҳудудҳо ҷараёндошта, муайян намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии самтҳои афзалиятноки ҷойгиркунии корхонаҳо вобаста ба хусусиятҳои асосии иқтисодиёти минтақа ва амсоли он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гиранд.

**Адабиёт**


1. Аристотель / Лебедев А.В. // Анкилоз – Банка. – М.: Большая российская энциклопедия, 2005. – С. 216-219. – (Большая российская энциклопедия: [в 35 т.] / гл. ред. Ю.С. Осипов; 2004-2017, т. 2) URL: https://bigenc.ru/philosophy/text/ 1828434 (доступ свободный)
2. Барковская А.Ю. Социологическая интерпретация категории «Социальное пространство» / А.Ю. Барковская // Вестник ВолГУ. Серия 7: Философия. Социология и социальные технологии. - 2013. - №1. - С. 49-55.
3. Бор Н. Избранные научные труды, в двух томах (серия «Классики науки»). / Н. Т. Бор //т.1, 1909-1925. - М.: Наука, 1970. – 584 с.
4. Виц Б.Б. Демокрит / Б.Б. Виц– М.: Мысль, 1979. – 212 с. (Мыслители прошлого)
5. Декарт Р. Трактат о свете. / Р.Декарт // Избр. Произвед. – М.: Госполитиздат, 1950. – 196 с.
6. Дюркгейм Э. Социология и социальные науки / Дюркгейм Э. //Социология. Ее предмет, метод, предназначение. – М.: Канон, 1995. - 350 с.
7. Кандыерова Д.О. Теоретические основы развития экономического пространства регионов: монография / Д.О.Кандыерова, И.И. Каримова. – Душанбе: ТГФЭУ, 2018. - 220 с.
8. Кочетков А.В. Анализ понятия «пространство» в общей теории относительности / А.В.Кочетков, П.В. Федотов //Пространство и время, 2012. - № 4 (10). - С. 42-49.
9. Муминова Ф.М. Пути обеспечения инклюзивного экономического развития в Таджикистане//Таджикистан и современный мир. – 2019. - №3. – С. 41-52.
10. Муминова Ф.М. Управление механизмом диспропорционального развития регионов [Текст]: автореф. дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н. /Ф.М.Муминова. - Душанбе, 2011. -25 с.
11. Пулотова И.Р. Формирование и развитие промышленного узла города в условиях перехода к рыночной экономике: на примере города Худжанда Ленинабадской области Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дисс. на соиск. уч. степ. к.э.н. - Душанбе: 1999. - С.25.
12. Пуховская Е. Ю. «Политическая география» Ф. Ратцеля (Внешнеполитический и колониальный аспекты) [электронный ресурс] http://library.isu.ru/ru/resources/e-library/conf_works_ISU/tch2009.2_soderzhanie/Tch-2-65.pdf
13. Рахимов Р.К. Проблемы эффективности и пути развития экономики Таджикистана /Р.К.Рахимов - Душанбе: Ирфон, 1976. - С.25.
14. Ходиев Д.А. К вопросу о размещении предпринимательских структур в экономике региона/Д.А.Ходиев //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: СИНО, 2019. - № 4 Часть II. – С.13-18.
15. Хоналиев Н. Развитие и размещение промышленности Северного Таджикистана. /Н.Хоналиев - Душанбе: Дониш, 1974. - С.16-17.


**УДК: 338.33: 66 (10167)**

## НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

***Нуров Шаъбон Сафарович*** *- н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992)917-11-33-15, E-mail: Shabon-59@mail.ru.*

***Шарифов Алиризо Пирматович*** *- магистранти курси дуюми Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ.* ***Суроға:*** *734020, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 306. Тел.: 935.06.05.96, E-mail: aliriso-snarifov@mail.ru*

*Дар мақола муаллиф ба рушди саноатикунонии босуръати кишвар дар даврахои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шуда, зарурати саноатикунонии мамлакат дар шароити гузариш ба иқтисодиёти аграрӣ – индустриалӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ – аграрӣ – инноватсионӣ асоснок карда шудааст. Барои беҳтар намудани иқтисодиёти кишвар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, тавозуни пардохтпазирӣ, сохтори савдои хориҷӣ ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат барои саноатикунонии босуръати кишвар нақши назаррас дорад.*

*Дар мақола таваҷҷуҳи хосса ба нақши ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар саноатикунонии мамлакат ва рушди истеҳсолоти молҳои воридивазкунанда дода мешавад. Вобаста ба ин, рушди корхонаҳои муштарак дар даврахои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳои озоди иқтисодии амалкунанда ва нақши онҳо дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *саноатикунонӣ, сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак, минтақаи озоди иқтисодӣ, индустриякунонӣ, шуғли пурмаҳсул, корхонаҳои саноатӣ, сармоягузориҳои мустақим, иқтисодиёти аграрӣ-инноватсионӣ, молҳои воридотивазкунанда, сармоягузориҳои хориҷӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, низоми ягонаи барқӣ, минтақаҳо.*

## РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ОСУЩЕСТВЛЕНИИ СТРАТЕГИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

***Нуров Шаъбон Сафарович*** *- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета.* ***Адрес:*** *734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14, Тел.: (+992) 917-11-33-15. E-mail: Shabon-59@mail.ru*

***Шарифов Алиризо Пирматович*** *- магистрант второго курса Института экономики и системных исследований развития сельского хозяйства.* ***Адрес:*** *734020, г. Душанбе, ул. Хаёти нав, д. 306. Тел.: 935.06.05.96, E-mail:* aliriso-snarifov@mail.ru

*В статье авторы дают оценку ускоренной индустриализации страны в период независимости Республики Таджикистан и обосновывают необходимость индустриализации страны при переходе от аграрно-индустриальной экономики к индустриально-аграрно-инновационной экономике. Отмечается, что для улучшения экономики страны привлечение иностранных инвестиций, платежный баланс, структура внешней торговли и обеспечение экономической безопасности страны играют значительную роль в быстрой индустриализации страны.*

*В данной статье особое внимание уделяется роли привлечения иностранных инвестиций в индустриализации страны и разработке импортозамещающих товаров. В связи с этим анализируются развитие совместных предприятий в период независимости Республики Таджикистан, функционирующие свободные экономические зоны и их роль в привлечении иностранных инвестиций.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, совместные предприятия, свободные экономические зоны, индустриализация, продуктивная занятость, промышленные предприятия, прямые инвестиции, аграрно-индустриально-инновационная экономика, импортозамещение, иностранные инвестиции, инвестиционные проекты, единая энергетическая система, регионы.*

## THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENT IN THE INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY

***Nurov Shabon Safarovich*** *- Head Department of Financial Management, Tajik State Financial and Economic University.* ***Address:*** *street Nakhimova 64/14, Dushanbe, 734067, Republic Tajikistan. Phone: (+992)917-11-33-15, E-mail: Shabon-59@mail.ru.*

***Sharifov Alirizo Pirmatovich*** *- second year master's student at the Institute of Economics and System Research of Agricultural Development. Address: 734020, Dushanbe, st. Hayoti Nav, 306. Тел.935.06.05.96, E-mail:* aliriso-snarifov@mail.ru

*In the article, the author gives an assessment of the accelerated industrialization of the country during the period of independence of the Republic of Tajikistan and substantiates the need for industrialization of the country during the transition from an agro-industrial economy to an*

*industrial-agrarian-innovative economy. It is noted that in order to improve the country's economy, attracting foreign investment, the balance of payments, the structure of foreign trade and ensuring the country's economic security play a significant role in the rapid industrialization of the country.*

*This article focuses on the role of attracting foreign investment in the industrialization of the country and the development of import-substituting goods. In this regard, the author analyzes the development of joint ventures during the period of independence of the Republic of Tajikistan, functioning free economic zones and their role in attracting foreign investment.*

***Key words:*** *investments, joint ventures, free economic zones, industrialization, productive employment, industrial enterprises, direct investments, agrarian-industrial-innovative economy, import substitution, foreign investments, investment projects, unified energy system, regions.*

Таъмини рушди босуботи саноатикунонии мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии давлат дар шароити муосир буда, дар ҳалли он ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ мавқеи махсусро мебозад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши равандҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди саноати мамлакат нақши ҳалкунандаро мебозад.

Саноатикунонии босуръати кишвар яке аз он масъалаҳои асосие ба ҳисоб меравад, ки Пешвои муаззами миллат дар Паёми хеш ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 26-уми декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олӣ чунин қайд намуда буданд: “Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад”. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки тартиби мантиқии системаи саноатикунонии кишварро донем [8. с.4].

Дар тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешравиҳои калони мусбати миқдорӣ ва сифатӣ рӯй доданд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки гузариш ба иқтисоди бозоргониро раванди ғайрииндустриаликунонии мамлакат ҳамроҳӣ намуд, ки ҳанӯз то ба имрӯз идома дорад. Агар дар соли 1991 ҳиссаи саноат дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 25,4%-ро ташкил медод, пас дар соли 2016 қариб ду маротиба кам шудааст, ки он 15,1%-ро ташкил дод. Дар соли 2017 бошад, ин нишондиҳанда 17,2% мебошад, ки нисбат ба соли 2016-ум 2,1% зиёд аст. Дар соли 2019 бошад, ҳиссаи саноат дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 21,2% буд, ки нисбат ба соли 2018 - 0,2% афзудааст [7, с.345]. То соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида мешавад [4, с.2].

Бо мақсади ҳал намудани раванди ғайрииндустриаликунонӣ дар мамлакат «Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 2003 қабул шуда буд, бори аввал вазифаи «боз доштани эътибори тамоми омилҳое, ки ба зуҳуроти ғайрииндустриаликунонӣ оварда мерасонад», хотима гузошта хоҳад шуд [3, с,1].

Дар рафти амалигардонии «Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ва барномаҳои минтақавии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоятҳо садҳо корхонаҳои саноатии истихроҷ ва коркард, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», НБО-и хурду миёна, корхонаҳои коркарди нахи пахта, масолеҳи сохтмонии саноатӣ ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ба кор андохта шудаанд. Дар натиҷа, бори аввал дар давоми тамоми солҳои Истиқлоли давлатӣ - дар солҳои 2015-2019 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз сатҳи соли 1991 гузашт ва раванди ғайрииндустриаликунонии иқтисодиёти мамлакат қатъ карда шуд (ҷадвали 1). Дар мамлакат соли 2019 пешравиҳои рушди саноати ватанӣ, хусусан дар соҳаи энергетика аён мешаванд.

Солҳои 2006-2019 дар ҷумҳурӣ НБО Сангтӯда -1, НБО Сангтӯда -2, 200 киловаттаи хати интиқоли барқ (ХИБ) «Лолазор-Хатлон, 500 киловаттаи ХИБ Ҷанубу Шимол, 200 киловаттаи ХИБ Хуҷанд - Айнӣ, инчунин, зеристгоҳҳои муосири Душанбе, Айнӣ, Ғончӣ ва 220 НБО-и хурд ба истифода дода шуданд.

Бояд қайд кард, ки Хукумати кишвар барои сохтани корхонаҳои азим саҳми калон гузошта истодааст. Мувофиқи ахбороти Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ чунин соҳаҳои асосии саноат арзи вуҷуд доранд:

Коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои нодир, истеҳсоли ангишт (дар кони ангишти Шӯроб, Фон-Яғноб [кокс] ва Назарайлоқ [антрасит]), истеҳсоли газ ва нафт (дар водии Вахш, Ҳисор, Хоҷа Сартез дар Кӯлоб ва вилояти Суғд), истеҳсоли металлҳои ранга (арзиз, тилло, нуқра, сурб, синк, висмут, симоб, волфрам, молибден), саноати сабук (асосан коркарди пахта ва хӯрокворӣ), саноати кимиё (комбинати кимиёи Ёвон, заводи азотбарории Вахш), саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати мошинсозӣ ва саноати пилла.

Аз ин лиҳоз, мо нишондиҳандаҳои асосии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 1991-2019 дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2019**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/ 1991, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ (адад) | 2308 | 1179 | 1329 | 1130 | 1386 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 93,8 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои солҳои дахлдор, (млн. сомонӣ) | 10932 | 4918 | 4605 | 8018 | 9160 | 13009 | 15090 | 20029 | 23864 | 27613 | 252,6 |
| Шумораи солонаи ҳайати кормандони саноату истеҳсолӣ ба ҳисоби миёна (ҳаз. нафар) | 215,4 | 152,2 | 90,1 | 85,1 | 77,3 | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 39,0 |
| Ҳиссаи саноат дар ММД (ВВП)-и мамлакат, % | 25,4 | 25,7 | 33,1 | 22,8 | 14,5 | 13,2 | 15,1 | 17,0 | 21,0 | 21,2 | 4,2 |

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. – 9. С. 269- 273.

Аз таҳлили ҷадвали 1 дар муқоиса ба солҳои 1991 ва 2019-ум бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ 6,2% ва шумораи солонаи ҳайати кормандони саноатӣ-истеҳсолӣ ба ҳисоби миёна 39 ҳаз. нафар кам шудааст, вале ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои солҳои дахлдор 2,5 маротиб ва ҳиссаи саноат дар ММД-и мамлакат 4,2% зиёд шудааст.

Дар ин давра азнавтаҷҳизонии техникӣ ва таъмири НБО-и Норак, Бойғозӣ, Сарбанд, Варзоб амалӣ гашта, навбатҳои якум ва дуюми маркази электрикии истеҳсоли гармӣ (ТЭЦ)-и Душанбе-2 ба истифода дода шуданд. Инчунин, 16 ноябри соли 2018 дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯйдоди муҳиму тақдирсоз ба вуқӯъ пайваст, ки агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба кор андохта шуд. 9 сентябри соли 2019 агрегати дуюми неругоҳ ба кор дароварда шуд, ки қадами устуворе барои расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ замина гузошта, дар самти расидан ба ҳадафи якуми Стратегии миллии рушд барои давраи то соли 2030 аст, ки он таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки системаи ягонаи энергетикии мамлакат бунёд шавад ва бо барқ таъмин кардани тамоми минтақаҳо беҳтар гардонда шавад, яъне интегратсияи энергетикии онҳо ба роҳ монда мешавад.

Дар рафти иҷрои Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 як қатор барномаҳои умумидавлатӣ амалӣ мегарданд, ки ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат, аз ҷумла «Барномаи рушди соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои солҳои 2016-2020», «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи коркарди пурраи нахи пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди истеҳсоли маснуоти заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо барои то соли 2020» пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020», як қатор корхонаҳои бофандагӣ сохта ва мавриди истифода қарор дода шуданд: дар вилояти Хатлон - 7, дар вилояти Суғд - 7, дар шаҳри Ҳисор -1, ки метавонанд дар як сол зиёда аз 100 ҳаз. тонна нахи пахтаро коркард намоянд. Ин дастоварди калон аст, агар бо соли 1991 муқоиса кунем, вақте дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ танҳо 3 корхонаи саноати бофандагӣ - Комбинати бофандагии Душанбе, фабрикаи ресандагии ш. Қӯрғонтеппа (Бохтар) ва фабрикаи бофандагии шаҳри Конибодом буданду ҳамаашон якҷоя коркарди танҳо 10-12 ҳаз. тонна нахи пахтаро таъмин мекарданд, ки ин ҳамагӣ 5%-и нахи пахтаи истеҳсолшавандаро дар ҷумҳурӣ ташкил медод.

Солҳои охир дар шаҳри Сарбанд ва ноҳияҳои Фархор, Хуросон, Бохтар, Леваканд, Данғара, Ҷайҳун ва Ёвон бо ҷалб намудани маблағгузорони дохилӣ ва хориҷӣ 8 корхонаи бузурги пахтатозакунӣ сохта ва ба истифода дода шуд, ки иқтидори ҳар кадомаш коркарди аз 20 то 50 ҳаз. тонна ашёи хоми пахтаро дар як сол ташкил медиҳад. Дар заминаи онҳо дар ноҳияҳои Данғара ва Фархор ду фабрикаи ресандагӣ бо иқтидори солонаи 8 ҳаз. тонна риштаи пахтагӣ фаъолият хоҳад кард, ки сохтмонашонро ҶДММ «Ҷунтай Данғара Син Силу" ва ҶДММ «Евроазия Текстайл» анҷом медиҳанд. Ҳамчунин, дар ноҳияи Ёвон ҳоло корхонаҳои нонпазии ҶДММ «Истиқлол-2010», ҶДММ «Ёвон-котон», ҶДММ «Ист Коттон НФР», ҶДММ «Рамзи Аминҷон», ҶДММ "Сзинян Инхай Хуанфантсюй, ҶДММ «Ваҳдат» оид ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ ва нассоҷӣ, ҶДММ «Хима-Текстил» оид ба истеҳсоли риштаҳои пахтагин ба кор оғоз карданд.

Ғайр аз барномаҳои дар боло қайдшуда, инчунин, лоиҳаҳои калони маблағгузорӣ дар гидроэнергетика, металлургия, саноатҳои кӯҳии маъдантозакунӣ, химиявӣ ва нефту химиявӣ, ангишт, истихроҷи тилло ва саноати масолеҳи сохтмонӣ бо ҷалби маблағгузории хориҷӣ дар заминаи сохтани корхонаҳои муштарак амалӣ шудаанд.

Бинобар ин, солҳои 2013-2019 ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби корхонаҳои муштарак афзуд (ҷадвали 2).

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки, дар соли 2009 ҳаҷми маблағгузории умумии хориҷӣ 383,1 млн доллар ва дар соли 2019 бошад, 607,1 млн доллари ИМА, ки 1,6 маротиба зиёд шудааст. Дар маҷмуъ дар солҳои 2009-2019 ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ 8001,21 млн доллар сармоягузориҳои хориҷӣ ҷалб гардидааст.

**Ҷадвали 2. - Динамикаи ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2019 ( млн.долл. ИМА)**

| | 2009 | 2009-2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2015-2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 344,0 | 2818,5 | 574,9 | 358,6 | 735,6 | 271,3 | 270,2 | 2210,6 |
| Суғд | 38,6 | 712,2 | 148,0 | 211,2 | 272,8 | 255,5 | 280,2 | 1167.7 |
| Хатлон | - | 225,6 | 203,5 | 229,3 | 59,4 | 82,1 | 21,8 | 596,1 |
| НТМ | 0,5 | 59,8 | 37,2 | 19,1 | 16,8 | 35,1 | 32,7 | 140,9 |
| ВМКБ | - | 12,7 | 14,3 | 24,5 | 15,8 | 0,3 | 2,2 | 57,1 |
| Ҳамагӣ | 383,1 | 3828,8 | 977,9 | 842,7 | 1100,4 | 644,3 | 607,1 | 4172,4 |

***Манбаъ**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2015.-С.240; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2020. – 9.С.268.*

Бо таъсис ва рушди МОИ дар мамлакат теъдоди корхонаҳои муштарак (КМ), ки шакли асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ баромад мекунад, сол ба сол зиёд мегардад. Дар солҳои 2009-2019 шумораи онҳо аз 147 адад то 624 адад расидааст, аз ҷумла дар ВМБК – аз 0 то 1, дар вилояти Суғд – аз 19 то 26, дар вилояти Хатлон – аз 6 то 29, дар НТМ – аз 11 то 68 ва дар Душанбе – аз 106 то 499 адад. Дар соли 2019 аз тарафи корхонаҳои муштарак дар ҳаҷми 18171,1 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол ва қисми зиёди он содир карда шудааст ва фоидаи софи онҳо зиёда 3025,3 млн сомониро ташкил додааст[6, с. 230-231].

Ба ин нигоҳ накарда, дар ташкил ва идоракунии корхонаҳои муштарак муаммоҳо мавҷуд мебошанд, ки фаъолияти самаранокии онҳоро маҳдуд месозад, аз ҷумла ба таври кофӣ аз ҷиҳати техникӣ-иқтисодӣ асоснок нашудани онҳо, сифати пасти қувваи корӣ, дуруст ба ҳисоб нагирифтани талаботи бозори дохилию хориҷӣ ба маҳсулоти онҳо, паст будани сатҳи идоракунии корпоративӣ, мувофиқ набудани қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, махсусан дар соҳаи андозбандӣ ва ғайра.

Муаммоҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ таҳлил намуда истода, ба қатори онҳо рушди сусти бозори молиявии миллӣ ва ҳамгироии он бо бозори умумиҷаҳонии молиявиро низ дохил бояд кард.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки бе ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва барпо кардани корхонаҳои муштарак иҷрои диверсификатсияи истеҳсолоти миллӣ ва рушди истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот имконнопазир аст. Ба туфайли сохташавии корхонаҳои муштарак афзоиш ва диверсификатсияи содирот ва камшавии воридот аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридотӣ, яъне беҳгардонии тавозуни молии мамлакат таъмин карда мешавад. Барои мисол, дар шаҳри Ваҳдат, ноҳияи Ёвон ва вилояти Суғд ба кор андохтани як қатор корхонаҳои сементбарории муштараки Тоҷикистону Хитой, истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ солҳои охир аз 198 ҳаз. тонна то 3 млн тонна зиёд шуд, ки ин имкон медиҳад на танҳо аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ ворид кардани он қатъ карда шавад, балки ба мамлакатҳои ҳамсоя содирот карда шавад. Баъд аз ба истифода додани ду корхонаи муштараки нави истеҳсоли сементи Тоҷикистону Хитой дар ҷумҳурӣ ҳаҷми солонаи истеҳсоли семент то 4,5 миллион тонна хоҳад расид, ки ин имкон медиҳад на танҳо талаботи дохилӣ қонеъ карда шавад, балки содироти он низ зиёд карда шавад [4, с.10].

Дар солҳои охир бо ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ як қатор корхонаҳои бузурги саноатӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотӣ машғуланд, мавриди истифода қарор дода шуд, ки ба ин шумора Комбинати маъдани тоҷик дар шаҳри Ҳисор, корхонаи истеҳсоли варақҳои гипсу картонӣ, Маҷмуи бофандагии ҶС «Чунтай-Данғара Син Силу текстил» дар ноҳияи Данғара, корхонаи истеҳсоли криолит, алюминийи фтордор ва кислотаи сулфат («Талко-химия»), ҶДММ «Ёвон-котон», ҶДММ «Ист Коттон НФР», ҶДММ "Сзинян Инхай Хуанфантсюй», ҶДММ «Хима-Текстил» дар ноҳияи Ёвон ва дигарон мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар тӯли солҳои 2006-2020 дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дар натиҷаи бунёди корхонаҳои нави ватанӣ ва муштарак дар соҳаҳои ғайрирасмии саноати истихроҷ ва коркард сохтори соҳавии саноат тағйир ёфта, бо ин диверсификатсияи истеҳсоли саноатӣ таъмин гашт, ки ба азхудкунии захираҳои сӯзишвориву энергетикӣ, маъданӣ ва дигар захираҳои табиии минтақаҳо равона шуда буд.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридотӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо молҳо аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ беҳтар карда шавад, инчунин, аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ ва дурдасти мамлакат бо ҷойҳои нави корӣ таъмин карда шавад.

Агар дар солҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон бензин ва сӯзишвории дизелӣ тамоман истеҳсол намешуд ва истеҳсоли ангишт талаботи дохилиро қонеъ намекард, пас имрӯз вазъият хеле дигаргун аст (ниг. ба ҷадвали 3).

Баробар ба истифода додани корхонаи калони коркарди нефт дар ҳамкорӣ бо ширкати хитойии «ТК Ойл» дар ноҳияи Данғара истеҳсоли маҳсулоти нефтӣ дар ҷумҳурӣ ба таври қатъӣ зиёд хоҳад шуд.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти нефтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2019 (ҳаз. тонна)**

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2010 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019/ 2006 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ангишт | 104,6 | 199,7 | 412,0 | 515,6 | 878,1 | 1042 | 1361,4 | 1759,7 | 1907,0 | 2027,8 | 19,3 |
| Нефт (аз ҷумла конденсати газ) | 23,7 | 27,0 | 29,8 | 27,3 | 24,5 | 24,6 | 25,0 | 23,4 | 23,6 | 23,3 | 1,01 |
| Бензин | 208,9 | 556,6 | 888,9 | 767,6 | 628,4 | 411,8 | 697,0 | 753,1 | 932,7 | 465,8 | 22,2 |
| Сӯзишвории дизелӣ | 1424 | 3394 | 3304 | 3545 | 3733 | 2465 | 4620 | 9752 | 17119 | 12492 | 8,7 |
| Мазут | 5654 | 11714 | 10878 | 8443 | 7847 | 4637 | 7026 | 9219 | 25866 | 14747 | 26,0 |
| Битум | 1849 | 4079 | 2115 | 3780 | 2710 | 2138 | 2725 | 3059 | 2511 | 2680 | 1,4 |

***Манбаъ:*** *Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - С. 291- 293. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018-2020. – 9. С. 42- 69.*

Аз таҳлили ҷадвали 3 бармеояд, ки динамикаи истеҳсоли маҳсулоти нефтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2019 ангишт - 19,3, нефт - 1,01, бензин - 22, сӯзишвории дизелӣ – 8,7, мазут – 26,0 ва битум – 1,4 маротиба зиёд истеҳсол карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми баррасии нақши маблағгузориҳои хориҷӣ дар рушди саноат, ҷалби маблағгузорони хориҷӣ дар минтақаҳои мамлакат ниҳоят нобаробар ба роҳ монда шудааст. Маблағгузориҳои мустақим ва ғайримустақими хориҷӣ то соли 2010 асосан ба ду минтақа (ш. Душанбе ва вилояти Суғд) равона мешуданд - 96,1%, ки дар онҳо инфрасохтори таносубан тараққиёфта вуҷуд дорад, аммо дар минтақаҳои боқимонда, ба истиснои солҳои охир, маблағгузорони хориҷӣ қариб тамоман ҷалб нашудаанд. Баъди таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар минтақаҳо дар ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ як қадар баробаршавӣ мушоҳида карда мешавад.

Яке аз омилҳои муҳими рушди саноат дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкории хурд дар шакли сохтани корхонаҳои хурди саноатӣ мебошад. Ба ҳамин сабаб, дар солҳои 2006-2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзудани корхонаҳои хурди саноатӣ диққати калон медиҳад. Агар дар соли 2017 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат 1999 адад бошад, пас ин рақам дар соли 2019 ба 2164 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2017 165 адад зиёд мебошад. Корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ фаъолият мекунад ва пули фурӯши маҳсулоти онҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дар соли 2019 15145,8 млн сомониро ташкил медиҳад [3, с.230].

Ҳар сол дар кишвар сохта ба истифода додани корхонаҳои гуногуни хурду бузурги молистеҳсолкунанда ва таъмин гардидани сокинон бо ҷойи кори доимӣ далели рӯ ба рушд будани соҳаи саноати кишвар мебошад. Натиҷаи таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати мамлакат ба ин соҳа буд, ки дар солҳои 2016-2019 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 21,2 фоиз афзоиш ёфт.

Дар умум, тӯли солҳои 2005-2019 саноат дар ҷумҳурӣ бо суръати баланд рушд кард. Масалан, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ин давра аз 1130 то 2164 адад ё 2,0 маротиба, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 8018 то 27613 млн сомонӣ, ё ин ки 3,5 маротиба зиёд шудааст [3, с.262].

Гузаштан ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ боиси зиёд гардидани сафи мутахассисони баландпояи саноатӣ гардида, барои боз ҳам баланд шудани шароити некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Рушди саноатро дар солҳои охир таҳлил карда, бояд ба тамоили мавҷудаи ихтисоршавии шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ диққат дод. Масалан, дар солҳои 1991-2019 шумораи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ ба ҳисоби миёна аз 215,4 ҳаз. нафар то 84,2 ҳаз. нафар ё 2,5 маротиба кам шудааст. Агар ба ҳисоб гирем, ки як ҷойи корӣ дар саноат нисбати бахши аграрӣ метавонад 9,7 маротиба бештар даромад орад (с. 2018), пас талафоти ҷамъияти мо бинобар ихтисор намудани ҷойҳои корӣ дар саноат аён мешавад. Бинобар ин, бартарии ба кор таъмин будан бояд қисми муҳими ислоҳот дар доираи бакортаъминкунӣ ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат шавад ва бо азнавсозии сохтории бахши воқеӣ ба манфиати саноат алоқаманд бошад. Рушди босуръати минбаъдаи саноат, ҳамчунин, манфиатҳои паст кардани вобастагии мамлакатро аз омилҳои берунӣ бо роҳи беҳтар кардани тавозуни савдои берунӣ, таъсис додани ҷойҳои кории иловагӣ ва густариши содироти мамлакат, кам кардани воридшавии молҳо ба ҷумҳурӣ аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридотиро тақозо мекунад.

Саноатчиёни кишвар дар соли 2019 дар самтҳои гуногуни саноат фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586,6 млн сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3 млрд 809,4 млн сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6 фоизро ташкил медиҳад [8, с.2].

Ҳамин тавр, боздоштани раванди ғайрииндустриалишавии иқтисодиёти миллӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба мамлакати саноатӣ-аграрӣ дар шароити муосир зарурати объективӣ ва вазифаи стратегӣ дар назди ҷомеаи тоҷик барои дарсолаҳои наздик гаштааст.

**Адабиёт**


1. Давлатзода У. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ//Ҷумҳурият. -13 декабр. - 2016, - №244. - С.1-2.
2. Иброҳимов И.Р. Идораи молияи давлатӣ. Китоби дарсӣ /И.Р.Иброҳимов, Р.М.Мирбобоев, Е.Ш.Мирзоева. – Душанбе, 2013. - 387 с.
3. Консепсияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2003, №523 тасдиқ шудааст.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”. 19.09.2016, №357
5. Масгрейв Р.А. Государственные финансы: теория и практика пер. с 5-го англ. изд./Р.А.Масгрейв, П.Б.Масгрейв. - М.: Бизнес Атлас, 2009. - 716 с.
6. Маҷмуи Агентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – 231с.
7. Тоҷикистон: 30-солагии истиқлолияти давлатӣ. Агентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе,2021. – С.345.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 январи соли 2021. - Душанбе, 2021. - С.2.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. – С. 269-273.
10. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - С.6.


---

**УДК: 336.1/5(575.3)**

## СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Оймаҳмадов Гулмаҳмад Нигмамадович*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Тел.: 9185508488.*

***Сафаров Шукрулло*** *- ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Тел.: + 992372362548.*

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ҷорию перспективии ташкили сиёсати буҷетию андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқа бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва стратегияҳои рушди маҳалҳои Тоҷикистон нисбати баамалбарории афзалиятҳои дар давраи дарозмуҳлат пешбинишуда инъикос ёфтаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки бинобар рушдёфта набудани инфрасохтори минтақаҳо доир ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҷалби сайёҳон сиёсати буҷетию андозӣ, бо баҳисобгирии маҳдудияти захираҳои молиявӣ ба ҳалли муаммоҳои зикршуда равона гардидааст. Ҳамзамон, таъкид шудааст, ки маҳалҳо, бинобар нокифоя будани захираҳои молиявӣ дар интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ ташаббускорӣ зоҳир наменамоянд. Муаллифон пешниҳод намудаанд, ки захираҳои дохилиминтақавӣ дар буҷетҳои маҳалҳо аз ҳисоби соҳибкориҳо бо меъёрҳои муайяни минималӣ дар даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ пешбинӣ карда шуда, он танҳо ба таври мақсаднок ба рушди саноати минтақа равона карда шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати буҷетию андозии минтақавӣ, инфрасохтори минтақавӣ, захираҳои молиявӣ, баҳисобгирӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, буҷети маҳаллӣ, соҳибкорӣ, навовариҳои молиявӣ, фузунсоз, криптоасъор, ҳифзи иҷтимоӣ, тақсимоти даромадҳо.*

## РЕГИОНАЛЬНАЯ БЮДЖЕТНО-НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Оймахмадов Гулмахмад Нигмамадович*** *- к.э.н., доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/16. Тел.: 9185508488*

***Сафаров Шукрулло*** *- ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/16. Тел.: +992372362548*

*В данной статье отражены текущие и будущие особенности организации бюджетно-налоговой политики в регионах Республики Таджикистан во взаимосвязи с Национальной стратегией развития Республики Таджикистан до 2030 года, стратегией управления государственными финансами до 2030 года и стратегиями регионального развития для достижения долгосрочных целей. Авторы отмечают, что в связи с неразвитостью инфраструктуры регионов в социальной сфере и уровня привлечениия туристов, бюджетно-налоговая политика с учетом ограниченных финансовых ресурсов направлена на решение вышеуказанных проблем. В то же время было отмечено, что регионы из-за ограниченности финансовых ресурсов не проявляют инициативу при выборе инвестиционных проектов. По мнению авторов, внутрирегиональные финансовые ресурсы и их сосредоточения в распоряжении местных бюджетов за счет доходов местных предпринимателей по определенным минимальным нормам с сохранением их целевого использования на развитии промышленности регионов.*

***Ключевые слова:*** *региональная налогово-бюджетная политика, региональная инфраструктура, финансовые ресурсы, учет, инвестиционные проекты, местный бюджет, предпринимательство, финансовые инновации, мультипликатор, криптовалюта, социальная защита, распределение доходов.*

## REGIONAL BUDGET AND TAX POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Oymakhmadov Gulmakhmad Nigmamadovich****, Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/16. Phone: 9185508488*

***Safarov Shukrullo****, Assistant of the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/16. Tel.:+992372362548*

*This article reflects the current and future features of the organization of fiscal policy in the regions of the Republic of Tajikistan in conjunction with the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030, the strategy for public finance management until 2030 and regional development strategies to achieve long-term goals. The authors note that due to the underdevelopment of the infrastructure of the regions in the social sphere and the level of attraction of tourists, the*

*budgetary and tax policy, taking into account the limited financial resources, is aimed at solving the above problems. At the same time, it was noted that regtons, due to limited financial resources, do not show initiative when choosing investment projects. According to the authors, intraregional financial resources and their concentration at the disposal of local budgets at the expense of the income of local entrepreneurs according to certain minimum rates while maintaining their intended use for the development of industry in the regions.*

***Key words:*** *regional fiscal policy, regional infrastructure, financial resources, accounting, investment projects, local budget, entrepreneurship, financial innovations, multiplier, cryptocurrency, social protection, income distribution.*

Даромадҳои буҷетии ҳамаи давлатҳою минтақаҳо наздики аз се як ҳиссаи ММД-ашонро ташкил диҳад ҳам, вале онҳо пурра аз таъсири омилҳои беруна ва дохила вобаста мебошанд.

Маҳдудияти ҳамаи захираҳо на танҳо боиси ҷаҳонишавии иқтисодиёту васеъшавии тақсимоти ҷамъияти меҳнат ва ташкили ҳамгироиҳои дохилиминтақавию байналхалқӣ шуданд, балки сабаби фаъолият дар асоси ҳуҷҷатҳои бо ҳам монанду тарзу усули якхелаи анҷомдиҳии амалҳои электронӣ ва пешгӯии хавфҳои иқтисодию молиявӣ бо истифодабарии назорати молиявии бо ҳам монанд гардиданд. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт, аз як тараф, бо ҳамгироиҳои бавуҷудовардааш имконияти истифодабарии навовариҳои молиявиро (криптоасъор, ҳосилаҳо, шартномаҳо), ки пулбиёрии (фузунсозии) зиёдтарро доранд, ба миён оварда бошад, аз тарафи дигар, хавфи таваррум ва пешгӯйинашавандагии вазъи бозорро бениҳоят зиёд кард. Ҳолати бавуҷудомада ба ҳаҷми ММД ва даромадҳои буҷетӣ таъсири бевосита мерасонад. Ҳол он ки даромадҳои буҷетӣ воситаи асосии такрористеҳсоли васеи ҷамъиятию интихоби афзалиятҳои инкишоф ва амалинамоии онҳо, таъмини таносубияти сармоягузориҳо ба соҳаҳои истеҳсолию хизматрасониҳо ва маблағгузориҳои ноҳияҳо, баргардондани маблағҳои қарзи берунаю дохилӣ ва пардохти фоизи онҳо ва идораи касри буҷет мебошад.

Буҷет воситаи асосии азнавтақсими даромадҳои дар он андӯхташуда ва танзими ҳолати соҳаю минтақа, қурби пул, ҳаҷм ва навъи содироти софи мамлакату ноҳияҳои он ва амалишавии афзалиятҳои дар инкишофи мамлакату ноҳияҳо пешбинишуда мебошад. Андозҳо қисми асосии даромадҳои буҷетиро таъсис медиҳанд. Онҳо зиёда аз 70% даромадҳои буҷетиро, вобаста аз модели рушди иқтисодиёт, ташкил медиҳанд. Андозҳо новобаста аз мустақиму ғайримустақим буданашон, пеш аз ҳама, аз иқтидори соҳибкориҳою даромадгирии миёнаи онҳо ва аҳолӣ, ҳосилнокии меҳнат дар соҳибкориҳо ва миқдори гардиши сармоя вобаста бошад, аз тарафи дигар, аз таъсири омилҳои дохилаю беруна вобаста аст.

Ҳаҷми даромадҳои андозӣ ба вазъи буҷету имкониятҳои ҳифзи иҷтимоию иқтисодии он, самаранокии фаъолияту нақши он дар танзими иқтисодиёт таъсири бевосита мерасонад. Бо мақсади таъмини дақиқию суботи иқтисодиёт ҳамаи давлатҳо сиёсати буҷетию андозии умумидавлатӣ ва минтақавиро таҳия намуда, иқтисодиёташонро пеш мебаранд. Сиёсати андозию буҷетии сатҳи минтақаю давлатро фарогиранда аз маҷмӯи чорабиниҳои қоидаю вазифаҳои риояшаванда доштаи субъектҳои иқтисодиёт анҷомдиҳанда иборат буда, асоси онро муайян кардани сохтори даромадҳои буҷетию тағйирдиҳии меъёри хароҷот барои давраи миёнамуҳлати дарпешистода (се сол - соли ҷорӣ ва ду соли минбаъда) ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳияи сиёсати андозию буҷетӣ вобаста ва вазъи дар бозори иқтисодию молиявии берунаю дохила бавуҷудомада бо захираҳои молиявӣ таъмин кардани раванди такрористеҳсоли васеъ ва суботи соҳибкориҳою минтақа ва мамлакат мебошад.

Сиёсати андозию буҷетии ҳамаи давлатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси афзалиятҳои барои рушди иқтисодиёт пешниҳодшуда, ки ҳолати иқтисодиёти меросгирифтаро инъикос менамояд ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[7], Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [6], Паёмҳои ҳарсолаи Президент ва таклифу пешниҳодҳои дар ҷаласаю вохӯриҳо баргузоргардида бо баҳисобгирии сатҳи миёнаи

рушди ММД ва вазифаҳои аввалиндараҷаи барои давраи миёнамуҳлат ҳалкардашаванда таҳия мегардад.

Ҳамаи сиёсатҳои иқтисодию молиявӣ вобаста бо вазифаҳои дар назди давлатҳо нисбати таъсиси сегменти бозорию рақобатпазирии соҳибкориҳояшон истода бояд бо баҳисобгирии самти инкишофи инноватсионии давлатҳои олам ва комёбгардию пешсафгардӣ дар он рақобат ба роҳ монда шавад. Асоси амалишавии сиёсати андозию буҷетиро истифодаи стратегия ва тактика ташкил медиҳад. Яъне, стратегия ва тактика дар якҷоягӣ воситаи таҳия, баррасӣ, қабул, иҷро, назорат ва ҳисоботсупорӣ оид ба даромаду хароҷотҳои буҷетӣ мебошад. Стратегияи андозию буҷетӣ баояндаи дуру миёнамуҳлати таъмини даромадҳои буҷетӣ аз ҳисоби андозҳо, пардохтҳо, сармоягузориҳои дохилаю беруна, қарзгириҳои дохилаю берунаи давлат, маблағгузориҳои барномавию грантҳо, ки мақсади амалишавии афзалиятҳои инкишофу рушди босуботи мамлакату минтақаҳои он ва идораи мамлакатро дорад, нигаронида мешавад.

Стратегияи андозию буҷетӣ дар асоси баҳисобгирии рушди миёнаи соҳибкориҳою зиёдшавии пардохти даромадҳои буҷетӣ ва муфлисшавии миёнаи онҳо бо камшавии пардохти даромадҳо ва тағйирёбиҳо дар хоҷагиҳои хонаводагӣ бояд таҳия гардад, то ки раванди такрористеҳсолро бо маблағгузориҳои буҷетӣ барои давраи стратегӣ таъмин намояд. **Тактикаи андозию буҷетӣ ин санъати бо усулҳои гуногун аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилаю беруна,** бо баҳисобгирии вазъи воқеии иқтисодиёти минтақа, мамлакат ва давлатҳои мо бо онҳо дар ҳамгироиҳои иқтисодию молиявибудаю набуда, **ҷамъоварӣ кардани даромадҳо** бо мақсади таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат барои марҳилаи миёнамуҳлат, яъне барои соли ҷорӣ ва ду соли дарпешистода мебошад.

Меъёри хароҷоти буҷетӣ ва воҳидҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт дар алоқа бо дастовардҳои илмию техникӣ ва истифодабарии маҳсули қобилияти зеҳнии инсон дар тағйирёбии доимӣ мебошанд, ки тактика онро ба ҳисоб гирифта, банақшагириҳои буҷетиро барои давраи ҷорӣ анҷом медиҳад. *Таҳияи ҳукумати электронӣ ва барномаҳои муҳосибию молиявӣ ё маблаггузориҳои барномавии буҷетӣ бо буҷетикунониҳояш аз қабили онҳо мебошанд.*

Сиёсати андозию буҷетиро вобаста ба сатҳи таҳияшавиашон ба сиёсати **минтақавию умумидавлатӣ** ҷудо менамоянд, чунки сарчашмаҳои андозию пардохтҳояшон ва сохтори барои маблағгузорӣ (хароҷоти буҷетии) пешбинишудаю миқдори объектҳои сармоягузоришавандаашон аз ҳамдигар фарқ менамояд. Сиёсати андозию буҷетии минтақавию умумидавлатӣ бо ТАМБ (минтақа) (вазорату кумитаҳо), ки дар он иштирок менамоянд ТМБ (шуъбаи маориф ва тандурустӣ дар минтақа), шуъбаҳои вазорату кумитаҳо) ва миқдори ИМБ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ менамоянд. Сиёсати буҷетӣ ба ташкили даромадҳои буҷетии бо Қонун дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳибкориҳо пешбинӣ карда, аз як тараф, сару кор дошта бошад, аз тарафи дигар, бо тағйирёбии меъёри хароҷоти буҷетӣ ва тарзҳои ҳуҷҷатгузории он (қабули ҳуҷҷатҳо бо имзоҳои электронӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои муҳосибии маблағгузории хароҷоти буҷетӣ) сару кор дорад. Мақсади асосии сиёсати буҷетии мазкур кам кардани хароҷоти буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии онҳо ва таъмин кардани шаффофияти раванди таҳия, баррасӣ, тасдиқ ва иҷрои буҷет мебошад.

Дар шароити бозор яке аз мақсадҳои таҳияи сиёсати андозию буҷетӣ ин баҳисобгирии ҳолати иҷтимоию иқтисодии рушди ноҳияҳо барои баробарнамоии инкишофи инфрасохтор ва ҷолибияти ҷалби сайёҳон ба минтақаҳо мебошад.

Вобаста ба ҳолат ва вазъи иқтисодию молиявии дар сатҳи минтақа ва давлат бавуҷудомада сиёсати андозию буҷетиро ба нарм ва сахт ҷудо менамоянд. *Сиёсати нарм* боиси вориднамоии тағйироти зиёд ба Кодекси андозу гаштаю баргашта қабул кардани он, набудани ташаббускорию эҷодкорӣ оид ба пешниҳод ва истифодабарии андозҳои нави минтақавӣ суст шудани низоми ҳисоббаробарию пардохтҳо байни субъектҳои иқтисодиёт ва ба вуҷуд омадани қарзҳои зиёди муҳлати пардохташон гузашта, суст гардидани фаъолияти соҳибкорӣ ва муҳоҷирати онҳо ба минтақаҳою давлатҳои ҳаммарз ва аз нигоҳи

молиявӣ дастнигар кардани молияи минтақаҳою зиёд шудани зуҳуроти коррупсионӣ мегардад.

*Сиёсати сахти андозию буҷетӣ* боиси кам шудани ноҳияҳои дотатсионӣ дар мувофиқа бо сатҳи бехатарӣ нисбати ММД гирифтани қарзи берунаи давлатӣ ва баргардонида тавонистани маблағи қарзи асосию фоизҳои он, аз ҳисоби захираҳои молиявии дохили пӯшонидани касри буҷет ва солимгардии молиявии иқтисодиёту фузунсозии он, болоравии ҷолибияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақаю мамлакат, болоравии имиҷи шаффофияти буҷетӣ дар арсаи байналхалқӣ, ки инъикоскунандаи пурзӯршавии масъулияти Вазорати молия нисбати идораи касри буҷету коҳиш додани хароҷоти давлатӣ мегардад. Сиёсати сахти андозию буҷетӣ пешгирикунандаи истифодабарӣ аз режими махсуси маблағгузории хароҷоти буҷетӣ (моддаҳои ҳимояшуда ва мақуфгузошташаванда) мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарӣ аз режими сахти буҷетӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҷамъоваришавии андозҳою хароҷоти он маблағҳо зарур мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ бо мақсади таъмини рушди босуботу ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ғайр аз сиёсатҳои дар боло овардашуда, аз сиёсатҳои ба даромадгирӣ ба хароҷот, ба ҳавасмандгардонӣ ва пешгирикунанда васеъ истифода карда, давлат танзими иқтисодиётро ба амал мебарорад. Ҳамаи сиёсатҳои овардашуда амалҳоро дар мувофиқа ба номашон пайгирӣ менамоянд.

*Сиёсати ба даромадгирӣ* нигаронидашуда мақсади нисбатан ҳал кардани мушкилоти маҳдудияти захираҳои молиявиро барои буҷетҳои сатҳи минтақа ва мамлакат дорад. Сиёсати мазкур даромадгириро бо роҳи тағйир додани меъёри андозҳо, каму зиёд кардани минтақаҳои озод, иваз кардани таркиби имтиёзҳо, дигаргун кардани сатҳи нархи захираҳои моддию меҳнатӣ ва хизматрасониҳо, муайян кардани ҳудуди нархи харид ва фурӯши маҳсулот аз соҳибкориҳои ватанию хориҷӣ, таъсир расонидан ба ҳудуди даромаднокии хароҷоти истеҳсолӣ, кам кардани таъсири соҳаҳои мавсимикоркунанда ва зиёд кардани миқдор ва иқтидори соҳаҳои доимокоркунанда, таҳлили миқдори гардиши воситаҳои гардони соҳибкориҳо ва тезонидани гардиш, яъне дар рӯзҳои нисбат ба пештара камтар тайёр карда фурӯхтани маҳсулоти корхонаҳо, ки вобаста ба рӯзҳои камшуда фоидагирии онҳо зиёд мешавад ва тағйирдиҳии содироти соф аз манфӣ ба мусбат. Даромади буҷети минтақаҳоро бо роҳи сармоягузорӣ ба ин ё он иншоот аз ҳисоби аҳолӣ, соҳибкорон, вилоят, давлат, ташкилотҳои байналхалқӣ, грантҳо, эҳсонкорӣ, ҷалби қарзҳо ва ғайра таъмин менамояд. Дар ҳолати ҷой доштани рушди истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳо даромадҳои буҷетӣ низ босуръат зиёд мешаванд ва муҳлати расидани барзиёдистеҳсолнамоиро ба буҳрон метезонад, ки онро бояд таҳиясозони сиёсати андозию буҷетӣ ба ҳисоб гиранд. Барои дароз кардани вақти рушди истеҳсол ва ба танзим андохтани ҳолати иқтисодиёт ба сиёсати харҷотзиёдкунанда рӯй меоранд.

*Сиёсати ба хароҷот* нигаронида мақсади сармоягузориро ба соҳаҳои алоҳидаи дар минтақаҳо ҷойгирбуда дорад. Бо зиёд кардани хароҷот истеъмолро рушд дода, майл ба пасандозро кам менамоянд. Зиёд кардани хароҷоти буҷетӣ мақсади ташкил кардани давраи нави рушдро дорад. Вале кам кардани хароҷоти давлатӣ дар фазаи депрессияи такрористеҳсол, воқеан давомнокии депрессияро зиёд менамояд, ки сиёсаттаҳиянамояндагон бояд бо баҳисобгирии он сиёсатро таҳия намоянд. Ҷудо кардани хароҷот ба доимӣ ва тағйирёбанда, на танҳо мақсади муайян намудани миқдори маҳсулоти истеҳсолшавандае, ки хароҷоти истеҳсолиашон ба даромади аз фурӯши он гирифташаванда баробар ё расидан «нуқтаи безарарӣ» мебошад, балки танзими сатҳи даромадгирии соҳибкориҳо ва ба хориҷа баровардани фаъолияти онҳо мебошад.

*Сиёсати ба ҳавасмандгардонӣ* нигаронидашудаи буҷетӣ бо ёрии сиёсатҳои ба даромадгирӣ ва ба хароҷот нигаронидашуда таъмин гардида, ҳавасмандгардонии давлат, соҳибкор, аҳолӣ ва сармоягузорони берунаро фаро мегирад. *Сиёсати пешгирикунандаи буҷетӣ,* асосан, ба кам кардани таъсири ҳодисаҳои дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ бавуқӯъомада, ки ба даромадгирии андозии буҷетӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва самаранокии амалиётии маблағҳои буҷетӣ таъсир мерасонад, нигаронида

мешавад. Ҳамаи сиёсатҳо, дар умум, батанзимандозандаю таъминкунандаи устувории минтақаҳою давлатдорӣ мебошанд.

Таҳияи сиёсати андозию буҷетии сатҳи минтақа бо баҳисобгирии ҷудошавии онҳо ба дотатсионию ғайридотатсионӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ нисбат ба таъмин буданашон бо даромадҳои андозиашону пардохтҳояшон аз якдигар фарқ менамоянд. Ҳамаи ноҳияҳо соҳиби ду сарчашмаи андозию якчанд пардохтҳо бошанд ҳам, бо сабаби сатҳи гуногуни инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ доштанашон даромадҳои буҷетиашон маблағгузории фаъолияти инфрасохтори дар ихтиёр доштаашонро таъмин карда наметавонанд. Бинобар ҳамин онҳоро ба дотатсионию ғайридотатсионӣ ҷудо менамоянд. Маблағгузории хароҷоти иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои дотатсионӣ, ба ғайр аз захираҳои молиявии буҷетии ба худи онҳо тааллуқдошта аз ҳисоби андозҳои умумидавлатии дар он минтақа ҷойдошта, ки ба он буҷетҳо қисман ё пурра вобаста карда мешаванд ё аз ҳисоби даромадҳои буҷети вилоятҳояшон ба онҳо қисман ҷудо кардани ин ё он андоз, дотатсия субвенсия ё қарзи буҷетиро пешбинӣ менамоянд. Ноҳияҳо ҳуқуқи мустақилона муаяйн кардани меъёри хароҷоти буҷетиро надоранд. Муассисаҳои буҷетии сатҳи минтақа фаъолияташонро аз ҳисоби захираҳои молиявии махсус, ки дар ҳисоби махсус ҷойгир мебошанд, метавонанд ба роҳ монанд ва аз ин ҳисоб меъёри хароҷотро тағйир диҳанд. Мушкилоти бо захираҳои молиявии худӣ таъмин будани буҷетҳои ноҳияро танҳо рушди соҳибкориҳою хизматрасониҳо бо саноатигардонии минтақаҳо дар мувофиқа бо якдигар ҳал карда метавонад. Самаранокии сиёсати андозию буҷетии минтақаҳоро бо мусоидати он ба рушди инфрасохтори зарурии минтақавӣ ва камхарҷнамоии фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ баҳо медиҳанд. Самтҳои муҳимтарини сиёсати буҷетиро афзалиятҳои дар стратегияи миллии рушд пешбиникарда бо баҳисобгирии вазъи иқтисодиёт аз таъсири омилҳои берунаю дохила муайян кардаанд. Самтҳои муҳимтарини сиёсати буҷетӣ инҳо мебошанд:

- бо истифода аз методҳои гуногун дарёфт кардани захираҳои нави даромадҳои буҷетӣ ва ҷамъоварӣ намудани онҳо (андозҳо, пардохтҳо, сармоягузориҳо, қарзҳои дохилаю беруна, грантҳо, эҳсонкориҳо ва ғ.);
- дар мувофиқа бо меъёрҳо ба амал баровардани уҳдадориҳои буҷетӣ;
- мусоидат ба камшавии камбизоатии аҳолӣ;
- идораи самараноки касри буҷет ва қарзи давлатӣ.

Самаранокии самти сиёсати буҷетиро, аввало, мустаҳкам гардидани молияи давлатӣ ва ба нархи сабади истеъмолӣ баробар шудани хароҷоти бахши иҷтимоии буҷетӣ ва фондҳои мақсаднок инъикос намояд, сонияи онро амалишавии комплексии афзалиятҳои инкишоф инъикос менамояд. Солимгардонии ҳолати иқтисодиёт ва идораи касру профитсити буҷетӣ низ инъикоснамояндаи самаранокии сиёсати андозию буҷетӣ дар сатҳи минтақа ва давлат мебошад. Пояи самаранокии сиёсати буҷетиро на расман кам кардани касри буҷету минтақаҳои дотатсионӣ инъикос менамояд, балки ҳал намудани муаммоҳои бо касри буҷет ва минтақаҳои дотатсионӣ алоқаманд бо фароҳамории шароити мусоид барои сармоягузориҳо ба иқтисодиёти минтақаю ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии истеҳсолию хизматрасониҳо, бартараф кардани монеаҳои рушди фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ, зиёд намудани истифодабарии барномаҳо ва камхарҷ кардани идораи иқтисодӣ нишон медиҳад. Бо саноатигардонии минтақавию давлатӣ мо бояд чорабиниҳоеро амалӣ намоем, ки (минтақаҳои озод, имтиёзҳои андозию гумрукӣ, равзанаи ягонаи бақайдгирии соҳибкориҳо ва ҷудо кардани қитъаҳои замин, бо нархҳои гуногун ба соҳибкориҳои ватанию хориҷӣ пешниҳод кардани захираҳои моддию молиявӣ ва меҳнатӣ, ки мақсади таъмини даромаднокии миёнаю рақобатпазирии фаъолияти хоҷагидориҳоро доранд, нархҳои гуногуни харид ва фурӯши молу маводи соҳибкориҳо тайёр карда ва ғ.) сармоягузориҳои ватанию хориҷиро ба иқтисодиётамон таъмин карда, даромадҳои буҷетиро ғанӣ гардонад ва ба замми ин, ба кам шудани меъёри хароҷоти маблағҳои буҷетӣ мусоидат намояд. Сиёсати андозию буҷетии имрӯза на танҳо ба такмили Кодекси андозу андозбандии он, балки ба тағйирдиҳии ҷойи объектҳои андозбандӣ ва гузаронидани онҳо ба ҷои анҷомдиҳии амалиёт нигаронида шудааст.

Самти дигари такмили сиёсати андозию буҷетӣ ба ташкили биржаҳои фондӣ дар вилоятҳо бо мақсади дарёфти объектҳои нави андозбандӣ ва ба доираи васеи фаъолият ворид намудани корхонаю хизматрасониҳо мебошад.

Самти навбатии сиёсати андозию буҷетӣ аз пинҳонфаъолиятӣ баровардани соҳибкориҳо ва мувофиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ муайян карда, муфлис эълон кардани субектҳои иқтисодиёт ва кам кардани зуҳуроти коррупсионӣ мебошад.

Эмиссияи назоратшавандаи пулу коғазҳои қиматнок ва миёнаравии бонкҳо дар ин амалиёт бояд на танҳо таъсисдиҳандаи даромадҳои буҷетӣ бошад, балки ба самти муҳими сиёсати андозию беҷетӣ табдил ёбад.

**Адабиёт**


1. Буҷет ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ПИТ «Молияи ҶТ», 2014.
2. Каримова М.Т. Роҳнамои буҷути Ҷумҳурии Тоҷикистон /М.Т. Каримова, Ф.М. Мӯминова, Ш.К. Соҳибов. Душанбе, 2012. - 188 с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2012.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020».
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 2011.
6. Стратегия идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018.
7. Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030. Душанбе, с. 2016.
8. Оймаҳмадов Г.Н. Молия / Г.Н.Оймаҳмадов. - Душанбе, 2020. - 300 с.


**УДК: 336.64**

## ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Мирзоева Евгения Шуҷоатбековна*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 7340667, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 985 02 22 24; evgeniya-2385@mail.ru*

***Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич*** *– ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992)202448383; amirov@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон таҷрибаи хориҷии идоракунии хавфҳои молиявиро дар корхонаҳои саноатӣ баррасӣ намудаанд. Тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо (НҲИХ) тамоми самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳоро фаро мегирад. Дар аксари корхонаҳои саноатӣ низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо рӯйдодҳои берониро дар бар мегирад ва бо идоракунии амалиётӣ, молия ва технологияҳои иттилоотӣ зич алоқаманд аст. Ин маънои онро дорад, ки низоми идоракунии хавфҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди қабули қарорҳои стратегӣ шудааст. Пас аз муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи НҲИХ дар низоми умумии идоракунии корпоративӣ, муаллифон ба ҷанбаҳои амалии татбиқи он таваққуф карданд. Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ низоми ҳамгироии идоракунии хавфҳо муаллифон тавонистанд тафсири мафҳуми идоракунии хавфи молиявиро маънидод намоянд. Идоракунии хавфҳои молиявиро дар корхонаҳои саноатӣ метавон ҳамчун як қисми низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо муайян кард, ки ба нигоҳ доштани фаъолияти муътадили корхона тавассути тадбирҳо оид ба коҳиш додани таъсири манфии хавфҳои нарх, таваррум, асъор, андоз ва танзим нигаронида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хавф, хавфи молиявӣ, корхонаҳои саноатӣ, низоми ҳамгироии идоракунии хавфҳо, стандартҳои идоракунии хавфҳо, идоракунии стратегӣ, идоракунии корпоративӣ, корпоратсия.*

## МИРОВОЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

***Мирзоева Евгения Шуджоатбековна*** *– к.э.н., доцент кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)985022224; evgeniya-2385@mail.ru*

***Амиров Мухаммадшариф Савзаевич*** *– ассистент кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 202448383; amirov@mail.ru*

*В данной статье авторы рассмотрели зарубежный опыт управления финансовыми рисками на промышленных предприятиях. Исследование показывает, что Интегрированная система управления рисками (ИСУР) охватывает все основные направления деятельности предприятия. На большинстве промышленных предприятий интегрированная система управления рисками тесно связана с операционным, финансовым и информационным управлениями. Это означает, что система управления рисками стала неотъемлемой частью процесса принятия стратегических решений. Определив роль и место ИСУР в общей системе корпоративного управления, авторы сосредоточились на практических аспектах её реализации. Таким образом, на основе изучения зарубежного опыта интегрированной системы управления рисками авторы смогли интерпретировать понятие управления финансовыми рисками. Управление финансовыми рисками на промышленных предприятиях можно определить как часть комплексной системы управления рисками, направленной на поддержание стабильной работы предприятия посредством мероприятий по снижению негативного влияния ценового, инфляционного, курсового, налогового и регуляторного рисков.*

***Ключевые слова:*** *риск, финансовый риск, промышленные предприятия, интегрированная система управления рисками, стандарты управления рисками, стратегическое управление, корпоративное управление, корпорация.*

## GLOBAL EXPERIENCE OF FINANCIAL RISK MANAGEMENT IN INDUSTRIAL ENTERPRISES

***Mirzoeva Evgeniya Shujoatbekovna*** *– Candidate of Economic sciences, associate professor Department of Financial Management, Tajik State Financial and Economic University. 734067, Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Tel.: (+992)985022224; Email: evgeniya-2385@mail.ru*

***Amirov Muhammadsharif Savzaevich*** *–assistant Department of Financial Management, Tajik State Financial and Economic University. 734067, Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Tel.: (+992) 202448383; amirov@mail.ru*

*In this article, the authors reviewed foreign experience in managing financial risks in industrial enterprises. The study shows that the Integrated Risk Management System (IRMS) covers all the main areas of the enterprise's activities. In most industrial enterprises, the integrated risk management system includes external events and is closely related to operational, financial and information management. This means that the risk management system has become an integral part of the strategic decision-making process. Having defined the role and place of the ODIHR in the overall system of corporate governance, the authors focused on the practical aspects of its implementation. Thus, based on the study of such experience of an integrated risk management system, the authors were able to interpret the concept of financial risk management. Financial risk management at industrial enterprises can be defined as part of a comprehensive risk management system aimed at maintaining the stable operation of an enterprise through measures to reduce the negative impact of price, inflation, exchange rate, tax and regulatory risks.*

***Key words****: risk, financial risk, industrial enterprises, integrated risk management system, risk management standards, strategic management, corporate governance, corporation.*

Фаъолияти соҳибкории корхона дар ҳамаи шаклҳои он бо хавфҳои зиёд, аз ҷумла бо хавфҳои молиявӣ алоқаманд мебошад, зеро ки таъсири онҳо ба натиҷаҳои хоҷагидорӣ дар ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва пурзӯр шудани мавқеи бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва миллӣ меафзояд. Хавфи молиявӣ бо зудтағйирпазирии ҳолати иқтисодӣ дар мамлакат ва вазъи бозори молияви ҷаҳонӣ, доираи васеи муносибатҳои молиявӣ ба вуҷуд омадани технология ва воситаҳои муосир, инчунин, аз дигар омилҳо вобастагӣ дорад ва зарурати идоракунии онҳоро талаб мекунад.

Идоракунии хавфҳои молиявӣ, дар баробари дигар амалиёти молиявӣ, омили калидии баландбардорӣ ва нигоҳдории устувори молиявӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мебошад. Таҳлилҳо ва таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амалишавии хавфҳои молиявӣ боиси коста шудани ҳолати молиявӣ ва сипас таъсири манфии он низ ба дигар самтҳои фаъолияти корхонаҳо, инчунин, истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ таъсири афзункунанда дорад.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки робитаи байни падидаҳои гуногун мураккабтар мегардад, идоракунии босамари хавф на танҳо муваффақият, балки пешгирии муфлисшавии корхонахоро муайян мекунад. Имрӯз хавфҳои глобалӣ, яъне хавфҳоеро, ки аз ҷониби ширкатҳои алоҳида идора карда наметавонанд, аҳамияти хосса доранд [2, с.134].

Олими норвегиягӣ Рейдар Братволд қайд мекунад, ки дар пасманзари рӯйдодҳои охири ҷаҳонии иқтисодӣ ва сиёсӣ поин рафтани нархи нафт, азнавтақсимоти гардиши савдо, тағйирёбии тавозуни неруҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, таҳримҳо, буҳрони юнонӣ, ноустувории бозори саҳомии Чин ва ғайра - қабули қарорҳои мутавозини идоракунӣ ва арзёбии хавфҳо махсусан муҳим мешаванд. Ба ақидаи ӯ, қабули қарорҳо ва арзёбии иқтисодӣ бояд пай дар пай ва мунтазам ба назар гирифта шавад, ин омилҳои номуайянӣ мебошанд [4, с. 16]. Ба ақидаи мо, "омилҳои номуайянӣ" аз равандхои тағйирёбии зуд-зуди нархи маҳсулот, асъори хориҷӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, маблағҳои буҷетӣ ва ғайраҳо вобастагии зич дорад.

Тибқи таҳқиқоти умумиҷаҳонии хазинадорӣ, ки аз ҷониби ширкати Британияи Кабир Pricewaterhouse Coopers дар байни роҳбарони хазинадорӣ ва шуъбаҳои молиявии 220 ширкати бузурги дорои ҳузури ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, дар замони муосир "идоракунии хавфҳои молиявӣ" дар рӯйхати масъалаҳои муҳимтарин ҷойи сеюмро ишғол мекунад, ки ширкатҳо дар фаъолияти молиявии худ рӯ ба рӯ мешаванд [14].

Бо вуҷуди ин, ҳадди ақал дар байни иқтисодчиёни бозори молиявӣ, дар бораи он ки идоракунии хавфҳои молиявӣ ба натиҷаҳои фаъолияти ширкат то чӣ андоза таъсир мерасонад, ақидаи якдилона вуҷуд надорад. Иқтисоддонҳои машҳури амрикоӣ, барандагони Ҷоизаи Нобел, Франко Модиляни ва Мертон Миллер дар асари бо номи «Таъсир нарасидани хеҷкунӣ ба арзиши ширкат» дар он ақидаанд, ки хеҷкунии молиявӣ ба арзиши ширкат таъсири назарраси мусбат намерасонад [13, с.8].

Ба ақидаи И.Р. Иброҳимзода: "таснифоти универсалии хавфи молиявӣ дар адабиёти иқтисодӣ вуҷуд надорад, яъне ҳар як хавфи молиявӣ дар шароити муайян ба миён меояд ва мақсадҳои онҳо хеле гуногунанд. Инчунин, муттаҳид кардани онҳо қариб ғайриимкон аст" [1, с.314].

Р.Х. Содиқов, ҳамзамон, хавфҳои корхонаҳои саноатиро таҳқиқ намуда, онро чунин шарҳ додааст: «Хавфҳои корхонаҳои саноатӣ ин эҳтимолияти талафоти қисми даромадҳои корхона, ё ин ки хароҷоти иловагӣ дар натиҷаи татбиқи фаъолияти молиявию истеҳсолӣ мебошад» [5, с.63].

Ҷамъбасти андешаҳои кунунӣ ва таҷрибаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ оид ба идоракунии хавфҳо нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани низоми самараноки идоракунии хавфҳо ба онҳо имкон медиҳад натиҷаҳои молиявӣ ва дигар самтҳои фаъолияти онҳо беҳтар гардад, аз ҳисоби:

-кам кардани хароҷот вобаста ба пайдоиши мушкилоти молиявӣ (буҳронҳо);

-баланд бардоштани дараҷаи эътимод ба ширкат;

-кам кардани хароҷоти мониторингӣ ва пешгирии хавфҳо;

-таъмини манбаъҳои устувори молиявии берунӣ ва дохилии маблағгузорӣ, дар натиҷа арзиши умумии сармоя кам карда шавад ва ғайра.

Омӯзиши раванди ҷорӣ намудани низоми идоракунии хавфҳо дар бахши корпоративӣ дар сатҳи глобалӣ, алалхусус дар мамлакатҳои тараққикарда, идоракунии хавфҳои молиявиро ҳамчун як ҷузъи асосии идоракунии молиявӣ ва стратегии корпоратсияҳо арзёбӣ мекунад. Бо назардошти ин, бояд таҷрибаи беҳтарини корпоративӣ, равишҳои асосии бунёди низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо, ки ба стандартҳои байналмилалӣ асос меёбад, баррасӣ карда шавад ва имкониятҳои ҷорӣ намудани онҳо дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гарданд. Ин масъалагузорӣ барои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон бо назардошти гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ

ба модели индустриалӣ- аграрӣ бо такя ба рушди соҳаҳои саноатӣ дар солҳои 2021-2030 аҳамияти аввалиндарҷа дорад.

Таҳлили гузаронида нишон медиҳад, ки ҳам дар сатҳи глобалӣ ва ҳам дар саҳти иқтисодиёти миллӣ дар бахши молиявӣ-бонкӣ маҷмуи стандартҳои идоракунии хавфҳо коркард ва ҷорӣ шудаанд, инчунин, бо истифодаи стандартҳои «Базел» ва хавфҳои молиявӣ ҳам дар сатҳи макро ва ҳам микро танзим карда мешавад.

Дар давлатҳои тараққиёфта кӯшишҳои пайваста барои танзим ва стандартикунонии раванди идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои ғайримолиявӣ муддати тӯлонӣ пайваста анҷом дода мешаванд ва ҷорӣ кардани онҳо дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ низ барои боло бурдани сатҳи рақобатпазирии онҳо кумак мерасонад, барои рушди ҳам самти истехсолӣ ва ҳам самтҳои молиявию сармоягузорӣ. Зарурати махсусан тезутунд ба ҳамин гуна танзим дар ҳоле ба миён омад, ки ҷаҳони корпоративӣ бо як қатор ҷанҷолҳо ва муфлисшавӣ, аз ҷумла бо камбудиҳо (ё тамоман набудани) механизмҳои паст кардани хавфҳои молиявӣ, дар раванди ҷорӣ намудани назорати дохилӣ ва берунӣ алоқаманд буд.

Дар ин раванд, масалан, ҷорӣ намудани комплекси стандартҳои байналмилалии ISO31000 «Стандартҳои идоракунии хавфҳо», ки аз ҷониби Институти Аврупоии идоракунии хавфҳо таҳия шудаанд, инчунин, модели ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳои COSO ҷолиби омӯзиш ва ҷорисозӣ дар корхонаҳои ватанӣ мебошад. Дар ин асос, пеш аз ҳама, бояд ба стандартҳои умумии корпоративӣ таваҷҷуҳ кард, ки ҳадди аксар фарогирии хавфҳои дорои хусусияти гуногунро, инчунин молиявиро доранд. Ин рӯйхат метавонад, инчунин фарогири идоракунии хавфҳои муҳити зист, бехатарии кормандон ва амнияти иттилоотӣ низ дар бар гирад. Ҷорӣ намудани стандарти ISO31000 боиси ба танзим даровардани равиш, инфрасохтор ва равандҳои идоракунии хавфҳоро дар ҳама гуна ташкилот, новобаста аз андоза, фаъолият ё бахш муайян мекунад. Истифодаи он барои кумак расонидан ба субъектҳои иқтисоди миллӣ «барои баланд бардоштани эҳтимолияти ноил шудан ба ҳадафҳо, беҳтар кардани муайянкунии имкониятҳо ва таҳдидҳо, тақсим ва истифодаи самараноки захираҳо барои идоракунии хавфҳо имконият дода, инчунин, боиси баланд шудани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мешавад» [10, с.3].

Дар ин раванд идоракунии хавфҳо на як намуди мустақили фаъолияти корхонаҳо, балки як ҷузъи идоракунӣ ва қисми ҷудонашавандаи тамоми равандҳои ташкилӣ, аз ҷумла банақшагирии стратегӣ мебошад [3, с.6]. дар раванди ҷорӣ намудани стандарти дар боло зикр гардида, дар корхонаҳои саноатӣ моделҳои гуногунро барои тавсиф ва пешгирии хавфҳо омода карда мешаванд, аз ҷумла, коркард ва истифодаи чунин олот ба монанди “харитаи хавфҳо” барои танзими ин раванд. Лекин, стандарти ISO31000 асосан хавфҳои амалиётӣ ва технологиро фаро гирифта, фарогирии хавфҳои молиявиро маҳдуд арзёбӣ мекунад. Дар ин стандарт хавфҳои молиявӣ, инчунин оқибатҳои молиявии ҳама гуна намуди дигари хавф ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд. Аксарияти корхонаҳои саноатии ҷаҳонӣ пайваста барои мутобиқат ба талаботи идоракунии сифат, стандартҳои экологӣ ва бехатарии саноатӣ ISO9001/ISO14000/ OHSAS18001 сертификатсия карда мешаванд. Бо дарназардошти аҳамияти хавфҳои иттилоотӣ корхонаҳои саноатӣ талаботи стандартҳои амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла стандарти ISO/IEC 23000-ро фаъолона татбиқ мекунанд. Шояд бо ҳамин сабабҳо стандарти ISO31000 дигар ҷой надорад ва дар низоми идоракунии корпоративӣ ва имрӯз хусусияти тавсиявӣ дорад. Бо вуҷуди ин, тибқи натиҷаҳои таҳқиқоте, ки аз ҷониби ширкати амрикоии Aberdeen Group гузаронида шудааст, 45% ширкатҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ ISO31000-ро ба ин ё он дараҷа ҳамчун унсури низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо истифода мебаранд [11].

Стандартҳои идоракунии хавфҳо аз ҷониби Институти идоракунии хавфҳо дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи менеҷерони хавфҳои Аврупо (FERMA) таҳия шудаанд. Институти идоракунии хавфҳо ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки таҷрибаҳои беҳтарини идоракунии хавфҳоро таҳлил ва ҷамъбаст ва стандартҳои дахлдорро таҳия мекунад.

Таърихан «Стандартҳои идоракунии хавфҳо» пеш аз стандарти ISO пайдо шудаанд, бинобар ин аз бисёр ҷиҳат ин ҳуҷҷатҳо ба ҳам мувофиқанд. Таҳиякунандагони стандартҳо аз он бармеоянд, ки «идоракунии хавфҳо қисми марказии идоракунии стратегии ташкилот

мебошад» раванди доимӣ ва таҳаввулшавандае мебошад, ки рушди ташкилотро дар ҳаракат ҳамроҳӣ мекунад» [15, с.21].

Дар муқоиса бо ISO31000, «Стандартҳои идоракунии хавфҳо» бо муҳити молиявӣ робитаи бузург доранд ва дорои ҳама унсурҳои заруриро барои татбиқи онҳо дар амалияи корпоратсияҳо дар бар мегиранд. Аммо, ба монанди ISO31000, онҳо бештар тавсифи назариявии низоми идоракунии хавфҳо боқӣ монданд ва дар ҷаҳони корпоративӣ қабули васеъ пайдо накарданд. Бинобар ин, мувофиқи чунин стандартҳо маҷмуи вазифаҳое, ки дар назди низоми идоракунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ ҷой дорад, инчунин муайян кардани хавфҳо, арзёбӣ, таҳлил ва таҳияи чораҳои сабук кардани шиддати онҳо муайян гардидаанд.

Бинобар ин, консепсияи низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо ё идоракунии хавфҳои корхона (ERM) аз соли 1980 асри XX сарчашма мегирад, холо дар аксари корхонаҳои хурду миёна ҷорӣ карда шудааст. Ин низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо (НҲИХ), ки сохтори ташкилӣ ва методологиро дар корхонаҳо ҷорӣ карда мешавад, инчунин маҷмуи принсипҳо, усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои идоракунии хавфҳоро дар алоқамандӣ танзим мекунад. Дар ҷорӣ ва истифодаи он шӯрои директорон, роҳбарият ва кормандон фаъолона иштирок мекунанд ва он қисми ҷудонашавандаи стратегияи умумии рушди ширкатро ташкил медиҳад. Ҷорӣ кардани НҲИХ, аз як тараф, барои муайян ва пешгирии хавфҳое, ки рух додани онҳо метавонад таъсири манфии молиявӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, ба идоракунии хавфҳо бо назардошти дараҷаи таҳаммулпазирии саҳмдорон ва имконпазирии иқтисодӣ нигаронида шудааст [7].

Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар давоми 30 соли охир низоми НҲИХ дар бахши корпоративӣ дар се самти асосӣ рушд кардааст:

- якум, бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи идоракунии корпоративӣ ва назорати дохилӣ мебошад, ки низ танзими хавфҳоро дар бар мегирад. Инчунин, барои барқарор кардани эътимоди бозорҳои молиявӣ ба бахши корпоративӣ пас аз як қатор ҷанҷолҳои пурсарусадо, аз ҷумла бузургтарини корхонаҳои саноатӣ пешбинӣ шуда буданд.

- дуюм, ҳамчун вокуниши корхонаҳо ба пайдоиши стандартҳои нави байналмилалӣ, ки бехатарии молиявии истеҳсолот, инчунин, идоракунии хавфҳои муҳити зистро танзим мекунанд;

- сеюм, бо сабаби афзоиш ва калавиши тағийрёбии нархи маҳсулот, воситаҳои молиявӣ, ки ба нишондиҳандаҳои амалиётӣ, молиявӣ ва фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар тамоми сатҳҳои занҷири арзиш таъсири манфӣ расониданд, зарурати такмил додани усулҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва ҷустуҷӯи воситаҳои нави кам кардани хавфҳоро пешакӣ муайян кард [4, с.142].

Дар давраи рушди босуръати бозорҳои молиявӣ ва пайдоиши технологияҳои нави молиявӣ, идоракунии хавфҳои молиявии корхонаҳо ба сармоягузорон таъсири шадид мерасонад. Дар охири солҳои 80-ум Комиссияи ҷамъиятии Амрико (COSO Treadway) стандартҳои нави назорати дохилии идоракунии корпоративиро пешниҳод кард [8, с.1]. Ин ташаббус дар тамоми чаҳон паҳн шуд, вале дере нагузашта муаммоҳои наве пайдо шуданд, ки бо паҳн шудани амалияи ба ном «молияи эҷодӣ» алоқаманданд. Модели COSO ба ҷузъҳои бо ҳам алоқаманди раванди идоракунии хавфҳо асос ёфтааст, ки дар расми 1 дар шакли мураккаби COSO (COSO Cube) оварда шудааст [6].




**Расми 1. Ҷузъҳои низоми идоракунии хавфҳо дар модели COSO**

***Манбаъ:*** *Идоракунии хавфҳои корхона. Модели ҳамгирои Deloitte дар ҳамкорӣ бо Институти аудиторҳои дохилӣ (версияи русӣ). [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ:* *https://www.aoosk.ru/about/vnutrenniy-kontrol-upravlenie-riskami/D%20COSO%20UR.pdf* *(санаи дастрасӣ: 20.12.2021).*

Истифодаи куб хамчун воситаи қулайи визуалии графикии низоми идоракунии хавфҳо дар ҳама сатҳҳои ширкатҳои саноатӣ таъмин карда шуда, ҳадафҳои стратегии онҳоро бо алоқамандӣ бо сохторҳои ташкилӣ ва идоракунии он пайваст мекунад. Консепсияи модели ҳамгироии COSO, фаъолиятҳои марбут ба идоракунии хавфҳо барои ҳалли вазифаҳои зерин равона мекунад [7, с. 2]:

-такмил додани раванди қабули қарорҳо барои мутаассир ба хавфҳои пайдошаванда;

-муайян намудани дараҷаи хавф мутобиқи стратегияи рушд;

-кам кардани шумораи ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва талафоти фаъолияти иқтисодӣ;

-идоракунии тамоми маҷмуи хавфҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ;

-истифода бурдани имкониятҳо;

-истифодаи оқилонаи сармоя.

Ҷузъҳои асосии раванди идоракунии хавфҳо, ки ин консепсияро ташкил медиҳанд, дар ҷадвали 1 тавсиф карда шудаанд.

**Ҷадвали 1. - Ҷузъҳои асосии идоракунии хавфҳои модели ҳамгироии COSO**

| ҶУЗЪҲО | МАЗМУНИ ҶУЗЪҲО |
|---|---|
| Муҳити дохилӣ | Муайян мекунад, ки чӣ гуна хавф аз ҷониби кормандони ташкилот қабул карда мешавад, аз он ҷумла фалсафаи идоракунии хавфҳо, risk appetite (Консепсияи хавф-иштиҳо), арзишҳои ахлоқиро дар бар мегирад. |
| Муайян кардани ҳадаф | Раванди идоракунии хавфҳо кафолати «оқилона» медиҳад, ки роҳбарияти ширкат раванди дуруст ташкилшуда барои интихоб ва гузоштани ҳадафҳо дорад ва ин ҳадафҳо бо рисолати ташкилот ва сатҳи хавф - иштиҳои он мувофиқанд. |
| Муайян кардани рӯйдодҳо | Рӯйдодҳои дохилӣ ва беруние, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилот таъсир мерасонанд, бояд бо назардошти тақсимоти онҳо ба хавфҳо ё имкониятҳо муайян карда шаванд. Имкониятҳо бояд аз ҷониби роҳбарият ҳангоми ташаккули стратегия ва муайян кардани ҳадафҳо ба назар гирифта шаванд. |

| | |
|---|---|
| Арзёбии хавфҳо | Хавфҳо бо назардошти эҳтимолият ва таъсири онҳо таҳлил карда мешаванд, то муайян кунанд, ки дар робита ба онҳо чӣ гуна амалҳо бояд андешида шаванд. |
| Мутаассир шудан ба хавфҳо | Роҳбарият як усули мутаассир ба хавфҳоро интихоб мекунад; канорагирӣ аз хавф, қабул, кам кардан ё аз нав тақсим кардани хавф, таҳияи як қатор тадбирҳое, ки имкон медиҳанд, ки хавфи муайяншуда ба сатҳи қобили қабули хавф ва «иштиҳо» ба хавф мутобиқ карда шавад. |
| Воситаи назорат | Сиёсат ва расмиёт барои таъмини кафолати «оқилона» дар бораи самаранок ва саривақтии мутаассир ба хавфҳои пайдошуда тарҳрезӣ ва муқаррар карда мешаванд. |
| Иттилоот ва робита | Маълумоти зарурӣ дар чунин шакл ва муҳлати муайян, сабт ва интиқол дода мешавад, ки ба кормандон имкон медиҳад, ки вазифаҳои функсионалии худро иҷро кунанд. |
| Мониторинг | Тамоми раванди идоракунии хавфҳои ташкилот назорат карда мешавад ва дар ҳолати зарурӣ ислоҳ карда мешавад. |

***Манбаъ:*** *Идоракунии хавфҳои корхона. Модели ҳамгирои Deloitte дар ҳамкорӣ бо Институти аудиторҳои дохилӣ (версияи русӣ). [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ: https://www.aoosk.ru/about/vnutrenniy-kontrol-upravlenie-riskami/D%20COSO%20UR.pdf (санаи дастрасӣ: 20.12.2021).*

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистон дар корхонаҳои саноатӣ бояд корҳои хеле зиёд гузаронида шавад бо мақсади расидан ба сатҳи низоми самараноки танзими хавфҳои молиявӣ, ки ҳоло коста буда, ҳолати пасти рақобатпазирии онҳо нисбат ба корхонаҳои хориҷӣ асос мебошад.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки бо назардошти пешравиҳо, НҲИХ як қатор маҳдудиятҳо дорад. Аз ҷумла хавфҳое ҳастанд, ки ба оянда тааллуқ доранд, ки ба таври пешфарз номуайян аст, ҳатто идоракунии самараноки хавфҳо ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхонаро кафолат дода наметавонанд [8].

Оид ба таъсири хавфҳои беруна ба фаъолияти ширкатҳои саноати таҳқиқоти Донишгоҳи амрикоии Сент Ҷон (соли 2015) ҳамчун ангезаи асосии татбиқи НҲИХ гузаронида шудааст [9]. Дар байни сабабҳои дигар пайдоиши хавфҳои молиявӣ таъсири шӯрои директорон (воқеан соҳибони ширкат) низ нақши муҳим мебозад.

Яке аз калонтарин ширкатҳои аудитории ҷаҳон Deloitte дар бораи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мунтазам таҳқиқот мегузаронад. Дар охирин таҳқиқоти иктишофии хавфҳо дар соҳаи саноат (ERM Benchmark Survey, Deloitte), Deloitte, инчунин, ба зарурати татбиқи НҲИХ дар таҷрибаи ширкатҳо таваҷҷуҳ мекунад [12]. Ҳамчун сабабҳои аслӣ татбиқҳо ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишудаи амалиётӣ ва зарурати риояи талаботи танзимкунандаро нишон медиҳанд. Хусусияти ҷолиби натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки ин ҳолати идоракунии хавфҳо фаъол аст. Ба ибораи дигар, ширкатҳо на танҳо ба таҳдидҳои беруна ва ҳодисаҳои дохилӣ мутаассир мешаванд, балки стратегияи рушдро дар асоси арзёбӣ ва таҳлили омилҳои хавф ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти Deloitte чунин ҷанбаҳои муҳими низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо, аз қабили муносибати он бо дигар соҳаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бо назардошти таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ ба таври муфассал ошкор карда шудааст (Расми 2).

Тавре ки расми 2 нишон медиҳад, НҲИХ тамоми самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳоро фаро мегирад. Дар аксари корхонаҳои саноатӣ низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо рӯйдодҳои бероуниро дар бар мегирад ва бо идоракунии амалиётӣ, молия ва технологияҳои иттилоотӣ зич алоқаманд аст. Ин маънои онро дорад, ки низоми идоракунии хавфҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди қабули қарорҳои стратегӣ шудааст.




**Расми 2. Сатҳи воридшавии НҲИХ ба дигар соҳаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ,%**

***Манбаъ**: Маълумоти хафвхо дар соҳаи энергетика ва захираҳо (ERM Benchmark Survey, Deloitte) [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: [https://www2.deloitte.com/global/en/industries/energy-resources-industrials.html](https://www2.deloitte.com/global/en/industries/energy-resources-industrials.html) (санаи дастрасӣ: 24.12.2021).*

Идоракунии хавфҳо дар байни сатҳҳои гуногуни роҳбарияти корхона (корпоратсия) тақсим карда мешавад. Сатҳи асосии идоракунӣ дар сатҳи олӣ қарор дорад, ки дар он қарорҳои асосӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди НҲИХ қабул карда мешаванд. Дар ин ҷо, ҳамчунин, вазифаҳои назорати умумӣ ва арзёбии самаранокии тадбирҳоеро, ки ба кам кардани хавфҳо нигаронида шудаанд, амалӣ менамояд.

Дар баробари ин, баъзе аз вазифаҳои идоракунии хавфҳо ба сатҳи воҳидҳои тиҷоратӣ вогузор карда мешаванд, ки аз ҷиҳати идоракунии хавфҳо салоҳияти бештаре доранд, ки танҳо ба намудҳои фаъолияти онҳо хосанд.

Таъсири низоми идоракунии хавфҳо ба бахшҳои гуногуни фаъолияти 238 корхонаи саноатӣ дар таҳқиқоти ташкилоти амрикоии Aberdeen Group арзёбӣ карда шудааст. Он робитаи байни дараҷаи камолоти низоми идоракунии хавфҳо ва меъёрҳои муайяншудаи фаъолиятро пайгирӣ мекунад (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Ҷорӣ намудани низоми идоракунии хавфҳо дар таҷрибаи идоракунии корхонаҳои саноатӣ**

| ТАШАККУЛИ НИЗОМ | "ПЕШОҲАНГ" | «АҚИБМОНДА» |
|---|---|---|
| Низоми ягонаи таҳлили ҳама намудҳои хавф вуҷуд дорад. | 37 | 20 |
| Таҳлили хавф як қисми раванди қабули қарорҳо мебошад. | 39 | 8 |
| Идоракунии хавфҳо ба равандҳои асосии корпоративӣ ворид карда шудааст. | 50 | 24 |
| Идоракунии хавфҳо як қисми фарҳанги корпоративӣ мебошад. | 44 | 16 |

*Манбаъ: Таъмин намудани саноати энергетикии оянда тавассути кам кардани хатар (Гурӯҳи Абердин) [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ:*

*ttps://enablon.com/reports/aberdeen-powering-the- energy-industry-of-the-future-by-mitigating-risk (санаи дастрасӣ: 24.12.2021).*

Раванди ҳаррӯзаи идоракунии хавфҳо ба муайян кардани хавфҳо ва ба таври бехатар амалӣ намудани тамоми амалиёт бо назардошти талаботи қонунгузорӣ ва стандартҳои дохилӣ нигаронида шудааст. Идоракунии хавфҳои стратегӣ ва тиҷоратӣ вазифаҳои асосии идоракуниро дар бар мегирад - банақшагирии стратегӣ, андозагирӣ ва идоракунӣ, тақсимоти захираҳо ва сармоя, арзёбии лоиҳаи сармоягузорӣ. Ин вазифаҳо тавассути расмиёти стандартии ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти маълумот оид ба рӯйдоди хавфҳо, арзёбии самаранокии тадбирҳое, ки ба паст кардани таъсири хавфҳо, баланд бардоштани сифати низоми идоракунии хавфҳо ва банақшагирии чорабиниҳои нав дар ин самт нигаронида шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Мониторинг ва идоракунии умумӣ сатҳи олии низоми идоракунии хавфҳо буда, фаъолияти Шӯрои директорон, мақомоти иҷроия, кумитаҳо ва назорати дохилиро дар бар мегирад. Сатҳи болоӣ татбиқи сиёсати идоракунии хавфҳо ва назорати умумии иҷрои талаботи муҳити меъёрӣ ва тавсияҳои аудити мустақилро таъмин менамояд.

Хавфи устувории молиявӣ тавассути диверсификатсияи портфели лоиҳаҳо, санҷиши стресси натиҷаҳои молиявӣ ва гардиши пули нақд ва мониторинги доимии шароити бозор идора карда мешавад. Яке аз унсурҳои асосии идоракунии хавфҳои молиявӣ истифодаи воситаҳои истеҳсолӣ мебошад. Идоракунии хавфҳои молиявӣ ба доираи ҳам идоракунии молиявии ширкат ва ҳам як кумитаи махсуси масъул барои татбиқи сиёсати идоракунии хавфҳо дар саросари ширкат дохил мешавад. Дар сатҳи директори молиявӣ ва хазинадорӣ хавфҳои молиявӣ арзёбӣ карда мешаванд ва барои кам кардани таъсири онҳо чораҳои мушаххас таҳия карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ин сатҳ қарорҳо қабул карда мешаванд, ки кадом намуди хавфҳои молиявӣ бояд муҳофизат карда шаванд. Илова бар ин, директори молиявӣ барои хавфҳои тиҷоратии марбут ба қарзи кредиторӣ ва савдо дар биржаҳо масъул аст. Ҳамзамон, кумитаи идоракунии хавфҳо маълумотро дар бораи ҳама хавфҳои ширкат муттаҳид мекунад ва самаранокии чораҳои коҳиш додани хавфҳоро арзёбӣ мекунад.

Ҳамин тавр, дар асоси натиҷаҳои умумӣ гардонидани амалияи бунёди низоми ҳамгироии идоракунии хавфҳо бо назардошти таҷрибаи ҷаҳони мо метавонем тафсири мафҳуми идоракунии хавфи молиявиро диҳем. Идоракунии хавфҳои молиявиро дар корхонаҳои саноатӣ - ин як қисми низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо муайян шуда, ба нигоҳ доштани фаъолияти ҳаматарафаи муътадили корхона (истеҳсолӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ) тавассути тадбирҳо оид ба коҳиш додани таъсири манфии хавфҳои молиявӣ (дигаргуншавӣ ва лаппишҳои нарх, таваррум, асъор, андоз ва ғайра) танзим нигаронида шудааст. Ин таъриф бори дигар таъкид мекунад, ки тафсири идоракунии хавфҳои молиявӣ дар бахши корпоративӣ ва корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла, аз равиши анъанавӣ барои бахши молия ва бонкӣ хос аст, фарқ мекунад.

Тафовути асосӣ дар он аст, ки корпоратсия ба хусусияти манфии хавфҳо бештар диққат медиҳад, дар ҳоле ки ниҳоди молиявӣ хусусияти хавфҳоро ба назар гирифта, онҳоро ҳамчун имконияти ба даст овардани даромади иловагӣ ҳисоб мекунад. Ин хусусият боиси он мегардад, ки ҳамкорӣ ва ҳамгироии бахши молиявӣ ва бахши воқеӣ дар раванди танзими хавфҳои молиявӣ метавонад рушд кунад бо назардошти ҷой доштани ҳавасмандии тарафайн. Танҳо дар ин ҳолат, иқтисодиёти миллӣ ва бахшҳои асосии он - ҳам молиявӣ ва ҳам воқеӣ метавонад устувор рушд ёбанд ва рақобатпазирии худро дар иқтисодиёти глобалӣ таъмин намоянд.

**Адабиёт**

1. Иброҳимзода И.Р. Теоретические основы банковского финансового риска: сущность и классификация риска //Сборник научных трудов «Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства». Под общей редакцией З.О. Адамановой. - Симферополь, 2021. – 314 с.
2. Клири, Ш. Глобальные риски. Деловой успех в неспокойные времена: пер. с англ. / Ш.Клири, Т.Мальре. – М.: Вопросы экономики, 2011. – 134 с.

3. Национальный стандарт. Менеджмент риска. Принципы и руководство ISO 31000. – М.: Стандартинформ, 2018. – 27 с.
4. Остроумова, Е. Монетизация газа // Газовая промышленность. – 2015. – №2. [Электронный ресурс] Режим доступа: http://neftegas.info/gasindustry (дата обращения: 11.03.2017).
5. Содиқов Р.Х. Роҳҳои паст кардани хавф дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Р.Х.Содиқов// Паёми ДТТ. – 2011. - №3. – С. 63-69.
6. Chicago Board Option Exchange [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.cboe.com (дата обращения: 22.12.2021).
7. Committee of Sponsoring Organizations of the Treadway Commission (COSO), Enterprise Risk Management – Integrating with Strategy and Performance, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.coso.org/Pages/default.aspx (дата обращения: 19.12.2021).
8. Enterprise Risk Management in the Energy Industry (St. John's University) [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.stjohns.edu/sites/%20default/files/tcb/erm_in_the_energy_industry_2016 (дата обращения: 23.12.2021).
9. ICE: глобальный охват [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://world.investfunds.ru/news/view/52697 (дата обращения: 23.12.2021).
10. Khominich, I. P. Financial Management as a System of Relations of the Enterprise for Highly Efficient Management of its Finances / I. P. Khominich, M. S. Rybyantseva, L. V. Borodacheva, E. V. Dik, E. V. Afanasev // International Journal Of Economics And Financial Issues. – Vol. 6 (S8). Fundamental and Applied Research in Economics and Management: New Perspectives. – 2019. – P. 96–101.
11. Projected Costs of Generating Electricity, International Energy Agency [Электронный ресурс]. Режим доступа: www.iea.org (дата обращения: 25.12.2021).
12. Risk Management in the Energy Sector Thomson Reuters [Электронный ресурс]. Режим доступа: www.tr.com/energypractice (дата обращения: 23.12.2021).
13. Stulz, R., Risk Management Failures: What Are They and When Do They Happen? / R. Stulz // Fisher College of Buiness Working Paper Series. – 2008. – October
14. The Risk Management Standard [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.theirm.org/media/886343/rm_standard_russian_03_12_04 (дата обращения: 16.12.2021).
15. US Energy Information Administration [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.eia.gov (дата обращения: 15.12.2021).

---

**УДК: 336.763**

## БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК: МУАММО ВА ТАМОЮЛИ РУШД

***Қараев Рустам Худаярович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 909170909. E-mail: r.karaev@mail.ru*

***Солиев Нодирҷон Амрохонович*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+ 992) 908-83-38-45. E-mail: Nodir_S2120@list.ru*

*Дар мақола муаллифон бахши бозори коғазҳои қиматноки кишварро мавриди таҳлил қарор додаанд. Муаллифон ин бахши ниҳоят муҳими бозори молиявии кишварро таҳлил намуда, муаммоҳо ва бартариҳои дар ин самт ба даст омадаро ифшо намудаанд. Аз ҷумла, дар мақола муаллифон бозори коғазҳои қиматноки давлатиро мавриди баррасӣ қарор дода, иброз доштаанд, ки вомбаргҳои аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардашуда асосан на барои маблағгузории бахши воқеӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ, балки барои ҳалли мушкилоти буҷа равона гардидаанд. Ҳамчунин, муаллифон иброз доштаанд, ки бо назардошти хусусияти кӯтоҳмуддатии коғазҳои*

*қиматнок, маблағҳои тавассути сегменти коғазҳои қиматноки давлатӣ сафарбаршуда дар айни замон наметавонанд ҳам барои сафарбар намудани воситаҳои озоди иштирокчиёни бозори молиявӣ ва ҳам барои истифодаи ин захираҳо ҷиҳати маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуҳлати инноватсионӣ дар корхонаҳои воқеӣ пурра мавриди истифода қарор дода шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *бозори молиявӣ, бозори когазҳои қиматнок, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, вомбаргҳо, саҳмия,ислоҳот, иқтисодиёт.*

## РЫНОК ЦЕННЫХ БУМАГ: ПРОБЛЕМЫ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ

***Караев Рустам Худаярович*** *– кандидат экономических наук, заведующий кафедрой биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 909170909. E-mail:* r.karaev@mail.ru

***Солиев Нодирджон Амрохонович*** *– ассистент кафедры биржевого дела Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.:(+992) 908-83-38-45. E-mail:* Nodir_S2120@list.ru.

*В статье авторами проанализировано современное состояние рынка ценных бумаг страны. Следует отметить, что в процессе анализа финансового рынка страны авторами выявлены основные проблемы и пути развития данного сегмента. В частности, в ходе проведения фундаментального анализа авторами отмечено, что на национальном рынке ценных бумаг главенствующая роль принадлежит государственному сектору в плане эмиссии облигации. Национальным банком Таджикистана и Министерством финансов Республики Таджикистан, которые в первую очередь направлены не на финансирование реального сектора и развития экономики, а на решение бюджетных проблем авторами также отмечено, что с учетом краткосрочного характера государственных облигаций средства, мобилизованные через данный сегмент, в настоящее время не в состоянии мобилизовать свободные средства участников финансового рынка и использовать эти ресурсы для финансирования долгосрочных инновационных проектов.*

***Ключевые слова:*** *финансовый рынок, рынок ценных бумаг, коммерческие банки, небанковские финансово-кредитные организации, облигации, акции, реформы, экономика.*

## SECURITIES MARKET: PROBLEMS AND DEVELOPMENT TRENDS

***Karaev Rustam Khudayarovich*** *- Candidate of economic Sciences, Head of the Department of Exchange Activity of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: (+992) 909170909. E-mail: r.karaev@mail.ru*

***Soliev Nodirjon Amrokhonovich*** *- Assistant Lecturer of the Department of Stock Exchange, Tajik State University of Finance and Economics. E-mail:* Nodir_S2120@list.ru *Tel.: (+ 992) 908-83-38-45.*

*In the article, the authors analyzes the current state of the country's securities market. It should be noted that in the process of analyzing the country's financial market, the authors identified the main problems and ways of developing this segment. In particular, during the fundamental analysis, the authors noted that in the national securities market, the leading role belongs to the public sector in terms of issuing bonds.*

*The National Bank of Tajikistan and the Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan, which are primarily aimed not at financing the real sector and economic development, but at solving budget problems. The authors also noted that, given the short-term nature of government bonds, funds raised through this segment are currently not able to mobilize free funds from financial market participants and use these resources to finance long-term innovative projects.*

***Keywords:*** *financial market, securities market, commercial banks, non-bank financial and credit institutions, bonds, shares, reforms, economics.*

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ, бозори коғазҳои қиматнок яке аз омилҳои муҳими афзоиши захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравbooбанд. Сарфи назар аз он ки заминаи қонунӣ барои ташаккул ва рушди бозори коғазҳои қиматнок ҳанӯз соли 1992 бо

қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ" гузошта шуда бошад ҳам, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ин соҳа рушд наёфт ва барои маблағгузории иқтисодиёти воқеӣ заминаи устувор нагузошт.

Чӣ тавре ки маълум аст, дар Тоҷикистон ба сифати объекти асосии муомилоти коғазҳои қиматнок одатан коғазҳои қиматноки давлатии Бонки миллии Тоҷикистон, векселҳои хазинадории Вазорати молия ва дигар намудҳои коғазҳои қиматнок дар шакли вомбаргҳои давлатии бурднок баромад менамоянд.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, асосан коғазҳои қиматноки давлатӣ барои давраи кӯтоҳ дар бозори молиявии Тоҷикистон интишор карда мешаванд. Аз ин хотир, давраи гардиши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 то 28 рӯз ва давраи гардиши векселҳои хазинадории давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 моҳро ташкил медиҳанд [6 ].

Вақтҳои охир барориши коғазҳои қиматноки дарозмуддат, аз ҷумла барориши вомбаргҳо ва векселҳои дарозмуддати Вазорати молияи кишвар, ки муҳлати пардохташон аз 5 то 10 сол ва аз он зиёдтар аст, ба назар гирифта шудааст. Вале бояд иброз дошт, ки барориши вомбаргҳо ва векселҳои дарозмуддат на барои маблағгузории бахши воқеӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ, балки барои ҳалли мушкилоти буҷа равона гардидаанд.

Дар ин ҷо зарурати дастгирӣ ва такмил додани фаъолияти бонкҳои бузурги низомсозро зарур меояд. Тавре маълум аст, иштироки директивии давлат дар самти қарздиҳӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, тибқи барномаҳои тасдиқшудаи соҳавии рушди онҳо, дар ниҳояти кор ба аз даст додани бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ оварда мерасонад.

Бонкҳои бузурги ватанӣ бинобар набудани механизмҳо ва воситаҳои дахлдори дастгирии бахши воқеӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, вазифаҳои агентҳои давлатиро иҷро мекунанд. Аз ин хотир, афзоиши аз ҳад зиёди қарзҳои ба таъхирафтодаи бахши воқеӣ давлатро водор менамояд, ки ҷиҳати бартараф намудани чунин муаммоҳо интишори вомбаргҳои давлатиро барои таъмини пойгоҳи сармоягузорӣ амалӣ гардонад. Бинобар ин, чунин амалиётҳо одатан аз ҳисоби афзоиши қарзи дохилии давлат анҷом дода мешаванд. Чунин тарз, ҷараёни объективии маблағгузории пинҳонии буҷетро дар рушди корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт инъикос менамояд. Бояд иброз дошт, ки дар шароити пасти рушди бозори молиявии дохилӣ чунин амал самаранок нест [1].

Бо назардошти хусусияти кӯтоҳмуддатии коғазҳои қиматнок, маблағҳои тавассути сегменти коғазҳои қиматноки давлатӣ сафарбаршуда дар айни замон наметавонанд ҳам барои сафарбар намудани воситаҳои озоди иштирокчиёни бозори молиявӣ ва ҳам барои истифодаи ин захираҳо ҷиҳати маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуҳлати инноватсионӣ дар корхонаҳои воқеӣ пурра мавриди истифода қарор дода шаванд. Бинобар ин, харидорони асосии векселҳои хазинадории кӯтоҳмуддати ҳукуматии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вомбаргҳои Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла Бонки давлатии амонатгузорӣ - "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", ҶСП "Казкомертсбонк", инчунин, Фонди кафолати амонатии шахсӣ ба шумор мераванд, ки барои ба даст овардани даромади иловагӣ аз воситаҳои барзиёди кӯтоҳмуддати бозоргири худ истифода менамоянд.

Агар даромади нисбатан пасти коғазҳои қиматноки давлатиро ба назар гирем (аз 7,50% то 10,99% солона), онҳо наметавонанд бо пасандозҳои бонкӣ ҳам аз рӯи даромад ва ҳам аз ҳисоби кафолати давлатии худ рақобат кунанд (пасандозҳои бонкии аҳолӣ қисман аз тарафи давлат ҳифз карда мешаванд), аз ин хотир, имкониятҳои истифодаи коғазҳои қиматнок бо мақсади ҷалби захираҳои озоди пулии субъектҳои бозор, барои сармоягузории онҳо ба бахшҳои иқтисоди воқеӣ маҳдуд боқӣ мемонанд [3].

Гузаронидани амалиёт дар бозори кушод бо истифода аз коғазҳои қиматноки давлатӣ дар солҳои 2016-2017 бо мақсади аз байн бурдани бозоргирии барзиёди бонкҳо, коҳиш додани фишор ба қурби пули миллӣ ва нигоҳ доштани сатҳи пасти таваррум тақвият ёфт. Агар ба таври дигар шарҳ диҳем, сиёсати интишор ва гардиши коғазҳои қиматноки давлатӣ, бо мақсади нигоҳ доштани суботи молиявӣ дар иқтисод, то имрӯз идома дорад.

Чунин вазъ ислоҳоти минбаъдаи бозори молиявиро дар бахши муомилоти коғазҳои қиматноки давлатӣ тақозо менамояд. Аз назари мо, ниҳодҳои дахлдор ҳанӯз ҳам дар самти интишор ва барориши коғазҳои қиматноки миёнамуҳлат ва дарозмуддат бо мақсади ҷалби захираҳои дарозмуддат дар бозори дохилӣ ва ҷойгиркунии минбаъдаи онҳо дар бахши воқеӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир наменамояд. Сабаби аслии дастрасии осон ба захираҳои берунӣ, махсусан ба сармояи хориҷии воридшавандаи шарикони рушд ва таъсиси фазои мусоид барои вуруди сармоягузориҳои мустақим ва портфели хориҷӣ ба шумор меравад [4].

Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба ин воқеият муҳим аст, ки афзоиши ҳаҷми амалиёт дар бозори озод бо мақсади ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки давлатӣ ҷиҳати аз байн бурдани бозоргирии барзиёд дар низоми бонкӣ, аз як тараф, уҳдадориҳои изофии молиявиро ба иқтисодиёт ба бор оварда (зеро дар ҳоли ҳозир даромаднокии Бонки марказӣ беш аз 16%-ро дар сол ташкил менамояд), аз тарафи дигар, фоизи гарони қарзҳо дар дастрасӣ пайдо намудани корхонаҳои бахши воқеӣ маҳдудиятҳоро ба миён меоварад. Илова бар ин, чунин амал интизориҳои таварруми баландро дар байни субъктҳои бозори молиявӣ ба бор оварда, ҳавасмандии афродеро, ки бо амалиёти қаллобӣ сару кор доранд, зиёд мегардонад. Бояд қайд намуд, ки дар якҷоягӣ онҳо рушди сармоягузориҳои дохилиро ҳам дар сатҳи макро (иқтисоди миллӣ) ва ҳам дар сатҳи микро (корхонаҳо) боз медоранд. Сармоягузорони хориҷӣ бо истифода аз мудирияти (менеҷменти) пешрафта, дастрасии осон ба бозорҳои фурӯши хориҷӣ, дониш ва таҷрибаи амалӣ дар бозорҳои ҷаҳонии молҳо, неруи корӣ ва сармоя, масъулият ва хавфҳои аслии муваффақияти иҷрои лоиҳаҳои сармоягузориро дар иқтисоди кишвар ва махсусан дар бахши воқеӣ ба уҳдаи худ мегиранд. Дар ин ҷанба Ҳукумати кишварро зарур аст иқтидор, механизмҳо ва абзорҳои қисмати коғазҳои қиматнокро дар заминаи танзими ҷараён ва воридоти сармояи хориҷӣ истифода намояд, баҳисобгирии саҳмдорон ва саҳмияҳои онҳоро дар ширкатҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузориҳои давлатиро низ муайян намояд. Вазифаи баҳисобгирии саҳмдорон ва саҳмияҳои онҳо дар ширкатҳои сармоягузорӣ айни замон асосан аз ҷониби Агентии коғазҳои қиматнок ва депозитарияи марказии коғазҳои қиматноки назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ҷалби шахсони иловагии хусусӣ, ки дар ин сегменти бозори молиявӣ фаъолият мекунанд, амалӣ карда мешавад. Маълумот дар бораи рушди зерқисматҳои коғазҳои қиматноки корпоративӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2008-2018 нишон медиҳад, ки барориши коғазҳои қиматноки корпоративӣ дар кишвар босуръат рушд намуда истодааст ва он дар ҷадвали №1пешкаш гардидааст [7].

**Ҷадвали 1. - Динамикаи рушди бозори коғазҳои қиматноки аввалиндараҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2019 (бо ҳаз. сомонӣ)**

| Солҳо | Миқдори ҷамъиятҳои саҳомӣ | Аз ҷумла, аз рӯи шакли моликият | | Маблағи умумии саҳмияҳои бақайдгирифташуда (ҳаз. сомонӣ) | Навъҳои ҶС | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | давлатӣ | хусусӣ | | ҶСК | ҶСП |
| 2008 | 49 | 5 | 44 | 1 488 271 | 18 | 31 |
| 2009 | 58 | 15 | 43 | 570 138 | 29 | 29 |
| 2010 | 51 | 21 | 30 | 7 247 588 | 31 | 20 |
| 2011 | 29 | 4 | 25 | 304 852 | 12 | 17 |
| 2012 | 34 | 7 | 27 | 865 001 | 15 | 19 |
| 2013 | 34 | 4 | 30 | 310 468 | 16 | 18 |
| 2014 | 36 | 14 | 22 | 375 774 | 20 | 16 |
| 2015 | 39 | 21 | 18 | 8 306 242 | 25 | 14 |
| 2016 | 34 | 16 | 18 | 4 901 280 | 23 | 11 |
| 2017 | 27 | 8 | 19 | 6318 640 | 12 | 15 |
| 2018 | 13 | 10 | 3 | 3 735 000 | 10 | 3 |
| 2019 | 11 | 6 | 2 | 2 435 321 | 8 | 2 |
| Ҳамагӣ | 415 | 131 | 2281 | 36 858 575 | 219 | 195 |

**Сарчашма**: маълумотҳои Вазорати молияи ҶТ ва Агентии коғазҳои қиматноки назди Вазорати молия.

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал инъикосгардида, дар тӯли 10 соли охир таъсиси 404 ҷамъияти саҳомӣ бо сармояи оинномавӣ ба маблағи беш аз 34,4 миллиард сомонӣ (ё 3,5 миллиард доллар) ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷамъиятҳои саҳомии аз қайди давлатӣ гузашта 125-тои онҳо ҳамчун ҷамъияти саҳомӣ бо иштироки ҳиссавии давлат (ё 30,9%) ва 279 адади он (ё 69,1%.) ба сифати ҷамъиятҳои саҳомии ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд. Аз шумораи умумии корхонаҳои саҳомӣ 211 адад (ё 52,2%) ҳамчун ҷамъияти саҳомии шакли кушода ва боқимонда 193-тои он (ё 47,8%) ҳамчун ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида фаъолият менамоянд.

Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки суръати таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ дар кишвар коҳиш меёбад. Ҳамин тавр, агар дар се соли аввали давраи баррасишаванда 158 корхона созмон дода шуда бошад, пас дар се соли охир танҳо 74 корхона, ё ин ки 2,1 маротиба камтар мебошад. Аммо дар солҳои охир ҳаҷми умумии саҳмияҳои ба қайд гирифташудаи ҶСК навтаъсис меафзояд, ки ин аз татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, аз ҷумла сохтмони шабакаи заводҳои семент, корхонаҳои коркарди мошинсозӣ, коркарди чӯб ва ғайра шаҳодат медиҳад. Динамикаи нишондиҳандаҳои интишори коғазҳои қиматноки корпоративӣ динамикаи мусбати рушди сегменти аввалиндараҷаи коғазҳои қиматноки бозори молиявии Тоҷикистонро инъикос менамояд (Ҷадвали 2).

Капитализатсия дар сегменти коғазҳои қиматноки корпоративӣ дар соли 2018 зиёда аз 50% ММД-ро ташкил дод, ки он аз 8,45% ММД дар соли 2008 ба 41,6 м.ф. дар соли 2018 зиёд шуд, ки хеле мусбӣ арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 2. - Динамикаи капитализатсияи бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2019 бо % (млн сомонӣ)**

| Солҳо | Капитализатсияи саҳмияҳо млн сомонӣ | ММД-и номиналӣ млн сомонӣ | Капитализатсияи бозори саҳмияҳо бо % нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|
| **2008** | 1488 | 17609 | 8,45 |
| **2009** | 2058 | 20628 | 9,98 |
| **2010** | 9305 | 24705 | 37,66 |
| **2011** | 9610 | 30071 | 31,96 |
| **2012** | 10475 | 36161 | 28,97 |
| **2013** | 10786 | 40524 | 26,62 |
| **2014** | 11162 | 45605 | 24,48 |
| **2015** | 19468 | 48401 | 40,22 |
| **2016** | 24369 | 54471 | 44,74 |
| **2017** | 30688 | 61093 | 50,23 |
| **2018** | 34423 | 68844 | 50,00 |
| **2019** | 23443 | 54768 | 47,32 |

**Сарчашма**: маълумотҳои Вазорати молияи ҶТ ва Агентии коғазҳои қиматноки назди Вазорати молия.

Ҳамин тавр, тибқи маълумотҳо, дар давоми солҳои 2008-2018 дар бозори аввалиндараҷаи коғазҳои қиматноки корпоративии ҶТ, ба ҷуз аз ҷамъиятҳои саҳомии навтаъсис, ҷамъиятҳои саҳомии фаъолияткунанда низ бо мақсади ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ, интишори такрории саҳмияҳоро татбиқ намуданд. Бинобар ин, танҳо дар давоми солҳои 2011-2015 интишори иловагии саҳмияҳо аз тарафи ҷамъиятҳои саҳомии фаъолиякунанда ба миқдори 4,2 млрд сомонӣ ва ё ба 521 млн дол. амрикой, бидуни саҳмияҳои ҶСК НБО “Роғун” баробар гардид. Аз миқдори умумии ин маблағҳо 1,2 млрд сомонӣ ва ё 151 млн дол. ИМА ба бахши бонкӣ тааллуқ дошта, боқимонда 3 млрд сомонӣ ва ё 370 млн дол. ИМА ба бахши ғайримолиявӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, маълумотҳо нишон медиҳанд, ки самтҳои асосии сармоягузории молиявӣ ба саҳмияҳои корпоративии бахши ғайримолиявии иқтисодиёт ба монанди энергетика, нақлиёт, саноат, сохтмон равона гардидаанд. Ҳаҷми интишори коғазҳои қиматноки корпоративӣ дар зерсегменти аввалия барои давраи солҳои 2008-2018 беш аз 3,5 маротиба афзоиш ёфтааст, аз ин хотир, ин тамоюлро метавон мусбӣ арзёбӣ намуд.

Рушди бозори аввалиндараҷаи коғазҳои қиматнок бо як қатор номутаносибиҳо ҳамроҳ аст, сабаб дар он аст, ки гардиши коғазҳои қиматнок дар бозори дуюмдараҷа дар сатҳи паст қарор дорад. Дар ин замина, сегменти коғазҳои қиматнок акнун бо ҷалби воситаҳои муваққатан озоди аҳолӣ ва дигар иштирокчиёни бозор барои ба сармоягузории мустақими иқтисодиёти миллӣ сафарбар намудани ин воситаҳо ҷаҳд намуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки ин тарзи ҷалби сармоя метавонад ба сифати ҷойгузини сармояи хориҷӣ баромад намояд [2].

Ҳамин тариқ, номутаносибии гардиши коғазҳои қиматнок дар бозорҳои гуногундараҷа, боиси як қатор тамоюлҳои манфӣ дар бозори молиявии кишвар гардидааст. Масалан, капитализатсияи бозори дуюмдараҷа дар Тоҷикистон, дар қиёс бо бозорҳои молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ, дар дараҷаи паст қарор дорад.

Ба ҷуз аз ин, мавҷуд набудани бозори дуюмдараҷаи гардиши саҳмияҳо имкон намедиҳад, ки арзиши воқеӣ ё бозории объектҳои маблағгузоришавандаро инъикоси дақиқ намуд ва инчунин, арзиши сармояи оинномавии ҷамъиятҳои саҳомии амалкунанда, аз ҷумла муассисаҳои молиявӣ ва корхонаҳои бахши воқеӣ барои сармоягузорон шаффоф нестанд.

Аз ин хотир, бахшҳои соҳавии иқтисодиёти миллӣ қафомондаанд, зеро имкониятҳои хуруҷи сармояҳои байнисоҳавӣ, барқарорсозии корхонаҳо тавассути таҷдиди сохтори онҳо, аз ҷумла фурӯши қисми бесамари он, баргардонидан ё таҷдиди қарзҳо, гирифтани маълумоти аниқ аз вазъи бозор ва ғайра маҳдуд мебошанд [3].

Дар ҷумҳурӣ баҳисобгирии саҳмияҳо, алалхусус, муайян кардани ҳиссаи иштирокчиён ва ҳуқуқҳои онҳо дар идоракунии корхонаҳо имконпазир нест. Инчунин, хариду фурӯши озоди саҳмияҳо дар ҳудуди кишвар ниҳоят мушкил мебошад ва бинобар ин, сармоягузорон аз ворид шудан ба ин бозор дасткашӣ менамоянд. Дар маҷмуъ, номутаносибӣ байни бозори аввалиндараҷа ва дуюмдараҷаи гардиши коғазҳои қиматнок ҳавасмандии сармоягузорони ватанӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғуртавиро нисбат ба ин бахш коҳиш медиҳад.

Ғайр аз ин, нобаробариҳо дар ташаккули бозори коғазҳои қиматнок сабаби мавқуфияти муносибатҳои амлокӣ гардидаанд, зеро миқдори зиёди саҳмияҳо дар дасти доираи маҳдуди саҳомони дохилию берунӣ тамаркуз шудааст. Ба андешаи мо, барои фаъол гардидани ин бахши ниҳоят муҳим бояд саҳмдорони бузург мувazзаф гарданд, ки ҳадди ақал 5-10 фоизи саҳмияҳои худро тавассути биржаи фондӣ ба сармоягузорони чакана, аҳолӣ ва дигар қишрҳои ҷомеа ба фурӯш бароранд.

Чунин амал имкон медиҳад, ки воситаҳои муваққатан озоди аҳолӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, барои маблағгузории ин бахши муҳими молиявии кишвар сафарбар гарданд. Бо иҷрои чунин амал, на танҳо воридоти иловагии захираҳои молиявӣ ба иқтисодиёти воқеӣ таъмин карда мешавад, балки вобастагӣ аз сармоягузорони хориҷӣ, алалхусус, сармоягузориҳои портфелии хориҷӣ торафт коҳиш меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳифз ва нигоҳ доштани суботи молиявӣ дар бозори дохилии молиявӣ ниҳоят муҳим аст, зеро буҳронҳои мунтазами молиявию иқтисодӣ дар баровардани сармоя аз ҳудуди ин ё он кишвар боис мегарданд, ки он барои кишварҳои аз сармояи хориҷӣ вобаста ниҳоят харобиовар мебошад. Аз ин хотир, татбиқи чунин чораҳо зарур аст, зеро дар натиҷаи иҷрои ин амалҳо ҳадафҳои пешбинишудаи кишвар ба даст оварда мешаванд. Аммо дар ҳолати баръакс, он метавонад мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро боз ҳам бадтар кунад ва рушди кишварро ба даҳсолаҳо қафо партояд.

Рушди бозори коғазҳои қиматнок метавонад ба татбиқи миқдори зиёди лоиҳаҳои инноватсионии бузург, миёна ва хурд дар саросари кишвар, ки ба бозори дохилӣ нигаронида шудаанд, мусоидат намояд. Дар ин замина пешниҳоди миқдори иловагии пул барои ҷойгиркунии дарозмуддат ба бахшҳои иқтисодиёти воқеӣ, ки дорои арзиши баланди иловагӣ, мебошанд ва бо коркарди амиқи ашёи хоми аввалияи ватанӣ, ташкили соҳаҳои меҳнатталаб, тавсеаи иқтидори содиротӣ ва ғайра машғул мебошанд, муҳим арзёбӣ мегардад [5].

Ин иқтидорҳои дохилӣ имкони тағйири дидгоҳ ва равишҳои танзимкунандаҳои марказии иқтисодиро дар мавриди манбаъҳои маблағгузории иншоотҳои бузурги кишвар метавонад ба куллӣ иваз намояд. Барои мисол, ҷалби сармояи хориҷӣ барои ба итмом расонидани сохтмони НБО "Роғун" тавассути барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар шакли вомбаргҳо (евробондҳо) дар ҳаҷми то 500 миллион доллари ИМА ва ҷойгиркунии онҳо дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ дар сурати мавҷуд будани воситаҳои молиявии озод дар иқтисоди миллӣ импонпазир мебошад. Чунин равишро метавон манфӣ арзёбӣ намуд, зеро зимни истифодаи чунин абзорҳо, аз ҳамон равишҳои анъанавии марбут ба ҷалби сармояи хориҷӣ истифода карда мешавад. Дар натиҷаи истифодаи чунин равишҳои анъанавӣ, гаронии молиявӣ ба дӯши иқтисоди миллӣ ва субъектҳои он вогузор мегардад, ки он метавонад вазъи макроиқтисодӣ ва суботи молиявии кишварро хароб намояд. Ба замми ин, фазои сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар коҳиш ёфта, иқтисоди кишвар бо таназзул рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Ба андешаи мо, барои аз байн бурдани сатҳи пасти рушди бозори молиявии кишвар, ҳамчун низоми муттаҳидшудаи сегментҳо ва нобаробариҳо бояд шароити мусоид барои ҷалби воситаҳои молиявии дохилӣ фароҳам намуд ва танҳо дар натиҷаи андешидани чунин чораҳо, давлат метавонад вобастагии худро аз сармоягузории хориҷӣ ва қарзҳои беруна коҳиш диҳад.

**Адабиёт**


1. Алексеев, М.Ю. Рынок ценных бумаг. [Текст] / М.Ю.Алексеев. - М.: Финансы и статистика, 1992. - 255 с.
2. Анализ инвестиционного климата и привлечения инвестиций в Республику Таджикистан. [Текст]/ ПРООН. - Душанбе, 2018. - 35с. [электронный ресурс]URL: http://www.gki.tj/ru/investment/information (дата обращения: 23.12.2019с.)
3. Буренин, А.Н. Рынок ценных бумаг и производных финансовых инструментов [Текст]: Учеб. пособие / А.Н.Буренин. – М., 2011. – 348 с.
4. Галанов, В.А. Рынок ценных бумаг и его финансовые институты. [Текст] / В.А.Галанов, А.И. Басов. Под. ред. Торкановского В.С. – СПб: АО «Комплект". - М., 2006. – 448 с.
5. Годовые отчеты Ассоциации банков Таджикистана за 2011-2018 гг. [электронный ресурс]URL: http://www.abt.tj. (дата обращения:1.03.2019.)
6. Положения Правительства Республики Таджикистан «О выпуске государственных ценных бумаг для капитализации ОАО Агроинвестбанк» от 30 апреля 2012 года. - №178, сайт Министерства финансов Республики Таджикистан: [электронный ресурс]URL: http://minfin.tj/index.php?do=static&page=norm#zakr.(дата обращения: 12.11.2013)
7. Приказ Правительства Республики Таджикистан «О выпуске в обращение Внутренних государственных выигрышных облигаций Министерства финансов Республики Таджикистан» от 31 декабря 2008 года. - №669, сайт Министерства финансов Республики Таджикистан: [электронный ресурс] URL: 428http://minfin.tj/index.php?do=static&page=norm#zakrt (дата обращения: 23.11.2015с.)
8. Қараев Р.Х. Бозори коғазҳои қиматнок ва фаъолияти биржавӣ. Васоити таълимӣ/ Р.Х.Қараев. - Душанбе, 2019. – 144 с.


---


**УДК: 332.122**


# ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МАКОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ


***Муслихова Таҳмина Тагоевна*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.*



*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои методологии рушди маконии иқтисодиёти минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф хусусиятҳои хоси тафсири аломатҳои макони иқтисодиро дар адабиёти иқтисодӣ ҷустуҷӯ ва пайдо карда, онро дар шакли нақша гурӯҳбандӣ намудааст. Қисмати дуюми мақола ба баррасии назарияҳои иқтисодиёти минтақавӣ вобаста ба макони иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат дар шакли ҷадвали таҳлилӣ, муаллиф, назарияҳои "макони марказӣ", "қутби рушд", "минтақаҳои такягоҳӣ ё*

*“марказ – канора”, “назарияи неокейнсианӣ”, “назарияи системаҳои рушди минтақавӣ”, “назарияи рушди минтақавии Р.Р. Мисра”, “назарияи стратегияи рушди мутавозин ва номутавозин”, “стратегияи рушди минтақаҳо”, “назарияи рушди устувори минтақа”-ро баррасӣ намуда, тарафҳои мусбат ва манфӣ, ҷиҳатҳои сусту қавии онҳоро ҷудо кардааст. Баъдан, зинанизоми (иерархияи) рушди маконии иқтисодиёти минтақавиро таҳия намуда, муаллиф ҷойгоҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои онро нишон додааст.*

***Калидвожаҳо**: назарияҳои иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти ҳудудӣ, равиши маконӣ, назарияи минтақаҳои такягоҳӣ ё “марказ – канора”, назарияи неокейнсианӣ, назарияи макони марказӣ, назарияи қутби рушд, стратегияи рушди мутавозин ва номутавозин.*

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОСТРАНСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Муслихова Тахмина Тагоевна** – к.э.н., доцент кафедры биржевого дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

*В данной статье рассматриваются методологические аспекты пространственного развития региональной экономики. Автор ищет и находит особенности толкования признаков экономического пространства в экономической литературе и группирует их в виде рисунка. Вторая часть статьи посвящена обсуждению теорий региональной экономики в контексте экономического пространства. В данном разделе в виде аналитической таблицы автором представлены теории «центральных мест», «полюса роста», «опорных зон или «центр-периферия», «неокейнсианская теория», «теория системы регионального развития», «теория регионального развития Р.Р. Мисры», «теория стратегии сбалансированного и несбалансированного развития», «стратегия регионального развития», «теория устойчивого развития региона» и выявлены их положительные и отрицательные моменты, сильные и слабые стороны. Затем, разрабатывая иерархию пространственного развития региональной экономики, автор показывает место национальной экономики и её регионов.*

***Ключевые слова:** теория региональной экономики, территориальная экономика, пространственный подход, теория опорные регионы или «центр-периферия», неокейнсианская теория, теория центральных мест, теория полюсов роста, стратегия сбалансированного и несбалансированного развития.*

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF SPATIAL DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY

***Muslikhova Tahmina Tagoevna** - candidate of economics sciences, associate professor of the exchange business department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.*

*This article discusses the methodological aspects of the spatial development of the regional economy. The author searches for and finds the features of the interpretation of the features of the economic space in the economic literature and groups them in the form of a picture. The second part of the article is devoted to the discussion of the theories of the regional economy in the context of the economic space. In this section, in the form of an analytical table, the author presents the theories of “central places”, “growth poles”, “support zones or “center-periphery”, “neo-Keynesian theory”, “theory of regional development system”, “theory of regional development by R.R. Misra", "the theory of the strategy of balanced and unbalanced development", "the strategy of regional development", "the theory of sustainable development of the region" and their positive and negative aspects, strengths and weaknesses are identified. Then, developing a hierarchy of spatial development of the regional economy, the author shows the place of the national economy and its regions.*

***Key words**: theory of regional economy, territorial economy, spatial approach, theory of support regions or "center-periphery", neo-Keynesian theory, theory of central places, theory of growth poles, strategy of balanced and unbalanced development.*

Гузариш ба сенарияи индустриалию инноватсионии рушди иқтисодӣ тибқи СМР-2030 боиси тағйирёбии ақидаҳою тасаввурот оид ба шаклҳои татбиқи истеҳсолоти

инноватсионӣ гардид. Дар барори равиши ҳудудӣ нисбат ба таҳқиқи рушди иқтисодиёти миллӣ дар доираҳои илмӣ масоили рушди маконии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавзуи мубоҳисаҳои тӯлонӣ шудаанд. Бояд ёдрас намоем, ки тақсимоти сохторҳои институтсионалӣ вобаста ба ҳудуди ҷойгиршавиашон дар макони иқтисодӣ ва маҷмуи амалҳои иқтисодӣ, ки ба манзараи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳавии ҳудудҳо таъсири амиқ мерасонад, ҷанбаи муҳими таъмини рушди инноватсионӣ мебошад.

Дар таҳқиқоти илмӣ вобаста ба моҳияи макони иқтисодӣ таърифҳои бисёре вуҷуд доранд, аммо дар аксари маврид онҳо хусусияти парешону ба ҳам мухталиф доранд. Тафсирҳои сершумори категорияи мазкур саҳеҳияти онро коста карда, дар навбати худ, омӯзиши онро душвор мегардонад.

Тафсири моҳияти макони иқтисодӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ манзур шудаанд, ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам амалӣ, яъне воқеӣ доранд. Дар байни тафсиру тавзеҳоти мухталиф чанд лаҳзаи умумиро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба омилҳои зерин марбутанд:




Расми 1. **Хусусиятҳои хоси тафсири аломатҳои макони иқтисодӣ**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Баррасии муҳтавои адабиёти иқтисодӣ вобаста ба равишҳои назариявӣ нисбат ба масъалаи мавриди назар нишон медиҳад, ки моделҳои назариявии рушди минтақавӣ аз ҷониби олимон дар қолаби равишҳои гуногун мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Албатта,

ҳар кадоме аз ин моделҳо ҷанбаҳои қавӣ ва заиф доранд, ки зимни тарроҳии модели маконию иқтисодии рушди минтақавӣ аз онҳо истифода бурдан мумкин аст.

Таҳқиқи моҳияти макон ҳанӯз дар байни файласуфони аҳди қадим мавзуи баҳсҳои илмӣ будааст. Дар фарқият аз таҳқиқоти фалсафӣ, илми физика низ нисбат ба категорияи макон аз мавқеи олами воқеии сеченака баҳс мекунад, яъне мавқеи ҷисмҳои физикиро таҳқиқ мекунад, ки дар он ҳаракати механикӣ, ҷойивазкунии ҷисмҳо ва объектҳо ба вуҷуд меояд. Дар ҷомеашиносӣ бошад, таҳқиқи макон марбут ба дарки ҷуғрофӣ ва физикии он будааст. Ҷомеашиносон макони иҷтимоиро ҳамчун ташкили ҷуғрофию иҷтимоии ҳаёти як қавм дар ҳудуди муайян тафсир кардаанд. Макон аз дидгоҳи онҳо аз гурӯҳи иҷтимоие, ки дар ҳудуди мазкур зиндагӣ мекунад ва дорои фарҳангу вижагиҳои хоси худ аст, ҷудонопазир аст [2, с.20].

**Ҷадвали 1. – Баррасии назарияҳои иқтисодиёти минтақавӣ вобаста ба макони иқтисодӣ**

| Назарияҳо | Муҳтавои назария | Баррасии назария |
|---|---|---|
| Назарияи макони марказӣ | Назарияи маконҳои марказӣ аз ҷониби В.Кристаллер дар соли 1933 дар заминаи маҷмуи муқаррароти ҷамъбастгардида, ки теъдод, андоза ва мавқеи ҷойгиршавии маҳалҳои аҳолинишинро дар зинанизоми (иерархияи) шаҳрҳо шарҳ медиҳанд, бунёд гардидааст. В. Кристаллер муътақид буд, ки маҳалҳои аҳолинишин ҳамчун маконҳои марказие фаъолият мекунанд, ки ба навоҳии гирду атроф хизмат мерасонанд. | Бар хилофи назарияи В. Кристаллер зинанизоми шаҳрҳо ба он тартибе, ки вай муътақид буд, ба вуҷуд намеоянд, балки омилҳо ва шароити дигаре, ба мисли масири ҳамлу нақл, шароити иқлимию табиӣ (обу ҳаво, хок, замин, релйеф ва ғ.) дар ин ҷо таъсиргузор мебошанд. |
| Назарияи қутби рушд | Назарияи қутбҳои рушд дар таълимоти Франсуа Перру дар солҳои 50-уми асри XX баён шудааст. Муҳтавои назарияи мазкур дар он аст, ки макони иқтисодӣ ҳамчун майдони махсуси қуввае амал мекунад, ки шиддати он нобаробар буда, дар он ҳам қувваҳои марказшитоб ва ҳам марказгурезе амал мекунанд, ки ба қутбҳои рушд нигаронида шудаанд. | Ҳарчанд ки ин назария ба таври объективӣ ва маҷмуӣ манзараи ҷолиби рушди минтақавиро баён мекунад, аммо дар асл воқеият ин аст, ки асоси бақуввати назариявӣ надорад ва аз бунёди эмпирикию амалии мустаҳкам низ маҳрум аст. Дар сурати ҳамчун стратегияи рушди иқтисодии минтақа қабул кардани назарияи мазкур мушкилоти зиёде ба вуҷуд меоянд. Илова бар ин, назарияи қутбҳои рушд барои ҳалли мушкилоти рушди навоҳии деҳот ва механизмҳои иҷтимоӣ имкон намедиҳад. |
| Назарияи минтақаҳо и такягоҳӣ ё “марказ – канора” | Назарияи минтақаҳои такягоҳӣ аз ҷониби Ҷон Фридман пешниҳод шудааст. Ҷ. Фридман муътақид буд, ки дар ҳар марҳилаи рушди иқтисодӣ, ки дар як кишвар вуҷуд дорад, мутаносибан ба он сохтори иқтисоди маконӣ низ ташаккул меёбад. Манзур аз иқтисоди маконӣ, модели ҷуғрофӣ ё сохтори маконии рушд аст. Барои ташаккули чунин сохтори маконӣ истифода аз захираҳои маҳаллӣ ва таваҷҷуҳ ба фаъолияти иқтисодӣ қадами нахустин ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, | Сарфи назар аз нуқтаҳои бисёр ҷолиби ин назария, бояд тазаккур дод, ки дар баробари бисёр назарияҳои дигари марбут ба барномарезии тараққиёти минтақаҳо, ки пештар роиҷ буданду айни замон баҳсбарангез шудаанд, аз ҳад зиёд ба ҷанбаи хориҷӣ ва шаҳрии истеҳсолоти минтақаҳо баҳо медиҳад. Воқеият ин аст, ки агарчи омили ҳаракатдиҳандаи тағйири канораҳо аз марказ вобаста аст ва мухолифату зиддиятро миёни ин |

| | | |
|---|---|---|
| | омилҳои истеҳсолот танҳо дар маконҳои маҳдуде канори ҳам мутамарказ мешавад. Аз ин рӯ, ин минтақаҳо иерархияи аввали низоми ҷойгиркунониро ташкил медиҳанд. Дар иқтисодиёти давраи гузариш сармоягузориҳо ва мутаносибан ба ин, рушди иқтисодӣ ҷой-ҷой сурат мегиранд, ки ин ба тақсимоти ҳудудии "марказ – канора" оварда мерасонад. | ду ангезаи тараққиёт дар канора ба вуҷуд меорад, аммо бидуни тағйироти сохторӣ дар канораҳо ин бахш аз иқтисод ҳатто қудрати вокуниш нишон додан ба ангезаю таконҳои беруниро надорад. |
| Назарияи неокейнсианӣ Назарияи Э. Ҳансен | Ҳансен Э.Ҳ. дар тадқиқоти худ хусусиятҳои мусбат ва манфии минтақаҳои наздисарҳадиро гурӯҳбандӣ кардааст. Хусусиятҳои мусбати минтақаҳои наздисарҳадӣ аз нигоҳи Ҳансен инҳоянд: а) рушди фаъолияти тиҷоратӣ ва фарҳангӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ аз ҳисоби таъсири кишварҳои ҳамсоя, ки назар ба манотиқи марказӣ бештар аст ва ин падида метавонад дар раванди рушди минтақаҳои наздисарҳадӣ ва тамоми кишвар истифода шавад; б) сармоягузориҳо дар навоҳии наздимарзӣ ба далели имтиёзҳои гумрукӣ ё андозӣ аз манотиқи дохилӣ фоидаи бештар меорад | Ин назария ба хусусиятҳои мусбату манфии минтақаҳо ва муқоисаи онҳо мепардозад, вале чуноне ки таҳқиқи назариявию амалии маълумоти мавҷуда собит месозад, дар кишварҳои иқтисодашон ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробарии рушди байни минтақаҳо ба таври возеҳ намоён аст. Нуктаи дигари қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои марказ – шаҳри Душанбе, ҳудудҳои наздимарзӣ дошта, зимнан, кишварҳои ҳамҷавор дар инкишофи иқтисодӣ аз якдигар тафовути куллӣ доранд. |
| Назарияи системаҳо и рушди минтақавӣ | Назарияи системаҳои рушди минтақавӣ (муаллиф Й.М. Ҳилҳорст - Hilhorst,1991). Роҳҳои таҳияи стратегияи рушди минтақавиро муҳокима ва таҳлил намуда, муаллиф таъкид месозад, ки ба назар гирифтани аҳамияти стратегияи рушди маконӣ дар бартараф намудани духӯрагиҳои (дихотомияи) байниминтақавӣ, дохилиминтақавӣ ва соҳавӣ зарур аст. Ӯ чор стратегияро пешниҳод намудааст: стратегияи муттаҳидии мутамарказ, стратегияи муттаҳидии пароканда, стратегияи тавсеаёбӣ, стратегияи густариши пароканда. | Азбаски сохтори маконии ҳар як минтақа ва мутавозунии системаи шаҳрдории он инъикоси ҷисмонии сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мебошад, моделҳои умумии академӣ, аз қабили рутба, андоза, энтропия, Ҳерфиндал[4] ва ғайра, сарфи назар аз арзишҳо миқдорӣ ва содагӣ, басанда нест. |

[4] **Шохиси Ҳерфиндал-Ҳиршман** (HHI ) – ин ченаки мутамарказонии бозорӣ мебошад, ки бо ёрии квадрати ҳиссаи бозории ҳар як ширкати дар бозор рақобаткунанда ва баъдан, ҷамъ кардани ададҳои ҳосилшуда ҳисоб карда мешавад

| | | |
|---|---|---|
| Назарияи рушди минтақавии Р.Р. Мисра | Р.Р. Мисра чунин мешуморад, ки ҳадафи тамоми равандҳои рушд ва махсусан рушди минтақавӣ ин некуаҳволии инсонҳост. Нобаробарии минтақавӣ ва фардӣ нишонаҳои амалкарди омилҳои хеле амиқтар ва бунёдӣ мебошанд ва сиёсатҳои умумии рушд шиносии ин масъалаҳои бунёдиро сарфи назар мекунанд. Рушди минтақавӣ се ҳадафро пайгирӣ мекунад: истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва биологӣ. | Камбудии ин назария он аст, ки муаллиф сохти иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишварҳои рӯ ба тараққиро монеа ва боздорандаи тараққиёти воқеӣ меҳисобад ва муътақид аст, ки манфиатҳои аз афзоиши сармоягузорӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ин ҳудудҳо ҳосилшуда, бештар вақт ба худи онҳо намерасад. Ин сармоягузориҳо дар ниҳояти кор ба ҷуқуртар шудани фарқияти байни табақаҳои сарватманду нодор оварда мерасонанд. |
| Назарияи стратегияи рушди мутавозин ва номутавозин | Ин ду назария дар шароите матраҳ шуда буданд, ки моликияти давлатӣ ва ҳамагон бар он бовар буданд, ки тараққиёт танҳо тавассути давлат имконпазир мебошад. Ба ҳамин далел, яъне авлавияти нақши давлат дар иқтисод, ин ду назария баъдҳо мавриди танқиди шадид қарор гирифтанд. | Дар ин ду назария, бахусус назарияи рушди мутавозин, ба эътиқоди бештари мунаққидон, мушкили норасоии сармоя дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, рушди иқтисодии ба афзоиши мутавозин асосёфта, ки сармоягузории бузургро дар тамоми бахшҳои иқтисод тақозо мекунад, хос мебошад. |
| Стратегия и рушди минтақаҳо | Ин санади калидии барномарезие мебошад, ки як ҳамоҳангии томро дар байни сиёсати макроиқтисодӣ барои институтҳои дахлдор, барномаҳои шаҳрӣ ва минтақавӣ ва моделҳои рушд дар ростои дурнамои дарозмуддати тараққиёти минтақавӣ эҷод мекунад. Ҳамзамон, ба мисли як қувваи кумакрасон барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ хизмат менамояд. | Ин модели стратегӣ нисбати моделҳои дигар пурратар аст. Бо назардошти моҳияти стратегияи мазкур, ки ба ғайримарказонидан, иштироки ҷомеаи маҳаллӣ, сифати зиндагӣ, дастгирии қавӣ барои рушди устувор, тавсеаи иртиботот барои дастгирии шаҳрҳо, деҳот ва ҷамоатҳои деҳот барои инкишофи иқтидори онҳо, афзоиши ҷараёни ҳаракати одамон асос ёфтааст, онро ҳамчун намунаи мувофиқ истифода бурдан мумкин аст. |
| Назарияи рушди устувори минтақа | Дар ин назария мафҳумҳое ба мисли рушди пойдор, рушди эндогенӣ, рушди экологӣ дар робита ба масъалаҳои экологӣ баррасӣ мешаванд. Дар солҳои охир муҳаққиқон ва мутахассисон, махсусан дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба чунин хулоса омаданд, ки муносибат ва ҳаракати банақшагирии минтақавӣ бояд ҳаракати болораванда (аз поён ба боло) бошад. | Рушд як падидаи бисёрҷанба буда, дар таҳияи стратегия ва модели назариявии рушд, бахусус рушди устувор, аз қабили рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, экологӣ ва ҳатто амниятӣ нақши калидӣ дорад. Ҳамин тавр, ҳангоми таҳияи стратегияи рушди минтақавӣ, онро метавон яке аз омилҳои рушди устувор арзёбӣ кард, ҳарчанд ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тахти таъсири ин омили муҳими рушд қарор дорад. |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти таҳқиқшуда

Чуноне ки аз ҷадвали овардашуда мебинем, таҳқиқу баррасии нобаробар будани рушди иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳои онҳо мавзуи муҳими илми иқтисодиро ташкил

дода, дар таҳқиқоти сершумори вобаста ба ин мавзуъ инъикос ёфтааст. Бархе олимон сабабҳои тафриқаи иҷтимой-иқтисодии минтақаҳоро бо инкишофи тиҷорати байниминтақавӣ рабт додаанд, иддаи дигар кӯшидаанд, ки тавассути ҷойгиршавии ҷуғрофии ҳудудҳо онро шарҳ диҳанд, гурӯҳи сеюм бошад, бар ин ақидаанд, ки сатҳи некуаҳволии давлат ё минтақа аз рӯи андозаҳои аҳолии маскуни он муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳалли масъалаҳои кишварҳо ва минтақаҳо тараққикарда бахшида шудааст. Зимнан, ҳудудҳои сусттар инкишофёфта аз мадди назари олимон канор мемонданд. Танҳо дар асри XX, вақте ба қутбҳо майл кардани макони иқтисодӣ, аз ҷумла ба туфайли инкишофи босуръати васоити алоқа ва нақлиёт, баръало намоён шуд, қобилияти тавзеҳ додани равандҳои иқтисодӣ дар минтақаҳои камтар рушдёфта дар назарияҳои мавҷуда дида намешуд, аз ин рӯ, назарияҳои нав ба нав ба вуҷуд омаданд.

Назарияи иқтисоди минтақаҳои канорӣ, ки онро иқтисоддонҳои Америкои Лотинӣ (Р. Пребиш, М. Балбоа, А. Феррер, Э. Флорес, А. Пинто, П. Вушкович ва дигарон) эҷод кардаанд, барои ҷавоб додан ба саволҳои муҳими марбут ба манбаъҳои рушди иқтисодӣ, самтҳои сармоягузорӣ, рушди савдои байналмилалӣ ва ғайра аз нуқтаи назари мамлакатҳои дар канорамонда офарида шудааст. Тавсифи муфассали назарияи периферияро Б. Ярошевский пешниҳод кардааст, ки услубҳои инкишофи онро низ таҳия намудааст [8].

Дар ин миён, чуноне ки дар ҷадвали боло ишора шуд, назарияи минтақаҳои такягоҳӣ ё «марказ – канора» назарияи аз ҳама маъруф мебошад, ки онро Ҷ. Фридман, ҷуғрофидон ва шаҳршиноси америкоии баромадаш аз Австрия таҳия кардааст. Мо дарҳол қайд мекунем, ки ӯро комилан кашшофи нахустин номидан мумкин нест. Кӯшишҳои омӯзиши марказҳо ва периферияҳо ҳатто пеш аз ӯ сурат гирифта буданд. Махсусан, ҷомеашиноси амрикой, намояндаи равияи неомарксистӣ дар назарияи муносибатҳои байналхалқӣ И.Валлерстайн, на танҳо марказ ва периферияро алоҳида ҷудо кард, балки инчунин диди назариявии нимпериферияро тарҳрезӣ намуд.

Бо вуҷуди ин, назарияи Ҷ.Фридман назарияи классикӣ ҳисобида мешавад. Дар он муаллиф хусусиятҳои асосии мамлакатҳои марказӣ ва канориро нишон дода, инчунин самараҳоеро, ки ҳукмронии баъзе давлатҳоро нисбат ба дигар давлатҳо мустаҳкам мекунанд, нишон додааст. Аз як ҷиҳат вай барои ба вуҷуд овардани заминаи назариявии ҳукмронии мамлакатҳои алоҳида дар иқтисодиёти ҷаҳон нигаронида шуда буд.

Ин назарияҳо дар миёнаҳои асри XX ба вуҷуд омадаанд. Фаҳмиши онҳо дар бораи кишварҳо ё минтақаҳои канора ба ақидаҳо дар бораи сатҳи рушди кишварҳо ва минтақаҳои он замон асос ёфтааст.

Тағйирот дар иқтисод ва тарзи зиндагии аҳолӣ (рақамикунонӣ, технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ, рушди босуръати соҳаи хизматрасонӣ ва ғ.) боиси тағйири ақидаҳо дар бораи он гардиданд, ки кадом хусусиятҳо ба иқтисодиёти пешрафта ва ақибмонда хос мебошанд. Оқибати ин равандҳо табдили равишҳои назариявӣ ба омӯзиши минтақаҳои нобаробар рушдёфта буд.

Дар баробари ин, дар илми иқтисодӣ мафҳуми макони иқтисодӣ ба ду нуқтаи назари қатъан дигархела - ҳам макони воқеӣ (физикӣ) ва ҳам абстрактӣ (консептуалӣ) ҷудо мешавад. Инчунин, таҳлили тавсифоти макон, аз дидгоҳи илмҳои гуногуни ҷамъиятӣ, нишон дод, ки категорияи макон умумиилмӣ буда, тафсири сегонаи мутахассисон – макони воқеӣ, консептуалӣ ва персептуалӣ[5], ки аз тарафи муҳаққиқони рус дода шудааст [7], дуруст мебошад.

Дар навбати худ, ба иқтисодиёт макони воқеӣ ва консептуалӣ хос мебошад. Макони воқеӣ ин ҷоест, ки дар он тамоми ҷаҳони воқеии моддӣ мавҷуд аст. Макони консептуалӣ бошад, маконест, ки барои дарки илмии ҷаҳони моддӣ сохта шудааст [5, с.186-196].

---

[5] Макони персептуалӣ (аз лот. Perceptio – идрок, инъикоси бевоситаи воқеияти объективӣ дар узвҳои ҳис), яъне, маконро чӣ гуна одам бо узвҳои ҳисаш (биноӣ, ломиса) дарк мекунад. Ин макон танҳо инфиродӣ, яъне хоси ҳар кадом субъект шуда метавонад.

Агар мо ҳамин гурӯҳбандиро ҳамчун асос қабул кунем, пас ақидаҳои олимони зеринро ба макони воқеӣ нисбат додан мумкин аст: макон ҷойгоҳи иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад (А.Г. Гранберг); макон ин геотория мебошад (А.А. Урунова); макон ин тақсимоти ҷуғрофии захираҳо мебошад (П. Кругман) ва ғ.[1]. Ба мавқеи дуюм бошад, дидгоҳҳои олимони зеринро мансуб кардан ҷоиз мебошад: макони иқтисодӣ тавассути муносибатҳо муайян карда мешавад (Н.Ю. Гагарина); макони иқтисодӣ ин омилҳои сершумори бо ҳам иртиботдошта аст (Я. Круковский); макони иқтисодӣ ҳамчун агентҳои иқтисодӣ (Демяненко А.Н. ва диг.); макони иқтисодӣ ин ҷараёнҳои иттилоотӣ мебошад (Минакир П.А.) ва ғ.

Дар баробари ин, дигаргуниҳои сохторӣ дар нишондиҳандаҳои агрегатсияшудаи иқтисодӣ дар хоҷагии халқи мамлакат дар умум ва дар соҳаҳо ва минтақаҳои алоҳидаи он[6, с. 58] аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун шохисҳои марбут ба макони иқтисодӣ тафсир карда шудаанд.

Баъзе муҳаққиқон мавҷудияти ҳам макони воқеӣ ва ҳам макони консептуалиро таъйид мекунанд ва чунин меҳисобанд, ки макони иқтисодӣ ҷойи мутамарказшавии инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ мебошад (А.Г. Гранберг, Г.Ф. Гатауллин, А.Г. Каримов, А.Г. Комарова ва диг.). Аз ин ҷо чунин хулоса карда мешавад, ки макони иқтисодӣ дар доираи макони воқеие вуҷуд дорад, ки дар он объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавҷуданд ва танҳо ба шарти пайдоиши муносибатҳои иқтисодӣ ин макони воқеӣ ба макони иқтисодӣ мубаддал мегардад.

Мусаллам аст, ки фаъолияти иқтисодӣ бо равобити сершумор тавсиф ёфта, на танҳо дар доираи марзҳои миллӣ, балки дар бозори ҷаҳонӣ дар умум, ва бахусус дар бозорҳои минтақавӣ иҷро мегардад. Чунончи, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои макони дохилӣ мебошад, ки бо марзҳои давлатӣ ва маъмурию ҳудудӣ ҷудо карда мешаванд ва дар айни замон, ба мисли дигар кишварҳо ва минтақаҳо, ба таркиби макони иқтисодии ҷаҳонӣ шомил мешавад. Зинанизоми (иерархияи) рушди маконии иқтисодиёти минтақавиро дар шакли графикӣ чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 2).




**Расми 2. Сатҳи зинанизом ва рушди маконии иқтисодиёти минтақавӣ**
**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар заминаи адабиёти таҳқиқшуда

Дар расми овардашуда, маҳдудаҳои ҳудудии макони иқтисодӣ аз поён, аз ҷамоатҳои деҳоту маҳалҳои аҳолинишин сар карда, то сатҳи макони ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ дода шудааст. Чуноне ки мебинем, зинанизоми ҳосилшуда оқибат ва натиҷаи пешрафти илму техника, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ мебошад, ки ба кушодагии иқтисодиёти миллӣ рабт мегирад.

Ҳамин нуктаро бояд ёдрас шуд, ки муҳаққиқони муосир назарияҳои худро дар заминаи методологии гузаштагон тарҳрезӣ мекунанд. Амалан, дар ҳар як маркази илмӣ-таҳқиқотӣ, дар ҳар як кори ба таҳқиқи мавзуи мазкур бахшидашуда, мо истинодҳоеро ба назарияи «марказ-канора», «макони воқеӣ», «макони консептуалӣ», назарияи «дунёнизом» ва амсоли он вомехӯрем. Бо вуҷуди ин, ба муҳаққиқони муосир як хислати дидгоҳи ҳамаҷониба ба масъалаи макони иқтисодӣ хос мебошад. Аз ин рӯ, мо шоҳиди онем, ки муҳаққиқон рӯз ба рӯз маҳдудаи дарки маъмулии макони иқтисодиро васеътар мекунанд, онро ҳамчун як категорияи махсуси иқтисодии дорои як қатор хусусиятҳои хос баррасӣ менамоянд.

Муҳаққиқони ватанӣ дуруст қайд кардаанд, ки дар осори аксар олимони иқтисоддони муосир макон ҳарчи бештар бо ҷанбаи иқтисодиаш баррасӣ мешавад, вале ҳанӯз ҳам дастгоҳи ягонаи мафҳумии категорияи «макони иқтисодӣ» ташаккул наёфтааст [3, с. 25; 4].

Ҳамзамон, аз гуфтаҳои болоӣ чунин хулоса мешавад, ки мафҳумҳои макони иқтисодӣ ва иқтисодиёти маконӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Аз як тараф, иқтисодиёти маконӣ қисмати таркибии назарияи иқтисодӣ буда, он ба таҳқиқи макони иқтисодӣ нигаронида шудааст. Аз тарафи дигар бошад, мавзуи таҳқиқоти иқтисодиёти маконӣ бо иқтисодиёти минтақавӣ, ҷомеашиносӣ ва ҷуғрофиёи иқтисодӣ ҳамҷавор аст. Сонияи, иқтисодиёти маконӣ ҳамчун илм ҳамкорию ҳамбастагии зерсистемаҳои нобаробар тақсимшудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иншооти рушди маконӣ ва муносибатҳои иқтисодии байни онҳоро дар доираи институтҳои иқтисодии барои ин макони ҷуғрофӣ ягонабуда меомӯзад. Объекти иқтисодиёти маконӣ ҳам агентҳои иқтисодӣ, ки дар яке аз равандҳои такрористеҳсол (истеҳсол, мубодила, тақсимот, истеъмол) иштирок мекунанд ва ҳам ҳудудҳои маъмурии минтақаҳо (вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо) мебошанд. Чунин тарзи тафсир фарқияти байни макони иқтисодӣ ва иқтисодиёти макониро баръало нишон медиҳад.

**Адабиёт**


1. Астапенко М.С. Теории и концепции пространственной экономики: сущностные аспекты и эволюция подходов [Электронное издание] / М.С.Астапенко // Вестник Евразийской науки 2018. - №1, Том 10. ISSN 2588-0101: https://esj.today
2. Дюркгейм Э. Социология и социальные науки / Э.Дюркгейм. //Социология. Ее предмет, метод, предназначение. – М.: Канон, 1995. - С. 20.
3. Кандыерова Д.О. Теоретические основы развития экономического пространства регионов. Монография /Д.О.Кандыерова, И.И.Каримова. – Душанбе: ТГФЭУ, 2018. – 220 с.
4. Каримова Н.И. Вербализация концепта «Пространство» в русской, польской и таджикской национально-культурных картинах мира. Монография / Н.И.Каримова. – Душанбе: РТСУ, 2020. – 174 с. ISBN 978-99975-63-55-2
5. Николаева О.В. Понятие концептуального пространства в методологии языкознания /О.В.Николаева // Личность. Культура. Общество. - 2011. Т. 13. Вып. 2 (6364). - С. 186-196.
6. Рахимов Р.К. Общеэкономические пропорции в народном хозяйстве Республики Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов // Вестник РТСУ. – Душанбе, 2015. -№1(48). - С.58-66.
7. Симарова И.С. Обоснование регионального развития с учетом связанности экономического пространства: дис. на соиск. уч. степ. канд. эк. наук: 08.00.05 / Симарова И. С.; [Место защиты: Тюмен. гос. нефтегаз. ун-т]. – Тюмень, 2014. – 146 с.
8. Ярошевский Б.Е. Теория периферийной экономики / Б.Е.Ярошевский. - М.: Мысль, 1973. - 214 с.

**УДК: 330.322.2**

# ШАРОИТИ АМАЛИГАРДОНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Попов Николай Анатольевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

***Саидзода Дилмурод Саймаҳмад*** *- унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 902666620*

*Дар ин мақола муаллифон зарурати шароити таъсиргузорро ба такрористеҳсоли соҳаи кишоварзӣ баён кардаанд. Ба андешаи муаллифон, истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзии барои аҳолӣ зарурӣ самти стратегии бахши аграрӣ мебошад.*

*Имрӯз такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ метавонад дар заминаи марҳалаҳои муайян амал кунад, ки натиҷаи татбиқи онҳо истеҳсоли маҳсулот ва даромад мебошад. Табиатан такрористеҳсол равандест, ки ҳамеша дар ҳоли ҳаракат аст. Ҳангоми баррасӣ кардани такрористеҳсол ҳамчун раванди фаъолият, ба фикри муаллифон, таъмини хароҷоти меҳнати инсон бо ёрии фишангҳои ангезавӣ дар шакли афзоиши музди меҳнат ё ташкили шароити мақбули кор зарур аст.*

*Дар мақола таъкид шудааст, ки ба ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ як қатор мушкилот, камбуди сармояи худӣ, нобаробарии нарх, зарурати воситаҳои сармояи қарзӣ, расмиёти мураккаби гирифтани қарз ва фоизи баланди қарзу хатарҳои баланди он таъсир мерасонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти озуқаворӣ, такрористеҳсол, истеъмол, тақсимот, динамика, соҳаи кишоварзӣ, маҳсулот, бахши аграрӣ, соҳа, даромад.*

# УСЛОВИЯ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ВОСПРОИЗВОДСТВА В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

***Попов Николай Анатольевич*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

***Саидзода Дилмурод Саймахмад*** *- соискатель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 902666620*

*В своей статье авторы описывают необходимость условий, влияющих на воспроизводство в сельском хозяйстве. По мнению авторов, производство качественной и необходимой для населения сельхозпродукции является стратегическим направлением в аграрном секторе.*

*На сегодняшний день воспроизводство сельхозпродукции может функционировать на основе определенных этапов, где итогом их применения является продукция и доход. По своей природе воспроизводство является процессом, находящимся в постоянном движении. При рассмотрении воспроизводства как процесса функционирования, по мнению авторов, необходимо обеспечение затрат на человеческий труд с помощью мотивационных рычагов в виде повышения заработной платы или создания приемлемых условий труда. Авторами отмечено, что на производительность в сельском хозяйстве влияют ряд проблем, которые негативно сказываются на развитие производства, например, дефицит собственного капитала, ценовой диспаритет, необходимость в заемных капитальных средствах, сложная процедура получения кредита и высокий кредитный процент, и высокие инвестиции.*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, воспроизводство, потребление, распределение, динамика, сельское хозяйство, продукция, аграрный сектор, отрасль, доход.*

# CONDITIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF REPRODUCTION IN AGRICULTURE

***Popov Nikolai Anatolyevich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Customs, Tajik State Finance and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe 64/14 Nakhimov Street*

***Saidzoda Dilmurod Saimahmad** - Applicant of the Department of Finance, Tajik State Finance and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe 64/14 Nakhimov street. Phone: 902666620*

*In his article, the author describes the need for conditions which affect to the reproduction in agriculture. According to the author's opinion the production of high-quality and necessary agricultural products for the population is a strategic direction in the agricultural sector.*

*Today, the reproduction of agricultural products can function on the basis of certain stages, where the result of their application is products and income. By its very nature, the reproduction is a process in constant motion. According to the author, when considering reproduction as a functioning process, it is necessary to ensure the cost of human labor with the help of motivational levers in the form of wage increases or the creation of acceptable working conditions. As highlighted in the article, agricultural productivity is affected by a number of problems that negatively affect the development of production, such as lack of equity, price disparity, the need for borrowed capital, difficult procedures for obtaining credit and high interest rates and investment risks.*

***Key words:** food security, reproduction, consumption, distribution, dynamics, agriculture, products, agricultural sector, industry, income.*

Истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ яке аз ҳадафҳои стратегии соҳа ва такрористеҳсоли васеъ заминаи асосии фаъолияти бахши аграрӣ ба ҳисоб меравад.

Такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ як қатор марҳилаҳои ба ҳамдигар алоқаманд ва пайдарпайро дар бар мегирад: истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли ниҳоӣ, ки маҳсулот ва даромад пайомадҳои он мебошанд. Таҳлили асарҳои илмии классикони назарияи иқтисодӣ нишон дод, ки такрористеҳсол ин гирифтани маҳсулоту даромади зарурӣ барои давраи нави истеҳсол аст, ки он ҳамеша дар замон ҳаракат мекунад ва таҷдид мешавад.

Раванди такрористеҳсол ҳамеша дар ҳаракат аст. Он метавонад дар ҳамон як лаҳзаи замон зимни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот аз ҳисоби даромади бадастомада зимни ҳисобӣ кардан бо таҳвилгарон, буҷет ва бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ гардад. Такрористеҳсол раванд аст, зеро аз як тараф, ҳамеша ҳаракат мекунад, аз сӯйи дигар, ҳангоми баррасии мафҳумҳои «раванди истеҳсол» ва «раванди такрористеҳсол» маълум мегардад, ки ин мафҳумҳо бо пайдоиши арзиши изофа тавсиф меёбанд. Дар ин масъала К. Маркс навишта буд, ки афзоиши арзиш аз равандҳои истеҳсолие бармеоянд, ки бо сармоя иҷро шудаанд, онро худи сармоя дар раванди истеҳсол тавлид мекунад. Ба ин васила, мафҳумҳои раванди истеҳсолӣ ва раванди такрористеҳсол ба марҳалаи асосии такрористеҳсол, яъне ба истеҳсол мансуб мебошанд [6].

Дар марҳалаи муосир моҳият ва вазифаҳои такрористеҳсол аз ташаккул ва ҳифзи сохтори пойгоҳи захиравии соҳаи кишоварзӣ, низоми истеҳсолкунандагони самарабахшу рақобатпазири мансуби шаклҳои гуногуни моликияту хоҷагидорӣ: эҷоди шароит барои рушди устувори деҳот иборат аст [1].

Раванди такрористеҳсол таҷдиди захираҳоро дар поёни ҳар давраи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ки ҳангоми амалигардонии он истифода бурда шудаанд, дар назар дорад.

Дар ҷараёни такрористеҳсол бояд талофии хароҷоти меҳнати зинда ва моддишуда таъмин гардад. Бояд гуфт, ки хароҷоти меҳнати зинда тавассути пардохтани музди қувваи корӣ такрористеҳсол мешаванд. Ҷуброни хароҷоти меҳнати моддишуда такрористеҳсоли қисме аз воситаҳои асосӣ ва такрористеҳсоли пурраи воситаҳои гардон амалӣ мегардад. Воситаҳои асосӣ аз ҳисоби пардохтҳои истеҳлокӣ ва зам кардани онҳо ба арзиши аслии маҳсулот таҷдид мешаванд. Арзиши воситаҳои гардони истифодашуда, чун қоида, ба пуррагӣ ҷуброн карда мешавад [7].

Ба вазифаҳои муҳимтарини таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуботи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ин ашёи хом ва озуқаворӣ мансуб мебошад. Ҳалли мушкилоти рушди такрористеҳсоли васеъ барои фаъолияти бозори маҳсулоти кишоварзии озуқаворӣ аҳамияти хоса дорад.

Ба раванди такрористеҳсол се гурӯҳи омилҳо - омилҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, ки инҳо вижагию хосияти истифодабарии захираҳо, инчунин муносибатҳои истеҳсолию иқтисодиро муайян мекунанд.

Барои ба субот овардани исеҳсолоти агросаноатӣ, рушди баъдии он бояд шароити бунёдгузори такрористеҳсол, аз қабили сиёсати нархгузорӣ, андозӣ, молиявию қарзӣ, сармоягузорӣ ва иттилоотӣ риоя карда шаванд.

Ба ҳолати такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ як қатор мушкилот, масалан, камбуди сармояи худӣ, нобаробарии нарх, талаботи зиёд ба воситаҳои сармояи қарзӣ, фоизи баланди қарз, механизми мураккаби гирифтани қарз, сатҳи феълии андозбандӣ (хусусан, андози калон аз арзиши иловашуда), номукаммалии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, набудани танзими раванди сармоягузорӣ ва хатарҳои баланди қарз таъсир мерасонанд.

Таъсири шароити нави истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ба такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ дар тавлиди маҳсулот ва даромад зоҳир мешавад. Бояд таъкид кард, ки шароит, таъсири мусбат ё манфии омил ба фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин ба муҳите мебошад, ки ба мавҷудияти онҳо таъсир мерасонад (расми 1).




Расми 1 - Нақшаи шароити такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ

Гурӯҳи якум фарогири истеҳсолӣ, яъне захираҳои асосиест, ки дар соҳаи истеҳсолот истифода бурда мешаванд ё шароити заруриро барои он ба вуҷуд меоранд.

Гурӯҳи дуюм омилҳои иқтисодиеро дар бар мегиранд, ки аз шароити берунӣ ва дохилӣ таркиб ёфтаанд. Шароити берунӣ сиёсати аграрии давлатро бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 ташкил медиҳад, ки дар он самтҳои асосии рушди кишвар то соли 2015 муайян шудаанд ва яке аз ҳадафҳои стратегии барномаи мазкур таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Шароити берунӣ ба ташаккули сиёсати дохилии корхона таъсир мерасонанд, аҳволи иқтисодии онро муайян мекунанд.

Гурӯҳи сеюми омилҳо - гурӯҳи молиявӣ: воридшавӣ, тақсимот ва истифодабарии воситаҳои молиявии худӣ, субсидияҳои буҷетиро дар бар мегирад, ки қобилияти қарзпардозӣ ва қобилияти пардохти корхонаро ташаккул медиҳанд, ба ташкили сармояи

молиявӣ таъсир мерасонанд ва имкони пешбурди фаъолиятро барои корхонаҳои кишоварзӣ муҳайё мекунанд [5].

Таъсири шароити фароҳамомада ба такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ навъи онро муайян мекунад. Мутобиқи хусусияти истифодабарии захираҳо навъҳои зерини такрористеҳсол ҷудо карда мешаванд:

1) Такрористеҳсоли одӣ такрори равандро дар ҳамон ҳаҷм дар назар дорад. Дар такрористеҳсоли одӣ давр мустақиман ба замони фаъолияти воситаҳои асосӣ вобастагӣ дорад. Хоси корхонаҳоест, ки имкони сармоягузорӣ надоранд ва мекӯшанд фаъолияти худро дар як сатҳ нигоҳ доранд. Такрористеҳсоли одӣ чун шакли басуботоварӣ ва замина барои рушди минбаъда дониста мешавад;

2) Такрористеҳсоли васеъ такрори раванди истеҳсолро дар ҳаҷми афзуншуда дар назар дорад, зеро даромади бадастомада ба харидории захираҳои иловагие равона карда мешавад, ки истифодаашон имконияти такрори истеҳсолро дар ҳаҷми бештар муҳайё мекунад. Ҳангоми такрористеҳсоли васеъ корхона ҳарсола сармоягузории навро барои фаъолияти худ анҷом медиҳад. Ин корро корхонаҳое карда метавонанд, ки муваффақона кор мекунанд ва ҳамеша рушд меёбанд;

3) Такрористеҳсоли маҳдуд такрори истеҳсолро дар ҳаҷми ихтисоршуда дар назар дорад. Ҳангоми такрористеҳсоли маҳдуд корхонаҳое, ки тавони иҷрои такрористеҳсоли одиро надоранд, ноилоҷ вусъати фаъолияти худро ихтисор мекунанд. Такрористеҳсоли маҳдуд шакли рушди корхона дар шароити буҳрон мебошад [4].

Вобаста ба андозаи таъмини ташкилотҳои кишоварзӣ бо захираҳои истеҳсолӣ ва сатҳи нархи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ навъҳои зерини такрористеҳсолро ҷудо метавон кард: такрористеҳсоли маҳдуд бо даромаднокии мусбати тавлиди маҳсулот то 15%, такрористеҳсоли одӣ бо даромаднокии 15 то 35%, такрористеҳсоли васеъ бо даромаднокии зиёда аз 35%. Модели назариявии раванди такрористеҳсол дар расми 2 тасвир шудааст.

Дар раванди такрористеҳсоли одӣ маҳсулоти изофа пурра барои истеъмол истифода бурда мешавад. Такрористеҳсоли одӣ дар соҳаи кишоварзӣ хусусияти назариявӣ дорад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо таҷдиди ҳосилхезии замин ва таъсири омилҳои табиӣ ва обуҳавоӣ алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, таъмин кардани мувофиқати пурраи натиҷаҳои истеҳсол дар поёни ҳар давраи такрористеҳсол ғайриимкон аст.

К. Маркс масъалаи такрористеҳсоли одиро барои шароити капитализм матраҳ карда буд. «Такрористеҳсоли одӣ, - гуфта буд ӯ, - такрористеҳсол бидуни тағйири миқёс як мафҳуми назариявист ба он маъное, ки аз як тараф, набудани ҳама гуна сармояи андӯхта, ё такрористеҳсоли миқёси васеъ, дар шароити мавҷудияти зербинои капиталистӣ як фарзияи дур аз ҳақиқат аст, аз сӯйи дигар, муносибатҳое, ки дар он истеҳсол анҷом мепазирад, дар солҳои гуногун мутлақо бетағйир намемонанд». Бино бар ақидаи К. Маркс, ҳатто дар шароити мавҷуд будани зербинои капиталистӣ такрористеҳсоли одӣ «фарзияи дур аз ҳақиқат» аст[6, с. 123].

Такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ таҷдиди бефосилаи муносибатҳои иқтисодиро дар ҳама марҳалаҳо аз ҳисоби ҷалб кардани захираҳои иловагӣ дар ҳар даври истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи онҳоро бо мақсади беҳсозии сифати маҳсулот ва афзудани ҳаҷми истеҳсол дар назар дорад.

Бино ба зарурати иҷрои вазифаҳои таъмини озуқаворӣи кишвар ин мушкилоти такрористеҳсоли васеъ бештар аз ҳама мубрам мебошад. Барқарорсозии нақши иқтисодии раванди такрористеҳсол дар афзоиши даромаднокии соҳа ва ташаккули иқтидори захиравии он на танҳо аз ҳисоби истифодаи захираҳои дохилӣ, балки аз ҳисоби захираҳои молиявии ҷалбшуда, аз ҷумла захираи қарзӣ таҷассум меёбад.

Таъмини такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ бидуни баҳисобгирии омилҳои соҳавии зерин ғайриимкон аст:

1) Замин воситаи асосии истеҳсолот мебошад. Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои замин такрористеҳсоли васеъ бе баланд гардонидани сатҳи ҳосилхезии замин ғайриимкон аст;

2) Растаниву ҳайвонот тобеи қонунҳои такрористеҳсоли табиӣ мебошанд. Пас, иҷрои тасмимҳои сармоягузорӣ бе назардошти талаботи қонунҳои иқтисодию биологӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо имкон надорад;

3) Шароити табиию иқлимӣ, ки ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд;

4) Хусусияти мавсимӣ доштани истеҳсолот ва истифодабарии меҳнат. Амалкарди механизми такрористеҳсоли фаъолияти сармоягузорӣ, муддати давраҳои он, номувофиқии давраи кор ва истеҳсолро муайян мекунад;

5) Парокандагии истеҳсолот дар макон (муҳит). Дар корхонаҳои кишоварзӣ олоти истеҳсол интиқол мешаванд, на ашёи меҳнат. Техникаи кишоварзӣ асосан барои истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот истифода бурда мешавад ва барои намудҳои дигар корношоям аст. Аз ин сабаб, талаботи зиёд ба сармоягузорӣ вуҷуд дорад;

6) Номутаносибии тақозо ба маҳсулоти кишоварзӣ, яъне кам шудани нархи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ боиси зиёд афзудани тақозо ба он намешавад [10].




**Расми 2 - Модели назариявии такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ**

Алҳол такрористеҳсол дар бахши аграрӣ маҳдуд аст, яъне истеҳсол камтар ва мувофиқи он истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳам кам мебошад. Мушкилоти такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ мушкилоти давлатӣ шуда, ин зарурати бознигарии сиёсати кишоварзиро дар сатҳи макроиқтисод ва таҳлили фарогири таъсиррасонии шароити мавҷударо ба вазъу аҳволи омилҳо дар соҳаи кишоварзӣ ба миён овардааст.

Барои беҳтар шудани вазъи соҳа чунин тавсияҳоро пешниҳод менамоем, ки иҷрои онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Тақозои босубот афзоянда ба маҳсулоти кишоварзӣ сабаби воқеии такрористеҳсоли васеъ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Мувофиқи хосиятҳои сифатӣ, такрористеҳсоли васеъро ба 3 навъ: каммаҳсул, пурмаҳсул ва омехта тақсим мекунанд. Дар ин миён хусусияти соҳа ин аст, ки омилҳои истеҳсоли каммаҳсул ва пурмаҳсул бояд бо таносуби оқилона ба ҳам омехта ва истифода карда шаванд.
2. Дар шароити муосир захираи иттилоотӣ дар соҳаи аграрии иқтисод аҳамияти калон дорад. Барои самаранокии равандҳои такрористеҳсол иттилоот ва машварати саҳеҳ дар бораи бозорҳои фурӯш, маркетинг, нархи маҳсулот, хусусиятҳои андозбандӣ, суғурта, қарзгузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам маҳаллӣ лозим аст. Истифодаи иттилоот барои роҳбарони ташкилот имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсолро ба роҳи пурмаҳсул инкишоф диҳанд, хатарҳои мухталифро кам кунанд, қарорҳои идории самабахшро қабул намоянд.
3. Соҳаи кишоварзӣ бино ба хусусиятҳои воқеии таърихӣ ва иқтисодии худ бояд соҳаи афзалиятнок гардад. Барои ин бознигарии сиёсати аграрӣ, тавсеа ва татбиқи босамари лоиҳаҳои комплексии миллии рушди истеҳсолоти агросаноатӣ, ки ба таъмини такрористеҳсоли васеъ дар ҳама соҳаҳои кишоварзӣ ва рушди деҳот нигаронда шудаанд, зарур мебошад.

**Адабиёт**


1. Зинченко А. Воспроизводство и социально-экономические преобразования в сельском хозяйстве России / А. Зинченко // Аграрная политика: проблемы и решения. – 2006. - №8. - С. 7-13..
2. Иматчоев З.Х. Омилҳои рушди устувори комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир/ З.Х. Иматчоев, С.С. Акбаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. - №3(27) . – С.101-108
**3.** Костюкова Е.И. Экономический механизм воспроизводства технической базы сельского хозяйства (теория, методология, практика): диссертация на соис. уч. ст. д.э.н. 08.00.05. / Е.И. Костюкова. – М. – 2008. – 318с.
4. Мадаминов А.А. Пути обеспечения устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана в период становления рыночной экономики: теория, методология и практика. / дисс. док.эк. наук 08.00.05. /А.А. Мадаминов - Москва, 2006.- 329 с.
5. Маркова Г. Совершенствование условий воспроизводства в сельском хозяйстве / Г. Маркова // Экономист. - 2013. - №9. - С. 51-57.
6. Маркс К. Капитал. Ср. текст во 2-м издании сочинений. Т. 24. /К. Маркс. - 444с.
7. Попов Н.А. Экономика сельского хозяйства: учеб. пособие /под ред. проф. Н.А. Попова. – М.: Магистр: ИНФРА – М, 2010. – 398 с.
8. Тарасов О.Ю. Исследование особенностей воспроизводственного процесса в сельском хозяйстве: диссертация на соис. уч. ст к.э.н. 08.00.05. / О.Ю. Тарасов. – М. – 2010. – 128с.
9. Хайрзода Ш.К. Необходимость и роль микрокредитования аграрного сектора национальной экономики Республики Таджикистан / Ш.К.Хайрзода, Б.Б. Ходжаев, С.Дж.Махшулов//Финансово-экономический вестник. – 2019. - №4(20). - С.7-14
10. Экономика отраслей АПК: Учебник / Под ред. И.А. Минакова. - М.: Колос С. 2004. - 464 с.
11.


---

**УДК: 338.24:63 (575.3)**

## ОМИЛҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ

***Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Маяковский 75/5, хонаи 8. Тел.: (+992) 935576360. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот баррасӣ гардидааст. Муаллиф муносибатҳои мухталифи назариявӣ ва методологиро ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда хулосабандӣ намуда, собит намудааст, ки эҳё ва рушди зерсохтори иҷтимоии деҳот ҳамеша яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф*

*барои арзёбии рушди устувори ҳудуди деҳот (дар намуди ҷадвал) чор сатҳи устувори ҳудуди деҳот, аз он ҷумла рушди устувор, рушди наздик ба устувор, рушд бо аломатҳои ноустуворӣ ва рушди ноустуворро муайян кардааст.*

*Ғайр аз ин, дар мақола тағйирёбии теъдоду сохтори аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (дар намуди ҷадвал) ва омилҳое, ки ба рушди устувори зерсохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот таъсир мерасонанд ва инчунин, барои устувории рушди зерсохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот омилҳои дохила ва берунаро мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст.*

*Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:** деҳот, ҳудуд, зерсохтор, иҷтимоӣ, омилҳо, нишондиҳанда, рушд, устувор, иқтисодиёт, аҳолӣ.*

## ФАКТОРЫ И ПОКАЗАТЕЛИ, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЕ УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ

***Шодиев Кухзод Курбонбаевич** – кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе, район Сино, ул. Маяковского 75/5, кв 8. Телефон: (+992) 935 57 63 60. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru*

*В статье рассматриваются факторы и индикаторы, определяющие устойчивое развитие социальной инфраструктуры села. Автор обобщает различные теоретико-методологические подходы к исследованию проблемы и доказывает, что возрождение и развитие сельской социальной инфраструктуры всегда было одним из важных направлений социально-экономической политики Правительства Таджикистана. Автор оценивает устойчивое развитие сельских территорий в виде таблицы с четырьмя уровнями устойчивости сельских территорий: в том числе, устойчивое развитие, близко к устойчивому росту, развитие с признаками нестабильности и неустойчивое развитие.*

*Кроме того, в статье анализируются изменения численности и структуры населения в регионах страны и рассматриваются факторы, влияющие на устойчивое развитие социальной инфраструктуры в сельской местности. А также рассмотрены внутренние и внешние факторы для устойчивого развития социальной инфраструктуры в сельской местности.*

*Научные выводы и рекомендации автора основаны на результатах исследования.*

***Ключевые слова:** село, территория, субструктура, социальные, факторы, индикатор, развитие, устойчивость, экономика, население.*

## FACTORS AND INDICATORS DEFINING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF RURAL SOCIAL INFRASTRUCTURE

***Shodiev Kuhzod Kurbonbaevich** – candidate of Economic sciences, scary teacher of the Department of Economic Analysis, Address: g. Dushanbe, Sino area ul. Mayakovsky 75/5. kv. 8 E-mail: kuhzod-8686@mail.ru Tel:(+992) 935576360.*

*The article examines the factors and indicators that determine the sustainable development of the social infrastructure of the village. The author summarizes various theoretical and methodological approaches to the study of the problem and proves that the revival and development of rural social infrastructure has always been one of the important directions of the social and economic policy of the Government of Tajikistan. The author assesses the sustainable development of rural areas in the form of a table with four levels of sustainability of rural areas: including; sustainable development, close to sustainable growth, development with signs of instability and unsustainable development.*

*In addition, the article analyzes changes in the size and structure of the population in the regions of the country in the form of tables and examines the factors influencing the sustainable development of social infrastructure in rural areas. In addition to this, internal and external factors for the sustainable development of social infrastructure in rural areas are considered.*

*The scientific conclusions and recommendations of the author are based on the results of the research.*

***Key words:** village, territory, substructure, social, factors, indicator, development, sustainability, economy, population.*

Эҳё ва рушди зерсохтори иҷтимоии деҳот ҳамеша яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бар ин асос, як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул шуда, барномаҳои мухталифи давлатӣ татбиқу таҳия карда мешаванд, ки дар онҳо ҷои марказиро масъалаҳои рушди зерсохтори иҷтимоӣ дар ҳудуди деҳот ишғол мекунанд. Дар чунин ҳуҷҷатҳо, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то барои давраи соли 2030», «Барномаи миёнамуддати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», ба рушди ҳудуди деҳот ва дастрасии аҳолӣ ба иншооту хадамоти зерсохтори иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст.

Алҳол дарки зарурати рушди мақсадноку устувори деҳоти минтақаҳо меафзояд. Бисёре аз муаммоҳои он муайян шудаанд, валекин стратегияи ҳалли онҳоро ҳанӯз таҳия накардаанд. Чун қоида, кӯшишҳои ҳалли муаммоҳои ҳудуди деҳот бо истифода аз тадбирҳои пароканда ва ба ҳам алоқанадошта, бе ҳамоҳангию тавофуқи муносиби барномаву лоиҳаҳо анҷом дода мешаванд. Сабаби ин норасоии таҷриба ва ҳам қобилияти дарки хусусияти рушди деҳот мебошад [1, с. 71-75].

Инкишофи бошитоби истеҳсолоти кишоварзӣ, ки роҳи классикии ҳалли муаммоҳои деҳот мебошад, таҷдиди амиқро талаб менамояд. Барои ин равише лозим аст, ки ҳалли тамоми масъалаҳои асосии ҳудуди деҳотро дар чорчӯбаи консепсияи ягонаи рушди устувор муттаҳид кунад [6, с. 8]. Ин ҳама мубрамияти мавзӯи мақоларо муайян ва арзиши илмию амалии онро тасдиқ мекунад.

Барои арзёбии рушди устувори ҳудуди деҳот муайян кардани чор сатҳи устуворӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Ҷадвали 1 - Сатҳи устувории рушди ҳудуди деҳот**

| Сатҳи устуворӣ | Ҳудуди фосилаи индекс | Дараҷаи устувории рушди ҳудуд |
|---|---|---|
| 1 | $0,75 < Iуст \leq 1,0$ | Рушди устувор |
| 2 | $0,50 < Iуст \leq 0,75$ | Рушди наздик ба устувор |
| 3 | $0,25 < Iуст \leq 0,50$ | Рушд бо аломатҳои ноустуворӣ |
| 4 | $0 < Iуст \leq 0,25$ | Рушди ноустувор |

***Манбаъ:*** *Таҳияи муаллиф*

Ҳангоми рушди устувор вазифаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз дастгирии рушди устувори ҳудуд, назорати омилҳои коҳишдиҳандаи устуворӣ ва таъсиррасонӣ ба онҳо бо мақсади нигаҳдории низом дар ҳолати устувор иборат аст.

Ҳангоми рушди наздик ба устуворӣ вазифаи мақомоти худидораи маҳаллӣ таъсиррасонӣ ба омилҳои таъсири манфикунанда ба рушди устувори ҳудуди деҳот бо мақсади овардани низом ба ҳолати устувор мебошад.

Агар деҳа мансуби сатҳи 3-юми устуворӣ, яъне рушди бо аломатҳои ноустуворӣ бошад, пас вазифаи мақомоти худидораи маҳаллӣ аз таъсиррасонӣ ба омилҳои таъсири манфикунанда ба рушди устувори ҳудуди деҳот бо мақсади овардани низом ба ҳолати рушди наздик ба устуворӣ иборат мебошад.

Дар ҳолати рушди ноустувор вазифаи мақомоти худидораи маҳаллӣ аз таъсиррасонӣ ба омилҳои таъсири манфӣ бо мақсади баровардани низом аз вазъи буҳрон иборат аст.

Ҳамин тариқ, рушди устувори ҳудуди деҳотро чун низоме тасвир мекунанд, ки аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

- рушди истеҳсолот, ки дар натиҷаи он талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ қонеъ карда мешавад;
- рушди иҷтимоию демографӣ, ки имкони таъмини афзоиши аҳолии деҳот, мусоидат барои беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, коҳишёбии ихроҷи ҷавонону аҳолии қобили меҳнатро фароҳам месозад;
- тағйироти сохторӣ тавассути таъсиси ниҳодҳои нави иқтисодӣ ва маъмурие, ки мақсадашон қонеъсозии талаботи аҳолии маҳал мебошад;
- назорати хоҷагӣ ва иҷтимоии ҳудуд, ки хизматрасонии коммуникатсияҳои муҳандисӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи захираҳои табииро дар бар мегирад;
- нигоҳ доштан ва инкишоф додани мероси фарҳангӣ ва маънавии аҳолии ҳудуди деҳот;
- солимгардонӣ, ки имкони ташкили ҷойҳои кории дигар ва шароити истироҳати аҳолиро фароҳам меорад;

- ҳифзи табиат, ҳифзи муҳити зист, таъмини мувозинати экологӣ дар минтақаҳои кишоварзии биологӣ, нигоҳубини манзара ва ҳудуди махсусан маҳфузи минтақаи худ ва ғайра [6, с. 8].

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки тағйироти равандҳои воқеӣ ба ихтилофи раванди тағйирёбии теъдоду сохтори аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва умуман ба тамоюли манфии рушди ҳудуди деҳот таъсир мерасонад. Камшавии шумораи аҳолии деҳот, муҳоҷирати фаъолонаи аҳолӣ аз деҳот, синусоли қобили меҳнати аҳолии деҳот, таназзули қувваи истеҳсолкунандаи захираҳои ҳудуди деҳот, пастшавии сатҳу сифати ҳаёти аҳолии деҳот ва равандҳои дигар ба чашм мерасанд. Дар ҷадвали мазкур ин равандҳо муфассалтар мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 2 - Тағйирёбии теъдоду сохтори аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳаз. наф.**

| | **Солҳо** | | | | **с.2018 бо % нисб. с. 2010** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2016** | **2017** | **2018** | |
| **ВМКБ** | | | | | |
| Теъдоди аҳолӣ ҳамагӣ | 204,8 | 220,2 | 223,6 | 236,9 | 115,7 |
| Теъдоди аҳолии деҳот | 177,0 | 190,7 | 193,7 | 196,6 | 111,1 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот дар теъдоди умумии аҳолӣ, % | 86,4 | 86,6 | 86,6 | 83,0 | 96,0 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | |
| Теъдоди аҳолӣ ҳамагӣ | 2198,0 | 2560,8 | 2608,5 | 2658,4 | 120,9 |
| Теъдоди аҳолии деҳот | 1648,6 | 1925,2 | 1962,4 | 2000,7 | 121,4 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот дар теъдоди умумии аҳолӣ, % | 75,0 | 75,2 | 75,2 | 75,3 | 100,3 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | |
| Теъдоди аҳолӣ ҳамагӣ | 2618,3 | 3124,4 | 3198,5 | 3274,9 | 125,1 |
| Теъдоди аҳолии деҳот | 2162,3 | 2555,8 | 2617,9 | 2683,9 | 124,1 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот дар теъдоди умумии аҳолӣ, % | 82,6 | 81,8 | 81,8 | 82,0 | 99,2 |
| **НТҶ** | | | | | |
| Теъдоди аҳолӣ ҳамагӣ | 1685,1 | 2021,2 | 2069,2 | 2120,0 | 125,8 |
| Теъдоди аҳолии деҳот | 1456,0 | 1759,2 | 1803,0 | 1848,6 | 127,0 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот дар теъдоди умумии аҳолӣ, % | 86,4 | 87,0 | 87,1 | 87,2 | 100,9 |
| **Дар ҷумҳурӣ** | | | | | |
| Теъдоди аҳолӣ ҳамагӣ | 6706,2 | 7926,6 | 8099,8 | 8290,2 | 123,6 |
| Теъдоди аҳолии деҳот | 5443,9 | 6430,9 | 6577,0 | 6729,8 | 123,6 |
| Ҳиссаи аҳолии деҳот дар теъдоди умумии аҳолӣ, % | 81,2 | 81,1 | 81,2 | 81,2 | 0,0 |

***Манбаъ:*** *Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2019.- С. 18-19.*

Зимни таҳлили таъсири теъдоду сохтори аҳолӣ ба ҳолати рушди ҳудуди деҳот, пеш аз ҳама, қайд мебояд кард, ки шумораи аҳолии деҳот дар тамоми ҷумҳурӣ солҳои 2010 – 2018 аз 5443,9 ҳаз. наф. то 6729,8 ҳаз наф. ё 23,6% зиёд шуд. Ба ин васила, метавон гуфт, ки аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ дар ҳоли афзудан аст.

Арзёбии ҳолати рушди ҳудуди деҳотро тағйири ҳиссаи хоси аҳолии деҳот дар шумораи аҳолӣ нишон медиҳад. Умуман, ҳиссаи аҳолии деҳот дар ҷумҳурӣ қариби 81,2% аст. Ба ин васила, дар ҷумҳурӣ ҳиссаи аҳолии деҳот дар таркиби аҳолӣ тайи солҳои охир тағйир наёфтааст [5, с. 350].

Дар умум ҳаминро бояд қайд кард, ки равишҳои мухталифи таснифи омилҳои рушди зерсохтори иҷтимоӣ барои тадқиқи таснифоти онҳо аз нигоҳи таъсирашон ба рушди устувори зерсохтори иҷтимоии деҳот тибқи нишонаҳои зерин имкон медиҳад: аз рӯйи муносибат ба субъекти иқтисод – дохилӣ ва берунӣ; аз рӯйи муносибат ба шароити хоҷагидорӣ –объективӣ ва субъективӣ; дараҷаи таъсир ба субъект - ба омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақим (расми 1).




**Расми 1. – Таснифи омилҳое, ки ба рушди устувори зерсохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот таъсир мерасонанд**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Омилҳои берунии рушди устувори зерсохтори иҷтимоии деҳотро одатан ба омилҳои мустақиму ғайримустақим тақсим мекунанд. Агар омилҳои мустақим ба сатҳи устувории иҷтимоии деҳот таъсири бевосита расонанд, омилҳои ғайримустақим бошанд, ба вазъу сатҳи устуворӣ таъсири муътадил мерасонанд.

Аз омилҳои берунии таъсири ғайримустақим муҳимтаринаш сатҳи рушди илмию техникӣ, хусусиятҳои табиию ҷуғрофӣ, фарҳангию таърихӣ, сатҳи истеъмоли машрубот дар деҳот ва сатҳи ҷинояткорӣ, вазъи умумии сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Сатҳи пасти рушди илмию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ мисли пешина ин соҳаро дар сатҳи пурмеҳнатӣ ва ғайриҷолиб барои мутахассисони ҷавон мегузорад [2, с. 212]. Сабаби асосии ихроҷи ҷавонон аз ҳудуди деҳот ва дар натиҷа коҳиш ёфтани тақозо нисбат ба хизматрасонии корхонаҳои зерсохтори иҷтимоӣ дар ҳамин аст.

Омилҳои табиию ҷуғрофӣ маҷмӯи омилҳои иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва экологие мебошанд, ки ба рушди зерсохтори иҷтимоии деҳот таъсир мерасонанд. Таъсири омилҳои мазкур мансуби омилҳои берунӣ мебошад. Шароити иқлим ва иқтидори захираи сохтори соҳаи иҷтимоӣ, мувофиқ будани нархи хизматрасонӣ, хусусияти соҳаҳои дохили зерсохтори иҷтимоиро муайян мекунад.

Хусусиятҳои фараҳангию таърихии ин ё он маҳалли деҳот сатҳу шароити зисти аҳолии ин ҳудудро муайян мекунанд. Онҳо ҳавасмандии ҷалби аҳолӣ ба деҳот шуда метавонанд.

Проблемаи истеъмоли машрубот аз ҷониби аҳолии ҳудуди деҳот солҳои охир сол то сол дар кишвар ва ҳам дар деҳот тезутунд мегардад, ки набудани ҷойи кори доимӣ ва хуб набудани шароити муносиб дар деҳот яке аз сабабҳои асосии он мебошанд [3].

Ба омилҳои берунии мустақим дастгирии давлатӣ ва танзими давлатӣ, вазъи демографӣ, ҳолати зерсохтори бозор, сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва вазъи зерсохтори муҳандисӣ дохил мешаванд.

Тайи даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ унсурҳои асосии низоми дастгирии давлатии зерсохтори иҷтимоӣ шакл гирифтанд. Бо таваҷҷуҳ ба шароити муосиру мушкилоти рушди зерсохтори иҷтимоии деҳот, инчунин, самараи ками тадбирҳои давлатии дастгирии он, рушду такмили баъдии тамоми низоми дастгирии давлатии зерсохтори иҷтимоӣ алҳол омили калидии рушди муваффақи деҳот мегардад. Василаи асосии татбиқи дастгирии давлатӣ барномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, минтақавӣ, ноҳиявии рушду дастгирии зерсохтори иҷтимоии деҳот мебошанд.

Мақсади дастгирии давлатии рушди зерсохтори иҷтимоӣ дар деҳот эҷоди шароити муайян баҳри таъмини амалкарди муътадили кору фаъолияти аҳолии деҳот, дастрасӣ ба унсурҳои зарурии таъмини иҷтимоии аҳолии деҳот мебошад. Яке аз аломатҳои асосии низоми танзими давлатии рушди зерсохтори иҷтимоии деҳот имрӯз бояд дастгирии ҳадафҳо - омилҳои рушди мусбати сатҳи зисти аҳолии деҳот бошад.

Зерсохтори бозорро чун маҷмӯи унсурҳо, ниҳодҳо ва навъҳои фаъолияти созандаи шароити ташкилию иқтисодии фаъолияти бозор ва ташкилот, корхонаву хадамоти давлатию тиҷоратии таъминкунандаи муътадили бозор маънидод мекунанд. Хидматгузории муносибатҳои мутақобилаи тавлидгарони мол ва истеъмолгарони бевоситаи онҳо таъиноти асосии ниҳодҳои зерсохтор мебошад.

Ба ин васила, зерсохтори бозор муҳити иқтисодии заруриро барои фаъолияти муътадили раванди такрористеҳсол дар зерсохтори иҷтимоии деҳот низ фароҳам месозад.

Зерсохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ бо ҳам робитаи наздик дорад. Рушди устувору сифати зерсохтори иҷтимоӣ мустақиман дастрасӣ ва тақозо ба зерсохтори иҷтимоиро, хусусан дар деҳот, муайян мекунад. Мавҷудияти роҳҳо ва сифати онҳо, назми ҳаракати нақлиёти мусофирбар, сифати алоқа ва унсурҳои дигар ба пурратар қонеъ шудани тақозо ба иншооти зерсохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунанд [7, с. 82-87].

Нақши омилҳои дохилӣ, ки дар сатҳи деҳот таъсири зиёд мерасонанд, муҳим аст. Дар деҳот аз як тараф шароити зиндагӣ ва рушди аҳолии деҳот шакл мегиранд, аз тарафи дигар асоси таъмини озуқаворechии кишвар гузошта мешавад. Омилҳои дохилӣ объективӣ ва субъективӣ мешаванд.

Омилҳои объективӣ аз раванд ё ҳолатҳои воқеан инкишофёбанда бармеоянд. Ба онҳо ҷолибияти сармоягузории зерсохтори иҷтимоии деҳот, сифату рақобатпазирии хизматрасонии зерсохтори иҷтимоӣ ба аҳолии деҳот, иқтидору пойгоҳи захиравии

корхонаҳо, инчунин, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии иншооти зерсохтори иҷтимоӣ тибқи хосияти маҳал дохил мешаванд.

Омилҳои субъективӣ ба мақсади муайян аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи одамон дар асоси манфиати шахсӣ ва иқтисодии онҳо ба вуҷуд меоянд. Муҳимтарини онҳо сатҳи ихтисоси мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ, ташкил ва идораи кори муассисаҳои зерсохтори иҷтимоӣ, иштироки фаъоли кормандон дар рушди корхонаҳои деҳот, ҳувият, урфу одати аҳолии деҳот, сатҳи зиндагонии сокинони деҳот мебошанд.

Хусусияти муҳими дигари рушди муосири соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар деҳот, инчунин, қобили зикр аст, ки дар давраи гузариш принсипҳои бозорӣ тағйири сохтори идорӣ ва тағйири самти манбаъҳои молиявиву сармоягузориро талаб мекунанд. Чуноне маълум аст, маблағе, ки аз буҷетҳои давлатию минтақавӣ ҷудо карда мешавад, басанда нест, аз ин сабаб сарчашмаҳои дигарро бояд ҷалб кард. Масалан, ҷалб кардани воситаҳои пулии бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ба соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ё ташаккул додани фондҳои махсус дар тамоми соҳаҳои иқтисоди кишвар. Қабл аз татбиқи амалии ин лоиҳаҳо ҳолати муосири рушди зерсохтори иҷтимоиро бо мақсади муайян намудани омилҳои асосӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар деҳоти кишвар ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Ба сохтори ташаккул ва рушди зерсохтори иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот омилҳои муҳими зерин таъсир мерасонанд: захираҳои инсонӣ, муносибатҳои молиявӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ. Дар байни ин омилҳо омили инсонӣ ширкаткунандаи бевоситаи рушди зеҳнӣ, инноватсионӣ ва фарҳангиву маънавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [8, с. 83-88].

Омили асосии ташаккул ва рушди зерсохтори иҷтимоӣ ҳолати иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои он мебошад. Сатҳи рушди иқтисод имкони интихоби роҳҳои мақбул ва муайян кардани самти коркарди механизмҳои сиёсати иҷтимоиро таъин мекунад. Дар шароити дигаргуншавии иқтисод сиёсати давлатӣ бояд ба коҳиш додани падидаҳои манфӣ ва таъмини шароити рушди босуботи зерсохтори иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот равона карда шавад.

Устувории рушди зерсохтори иҷтимоии ҳудуди деҳот ба таъсири шумораи зиёди омилҳое асос меёбад, ки онҳоро ба омилҳои дохила ва беруна тақсим кардан мумкин аст. Ба омилҳои беруна таносуби бозори ҷаҳонӣ ва вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили равандҳои демографӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва ғайраро метавон дохил кард. Ин омилҳо амалкарди пойгоҳи қонунгузорӣ, созишномаҳо, аҳдномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро муайян мекунанд.

Ба гурӯҳи омилҳои дохилӣ самти иҷтимоӣ дар низомномаи муассисаҳои тасдиқшуда, ҳавасмандии иҷтимоӣ, имтиёзҳои гуногун, шаклҳои музди кор, мукофоти шахсӣ ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Аз ҷиҳати аломатҳои хоҷагидорӣ омилҳои дохилиро, ки ба ташаккулу рушди зерсохтори иҷтимоӣ дар маҳалли деҳот таъсир мерасонанд, дар асоси иқтидори захиравӣ алоҳида гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Ба онҳо дохил мешаванд: захираи замин, комплекси воситаҳои истеҳсол, унсурҳои моддӣ ва ашёӣ, низоми муҳандисӣ-техникӣ, унсурҳои зерсохтори иҷтимоӣ, восита, предметҳои меҳнат ва ғайра.

Хулоса, ҳаминро бояд қайд намуд, ки иқтидори рушди устувори ҳудуди деҳотро мо натанҳо чун маҷмӯи имконоти захиравӣ, балки ташкилӣ ва иқтисодие тасаввур мекунем, ки истифодаи оқилона ва босамари замин, шароити табиӣ, меҳнати сокинони деҳот, воситаҳои техникии мавҷуда, ташкили зерсохтори зарурии истеҳсолӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Ҳамчунин, барои рушди зерсохтори иҷтимоии ҳудуди деҳоти Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад, аз он ҷумла;

1. Барои рушди зерсохтори иҷтимоӣ дар маҳалҳои деҳот фаъолияти пурсамари комплекси агросаноатӣ, дастрасии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, беҳтаргардонии вазъи демографӣ, фаъолияти бозори меҳнат ва ҳифзи табиат, дастгирии давлатии рушди зерсохтори иҷтимоӣ, ташкили шароити мусоид ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот зарур мебошад.

2. Бо мақсади рушди иқтидори иттилоотӣ бо ёрии технологияҳои иттилооту муошират ва зерсохтори дастгирии инноватсияҳо сохтани захираи иттилоотии нав, яъне

бонки маълумот дар бораи коркардҳои ояндадори илмӣ, илмии техникӣ, объектҳои моликияти зеҳнӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ иҷро шудаанд, лозим мебошад. Бонки маълумот ба истифодабарандагон имкон медиҳад ки бо лоиҳаҳои инноватсионӣ ва илмии таҳқиқотии минтақа шинос гарданд, ки онҳоро аз озмунҳо, лоиҳаҳои нав, чорабиниҳову ҷамъомадҳо бохабар мекунад.

3. Дар доираи татбиқ ва рушди лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ оид ба устувории ҳудуди деҳот ва эҳёи зерсохтори иҷтимоӣ бояд ба омили минтақавӣ такя кунад. Барои ин тафриқабандии сиёсат дар марҳилаи тарҳрезиву коркард ва ҳам дар марҳилаи назорати натиҷаҳо зарур мебошад.

**Адабиёт**


1. Азиева Р.Х. Устойчивое развитие социально–экономической инфраструктуры сельских территорий / Р.Х. Азиева // Вестник экономической интеграции. - 2014.- №3 (72). - С. 71–75.
2. Азизов Ф.Х. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики: монография./ Ф.Х. Азизов, Х. Умаров. - Москва: Экономическое образование. - 2018. - 212с.
3. Барномаи давлатии солҳои 2019 – 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ». Душанбе. 26.12.2019.
4. Государственная программа развития учреждений культуры Республики Таджикистан на 2016 – 2020г. Душанбе, 2012. -72с.
5. Демографический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2019. - 350с.
6. Мадаминов А.А. Влияние совершенствования инфраструктуры села на устойчивое развитие сельского хозяйства / А.А. Мадаминов – Душанбе, НПИ Центр, 2001. – 8с.
7. Фасехзода И.С. Теоретико-методологические аспекты развития фермерского хозяйства в условиях горных районов Республики Таджикистан / И.С.Фасехзода, С.Н. Хакимов, Б.Ч. Джурахонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук – Душанбе, 2019.- №8.- С. 82-87.
8. Кодиров Ф.А. Вопросы индустриализации и развития малого и среднего бизнеса в сельской местности Республики Таджикистан / Ф.А.Кодиров, К.К. Шодиев // Вестник Ошского Государственного университета. Учредители: Ошский государственный университет (Ош) ISSN: 1694-7452, 2018. - № 3. – С.83-87.


УДК: 517.91

## ҲАЛЛИ ОПТИМАЛИИ МАСЪАЛАҲОИ ГУНОГУНИ ИҚТИСОДӢ БО ТАТБИҚИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ


***Кабиров Абубакр Тиллоевич** – дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 777071905. Email (abubakrkabirov@mail.ru)*

***Иноятов Фаррух Адолатович** – муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 777071905.*



*Дар шароити гузариши иқтисод ба бозор ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ, яке аз самтҳои асосӣ ин коркарди усулҳои асосноки илмӣ, ташкил ва гузаронидани равандҳои тадқиқоти иқтисодӣ ба шумор рафта, дар асоси онҳо коркарди вариантҳои самараноки ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар назар дошта шудааст. Дар ин мақола татбиқи муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба муайян кардани шакли умумии функсияҳои талабот ва пешниҳод, ошкор намудани бузургиҳои талабот ва пешниҳод ба тағйирёбии омилҳои мувофиқ ва чандирии онҳо, инчунин, дар моделҳои динамикаи иқтисодӣ ва ҳисоббарориҳои молиявию бонкӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.*



***Калидвожаҳо**: муодилаи дифференсиалӣ, функсияи таъминот, модели динамикаи иқтисодӣ, модели инкишоф, чандирии талабот, акселератсия, меъёри сармоя, меъёри маблағгузорӣ, раванди афзоиш, сармоягузорӣ, фоизи мураккаб, вақт, ҳаҷми маҳсулот.*


## ОПТИМАЛЬНОЕ РЕШЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗАДАЧ С ПРИМЕНЕНИЕМ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ

***Кабиров Абубакр Тиллоевич*** *- доцент кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.: 777071905. E-mail: abubakrkabirov@mail.ru*

***Иноятов Фаррух Адолатович*** *– старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 919295570.*

*В условиях перехода к рыночной экономике и становления рыночных отношений одним из основных направлений является разработка обоснованных научных методов, организация и проведение процессов экономических исследований, на основе которых разработаны эффективные варианты решения экономических проблем. В данной статье исследуется применение дифференциальных уравнений при решении задач, определяющих общий вид функций спроса и предложения, а также выявление изменчивости спроса и предложения и их эластичности, а также моделей экономической динамики и финансовых и банковских расчетов.*

***Ключевые слова:*** *дифференциальное уравнение, функция предложения, модель экономической динамики, модель роста, эластичность спроса, ускорение, норма капитала, норма финансирования, процесс роста, инвестиции, сложные проценты, время, объем продукта.*

## PPLICATION OF DIFFERENTIAL EQUATIONS IN SOLVING ECONOMIC PROBLEMS

***Kabirov Abubakr Tilloevich*** *- Associate Professor of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Tel.: 777071905. Email (abubakrkabirov@mail.ru)*

***Inoatov Farrux Adolatovich*** *- Associate Professor of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Tel.: 919295570.*

*In the context of the transition to a market economy and the formation of market relations, one of the main directions is the development of sound scientific methods, the organization and conduct of economic research processes, on the basis of which the development of effective options for solving economic problems. This article examines the application of differential equations in solving problems that determine the general form of supply and demand functions, as well as identifying the variability of supply and demand and their elasticity, as well as models of economic dynamics and financial and banking calculations.*

***Key words:*** *differential equation, supply function, economic dynamics model, growth model, demand elasticity, acceleration, capital rate, financing rate, growth process, investment, compound interest, time, product volume.*

Дар шароити гузариши иқтисод ба бозор ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ, яке аз самтҳои асосӣ ин коркарди усулҳои асосноки илмӣ, ташкил ва гузаронидани равандҳои тадқиқоти иқтисодӣ ба шумор рафта, дар асоси онҳо коркарди вариантҳои самараноки ҳалли оптималии масъалаҳои иқтисодӣ дар назар дошта шудааст. Бинобар ин, истифодаи муносибатҳои нав ба тадқиқотҳо қонунҳои талабот ва пешниҳод ва ё дигар омилҳои иқтисодӣ моҳияти махсусро соҳиб мешаванд.

Дар иқтисодиёти муосир (ҳисоббарориҳои молиявӣ, моделҳои динамикаи иқтисодӣ ва ғайра) муодилаҳои дифференсиалӣ васеъ истифода мешаванд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин муайян намудани он мебошад, ки дар муддати чанд сол ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ба ҳиссаи мувофиқи ҳаҷми максималӣ баробар мешавад. Ҳалли ин масъала ба нарх, ҳаҷми маҳсулот, меъёри маблағгузорӣ ва муддати истеҳсоли маҳсулот алоқаманд мебошад.

Муодилаи
$$\frac{dy}{dt} = py(m-y), \qquad (1)$$

- ро муодилаи таъминот (логистика) меноманд, ки дар ин ҷо доимии $p$ - нархи як воҳиди маҳсулот, $y$ - ҳаҷми масулоти фурӯхташуда аз миқдори умумии маҳсулот, доимии $m$ – меъёри маблағгузорӣ ($0 < m < 1$), $t$ – муддати вақт мебошанд [7].

Тарзи ҳал намудани муодилаи дифференсиалии тағйирёбандааш ҷудошавандаро ба инобат гирифта, муодилаи дифференсиалии (1) – ро ба намуди зерин меорем: $\frac{dy}{y(m-y)} = pdt \Rightarrow -\frac{dy}{y^2 - my} = pdt$.

Махраҷи тарафи чапи муодилаи охиринро ба квадрати пурра ҷудо намуда, сипас муодиларо меинтегронем:

$$-\int \frac{dy}{\left(y - \frac{m}{2}\right)^2 - \frac{m^2}{4}} = \int pdt + C;$$

$$\frac{1}{m}\ln\left|\frac{y-m}{y}\right| = -pt - C \Leftrightarrow \frac{y-m}{y} = e^{-m(pt+C)} \Leftrightarrow$$

$$\Leftrightarrow y(1 - e^{-mpt} \cdot e^{-mc}) = m \Leftrightarrow y = \frac{m}{1 - e^{-mpt} \cdot e^{-mc}}. \qquad (2)$$

Пас, функсияи (2) ҳалли муодилаи (1) мебошад. Ин функсияро *функсияи таъминот* меноманд. Ҳангоми дохил кардани ишораҳои $R = mp$ ва $S = -e^{-mc}$ функсияи таъминот намуди зеринро мегирад:

$$y = \frac{m}{1 + Se^{-Rt}}, \qquad (2)^*$$

ки дар ин ҷо қимати $S$ аз шарти ибтидоӣ муайян карда мешавад.

Масъалаи зеринро мавриди тадқиқ қарор медиҳем. Афзуншавии ҳаҷми ягон навъи маҳсулоти монополист муодилаи таъминотро бо доимии $R = 0,5$ қаноат мекунад. Дар муддати вақти аввала ҳаҷми маҳсулот 2%-и қимати максималии $m$ - ро ташкил медиҳад. Дар муддати чанд сол ҳаҷми маҳсулот ба 60%-и ҳаҷми максималӣ баробар мешавад.

**Ҳал.** Аз муодилаи таъминот (2) истифода мебарем, ки дар ин ҷо $p$, $m$ – доимиҳо мебошанд. Азбаски $p = \frac{R}{m} = \frac{0,5}{m}$ аст, пас муодилаи зеринро ҳосил мекунем: $\frac{dy}{dt} = \frac{0,5y}{m}(m-y) \Rightarrow \frac{mdy}{y(m-y)} = 0,5dt$

Ин баробариро интегронида, шарти $y < m$ – ро истифода намуда, баробарии зеринро ҳосил мекунем: $\ln\frac{m-y}{y} = -0,5t - c$. ($c = const$).

Шарти аввалаи $y(0) = 0,02$ - ро истифода намуда, қимати $c$ – ро меёбем:

$$\ln\frac{1-0,02}{0,02} = -C \Rightarrow \ln\frac{0,98}{0,02} = -C \Rightarrow C = -\ln 49;$$

$$\ln\frac{m-y}{49y} = -0,5t \Rightarrow \frac{m-y}{49y} = e^{-0,5t} \Rightarrow y = \frac{m}{1+49e^{-0,5t}}.$$

Акнун қимати $t$ - ро меёбем, ки дар ин ҷо $y = 0,6m$ мебошад:

$$0,6 = \frac{1}{1+49e^{-0,5t}} \Rightarrow e^{-0,5t} = \frac{0,4}{29,4} \Rightarrow \ln e^{-0,5t} = \ln 0,0136 \Rightarrow$$

$$-0,5t = -4,2979 \Rightarrow t \approx 8,6 \text{ сол.}$$

Пас, дар муддати тақрибан 8,6 сол ҳаҷми маҳсулот ба 60% - и ҳаҷми максималӣ баробар мешавад.

Бештари вақт зарурати муайян кардани намуди умумии функсияҳои талабот ва пешниҳод, инчунин, ошкор намудани бузургиҳои талабот ва пешниҳод ба тағйирёбии омилҳои мувофиқ ва чандирии онҳо ба миён меояд.

Масъалаеро дида мебароем, ки бо ёрии функсияҳои талабот ва пешниҳод, ҳангоми маълум будани нарх дар лаҳзаи ибтидоӣ, нархи мувозинатӣ ва устувории он муайян карда мешавад.

Бигузор функсияҳои талабот ва пешниҳод дода шуда бошанд:

$$x = 20 - 3p + 2\frac{dp}{dt}, \quad x = 10 - 2p + 3\frac{dp}{dt}\cdot$$

Дар лаҳзаи ибтидоии вақт нарх $p$ = 8 аст. Талаб карда мешавад, ки вобастагии нархи мувозинатиро аз вақт муайян намоед.

Дар нуқтаи мувозинатии бозор баробарии зерин ҷой дорад:

$$20 - 3p + 2\frac{dp}{dt} = 10 - 2p + 3p\frac{dp}{dt}\cdot$$

Аз ин ҷо

$$\frac{dp}{dt} = 10 - p \Rightarrow \frac{dp}{10-p} = dt \Rightarrow \int\frac{dp}{10-p} = \int dt \Rightarrow -\int\frac{d(10-p)}{10-p} =$$

$$= \int dt \Rightarrow \ln|10-p| = -t - c_1 \Rightarrow \ln|10-p| = \ln e^{-t-c_1} \Rightarrow |10-h| =$$

$$= e^{-c_1}e^{-t} \Rightarrow 10 - p = \pm e^{-c}e^{-t},$$

ки дар ин ҷо $\pm e^{-c_1} = c$ аст. Пас, $10 - p = c\cdot e^{-t} \Rightarrow p = 10 - c\cdot e^{-t}$ мешавад. Шарти $p(0) = 8$ - ро истифода бурда, қимати $c$ - ро меёбем:

$$8 = 10 - c\cdot e^0 \Rightarrow 8 = 10 - c \Rightarrow c = 2.$$

Ҳамин тавр, ҳалли хусусӣ намуди $p(t) = 10 - 2e^{-t}$ – ро мегирад. Азбаски $\lim\limits_{t\to\infty} p(t) = \lim\limits_{t\to\infty}(10 - 2e^{-t}) = 10$ аст, пас нархи мувозинатӣ устувор аст. Бояд қайд кард, ки агар $\lim\limits_{t\to\infty} p(t) = +\infty$ шавад, он гоҳ нархи мувозинатӣ меафзояд, яъне, беқурбшавӣ (инфилятсия) ҷой дошта, нарх устувор нест.

Дар иқтисодиёт дар зери мафҳуми чандирии функсияи талабот тағйирёбии бузургии чандирии талабот ҳангоми як фоиз тағйирёбии нарх фаҳмида мешавад.

Бигузор тағйирёбандаи $x$ – омили новобастаи истеҳсолот ва тағйирёбандаи $y$ – омили имконияти максималии ҳаҷми истеҳсолот бошанд. Он гоҳ, аз рӯи омили додашудаи $x$ функсияи эмпирикиро чун нишондиҳандаи иқтисодӣ, ҳамчун нархи мол, ё хати хароҷот барои дастрас намудани моли $x$, ё даромаднокии маҳсулоти хароҷоти ҳудудӣ, ё суръати инкишофи истеҳсолот, чандирии функсияи талабот ва дигар ҷабҳаҳои иқтисодӣ дида мебароем.

Агар коэффитсиенти чандирӣ ва шарти ибтидоӣ маълум бошад, функсияи талаботро тартиб дода метавонем [5].

1. Бигузор хати каҷи талабот ё пешниҳод дода шуда бошанд. Маълум аст, ки чандирии онҳо бо ёрии формулаи

$$E_x(y) = \lim_{\Delta x\to 0}\left(\frac{\Delta_x y}{y} : \frac{\Delta x}{x}\right) = \frac{x}{y}\lim_{\Delta x\to 0}\frac{\Delta y}{\Delta x} = \frac{x}{y}\cdot y'(x) \qquad (3)$$

ёфта мешавад.

Коэффитсиентҳои чандирии функсияро бо истифода аз

$$E_x(y) = 0,\ 0 < |E_x(y)| < 1,\ |E_x(y)| > 1,\ E_x(y) = \infty. \qquad (4)$$

муайян мекунем.

Дар яке аз теоремаҳои Вейерштрасс қайд шудааст, ки функсияи бефосилаи ихтиёрии $y = f(x)$ дар порчаи $[a,b]$ маҳдуд шуда метавонад, яъне $|f(x)| \le k$ . Вайроншавии ин шарт дар

нуқтаи муайян маънои онро дорад, ки функсияи додашуда дар баъзе нуқтаҳои порча нуқтаҳои махсус дорад. Дар ҳолате ки чандирии функсияи талабот дар намуди функсияи бефосилаи $y = f(x)$ $[f(x,y)]$ дода шуда бошад, он гоҳ савол ба миён меояд: оё модели ҳаҷми максималии истеҳсолотро муайян кардан мумкин аст, агар суръати истеҳсолот ё чандирии талабот маълум бошанд?

Барои ҳалли масъалаи гузошташуда, фарз мекунем, ки чандирии функсияи талабот ва ё дигар масъалаҳои иқтисодӣ дар мисоли

$$E_x(y) = k = const,\ E_x(y) = f(x),\ E_x(y) = f(x,y)$$

дода шуда бошанд. Муодилаи одии дифференсиалии

$$\frac{x}{y}\cdot\frac{dy}{dx} = E_x(y) \qquad (5)$$

- ро ҳал намуда, функсияи $y = f(x)$ ё $y = \varphi(x,c)$ - ро дар шакли гуногун ҳосил мекунем. Функсияҳои ҳосилшуда аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҳаҷми истеҳсолот ва ё модели математикии ягон масъалаи иқтисодиро ифода мекунанд.

Баъзе ҳолатҳоро дида мебароем. Фарз мекунем, ки чандирии функсияи талабот бо формулаи $E_x(y) = kx + b$ $(k, b{=}const)$ муайян карда шудааст, ки шарти ибтидоӣ ё масъалаи Коши

$$y_{|x=x_0} = y_0 \quad \big(y(x_0) = y_0,\quad x_0,\quad y_0 \neq 0\big) \qquad (6)$$

- ро қаноат мекунад.

Формулаи (4) – ро ба инобат гирифта, ҳосил мекунем:

$$\frac{x}{y}\cdot\frac{dy}{dx} = kx + b \text{ ё } \frac{dy}{y} = (kx+b)\frac{dx}{x}.$$

Ин муодиларо меинтегронем. Масъалаи Коши (6) – ро ба инобат гирифта, модели функсияи бефосилаи истеҳсолӣ

$$y(x) = c\cdot x^{в}\cdot e^{kx} \text{ ё } y(x) = y_0\left(\frac{x}{x_0}\right)^{в} e^{k(x-x_0)} \qquad (7)$$

- ро дар ягон порча меёбем.

Бояд қайд кард, ки формулаи (7) функсияи талабот буда, ҳангоми $|k| \le 1$ будан ғайричандир ва ҳангоми $|k| > 1$ будан чандир мебошад.

2. Бигузор чандирии функсияи $z = f(x,y)$ дар намуди $E_x(y) = \dfrac{ax+by}{mx+ny}$ дода шуда бошад, ки ба муодилаи дифференсиалии якҷинсаи $\dfrac{x}{y}\dfrac{dy}{dx} = \dfrac{ax+by}{mx+ny}$ баробарқувва мебошад. Ҳалли ноошкори ин муодила

$$y(px+qy)^r = y_0(px_0+qy_0)^{r+s+1}\cdot\left(\frac{x}{x_0}\right)^{r+s+1},$$

ки дар ин $s = \dfrac{a}{c} - 1,\ p = a + c,\ q = b - m,\ r = b - a$ мешавад.

3. Агар чандирии функсия дар намуди

$$E_x(y) = b(x)y + \frac{f(x)}{y} \text{ ё } \frac{dy}{dx} = \frac{b(x)}{x}y + \frac{f(x)}{x},\ b(x),\ f(x) \in C^1(\overline{D})$$

дода шуда бошад, он гоҳ ҳалли он бо функсияи талаботи намуди

$$y(x)=e^{\omega(x)}\left(\frac{x}{x_0}\right)^{b_0}\cdot\left(y_0-x_0^{-b_0}\int_{x_0}^{x}e^{\omega(t)}\cdot\frac{f(t)}{t^{1-b_0}}dt\right)^{-1}$$

дода мешавад.

4. Инчунин, ба назар мегирем, ки чандирии функсия дар намуди

$$E_x(Y)=a(x)+\frac{b(x)}{y}$$

дода мешавад. Ҳалли он дар ин ҳолат шарти ибтидоии (7) – ро, ки бо воситаи формулаи $$y(x)=e^{\omega(x)}\left(\frac{x}{x_0}\right)^{a_0}\cdot\left[y_0+x_0^{a_0}\cdot\int_{x_0}^{x}e^{-\omega(t)}\cdot\frac{b(t)}{t^{1+a_0}}dt\right]$$

ифода мешавад, қаноат мекунад.

Масъалаеро дида мебароем, ки ҳангоми маълум будани коэффитсиенти чандирӣ $E_p=1$ ва шарти аввала $y(2)=6$, ёфтани функсияи талабот талаб карда мешавад.

Мувофиқи таърифи чандирии талабот нисбат ба нарх баробарии

$$\frac{pdy}{ydp}=1.$$

ҷой дорад. Аз ин ҷо $\frac{dy}{y}=\frac{dp}{p}\Rightarrow\int\frac{dy}{y}=\int\frac{dp}{p}\Rightarrow\ln|y|=\ln|p|+\ln c\Rightarrow$

$$\Rightarrow\ln|y|-\ln|p|=\ln c\Rightarrow\ln\left|\frac{y}{p}\right|=\ln c\Rightarrow\frac{y}{p}=c\Rightarrow y=cp.$$

Функсияи талабот намуди $y = cp$ - ро дорад, ки дар ин ҷо $c(const)$ аст. Аз шарти $y(2)=6$ истифода бурда, $c$ – ро меёбем: $y(2)=2c=6\Rightarrow c=\frac{6}{2}\Rightarrow c=3.$

Пас, ҳалли хусусӣ намуди $y=3p-$ ро мегирад. Бояд қайд кард, ки дар вазъи муқаррарӣ талабот ба мол (пешниҳоди мол) одатан аз нархи он вобаста аст. Дар вазъи мураккаб вобастагии талабот (пешниҳод) аз суръати тағйирёбии нарх низ вобаста мебошад.

Акнун татбиқи муодилаҳои дифференсиалиро дар моделҳои динамикаи иқтисодӣ дида мебароем. Масъалаҳои иқтисодиеро дида мебароем, ки дар онҳо вобастагии тағйирёбандаҳо на танҳо аз вақт, инчунин аз вобастагии байниҳамдигарии ин тағйирёбандаҳо нисбат ба вақт, мавриди муҳокима қарор мегирад [2].

Бигузор $y(t)$ - ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯшбаровардаи ягон соҳа дар муддати вақти $t$ бошад. Агар хамаи маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳа бо ягон нархи $p$ фурӯхта шавад, он гоҳ даромади бадастомада дар муддати вақти $t$ бо формулаи зерин ёфта мешавад: $y'(t)=p\cdot y(t)$ (8)

Сармоягузориеро, ки барои васеъшавии истеҳсолот равона шудааст, бо $I(t)$ ишора мекунем. Мувофиқи модели табиии болоравӣ фарз карда шуда буд, ки *суръати истеҳсоли маҳсулот* (акселератсия) ба бузургии сармоягузорӣ мутаносиб аст: $y'(t)=pI(t)$, (9)

ки дар ин ҷо вақти байни баохиррасии истеҳсоли маҳсулот ва фурӯши он ба назар гирифта намешавад.

Маълум аст, ки маблағгузорӣ қисми даромади муқарраршударо ташкил медиҳад. Бинобар ин, маблағгузорие, ки барои васеъшавии истеҳсолот равона шудааст, бо формулаи зерин ёфта мешавад:

$$I(t)=m\cdot l\cdot y(t) \qquad (10)$$

ки дар ин ҷо бузургии доимии $m$ - коэффитсиенти мутаносибӣ (меъёри маблағгузорӣ), $l$ - коэффитсиенти мутаносибии байни бузургии инвеститсионӣ (маблағгузорӣ) ва суръати истеҳсоли маҳсулот мебошад ва $0 < m < 1$ аст.

Қимати $I(t)$ - ро аз баробарии (10) ба муодилаи (9) гузошта, ҳосил мекунем:

$$y' = pmly(t), \qquad (11)$$

Агар ишораи $k = mpl$ - ро истифода кунем, он гоҳ

$$y' = ky(t), \qquad (11)^*$$

мебошанд.

Муодилаи $(11)^*$ муодилаи дифференсиалии нисбат ба тағйирёбандаҳо ҷудошаванда мебошад. Ин муодиларо ҳал намуда, функсияи $y(t) = y_0\, e^{k(t-t_0)}$ - ро ҳосил мекунем, ки дар ин ҷо $y_0 = y_0(t)$ аст [7].

Масъалаи зеринро мавриди тадқиқ қарор медиҳем. Муайян мекунем, ки бо гузашти кадом фосилаи вақт ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда назар ба ҳаҷми аввалааш сечанд зиёд мешавад, агар қимати коэффитсиенти мутаносиби $k$ дар муодилаи $y' = ky$ ба 0,2 баробар бошад? Меъёри маблағгузориро чанд фоиз баланд бардоштан лозим аст, то ин фосилаи вақти барои сечанд баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулоти ба фурӯш баровардашудаи зарур 30 фоиз кам шавад?

Мувофиқи шарти масъала: $t_0 = 0,\ \ k = 0{,}2$ *ва* $y = 3y_0$ аст.

Дар асоси формулаи $y = y_0 e^{k(t-t_0)}$ ҳосил мекунем:

$3y_0 = y_0 e^{0,2t} \Rightarrow e^{0,2t} = 3 \Rightarrow \ln e^{0,2t} = \ln 3 \Rightarrow 0{,}2t = \ln 3 \Rightarrow t = 5\ln 3 \approx 0{,}7$ (воҳиди вақт).

Азбаски $t_1 = 0{,}7t$ аст, бинобар ин $k_1 = \dfrac{k}{0{,}7} = \dfrac{10}{7}k \approx 1{,}43k$ мешавад. Пас, мувофиқи ин нишондод меъёри маблағгузориро 43% зиёд кардан лозим аст. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ эҳтимолияти тағйирнаёбии нарх ҳамон вақт ба ҳақиқат наздик аст, ки агар ин раванд ягон фосилаи маҳдуди вақтро дар бар гирад. Дар ҳолати умумӣ нарх $p$ функсияи камшаванда аз ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташуда $p = p(y)$ мебошад.

Бояд қайд кард, ки бо муодилаи $(11)^*$ динамикаи афзоиши нарх, раванди паҳншавии бемориҳои сироятӣ, афзоиши аҳолӣ нисбат ба вақт ва ғайра муайян карда мешавад.

Бигузор функсияи талабот $P = 2 - 0{,}5y$, меъёри акселератсия $l = 1{,}5$, меъёри сармоя $m = 0{,}5$ ва $y(0) = 0{,}5$ бошанд. Барои ҳаҷми маҳсулоти фурӯхташудаи $y = y(t)$ функсия тартиб дода, ҷандирии талаботро муайян мекунем.

Пас, $y' = 1{,}5 \cdot 0{,}5(2 - 0{,}5y) \cdot y = 0{,}75(2 - 0{,}5y)y$.

Ҳар ду тарафи баробарии $y' = 0{,}75(2 - 0{,}5y)y$ - ро интегронида, ҳосил мекунем: $\dfrac{dy}{y(2 - 0{,}5y)} = 0{,}75dt$.

Баробариро интегронида, дар натиҷа баробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$\ln\left|\frac{2 - 0{,}5y}{y}\right| = -1{,}5t + c_1 \Rightarrow \frac{2 - 0{,}5y}{y} = ce^{-1,5t}.$$

Қимати $c$ - ро аз шарти ибтидоии $y(0) = 0{,}5$ меёбем: $c \approx 3{,}5$. Қимати $c$ – ро дар баробарии



**Расми**

охирин гузошта, функсияи $y$ – ро меёбем: $y = \dfrac{2}{0{,}5 + 3{,}5e^{-1,5t}}$.

Чандирии талаботро бо ёрии формулаи (5) муайян мекунем:

$$E_p(y)=\frac{pdy}{ydp}=\frac{2-0,5y}{y}$$

Графики функсия дар расми 1 нишон дода шудааст.

Хатҳои каҷи ба ин монанд раванди паҳнкунии ахборот (реклама), динамикаи эпидемия, раванди афзоиши бактерияҳо дар муҳити маҳдуд ва ғайраро ифода менамоянд.

Бигузор тағйирёбии аҳолии шаҳрча вобаста бо вақт бо функсияи $y'$=0,3(2 -$10^{-4}y$) дода шуда бошад, ки дар ин ҷо $y = y(t)$ ($t$ – сол). Аҳолии шаҳрча пас аз се сол чӣ қадар мешавад, агар маълум бошад, ки дар ибтидо аҳолии он 500 нафарро ташкил медод.

Мувофиқи шарти масъала: $\dfrac{dy}{0,3y(2-10^{-4}y)}=dt$.

Баробариро интегронида, дар натиҷа, баробарии зеринро ҳосил мекунем:

$$\ln\left|\frac{y}{2-10^{-4}y}\right|=0,6t+c_1\Rightarrow\frac{y}{2-10^{-4}y}=ce^{0,6t}.$$

Қимати $c$ - ро аз шарти ибтидоии $y(0) = 500$ меёбем:

$c\approx 256,4$. Қимати $c$ - ро дар баробарии охирин гузошта, функсияи $y$ - ро меёбем:

$$y=\frac{512,8e^{0,6t}}{1-0,02564e^{0,6t}},\ \text{он гоҳ}\ \ y(3)=\frac{512,8e^{1,8}}{1-0,02564e^{1,8}}\approx 2685.$$

Яъне, аҳолии шаҳрча пас аз се сол тақрибан 2685 нафар мешавад.

Маълум аст, ки шарти фаровонии бозор дар фосилаи хурди вақт қабул карда мешавад. Хати каҷи талабот дар ҳолати умумӣ функсияи камшаванда мебошад. Яъне, бо зиёдшавии ҳаҷми маҳсулот нархи он дар фаровонии бозор паст мешавад.

Модели инкишоф дар шароити бозори рақобатнок намуди

$$y'=mlp(y)\cdot y(t) \qquad (12)$$

- ро дорад. $y'>0$ буда, муодилаи (12) функсияи афзуншавандаи $y(t)$ - ро тасвир мекунад.

Ҳангоми тадқиқи функсияи $y(t)$ бо барҷастагӣ мафҳуми чандирии функсия истифода мешавад. Пас, аз муодилаи (12) муодилаи

$$y''=ml\,y'\left(\frac{dp}{dy}y+p\right) \qquad (13)$$

бар меояд. Баробарии (13) – ро дар намуди зерин навиштан мумкин аст:

$$y''=ml\,y'p\left(\frac{1}{E_p(y)}+1\right) \qquad (13)^*$$

Шарти $y''=0$ бо баробарии $E_p(y)=-1$ баробарқувва мебошад.

Ба ҳамин тариқ, агар талабот чандирӣ бошад, яъне $|E_p(y)|>1$, он гоҳ $y''>0$ ва функсияи $y(t)$ барҷаста ба поён равона мешавад. Агар талабот ғайричандир бошад, яъне $|E_p(y)|<1$ ва ё $-1<E_p(y)<0$, он гоҳ $y''<0$ ва функсияи $y(t)$ барҷаста ба боло равона мешавад.

Дар ҳисоббарориҳои молиявию бонкӣ муодилаҳои дифференсиалӣ татбиқи худро пурра ёфтаанд. Ёфтани суммаи афзуншавии маблағ дар ҳолати сармоягузории бисёркаратаи амонатҳо, суммаи афзуншавӣ бо андозаи фоизии мураккаби нисбат ба вақт тағйирёбанда, суръати беқурбшавии миёнаи солонаи пул ва ғайра мисоли он шуда метавонанд [5, с. 472].

Масалан, прогрессияи геометриро истифода намуда, формулаи суммаи афзуншавӣ бо фоизи мураккаб $S = P(1+ i)^n$ – ро ҳосил мекунем, ки дар ин ҷо $P$ – суммаи ибтидоӣ, $n$ – муҳлати қарз ва $i$ – андозаи фоизи солона мебошанд. Суммаи афзуншавӣ бо фоизи мураккаб бо ёрии муодилаи дифференсиалии

$$\frac{du}{dt} = J \cdot u(t), \qquad (14)$$

низ ёфта мешавад, ки дар ин ҷо $u(t)$ - афзуншавии маблағ дар ягон муддати вақт $t$ ва $J$ - андозаи фоизи мураккаб мебошанд. Муодилаи дифференсиалии (14) - ро ҳал мекунем:

$$\frac{du}{dt} = Ju \Rightarrow \frac{du}{u} = Jdt \Leftrightarrow \int \frac{du}{u} = \int Jdt \Rightarrow \ln u = Jt + c_1 \Rightarrow \ln u =$$
$$= \ln e^{Jt+c_1} \Rightarrow u(t) = e^{Jt} \cdot e^{c_1}.$$

Адади доимии $e^{c_1}$ ин суммаи ибтидоии қарзӣ мебошад ва онро чунин менависем: $e^{c_1} = u(0)$. Пас, функсияи

$$u(t) = e^{Jt} \cdot u(0) \qquad (15)$$

суммаи афзуншавии маблағ бо фоизи мураккаб ном дорад.

Масалан, маблағи 100 000 сомонӣ ба бонк бо фоизи мураккаби 0,05 гузошта шудааст. Пас аз 10 сол ин маблағ чӣ қадар мешавад?

Азбаски $u(0) = 100\ 000$, $J = 0{,}05,\ t = 20$ ва $e \approx 2{,}7183$ аст, пас

$$u(t) = 100\ 000e^{0{,}05 \cdot 10} = 100\ 000e^{\frac{1}{2}} \approx 100\ 000 \cdot 1{,}6487212 = 164872{,}12$$

(сомонӣ).

Хулоса, дар иқтисодиёти муосир ҳангоми гузаронидани ҳисоббарориҳо ва пешгӯйиҳои иқтисодӣ ҳалли оптималии амалҳои зарурии иқтисодӣ нақши муҳимро мебозанд. Аммо барои иҷрои ин амалҳо нақши асосиро моделҳои математикӣ, аз ҷумла моделҳои ба муодилаҳои дифференсиалӣ алоқаманд иҷро мекунанд. Ба ин ҳалли масъалаҳои дар мақола нишон додашуда далел шуда метавонанд.

**Адабиёт**


1. Абдулло Ҳ. Математикаи олӣ. Қисми 2. Китоби дарсӣ / Ҳ.Абдулло, А.Т.Кабиров, З.Бурҳонов. – Д.: Промэкспо, 2019. – 447 с.

2. Гаффоров С. Использование дифференциальных уравнений в экономической динамике /С.Гаффоров, А.Т. Кабиров// Республиканская научно–методическая конференция «Математика в развитии современной экономики». – Душанбе: ТГФЭУ, 2017. – С.30 – 33.

3. Замков О.О. Математические методы в экономике / О.О.Замков, А.В.Толстопятенко, Ю.Н.Черемных. - М.: Дело и Сервис, 2009. – 350 с.

4. Кабиров А.Т. Задачи на составление дифференциальных уравнений / А.Т.Кабиров, М.Мирзорахимов //Вестник ТФЭИ. – 2015. - №6. – С.181–185.

5. Кабиров А.Т. Математика дар иқтисодиёт: китоби дарсӣ / А.Т.Кабиров, Б.Б.Саидов. –Д.: Нашри Камол, 2021. – 507 с.

6. Колемаев В.А. Экономико–математическое моделирование/В.А.Колемаев. – М.: Юнита–ДАНА, 2005. – 295 с.

7. Қурбанов И.Қ. Ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ бо методҳои математикӣ. Фасли 7. Васоити таълим / И.Қ.Қурбанов, М.Н.Нурублоев. – Д.: РТСУ, 2009. – 271 с.

8. Малыхин В.И. Математика в экономике /В.И.Малыхин. – М.: Инфра, 2002. – 280 с.

9. Маҳмадмуродов С. Истифодаи муодилаҳои дифференсиалӣ дар химия / С.Маҳмадмуродов, А.Т.Кабиров //Маводи конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши математика дар иқтисодиёт», 29.06.18, ДДМИТ. – С.165 –167.

10. Раҳимов Р.М. Элементҳои назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ/Р.М.Раҳимов, А.Т.Кабиров, М.Н.Солиев. – Д.: Нашри Камол, 2019. – 140 с.


**УДК: 336.71**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ҶОМЕА

***Раҳимова Азима Валиевна*** *– муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru. Тел.: (+992)918750767*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф ба яке аз масъалаҳои асосие, ки ҷомеаи навинро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст, таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст, ки он дар шароити муосир барои бозкушоии як қатор масъалаҳо дар самти низоми қарздиҳӣ мусоидати фаъол менамояд. Ҳамчунин, муаллиф ба ҷанбаҳои таърихии рушди муносибатҳои қарзӣ аҳамияти аввалиндараа дода, андешаҳои гуногунро дар масъалаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар робита ба ин, марҳилаҳои рушди муносибатҳои қарзиро бо як низоми комилан оммафаҳм баён намудааст. Ҳамчунин, дар мақола марҳилаи ҷадиди рушди муносибатҳои қарзиро, ки аз як қатор элементҳо иборат аст, таҳлил намудааст.*

***Каливажаҳо:*** *муносибатҳои иқтисодӣ, бахши бонкӣ, бесуботӣ, бозори пул, қарз, қурби пул, қарзгирандагон, фоиз, субъект, сармоя, муносибатҳои қарзӣ, бонкдорӣ, таҳаввулот.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ОБЩЕСТВЕ

***Рахимова Азима Валиевна*** *– ст. преподаватель кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992)918750767. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru.*

*В данной статье автор проводит исследование одной из ключевых проблем, без которого невозможно представить новое общество, которое в современных условиях активно способствует возобновлению ряда вопросов в сфере кредитования. Автор также уделяет приоритетное внимание историческим аспектам развития кредитных отношений и исследует различные взгляды на этот вопрос. Также автор высказал свое мнение об этапах развития кредитных отношений и отметил, что в данной статье описывается новый этап в развитии кредитных отношений, который состоит из ряда элементов.*

***Ключевые слова:*** *экономические отношения, банковский сектор, нестабильность, денежный рынок, кредит, обменный курс, заемщики, процент, субъект, капитал, кредитные отношения, банковское дело, эволюция.*

## THEORETICAL BASIS OF DEVELOPMENT OF CREDIT RELATIONS IN SOCIETY

***Rakhimova Azima Valievna*** *- Art. Lecturer of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: R_Azima_81_81. @ Mail.ru. Tel: (+992) 918750767*

*In this article, the author conducts a study of one of the key problems, without which it is impossible to imagine a new society, which in modern conditions actively contributes to the opening of a number of issues in the field of lending. The author also gives priority attention to the historical aspects of the development of credit relations and explores different views on this issue. He also explained the stages of development of credit relations with a fully understandable system and expressed his opinion. It should also be noted that this article does not describe a new stage in the development of credit relations, which consists of a number of elements.*

***Keywords:*** *Economic relations, banking sector, instability, money market, credit, exchange rate, borrowers, interest, subject, capital, credit relations, banking, evolution.*

Дар шароити густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, аз як шакл ба шакли дигар гузаштан ва воқеаҳои солҳои охир ҷомеаи иқтисодиро ба дарёфти роҳҳои ҷиддии рушди ин масъала аз тарафи давлат ва бахши бонкӣ мувоҷеҳ намуд. Дар ҷомеа густариши рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва норасоии маблағҳои пулӣ дар ҳама сохторҳои иқтисодӣ як таҳаввулоти ҷиддиро ба миён овард, ки ин ба ташкили муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи зарурӣ мебошад.

Афзоиши умумии равандҳо ва вазъияти геополитикӣ, бесуботии равандҳои бозори ҷаҳонии пулу мол, паст шудани рейтинги муносибатҳои қарзӣ, коҳиш ёфтани қурби пулҳои қобили талабот ва монанди инҳо рушди муносибатҳои пулиро ба миён овард. Яке аз

муаммоҳои дигаре, ки ба коҳиш ёфтани сатҳи маблағгузорӣ дар самти рушди иқтисодиёт ва камшавии даромад ба вазъи молиявии қарзгирандагон ва сатҳи захираҳои бонкҳо таъсири манфӣ расонд, ки дар натиҷа ба бад шудани сифати қарзии бонкҳо расонид [7, с.14].

Дар ҳама шароит ҷиҳати баланд бардоштани иқтисодиёт ва тавсеаи доираи фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ захираҳои иловагии молиявию пулӣ зарур мебошад, ки барои таъмини ҷараёни рушди ин соҳа қарз яке аз омилҳои асосии ташкили муносибатҳои иқтисодӣ ва муҳимтарини воситаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Дар таҳаввулоти кунунии соҳаи гуногуни иқтисодӣ қарз ҳамчун воситаи муҳимтарини рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши таъсири муосири муносибатҳои қарзӣ ба иқтисодиёт дар доираи таҳқиқи ақида ва назарияҳои иқтисоддонон ба монанди Алфред Маршалл ва Ирвинг Фишер алоқаманд аст. Илова бар ин, ин таҳқиқот дар назарияи талаби пул дар Кейнсиан ва назарияи миқдории пул Милтон Фридман дар доираи як аппарати илмӣ инъикос ёфтаанд.

Масъалаи мазкурро дар таҳқиқоти илмии худ А.Б. Куручбекова аз якчанд нуқтаи назар арзёбӣ менамояд, ки «қарз» ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар се самт баррасӣ мешавад, ки ба нуктаҳои зерин марбут аст. Якум, баррасии "кредит" ҳамчун категорияи иқтисодӣ омӯзиши ҷанбаҳои таърихиро пеш аз рушди равандҳову падидаҳои иқтисодиро дар бар мегирад. Дуюм, муайян кардани хусусиятҳои хоси қарзро ҳамчун муносибатҳои хоси қарзӣ, ки байни бонк ва қарзгир дар ҳолати пешниҳоди пули нақд ё дигар воситаҳои пардохт ё мол бо шартҳои таъхирнопазирӣ, пардохт ва баргардонӣ ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад. Ва банди сеюм, омӯзиши тарзи истифодаи қарз аст [3, с.19].

Ба андешаи муаллиф, ҳамаи ин элементҳои марбут ба қарз хоси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёти ҳар як давлат мебошад. Воқеияти муносибатҳои қарзиро аз баёнияи назари олимони соҳаи иқтисодиёт, махсусан, самти бонкдорӣ дар ҳар шакл мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯи мушоҳидаҳои таърихи пулу қарз ба андешаи мо воқеан пеш аз пайдоиши пул муносибатҳои қарзӣ ва қарз ба вуҷуд омада, сониян, дар заминаи ин муносибатҳо пул ба вуҷуд омадааст. Дар заминаи ин вобастагӣ бо назардошти механизми муносибатҳои қарзӣ, бояд аз принсипҳои қарзӣ ва муносибати он ба категорияи «пул» ифода ёбад. Дар сатҳи иқтисодиёт вобастагии байниҳамдигарии категорияҳои иқтисодӣ дар шакли дигаргунии муносибатҳои зерин зоҳир мешавад: мол - пул - сармоя.

Ифодаи мантиқии ин омилҳо масъалаи омезиши раванди муносибатҳои қарзиро дар шароити камчинии захираҳои молиявӣ ва афзоиши талабот ба қарз ташкил медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз, ҷиҳати дарки моҳияти иқтисодии қарз ва муносибатҳои қарзӣ моро зарур аст, ки моҳияти равандҳои пулӣ ва пулро дар иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор диҳем.

Қайд гардидааст, ки бо ёрии пул шумо метавонед молу хизматрасонӣ харед ва бо ёрии қарз шумо метавонед иловагӣ пул кор кунед. Ҳамин тариқ, категорияҳои иқтисодии пул ва қарз ҳамчун механизми мустақили иқтисодӣ ба ҳисоб рафта аз рӯи шаклҳои ба ҳам алоқаманд ва ягонаро дар ташкили муносибатҳои иқтисодию қарзӣ ифода менамоянд.

Пайгирии раванди муносибатҳои қарзӣ ва мафҳуми қарз дар нуктаи назари олимони соҳаи иқтисодӣ қарор дошта, тафсири ин масъаларо бо омезиши як қатор омилҳо ва ҳолатҳои ифодакунанда баён намудаанд. Ҳамчунин дар адабиёти иқтисодӣ таҳлили назариявии қарз аз омӯзиши зарурат ва хусусиятҳои таърихи муносибатҳои қарзӣ оғоз мешавад.

Ҳамин аст, ки К.Маркс дар шоҳасари бузурги худ «Капитал» қайд намудааст, ки қарз пас аз таҳлили муносибатҳои пулӣ дар фасли «Гардиш ва гирдгардиши сармоя» муфассал баррасӣ карда шудааст. Зарурати қарз аз қонунҳои муомилот ва гардиши сармоя дар раванди такрористеҳсолкунӣ ба вуҷуд меояд, ки ин дар баъзе ҳолатҳо маблағҳои муваққатан озод, ки ҳамчун манбаи қарз амал мекунанд ва дар баъзе ҳолатҳо ниёз ба қарз дар соҳаи истеҳсолот ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, қарздиҳӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуда, қарздиҳанда маблағи ҳамчун қарз гирифтаро ҷиҳати афзоиши истеҳсолот истифода менамояд ва навовариҳои зарурӣро барои рушди ин масъала бо истифода аз техникаю технологияи муосир аз худ менамояд.

Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки қарз ҳамчун воситаи муҳими хусусияти таърихи қадимидошта яке аз муомилоти маъруфи молиявии инсон дар ҳама давру замон мебошад. Аз рӯи хусусиятҳои хоси замони муосир ин истилоҳи оммафаҳм буда, дар раванди муносибатҳои қарзӣ ба таври гуногун ифода карда мешавад. Дар ташаккули муносибатҳои қарзӣ одамоне, ки имконияти қарздиҳӣ доранд ва одамоне, ки барои гирифтани қарз эҳтиёҷ доранд, мавқеи асосӣ дорад. Ғайр аз ин, ба назар мерасад, ки дар аксар маврид қарз ҳамчун муҳаррики иқтисодиёти муосир ва низоми молиявии тамоми ҷаҳон аст. Аз ифодаи мантиқии мафҳуми қарз пай бурдан мумкин аст, ки қарз дар асоси ташкили раванди муваффақонаи боварӣ як давраи муайяни мувофиқашуда ба дигар шахсон дода мешавад. Решаи таркибии қарз (аз калимаи лотинии Creditum — қарз гирифта шуда, маънои иқтисодии он бовар кардан) муносибатҳои қарзиро дар заминаи боварӣ бо дигар субъектҳои ҷамъиятӣ ба роҳ мондан мебошад, ки байни субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ дар масъалаи ҳаракати арзиш ба вуҷуд меояд [8]. Пайдоиш ва ҷараёни ҳаракати мафҳум ва муносибатҳои қарзиро аз расми 1 мушоҳида кардан мумкин аст.




**Расми 1. Таҳияи муаллиф. Ташаккули ҷараёни муносибатҳои қарзӣ**

Аз нишондодҳои расми 1 ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки мафҳуми қарз аз давраи пайдоиши он то ба имрӯз ҳамчун ифодаи мантиқии расми мазкур мебошад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки мафҳуми «қарз» дар тӯли ҳазорсолаҳо бо дарназардошти робитаҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ вуҷуд дорад ва то замони мо ба муосиртарин шаклҳои зуҳури худ расидааст. Муносибатҳои қарзӣ дар ҷараёни ташаккули худ вобаста ба тағйироти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ тағйир ёфта, давраҳои гуногун: пайдоиш, ташаккул ва танзимро паси сар кардаанд.

Зарурати муносибатҳои қарзӣ аз ибтидои тақсимшавии ҷамъият ба доро ва табақаи ниёзманд дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба миён овард, ки ин дар натиҷа боиси дар байни тамоми табақаи ҷомеа доман паҳн намуд. Ташкили низоми муносибатҳои қарзиро нарасидани маблағҳои иловагӣ аз тарафи баъзе захираҳои молиявии муттамарказшуда ба миён овард. Вобаста ба баъзе фарзиёти илмӣ, дар марҳилаи аввали муносибатҳо «қарздиҳӣ», яъне қарздиҳанда аз ҳисоби қарз пул ба даст намеовард, балки он дар заминаи пешбинии як миқдори муайяни фоида онро ба табақаи ниёзманди ҷомеа, ки ба қарз эҳтиёҷ доранд, то як давраи муайян мегирифтанд. Ба андешаи Ш.Раҳимзода, барои истифодаи

муваққатии маблағҳои пулӣ ё моли каси дигар қарзгирандаро зарур аст, ки бо қарздиҳанда муносибатҳои муайян барқарор намояд ва азбаски асоси пайдоишу рушди ин муносибатҳо гирифтану истифода ва баргардонидани қарз аст, дар адабиёти иқтисодӣ онҳо муносибатҳои қарзӣ ном гирифтаанд, ки ин нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад [6, с. 233].

Вобаста ба маълумотҳои дастрасшуда, ҷарима барои сари вақт пардохт накардани қарзи гирифташуда гарав ё ғуломӣ буд, ки дар он шахсе, ки қарзашро напардохта буд, бояд дар назди қарздиҳанда кор мекард, танҳо баъдтар ҷуброни хизматрасонӣ ба молу мулк (моддӣ) табдилёфтаи худро дар масъалаи пардохти пурраи қарз амалӣ менамуд [1]. Дар ҳама шароит ташаккули муносибатҳои қарзӣ марҳилаҳои гуногунро дар бар мегиранд ва ин марҳилаҳо тамоми меъёрҳоеро, ки ба бехатарии фаъолияти иқтисодии қарздиҳанда ва қарзгиранда заруранд, ифода карда мешаванд.

Дар марҳилаи якум, пайдоиши муносибатҳои қарзиро ҳамчун муносибатҳои доимӣ ҳисоб кардан мумкин аст, ки ҳангоми гузаштан аз иқтисоди натуралӣ ба хоҷагии молӣ пайдо шудаанд. Дар баробари пайдоиши пул пеш аз ин муносибатҳои қарзии мураккабтар ба вуҷуд омада буд ва он фурӯши мол бо таъхири пардохти мубодила ва монанди ин буд.

Дар чунин шароит маълум гардид, ки мутобиқ набудани давраҳои истеҳсол ва муомилоти молҳои гуногун, шароити мавсимии истеҳсол ва фурӯши онҳо боиси он гардид, ки баъзе истеҳсолкунандагон ҳатто пеш аз фурӯши моли худ маҷбур мешуданд, ки аз дигарон мол бихаранд ё муваққатан қарз гиранд. Ҳамин тариқ, дар натиҷа ба сифати харидор қарзгир, фурӯшанда ва қарздиҳанда амал менамоянд. Дар натиҷа шаклҳои одитарини қарздиҳии тиҷоратӣ ба вуҷуд омаданд. Дар раванди муносибатҳои қарзӣ дар ҳар як марҳилаи фаъолияти қарз мавқеи муҳимро дар ҷамъият бозӣ мекард ва он ба тараққиёти кишварҳо ва минтақаҳо, тарзи ҳаёти ҳоҷагӣ, мақоми корпорасияҳои калонро низ муайян мекард. Вай ба чорчӯбаи муносибатҳои дар айёми гузашта муқарраршуда мувофиқ нест ва дар назди одамон проблемаҳои нав мегузорад ва аз онҳо талаб мекунад, ки масъалаҳои навро ҳал намоянд.

Масъалаи ташаккули муносибатҳои қарзиро дар асарҳои худ К.Маркс қайд менамояд, ки дар давраи аз муомилоти моли одӣ ба иқтисодиёти капиталистӣ гузаштан дигаргуниҳои револютсионии қарзӣ аз тарафи ин нобиғаи илмӣ исбот кард. Баъдан, ин масъаларо Ҷ.М. Кейнс ҳамчун муносибати баробари инқилобиро ба эътимоднокӣ пешниҳод кард. Аввал, қарзро аз муомилоти капитали саноатӣ дур кард ва онро ба воситаи ҷамъиятикунонии истеҳсолот ва барои инқилоби сотсиалистӣ тайёр кардани заминаҳои моддӣ табдил доданд. Дуюм, ба имкониятҳое, ки қарз барои ҳукумат дар танзими иқтисодиёт ва давраи иқтисодӣ фароҳам меорад, тамаркуз кард [2, с. 9]. Дар таҳқиқоти як қатор олимон масъалаи пайдоиши пул ва инкишофи минбаъдаи мубодилаи пул асоси гузаштан ба рибо гардид. Ба гуфтаи муаррихи юнонӣ Плутон, дар Юнони қадим дар асрҳои XV-XVI тамоми мардуми одӣ аз сарватмандон қарздор буданд ва қарздорон аксаран бар ивази гарави худ ва аз сабаби напардохтани қарз фарзандони худро ба ғуломӣ мефурӯхтанд ё муваққатан то адои қарз ҳамчун ғулом хизмат мекард.

Дар ин масъала И.К. Ключкинов, О.А. Молчанова қайд менамоянд, ки низоми қарзиро ҳамчун низоми танзими муносибатҳои қарзӣ ва омили асосии манфиатҳои дутарафа аз ҷониби институтҳои пулию қарзӣ метавон баррасӣ кард [4, с. 14]. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо қайд кардан бамаврид аст, ки ифодаи мантиқии низоми қарзиро дар ҳама шароит муносибатҳои қарзӣ ташкил медиҳанд, ки дар сарчашмаҳои илмӣ ва дигар мушоҳидаҳои таърихӣ онро вохӯрдан мумкин аст.

Вобаста ба қарз хусусияти рибохӯрӣ дар ҳамон шароит манфиати рибо аз тарафи қарздиҳанда аз ҳад зиёд буд, ки боиси нобудии бисёре аз истеҳсолкунандагон то ба дараҷаи аз даст додани молу мулк ва ҳатто нобудии онҳо гардид. Дар чунин шароит рибо бо таъсири манфии худ ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятии мардум таъсири калон расонд. Истифодаи васеи муносибатҳои қарзӣ боиси пайдоиши соҳаи марбути қарзӣ, аз он ҷумла соҳаҳои бонкӣ гардид. Дар ибтидо, он ҳамчун як шуғли иловагӣ барои саррофоне, ки аз шаҳрҳо ва иёлоти гуногун танга иваз мекарданд, таъсис дода шудааст. Дар баробари муомилоти пул саррофон тадриҷан барои нигоҳдории пул аз номи муштариён онро интиқол медоданд ва бо гарави хона ва замин қарз медоданд.

Ҳамин тариқ, як намуди махсуси қарздиҳӣ дар гузашта қарзи тиҷоратии баҳрӣ буд. Қарзгирандагон тоҷирон буданд, аммо қарзҳои аз тарафи бонк додашуда ҳамчун рибо маҳсуб меёфт.

Марҳилаи дуюми инкишофи таърихии муносибатҳои қарзӣ ташаккули шаклҳои нисбатан нави қарзӣ мебошад. Дар ин марҳила инкишофи минбаъдаи қарздиҳии молӣ амал мекард, ки ин дар асрҳои миёна ҳамчун қарзи тиҷоратӣ дар тамоми Аврупо васеъ истифода мешуд. Бо мурури замон чунин шакли қарздиҳӣ ба қарзҳои тиҷоратӣ табдил ёфт. Дар чунин марҳила шаклҳои нави муносибатҳои қарзиро муносибатҳо бо иштироки миёнарав ба миён овард.

Дар аксар мамлакатхои Аврупо аз охири асри XVII дар давоми якуним аср корпоратсияҳои калон ба вуҷуд омаданд, ки ин маънои барҳам додани монополияи риборо ба вуҷуд овард. Дар ҳамон марҳила низомҳои қарзи миллӣ ба мақсади рушди бахшҳои афзалиятнок, махсусан, соҳаи саноат ва савдо хизмат менамуд.

Марҳилаи сеюми таърихи рушди муносибатҳои қарзӣ ҳаматарафа будани муносибатҳои қарзӣ дар шароити шаклгирии рушди иқтисодиёт мебошад. Аз рӯи мушоҳидаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои илмӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳои қарзӣ ба муомилоти пул, соҳаҳои истеҳсолу истеъмол ва равандҳои бартар ва равобити муносибатҳои байналмилалӣ оғоз ёфтааст. Ғайр аз ин, сарчашмаҳо гувоҳ бар онанд, ки дар раванди савдои байналхалқӣ қарз мавқеи асосӣ дошт. Таҳаввулоти дигари ин марҳила аз пайдоиши кортҳои кредитӣ, ки тавассути он муносибатҳои қарзӣ сурат мегирифт, ба миён омад.

Аз рӯи сарчашмаҳо, яке аз хусусиятҳои муҳими марҳилаи ҳозира, инкишофи муносибатҳои қарзӣ ва танзими муносибатҳои қарзӣ аз тарафи ҳукумат ва бонки марказӣ мебошад. Онҳо гардиши пули нақдро танзим намуда, барои рушди низоми қарзию бонкӣ чораҳо меандешанд.

Дар шароити муосир муносибатҳои қарзӣ барои рушди иқтисод ва умуман ҷомеа аҳамияти ниҳоят калон доранд. Ҳангоми баррасии ҳама гуна мушкилоти молиявӣ муҳим аст, ки равандҳоеро бояд ба инобат гирифт. Марҳилаҳои аввалин пайдоиш ва мавҷудияти қарз, яъне шаклҳои ибтидоии қарз дар Мисри кадим, Юнони кадим ва Рим ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тариқ, аввалин муносибатҳои қарзие, ки дар сатҳи давлатӣ ба иқтисодиёти замони ҳозира хеле монанд буданд, дар миёнаҳои асри XV дар Аврупо ба вуҷуд омаданд. Ин бештар аз он сабаб аст, ки дар Дунёи қадим оғоз шудани рушди саноатӣ, инчунин, аз тарафи калисо маҳкум кардани фоизи қарзӣ, чекҳои пулӣ ва квитансияҳо даст кашид. Дар заминаи ин бонкҳои Италия ва Англия яке аз аввалинҳо шуда идомаи раванди қарздиҳиро дар давраи худ пайгирӣ намуданд. Меъёри қарздиҳии бонкҳои аврупоӣ дар аввал ба 10 дар сад расид ва дар тӯли 100 соли оянда ба андозаи 6 дар сад дар як сол коҳиш ёфт.

Баъдан, ташаккули муносибатҳои қарзиро пас аз 200 сол дар Империяи Россия, ки аввалин муассисаҳои кредитӣ пайдо шуданд, дидан мумкин буд ва соли 1754 бо фармони Елизавета Петровна аввалин бонкҳои қарзӣ ташкил карда шуданд, ки дар Петербург ва Москва фаъолияташонро ба роҳ монданд. Инчунин, тибқи принсип ва қарорҳои ин бонкҳо меъёри ҳадди ниҳоии қарз маҳдуд карда буд, ки набояд дар як сол аз 6% зиёд бошад [9].

Чунин принсип ва мавқеи қарздиҳӣ боиси он гардид, то рушди ин муносибатҳо аз сектори бонкии Аврупо ва баъдтар дар ҷаҳон беш аз пеш афзоиш ёбад. Марҳилаи навбатии рушди қарздиҳии бонкӣ дар нимаи дуюми асри XIX мебошад. Ба ин ибтидои револютсияи саноатӣ, ки бо сохтмони роҳҳои оҳан ва беандоза зиёд шудани истеҳсоли металл ҳамроҳ шуд, ёрии калон расонд. Дар Россия барои ҳамаи ин дигаргуниҳои иқтисодӣ, барҳам додани ғуломӣ нақши мусбат бозид, ки боиси якбора боло рафтани муносибатҳои тиҷоратию қарзӣ гардид.

Бо мурури рушди муносибатҳои қарзию иқтисодӣ, қарзҳои пулӣ дар Юнони қадим ва Рими қадим арзи ҳастӣ намуда, сонияи, васеъ истифода мешуданд. Инчунин, дар он ҷо нуқтаҳои мубодилаи асъор фаъолият менамуданд, ки ба табодули тангаҳои тилло ва нуқрагии гуногун машғул буданд. Ин хизматрасонӣ ба одамони эҳтиёҷманд расонда мешуд. Дар асрҳои миёна дар асоси тиҷорати мубодила нуқтаҳои мубодилаи асъор ба

вуҷуд омадаанд, ки баъдан ба бонкҳо табдил ёфтанд («бонк» ин курсие ҳаст, ки саррофон дар он нишаста амалиёт мегузарониданд).

Ҳамин тариқ, бо мурури замон дар натиҷаи афзоиши талабот ба қарзу хизматрасониҳои бонкӣ шаклҳои муосири қарз пайдо гардид. Қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ як намуди махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки бо ҳаракати арзиш дар асоси шартҳои таъхирнопазирӣ, баргардонидан ва пардохт алоқаманд аст. Қарз муомилаест, ки дар он як шахс (қарздиҳанда) бар ивази ваъдаи пардохти оянда ба шахси дигар (қарзгиранда) моли арзишманд пешниҳод мекунад [10].

Дар як маврид А.О.Пашута бамаврид қайд менамояд, ки ҳоло проблемаҳои қарздиҳии сектори аграрии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва таъмини шароити муътадили зист алоқаманданд. Дар баробари ин, қарзҳо категорияи муҳими иқтисодиро ифода мекунанд, ки равандҳои истифодаи самаранокии маблағҳои озод ҷамъовардашуда ва дигар фондҳоро муайян мекунанд, ки бояд дар фаъолияти муносибатҳои миллии молу пул нақш бозанд. Тараққиёти иқтисодии мамлакате, ки дар он хоҷагии қишлоқ аз ин қоида истисно нест. Аз ин ҷост, ки омӯхтани шароити беҳтар намудани қарздиҳӣ ба хоҷагии қишлоқ дар давраи гузариш на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки амалӣ ҳам мебошад [5, с.154]. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо қайд намудан мумкин аст, ки воқеияти рушди хоҷагии қишлоқ низ дар ҳама шароит аз ташаккули дурусти муносибатҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад. Илова бар ин, қарз ҳамчун категорияи марказии ташкили муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса, гуфтан мумкин аст, ки ба андешаи мо, марҳилаи чоруми рушди муносибатҳои қарзиро марҳилаи ҷадид гуфтан мумкин аст, ки ин марҳила омезиши рушди муносибатҳои қарзиро бо ҳамоҳангии техникаву технологияи муосир ба миён овард. Дар марҳилаи ҷадиди рушди муносибатҳои қарзӣ шаклҳои нави қарзӣ бо усулҳои муосиртар ба мизоҷон пешкаш гардонида шуд, ки то як андоза ба сатҳи хавфҳои бонкӣ ва дастгирии тамоми секторҳои иқтисодӣ мусоидати фаъол намуд. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар доираи пайдоиш ва рушди муносибатҳои қарзӣ як қатор андешаву назарияҳои муттафовит вуҷуд дорад, ки онҳо бозгӯйи пайдоиш ва шуруи рушди муносибатҳои қарзӣ дар ҷомеа мебошанд. Ва дар марҳилаи ҷадиди муносибатҳои қарзӣ имрӯз тамоми давлатҳои дунё, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили он мебошад.

**Адабиёт**


1. Банковские гарантии, биржа, банковские кредиты: история возникновения. [В Интернете] 2013 г. [электронный ресурс] URL https://my-bg.ru/references_materials/Kredit_istoria/. (дата обращения 16.04.2020)

2. Ключкинов И.К. Кредит и банки / И.К.Ключкинов, О.А.Молчанова. – Москва: Финансы и статистика, 2007. – 376 с.

3. Куручбекова А.Б. Развитие кредитных отношений в условиях трансформации экономики. Дисс.на соис. к.э.н. /А.Б.Куручбекова. - 2011. – 125 с.

4. Лаврушин О.И. Банковское дело: современная система кредитование / О.И.Лаврушин, О.Н.Афанасьева, С.Л.Корниенко. - Изд. 3-е допол. – М.: КНОРУС, 2007. – 766 с.

5. Пашута А.О. Совершенствование условий кредитования сельского хозяйства/А.О.Пашута //Финансы и кредит.- 2016. - Т. 22.- вып.13, апрель. - С. 148-154.

6. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз/Ш.Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 485 с.

7. Цой Е.Е. Проблемы кредитных отношений на современном этапе /Е.Е.Цой//Научный журнал. Оренбургский государственный университет. – Оренбург 2016. – С. 54-62.

8. Электронный ресурс. Wikipedia.wikipedia - кредит. [В Интернете] 2012 г. [Цитировано: 16 Ноябрь 2013 г.] http://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения: 16.04.2020)

9. Электронный ресурс. Time.by/uspeshnyy-biznes/vsyo-o-kreditah-istoriya-vozniknoveniya-kredita (дата обращения: 25.01.2019)

10. Электронный ресурс. Hhttps://dutyfree58.ru/istoriya-vozniknoveniya-kredita-i-kreditnyh-otnoshenii-kratko.(дата обращения: 16.04.2020).


**УДК: 331.5 (574)**

## РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН

***Раҷабов Бегмурод Саймуродович*** *- унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (992) 935-08-85-52. E_mail beg-7676@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи баъзе масъалаҳои танзими бозори меҳнати дохилӣ ва ошкорнамоии тамоюлҳои истифодабарии захираҳои мавҷудаи меҳнатӣ дар минтақаҳои кишвар меравад. Муаллиф ба мавқеи меҳвариро ишғол кардани масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ дар сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии ҳамаи давлатҳо ишора намуда, алоқамандии онро ҳамчун категорияи мустақил бо мафҳуми бозори меҳнат собит сохтааст. Дар мақола таърифи бозори меҳнат дар заминаи омӯзиши адабиёти иқтисодӣ ҷамъбаст гардида, унсурҳо, субъектҳои он мушаххас карда шуда, тамоюлҳо ва мушкилоти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили динамикаи тамоюли шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор дар минтақаҳои ҷумҳурӣ самтҳои афзалиятноки истифодабарии захираҳои меҳнатӣ баён гардидаанд.*

*Калидвожаҳо: бозори меҳнат, захираҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, шумораи аҳолӣ, қувваи корӣ, шуғли аҳолӣ, сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, танзими бозори меҳнати дохилӣ, шуғли пурмаҳсул, маҳсулнокии меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ.*

## К ВОПРОСУ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА И ЗАДЕЙСТВОВАНИЕ ТРУДОВЫХ РЕЗЕРВОВ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Раджабов Бегмурод Саймуродович*** *– соискатель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (992) 935-08-85-52. E-mail: beg-7676@mail.ru*

*В данной статье речь идёт о некоторых вопросах регулирования внутреннего рынка труда и выявления тенденций использования имеющихся трудовых ресурсов в регионах страны. Автор, указав на то, что в социально-экономической политике всех стран вопрос занятости занимает центральное место, доказывает ее взаимосвязь как самостоятельной категории с понятием рынка труда. В статье обобщено определение рынка труда на основе изучения экономической литературы, определены его элементы и субъекты, показаны тенденции и проблемы рынка труда Республики Таджикистан в современных условиях. При этом определены приоритетные направления использования трудовых ресурсов на основе анализа динамики численности населения, трудовых ресурсов, рабочей силы и занятого населения в регионах страны.*

*Ключевые слова: рынок труда, трудовые ресурсы, региональная экономика, численность населения, рабочая сила, занятость, социально-экономическая политика, регулирование внутреннего рынка труда, продуктивная занятость, производительность труда, социальная защита.*

## TO THE QUESTION OF REGULATION OF THE LABOR MARKET AND THE USE OF LABOR RESERVES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Radjabov Begmurod Saymurodovich*** *- applicant for the Department of Economic Theory of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Tel.: (992) 935-08-85-52. E_mail: beg-7676@mail.ru*

*This article deals with some issues of regulating the internal labor market and identifying trends in the use of available labor resources in the regions of the country. The author, pointing out that the issue of employment occupies a central place in the socio-economic policy of all countries, proves its relationship as an independent category with the concept of the labor market. The article summarizes the definition of the labor market based on the study of economic literature, defines its elements and subjects, shows the trends and problems of the labor market of the Republic of Tajikistan in modern conditions. At the same time, priority areas for the use of labor resources were*

*determined based on an analysis of the dynamics of the population, labor resources, labor force and employed population in the regions of the country.*

*Key words: labor market, labor resources, regional economy, population, labor force, employment, socio-economic policy, regulation of the internal labor market, productive employment, labor productivity, social protection.*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин омадааст: “Воқеияти ҷумҳурӣ дар мавҷуд будани бозори меҳнати иборат аз “се бахш” маҳсуб меёбад, ки ҳақиқатан ба ҳиссаҳои баробар - шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро (ҳаддалимкон ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда) ташаккул медиҳад. Зарурати афзоиши ҳамзамони миқдории шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд [9, с.80].

Таъмини шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти ҳама гуна кишварҳо мавқеи марказиро ишғол мекунад ва ҳамчун муҳимтарин категорияи иҷтимоию иқтисодӣ бо одамон ва фаъолияти меҳнатии онҳо, инчунин, бо истеҳсолот, тақсимот, тасарруф ва истеъмоли маводи моддӣ алоқамандии зич дорад. Мафҳумҳои «бозори меҳнат» ва «шуғл» ба ҳам алоқамандии зич доранд. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ дар соҳаи шуғл дар бозори меҳнат ба амал баровардa мешаванд.

Бозори меҳнат қисмати умумии бозор буда, ҳамчун заминаи муносибатҳои бозаргонӣ хизмат мекунад, зеро идоракунии иқтисодӣ, пеш аз ҳама, идоракунии меҳнатро дар назар дорад. Бозори меҳнат ҷузъи таркибии иқтисодиёти кишвар буда, вазифаҳои механизми тақсимот ва азнавтақсимоти меҳнати иҷтимоиро аз рӯи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, намудҳо ва шаклҳои шуғл, мувофиқи меъёрҳои меҳнат ва самаранокии истеҳсолотро мувофиқи талаботи иҷтимоӣ ва шаклҳои моликият иҷро мекунад. Дар адабиёти илмӣ таърифҳои мухталифи бозори меҳнат мавҷуданд, ки онҳоро метавон бо тафсири маҳдуд ва васеъ баён кард. Ба маънои васеи он бозори меҳнат тамоми пешниҳоди маҷмуӣ (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) ва тақозои умумиро (эҳтиёҷоти умумии иқтисодиёт ба меҳнат) фаро мегирад.

Бозори меҳнат, ҳамчун система, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: субъектҳои бозори меҳнат (санадҳои ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки муносибатҳои субъектони бозори меҳнатро танзим мекунанд); шароити бозори меҳнат; инфрасохтори бозори меҳнат.

Субъектҳои асосии бозори меҳнат кормандони кироя ва иттиҳодияҳои онҳо - иттифоқҳои касаба, корфармоён (соҳибкорон), иттифоқҳои кормандон ва давлат ба ҳисоб мераванд.

Барои фаъолияти муътадили бозори меҳнат зарурати ҷой доштани санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳо, қоидаҳои танзимкунандаи муносибатҳои байни субъектҳои бозор, ки ҳуқуқҳои онҳоро дақиқ муайян мекунанд ва имкониятҳои баробар барои амалӣ намудани қобилияти меҳнатии ҳамаи иштирокчиёни бозор, суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳолати аз даст додани кор лозим аст. Чунин меъёрҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла "Дар бораи шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда шудаанд. Онҳо дар Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар созишномаҳои умумӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, дар созишномаҳои коллективии корхонаҳо нишон дода мешаванд [7, с.3].

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар соҳаи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюл ва мушкилиҳои нав ба вуҷуд омада, ки ба ихтисоршавии шумораи коргарон дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ мансуб мебошад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи ташаккулёбии муосири иқтисоди бозорӣ масъалаи танзими бозори меҳнат зарур мебошад.

Чуноне ки мутахассисони соҳа қайд мекунанд, дар иқтидори меҳнатӣ дар солҳои охир бавуҷудомада, номутаносибӣ дар ҷойҳои кории мавҷуда нисбати арзаи он дида мешавад. Ин раванд дар натиҷаи табдилёбии бекории ниҳонӣ шадидтар мегардад. Зуҳуроти номувофиқатӣ, инчунин, дар рост наомадани омодагии касбӣ ва тахассусии

қувваи корӣ, паст гардидани даромадҳои оилавӣ, ки бо шароитҳои иқтисодии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ алоқаманд мебошанд, низ ба назар мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон иқтидори меҳнатӣ на чандон фаъолияти самаранок дошта, аз рӯи низоми махсуси пешгӯикунандаи тақозо ба қувваи корӣ ва арза вуҷуд надорад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди гузариш ба шакли нави идоракунӣ, яъне иқтисодиёти рақамӣ, иқтидори бозори меҳнатро ҷиҳати ҷалби қувваи корӣ ба дараҷаи муайян васеъ мегардонад.

Ташаккули иқтисоди бозоргонӣ бо ҳолати муосири соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ, ки фаъолият дар шароити имрӯза куллан ба самти ташкили бозори танзимшавандаи меҳнат тағйир меёбанд, иртибот дорад. Гузариш ба моликияти хусусӣ ва воситаҳои истеҳсолот боиси пайдоиши зарурати таҷдиди муносибатҳои миёни соҳибмулкони онҳо ва кормандони кироя гардид [5, с.20].

Таҳлили ҳолати муосир, тамоюли рушди иқтисоди ҷумҳурӣ ва минтақа нишон медиҳад, ки масъалаҳои ташаккул, фаъолият ва рушди иқтидори меҳнатӣ мубрамияти зиёдро касб мекунанд. Маҳз ҳамин муаммо яке аз масоили калидие гардидааст, ки бинобар мутаҳаррикии бозори меҳнат бо нишондиҳандаи баланди афзоиши қисми аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли аҳолии қобили кори ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад.

Ба ақидаи иқтисодшинос Х.Ҳ. Ғуломов, бозори меҳнате, ки солҳои охир фароҳам омадааст, фарқияти номунатосиб миёни миқдори ҷойҳои корӣ ва арзаи онҳо вуҷуд дорад. Ин ҷараён дар натиҷаи ба бекории ошкор табдил ёфтани бекории пӯшида пурзӯртар гашта, дар баробари хусусияти миқдорӣ хосияти сифатӣ ҳам пайдо мекунад [4, с.45].

Дар баробари ин, қайд намудан лозим аст, ки илми иқтисоди муосир расидан ба ҳолати шуғлнокии пурраро бо сатҳи мақбули бекорӣ дар шароити мавҷудияти таносуби дахлдори иқтисодӣ, ки ба татбиқи ин ҳадаф мусоидат мекунад, пешбинӣ мекунад.

Дар шароити нави хоҷагидорӣ фаъолияти бозори меҳнати воқеӣ ва низоми махсуси ояндабинии тақозову арзаи қувваи корӣ самараи кам медиҳад [1, с.2]. Мутаассифона, тавре ки дар Консепсияи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2012, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, таҳти №183 қабул гардидааст, чунин омадааст: “Алҳол омори шуғл ҳолати воқеии бозори меҳнатро инъикос намекунад. Натиҷаҳои таъсиси ҷойҳои кории нав сифатан таҳлил карда намешаванд”.

Ба андешаи мо, вазъи муосири демографии ҷумҳурӣ таҳияи равияву афкори нав оид ба иқтидори меҳнатиро талаб менамояд, ки дар он муқарраркунии суръати раванди такрористеҳсол, муайянкунии хусусиятҳои миқдорию сифатии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои кории зарурӣ барои фаъолияти меҳнатӣ ва таъмини мувозинати он бо миқдори ҷойҳои кор аҳамияти калон дорад.

Динамикаи тамоюли шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Таносуби шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор барои солҳои 2016 - 2020 (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолии машғул | 2384 | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 5,12 |
| Қувваи корӣ | 2438 | 2460 | 2478 | 22514 | 2557 | 4,88 |
| Захираҳои меҳнатӣ | 5224 | 5326 | 5427 | 5521 | 5625 | 7,67 |
| Қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда | 2786 | 2866 | 2449 | 3007 | 3068 | 10,12 |
| Шумораи аҳолӣ | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 8,73 |

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2021. - С. 11, 132.

Аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, ки шумораи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 то ба 5 миллиону 625 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 ба 5 миллиону 521 ҳазор нафар баробар буд. Дар муқоиса бо соли 2019 дар давраи таҳлилӣ аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолӣ шумораи захираҳои меҳнатии Тоҷикистон 1,88 фоиз зиёд шудааст.

**Диаграммаи 1. – Вазъи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, ҳаз. нафар**




**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - С. 98-99.

Бо дарназардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар солҳои 2019-2020 афзоиши шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) низ ба амал меояд. Дар солҳои 2019-2020 шумораи қувваҳои корӣ дар Тоҷикистон мутаносибан то 2 миллиону 584,7 ва 2 миллиону 557 ҳазор нафар мерасад. Дар муқоиса бо соли 2019 афзоиши қувваҳои корӣ дар ин солҳо 1,71 фоизро ташкил медиҳад.

Динамикаи аҳолии машғул дар иқтисодиёти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015-2020 теъдоди онҳо 30 330 нафар зиёд шудаанд, ки он 8,1%-ро ташкил медиҳад. Шумораи аз ҷиҳати иқтисодии фаъол дар минтақа солҳои охир тамоюли камшавӣ дорад ва дар ин давра аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли минтақа 35 830 нафар зиёд шудааст, ки он 9,3%-ро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми солҳои 2015-2020 шумораи бекорони расман эътирофшуда дар сатҳи ҷумҳурӣ 5000 нафар кам шудаанд. Шумораи аҳолии машғули кор бошад, дар соли 2020 – 98,0 фоизро аз шумораи қувваҳои корӣ ташкил намуда, нишондиҳандаи мазкур соли 2015 ба 2 миллиону 380 ҳазор нафар ва соли 2020 ба 2 миллиону 557 ҳазор нафар мерасад.

Афзоиши шумораи аҳолии доимӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор барои беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, агар натиҷаҳои таҳлили афзоиши миёнаи солонаи сатҳи шуғлро бо натиҷаҳои афзоиши миёнаи солонаи аҳолии дар иқтисод фаъоли Тоҷикистон дар даври таҳқиқшаванда муқоиса кунем, хоҳем дид, ки сатҳи афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба 8,6% баландтар аст. Тибқиояндабинӣ, чунин афзоиш дар ояндаи наздиктарин боқӣ хоҳад монд. Чунин тамоюл дар рушди аҳолии Тоҷикистон таҳти таъсири як қатор омилҳои иқтисодӣ,

иҷтимоӣ-демографӣ, географӣ ва ҳам бо дарназардошти урфу одатҳои миллӣ, дин ва анъанаҳои фарҳангию миллӣ ташаккул ёфтааст.

Бисёри нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ ба сохтори шуғли аҳолӣ вобастаанд [6, с.45]. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар сатҳи пасти зист, бекорӣ ва талоши гирифтани маълумоти олӣ ва миёнаи махсус мебошад. Фарқи калон дар самаранокии корхонаҳо, ҳатто дар ҳудуди бахшҳои махсусгардонидашуда, аломати устувор дар кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққист ва аз бесамарии тақсимот, яъне аз уҳдаи тақсимоти захираҳо аз навъҳои каммаҳсул ва анвои пурмаҳсули фаъолият набаромадани иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад. Таҳлил бо истифода аз маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки ширкатҳои калон дар минтақа самараноктар нестанд. Ғайр аз ин, ширкатҳо самаранокии худро аз ҳисоби аз кор озод намудани кормандон афзун мекунанд ва ин гувоҳӣ ба он медиҳад, ки ширкатҳои истеҳсолӣ сатҳи шуғлро баланд намекунанд, чунки монеаҳо ё омилҳои боздоранда инро намегузоранд.

Масъалаи танзими давлатӣ ва самаранокии шуғли аҳолӣ на танҳо аз ҷиҳати методологӣ, балки аз лиҳози амалӣ низ муҳим мебошад. Барои идоракунии захираҳои меҳнатӣ ва таъмини шуғли пурра таҳлили комплексии маълумоти боэътимод дар бораи ҳолати бозори минтақавии меҳнат ва равандҳои демографию сиёсӣ бо мақсади истифодабарии босамари аҳолии қобили меҳнату такрористеҳсоли қувваи корӣ зарур аст. Зимнан, натиҷаи беҳтарин дар сурати таъмини самаранокии тамоми захираҳои иқтисод ба даст меояд, ки дар байни онҳо захираҳои меҳнатӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Дар робита бо ин таҳлили ҳолати кунунӣ ва баҳодиҳии сатҳи шуғли аҳолӣ, бекорӣ ва муҳоҷират аҳамияти хосса дорад.

Бӯҳрони молиявию иқтисодии даҳсолаҳои охир ба пайдоиши захираҳои меҳнатии барзиёд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда расонид, ки оқибатҳои махсуси худро доранд ва таҳлилу баҳодиҳии истифодаи аҳолии қобили меҳнатро металабанд. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили равандҳои инкишофи шуғл ва бозори меҳнат як қатор омилҳои минтақавӣ, аз қабили сатҳу рушди махсусгардонии минтақавӣ, анъанаву фарҳанги миллати тоҷикро ба назар бояд гирифт. Зимнан, сатҳи шуғл ва бекорӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими некуаҳволии миллӣ ва суботи ҷомеа, самаранокии тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили сатҳи шуғл ва истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, рӯи кор овардани василаҳои таҳқиқро барои сохтани модели равандҳо, ташаккул ва тақсимоти иқтидори ҷумҳурӣ аз рӯи касбҳо, корхонаҳо, минтақаву соҳаҳо металабад, ки зери таъсири равандҳои макроиқтисодӣ, демографӣ ва муҳоҷиратӣ ташаккул меёбанд ва бо роҳҳои зерин омӯхта мешаванд:

- таҳлили тағйирёбии вазъи демографӣ ва омилҳое, ки ба ин равандҳо таъсир мерасонанд (ҳаракати табиии аҳолӣ ва равандҳои муҳоҷират);
- таҳлили маълумоти воқеии оид ба шумораи миёнаи рӯйхати шуғлмандони соҳаи иқтисод ва намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир;
- мониторинги маълумоти ҳарсолаи интихобии таҳқиқи аҳолӣ оид ба масоили шуғл, ки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мекунад, аз ҷумла, дар бораи теъдоди умумии шуғлмандону бекорон, сатҳи умумии бекорӣ ва шуғл;
- омӯзиши маълумоти омори идоравии вазоратҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое дохил мешавад, ки сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ нисбатан баланд буда, хусусиятҳои сифатии он нисбатан паст мебошанд, дар ин кишвар шаклҳои хоси анъанавии сохти оилавӣ ва нақши муҳими иқтисодии фарзандон дар хонавода вуҷуд дорад. Ҳолати рӯз то рӯз мушкили иқтисодӣ, зарурати ташкил кардани ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар ва таҳияи стратегияи ташкили ҷойҳои нави кориро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ талқин мекунад.

Чунончи, мувофиқи маълумоти омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи аҳолии машғули корро аз шаклҳои моликият дида мебароем (ниг. ба диаграммаи 2).

Аз диаграммаи мазкур бармеояд, ки сарфи назар аз мансубияти шумораи бештари аҳолии машғули кор дар бахши хусусӣ, ҳиссаи бахши давлатӣ ва моликияти колективӣ низ назаррас аст. Дар ҳамин ҳол сохтори шуғл ба сӯи рушди афзалиятноки соҳаи ғайриистеҳсолии иқтисод тағйир ёфта, ин ба тағйирёбии шуғл дар навъҳои фаъолият таъсир расонид. Агар ба маълумоти омори тақсимоти аҳолии дар навъҳои фаъолият шуғлдошта назар афканем, пас хоҳем дид, ки дар бахши воқеӣ нисбат ба соҳаи хизматрасонӣ шуғлмандон се маротиба зиёдтаранд. Масалан, соли 2019 дар бахши воқеии иқтисод 35,3 ҳаз. нафар, дар соҳаи хизматрасонӣ бошад, ҳамагӣ 100,0 нафар машғули кор буданд, яъне шуғл дар бахши воқеӣ нисбат ба соҳаи хизматрасонӣ бештар аст.

**Диаграммаи 2. - Шумораи аҳолии машғул аз рӯи шаклҳои моликият**




Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С.83.

Дар шароити имрӯза 71,9%-и шуғлмандони иқтисоди минтақа соли 2019 дар бахши воқеӣ кор мекарданд. Аз миқдори умумии шуғлмандони бахши воқеӣ беш аз 90 дар сади он дар соҳаи кишоварзӣ, шикорчигӣ ва хоҷагии ҷангал кор мекарданд.

Бо инкишофи техника ва технология, инчунин, бо тағйирёбии сохтории бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон, барои истеҳсоли ҳамон ҳаҷми маҳсулот миқдори камтари кормандон лозим мешавад. Чунончи, соли 2016 дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамагӣ 26,3%-и миқдори умумии шуғлмандони иқтисод кор мекарданд, соли 2019 ин нишондиҳанда 1,5% афзуд, ки 27,8%-ро ташкил медиҳад. Дар ин асос, агарчи сатҳи шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба шумораи умумии шуғлмандони Тоҷикистон каме афзуда бошад ҳам, ба фикри мо, ин тамоюли мусбӣ аст. Бо мурури рушди техника ва технология, дар бахши воқеии иқтисод пастшавии сатҳи шуғли аҳолиро ба миён меорад.

Сохтори шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо аз маълумоти миёнаи ҷумҳуриявӣ фарқ надорад. Қисми асосии аҳолӣ дар минтақаҳо дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад, сатҳи он дар истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон беш аз 70%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи аҳолии шуғлманд дар саноат нисбат ба дигар минтақаҳо дар вилояти Суғд - 9,0% ва дар шаҳри Душанбе - 16,7% нисбатан баландтар аст. Дар савдо ва хӯроки умумӣ, хоҷагии манзилу коммуналӣ ва дигар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ миқдори шуғлмандон 1,5-2 маротиба афзоиш ёфтааст. Чунин раванди бесуботи коэффитсиенти тағйироти сохторӣ бозгӯи он

аст, ки иқтисоди ҷумҳурӣ дар марҳилаи кунунӣ ба мувозинати сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ нарасидааст.

Сатҳи баландтари бекорӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад, дар НТҶ сатҳи бекорӣ аз ҳама паст аст, ки ин ба суботи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат таъсир мерасонад. Он, пеш аз ҳама, бо қатъшавии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва филиалҳои онҳо дар деҳот алоқаманд аст, ки ин вазъи таъмини аҳолиро бо кор бад мекунад. Бо дарназардошти ин омилҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон бахши воқеии иқтисод, пеш аз ҳама истеҳсолоти кишоварзиро бо суръати тамом рушд бояд дод, зеро барои ин тамоми шароити биологию иқлимӣ муҳайё мебошад.

Масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва таҳлили рушди бозори меҳнат вобаста ба самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ҳанӯз исботи назариявӣ ва ҳалли амалии худро наёфтаанд. Сатҳи шуғли аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини некуаҳволии миллӣ ва суботи ҳар воҳиди ҳудудӣ, нишондиҳандаи ҳолати ҷомеа, хусусан, самаранокии ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит таҳқиқоти минтақаҳои қувваи кориаш барзиёд, ки минтақа бо сабаби таъмини суст бо кадрҳои соҳибихтисос ба чунин минтақаҳо мансуб аст, ниҳоят мубрам буда, барои рушди иқтисоди ин минтақаҳо хеле муфид мебошанд. Ҳолатҳои зикршуда нақши бозори меҳнатро дар ҳалли муаммои минтақавии шуғли аҳолӣ баланд бардошта, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли онро дар шароити иқтисоди бозорӣ тақозо менамояд.

Ҳангоми коркарди барномаҳои минтақавии шуғл маҷмуи ин нишондиҳандаҳоро, ки тасвиру тавсифи умумии хусусияти минтақа ва хосиятҳои онро ҳамчун қисми ҷудонопазири рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъмин мекунанд, ба инобат гирифтан зарур аст. Самаранокии усулу механизм ва тадбирҳои сиёсати иқтисодиро тавассути коркарди механизмҳои мушаххаси ба эътидол овардани бекорӣ ва танзими шуғл бо дарназардошти хусусиятҳои иқтидори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва захираҳои табиии минтақа баланд бардоштан мумкин аст.

Бояд дар хотир дошт, ки бозори меҳнат мустақилона мувозинати байни мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва арзаи онро таъмин карда наметавонад. Барои ин механизми идоракунандаеро барпо бояд кард, ки аз таҳияи механизми танзимкунандаи фаъолияти бозори меҳнат барои расидан ба ҳадафи гузошташуда иборат аст. Аз ин бармеояд, ки таъмини мувозинати ҷойҳои корӣ дар ҷумҳурӣ бояд бо дарназардошти мавҷудияти онҳо ва афзоиши миқдори захираҳои меҳнатӣ муайян карда шавад. Аммо бо таваҷҷуҳ ба сатҳи баланди афзоиши табиии аҳолии ҷумҳурӣ, ноил шудан ба ин амалан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ба фикри мо, дар шароити иқтисоди бозорӣ барои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ масъалаи мувозинат бояд ҳамчун коҳишдиҳии нобаробарии байни миқдори ҷойҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ гузошта шавад.

Вазифаи танзими бозори меҳнат ва пешбурди сиёсати самараноки шуғл тавассути барномаҳои мусоидат ба шуғл, ҳамчун қисми таркибии системаи идоракунии шуғл, ин танзими мақсадноку ҳамоҳанги бозори меҳнат, афзудани тақозо ба қувваи корӣ, дастгирӣ кардани арзаи босамари он, ҳосил кардани мувозинати тақозо ва арзаи қувваи корӣ мебошад. Дар ҳалли проблемаи самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ бозор ҳамчун механизми махсуси худтанзимкунӣ ёрӣ мерасонад, вале барои ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳиму аз нигоҳи иқтисодӣ бенафъ, инчунин, барои риояи адолати иҷтимоӣ дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ дахолати давлат лозим аст, ки бо ёрии маҷмуи чорабиниҳои мавсум ба «сиёсати шуғл» амалӣ карда мешавад [10, с. 76].

Таҳлили моҳияти бозори меҳнат, хусусиятҳои минтақавии ташаккулу рушди он дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ имкон доданд, ки хулосаҳои зеринро барорем:

- механизмҳои такмили фаъолияти бозори меҳнат ва ҳавасмандкунии таъмини ҷойи кор барои аҳолии қобили меҳнат, бекорон ба воситаи бозори минтақавии меҳнат пешниҳод карда шудаанд;

- барои танзими давлатии бозори меҳнат барномаҳои шуғлро на танҳо барои тамоми бекорон, балки алоҳида барои табақаҳои суст ҳифзшудаи аҳолӣ - занон, ҷавонон ва нафақахӯрон, таҳия кардан лозим аст;

- ташкил кардани таълиму бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кадрҳо мутобиқи талаботи бозори меҳнат. Яке аз самтҳои муҳимтарин дар байни тадбирҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ мусоидат кардан ба шуғл мебошад [7], аз ҷумла ба шуғли муваққатӣ, шуғли шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;

- барои пайвастани бозори меҳнати минтақа ба бозори ҷаҳонии меҳнат қувваи кориро тавассути беҳдошти хосиятҳои сифатӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ омода кардан лозим аст.

Зимнан, дар ҳоле ки сатҳи бекории бақайдгирифташуда паст аст ва шиддат дар бозори минтақавии меҳнат коҳиш мeёбад, проблемаи фарқияти бозорҳои маҳаллии меҳнат аз лиҳози таъмини шароити шуғл боқӣ монда аст. Аҳолии деҳот бештар аз сокинони шаҳр аз бозори минтақавии меҳнат хориҷ шудааст. Фарқиятҳои сифатӣ, тақозои қонеънагардидаи кордеҳон аз қувваи корӣ ҳам, аз проблемаҳои доғи имрӯз мебошанд [3, с.31-33].

Бекории ба қайд гирифташуда хосияти сохторӣ дорад, яъне тақозо ва арза ба мувозинат наомадаанд. Бо дарназардошти ин ва дигар проблемаҳо, дар бораи самаранокии пурраи татбиқи сиёсати давлатии шуғл ҷойи сухан гуфтан нест, агарчи вазъият дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ босуботу пешгӯйишаванда мебошад. Самтҳои алоҳидаи танзими бозори меҳнати ҷумҳуриро такмил бояд дод.

Шароиту омилҳои зикршуда ба раванди фаъолияту рушди бозори меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд. Барои ҳалли проблемаҳо, ба фикри мо, давлат бояд сиёсати демографии мувофиқро амалӣ намояд, зеро тадбирҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои такрористеҳсоли аҳолӣ, ки алҳол амалӣ шуда истодаанд, натиҷаи фаврӣ намедиҳанд. Бисёри нишондиҳандаҳои бозори минтақавии меҳнат ба андозаи беш ба сохтори демографии аҳолӣ вобастаанд [6]. Ҳангоми баррасии ин масъала ба хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат диққати махсус бояд дод. Таҷрибаи ҷаҳонии танзими вазъи демографӣ гувоҳи он аст, ки натиҷаҳо баъди чандин сол ва ҳатто даҳсолаҳо аён мешаванд.

Дар баробари рушд ёфтани бозори меҳнат, шароит барои фаъолияти он дар асоси қонунҳои табиӣ ва ҳам танзими давлатии шуғл фароҳам меояд. Дар ин ҳангом усулҳои бозории сармоягузорӣ ба ҷойҳои корӣ, ташаккули музди воқеии меҳнат дар заминаи ҳадди ақали рӯзгузаронии воқеӣ, суғуртаи иҷтимоии таваккали иқтисодӣ, фаъолияти иттифоқҳои касаба нақши муҳимро мебозанд. Нақши давлат дар мусоидат барои шуғл бояд хосияти пешгирикунанда дошта бошад, то хатари бекории иҷборӣ ва оқибатҳои онро бартараф намуда, барои шуғли пурра мусоидат кунад ва оқибатҳои гуногуни манфии фаъолияти бозори меҳнатро бартараф намояд.

Дар маҷмуъ, тавсияҳои зикршуда оид ба такмили танзими бозори меҳнати минтақа дар заминаи механизми шуғли аҳолӣ амалишаванда мебошанд. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки ҳалли проблемаҳои номбаршуда бо такмили механизми рушди шуғли аҳолӣ иртибот дорад, ки самтҳои асосиаш: рушди соҳибкории хурд - асоси баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ дар минтақа; такмил додани системаи омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; роҳҳои баланд бардоштани шуғли аҳолӣ мебошанд.

Адабиёт

**1.** Ашуров С. Проблемы и перспективы профессионально-технического развития трудовых ресурсов Таджикистана/С. Ашуров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 123 с.

**2.** Баскакова А.Г. Трудовой потенциал персонала как один из основных факторов эффективности деятельности организации/ А.Г.Баскакова, Ю.В. Ильтуганова// Актуальные вопросы права, экономики и управления. – 2020. – С. 337.

**3.** Бободжонов Р.М. Вопросы формирования миграционной политики/ Р.М. Бободжонов // Меҳнат ва рушди иҷтимоӣ (Труд и социальная защита) - НИИ труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан. - Душанбе, 2012. - №4(15). - С.31-33.

**4.** Ғуломов Х.Ҳ. Масъалаҳои шуғл ва танзими он дар иқтисодиёти бозоргонӣ/ Х.Ҳ. Ғуломов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. - №4. - С. 82-90.

**5.** Исламов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения в переходной экономике/ Ф.С. Исламов. - Душанбе, 2000. – 134 с.

**6.** Кадыров Д.Б. Экономика рынка труда. Монография/Д.Кадыров, И. Ашмаров, С.Комилов. - Душанбе: Илм, 2010. – 180 с.

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат дар шуғли аҳолӣ». //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, м. 467; соли 2005, №12, м. 650; соли 2007, №7, м. 687; соли 2008, № 12, қисми 2, м. 1006.

8. Нуралиев А. Система показателей уровня жизни населения/А.Нуралиев // Достойные условия трудовой жизни как основа развития общества: материалы международной конференции. – Воронеж, 2010. - С.79-86.

**9.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. – 96 с.

**10.** Унагаева, И.И. Направления и инструменты политики занятости региона [Текст]: дис. канд. экон. наук /И.И. Унагаева. - Омск, 2000. – 187 с.

---

**УДК: 338.48;332**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ТУРИЗМ

***Қурбонова Шаҳноза Бобишоевна*** *- ассистенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога**:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 985-20-82-82.*

*Дар мақола масъалаҳои назариявии ташаккулёбии туризм баррасӣ гардидааст. Соҳаи сайёҳӣ комплекси байнисоҳавӣ ба ҳисоб рафта, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро муттаҳид мекунад. Бинобар ин, дар мақола моҳияти туризм, пайдоиш ва тамоюли рушди он, мафҳумҳои туризм, саноати сайёҳӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти туризм муайян шудааст.*

*Қайд карда мешавад, ки сайёҳӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ то ҳол таърифи ягона пайдо накардааст. Моҳияти сайёҳӣ ва мафҳумҳои асосии он дар соҳаҳои муайяни иқтисодиёт, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва ҷуғрофия таҳия шудаанд. Иқтисодшиносон туризмро аз рӯи саҳми он дар рушди иқтисоди миллӣ, талабот ва пешниҳод, тавозуни пардохт, нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ва шуғл баррасӣ кардаанд.*

*Ҳамчунин, дар мақола диққати махсус ба тадқиқоти ақидаи олимони гуногун оид ба пайдоиш ва масъалаҳои назариявию методологии ташаккулёбии туризм дода шудааст. Дар асоси омӯзиши таърифҳои гуногуни сайёҳӣ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, оморӣ ва таълимӣ, муаллиф нуқтаи назари хешро перомуни ташаккулёбии туризм пешниҳод менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *туризм, ҳамгироии иқтисодӣ, муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, захираҳои туристӣ, объекти туризм, истироҳат, реакреатсия, экотуризм, сиёсати иқтисодӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва туризми байналхалқӣ.*

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА

***Курбанова Шахноза Бобишоевна*** *- ассистент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 985-20-82-82.*

*В статье рассматриваются теоретические вопросы развития туризма. Сектор туризма - это междисциплинарный комплекс, объединяющий различные отрасли экономики. Таким образом, в статье определяется экономическая сущность туризма, его зарождение и тенденции развития, концепции туризма, туристическая отрасль, экономика туризма и специфика ее деятельности.*

*Отмечается, что туризм с многолетней историей еще не нашел единого определения как социально-экономического и культурного явления. Сущность туризма и его основные концепции разрабатываются в определенных областях экономики, социологии, культурологии и географии. Экономисты рассматривали туризм с точки зрения его вклада в национальное*

*экономическое развитие, спроса и предложения, платежного баланса, финансовых и экономических показателей и занятости.*

*Особое внимание уделяется изучению взглядов различных ученых на истоки и теоретико-методологические вопросы развития туризма. На основе изучения многочисленных определений туризма из различных научных, статистических и образовательных источников автор предлагает свои взгляды на формирование туризма.*

***Ключевые слова:*** *туризм, экономическая интеграция, международные экономические отношения, туристические ресурсы, рекреация, отдых, экотуризм, экономическая политика, хозяйственная практика, валовой внутренний продукт, международный туризм.*

## SOME THEORETICAL ISSUES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF TOURISM

***Qurbonova Shahnoza Bobishoevna*** *- Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the insurance department. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 985-20-82-82.*

*The article deals with the theoretical issues of tourism development. The tourism sector is an interdisciplinary complex that brings together various sectors of the economy. Thus, the article defines the economic essence of tourism, its origin and development trends, the concept of tourism, the tourism industry, tourism economics and the specifics of its activities.*

*It is noted that tourism with a long history has not yet found a single definition as a socio-economic and cultural phenomenon. The essence of tourism and its basic concepts are developed in certain areas of economics, sociology, cultural studies and geography. Economists viewed tourism in terms of its contribution to national economic development, supply and demand, balance of payments, financial and economic performance, and employment.*

*Particular attention is paid to the study of the views of various scientists on the origins and theoretical and methodological issues of tourism development. Based on the study of various definitions of tourism from various scientific, statistical and educational sources, the author offers his views on the formation of tourism.*

***Keywords:*** *Tourism, economic integration, international economic relations, tourist resources, tourism, recreation, recreation, ecotourism, economic policy, business practices, gross domestic product and international tourism.*

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ соҳаи туризм як қувваи ҳаракатдиҳандаи тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагидории кишвар ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз кишварҳои дорои захираҳои бойи табиӣ ва сайёҳӣ мебошад, масъалаи рушди соҳаи туризм барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар проблемаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ, ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ, манзараҳои гуногуни табиӣ, олами наботот ва ҳайвонот ва оромии ҷомеа барои сайёҳон давлати ҷаззоб ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои ташаккули механизми ташкилию идоракунии рушди бахши сайёҳӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидории кишвар аҳамияти махсус пайдо карда, сайёҳони дохиливу хориҷиро дар кишвар афзоиш медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки сайёҳӣ ва истироҳат яке аз соҳаҳои калонтарин ва сердаромади иқтисоди муосири ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравaнд. Онҳо тақрибан 10% ММД, сармоягузории ҷаҳонӣ, ҷойҳои корӣ ва хароҷоти ҷаҳонии истеъмолкунандагонро ташкил медиҳанд [12, с. 30]. Соҳаи сайёҳӣ комплекси байнисоҳавӣ ба ҳисоб рафта, соҳаҳои гуногуни хоҷагии халкро муттаҳид мекунад. Бинобар ин, барои моҳияти сайёҳиро мушаххасу муайян кардан, пеш аз ҳама, мафҳуми сайёҳӣ, саноати сайёҳӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти сайёҳиро муайян кардан лозим меояд.

Моҳияти сайёҳиро ҳамчун як низоми ҷудонашавандаи фаъолияти хоҷагидории кишвар арзёбӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки он соҳаи татбиқи ҳуқуқҳо ва ниёзҳои гуногунҷабҳаи инсон, соҳаи технология барои татбиқи талабот ва талаботҳои фароғатӣ, бахши махсуси ҷаҳони муосир, иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ, соҳаи сиёсати иҷтимоию

иқтисодии давлат ва минтақаҳоро дар бар мегирад [9, с. 24]. Сайёҳӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ то ҳол таърифи ягона пайдо накардааст.

Сайёҳӣ, инчунин, то ҳол аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни сайёҳӣ, мактабҳои илмӣ ва мутахассисони соҳа бо тарзҳои гуногун тафсир карда шудааст. Таърифи аввалини сайёҳон аз соли 1876 сарчашма мегирад ва дар луғати умумии асри XIX (Dictionnare universel du XIX sie`cle), сайёҳон ҳамчун одамоне ҳисоб мешаванд, ки аз рӯи кунҷковӣ ё бекорӣ сайр мекунанд [14, с. 10].

Моҳияти сайёҳӣ ва мафҳумҳои асосии он дар соҳаҳои муайяни иқтисодиёт, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва ҷуғрофия таҳия шудаанд. Иқтисодшиносон туризмро аз рӯи саҳми он дар рушди иқтисоди миллӣ, талабот ва пешниҳод, тавозуни пардохт, нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ва шуғл баррасӣ кардаанд.

Ҷомеашиносон ва фарҳангшиносон сайёҳиро аз нуқтаи назари тарзи рафтори туристӣ (фардҳо ва гурӯҳҳо), тарзи зиндагӣ, урфу одатҳо омӯхтанд. Ҷуғрофиён аз рӯи ҷанбаҳои фазоии сайёҳӣ, самти ҷараёни туристӣ ва пароканда шудани онҳо дар қаламравҳо, истифодаи захираҳо ва, инчунин, тағйирёбии муҳит сайёҳиро арзёбӣ кардаанд [6, с. 8].

Таърифҳои гуногуни сайёҳиро дар сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таълимӣ пайдо кардан мумкин мебошад. Дар асоси омӯзиши маълумотҳои гуногуни илмиву оморӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истилоҳи сайёҳӣ аз ҳама истилоҳоти гуногунҷабҳа мебошад.

Масалан, олими австралиягӣ Н. Лайпер се равиши таърифи сайёҳӣ "иқтисодӣ", "техникӣ" ва "куллӣ"-ро дар солҳои 60-70-ум муқаррар кардааст [15, с. 392]. Таърифҳои иқтисодии сайёҳӣ ба зуҳуроти туризм ҳамчун соҳа ва тиҷорат такя мекард. Таърифҳои техникӣ бошад, хусусиятҳои консептуалии туризмро барои мақсадҳои оморӣ, ҳуқуқӣ ва соҳавӣ баррасӣ намуд ва таърифҳои куллӣ, (яъне мураккаб) бошад, туризмро дар маҷмӯъ, ҳамаҷониба ва мунтазам баррасӣ мекунад.

Ба ақидаи баъзе олимони соҳаи иқтисодӣ ва коршиносон бо мақсади пешгирӣ кардани ихтилофҳо ва баҳсҳои илмӣ дар атрофи мафҳуми сайёҳӣ пешниҳод мекунанд, ки мафҳуми маҷмӯии саёҳат ва сайёҳӣ ҳамчун синоним истифода бурда шавад.

Олимони дигар бошанд, саёҳат ва интиқолро баробар мешуморанд ва таъкид мекунанд, ки фаъолияти сайёҳӣ ба ҳамлу нақл мансубият дорад. Баъзе олимон мафҳуми саёҳатро ба маънои фароғат шарҳ медиҳанд ва таъкид мекунанд, ки саёҳат мақсади фароғатро дорад ва тиҷорату таҳсилот ба соҳаи сайёҳӣ вобастагӣ надорад.

Бори аввал таърифи расмии байналмилалии истилоҳи сайёҳӣ аз ҷониби Лигаи миллатҳо соли 1937 пешниҳод шуда буд. Истилоҳи сайёҳӣ маънои онро дошт, ки сайёҳ ҳамчун шахсе, ки ба муддати 24 соат ё бештар аз он ба кишвари дигаре сафар мекунад [7, с. 8]. Яке аз камбудиҳои чунин мафҳум ин сарфи назар кардани сайёҳии ватанӣ ба ҳисоб мерафт.

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои имрӯза бармеояд, дар зери мафҳуми сайёҳон, инчунин, сайёҳии дохили кишвар низ дохил мешавад ва ин намуди сайёҳӣ низ дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар саҳми муҳимро доро мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз бо рушди муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мафҳуми сайёҳӣ ҳамчун ҷузъи низоми иқтисодиву иҷтимоӣ хеле васеъ гашт.

А. Чудновский ба он ишора мекунад, ки сайёҳӣ ба маънои васеъ низоми иҷтимоию иқтисодие мебошад, ки дар доираи он одамон манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва маърифатии худро дарк карда, ниёзҳои мувофиқи худро қонеъ мекунанд. Яъне, сайёҳӣ фаъолияти калони байнисоҳавии иқтисодии хоҷагии халқ, аз ҷумла корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеи соҳаи гуногун ва дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар равонагардидаро дар бар мегирад [11, с. 41].

Дар тавсияҳо оид ба омори сайёҳӣ аз соли 1994, СММ се шакли туризмро, яъне дохилӣ, байналмилалӣ ва транзитиро тасниф мекунад.

Дар асоси консепсияи яке аз олимони барҷастаи амрикоӣ Н. Лейпер сайёҳиро як ҷузъи ҷуғрофӣ муайян кардан мумкин аст, ки ҷузъҳои он инҳоянд:

1) Минтақае, ки афзоиши сайёҳонро ба вуҷуд меорад.

2) Минтақаи транзитӣ.

3) Минтақаи макони сайёҳӣ, яъне минтақае, ки сайёҳонро қабул мекунад.

Саҳми асосии илмии Н. Лейпер татбиқи равиши системавӣ ба омӯзиши проблемаи баррасишаванда мебошад. Ӯ сайёҳиро ҳамчун система баррасӣ кард, ки унсурҳои асосии он аз ҷузъи ҷуғрофӣ, сайёҳон ва саноати сайёҳӣ иборат мебошад [13, с. 55].

Олими дигар И. Игнатева қайд мекунад, ки мафҳуми "туризм"-ро танҳо дар сурати таҳлили маҷмӯи ҳамаи категорияҳои асосии илми туризм пурратар ошкор кардан мумкин мебошад. Ба ақидаи И. Игнатева туризм, ҳамзамон, як намуди фаъолият, як шакли истироҳат ва шохаи бахши иқтисоди миллӣ ва роҳи сарф кардани вақт барои фароғат, санъат, илм ва тиҷорат ва монанди инҳо ба ҳисоб меравад [3, с. 22].

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон туризм ин шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истисноии ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад [4].

Ба ақидаи мо, туризм мафҳуми васеъро доро буда, ҳамзамон, вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро иҷро карда, барои рушду нумӯи кишвар хизмат мерасонад. Туризмро ҳамчун саёҳати муваққатии шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ, ки аз ҷои истиқомати доимӣ бо мақсадҳои мухталиф, яъне касбӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ, динӣ, барои беҳбудии саломатӣ, дониш ва ғайра мекӯшанд, тавсиф кардан мумкин мебошад.

Дар бораи ташаккулёбии туризм сухан ронда, мафҳуми рекреатсияро сарфи назар кардан аз нуқтаи назари тадқиқоти мо нодуруст арзёбӣ мегардад. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ туризм ва рекреатсия ҳар хел маънидод карда мешавад.

Тавре аз луғати энсиклопедии русӣ бармеояд, рекреатсия (истироҳат) аз калимаи истироҳати лотинӣ гирифта шуда, маънояш барқароршавӣ, барқароркунии қувваҳои инсонии дар раванди меҳнат сарфшуда мебошад [7, с. 85].

Маъруфтарин таърифи рекреатсиро академик Е.И. Чазов пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ, рекреатсия мафҳумест, ки тамоми намудҳои истироҳат, аз ҷумла табобатию санаторӣ ва туризмро дар бар мегирад [14, с. 354].

Олими дигар А.М. Сазыкин чунин мешуморад, ки рекреатсия туризм, экскурсия ва истироҳатро дар бар мегирад. Ин олим туризмро муҳимтарин ҷузъи фароғат меҳисобад [1, с. 122].

Дар асоси таҳлилҳои назариявию таҷрибавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истироҳат ва туризм мафҳумҳои якранг нестанд, балки ҳамдигарро пурра ва такмил медиҳанд. Рекреатсия ҳамчун барқарорсозии саломатии инсон фаҳмида мешавад ва онро дар ҷои истиқомат ё атрофи шаҳр амалӣ кардан мумкин аст. Туризм бошад, маънои аз ҷойи истиқомати доимӣ ба минтақа ва ё кишвари дигар сафар карданро дорад. Барои аксарияти давлатҳои дунё рекреатсия як намуди маъмули фаъолияти туристӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи методологияи таснифоти байналхалқӣ туризм ба чанд намуд ҷудо мешавад:

- туризми дохилӣ бо ҷалби сайёҳон дар дохили кишвари худ;
- туризми воридотӣ, сайёҳоне, ки резидентҳои ин ё он кишвар нестанд, яъне шаҳрвандони хориҷӣ;
- туризми содиротӣ, сафари одамон аз як кишвар ба кишвари дигар. Чунин намуди туризм ғайрифаъол аст, зеро асъор аз кишвар содир карда мешавад.
- туризм дар дохили кишвар, аз ҷумла ҳам туризми дохилӣ ва ҳам туризми воридотӣ;
- туризми миллӣ, ки ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам туризми хориҷиро фаро мегирад;
- туризми байналмилалӣ, ки аз туризми воридотӣ ва хориҷӣ иборат мебошад [5, с. 16].

Чӣ тавре ки маълум мегардад, туризм ба ғайр аз доро будани мафҳуми васеъ боз ба намудҳои зиёд ҷудо мешавад. Барои баъзеҳо туризм бо километри тайшуда ва сафарҳо ба ҷойҳои таърихӣ, барои дигарон саёҳат ба кишвари хориҷӣ ва монанди инҳо фаҳмида мешавад. Албатта, соҳаи туризм бисёрҷабҳа буда, аз ин нуқтаи назар ҳамаи ақидаҳо қобили қабул шуморида мешавад.

Туризм чӣ тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, на фақат омили рушди иқтисодиёти кишвар, балки шарти муҳими такмилдиҳандаи соҳаи фарҳанг, ҳифзи муҳити зист ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад.

Инчунин, рушди соҳаи туризм барои таъмини эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон новобаста аз нажод, ҷинс ва мазҳаб мусоидаткунанда буда, дар баробари ин, манбаи иловагии даромади буҷаи кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ҷалби сайёҳон, ташаккули захираҳо ва маҳсулоти туристӣ барои тамоми кишварҳои дунё самти афзалиятноки сиёсати дохиливу хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи таълимоти туризм, сайёҳ истеъмолкунандаест, ки маҳсулоти туристиро истифода мебарад. Намудҳои туризм аз нуқтаи назари истеъмолкунандагони туристӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст [5, с. 17].

**Ҷадвали 1. - Намудҳои туризм аз нуқтаи назари истеъмоли маҳсулоти туристӣ**

| **Намудҳои туризм** | **Хусусиятҳои (тавсиф) асосӣ** | **Истеъмоли маҳсулоти туристӣ ва хусусиятҳои он** |
|---|---|---|
| Туризми дохилӣ | Туризми сайёҳони резидент дар қаламрави як давлати муайян. | Макони ниҳоии сафари сайёҳ метавонад ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он бошад, аммо истеъмоли хидматҳои туристӣ бояд танҳо дар дохили кишвари худ сурат гирад. |
| Туризми аз дигар кишвар воридшуда | Туризми сайёҳони ғайрирезидент дар ҳудуди як давлати муайян. | Танҳо истеъмоли сайёҳони ғайрирезидент дар ҳудуди як кишвари муайян ба ҳисоб гирифта мешавад. |
| Туризми ба дигар кишвар содиршуда | Туризми сайёҳони резидентӣ, ки аз қаламрави як давлати муайян баромада меравананд. | Хароҷоти сайёҳони кишвари қабулшуда ба ҳисоб гирифта мешавад. |
| Туризм дар дохили давлат | Туризми сайёҳон, резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар ҳудуди як кишвари муайян. | Таркиби истеъмоли туристӣ метавонад миқдори истеъмолро дар бар гирад, ки ба сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ комилан дахл доранд. Чунин истеъмол арзёбии мукаммали истеъмоли туристиро дар як давлати муайян таъмин мекунад. |
| Туризми миллӣ | Туризми сайёҳони резидент дар ҳудуди як кишвари муайян ва берун аз он. | Сохтори истеъмоли туристӣ миқдори истеъмолро дар бар мегирад, ки ба туризми дохилӣ ва хориҷӣ мансуб аст. |

Аз ҷадвал бармеояд, ки таснифоти асосии туризм аз рӯи интиқоли қаламрави кишвар муайян карда мешавад. Дар асоси таҳлили ҷадвали 1 қайд кардан мумкин аст, ки туризм як падидаи бисёрҷабҳа ба ҳисоб рафта, ба рушди дигар соҳаҳо, аз қабили иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ таҳким мебахшад.

Имрӯз мо туризмро ҳамчун падидаи азими асри XX, ҳамчун яке аз падидаҳои дурахшони замони мо, ки воқеан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ворид шуда, ҷаҳон ва манзараи атрофро тағйир медиҳад, дарк мекунем.

Туризм ба яке аз омилҳои муҳими иқтисод табдил ёфтааст ва бинобар ин, мо онро натанҳо сафар, саёҳат ё таътил медонем. Ин мафҳум хеле васеъ аст ва маҷмӯи муносибатҳо, ваҳдати робитаҳо ва падидаҳоеро, ки одамро дар сафар ҳамроҳӣ мекунанд, ифода мекунад.

Суръати баланди рушди туризм, ҳаҷми зиёди даромадҳои асъорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисод фаъолона таъсир мерасонад, ки ин ба ташаккули индустрияи сайёҳӣ мусоидат мекунад. Туризм аз ҳисоби тақрибан 6% маҷмӯи маҳсулоти миллии ҷаҳон, 7%-и сармоягузории ҷаҳонӣ, ҳар ҷойи кории 16-ум, 11%-и хароҷоти ҷаҳонии истеъмолотро ташкил медиҳад [2].

Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз дар шароити паҳн шудани пандемия туризм низ мисли дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ тамоюли пастшавиро пайдо кардааст. Дар ин бобат, сухан дар борои он меравад, ки дар шароити пасопандемия ва барқарор шудани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, ба соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи шаҳрвандон боз зиёд мешавад. Имрӯз барои барқарор намудани муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба тамоюлоти ҷаҳони муосир, аз ҷумла махсусияти рушди туризмро ба инобат гирифтан лозим меояд.

Махсусияти рушди туризм дар шароити кунунӣ ба объектҳои кашфнашудаи табиӣ, ба экотуризм, агротуризм, шикор, кӯҳнавардӣ, туризми илмӣ ва монанди инҳо алоқамандӣ пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% қаламравро кӯҳҳо ташкил менамоянд, ҳамаи намудҳои зикргардидаи соҳаи туризм мавҷуд мебошад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки соҳаи туризмро ба яке аз неруҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ табдил диҳем.

Барои ҷалби сайёҳон захираҳои туристиро дар кишвар аз он нуқтаи назар рушд додан лозим меояд, ки дидани онҳо мақсади асосии сайёҳон мебошанд. Маҳз ташаккулёбӣ ва мукаммал намудани соҳаи сайёҳӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии туризмро, аз қабили шумораи туристон ва хизматрасонии туристӣ муайян карда мешавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки назария ин маҷмӯи мантиқии таҷриба ба ҳисоб меравад. Назарияи туризм низ дар ин ҷо истисно намебошад. Таълимоти туризм ва ташаккулёбии назариявии он дар тӯли тамоми марҳилаҳои рушд ба вуҷуд омадааст. Туризм дар шароити кунунӣ ҳамчун падидаи нави иҷтимоиву иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Саёҳате, ки дар асрҳои пеш сурат мегирифт, дар давраи муосир сифатҳои навро касб карда, дар таълимоти муосир маънои васеъро пайдо мекунад.

Рушди оммавии туризм аз пайдоиш ва барқароршавии муносибатҳои ҷамъиятии капиталистӣ дар Аврупои Ғарбӣ оғоз меёбад. Аз ин рӯ, аксари мутахассисони илмӣ бар он ақидаанд, ки сайёҳии муосир бо сохтор, заминаи моддӣ, усулҳои кор дар заминаи рушди туризми асрҳои пеш ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, назарияи туризм бояд ҳамчун як низоми илмии мантиқан ва падидаи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ дарк ва омӯхта шавад.

Ташаккули назарияи туризм бо раванди табдили туризм ба омили нави ташаккулёбии фаъолияти хоҷагидории ҷаҳонӣ ниёз дорад. Дар ин бобат, дарк кардан зарур аст, ки ташаккулёбии назарияи туризм натиҷаи корҳои олимон мебошад, ки барои фаъолияти таҷрибавии соҳа заминаи устувор гузошт.

Ҳамин тариқ, таҳлили рушди туризмро дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёти ҷомеаи ҷаҳон омӯхта, зарур мешуморем, ки туризми муосир ба аниқ намудани мафҳуму моҳияти ягонаи туризм ба воситаи методҳои нави тадқиқотӣ, ҷамъоварии донишҳои нав оид ба туризм, ки моҳияти мантиқии онро ифода мекунад, ниёз дорад. Бояд дуруст дарк кунем, ки дар шароити кунунӣ дар назди илми муосир талаботи нав оид ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии бисёр соҳаҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ, аз қабили туризм гузошта мешавад. Бинобар ин, имрӯз зарурати муттаҳид сохтани саъю кӯшиши муассисаҳои гуногуни илмиву таълимӣ ва олимони алоҳида дар миқёси миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои мубрами туризм дар шароити кунунӣ ба миён омадааст.

**Адабиёт**

1. Глушко А.Н. География туризма: учебное пособие / А.Н. Глушко, А.М. Сазыкин. - Владивосток: ТИДОТ ДВГУ, 2002. – 122 с.

2. Виды туризма, их характеристика и особенности. Типы и виды туризма. [электронный ресурс]: URL:https://zizuhotel.ru/registraciya-ip_/. (дата обращения: 13.03.2021.).
3. Игнатьева И.Ф. Организация туристической деятельности/ И.Ф. Игнатьева - СПб.: Питер, 2015.- 273 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» №824 ш. Душанбе. 03.09.1999 с.
5. Левченко К.К. Организационно-экономические аспекты развития въездного туризма и его влияние на экономику территории (на примере Краснодарского края): дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 /К.К. Левченко. – Сочи, 2017. – 160 с.
6. Писаревского Е.Л. Основы туризма: учебник / коллектив авторов; под ред. Е.Л. Писаревского. - М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. – 375 с.
7. Российский энциклопедический словарь. Т.2. – М., 2001. - С.85.
8. Содиков М.С. Современные тенденции и перспективы развития интеграционных связей стран ШОС / М.С. Содиков., М. Донаева. // Финансово-экономический вестник. - №3(19). - 2019. - С.137- 145.
9. Темный Ю.В. Экономика туризма / Ю.В. Темный, Л.Р. Темная - М.: Финансы и статистика, Инфра- М, 2010. – 210с.
10. Хайдар Л. Экономико-географические особенности развития и размещения туристической индустрии Ирана (на примере провинции Хормозган): дис. канд. экон. наук: 25.00.24 / Л. Хайдар - Душанбе, 2018. – 171 с.
11. Чудновский А.Д. Теория и методология социально-экономических исследований в туристской индустрии/ А.Д. Чудновский, М.А. Жукова. - М.: КНОРУС, 2016.-478с.
12. Чудновский А.Д. Управление индустрией туризма России в современных условиях / А.Д. Чудновский, М.А. Жукова.- М.: КН0РУС, 2017. – 416 с.
13. Шодиев Дж. Развитие туризма в Таджикистане: проблемы и пути их решения. /Дж. Шодиев. //Экономика Таджикистана. - №2.- 2019. - С. 55-58.
14. Theobald W.F. (Ed.) Global Tourism. Burlington: Elsevier Inc., 2005 p.
15. Энциклопедический словарь / под ред. Е.И. Чазова. – М.: Советская энциклопедия, 1983.– 354с.
16. Leiper N. The Framework of Tourism; Towards a Definition of Tourism, Tourist, and the Tourist Industry // Annals of Tourism Research. Volume 6, № 4, 1979. p. 392—395.

**УДК: 332. /2**

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ: САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Эшбеков Темурҷон Ҳазратович*** *- ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи далатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: estimur@yandex.ru. Тел.: (+992) 904-58-67-00.*

***Усмонов Парвиз Нуруллоевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 917-09-04-64.*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш намудаанд, ки диққати худро ба тадқиқотҳои вобаста ба асосҳо ва принсипҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Тоҷикистон равона созанд. Қайд карда шудааст, ки муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фишанги истифодабарии имконияти иқтисодии минтақа ва рушди он мебошад. Дар мақола якчанд тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҷумҳурӣ оварда шудаанд.*

*Ҳамчунин, дар ин мақола ташаккули низоми буҷетҳои маҳаллӣ ва низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҳамбастагӣ бо татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, рушди минтақавӣ, трансфертҳои байнибуҷетӣ, кумаки молиявӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, субвенсия, сиёсати буҷетӣ.*

# МЕЖБЮДЖЕТНЫЕ ОТНОШЕНИЯ: ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ИХ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Эшбеков Темурджон Хазратович*** *– ассистент кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Нахимова, 64/14, E-mail: estimur@yandex.ru, тел: (+992) 904-58-67-00*

***Усмонов Парвиз Нуруллоевич*** **-** *кандидат экономических наук, доцент кафедры международных финансово-кредитных отношении Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, тел.:(+992) 917-09-04-64.*

*В данной статье авторы рассмотрели основы и принципы систем межбюджетных отношений в Республике Таджикистан. Отмечено, что межбюджетные отношения в Республике Таджикистан являются механизмом использования экономического потенциала территорий и ее развития. В статье приведены некоторые рекомендации по совершенствованию межбюджетных отношений в республике.*

*Также в этой статье приведены системы формирования местных, межбюджетных отношений с координацией и реализацией документов, связанных с национальной стратегии развития регионов с учетом существующих нормативно – правовых документов.*

***Ключевые слова:*** *бюджетная система, межбюджетные отношения, территориальное развитие, межбюджетные трансферты, финансовая помощь, исполнительный орган местной власти, субвенция, бюджетная политика*

# THE INTERBUDGETARY RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PRIORITY DIRECTIONS OF THEIR DEVELOPMENT

***Eshbekov Temurdzhon Hazratovich*** *– assistant of department of the international finance and credit relations the Tajik State University finance and economic. Address: Dushanbe, Nahimova str, 64/14. E-mail: estimur@yandex.ru, phone: (+992) 904-58-67-00*

***Usmonov Parviz Nurulloevich*** **-** *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial and Economic University.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14, tel.: (+992) 917-09-04-64.*

*This article is devoted to the consideration of the foundations and principles of the system of interbudgetary relations in the Republic of Tajikistan. It is noted that inter-budgetary relations in the Republic of Tajikistan are a mechanism for using the economic potential of the territories and its development. The article provides some recommendations for improving inter-budgetary relations in the republic.*

*This article also describes the systems for forming local and inter-budgetary relations with the coordination and implementation of documents related to the national strategy for the development of regions, taking into account existing regulatory documents.*

***Key words****: budgetary system, interbudgetary relations, territorial development, inter-budget transfers, financial assistance, local government executive body, subvention, budget policy*

Гузариш аз низоми марказонидашудаи идоракунӣ ба иқтисодиёти бозорӣ ислоҳоти муайянро дар соҳаи буҷетӣ пешбинӣ менамояд. Махсусан, дар шароити амалисозии принсипи бозории худмаблағрасонӣ ва худидоракунӣ дар минтақаҳо ин муаммо боз ҳам шиддатнок мегардад. Баъзан зарурати ғайримарказонидани сиёсати буҷетӣ ба миён меояд. Дар баробари ин, амалнамоии мутавозуни ҳамаи зинаҳои низоми буҷетӣ, истифодаи усулҳои буҷетӣ ва танзими рушди минтақавӣ нақши калидӣ мебозанд. Яке аз унсурҳои муайяни сиёсати буҷетии мамлакат, дар умум ва воҳидҳои маъмурии минтақавии он низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ, принсипҳо ва механизмҳои амалисозии онҳо мебошад.

Низоми буҷетӣ маҷмӯи ҳамаи сатҳҳои буҷетӣ ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳи буҷетҳо иборат мебошад (расми 1).




**Расми 1. - Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1].**

Заминаи қонунгузории низоми буҷетии ҷумҳуриро санадҳои зерин ташкил медиҳанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонун «Дар бораи буҷети давлатии барои соли оянда» ҳамасола қабулшаванда;
- Қарорҳои Ҳукумат ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ташаккул ва иҷроиши буҷет ва ғ.

Ба буҷетҳои маҳаллӣ буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷамоатҳо, деҳаҳо ва қишлоқҳо мансуб мебошанд (расми 2) [1].

Дар ташаккули буҷетҳои маҳаллӣ низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ нақши муҳимро мебозад, ки миёни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба миён меоянд. Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои байнибуҷетӣ унсури зарурӣ барои рушди мамлакат ба шумор рафта, аз устувории онҳо татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ вобаста мебошад.




**Расми 2. - Сохтори буҷетҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муносибатҳои байнибуҷетӣ бояд омили муҳими рушди иқтисодӣ гарданд, вале бе таваҷҷуҳи мақомоти махсус ба чунин рушд ва масъулияти таъмини он аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳалли ин вазифа имконнопазир мебошад [3, с. 46].

Муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- ба сатҳҳои муайяни низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим ва вобаста кардани хароҷоти буҷетҳо;
- дар асоси доимӣ тафриқабандӣ додан ва аз рӯйи меъёрҳои муваққатӣ тақсим намудани даромадҳои танзимкунанда байни сатҳҳои мухталифи низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баробарии ҳуқуқҳои буҷетии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ (Қонун аз 18.06.2008 №395);
- баробар кардани сатҳи ҳадди ақали таъминоти буҷетии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Қонун аз 18.06.2008 № 395);
- баробарии тамоми буҷетҳо дар муносибат бо буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яке аз вазифаҳои муҳими ислоҳоти муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон баландбардории самаранокии низоми дастгирии молиявии буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид, мақоми асосиро муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил менамоянд. Таъсири мутақобилаи буҷетҳо, аз як тараф, ҳамчун муносибати тарафайн бошад, аз тарафи дигар, ин раванди бавуҷудоии ҷараёни пулӣ, манбаъҳои молиявӣ, батанзимдарорӣ ва истифодаи онҳо мувофиқи таъйиноти суроғаноки хотимавӣ мебошад, ки ба гурӯҳбандии буҷетӣ ва навиштаҷоти хароҷоти буҷетӣ мувофиқи қонуни ҳар сол қабулшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ” мебошад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои байнибуҷетӣ ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад, чунки заминаи онҳоро баробарсозии муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил медиҳад ва нисбати онҳо бояд қоида ва ҷараёнҳои мушаххасе, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардидаанд, вуҷуд дошта бошанд. Мутаассифона, дар Қонуни ҶТ оид ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз 18.06.2008 №395 баррасигардида танҳо мафҳумҳои появии истилоҳо ва принсипҳои ташаккули низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда шудаанд. Вале тартиби расонидани кумаки молиявӣ (яъне, муайянсозии шаклҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ) ва инчунин, ҳаҷми дотатсия ва субвенсия аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» барои соли навбатии молиявӣ муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, тақсимоти андозҳои умумидавлатӣ миёни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, ҳамасола тариқи Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатӣ» барои соли навбатии молиявӣ тасдиқ мегардад, вале дар худи Қонун “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ” танҳо меъёрҳои фоизии ҳиссаҷудокуниҳои андозҳои умумидавлатӣ тасдиқ карда мешаванд.

Ошкорост, ки дар доираи чунин равиш мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар баландбардории ҷамъшавии андозҳо ва зиёдсозии заминаи андозӣ шавқманд нестанд, чунки то ҳол механизми тақсимоти андозҳои умумидавлатӣ миёни сатҳҳои буҷетӣ норавшан боқӣ мондаанд.

**Ҷадвали 3. - Меъёрҳои ҳиссаҷудокуниҳо аз андозҳои умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, % [2]** ***(ба ҳисоби ҳаз.сомонӣ)***

| Шаҳру вилоятҳо | Андозҳои умумидавлатие, ки тавассути онҳо таҷрибаи тақсимоти даромадҳо миёни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ сурат мегирад | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Андоз аз фоида | | ААИ | | Андоз аз даромад | | Андоз аз истифодабарандагони нақлиёти автомобилӣ | |
| | 2018с | 2019с | 2018с | 2019с | 2018с | 2019с | 2018с | 2019с |
| ш. Душанбе | 50 | 100,0 | 50 | 51 | 65 | 55 | 100,0 | 50 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| ВМКБ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| НТҶ, аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Турсунзода | 0 | 100,0 | 0 | 100 | 100,0 | 70 | 100,0 | 70 |
| Ваҳдат | 100,0 | 100,0 | 80 | 73 | 100,0 | 70 | 100,0 | 70 |
| Рӯдакӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 75 | 100,0 | 100,0 | 65 |
| Ҳисор | 70 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 75 | 73 | 100,0 | 100,0 |
| Роғун | 42 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 50 | 42 | 100,0 | 100,0 |
| Дигар ноҳияҳо | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳисоботи солонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ.32)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки молиявӣ ба буҷетҳои поёнӣ асосан дар намуди субвенсия ҷудо карда мешавад. Дар ҷадвали 4 ҳаҷми умумии субвенсияҳо ба буҷетҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2019 бо млн. сомонӣ оварда шудааст. Дар ҷадвали мазкур афзоиши вазнинии ҳаҷми кумаки молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ба 14,4 % ба назар расида, аз 820797 ҳаз. сомонӣ дар соли 2018 то 947216 ҳаз. сомонӣ дар соли 2019 мушоҳида мешавад.

Ҷадвали 4. - **Ҳаҷми субвенсияҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ дар солҳои 2018-2019 [2]**

*(ба ҳисоби ҳаз.сомонӣ)*

| Вилоят, шаҳр ва ноҳия | 2018 с | 2019 с | Тағйирот 2019 (+;-) 2018 |
|---|---|---|---|
| ВМКБ | 174057 | 191352 | 17295 |
| Вилояти Хатлон | 461007 | 540337 | 79330 |
| ноҳияи Варзоб | 12307 | 13527 | 1220 |
| ноҳияи Рашт | 41498 | 45836 | 4338 |
| ноҳияи Лахш | 28886 | 32504 | 3618 |
| ноҳияи Нуробод | 26983 | 32655 | 5672 |
| ноҳияи Сангвор | 14185 | 16694 | 2509 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 18559 | 21013 | 2454 |
| ноҳияи Файзобод | 26296 | 32789 | 6493 |
| ноҳияи Шаҳринав | 17018 | 20509 | 3491 |
| **Ҳамагӣ** | **820797** | **947216** | **126419** |

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ҳисоботи солонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020, саҳ. 32-34)

Тавре ки аз расми 3 маълум мегардад, ҳаҷми нисбатан калони хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба сари аҳолӣ аз рӯи минтақаҳо дар соли 2019 ба шаҳри Душанбе рост меояд. Новобаста аз он ки дар шаҳри Душанбе ин таносуб аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон тақрибан 300 долл. ИМА-ро ташкил медиҳад, рақами мазкур барои рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ кофӣ набуда, ҷустуҷӯи роҳҳои сарчашмаҳои иловагии пуррасозии буҷетҳои маҳаллӣ, аз ҷумла тавассути пайдо намудани сарчашмаҳои ноаёни даромадҳо мувофиқи мақсад мебошад.




**Расми 3. - Таносуби харочоти буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи минтақаҳо ба сари аҳолӣ дар соли 2019, бо сомонӣ.**

Қайд намудан ба маврид аст, ки тибқи моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомотҳои худидоракунии маҳаллу деҳотҳо», ҷамоатҳо бояд аз соли 2011 дорои буҷети худӣ бошанд, вале дар айни замон, ба ҷузъ аз баъзе кӯшиш оид ба воридсозии он дар ҷамоатҳо ин моддаи қонун татбиқ нагардидааст. Чунки ҷамоатҳо буҷети худӣ надошта, айни замон ба мисли дигар ташкилотҳои маҳаллии буҷетӣ, мактабҳо, беморхонаҳо ва ғайра. захираҳоро аз шаҳру ноҳияҳои дахлдор ба даст меоранд.

Сиёсати давлат дар масъалаи созмони низоми буҷетӣ бояд ба таъминоти ягонагии ин низом, истифодаи усулҳои самараноки амалнамоии он, на ба ивази мақомоти ҳокимияти маҳаллии худидоракунӣ дар самти татбиқи салоҳиятҳо аз ҷониби онҳо равона гардида бошад.

Мақомотҳои идоракунии ҳокимияти маҳаллӣ набояд дар вобастагии хеле баланд аз ҳокимияти марказӣ қарор дошта бошанд. Онҳо бояд дорои мустақилияти баланди иқтисодӣ, вале риоякунандаи ҳатмии қоидаҳои умумии фаъолият ва ҳискунандаи масъулият, ки аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти марказӣ тасдиқ карда мешаванд, бошанд. Дар ин самт, бояд чунин муҳити ниҳодӣ ташкил гардида бошад, ки маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои ҳукми қонунигирифта мустақилияти буҷетию андозии ҳокимияти минтақавӣ ва маҳаллиро ҳангоми баландбардории мунтазами масъулияти онҳо аз рӯи натиҷаи чунин масъулият таъмин карда тавонад [6, с. 147].

Мутавозунии буҷетҳо, ки бояд тавассути баробарии ҳуқуқҳои буҷетӣ амалӣ карда шавад, дар айни замон бо самтгирии механизмҳои баробарсозии буҷетӣ аз рӯи истеъмолоти буҷетӣ, на барои баробарсозии иқтидори фискалии ҳар як минтақа маҳдуд мегардад. Ин тахайюлоти манфиро оид ба баробарии буҷетии буҷетҳои маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ ба миён меорад.

Дар давраи дарозмуддат дар сатҳи миллӣ мукаммалгардонии усули тақсимоти кумаки молиявӣ барои баробарсозии сатҳи таъминоти буҷетии буҷетҳои маҳаллӣ муҳим маҳсуб меёбад, ки заминаи онро бояд чорабиниҳои зерин ташкил диҳанд:

- аз ҷониби қонун муқаррарсозии меъёрҳои хизматрасониҳои буҷетӣ ва меъёрҳои ҳадди ақали харочотҳои молиявӣ барои пешниҳоди онҳо, то ки тақсимоти дотатсияҳоро барои баробарсозии таъминоти буҷетӣ таъмин сохта, пешниҳоди хизматрасониҳоро дар чунин сатҳи ҳадди ақали меъёрҳо кафолат диҳанд;
- таркиби ҳавасмандсозанда барои буҷетҳои маҳаллӣ, ки натиҷаҳои муваффақи иқтисодӣ-иҷтимоиро ноил гардидаанд;

Зарур аст, ки дар санадҳои қонунгузорию ҳуқуқӣ принсипҳои баробарии муносибатҳои байнибуҷетӣ ба таври дақиқ муайян карда шаванд.

Муҳим аст, ки захираҳои фонди баробарсозии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва сохтори онҳо, инчунин механизми аз ҷониби қонун муқарраргардидаи маблағгузорӣ муайян карда шуда, бузургии дахлдори фонди баробарсозии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар буҷети ҷумҳуриявӣ муайян карда шавад, ки танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ тағйир меёбад.

Бузургиҳои ҷудосозии воситаҳо ба мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва ташкилотҳои алоҳидаи буҷетӣ низ ба таври мушаххас бояд дар қонунҳо муайян карда шаванд. Мебояд мушаххасан муайян намоем, ки кадом мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ дар маконҳо ҳуқуқи иштирок дар баробарсозии муносибатҳои байнибуҷетиро доро мебошанд.

Бузургиҳои тақсимнамоӣ аз рӯи мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ бояд ба ду категория тақсим карда шаванд: (а) иқтидори фискалӣ ва (б) талабот аз рӯи хароҷотҳо. Ҳарду категорияҳоро бояд стандартӣ кунонида, ба ҳар сари аҳолӣ тақсим кард, ки бузургиҳои объективӣ ҳамчун кафолати онҳо баромад менамоянд.

Ҳамин тавр, бо назардошти воқеиятҳои муосир мақсади афзалиятноки низоми буҷетии ҷумҳуриявӣ бояд баробарсозии қобилияти минтақа ба худтаъминкунӣ ва рушди устувор дар заминаи истифодаи фаъоли иқтидори худӣ гардад. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки на танҳо мақомоти марказӣ барои ҳалли мушкилоти минтақа камари ҳиммат бубандад, инчунин мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ низ бояд дар ин масъала масъулият зоҳир намуда, кӯшиш намоянд, то иқтидори молиявии худро баланд бардоранд. Дар ин самт бояд масъалаҳои худмаблағрасонӣ ва худтаъминкунии минтақаҳо яке аз стратегияҳои афзалиятноки минтақаҳо гардида, муносибатҳои байнибуҷетӣ яке аз механизмҳои ба он ноилгардӣ маҳсуб меёбанд.

**Адабиёт**

1. Громова Н.М., Формирование межбюджетных отношений на региональном уровне / Н.М. Громова, Т.К. Михалкина //Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. - 2009. - №5. С. - 46-50
2. Кадыров Д.Б., Региональная экономика и управление. Учебник / Д.Б. Кадыров, Т.Г. Шодиева. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 260 с.
3. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. / М.Т. Каримова – Душанбе: Ирфон, 2014. – 204 с.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ». Душанбе, *28 июни соли 2011, №723.*
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» дар солҳои 2018-2019 аз 16 ноябри соли 2017, №1469 - Душанбе, 2019.
6. Лишин М.В. Становление системы межбюджетных отношений: история и современное состояние /М.В. Лишин// Теория и практика общественного развития. 2010. - №01. С. 323-326.
7. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018 // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - С. 324.
8. Поварова А.И., Теоретико-методологические аспекты бюджетной обеспеченности региона /А.И. Поварова, М.А. Печенская. //Проблемы развития территории. 2010. - № 5. С. 41–48.
9. Савиных Т.С., Совершенствование межбюджетных отношений в процессе формирования оптимальной модели развития бюджетного федерализма в РФ / Т.С. Савиных, В.В. Казаков// Вестн. Том. гос. ун-та. 2011. №344. - С.145-148
10. Худоиев М.Н. Бюджетный сектор / М.Н. Худоиев, С.М. Наджмиддинов. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 410 с.

**УДК: 332.3: 633**

# ЗАМИНАҲОИ ТАБИӢ ВА ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТАШКИЛИ КОМПЛЕКСҲОИ АГРОСАНОАТИИ МАҲАЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ ВОДИИ РАШТ)

***Маҷидов Насимҷон Асрорович**, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **Тел:**93-777-01-77*

*Дар мақолаи мазкур дар шакли ретроспективӣ ташаккули комплексҳои агросаноатии маҳаллӣ (дар мисоли минтақаи Рашт) мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, маҷмуи шароити табиию географии минтақавии таҳқиқшаванда бо хусусиятҳои экологӣ ва нишондиҳандаҳои сифатии он давра бо давра арзёбӣ гардидааст.*

*Муаллиф самти иҷтимоӣ, яъне ҳиссаи шуғлдоронро дар саноат, ки мутобиқи дурнамо дар минтақаҳои кӯҳӣ коҳиш меёбад, қайд менамояд ва баръакси ин, аҳолии қобили кори деҳоти дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғули кор меафзояд. Бо ақидаи муаллиф алҳол ин падида комилан табиист, зеро соҳаи кишоварзӣ гирифтори буҳрони амиқ аз нигоҳи молиявӣ аст. Бевосита дар шароите, ки корхонаҳои агросаноатӣ қобилияти саривақт додани музди корро, ки хеле кам аст, надоранд, бисёриҳо андозаи хоҷагиҳои шахсии худро афзоиш медиҳанд.*

*Мавриди зикр аст, ки таҳлили мухтасари захираҳои меҳнатии водии Рашт нишон дод, ки минтақа бо шумораи кофии захираҳои меҳнатӣ мутобиқи таҳқиқоти муаллиф ва омори расмии минтақа таъмин аст. Аммо проблемаи дигар вазъи демографӣ ба ҳисоб меравад, ки хеле мураккаб буда, раванди муҳоҷирати лаппишноки аҳолӣ ба чашм мерасад. Мувофиқи ин сиёсати иҷтимоиеро фаъол бояд кард, ки он ба дастгирии иҷтимоии аҳолии қобили кор равона карда шавад.*

*Аз тарафи муаллиф заминаҳои иқтисодии ташаккули низоми КАС, ки дар минтақаи Рашт чандон мусоид нестанд, хулосабарорӣ гаштааст, ки яке аз шартҳо барои рушди иқтисодии ҳудуди зерсохтори истеҳсолӣ мебошад. Ба ақидаи муаллиф заминаҳои табиӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ омили муҳими ташкилёбии комплексҳои агросаноатии маҳаллӣ ва маҳаки тақсимоти КАС берун аз ҳудуди ноҳия мебошанд.*

***Калидвожаҳо**: географияи ноҳия, хусусиятҳои экологӣ, зерсохтори истеҳсолӣ, пойгоҳи хизматрасонӣ, корхонаҳои истеҳсолгарони кишоварзӣ, минтақаҳои кӯҳӣ, молҳои хӯрокворӣ, рушди минтақа, буҳрони иқтисодӣ, захираҳои меҳнатӣ, вазъи демографӣ.*

# ПРИРОДНЫЕ И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ОРГАНИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНЫХ АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ КОМПЛЕКСОВ (НА ПРИМЕРЕ РАШТСКОЙ ДОЛИНЫ)

***Маджидов Насимджон Асрорович** - соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел: 93-777-01-77.*

*В данной статье рассматривается в ретроспективе формирование местных агропромышленных комплексов (на примере Раштской долины), в которой периодически оценивается комплекс природно-географических условий изучаемого региона с его экологическими особенностями и качественными показателями.*

*Автор указывает на социальный аспект, т.е. долю занятых в промышленности, которая в горных районах снижается, и, наоборот, с каждым годом растет трудоспособное сельское население, работающее в личных подсобных хозяйствах. По мнению автора, это явление сейчас вполне естественно, поскольку аграрный сектор находится в глубоком финансовом кризисе. Непосредственно в связи с тем, что агропромышленные предприятия не в состоянии своевременно выплачивать заработную плату, которая очень низкая, многие увеличивают размер собственных ферм.*

*Следует отметить, что краткий анализ трудовых ресурсов Раштской долины показал, что район располагает достаточным количеством трудовых ресурсов, согласно собственным исследованиям автора и официальной статистике региона. Однако другой проблемой является демографическая ситуация, которая очень сложная, и наблюдается процесс массовой миграции населения. Соответственно, необходимо активизировать социальную политику, направленную на оказание социальной поддержки трудоспособному населению.*

*Автор приходит к выводу, что экономическая база для формирования системы АПК в Раштском районе не очень благоприятна, что является одним из условий экономического развития производственной инфраструктуры. По мнению автора, природные и социально-*

*экономические основы являются важным фактором формирования местных агропромышленных комплексов.*

***Ключевые слова:*** *география района, факторы, экологические особенности, производственная инфраструктура, сервисная база, предприятия сельхозпроизводителей, горные регионы, продукты питания, развитие региона, экономический кризис, трудовые ресурсы, демографическая ситуация.*

## NATURAL AND SOCIO-ECONOMIC LANDS OF LOCAL AIC ORGANIZATIONS (BY THE EXAMPLE OF THE RASHT VALLEY)

***Mazhidov Nasimjon Asrorovich****, Applicant of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship, Tajik State Financial and Economic University Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St., 64/14. Phone: 93-777-01-77*

*This article examines in retrospect the formation of local agro-industrial complexes (on the example of the Rasht Valley), which periodically assesses the complex of natural and geographical conditions of the region under study with its environmental features and quality indicators*

*On the other hand, the author points to the social aspect, i. the share of people employed in industry, which is predicted to decrease in mountainous areas, and, conversely, the able-bodied rural population working in personal subsidiary plots is growing every year. According to the author, this phenomenon is now quite natural, since the agricultural sector is in a deep financial crisis. Directly due to the fact that agro-industrial enterprises are unable to pay wages on time, which are very low, many are increasing the size of their own farms.*

*It should be noted that one of the most pressing issues of our time is the increase in the number of unemployed, which, fortunately, is a problem, i.e. The number of unemployed in rural areas is much lower than in urban areas.*

*It should be noted that a brief analysis of the labor resources of the Rasht Valley showed that the district has a sufficient amount of labor resources, according to the author's own research and the official statistics of the region. However, another problem is the demographic situation, which is very difficult, and there is a process of mass migration of the population. Accordingly, it is necessary to intensify social policy aimed at providing social support to the able-bodied population.*

*At present, the author unequivocally comes to the conclusion that the economic base for the formation of the agro-industrial complex system in the Rasht region is not very favorable, and one of the conditions for the economic development of the territory is the production infrastructure. According to the author, the natural and socio-economic foundations are an important factor in the formation of local agro-industrial complexes and the criteria for the spread of the agro-industrial complex outside the region.*

***Key words:*** *geography of the region, factors, environmental features, production infrastructure, service base, agricultural enterprises, mountainous regions, food products, regional development, economic crisis, labor resources, demographic situation.*

Дар шароити буҳрони молиявию иқтисодӣ ва баландравии нархи маводи озуқа таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаи ҳалталаби ҳар як кишвар ба шумор меравад ва барои ҳалли ин масъала ташкили комплексҳои агросаноатӣ дар маҳалҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Дар ҷумҳурии мо низ ин раванд зери назорати махсуси ҳукумати кишвар қарор дорад.

Яке аз минтақаҳое, ки ба пойтахти кишвар наздик буда, пурра ба кишоварзӣ машғул аст, ин водии Рашт мебошад. Мавқеи нақлиётию географии минтақа аз нигоҳи иқтисодӣ барои истеҳсол ва дастрас намудани маҳсулоти кишоварзӣ ба пойтахти мамлакат мусоид мебошад. Ҳамлу нақли молу маҳсулот ва мусофирон дар минтақа асосан тавассути нақлиёти автомобилӣ, робитаи минтақа бо маркази ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои ҳамсарҳад тавассути роҳи автомобилгарди Душанбе-Ваҳдат-Нуробод-Рашт-Тоҷикобод амалӣ мешавад. Робитаи хориҷии минтақаро бо Ҷумҳурии Қирғизистон роҳи автомобилгарди Тоҷикобод - Лахш таъмин мекунад.

Асоси тақсимоти ноҳияҳоро тафовути ҳудуд аз лиҳози хосияти таъсири омилҳои манфии экологии табиӣ ва инсонӣ ташкил медиҳад. Ин ҳолат барои ҳалли бисёре аз масъалаҳои марбути беҳсозии иқтидори минтақа зарур мебошад [5, с.25].

Минтақае, ки мо таҳқиқ мекунем, дар ҳудуди панҷ ноҳияи иқлимӣ-географӣ ҷойгир шудааст. Қисматҳои ҷанубӣ ва ҷанбу шарқӣ ба ноҳияҳои Рашт ва Нуробод тааллуқ дорад, ки 97 %-и масоҳаташонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати маҷмуи шароити табиию географӣ минтақаи таҳқиқшаванда дар соҳили рости рӯди Сурхоб, дар байни қаторкӯҳҳои Қаротегин ва Пётри 1 дар 185-километрии шарқи Душанбе ҷойгир шудааст. Хусусиятҳои релиеф ва шароити иқлими ҷануб ва ҷанубу шарқии минтақа фарқиятҳои ҳудудиро муайян кардаанд. Тибқи ахбори маълумотномаи омори солона водии Рашт ба ноҳияҳои экологӣ-географӣ тақсим карда шудааст (ҷадвали 1).

Самаранокии фаъолият ва рушди босуботи КАС-и минтақа аз заминаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар ҳудудҳои алоҳидаи кишвар мавҷудбуда вобаста мебошад. Яке аз унсурҳои асосӣ ва муҳими иқтидори табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии КАС-и минтақа ва ядрои асосии он соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои заминӣ ташкил медиҳад.

Замин воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Натиҷаи фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ ба истифодаи самараноки он бастагӣ дорад. Ислоҳоти аграрие, ки гузаронда мешаванд, аз ҷумла ҷорӣ намудани моликияти хусусӣ ба ҳуқуқи истифодаи замин ҳанӯз натиҷаи мусбат надодаанд. Афзоиши самараи истифодабарии иқтидори табиии минтақа бо исботи истифодаи оқилонаи захираи замин дар соҳаи кишоварзӣ иртиботи зич дорад. Захираҳои замин ин заминҳое мебошанд, ки мунтазам барои ҳадафҳои мушаххаси хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд ё қобили истифода ҳастанд. Захираҳои замини ҳудуд ба заминистифодабарон - корхонаҳои агросаноатии мансуби шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили (Пайванд, Утор-Шулдур, М. Шогадоев, М. Мухамедов) тааллуқ доранд.

Релиефи печидаи кӯҳӣ, гуногунии ҷинсҳои хоксоз, шароити мухталифи таъмини намнокӣ ва як қатор омилҳои дигар боиси ташаккули қабати гуногунҷинси хок дар ин ҳудуд таҳқиқшаванда гаштаанд.

Дар ин минтақа хокҳои хокистарранг ва бӯри баланд бештаранд, ки дар ҳама ҷо паҳн шудаанд. Заминҳои канори дарёҳо хеле ҳосилхезанд, зеро аз гумус бой мебошанд, вале баъзан нами зиёдатӣ доранд, ботлоқӣ ё шӯразада шудаанд.

Бо мақсади беҳгардонии самаранокии истифодаи заминҳо дар ҷануби ғарбии минтақаи таҳқиқшаванда системаи заминкории ландшафтӣ ҷорӣ карда мешавад. Моҳияти ин система аз таҳқиқи таасури зироатҳои кишоварзӣ ба ҳосилхезии хок иборат буда, пажӯҳиши нақши хокҳифзкунӣ ва хокбеҳсозандаи зироатҳо имкони ҷойгирсозии мутафарриқи зироатҳои кишоварзиро дар киштзорҳое, ки пастхамӣ ва намнокияшон гуногун аст, муҳайё мекунад.

Ҳаминро қайд намудан зарур аст,ки то ҳол дар рушди водии Рашт бартарият ба инкишофи соҳаи чорводорӣ дода мешавад. Ҳоло он ки иқтидори иқлимӣ-табиии минтақа барои истеҳсоли самараноки хӯроки чорво кофӣ нест. Набудани коркардҳои илман асоснок оид ба самтҳои оқилонаи истифодаи захираҳои заминӣ ва махсусан ба гирдгардиши кишоварзӣ даровардани минтақаҳои баландкӯҳ имкониятҳои рушди минтақаро бо назардошти миқдори ками захираҳои корами обии мавҷуда ва афзоиши ночизи он дар дурнамо маҳдуд месозад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самтҳои афзалиятноки истифодаи захирии минтақа рушди соҳаи картошкапарварӣ ва боғпарварӣ мебошад, ки дар заминаи ташаккул ва инкишофи коркарди саноати онҳо имконияти бунёди ҷойҳои корӣ ва шуғли пурмаҳсулро ба вуҷуд меорад.

Дар баробари шароити табиӣ, омили дигари муҳиме, ки ба рушди истеҳсолоти агросаноатӣ таъсир мерасонад, заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошанд. Яке аз шартҳои муайянкунандаи рушди комплекси агросаноатӣ таъмини минтақа бо захираҳои меҳнатӣ мебошад. 56 дарсади аҳолии фаъоли минтақа дар соҳаи кишоварзӣ шуғл доранд (40 дар садаш занон мебошад) [9, с.43].

**Ҷадвали 1 – Хусусиятҳои экологӣ – географии минтақаи Рашт***

| Н ишонди | Ноҳияҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Рашт | Нуробод | Сангвор | Тоҷикобод | Лахш |
| Мавқеи ҷуғрофи | Масоҳати умумии ноҳияи Рашт 4,6 ҳазор км$^{2}$-ро ташкил намуда, 97 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо фаро гирифтаанд. Ноҳияи Рашт аз ҷануб ба ноҳияи Сангвор (собиқ Тавилдара), аз ҷанубу шарқ бо ноҳияҳои Тоҷикобод ва Лахш (собиқ Ҷиргатол), аз шимолу ғарб бо ноҳияи Айнӣ ва шимол бо ноҳияи Куҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва аз ғарб бо ноҳияи Нуробод ҳамсарҳад аст. | Масоҳати умумии ноҳияи Нуробод 0,9 ҳазор км$^{2}$ (зиёда аз 96 фоизашро кӯҳҳо фаро гирифтаанд) мебошад. Ноҳияи Нуробод аз ҷануб ба вилояти Хатлон, аз шимол ба ноҳияи Рашт, аз шарқ ба ноҳияи Сангвор, аз ғарб ба ноҳияҳои Роғун ва шаҳри Ваҳдат ҳамсарҳад аст. | Масоҳати ноҳияи Сангвор 5984 километри мураббаъ мебошад. Ноҳияи Сангвор ҳамсарҳад бо ноҳияи Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Ванҷ, Дарвоз, Ховалинг ва Балҷувон аз ғарб то қисмати шарқии (мазори Ҳазрати Бурхи Валӣ) ба масофаи 205 км тӯл кашидааст. Ноҳияро дар қисматҳои марказӣ ағбаҳои Полезаку Харсанг ва дар ҷанубу шарқӣ ағбаи Хобуробот аз ноҳияҳои Ховалингу Дарвоз ҷудо намудаанд. | Масоҳати ноҳияи Тоҷикобод 734,4 км$^{2}$ мебошад. Ноҳияи Тоҷикобод аз ҷануб ба ноҳияи Сангвор (Тавилдара), аз шарқ ба ноҳияи Лахш (Ҷиргатол) ва аз ғарбу шимол ба ноҳияи Рашт ҳамсарҳад мебошад. | Масоҳати ноҳияи Лахш дар майдони 4580 км$^{2}$ доман паҳн кардааст. Ноҳияи Лахш аз шимолу шарқ бо ноҳияи Ҷонолойи Ҷумҳурии Қирғизистон, аз ҷанубу шарқ бо ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, аз ҷануб бо ноҳияи Сангвор, аз ғарб бо ноҳияи Рашт ва ҷанубу ғарб бо ноҳияи Тоҷикобод ҳамсарҳад аст. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Хусусиятҳои хос | Ноҳияи Рашт аз сатҳи баҳр дар баландии 1300 метр ҷойгир буда, иқлими муътадил дорад. Давомнокии давраи гармо 128-216 шабонарӯзро ташкил дода, ҳарорати миёнаи моҳи июл +18 то +24 градус С ва моҳи январ аз -5 то -10 градус С хунукӣ мебошад. Миқдори боришот дар як сол ба ҳисоби миёна 600-900 мм мебошад. | Ноҳияи Нуробод аз сатҳи баҳр дар баландии 1280 метр ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ, иқлими он вобаста ба баландиаш тағйир меёбад: то баландии 1700 метр тобистон гарм, зимистон на чандон хунук (ҳарорати миёна дар моҳи июл 14,2÷ 28,4⁰С ва дар моҳи январ аз 0 то – 12,2⁰С) ва давомнокии давраи бехунукӣ 180-200 рӯзро ташкил медиҳад. Миқдори боришот дар ноҳия ба ҳисоби миёна 700-900 мм-ро ташкил медиҳад. | Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1600 то 3000 метр ҷойгир буда, иқлимаш муътадил, тобистонаш салқин ва зимистонаш хунук аст. Давомнокии давраи гармо 125-215 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво дар фасли тобистон +18÷ +25⁰С, ва зимистон аз +5⁰С то -18⁰С ташкил медиҳад. Дар баландиҳои бештар аз 3000 метр ҳарорати ҳаво то -30⁰С ÷35⁰С хунук мешавад. Миқдори боришоти солона ба ҳисоби миёна 600-900 мм-ро ташкил медиҳад. | Маркази ноҳияи Тоҷикобод аз сатҳи баҳр 1560-1600 км баланд аст. Иқлимаш муътадил, тобистонаш салқин ва зимистонаш хунук аст. Боридани борон дар як сол тахминан 500-600 мм мебошад. | Маркази ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1795 метр ҷойгир мебошад. Ба ноҳияи Лахш иқлими баланди континенталӣ мансуб буда, тобистонаш гарму зимистонаш нисбатан хунук аст.<br>Ҳарорати миёнаи ҳаво тобистон то 36,8 дараҷа ва дар фасли зимистон -27,5 дараҷаро ташкил мекунад.<br>Сатҳи афзалиятноки вазиши бод аз ғарб ва шарқ буда, бо ҳисоби миёна дар як сония 10-15 метр мевазад. |
| Захираҳои обӣ | Дарёи Сурхоб ноҳияро аз шарқ ба ғарб бурида, ба он дарёҳои Руноб, Шӯрак, Оби Кабуд, Сорбоғ ва Санги Кар ҳамроҳ мешаванд. | Аз қисми шарқу шимол дарёи Сурхоб ва қисми шарқу ҷануби ноҳия дарёи Хингоб ҷорӣ гардида, дар омезиш бо ҳам ба дарёи Вахш оғоз мебахшанд. | Аз ҳудуди ноҳия дарёи Хингоб мегузарад, ки масоҳати умумии он 250 км тӯл кашида, дар мавсими тобистон дар як сония 750-800 м³ об ҷорӣ шуда, ба дарёи Вахш пайваст мешавад. | Сурхоб ноҳияро дар масофаи 47 км убур намуда, аз пиряхҳо дарёчаҳои Нӯшор, Фатҳобод ва Сабзазор об мегирад. Дар ҳудуди ноҳия 110 чашма ба қайд гирифта шудааст. | Дарёи машҳури Сурхоб, ки бо миқдори як руди калоне аз марзҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ба хоки Тоҷикистон дохил мегардад, аз байни ноҳияи Лахш гузашта, онро дар ҳудуди ноҳия руду дарёҳои Муксуу, Питовкул, Тандикул, Пиёзи ва дигарон, ки аз чашмаҳои сершумор ва пиряхҳои бузург ғизо мегиранд, серобу пуртуғён мегардонанд. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷангалзор (дарахтҳо) | Дар ноҳия қариб ҳамаи намуди дарахтҳо (себ, нок, олу, чормағз, олуча, зардолу, шафтолу, тут, гелос, ангур, заранг, бодом, фарк), растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд. | Дар ноҳия дарахтони бед, олуча, себу муруди худрӯй, буттаҳои ангат, зирк, настаран ва ғайраҳо вомехӯранд. Аз дарахтони зинатбахшу мевадор: чормағз, олуча, зелол, зардолу, шафтолу, тут, себ, бодом, нок, гелос, заранг, фарк ва намудҳои дигари дарахтони мевадиҳандаву сояафкан мерӯянд. | Хоҷагиҳои боғпарварии ноҳия бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони себу нок, тут, олу ва аз дарахтони бемева сафедор, арар ва бед машғул мебошанд. | Дар сою дараҳо ва соҳилҳои дарё дарахтони бед, олуча, себу муруди худрӯй, буттаҳои ангат, зирк, настаран ва ғайраҳо вомехӯранд. Аз дарахтони зинатбахшу мевадор: чормағз, олуча, зелол, зардолу, шафтолу, тут, себ, бодом, нок, гелос, заранг, фарк ва намудҳои дигари дарахтони мевадиҳандаву сояафкан мерӯянд. | Дар ноҳия нигоҳубини растаниҳои мевадиҳанда (себ, нок нашпотӣ, зардолу, олу, олуча, гелос ва дигар меваҳо) ба роҳ монда шудааст. |
| Хок, сифати хок | Хоки ноҳия асосан ҷигарранг буда, барои рушди парвариши соҳаи растанипарварӣ муфид аст. Ноҳияи Рашт аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 89,2 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. | Хоки водию доманакуҳҳо хокистарранги муқаррарӣ, хокистарранги тира, хоки куҳҳо ҷигариранг. | Дар ҳудуди ноҳия асосан хоки хокистарранги муқаррарӣ, хоки сафеди ҷигарӣ ва сиёҳ, хокҳои хокистарранги тира вомехӯранд. Соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 60%-и аҳолии қобили меҳнатро ба кор таъмин мекунад. | Ҳудуди ноҳияро хоки ҷигарранги муқаррарии кӯҳӣ, ишқори кӯҳӣ, хоки сафеди ҷигарӣ ва сиёҳ ишғол менамояд, ки барои парвариши соҳаи растанипарварӣ муфид аст. Майдони умумии заминҳо дар ноҳия 73437 гектар, аз он заминҳои обёришаванда 3499 гектарро ташкил медиҳад. | Дар ҳудуди ноҳия асосан хоки хокистарранги муқаррарии минтақаи дашт, хокҳои хокистарранги тира ва хоки марғзори даштӣ паҳн шудаанд. Дар бахши кишоварзӣ зиёда аз 75%-и аҳолии қобили меҳнат шуғл дорад. |

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ. Маҷмӯаи омори «Минтақаҳои ҶТ.- 2020.- С.25

Бо вуҷуди афзудани шумораи аҳолӣ вазъи демографӣ дар ноҳияҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ мураккаб боқӣ мемонад. Раванди муҳоҷирати корӣ идома дорад. Ихтисори зиёди аҳолии ҷинси марди қобили меҳнат ба равандҳои бебозгашт дар сохтори ҷинсиву синнусолии аҳолӣ оварда расонид. Бар асари дигаргуниҳои демографӣ тағйироти ҷиддӣ дар таъмини корхонаҳои агросаноатии ҷануб ва ҷанубу шарқ бо захираҳои меҳнатӣ рух доданд.

Дар ҳамин ҳол ҳиссаи шуғлдорон дар саноат коҳиш меёбад. Баръакси ин, аҳолии қобили кори деҳотие, ки дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғули кор аст, ҳар сол меафзояд. Алҳол ин падида комилан табиист, зеро соҳаи кишоварзӣ гирифтори буҳрони амиқ аст. Дар шароите, ки корхонаҳои агросаноатӣ қобилияти саривақт додани музди корро, ки хеле кам аст, надоранд, бисёриҳо андозаи хоҷагиҳои шахсии худро афзоиш медиҳанд.

Қайд кардан зарур аст, ки шумораи бекорон дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо хеле камтар аст. Таҳлили мухтасари захираҳои меҳнатии водии Рашт нишон дод, ки минтақа бо шумораи кофии захираҳои меҳнатӣ таъмин аст. Вале вазъи демографӣ хеле мураккаб буда, раванди муҳоҷирати лаппишноки аҳолӣ ба чашм мерасад. Мувофиқи ин сиёсати иҷтимоиеро фаъол бояд кард, ки он ба дастгирии иҷтимоии аҳолии қобили кор равона карда шавад.

Заминаҳои иқтисодии ташаккули низоми КАС дар минтақаи Рашт чандон мусоид нест. Яке аз шартҳо барои рушди иқтисодии ҳудуд зерсохтори истеҳсолӣ мебошад. Роҳҳои мошингард бошад, унсури муҳими таркиби зерсохтори истеҳсолӣ мебошанд. Дарозии роҳҳои мошингарди истифодаи умум дар водии Рашт 953,7 км аст. Аммо алҳол дар ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда қишлоқҳое ҳастанд, ки роҳҳои мумфарш надоранд, тӯли онҳо ҳамагӣ 327.6 км мебошад. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки афзоиш додани нишондиҳандаи зичии роҳҳо аз 1 то 3-4 км барои 1000 нафар имкон медиҳад, ки масрафи сармоя ба соҳаи кишоварзӣ 5-15% камтар шавад[2, с.207].

Қабл аз буҳрони иқтисодии солҳои 90-ум қариб корхонае набуд, ки аз ёрии нақлиёти иловагии автомобилӣ истифода набарад. Дар ҳудуди ноҳия ин ягона роҳи ҳамлу нақли нуриҳои минералӣ, маводи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин, баровардани ҳосили замин ва интиқоли баъдии он ба нуқоти қабул мебошад.

Дар ҳоли ҳозир нақлиёти минтақа хеле кухна ва фарсуда шудааст, синни миёнаи автомобилҳо тақрибан 10-15 солро ташкил медиҳад. Парки автомобили корхонаҳо ҳар сол коҳиш меёбад. Аз мошинҳое, ки дар автопаркҳои ноҳияҳои маъмурӣ ҳастанд, 50 дарсадашон таъмири асосиро талаб мекунанд. Аз он сабаб, ки хоҷагиҳо воситаи молиявӣ надоранд, ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ ба маротиб кам шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи заминаҳои иқтисодии ташаккули КАС дар ҳудуди таҳқиқшаванда ҳаминро гуфтан зарур аст, ки солҳои охир сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ҳамеша коҳиш ёфта истодааст, дар натиҷаи он таъминоти хоҷагиҳо бо фондҳои асосӣ кам мешавад.

Агар кори солонаи миёнаи тракторҳоро дар 10 соли охир асос гирем, ва бар тибқи он миқдори таъмирҳои меъёриро ҳисоб кунем, маълум мегардад, ки бо ҳамин парки мавҷудбудаи тракторҳо барои 1000 га киштзор тавоноии таъмиргоҳ бояд 7,7 таъмири шартиро ташкил диҳад, агар таъмири мошинҳои кишоварзии истифодаи умумро ҳам ба ҳисоб гирем, пас таъмиргоҳи тавоноияш 13,5 таъмири шартӣ лозим аст.

Ба ин васила, корхонаҳои зерсохтори истеҳсолӣ КАС-ро ба қадри пурра хидматгузорӣ намекунанд, сабаби ин кухна будани пойгоҳи моддиву техникии корхонаҳои хизматрасон ва ҳам шароити иқтисодии фароҳамшуда мебошад, ки имкон намедиҳанд, то корхонаҳои агросаноатӣ аз имконоти доштаи корхонаҳои таъмири техника истифода баранд, зеро хоҷагиҳо воситаи моддӣ надоранд.

Таҳқиқи заминаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккули КАС-и маҳаллии водии Рашт нишон медиҳад, ки шароити табиӣ омили муайянкунандаи таъсиргузор ба тафриқабандии истеҳсолоти кишоварзӣ буда, барои рушди КАС мусоидати бештар мекунад. Шароити иқтисодӣ ба фаъолияти КАС бештар таъсири манфӣ мерасонад ва садди роҳи инкишоф мешавад. Ноҳия аз захираҳои меҳнатии кофӣ бархӯрдор аст, лекин аҳволи демографӣ мушкил шудаа, раванди муҳоҷирати аҳолӣ ба назар мерасад. Таъмини корхонаҳо бо зерсохтори истеҳсолӣ хеле суст аст. Таъмини хоҷагиҳо бо навъҳои асосии техника ба ҳисоби миёна каме бештар аз 73%-ро ташкил медиҳад.

Барои ҳалли муваффақи ин мушкил таъминоти самараноки нақлиётӣ лозим мебошад. На танҳо афзоиш додани шумораи воситаҳои нақлиёт, балки боло бурдани хосиятҳои корбарии он, ташкили босамар ва технологияи ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, такмил додани сохтори парки мошину техникаи корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки ба корхонаҳои кишоварзӣ хидмат мерасонанду молҳои хӯроквориро интиқол медиҳанд, муҳим мебошад.

Дар шароити муосир рушди пойгоҳи хизматрасонии техника бевосита дар корхонаҳои истеҳсолгарони кишоварзӣ вазифаи марказиест, ки бе ҳалли он ҳосилнокии парки мошину трактор паст боқӣ хоҳад монд.

Таҳқиқи гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки заминаҳои табиӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ омили муҳими ташкилёбии комплексҳои агросаноатии маҳаллӣ ва маҳаки тақсимоти КАС берун аз ҳудуди ноҳия мебошанд.

**Адабиёт:**


1. Вохидов В.В. Модернизация сельского хозяйства с учетом территориального разнообразия Таджикистана (теория, методология и практика): дис. на соиск. уч. ст. д.э.н.: 08.00.05/ В.В. Вохидов. - Душанбе, 2009. – 372с.
2. Гафуров Х. Проблемы формирования и развития регионального агропромышленного комплекса: (социально-экономические аспекты) / Х. Гафуров. отв. ред. Х.У. Умаров. - Душанбе: Дониш, 1989. - 207с.
3. Иматчоев З.Х. Такмили муносибатҳои вобаста ба замин ва рушди иҷтимоии деҳот дар Тоҷикистон / З.Х. Иматчоев, Ф.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - № 7. - С.111-116.
4. Мадаминов А.А. Влияние экологической обстановки на устойчивое развитие сельского хозяйства / А.А. Мадаминов.- Душанбе, НПИЦентр. - 2001.- № 2.- С.4.
5. Маҷмӯаи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.25
6. Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020. Бахшида ба 30 - солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.124.
7. Попов Н.А. Масъалаҳои такмили танзими давлатии комплекси агросаноатии кишвар / Н.А. Попов, З.Х. Иматчоев // Кишоварз. – 2019. - №1 (81). - С.183-186.
8. Стратегияи татбиқи барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2020. - С.54.
9. Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ.- Душанбе, 2021. – 437с.
10. Шарифов З. Самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои замин дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ/ З. Шарифов, Ш. Давлаталӣ//Паёми молия ва иқтисод. – 2021. - №3 (27). - С.36-43


**УДК: 336.67**

## АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ ИҶРОИШИ БУҶЕТ

***Баротов Амирхон Холмирзоевич*** *- ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Телефон: 918-35-55-73. E-mail: A.Barotov@mail.ru*

*Яке аз муҳимтарин механизмҳое, ки ба давлат имконият медиҳад, танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро амалӣ намояд, ин сиёсати дурусти низоми андозбандӣ мебошад, ки асос ва натиҷаи онро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Он асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкилии ғанигардонии равандҳои молияи давлатиро ташаккул дода, ҳамчун механизми фузунгардонӣ хизмат мекунад. Тағйироти имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат аҳли ҷомеаро ба муносибатҳои андоз беш аз пеш ҳавасманд мегардонад. Муаллиф дар мақолаи худ якчанд масъалаҳои муҳимеро, ки иқтидори андозии давлатро муқаррар менамоянд ва ба қисми самаранокии даромадҳои буҷетӣ таъсир мерасонанд, таваҷҷуҳ намудааст. Дар мақола масъалаҳои асосии*

*гаронии андозҳо ва роҳҳои коҳиш додани гаронии онҳо, инчунин, механизмҳои самараноки ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои андозӣ баррасӣ гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *андозҳои мустақим, андозҳои ғайримустақим, сиёсати фискалӣ, бақияи қарзҳои андозӣ, гаронии андозҳо, пардохтҳои ҳатмӣ, муқоисаи пардохти андозҳо, даромади буҷети давлатӣ, даромади холис.*

## ОЦЕНКА НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА И ЕГО РОЛЬ В ИСПОЛНЕНИИ ГОСБЮДЖЕТА

***Баротов Амирхон Холмирзоевич*** *- ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918-35-55-73. E-mail: A.Barotov@mail.ru*

*Одним из важнейших механизмов, позволяющих государству осуществлять экономическое и социальное регулирование, является правильная политика системы налогообложения, в основе которой лежит государственный бюджет. Он формирует правовые, организационные принципы для обогащения процессов государственных финансов и служит механизмом для совершенствования. Нынешние экономические изменения в стране все чаще побуждают общественность к налоговым отношениям.*

*В своей статье автор рассматривает некоторые из наиболее важных вопросов, которые определяют налоговые возможности государства и влияют на эффективность доходов бюджета. В статье рассматриваются основные вопросы высокой налоговой нагрузки и пути снижения налоговой нагрузки, а также эффективные механизмы обогащения государственного бюджета из налоговых источников. В своей статье автор приложил как можно больше усилий, чтобы пролить свет на некоторые детали исследуемого вопроса в максимально возможной степени. Мы уверены, что, насколько это возможно, это исследование поможет решить проблемы в этой области.*

***Ключевые слова:*** *прямые налоги, косвенные налоги, фискальная политика, сальдо налоговой задолженности, налоговые вычеты, обязательные платежи, уплата налогов, доходы государственного бюджета, чистый доход.*

## EVALUATION OF TAX CAPACITY AND ITS SHARES IN PERFORMANCE OF THE BUDGET

***Barotov Amirhon Holmirzoevich*** *- assistant of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov, 64/14. Phone: 918-35-55-73. E-mail: A.Barotov@mail.ru*

*One of the most important mechanisms allowing the state to implement economic and social regulation is the correct tax system policy, which is based on the state budget. It forms the legal, organizational principles for enriching the processes of public finance and serves as a mechanism for improvement. The current economic changes in the country are increasingly prompting the public to tax relations.*

*In his article, the author considers some of the most important issues that determine the tax capacity of the state and affect the effectiveness of budget revenues. The article discusses the main issues of high tax burden and ways to reduce the tax burden, as well as effective mechanisms for enriching the state budget from tax sources. In his article, the author made as much effort as possible to shed light on some of the details of the field as much as possible. We are confident that, as far as possible, this research will help to solve problems in this area.*

***Keywords:*** *direct taxes, indirect taxes, fiscal policy, balance of tax debt, tax deductions, obligatory payments, payment of taxes, state budget revenues, net income*

Яке аз муҳимтарин механизмҳое, ки ба давлат имконият медиҳад танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар масоили молиявӣ ва дигар меъёрҳои ба он вобаста амалӣ намояд, ин сиёсати дурусти андозбандии давлат ба ҳисоб меравад. Андоз манбаи асосии ғанигардонии молияи давлатиро ташкил дода, он ҳамчун механизми афзунгардонӣ хизмат мекунад.

Ҳамчун мафҳум андоз як шакли пардохти маблағҳои дорои хусусияти ҳатмӣ фаҳмида мешавад, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ дар асоси талаботҳои қонунгузории амалкунанда дар муддати муайяншуда бо роҳи пардохт ворид менамоянд. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ ҷиҳати ташаккули механизмҳои нав ва самараноки марказонидашуда, танзим ва рушди буҷети давлатӣ, такмили низоми андози кишвар ва ба талаботҳои иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ кардани он, таваҷҷуҳи хосса дода шуда истодааст.

Таъмини инкишофи иқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷамъият аз мақомотҳои иқтисодии давлат истифодабарии услубҳои гуногуни танзими буҷавиро талаб менамояд. Иқтисодиёти бозоргонӣ ҳанӯз маънои онро надорад, ки давлат аз равандҳои идоранамоӣ ва танзимӣ даст мекашад. Баръакс, дар давраи ташаккулёбии асосҳои механизми муносибатҳои бозоргонӣ танзими давлатӣ дучанд мегардад. Давлат барои фаъолияти самаранокии механизмҳои иқтисоди бозорӣ, ки ба онҳо андоз низ дохил мешавад, бояд шароити мувофиқ пешниҳод намояд ва бо ин роҳ равандҳои иқтисодиро ба танзим дарорад.

Ҳангоми арзёбии иқтидори андозӣ ва муайян намудани гаронии андоз истифодаи дурусти сиёсати андоз мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин рӯ, татбиқи дурусти сиёсати андоз ба давлат имконият медиҳад, ки гаронии андозро кам намуда, иқтидори андозсупории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба осонӣ муайян намоянд.

Сиёсати андоз аз маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии давлат бо мақсади ташаккулёбии низоми андози давлат баҳри таъмини талаботҳои молиявии давлат, гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии ҷамъият ва ҳамчунин инкишофи иқтисодиёти давлат аз ҳисоби азнавтақсимнамоии маблағҳои молиявӣ иборат мебошад [10].

Дар ҳолати татбиқи сиёсати андоз давлат ба функсияҳои андоз такя намуда, онҳоро истифода мебарад. Сиёсати андоз ба мисли дигар сиёсати давлат мақсад ва мундариҷаи худро дорад. Вобаста ба ҳолати иқтисодӣ вазифа ва мақсадҳое, ки давлат дар ҳамин марҳила аввалиндараҷа мешуморад, ки роҳандозии усулҳои гуногуни татбиқи сиёсати андоз ба ҳисоб меравад. Ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ва молиявӣ ба ҳисоб рафта, сиёсати андоз дар бисёр ҳолат аз тарз ва услубҳои татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва молиявии давлат вобастааст.

Ҳамин тариқ, низоми андози мамлакат вобаста ба дигаргуншавии сохтори иқтисодиёти миллӣ, ҳадафҳои стратегии давлатӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ба назардошти талаботи замон дар тағйирёбӣ ва инкишоф мебошад.

Низоми андози амалкунандаи мамлакат барои рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат карда истодааст. Дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти соҳибкории хурду миёна беш аз 240 номгӯй имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ шудаанд.

Дар ин замина, соли 2016 маблағи умумии имтиёзҳои пешниҳодшуда 3,6 миллиард сомониро ташкил дода, соли 2017 он ба 4 миллиард сомонӣ расидааст, ки ин маблағҳо дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидор, яъне соҳибкорон боқӣ мемонанд ва ба пешрафти фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд [6].

Дар натиҷаи роҳандозии сиёсати дастгирии соҳибкорӣ саҳми бахши хусусӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон сол ба сол афзуда, дар соли 2016 67%-и қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дод ва даромадҳои андозии буҷети давлатӣ низ тамоюли зиёдшавӣ дорад, ки дар диаграммаи 1 ба таври назаррас инъикос гардидааст.

Аз рӯи маълумотҳои дар диаграммаи 1 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳиссаи даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ дар ҳамаи манбаъҳои умумии даромади буҷети давлатӣ назаррас мебошад. Вале ин ҳама дар соли 2020 назар ба соли 2019 10% коҳиш ёфтааст, ки ин барои рушди нишондиҳандаҳои молиявӣ дар сатҳи буҷети давлатӣ ва ба қадри кофӣ ғанӣ гардонидани он моро қаноатманд карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зарурати такмили механизмҳои имтиёзҳои андоз дар заминаи меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад.

**Диаграммаи 1. - Даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ дар давра)**




**Ҳисоби муаллиф:** Нишондиҳандаи даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020.

Қайд намудан зарур аст, ки афзоиши нисбатан баробари буҷетҳои маҳаллӣ, дар навбати худ, зарурати муносибатҳои байнибуҷетиро ба миён меоварад, зеро дар даромаднокии минтақаҳо фарқияти назаррас мушоҳида карда мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Даромадҳои андозӣ ба сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 (ҳаз. сомонӣ)**

| Минтақаҳо | Ҳаҷми даромад-ҳои андоз аз манбаъҳои дохилӣ ба даст овардашуда | Аҳолӣ (ҳаз.нафар) | Даромадҳои андозӣ ба сари аҳолӣ (ҳаз. сомонӣ) | Сатҳи минтақаҳо ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ, % |
|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 1526,5 | 816,2 | 1870,3 | 362,2 |
| Суғд | 1437,8 | 2560,8 | 561,4 | 108,7 |
| Хатлон | 842,0 | 3124,4 | 269,5 | 52,3 |
| ВМКБ | 71,6 | 220,2 | 325,2 | 62,9 |
| НТҶ | 636,6 | 2021,2 | 314,9 | 60,9 |
| Ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ | 4514,5 | 8742,8 | 516,4 | 100,0 |

**Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумот:** «Молия ва ҳисобдорӣ».- 2015 - №1. - С.26; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – С. 17-18.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки даромаднокии минтақаҳо (аз ҳисоби даромадҳои андоз ба ҳар сари аҳолӣ) тафовути қавӣ дорад ва ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ чунин аст: дар Душанбе - 362,2%, дар Суғд - 108,7%, Хатлон - 52,3%, ВМКБ - 62,9% ва НТҶ - 60,9%.

Муттаҳидсозии тартиби муайяни ҳаракати захираҳои молиявӣ дар сатҳи низоми буҷети давлатӣ ва ташкили муносибатҳои иқтисодии байни онҳо асоси механизми танзими муносибатҳои байнидавлатиро ташкил медиҳад.

Дар чунин шароит афзалият ба муносибатҳои байнибуҷетӣ дар баробарсозии буҷет дода мешавад. Давлат дар ҷараёни ташаккул додани муносибатҳои байнибуҷетӣ бо роҳи тағйир додани принсипҳо, усулҳо, роҳҳои ташаккули даромад ва хароҷоти буҷет амал намуда, каналҳои гузариш ва самти ҷараёни буҷетро танзим менамояд ва таносуби тақсими захираҳои мутамарказ ва механизмҳои татбиқи мақсадҳои онҳоро муқаррар месозад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъсиси корхонаву коргоҳҳои соҳибкории истеҳсолию саноатӣ дар бахши хусусӣ, воситаи асосии таъмини шуғли аҳолӣ, сарчашмаи муҳими андозбандӣ ва даромад ба буҷаи давлат мебошад. Дар баробари ин, тавассути таъсиси корхонаҳои калон ва миёна масъалаи бекорӣ ва таъмини шуғли аҳолиро дар доираи имкон ҳал кардан мумкин аст [3, с.39]. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо, қонунгузорӣ ва низоми андозбандии амалкунанда, таъсиси корхонаву коргоҳҳои миёна ва калонро ҳавасманд накарда, баръакс, мураккаб менамояд ва ҳатто садди роҳи васеъ намудани фаъолияти истеҳсолӣ мегардад.

Имрӯз як қатор соҳибкорони инфиродии тибқи патент амалкунанда бо фаъолияти тиҷорати беруна машғул шуда, мунтазам гардиши даромади солонаи худро ба қадри назаррас зиёд мегардонанд ва имконияти ба истеҳсоли маҳсулот машғул шуданро соҳиб мебошанд. Бо вуҷуди ин, чунин соҳибкорони инфиродӣ ҳавасманд нестанд, ки фаъолияти худро васеъ намоянд, зеро бо зиёд шудани гардиши солонаи даромад онҳо ба низоми умумии андозбандӣ мегузаранд. Новобаста ба лаҳзаи гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ, тибқи Кодекси андоз онҳо аз 1 январи соли тақвимӣ андозбандӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи роҳандозии сиёсати дастгирии соҳибкорӣ, саҳми бахши хусусӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон сол ба сол афзуда, соли гузашта 67 фоизро ташкил дод. То ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар замми ҳамаи чораҳои андешидашуда ва имтиёзҳои ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла, соҳибкории инфиродӣ дода шуда масъалаи гаронии андозҳо ҳамчун мушкилот боқӣ мемонад. Бар замми ин, рушди соҳибкории инфиродӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2 дида мешавад, ҳоло ҳам қаноатмандкунанда нест. Ин, махсусан, дар деҳоти минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад, ҳол он ки дар маҳалҳо имкониятҳои васеи рушди ҳунарҳои дуредгарӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар заминаи сохтани корхонаҳои хурд, истеҳсол ва коркарди махсулоти чорводорӣ, расонидани хизматрасониҳои гуногун ба корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, аҳолӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд.

**Ҷадвали 2. - Шумораи шахрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд (аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда) (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2009, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандон, ҳамагӣ (ҳазор нафар) | 137,7 | 211,3 | 243,8 | 257,1 | 270,1 | 284,7 | 295,7 | 304,0 | 229,7 ё 1,85 баробар |
| Аз он ҷумла машғулбуда, ба% - дар хизматрасонии маишӣ | 14,2 | 3,0 | 2,9 | 2,0 | 2,5 | 2,2 | 3,2 | 2,0 | -12,2 |
| - дар савдо ва хӯроки умумӣ | 54,6 | 68,0 | 35,2 | 32,7 | 39,8 | 31,5 | 32,0 | 25,2 | -29,4 |
| - дар дигар соҳаҳо | 31,2 | 29,0 | 61,9 | 64,6 | 57,7 | 65,7 | 64,4 | 72,4 | +41,2 |

**Манбаъ:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С 367.

Дар асоси таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз ҳисоби рушди соҳибкории инфиродӣ аҳолии деҳотро бо ашёи рӯзгор таъмин кардан мумкин аст.

Дар заминаи ин нишондиҳандаҳо, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12. 2017 рушди соҳаи ҳунармандӣ ва таъмини ин шакли кор, имтиёзҳои андозӣ ва кредитӣ таъкид шудааст. Ғайр аз ин, вобаста ба эълон гардидани солҳои 2018-2021 ҳамчун солҳои рушди

сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки ин ташаббус ҳамчун омили асосии дастгирии соҳа ва додани имтиёзҳои бештар дар ин самт махсуб ёфтааст, асоси воқеии рушди соҳаи мазкурро таъмин карда метавонад.

Вобаста ба ин, гаронии андоз яке аз мушкилот ва нишондиҳандаҳои асосии низоми андоз ба ҳисоб рафта, вазнинии андозҳоро нисбат ба андозсупорон ифода менамояд. Он нишон медиҳад, ки кадом қисми даромади андозсупорандагон ба буҷети давлат дар шакли андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ворид мегардад ва кадом қисми даромад дар ихтиёри андозсупорандагон ҳамчун даромади холис боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, гаронии андоз - ин тарозуи тақсимоти даромади андозсупорандагон дар байни онҳо ва давлат мебошад. Гаронии андоз, бешубҳа, ба манфиатҳои иқтисодии андозсупорандагон ва давлат таъсир мерасонад.

Бояд гуфт, ки дар раванди таҳия ва дар амал татбиқ кардани сиёсати андоз ба назар гирифтани сатҳи гаронии он ва тамоюли тағйири он ҳатмист, зеро ин асоси ба ҳам пайвастани манфиатҳои иқтисодии давлат ва андозсупорандагон дар соҳаи андозбандӣ мебошад. Аз рӯи сатҳи гаронии низоми андоз метавон ба низоми миллии андози ин ё он мамлакат баҳо дод.

Дар адабиёти иқтисодии муосир гаронии андозро дар сатҳҳои макро ва микроиқтисод меомӯзанд ва ҳисоб мекунанд.

Ба ақидаи мо, барои ҳисоб намудани гаронии андоз дар сатҳи ташкилоту корхонаҳо маблағи умумии андозҳои аз тарафи онҳо пардохташударо ба арзиши иловашуда, ки онҳо ба даст овардаанд, тақсим намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои ҳисоб намудани гаронии андоз дар сатҳи ташкилоту корхона, ки қонунгузории андоз муқаррар намудааст, бояд меъёрҳо ва манбаи ҳамаи андозҳое, ки онҳо месупоранд, ба назар гирифта шаванд.

Дар сатҳи макроиқтисод барои ҳисоб кардани сатҳи гаронии андоз аз нишондиҳандаҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

- маблағҳои воридоти андоз ба буҷети давлат ба ҳисоби ҳар сари аҳолии мамлакат нисбат ба даромадҳои пули аҳолии мамлакат бидуни андозҳои пардохтшуда ба сари аҳолии мамлакат;
- воридоти андоз ба буҷети давлат нисбат ба ММД.

Баланд бардоштани иқтидори андозии давлат - ин яке аз масъалаҳои асосӣ дар назди Ҳукумати кишвар мебошад. Дар асоси талошҳои пайваста ва қабули як қатор қарорҳои дахлдор ва тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то як андоза ба иқтидори андозии кишвар таъсир расонида шуд. Умуман, баъди қабул ва амали Кодексҳои аввал, дуюм ва сеюми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар гардидани фаъолияти мақомоти андоз ва пойдоршавии интизоми андозӣ вазъият ба таври куллӣ таъғйир ёфт ва дар натиҷа сатҳи ҷамъоварии андозҳо боло рафта, бақияи қарзҳои андозӣ то ҳадди имкон кам карда шуд ва воридоти андоз ба буҷети давлат афзуд. Новобаста ба иқдомҳои гирифташуда, имрӯз андозсупорандагонро аз рӯйи иқтидори пардохти андозҳо ба гурӯҳҳо ҷудо намудаанд. Имрӯз, новобаста ба касри буҷети давлатӣ ва иҷроиши он дар ҳадди имконпазир, ҳамасола раванди пардохти андозҳо дар ҳадди 100% ва зиёда аз он иҷро мегардад ва ин ҷараён шаҳодат аз афзоиши иқтидори андозии сарчашмаҳои мавҷудаи кишвар медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки мутобиқи сарчашмаи маълумоти Кумитаи андоз то санаи 1 январи соли 2019 дар маҷмуъ 4738 субъекти хоҷагидор ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил шудаанд, ки нисбат ба соли 2018-ум 155 адад зиёд аст. Аз ин шумора 3078 барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз, 290 адад барои пардохт накардани маблағи бақияи қарзи андоз, 752 адад барои бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда ва 618 адад барои пардохт накардани маблағи андозҳои дар натиҷаи санади санҷиши барилова ҳисобшуда ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил гардидаанд, ки ин то як андоза ба баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон мусоидат намуда, ҳиссаи воридоти андозҳоро ба буҷети давлатӣ афзун мегардонад, ки пешниҳодҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад [8]:

- муайянкунӣ, дуруст ҳисоб намудан, пуррагӣ ва пардохти саривақтии андоз ва дигар пардохтҳо ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- ба роҳбарияти мизоҷ пешниҳод кардани ахбороти зарурӣ оид ба пардохти андозҳо;

- банақшагирӣ ва беҳтар намудани низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташхиси муаммоҳои андозбандӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва ба таври умумӣ қоҳиш додани сатҳи он;

- то ҳадди имконпазир коҳиш додани гаронии андозҳо дар самти соҳибкории истеҳсолӣ;

- дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ҷорӣ намудани муҳосиботи ягона ҷиҳати бештар намудани ҳиссаи андозсупорандагон;

- фароҳам овардани шароити мусоиди андозбандӣ ва имкониятҳои андозӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ.

**Адабиёт**

1. Бозоров, Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Бозоров. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 365с.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо). - Душанбе: Адиб, 2017. – 335с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1194, 18.03.2015с.. - Душанбе, 2016.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2014-2020.

5. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. - С. 17-18.

6. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон 15.10.2018 [маводи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj/ru/node/16392 (санаи муроҷиат: 22.10.2018).

7. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 [маводи электронӣ]. *URL:*http: // www.president.tj/ru/node/16772 (санаи муроҷиат: *15.09.2018).*

8. Сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.andoz.tj/docs/bezovtstvennie/bezovtstvennie.pdf

9. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С 367.

10. Ҷумъабоев Х.Қ. Нақш ва мавқеи низоми андози миллӣ дар рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ/ Х.Қ.Ҷумъабоев, Т.И.Исломов, Б.Н.Маҳмадалиев // Саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Натиҷа ва дурнамо: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе: ДДМИТ, 2018. – 26 майи соли 2018. – С.9-13.

---

**УДК: 347.3**

## К ВОПРОСУ ФОРМИРОВАНИЯ УСЛОВИЙ РАЗВИТИЯ МОЛОДЕЖНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Муллоев Парвиз Негматджанович*** *– ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: + 992 907.93.98.39. Email: mulloevpn@gmail.com*

*В статье рассматриваются вопросы формирования и развития молодёжного предпринимательства в Республике Таджикистан. Ежегодный высокий темп роста численности молодежи, который в Таджикистане ежегодно в среднем составляет свыше 2%, проблема содействия занятости подрастающего поколения уже приобрело первостепенное значение. В этой связи развитие и поддержка молодежного предпринимательства в Республике Таджикистан становится одним из приоритетных направлений политики государства. Рассматриваются также основные проблемы, препятствующие развитию молодежного предпринимательства, а также сильные и слабые его стороны. Несмотря на меры, предпринимаемые государством по развитию молодежного предпринимательства,*

*занятость молодежи всё еще остаётся на низком уровне, что в итоге может привести к ее социально-экономическому отчуждению. В связи с этим даются рекомендации по преодолению и совершенствованию государственной поддержки молодежи, занимающихся предпринимательством.*

***Ключевые слова:*** *молодежное предпринимательство, развитие, государственная поддержка предпринимательства, правовое регулирование, законодательство, кредитование, налогообложение.*

## ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАШКИЛИ ШАРОИТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Муллоев Парвиз Негматджанович** - ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: + 992 907 93 98 39. Суроға: кӯч. Нахимов 64/14. Email: mulloevpn@gmail.com*

*Дар мақола ташкили шароит барои рушди соҳибкории ҷавонон ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Бо назардошти суръати баланди афзоиши шумораи ҷавонон, ки ҳамасола дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна беш аз 2 фоизро ташкил медиҳад, масъалаи мусоидат ба шуғли насли нав аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Вобаста ба ин, рушд ва дастгирии соҳибкории ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мегардад. Проблемаҳои асосии монеаи рушди соҳибкории ҷавонон низ баррасӣ мегарданд. Сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи давлат оид ба рушди соҳибкории ҷавонон, сатҳи шуғли аҳолӣ, махсусан дар байни ҷавонон мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа боиси бегонасозии иҷтимоию иқтисодии онҳо мегардад. Дар ин самт тавсияҳо оид ба бартараф ва такмил додани дастгирии давлатии ҷавононе, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, дода мешаванд. Хулоса баровварда шуд, ки аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои рушди соҳибкории ҷавонон, рушди низоми самараноки қарздиҳӣ, зиёд шудани мӯҳлати додани қарзҳо, кам шудани фоизи қарзҳо, паст шудани сатҳи андозбандӣ, бори маъмурӣ ва ҷалби соҳибкорони ҷавон ба истеҳсоли маҳсулоти миллӣ ба соҳибкорони ҷавон имкон медиҳад, ки рушд карда, натиҷаҳои баланд ба даст оранд, ки ин дар навбати худ ба рушди иқтисодии кишвар таъсири мусбат мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкории ҷавонон, фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккул, инкишоф, субъект, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, танзими давлатӣ, қонунгузорӣ, коррупсия, қарздиҳӣ, андозбандӣ.*

## ON THE QUESTION OF FORMING CONDITIONS FOR THE DEVELOPMENT OF YOUTH ENTREPRENEURSHIPIN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Mulloev Parviz Negmatjanovich** – an assistant of the Economics, Finance and anticorruption law Department, Tajik State Finance and Economics university, Phone: + 992 907.93.98.39 Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14.email: mulloevpn@gmail.com*

*The article discusses the formation of conditions for the development of youth entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. Taking into account the high rates of youth growth, which in Tajikistan averages 2% annually, the problem of employment of the younger generation has already acquired paramount importance. In this regard, the development and support of youth entrepreneurship in the Republic of Tajikistan is becoming one of the priority directions of state policy. The main problems hindering the development of youth entrepreneurship are also considered. Despite the measures taken by the state to develop youth entrepreneurship, there is a particularly low level of employment among young people, which, as a result, can lead to their socio-economic alienation, in this regard, recommendations are given to overcome and improve state support for youth engaged in entrepreneurship. It is concluded that the creation by the state of legal conditions for the development of youth entrepreneurship, the development of an effective lending system, an increase in the term of loans issued, a decrease in interest on loans, a decrease in the level of tax and administrative burdens and the involvement of young entrepreneurs in the production of a national product will enable young entrepreneurs to develop and achieve high results, which in turn will have a positive effect on the economic development of the country.*

***Key words:*** *youth entrepreneurship, development, state support for entrepreneurship, legal regulation, legislation, corruption, lending, taxation.*

Молодёжное предпринимательство является относительно новым термином, где рассматривается категория молодых людей занимающихся предпринимательством и имеющие все шансы на успех в зависимости от направления выбранной деятельности и непосредственной государственной поддержки. В этой связи, рассматриваемый нами вопрос о формировании условий развития молодёжного предпринимательства, в Республике Таджикистан носит первостепенный характер, как для развития экономики государства, так и занятости молодого поколения.

Научными кругами сам феномен молодёжного предпринимательства рассматривается, прежде всего, с учетом особенностей возрастного характера предпринимателя. Изучая молодёжное предпринимательство, А.В. Иванова в своей работе с целью конкретизации возрастной границы отмечает, что "возрастная граница молодых людей должна быть до 35 лет, чтобы относиться к данному сектору хозяйствования" [5]. Н.В. Ахиярова, рассматривая данный вопрос, снижает возрастной ценз молодых предпринимателей до 30 лет, отмечая, что "именно у этой группы молодых людей более выражена склонность к инновационости, свободной самореализации и социальной адаптации" [1, с.18]. Исходя из данных предложений и мнению других исследователей, можно прийти к выводу, что развитие молодежного предпринимательства активное привлечение молодых людей к предпринимательской деятельности может стать основным фактором развития экономики страны и снижения уровня безработицы.

Молодые люди в силу своего возраста являются более мобильными, энергичными, легко адаптируются к переменам и более рискованны в плане ведения бизнеса, что ставит необходимость выделения их в особую категорию молодежного предпринимательства. Именно действия сегодняшних молодых людей и вовлечения их в бизнес среду определит, каким будет предпринимательство и экономика страны через 10 - 15 лет [10, с.43].

На сегодняшний день население Таджикистана составляет более 9 млн. человек, из которых 35% - это граждане в возрасте до 14 лет. Это делает население Республики Таджикистан одним из самых молодых в Центральной Азии [3].С учетом высоких темпов роста численности молодежи, который в Таджикистане ежегодно в среднем составляет свыше 2%, проблема содействия занятости подрастающего поколения уже приобрело первостепенное значение. В этой связи развитие и поддержка молодежного предпринимательства в Республике Таджикистан становится одним из основных направлений политики государства.

**Таблица 1. - Уровень официальной безработицы молодежи среди стран Содружества независимых государств и Европейского союза, в %**

| № | Название страны | Уровень безработицы молодежи, в % | № | Название страны | Уровень безработицы молодежи, в % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Германия | 7,4% | 9 | Казахстан | 5,4% |
| 2 | Австрия | 7,4% | 10 | Россия | 9,6% |
| 3 | Нидерланды | 7,9% | 11 | Белоруссия | 9,7% |
| 4 | Мальта | 9,9% | 12 | Молдавия | 9,9% |
| 5 | Люксембург | 10,9% | 13 | Азербайджан | 10,3% |
| 6 | Дания | 13,0% | 14 | Украина | 12,9% |
| 7 | Чехия | 13,1% | 15 | Кыргизстан | 13,5% |
| 8 | Финляндия | 14,3% | 16 | Таджикистан | 15,5% |

Источник: Государственная программа содействия занятости населения Республики Таджикистан на 2018 - 2019 гг. - С. 10.

Примерно 300 миллионов молодых людей в возрасте от 18 до 30 лет либо являются безработными, либо не имеют постоянного места работы. Примерно процентов 20 из них, несмотря на то, что имеют необходимые способности, чтобы начать своё дело в силу различных причин решаются на это только 5% молодого поколения [6].

В Таджикистане как и в других развивающихся государствах молодые люди сталкиваются

с особыми трудностями при выходе на рынок труда. Из-за высокой доли молодого поколения, в стране рынок труда ежегодно должен принять более ста тысяч молодых выпускников, получивших различное образование. Нехватка создаваемых новых рабочих мест приводит к трудовой миграции молодых людей. К поиску работы через государственные службы занятости, молодое трудоспособное население не вовлечено в связи с низким уровнем предлагаемой заработной платы и отсутствием перспективы дальнейшего карьерного роста. Но нужно учитывать и тот факт, что уровень безработицы среди молодых людей напрямую зависит от уровня их образования [2, с.11].

В целях реализации политики государства, осознавая всю серьезность данной проблемы, направленной на поддержку развития предпринимательства, а также снижения уровня безработицы среди молодёжи, постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 года за №609 при Комитете по делам молодёжи и спорта Республики Таджикистан создано Государственное унитарное предприятие «Клуб молодых предпринимателей», которая входит в категорию специализированных республиканских учреждений, осуществляющий свою деятельность в приоритетной сфере государственной молодёжной политике по обеспечению экономической независимости молодёжи [8].

Также был принят закон Республики Таджикистан "О молодежи и государственной молодежной политике», где в статье 15 приведено: «Государство гарантирует право молодежи на собственность и предпринимательскую деятельность» [4].

Постановлением Правительства Республики Таджикистан от "3" июня 2006 года №228 утверждена «Национальная концепция молодежной политики в Республике Таджикистан», которая опирается на основополагающие идеи и принципы Конституции Республики Таджикистан. В концепции приведены основные принципы содействия молодёжи для организации хозяйств, а также вести непосредственную работу с талантливыми молодыми людьми, имеющими желания заниматься предпринимательством [9].

Для молодых людей до 30 лет, а так же женщин и людей с ограниченными возможностями, имеющими бизнес план, действует программа Всемирного банка. Данный проект осуществляется центром реализации проекта «Доступ к зеленному финансированию и к финансам для развития сельской местности», которая функционирует при министерстве финансов Республики Таджикистан.

Расширение продуктивной занятости населения в НСР республики Таджикистан до 2030 г. определено в качестве наиболее стратегических целей. Обусловлена такая постановка проблемы тем, что средний рост трудовых ресурсов в Республике Таджикистан с 2010 г. ежегодно составляет 2,3%, а среднегодовой уровень роста численности занятого населения составляет 1,01 % [11, с.81].




**Рисунок 1. - Основные демографические показатели Республики Таджикистан**

Источник: Статистический ежегодник 2016-2019гг. – С. 27, 25.

Численность трудоспособного населения страны, согласно приведенным данным, составит 6,8 миллионов человек к 2030 г. Довольно высоким остаётся и темп прироста трудоспособного

населения, составляя в среднем 1,7% в год. Общая численность занятых людей согласно приоритетам Национальной стратегии развития до 2030 г., должна увеличиться на 70% к 2030 г. в связи, с чем очень острой проблемой будет оставаться вопрос о необходимости решения задачи занятости населения. В этом плане развитие молодежного предпринимательства могла бы намного улучшить ситуацию с занятостью.

В данном случае государству нужно создавать необходимые условия для развития молодёжного предпринимательства и всячески поддерживать инициативу молодых людей желающих заниматься предпринимательством. Трудность состоит еще в том, что большинство молодых людей решивших начать свой бизнес не редко не только не имеют предпринимательского опыта, но и также мало имеют представления о всех тонкостях ведения бизнеса в выбранном виде деятельности. Уже имевшему опыт работы по найму человеку будет намного проще ориентироваться при организации своего дела, чем молодым людям, имеющим только теоретические знания, полученным в учебном заведении [7]. Нужно всячески популизировать предпринимательство для поднятия предпринимательского духа среди молодёжи. Основная часть молодёжи предпочитает работать по найму, нежели самому рисковать и открывать свое дело. Информативность молодых людей о специальных организациях, поддерживающих начинающих предпринимателей из числа молодёжи, тоже является не достаточной [12, с.128].

На наш взгляд, в отличие от остальных видов предпринимательства, особенность молодёжного предпринимательства заключается в том, что для его развития нужно раскрывать специфические свойства присущие только ему, т.е. развивать сильные стороны, открывающие его преимущества и работать над слабыми сторонами в целях устранения имеющихся недостатков.

**Таблица 2. - Сильные и слабые стороны молодёжного предпринимательства**

| Сильные стороны молодёжного предпринимательства | Слабые стороны молодёжного предпринимательства |
|---|---|
| Высокая инновационная активность, креативность мышления | Незначительный социальный опыт и отсутствие деловой репутации |
| Высокая мобильность, гибкость подходов, быстрота реакции по освоению новых рынков | Слабые практические навыки применения экономических законов и механизмов |
| Высокий уровень возможностей систематического обновления своих предпринимательских знаний и навыков в соответствии с меняющимися требованиями производства и рынка | Незащищённость от воздействия бюрократических структур и механизмов |
| | Недостаток личных контактов в сфере бизнеса и во властно -управленческих структурах |
| Отсутствие негативного опыта и предрасположенность молодёжи к риску | Недостаток личных ресурсов и затрудненность формирования стартового капитала |
| Понимание и быстрое освоение современных инновационных технологий | Меньший доступ молодых предпринимателей в получении кредита и инвестиций |
| Способность молодежи выдерживать повышенные трудовые и нервные нагрузки, сопровождающие предпринимательскую деятельность | Большой соблазн ухода в теневой сектор предпринимательства, особенно на её начальном этапе |

Источник: Составлено автором согласно данным www.science-education.ru

Приведенные нами сильные и слабые стороны молодежного предпринимательства определяет основные задачи по его поддержке, т.е. развитие сильных и преодоление слабых сторон. Так как при разрабатывании и реализации мер государственной поддержки недостаточное внимание регуляторным отношениям может в итоге не ускорить развитие молодежного предпринимательства, а, наоборот, снизить как его развитие, так и его доверие государству.

Потому повышение заинтересованности молодых людей к предпринимательству, снижение уровня безработицы, и ускорение темпов развития молодёжного предпринимательства и политика в этой области должна стать приоритетным направлением, как

на уровне государства, так и регионов страны. Молодые люди не должны сталкиваться с препятствиями в своём желании и стремлении на пути создания своего бизнеса. Политика поддержки должна быть рассчитана и направлена конкретно на них. Без преувеличения от успешной реализации программ поддержки зависит будущее бизнеса и страны.

Для достижения поставленных целей государству нужно постоянно совершенствовать предпринимательский климат, стимулировать молодёжь вовлечению в бизнес, поддерживать начинающих, помогать развиваться. Без долгосрочной стратегии развития, систематизации процессов становления и упрочнения институциональных основ, принятые единичные программы не смогут оказать должного воздействия.




**Рисунок 2. - Структура государственной поддержки молодёжного Предпринимательства**

Составлено автором.

- ***Законодательное закрепление понятия «молодой предприниматель» и «молодежное предпринимательство»*** - на наш взгляд, четкое определение в законе данных понятий позволит более эффективно поставить процесс государственной поддержки молодежного предпринимательства в нужное правовое и экономическое русло. Несмотря на то, что данным понятием широко пользуются, они нигде не записаны и нет единой трактовки.

- ***Разработка эффективной системы кредитования молодежного предпринимательства*** - в первую очередь нужно снизить процентные ставки и увеличить сроки кредитования для молодежного предпринимательства. Данная поддержка банков особенно нужна молодым людям в силу их возраста. Банками и кредитными организациями молодые люди не воспринимаются всерьез при оценке их кредитоспособности. Не имея опыта и стажа в кредитных делах, молодым людям трудно сотрудничать с финансовыми организациями. Потому основным источником финансирования зачастую выступают личные сбережения или деньги, предоставленные друзьями и родственниками.

- ***Снижение уровня нагрузки налоговых и административных барьеров*** - не простые отношения бизнеса и налога традиционно занимают важное место среди основных проблем развития малого и среднего предпринимательства. Чрезмерные налоговые ставки и сборы в целях пополнения государственного бюджета без оглядки на его будущее во многом пагубно влияет на развитие предпринимательства. Налоговые и административные барьеры наряду с коррупцией это основные негативные факторы, с которыми придется столкнуться молодым предпринимателям.

- ***Повышение заинтересованности средних общеобразовательных школ и высших учебных заведений в активном создании молодежных бизнес инкубаторов*** - идея создания бизнес инкубаторов является не новой, тем не менее, существующие бизнес инкубаторы в большинстве своём не являются эффективными. Создание бизнес инкубаторов на базе общеобразовательных школ и высших учебных заведений позволит молодым людям имеющим бизнес идеи на месте начать осуществлять ее на практике. Основной задачей таких бизнес

инкубаторов должно стать воплощение стоящих идей в жизнь, чтобы молодые люди, пройдя через различные программы, смогли обрести финансовую и организационную самостоятельность.

Таким образом, считаем, что для реализации программ развития молодежного предпринимательства в Республике Таджикистан необходимо:

- законодательное закрепление понятия «молодой предприниматель» и «молодежное предпринимательство»;
- разработка эффективной системы кредитования молодежного предпринимательства, увеличение срока выдаваемых займов, уменьшение процентов по кредитам молодым предпринимателям;
- снижение уровня нагрузки налоговых и административных барьеров на субъекты молодёжного предпринимательства;
- повышение заинтересованности средних общеобразовательных школ и высших учебных заведений в активном создании молодежных бизнес инкубаторов;
- создание условий для повышения уровня профессионализма молодых предпринимателей включающих принципы современного менеджмента, финансового и маркетингового анализа, а также вовлечение молодых предпринимателей в сферу производства национального продукта.

**Литература**

1. Ахиярова Н.В. Социально-управленческие проблемы государственной поддержки молодежного предпринимательства в Республике Башкортостан: автореф. дис. ... канд. социол. наук./ Н.В. Ахиярова. - Уфа, 2009. - С. 17-18, 24.

2.Взаимная экспертная оценка политики в области занятости молодежи в Республике Таджикистан. Сводный отчет – Москва: МОТ. 2015 - С.11, 78.

3.Всемирный Банк: [электронный ресурс]. Режим доступа: URL:http://data.worldbank.org (дата обращения 10.02.2020).

4. Закон Республики Таджикистан "О молодежи и государственной молодежной политике» [электронный ресурс]. Режим доступа: URL: http://www.adlia.tj/showdoc.fwx?rgn=5155 (дата обращения 10.01.2020)

5. Иванова А.В. Комплексная оценка факторов развития молодежного предпринимательства в университетской среде: автореф. дис..канд. экон. наук. /А.В. Иванова. - Екатеринбург, 2013. – С. 13, 42.

6. Меркулов П.А. Молодежное предпринимательство как фактор устойчивого социально-экономического роста. [Электронный ресурс] Режим доступа: URL: http://dlib.rsl.ru/ 01006751585 (дата обращения: 20.09.2019).

7.Молодежный бизнес [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://youthbusinessrussia.org /mbr/about.php (Дата обращения 07.03.2017)

8. Постановление Правительства Республики Таджикистан от "3" июня 2006 года №228 «Об утверждении Национальной концепции молодежной политики в Республике Таджикистан» г. Душанбе, 2006.

9. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 года № 609 [электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.business-club.tj/ru/o-kmp.php (дата обращения 09.01.2020)

10.Проблемы и направления развития молодежного предпринимательства: [электронный ресурс]. Режим доступа:URL:https://euroasia-science.ru/ekonomicheskie-nauki (дата обращения 10.02.2020).

11. Рынок труда в Республике Таджикистан//Статистический сборник. – Душанбе: АСПРТ - 2017. - С.81, 235.

12. Саулина Ю.П. Развитие предпринимательской деятельности. Предпринимательство – XXI. / Ю.П. Саулина - 2015. №7. – С.128, 135.

УДК: 338.23:336

## ТАКМИЛДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАВАРРУМ ТАВАССУТИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ

***Мусофирова Фарзона Сайвалиевна*** *– ассистенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: (+992) 988-24-*80-35, e-mail: musofirova.farzona@mail.ru,*

*Дар мақолаи мазкур идоракунии ҷараёни таваррум тавассути сиёсати монетарӣ дида баромада шуда, такмили самаранокии он пешниҳод карда шудааст. Идоракунии ҷараёни таваррум ва дарёфти таъсири он дар рушди иқтисодиёти кишвар воситае зарур аст, ки яке аз муаммоҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба сиёсатҳои монетарии пешгирифтаи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафта, дар тадқиқоти мазкур услуби ислоҳоти сиёсати монетарӣ бо мақсади нигоҳдории устувории нархҳо ва дарёфти таъсири сатҳи таваррум дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Илова бар ин, аз таҷрибаи иқтисодиёти кишварҳои хориҷа, баъзе аз механизмҳои судманди сиёсати монетарӣ ва принсипҳои он дар самти идоракунии таваррум низ дарҷ гардидааст, ки инҳо метавонанд ҳам ба сиёсати пулию қарзӣ ва ҳам дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми назаррас гузоранд.*

***Калидвожаҳо:*** *сатҳи таваррум, сиёсати монетарӣ, қурби асъор, меъёри фоизӣ, ҳаҷми пул, таварруми мақсаднок, устувории арзиши пул, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), рушди иқтисодиёт.*

## МОДЕРНИЗАЦИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ УПРАВЛЕНИЯ ИНФЛЯЦИОННЫМ ПРОЦЕССОМ С ПОМОЩЬЮ МОНЕТАРНОЙ ПОЛИТИКИ

***Мусофирова Фарзона Сайдалиевна*** *- ассистент кафедры информационных систем и технологии в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета.* ***Адрес:*** *734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 988-24-80-35, e-mail: musofirova.farzona@mail.ru,*

*В этой статье исследуется управление инфляцией посредством денежно-кредитной политики и предлагается совершенствование ее эффективности. Управление инфляцией и определение ее влияния на рост экономики страны - необходимый инструмент, который является одной из актуальных проблем. В отношении денежно-кредитной политики, проводимой развивающимися и развитыми странами, в этом исследовании анализируется подход к реформе денежно-кредитной политики с целью поддержания стабильности цен и определение влияния инфляции на макроэкономические показатели. Кроме того, опыт экономик зарубежных стран раскрывает некоторые эффективные механизмы денежно-кредитной политики и ее принципы в управлении инфляции, которые могут внести значительный вклад, как в денежно-кредитную политику, так и в экономическое развитие страны.*

***Ключевые слова:*** *уровень инфляции, денежно-кредитная политика, обменный курс, процентная ставка, денежная масса, целевая инфляция, стабильность денежной стоимости, валовой внутренний продукт (ВВП), рост экономически.*

## INFLUENCE OF INFLATION LEVEL ON ECONOMIC GROWTH

***Musofirova Farzona Saidalievna*** *– assistant of chair of Information system and technology in economy, Tajik State University of Finance and Economic. Address: 734067, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14, tel.: (+992) 988-24-80-35, e-mail: musofirova.farzona@mail.ru,*

*This article focuses on the influence of inflation on economic growth. It should be noted that achieving sustainable economic growth is the goal of almost all countries. In this regard, this study was aimed at determining the relationship between inflation and economic development of the Republic of Tajikistan. On this basis, inflation is an indicator of the dynamics of the level of adjustment in consumer prices in a country, the factors that influence it, including factors of supply and demand, the forecast of the domestic and foreign economies and inflation for future periods. The main problem is to study the effect of inflation on the development of the country, that is, everyday people, such as income, purchasing power, money supply and other indicators. Therefore, this article has touched upon the impact of inflation on the development of the Republic of Tajikistan using linear regression analysis for the period 2001–2017.*

***Keywords:*** *inflation rate, monetary policy, exchange rate, interest rate, money supply, inflation target, monetary value stability, gross domestic product (GDP), economic growth.*

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур аз идоракунии самараноки ҷараёни таваррум тавассути сиёсати монетарӣ ва такмилдиҳии аввалиндараҷаи бонкҳои марказӣ, азнавсозӣ кардани воситаҳо, механизмҳои арзёбӣ ва танзими равандҳои афзояндаи таваррум мебошад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти мавзуи таҳқиқот бо зарурати такмили системаи танзими равандҳои таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи моделҳо ва василаҳои пайвастаи пешгӯии таваррум, ки яке аз омилҳои таъсиррасон дар рушди иқтисодиёт баромад мекунад, равона карда шудааст. Илова бар ин, дар назария ва амалияи иқтисодии муосири ватанӣ омӯзиши илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими идоракунии ҷараёни таваррум ва таъсири он дар рушди иқтисодиёти кишвар аҳамияти калон дошта, мубрамият ва зарурати таҳқиқотро муайян менамояд.

Яке аз муаммоҳо дар самти сиёсати монетарӣ, ин гузаронидани тадқиқот дар идоракунии ҷараёни таваррум ва дарёфти таъсири он дар рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Усулҳои методологии ягона, ки тадқиқоти ҳаматарафаи амиқи таъсири ҷараёни таваррумро дар рушди иқтисодиёт дошта бошад, вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, таҳияи методологии баҳодиҳии комплексии таъсири ҷараёни таваррум ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо истифодабарии воситаҳои гуногун дар шароити муосир муаммои актуалӣ ба ҳисоб меравад [6, с.164-165].

Ҷараёни макроиқтисодӣ дар бисёр ҳолатҳо параметрҳои рушди фаъолияти бонкӣ-молиявиро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, тағйирёбии сатҳи таваррум дар тағйирёбии қурби асъор, фаъолияти бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ, тавозуни савдо, қарзи беруна, рушди иқтисодӣ ва ба монанди инҳо таъсири бештар дорад. Илова бар ин, сатҳи таваррум барои татбиқи сиёсати давлатии иқтисодӣ, таҳлил ва пешгӯии равандҳои нарх дар иқтисодиёт, инчунин таҷдиди назар кардани кафолатҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ барои аҳолӣ истифода мешавад.

Ба монанди инҳо назарияи монетаристӣ, ки Фридман М. истилоҳи "монетаризм"-ро ворид кардааст, ба якчанд хусусиятҳои калидии дарозмуддати иқтисодиёт, аз ҷумла назарияи миқдории пул ва бетарафии пул асос кардааст. Назарияи миқдории пул ба таври одӣ ҳангоми маблағи умумии хароҷот дар иқтисодиётро ба маблағи умумии пули мавҷудбуда баробар кардан, алоқамандии таваррум ва рушди иқтисодиётро нишон медиҳад. Тибқи пешниҳоди Фридман, таваррум ин натиҷаи зиёд шудани пешниҳоди маҳсулот ё зиёдшавии суръати гардиши пул нисбат ба суръати афзоиши истеҳсолот дар иқтисодиёт мебошад [8].

Ғафуров П. ва Турахонзода Ш. дар тадқиқоташон қайд намудаанд, ки тавассути қурби асъор, бонки марказӣ метавонад ба арзиши пули миллӣ, таваррум дар дохили кишвар, бахши хориҷӣ, эътимоди макроиқтисодӣ, гардиши сармоя ва суботи молиявӣ таъсир расонад [2, с. 73].

Дар давраи солҳои 2010-2020 дар заминаи татбиқи ислоҳоти пайгиронаи иқтисодӣ ва стратегияҳо барои рушди иқтисоди дохилӣ, вазъи институтсионалӣ, бахшҳои алоҳидаи макроиқтисодӣ, инчунин муътадил нигоҳ доштани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтаргардонии сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намуд. Бо назардошти ин замина, Бонки миллии Тоҷикстон Стратегия самтҳои асосии татбиқи давраи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро мавриди амал қарор дод. Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 мутобиқи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[4], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [7] ва дар асоси афзалиятҳои рушди устувори иқтисодии кишвар, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, ҳадафҳои асосии сиёсати пулию қарзию асъорӣ ва нишондиҳандаҳои мақсадноки онро мушаххас менамояд.

Бо назардошти ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон ҳадафи идоракунии сиёсати пулию қарзиро дар соли 2018 муайян намуд, ки сиёсати оқилонаи пулию қарзиро барои таъмини ҳадафи устувории арзиши пул гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ равона шудааст. Бо истифода аз ин, ҳадафгирии таваррумро пешбинӣ менамояд ва дар давраи миёнамуҳлат мақсаднокии таваррумро баробар ба 6% (±2) муайян менамояд, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидаткунанда буда, сиёсати ҳавасмандгардонии ҳукумат бо устувор нигоҳ доштани низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми инъикоси тамоюли умумии тағйирёбии нархҳо, индекси нархҳои истеъмолӣ метавонад андозаи воқеии болоравии нархҳоро ба таври назаррас нишон диҳад. Дар ҳамин ҳол, вазъи иқтисодии дохилӣ ва байналмилалӣ бисёр ларзишҳои номусоид ва ғайриқобилӣ пешбинӣ доштанд. Ҳадафҳои сиёсати пулию қарзӣ, ки дар 2 соли охир гузошта шуданд, "ҳадафгирии таваррум буда, дуруст ва босифат ба роҳ мондани механизми коммуникатсионӣ, ҳамоҳангии самаранок ва муттасил миёни ҷонибҳои асосии манфиатдор барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва дараҷаи бохабарии омма оид ба сиёсати пулию қарзӣ, механизму раванди таҳия ва татбиқи он" мавриди амал қарор доданд. Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти бозори кушодро ҳамчун воситаи асосии амалисозии сиёсати пулию қарзӣ барои ба эътидол овардани меъёри фоизӣ, муътадилгардонии асъор, дастгирии фаъолонаи ҳадафҳои рушди иқтисодӣ, назорати таваррум тибқи ҳадафҳои муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Ҳамзамон, ҳалли сиёсати пулию қарзӣ барои нигоҳ доштани суботи пулӣ дар солҳои 2016-2020 нақши муҳим дошт ва бо сиёсати рушди устувори иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 7,79% ва 8,44% ба рушди ММД ноил гардид. Аммо, дар давраи миёнамуҳлат барои нигоҳ доштани қурби муътадил, рушди бозори асъор ва мусоидат ба содирот дар чунин вазъияти мураккаб, ноил шудан ба ҳадафи сиёсати пулӣ, сиёсати ба танзим даровардани қурби асъор интихоби оқилона буд. Дастгирии сиёсати ба танзим даровардани қурби асъор, устувор нигоҳдории сатҳи таваррум, ҳалли фоизҳо ва талаботи захиравӣ ҳар гуна фишангҳои худро мавриди амал қарор дод, ки боиси дарёфти нишондиҳандаҳои хуби макроиқтисодии кишвар гардид.

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар давраи солҳои 2015-2020)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД (бо млн.сомонӣ) | 50977.8 | 54790.3 | 64434.4 | 71059.2 | 79109.8 | 82543.1 |
| Рушди воқеӣ (бо %) | 6 | 6.9 | 7.1 | 7.6 | 7.4 | 4.5 |
| Гардиши савдо (бо млн.сомонӣ) | 4326.2 | 3929.9 | 3972.9 | 4224.3 | 4523.7 | 4557.8 |
| Сатҳи таваррум (бо %) | 5.8 | 5.9 | 7.3 | 3.8 | 7.9 | 8.6 |
| Меъёри бозтамвил (бо %) | 8.00 | 10.00 | 14.25 | 14.38 | 13.42 | 11.75 |
| Қурби асъор ( бо сомонӣ) | 6.164 | 7.835 | 8.549 | 9.152 | 9.53 | 10.32 |

**Манбаъ:** Маҷмуаи омории солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон.

Дар давраи соли 2010-2020 барои иҷрои вазифаҳои рушди иқтисод дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ маҷмуи маҳсулоти дохилии воқеӣ ба ҳисоби миёна 7,5-8% афзоиш ёфта, дар раванди татбиқи ислоҳот, сиёсати буҷетию-қарзии ҷумҳурӣ барои идораи самаранокии қисми хароҷоти давлатӣ, афзоиши сарчашмаҳои молиявӣ дар қисмати даромади буҷет ва тақсимоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт равона шуда буд, ки дар натиҷа ба ҳисоби миёна бо бешомад 3,9% нисбат ба ММД ҷамъбаст гардид, ки барои нигоҳ доштани вазъи муътадили макроиқтисодӣ аҳамияти назаррас дорад. Дар бахши берунаи иқтисодиёти кишвар бошад, гардиши савдо нисбат ба ММД дар давраи таҳлил, ба ҳисоби миёна 102,7 фоизро ташкил кард, ки ин нишонаи хуби тиҷорати озод ва хусусияти иқтисодиёти кушод доштани кишварро нишон медиҳад.

Дар баробари ин, тамоюли нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар даҳ соли охир ба ҳисоби миёна 6,7 фоизро ташкил медиҳад, ки ин барои афзун гардидани эътимод ба пули

миллӣ, рушди низоми молиявӣ, коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ ва дар маҷмуъ ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуд.

Вобаста ба идоракунии чораёни таваррум ва дарёфти таъсири он дар рушди иқтисодии кишвар, дар қисмати мазкури тадқиқот аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд, ки чунин равандро паси сар кардаанд, такмили сиёсати монетарӣ барои идоракунии сатҳи таваррум таҳия карда мешавад. Раванди модернизатсия қабули ҳадафи аввалиндараҷа - устувории нархҳоро ҳангоми гузаштан ба амалиёт дар доираи макроиқтисодӣ дар асоси фоизҳо ва чандирии қурби асъорро дар бар мегирад. Дар баробари ин, рушди воситаҳои таҳлилии таҳияи сиёсат ва усулҳои алоқамандии муассир низ муҳим аст (расми 1).




**Расми 1. Таҳияи такмили сохтори сиёсати монетарӣ дар идоракунии сатҳи таваррум**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси методологияи IMF. [Манбаи электронӣ]: www.imf.org

Вобаста ба сиёсатҳои монетарии пешгирифтаи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафта услуби ислоҳоти сиёсати монетарӣ ба мақсади нигоҳдории устувории нархҳо ва

дарёфти таъсири он дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таҳия карда мешавад, ки расидан ба ин ҳадаф мустақилияти амалии бонки марказиро тақозо менамояд. Номуайянӣ дар нуқтаҳои дарҷгардида, одатан танҳо дар марҳилаҳои ибтидоии гузариш ба вуқуъ мепайвандад. Аммо, амалигардонии нигоҳдории устувории нархҳо бо дарназардошти таҳлили таъсири ин ба дигар нишондиҳандаҳо дар доираи макроиқтисодӣ, бо мурури замон метавонад самаранокии низоми сиёсати монетариро пурра муқаррар кунад.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки бисёре аз душвориҳо мувофиқ ба ҳадафҳои интихобгардида, баъзе аз кишварҳои ҷаҳон дар ниҳоят маҷбур шуданд, ки таваррумро афзалият диҳанд ва дар ҳадафҳои дуюмдараҷа, одатан қурби асъорро паст кунанд ва ин ба режимҳои нав возеҳияти бештар овардааст.

Хуб ба роҳ мондани механизми дар боло овардашуда, ба раванди модернизатсия кумаки худро мерасонад. Аз оғози раванди навсозии сиёсат, бонки марказӣ бояд саъй намояд, то ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар роҳи пешрафт назари муштарак дошта бошанд.

То ин замон, тақрибан бисёре аз давлатҳои ҷаҳон механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзии таваррумро татбиқ мекунанд, аммо гуфтан мумкин аст, ки ин механизм ҳанӯз ҳам дар ҷараёни омӯзиш қарор дорад. Сарфи назар аз фаҳмишҳои мухталиф, дар бораи доираи сиёсати пулию қарзӣ ба таваррум, метавон ба таври куллӣ тавзеҳ дод, ки интихоби таваррум ба унвони ҳадафгирии сиёсати пулӣ дар доираи макроиқтисодӣ ва арзёбии пул бо 4 унсури асосии зерин ташкил меёбад:

1) муътадилшавии нархҳо ё таваррум ҳадафи аввалия ё беназири сиёсати пулӣ. Ин ҳадафҳо бояд ба мардум возеҳ нишон дода шаванд, ки ҳадафи таваррум нисбат ба дигар ҳадафҳои сиёсати пулӣ афзалият дорад;

2) тавсеаи таваррум ба таври возеҳ бо миқдор ё доираи муайяни арзишҳо муайян карда мешавад. Бонки марказӣ тавассути модел ва истифодаи як қатор индексҳо, ки дорои маълумот дар бораи таварруми оянда мебошанд, дурнамои таваррумро таҳия намояд;

3) амалисозии харитаи роҳ - давраи вақт барои ноил шудан ба ҳадафҳои таваррум;

4) баҳодиҳии татбиқи ҳадафи таваррум аз ҷониби Бонки марказӣ - хосияти шаффофияти бештар дар сиёсати пулиро инъикос мекунад.

Бо ин нуқтаҳои дарҷгардида, бонки марказӣ метавонад харитаи роҳи таварруми ояндаро пешгӯӣ кунад, то ки он бо таварруме, ки ҳукумат барои иқтисодиёт муносиб мешуморад, муқоиса намояд. Фарқи байни таварруми пешгӯишаванда ва таварруми мақсаднок сатҳи тасҳеҳи сиёсати пулиро муайян мекунад. Тибқи ин равиш, интихоби сатҳи таваррум ҳамчун ҳадафи сиёсати пулию қарзӣ воқеан чаҳорчӯбаи ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

Дар муқоиса бо механизми қаблӣ, сиёсати пулию қарзии мақсадноки таваррум дорои баъзе бартариҳои асосӣ мебошад, аз ҷумла: (а) имкон фароҳам овардани заминаи шаффофи сиёсати пулию қарзӣ бо масъулияти бонки марказӣ ва эътимоднокӣ дар назди мардум. Ин асос барои муайян кардани эътимоди мардум ба мақомоти пулӣ ва механизми арзёбии сатҳи бонки марказӣ барои иҷрои рисолати он мебошад; (б) ин механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ мебошад, ки барои Бонки марказӣ ҳам консентратсияи зарурӣ ва ҳам озод, чандирӣ ва мустақилияти муайянро дар ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ ба вуҷуд меорад; (в) мустақилияти нисбии Бонки марказӣ нигоҳ дошта мешавад, бинобар ин, он метавонад бо таконҳои дохилӣ самаранок мубориза барад ва инчунин иқтисодиётро аз омилҳои беруна муҳофизат кунад; ва (г) ба як ҳадафи ягонаи таваррум нигаронидашуда, сиёсати пулию қарзии мақсадноки таваррум барои ҳадафҳои дигари макроиқтисодӣ, ба монанди рушд, шуғл ва ғайра заминаи устувор дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат гузоштааст. Исботи ин гуфтаҳо, иқтисоди кишварҳое, ки механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзии таваррумро татбиқ кардаанд, ба ҳисоб меравад.

Нуқтаҳои дар боло зикршудаи механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ дар таварруми мақсаднок низ тарафҳои сусти худро дорад. Аввалан, бинобар механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ дар самти таваррум бонки марказӣ бо қарорҳои худ ба ҷои сатҳи паст ва устувор имконияти сатҳи баланди таваррумро ба бор орад. Дувум,

назорат кардани нарх барои ноил гаштан ба сатҳи таварруми мақсаднок мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, сари вақт расидан ба ҳадафи таваррум ва баҳодиҳии сатҳи муваффақияти сиёсат, аксар вақт ба мушкилот дучор меояд. Савум, кӯшиши ноил шудан ба сатҳи таваррум метавонад боиси афзоиши ноустувори шуғл ва истеҳсолот гардад. Чорум, бинобар механизми алоқа байни бонки марказӣ ва ҷамъият, ҳамеша барои шаффофтар буданаш ба мушкилот дучор мешавад, дар ҳоле ки ин талабот на ҳамеша иҷро карда мешавад.

Дар маҷмуъ, хусусиятҳои умумии механизми таваррумро ҳамчун ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ дар асоси истифодаи пешгӯиҳои таваррум чун индекси мобайнии мақсаднок тавсиф кардан мумкин аст. Бонки марказӣ тамоюли таваррум барои соли оянда дурнамо мекунад, то ки индекси таварруми мақсаднокро бо рақам ё тағйирёбӣ барои соли нақшавӣ бе мамоният барои иҷрои ягон ҳадафи дигар равона кунад. Дар доираи маҳдудиятҳои худ, бонки марказӣ метавонад фишангҳоро интихоб кунад ва барои расидан ба ҳадафи ягона истифода барад ва ин ҳам бошад, нишондиҳандаи таварруми мақсаднок ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин, норасоии механизми нишондиҳандаи таварруми мақсаднок дар он аст, ки иқтидори танзимкунандаи сиёсати пулию қарзӣ басанда нест ва бонки марказӣ дар давраи қабули қарор дар бораи афзалият дар байни механизмҳои сиёсати пулию қарзиро (қурби асъор, меъёри фоизӣ ва ҳаҷми пул) ба миён мегузорад. Ғайр аз ин, бо истифода аз таварруми мақсаднок, бонки марказӣ ҳангоми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ барои ноил шудан ба индекси мақсаднок дар асоси дурнамои индекси таваррум, ки аз ҷониби бонки марказӣ пешниҳод шудааст, расман ва бечунучаро масъул аст. Сипас, дурнамои таваррум ҳадафи миёнаравии сиёсати пулӣ ҳисобида мешавад, аз ин рӯ, бисёре аз тадқиқотчиён на танҳо дар бораи танзими таварруми мақсаднок, балки ҳадафи пешгӯии таварруми мақсаднокро низ зикр кардаанд.

Фарқияти дигари механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзии таварруми мақсаднок аз механизмҳои дигар дар он аст, ки он ба бонки марказӣ дар ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ, муайян кардани доираи таварруми мақсаднок (индекс ё диапазони амплитуда) дар шакли озод ва чандирӣ меорад. Бо вуҷуди ин, барои татбиқи мақсадноки таваррум, бонки марказӣ, аввалан, бояд аз ҷомеа эътимоди зиёд пайдо ва шаффоф амал кунад. Ғайр аз он, таҷрибаи кишварҳои ба таваррум нигаронидашуда, зарурати эҷоди заминаҳои истифодаи таварруми мақсаднокро дар ҳамоҳангсозии сиёсати пулӣ нишон медиҳанд. Пеш аз ҳама, таварруми мақсаднок танҳо дар он кишварҳое татбиқ карда мешавад, ки тавонанд кафолати нигоҳ доштани сатҳи таваррумро на танҳо дар шакл, балки дар асл дошта бошанд. Мақомоти идоракунандаи монетарӣ медонанд, ки ҳангоми васеъгардонии буҷет бо дастгирии сиёсати монетарӣ, на танҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодиёт монеа эҷод мекунад, балки монетизатсияи касри буҷет, инчунин заминаи мустақими болоравии нархҳо дар иқтисодиёт бошад, ки ба устувории бахши молиявӣ зарар мерасонад ва рушди иқтисодиёти дарозмуддатро паст кунад.

Ҳамин тавр, қайд намудан мумкин аст, ки тадбирҳои дар боло пешниҳодшуда оид ба идоракунии ҷараёни таваррум дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ барои сиёсати монетарӣ самаранок ҳисобида мешавад. Ба андешаи мо, истифодаи модели идоракунии таваррум метавонад барои рушди бахшҳои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумлаи бахши давлатӣ, бахши хусусӣ, бахши монетарӣ, бахши хориҷӣ ва бахши воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

**Адабиёт**


1. Бюллетени омори бонкӣ.// Бонки миллии Тоҷикистон. – 2020. - 12 (281). – С. 70-72.
2. Гафуров П.Д. Теоретические и эмпирические аспекты взаимосвязи и взаимовлияния валютного курса и ВВП /П.Д. Гафуров, Ш.Н. Турахонзода// Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2020. -№1 (21). - С. 69-77.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон".
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон".
5. Маҷмуаи омории солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - 495 с.

6. Мусофирова Ф.С. Влияние уровня инфляции на экономический рост/Ф.С. Мусофирова, Ш.Н. Турахонзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№10. - С.161-166.
7. Национальная стратегия развития Таджикистан на период до 2030 года. Утверждён постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - 104 с.
8. Friedman, M. The Role of Monetary Policy/M. Friedman//American Economic Review, 58,1,-1968. pp. 1-17. (Рус.пер. –Фридмен М. Роль монетарной политики, Фридмен М., Если бы деньги заговорили… - Москва: Дело, 2002. - С. 126-146.).


**УДК: 339.9(075)**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ КЛАССИФИКАЦИИ ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА ИЗМЕНЕНИЕ ВАЛЮТНОГО КУРСА

***Саттарова Матлюба Лутфиллоевна*** *– аспирантка кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: +992 907 01 10 99. E-mail: sattarova.ml@gmail.com*

*В статье обосновывается актуальность изучения совокупности факторов, влияющих на изменение и волатильность валютного курса применительно к условиям Таджикистана. Изучены проблемы колебания валютного курса под влиянием состояния платежного баланса, разницы процентных ставок и степени использования валюты в международных расчетах и деятельности валютных рынков, инфляции и много других. Исследуется влияние совокупности факторов на изменения валютного курса, включая состояние платежного баланса, предпочтения субъектов экономики и т.д. В заключении предлагается совокупность мер, направленных на стабилизацию курса национальной валюты сомони и повышения ее покупательной способности.*

***Ключевые слова:*** *национальная валюта, валютный курс, экономическая категория, экономическая политика, финансовая устойчивость, Национальный банк Таджикистан, обменный курс, валютный рынок, спрос, предложение, девальвация, факторы, экспорт, импорт, валовой внутренний продукт, инфляция.*

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ГУРӮҲБАНДИИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА ТАҒЙИРЁБИИ ҚУРБИ АСЪОР

***Сатторова Матлюба Лутфиллоевна*** *– аспиранти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 907 01 10 99. E-mail: sattarova.ml@gmail.com*

*Дар мақола муҳиммияти омӯзиши маҷмуи омилҳое, ки ба тағйирёбӣ ва ноустувории қурби асъор дар шароити Тоҷикистон таъсир мерасонад, асоснок гардидааст. Масъалаҳои тағйирёбии қурби асъор зери таъсири тавозуни пардохт, фарқияти меъёри фоиз ва сатҳи истифодабарии асъор дар ҳисобҳои байналхалқӣ ва фаъолияти бозорҳои асъорӣ, таваррум ва дигарҳо зери таҳлил қарор дода шудаанд. Зери таҳлил таъсиркунии маҷмуи омилҳо ба тағйирёбии қурби асъор, аз ҷумла вазъияти тавозуни пардохт, афзалгузории субъектҳои иқтисодӣ ва ҳоказо қарор дода шудааст. Дар хулосаи мақолаи мазкур маҷмуи чораҳо оиди басуботрасонии қурби асъори миллӣ ва баландбардории қобилияти харидории он оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *асъори миллӣ, қурби асъор, категорияи иқтисодӣ, сиёсати иқтисодӣ, устувории молиявӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, қурби мубодилавӣ, бозори асъор, талабот, пешниҳод, девалватсия, омилҳо, содирот, воридот, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, беқурбшавии пул.*

## THEORETICAL QUESTIONS OF THE CLASSIFICATION OF FACTORS AFFECTING THE THE EXCHANGE RATE

***Sattarova Matlyuba Lutfilloevna***- *postgraduate student of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. tel.: +992 907 01 10 99. E-mail: sattarova.ml@gmail.com*

*The present Article provides a basis for the relevance of studying the confluence of the factors which are affecting the change and volatility of the exchange rate in relation to the conditions of Republic of Tajikistan. The problems of exchange rate fluctuations under the influence of the balance of payments, the difference in interest rates and the degree of currency use in international calculations, as well as the activities of foreign exchange markets, the inflation and many other problems have been researched & studied. The influence of a combination of factors on the dynamics of the exchange rate, including the state of the balance of payments, preferences of economic entities, etc., is being researched. In conclusion, a set of measures aimed at stabilizing the exchange rate of the national currency, Tajik Somoni, and increasing its purchasing value is proposed.*

***Key words:*** *national currency, exchange rate, economic category, economic policy, financial stability, National Bank of Tajikistan, exchange rate, foreign exchange market, demand, supply, devaluation, factors, export, import, gross domestic product, inflation.*

В ходе изучения опыта Китая по поддержке и развитию малого и среднего предпринимательства было выявлено, что в государственном бюджете Китая введена статья

затрат на создание специальных фондов для развития малых и средних предприятий и оказание помощи обслуживающим финансовым институтам. Кроме этого, со стороны государства для поддержки и развития малого и среднего предпринимательства введены льготы на налогообложения, которые предназначены в основном для уменьшения рисков в начине создания бизнеса, таким образом, увеличивая их шансы на достижение успеха.

И в Китае, как в США, для поддержки малого и среднего предпринимательства размещаются государственные заказы на товары и услуги, с помощью которого государство способствует поддержке экспортных возможностей МСП.

Следует отметить, что кроме всех вышеизложенных мер по поддержке МСП, в Китае функционирует агентство по консультационной поддержке предпринимателей, которая оказывает бесплатные консультации.

Исходя из анализа опыта стран, можно выделить следующие основные инструменты по развитию малого и среднего предпринимательства (см. рис 1.)




**Рис 1. Инструменты поддержки и развития малого и среднего предпринимательства**

Таким образом, в ходе исследования было выявлено, что роль программ по развитию малого и среднего предпринимательства в развитии МСП занимает ключевое место. Немало важным фактором для развития МСП можно считать налоговые льготы, предлагаемые со стороны государства.

На основе анализа зарубежного опыта выделены следующие факторы для развития и стимулирования малого и среднего предпринимательства, которые могут быть применены в условиях Республики Таджикистан:

1) создать консультативные центры для содействия, помощи и развития малого и среднего предпринимательства в регионах страны. Как показывает зарубежный опыт, данная стратегия является эффективной в поддержке и развитии малого среднего предпринимательства в регионах;

2) уменьшить процентную ставку предлагаемых кредитов со стороны банков за счёт собственных резервов. Данный опыт в последние годы широко используется в Республике Узбекистан. Например, «Ипотека Банк» Республики Узбекистан для женщин-предпринимателей предоставляет кредит на сумму до 300 тысяч долларов на срок до 3 лет по процентной ставке 6% годовых. Следует отметить, что данный банк для экспортёров товаров и услуг (предприятия, зарегистрированные в Республике Узбекистан, осуществляющие экспорт, т.е. субъекты предпринимательства, заключившие внешнеторговый договор (контракт, инвойс) с нерезидентами Республики Узбекистан), предоставляется кредит в размере до 1 млн. долларов США по 4% годовую ставку [2]. Исходя из этого, можно сделать вывод, что выделяемые кредиты играют не маловажную роль в поддержке малого и среднего предпринимательства. Таким образом, применение данного опыта в Республике Таджикистан было бы своевременным;

3) следует отметить, что роль инвестиции в развитии МСП очень велико, исходя из этого, в своём Послании Президент Республики Таджикистан, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что «Улучшение инвестиционного климата и развитие предпринимательства, привлечение прямых инвестиций для обеспечения устойчивого развития национальной экономики считаются одним из приоритетных направлений нашей экономической политики. Поэтому руководители Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом, других министерств и ведомств, председатели

областей, городов и районов обязаны расширить свою деятельность с целью привлечения прямых инвестиций, большего улучшения инвестиционного климата и развития предпринимательства, особенно для налаживания электронной процедуры рассмотрения и предоставления лицензий, разрешительных документов и сертификатов для предпринимательской деятельности и устранения субъективных факторов в этом процессе» [10]. Так, с помощью налоговых льгот и создания свободных экономических зон и в других регионах Республики Таджикистан нам необходимо привлечь иностранных инвесторов.

4) создать консультативные институты, которые будут содействовать развитию малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан.

**Литература**


1. Барашева Т.И. Налоговое регулирование субъектов малого и среднего предпринимательства [электронный ресурс]. URL: https://elibrary.ru (дата обращения: 15.01.2021 г.)
2. Ипотека Банк Республики Узбекистан [электронный ресурс]. URL: https://www.ipotekabank.uz/business/financing/ (дата обращения: 03.03.2021 г.)
3. Кодиров Ф.А. Инновационная инфраструктура - основа развития промышленного предпринимательства /Ф.А. Кодиров // Финансово-экономический вестник. - 2020.- № 4 (24).- С. 49-58.
4. Кодиров Ф.А. Вопросы индустриализации и развития малого и среднего бизнеса в сельской местности Республики Таджикистан / Ф.А. Кодиров, К.К. Шодиев // Вестник Ошского государственного университета. - 2018.- № 3.- С. 83-87.
5. Кусаинов М.А. Роль малого и среднего бизнеса в частном предпринимательстве: Казахстан и зарубежный опыт / М.А Кусаинов // Известия УрГЭУ, 2010. – № 5(31). – С. 126-132.
6. Муратова А.Р. Пути развития малого и среднего предпринимательства: региональный опыт / А.Р. Муратова // Экономика и управление.– Краснодар, 2011. - № 45 (228). – С. 42-46.
7. Общероссийская общественная организация малого и среднего предпринимательства [электронный ресурс]. URL: https://3dpro.info/site/research/small-business-driver-growth-of-the-economy-of-the-country/ (дата обращения: 23.01.2021 г.)
8. Орлов М.О. Особенности функционирования и регулирования малого и среднего предпринимательства в условиях кризиса / М.О. Орлов // Вестник Академии: Вопросы предпринимательства, Москва. - 2011. - №1. – с. 77-79.
9. Пелькова С.В. Формы государственной поддержки субъектов малого и среднего предпринимательства в Тюменской области / С.В. Пелькова // Проблемы инновационной экономики и управления организациями. Инновационное развитие экономики – 2011. -№ 5.- С. 35-38.
10. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 26.01.2021, г. Душанбе [электронный ресурс]. URL: http://prezident.tj/ru/node/25006 (дата обращения: 27.02.2021 г.)
11. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 20.04.2012, город Душанбе. [Электронный ресурс] URL http://prezident.tj/ru/node/25006, дата обращения (12.01.2021 г.)
12. Юдаев И.Г. Малое и среднее предпринимательство: региональный аспект / И.Г. Юдаев, Л.Н. Медведева // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. - 2010. - № 4 (24). - № гос. рег. статьи 0421000034/. – Режим доступа к журн.: http://uecs.mcnip.ru.
13. Юнусзода Х.К. Оценка социально-экономического развития регионов на основе бюджетной поддержки местных органов / Х.К. Юнусзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. № 3. С. 163-168.

**УДК: 338.431**

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ХУРД ДАР КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ ГУЗАРИШ ҚАРОРДОШТА

***Ёфтаков Абӯбакр Шоҳимардонович*** *- докторанти курси 2-юм аз рӯи ихтисоси (PhD) 6D050600 – иқтисодиёт дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +(992) 904287378. E-mail:abub1994@mail.ru*

*Дар мақола ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва бартариҳои низоми қарздиҳии хурд барои низоми қарзии кишвар ва дар маҷмӯъ иқтисодиёт ифшо гардидаанд. Ҳамчунин, гурӯҳҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд ифшо гардида, хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъолиятнамоии ташкилотҳои маблағгузори хурд мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Хусусиятҳои фарққунандаи ташкилотҳои маблағгузори хурд ифшо гардида, ҷанбаҳои асосӣ ва муаммоҳои инкишофёбии ташкилотҳои маблағгузори хурд дар кишварҳои рӯ ба рушд ошкор карда шудаанд. Тамоюлҳо ва мушкилоти асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд, инчунин, самтҳои рушди минбаъдаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва воқеияти ҷории иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми қарзӣ, иттиҳодияҳои қарзӣ, маблағгузории хурд, ташкилоти маблағгузори хурд, қарздиҳии хурд, иқтисодиёт, молиявӣ, бонкҳо, некуаҳволӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СИСТЕМЫ МИКРОФИНАНСИРОВАНИЯ В СТРАНЕ С ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКОЙ

***Ёфтаков Абубакр Шохимардонович*** *- докторант 2 курса PhD по специальности 6D050600 - экономика. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: + (992) 904287378. E-mail: abub1994@mail.ru*

*В статье раскрыты основные теоретические аспекты и преимущества системы микрофинансирования для кредитной системы страны и экономики в целом. Определены основные тенденции и проблемы функционирования микрофинансирования в стране с транзитивной экономикой. Раскрыты основные группы микрофинансирования. Дано определение социальной и экономической значимости функционирования микрофинансовых организаций. Выявленны отличительные признаки микрофинансирования. Выделенны основные аспекты и проблемы развития микрофинансирования в развивающихся странах. Так же предлагаются направления дальнейшего развития деятельности микрофинансовых организаций с учетом международного опыта и текущих экономических реалий.*

***Ключевые слова:*** *кредитная система, кредитный союз, микрофинансирование, микрофинансовая организация, микрокредиты, банки, экономика, финансы, благосостояние.*

## THEORETICAL ISSUES OF THE SYSTEM OF ICRO FINANCING IN A COUNTRY WITH ECONOMY IN TRANSITION

***Yoftakov Abubakr Shohimardonovich****, 2nd year doctoral student PhD 6D050600 - Economics of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Tel: + (992) 904287378. E-mail: abub1984@mail.ru*

*The article reveals the main theoretical aspects and advantages of the microfinance system for the credit system of the country and the economy as a whole. The main trends and problems of microfinance functioning in a country with a transitional economy are identified. The main groups of microfinance are disclosed. The definition of the social and economic significance of the functioning of microfinance organizations is given.*

*The distinguishing features of microfinance have been identified. The main aspects and problems of microfinance development in developing countries are highlighted. The directions for further development of the activities of microfinance organizations are also proposed, taking into account international experience and current economic realities.*

***Key words:*** *credit system, credit union, microfinance, microfinance organization, microcredits, banks, economics, finance, welfare.*

Аз давраи ҷамоаи ибтидоӣ то ба имрӯз қарздиҳии хурд ҳамчун як шакли маъмули хизматрасонии молиявӣ амал намуда, одатан барои дастгирии гурӯҳе аз соҳибкорон равона гардидааст, ки дар фаъолияташон то ҳадде маҳдуданд ва ба қарзҳои бонкӣ дастрасӣ надоранд. Моҳияти чунин маҳдудиятҳо ба сатҳи даромад ва вазъи дороиҳои намояндагони ин гурӯҳҳо алоқаманд мебошад.

Таърихи қарздиҳии хурд ба солҳои 1700 рост меояд, замоне, ки Ҷ. Свифт тасмим гирифт, низоми бонкиро беҳбуд бахшад то ба сарватмандшавии табақаи камбизоат мусоидат намояд. Ӯ сандуқи қарзии Ирландияро таъсис дод ва ба фақиртарин афроде, ки баҳри беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагӣ умед доштанд, вале дархости онҳо аз тарафи бонкҳо рад гардида буд, қарзҳои кутоҳмуддатро пешниҳод намуд. Бояд иброз дошт, ки амалӣ намудани ин ғоя солҳо тӯл кашида, танҳо дар соли 1800 он босуръат густариш ёфт. Сандуқи қарзии Ирландия дар ҳоли ҳозир беш аз 300 бонкро дарбар мегирад, ки он ба 20% аҳолии Ирландия хизмат мерасонад.

Бо гузашти замон як низоми бонкӣ бо ҳадафи дастгирии фақирони рустоӣ ва шаҳрӣ дар саросари Аврупо шурӯъ ба тавсиъа намуд. Ф.В. Райффайзе навиштааст, ки вомдиҳандагон деҳқонони фақирро фиреб медиҳанд ва низоми қарздиҳии феълӣ вазъи некуаҳволии аҳолии рустоҳо ва шаҳрро таъмин наменамояд. Вомгирандагон бошанд, ғолибан дар истиқрози мудавоим ва мавқеи душворе қарор доштанд, ки он дар навбати худ ба рушди иқтисодии ин табақот мусоидат наменамуд ва интизориҳои онҳоро торафт мухараб менамуд. Барои тағйири ин вазъ ӯ аввалин иттиҳодияи қарзии рустоиро дар соли 1864 бо ҳадафи итминон аз рушди иқтисоди пойдор барои аҳолии камбизоат таъсис дод.

Шарти зарурӣ барои фаъолиятҳои тиҷоратӣ ин дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ маҳсуб меёбад. Маҳдудиятҳо дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ аз тарафи бахши бонкӣ ба пешрафти ниҳодҳои тиҷоратӣ кумак наменамоянд. Дастрасии тиҷорати хурду миёна ба воситаҳои қарзии бонкӣ дар аксар ҳолат бинобар сабаби гаронии талаботи бонкҳо ҷиҳати таъмин ва гарав, тартиби мураккаб ва печидаи барасмиятдарории шартҳои қарз, меъёри баланди фоизҳо барои истифодаи воситаҳои қарзӣ мушкил арзёбӣ мегардад.

Аз ин хотир, низоми қарздиҳии хурд метавонад ҳамчун ҷойгузини бонкҳо амал намояд. Рушди ташкилотҳои маблағгузори хурд дар самти хизматрасонӣ ва пешрафти тиҷорати хурду миёна ва мустақилона фаъолияткунанда метавонад нақши муҳим ва арзандаро иҷро намояд. Зимни пешрафти бахши қарздиҳии хурд ба иқтисодиёт маблағҳое ҷалб мегарданд, ки аз тарафи хонаводаҳо истифода намегарданд, дар баробари ин, барои теъдоди аҳолии камдаромад як фурсати изофӣ барои таъсис додани тиҷорат ба вуқӯъ меояд, тиҷорати хурду миёна бошад, имконоти иловагиро дар самти дарёфти сарчашмаҳои нави қарзӣ касб менамояд, махсусан зимни таъсиси ин институтҳо дар шаҳр ва деҳот. Қарздиҳии хурд асосан дар асоси тамсила пурратар ва ҷойгузини тамсилаҳои бонкӣ доир ба дастгирии иҷтимоии молиявӣ сохта шуда, он дурнамои боздехро дар бар гирифтааст. Аз ин хотир, дар самти пешрафти қарздиҳии хурд бояд ба таҷрибаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд, зеро ҳиссаи бештари қарзҳои хурд дар умум ба бонкҳои тиҷоратии давлатҳои алоҳида рост меоянд.

Дар ҳамин замина С.Ҷ. Махшулов қарзҳои бонкиро шакли табдилёфтаи сарчашмаҳои молиявӣ ва захираҳои қарзӣ ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ номидааст, ки самаранокии истифодаи он ҷараёни мураккаб буда, мустақиман ба муомилоти пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ алоқаманд мебошад[6, с. 6]. Воқеан, ҷараёни қарздиҳии хурд хусусияти дутарафа дошта, он тавассути қарзҳои хурд, калон ва миёна дар сатҳи иқтисодиёт ифода карда мешавад.

Таъиноти қарздиҳии хурд таърифҳои мухталифро дар худ ҷой додааст. Дар бархе маворид қарздиҳии хурд комилан маҳдуд дарк мешавад, пеш аз ҳама, ба унвони қарзҳои хурд. Дар дигар ҳолат бошад, он ба таври васеъ шарҳ дода шудааст, масалан маблағгузории хурд ин доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла, илова бар қарздиҳӣ, инчунин, имконияти ҷойгиркунии пасандозҳо, суғурта ва ғайра.

Ба назари мо, таърифоти муаллифоне, ки қарздиҳии хурдро дар шароити маҳдуд будани хизматрасониҳои суннатии бонкӣ ҳамчун як навъи қонунии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ва иҷтимоӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва шахсони

воқеӣ, ки баҳри баландбардории сатҳи зисти аҳолӣ, таъмини шуғлият ва рушди соҳибкорӣ нигаронида шудаанд, нисбатан пурра ва амиқ мебошанд [1, с. 2].

Дар тадқиқотҳои илмӣ доир ба қарздиҳии хурд ду гурӯҳи асосии вазифаҳои қарздиҳии хурдро аз ҳам ҷудо менамоянд, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Дар доираи вазифаи иҷтимоӣ, қарздиҳии хурд ҳамчун абзори василавие баромад менамояд, ки сатҳи камбизоатиро коҳиш дода, фаъолияти соҳибкориро густариш медиҳад ва ҳамчун механизм барои коҳиш додани бахши молиявии ғайрирасмӣ ва аз ҷумла демонополизатсияи низоми қарзӣ, истифода бурда мешавад. Вазифаи иқтисодии қарздиҳии хурд ба устувории молиявӣ, устувории соҳибкорӣ, шаклгирии таърихи қарзии қарзгирандагони хурд ишора мекунад. Қарздиҳии хурд ҳамчун як навъи мустақили фаъолияти иқтисодӣ баромад менамояд, ки метавонад даромад ба даст орад, ташкили ҷойҳои кории навро таъмин намояд, сифати хизматрасониҳои молиявиро баланд бардорад ва дар маҷмӯъ дар рушди низоми молиявӣ таъсиргузор бошад [3, с. 4].

Қарздиҳии хурд метавонад хусусиятҳои ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ дошта бошад. Зимни дида баромадани дурнамои кӯтоҳ ва миёнамуҳлат дар кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта ба хусусиятҳои ғайритиҷоратии он тамаркуз намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳадаф ва вазифаҳои қарздиҳии хурд асосан бо мансубияти кишвар ба ин ё он гурӯҳи кишварҳо муайян карда мешаванд:

✓дар фақиртарин кишварҳо (Амрикои Лотинӣ, Африқо ва Осиё) ҳадафи аслӣ мубориза бо камбизоатӣ аст. Дар ин манотиқ миқдори умумии қарзҳоро қарзҳои хурд ташкил медиҳанд. Сарчашмаи ассосии маблағгузорӣ асосан ташкилотҳои хайриявии байналмилалӣ ва ҳукуматҳои кишварҳои пешсаф мебошанд.

✓дар кишварҳои рушдёфта (Аврупои Ғарбӣ ва ИМА) бо қарздиҳии хурд асосан ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ сару кор доранд; сарчашмаи асосии маблағгузорӣ асосан аз ҳисоби буҷетҳои сатҳи гуногун ва маҳаллӣ пешбинӣ гардида, ташкилотҳои хайриявӣ низ бетараф нестанд [5]. Маблағҳои қарзӣ дар қиёс бо кишварҳои фақрзада зиёдтаранд. Дар ин кишварҳо қарздиҳии хурд қисми асосии маблағгузории ғайрибонкӣ маҳсуб меёбад ва ба сифати ҷойгузини низоми қарзии анъанавӣ баромад намуда, ба рушди тиҷорати хурду миёна мусоидат менамояд.

✓дар кишварҳои дар ҳоли гузариш ва пешсаф қарордошта қарздиҳии хурд асосан барои таъмин намудани шахсони мустақил фаъолияткунанда ва мусоидат намудан ба соҳибкороне, ки ба қарзи бонкӣ дастрасӣ надоранд, нигаронида шудааст.

Аломати фарқкунандаи қарздиҳии хурд дар он аст, ки он ба мизоҷон новобаста аз натиҷаҳои қаблии фаъолияти хоҷагидорӣ (соҳибкорони тозатаъсис) ва мизоҷоне, ки дорои таърихи қарзӣ нестанд ва гарави бақайдгирифташуда надоранд, хизмат мерасонад, ки он дар навбати худ дар дастрасӣ ба воситаҳои қарзӣ мусоидат менамояд. Равишҳои сода барои дарёфти қарзҳои хурд ба таври чашмгир афзоиш ёфта, талабот ба онҳо торафт зиёд мегардад. Ташкилотҳои маблағгузори хурд дар қиёс бо бонкҳои тиҷоратӣ, алалхусус, дар самти таъмини қарз нисбатан чандиртаранд. Беҳтарин натиҷа тавассути барномаҳое ба даст оварда мешавад, ки дар онҳо ҳавасмандгардонии ҳукумат бо имкониятҳои бахши хусусӣ ҳамроҳ мебошанд.

Аммо дар айни ҳол қарзҳои хурд барои қарздиҳанда абзори нисбатан хавфнок ба шумор мераванд. Бинобар ин, хавфҳои марбут бо хисороти бештари фоизҳо ҷуброн карда мешаванд. Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, сарфи назар аз қарзҳои таъминнадошта, нишондиҳандаҳои бозногашти қарз дар ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, барои корхонаҳои хурду миёна дастрасӣ пайдо намудан ба ин шакли хизматрасонӣ аз имтиёзҳои қарзӣ дида, афзалияти бештар дорад.

Таҷрибаи кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта аз зарурати дастгирии давлатии бахши қарздиҳии хурд шаҳодат медиҳад. Пуштибонии иттиҳодияҳои қарзӣ аз тарафи Бонки марказӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва иҷтимоӣ, имконоти низоми молиявии кишварро густариш дода, ҳавасмандии ҷомеа ва ниҳодҳои тиҷоратӣ дар сармоягузории воситаҳои худиро ба иттиҳодияҳои қарзӣ бамаврид зиёд мегардонад, ки он дар навбати худ боиси ҷунбиши аҳолӣ ва ниҳодҳои тиҷоратӣ мегардад, ҳамчунин, воридшавии воситаҳои иловагиро ба минтақаҳои ниёзманд босуръат тезонида, сатҳи касбияти мутахассисони иттиҳодияҳои қарзиро тақвият медиҳад ва дар баробари он

масъулияти онҳоро ҷиҳати афзоиши натиҷаи молиявии фаъолияти муассиса зиёд мегардонад [6].

Таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар Тоҷикистон он қадар ба мақсад мувофиқ нест. Ҳукумат ва ниҳодҳои иқтисодии он аз кумакрасонӣ ба ин ташкилотҳо даст кашидаанд, дар баробари ин мавҷуд набудани пойгоҳи маҷмӯии қонунгузорӣ ба рушди ин бахш мусоидат нахоҳад кард. Ташкилотҳои қарзии хурде, ки дар кишвари мо фаъолият доранд, ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ нестанд, зеро тавре қаблан иброз доштем, ҳадафи асосии ин ташкилотҳо дар кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта набояд ба самти тиҷоратӣ ва гирифтани даромад нигаронида шавад, қабл аз ҳама, онҳо бояд дар баландбардории сатҳи иҷтимоии аҳолӣ таъсиргузор бошанд ва ба аҳолӣ ва соҳибкорони хурду миёна қарзҳои мақсадноки иҷтимоиро пешниҳод намуда, дастёри ин қишри ҷомеа бошанд. Аммо чунин ҳолатро дар низоми молиявии кишвар мушоҳида намудан ғайриимкон аст. Ба ҷуз аз ин, сатҳи инкишофи кооператсияи ташкилотҳои қарзӣ дар Тоҷикистон, дар байни кишварҳои пасошӯравӣ дар сатҳи пасттарин қарор дорад. Бояд иброз дошт, ки то инқилоби соли 1917 дар Россияи подшоҳӣ ва манотиқи мансуб ба он, махсусан Осиёи миёна, ташкилотҳои қарзии хурди гуногун мақсаднок ва самаранок фаъолият менамуданд, аз ҷумла дар деҳот ва манотиқи дурдаст. Онҳо воситаи асосии таъмини деҳқонон ва кишоварзон бо воситаҳои қарзӣ ба шумор мерафтанд. Аз ин хотир, омӯзиши таҷрибаи дохилӣ ва байналмилалӣ ҷиҳати рушди иттиҳодияҳои қарзии хурд ва умуман ташкилотҳои хурди қарзии гуногуншакл ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мутолиот нишон медиҳад, ки мушкилот дар мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани тафриқаҳо дар даромади гурӯҳҳои мухталиф бо кумаки абзори микромаблағгузорӣ натанҳо дар кишварҳои рӯ ба рушд, балки дар кишварҳои дар ҳоли рушд низ мубрам арзёбӣ мегардад. Ҳамон тавре ки медонед, як шарти ҳалли муваффақиятомез ин мушкилоти дастёбии баробар ба хизматрасониҳои молиявӣ барои ҳама гурӯҳи шаҳрвандон маҳсуб меёбад. Дар ҳоли ҳозир, дар пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон миқдори ТМХ ба таври назаррас нест ва теъдоди ками аҳолӣ аз хизматрасониҳои онҳо истифода менамоянд. Масалан, дар Британиёи Кабир тақрибан 1.5 миллион нафар аҳолии аз 20 - сола боло, умуман, аз суратҳисобҳои бонкӣ ва 7.8 миллион нафар шарҳрванд аз қарзҳои бонкӣ, умуман, истифода наменамоянд. Аммо дар кишварҳои сусттараққинамуда минтақаҳои алоҳида ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасӣ надоранд. Ҳукумати ин кишварҳо бошанд, ҷиҳати таъсиси муассисаҳои молиявӣ чораандешӣ наменамоянд. Бинобар ин, муштарии ТМХ метавонад ҳамчун субъект дар назар гирифта шавад, агар дорои як қатор теъдоди хусусиятҳои хос бошад: сатҳи даромад зери як остонаи мушаххас барои иқтисоди миллӣ, мавҷудияти дороиҳои тавлидӣ.

Маблағгузории хурд дар соҳои 1970 -1980 бо суръати баланд рушд ёфт. Маҳз дар ҳамон давра ташкилотҳои ғайридавлатӣ барпо шуданд, ки ба табақоти камбизоат қарзҳои хурдро пешкаш менамуданд. Дар солҳои 90-ум бархе аз ин муассисаҳо ба муассисоти қарзӣ мубаддал шуданд ва ҳуқуқи ҷалб намудани маблағҳои муштариёнро пайдо намуданд. Таҷриба нишон медиҳад, ки муассисаҳои махсусгардонидашудаи маблағгузории хурд бо бонкҳои анъанавии чакана дар натиҷаи сарфаҷӯии миқёсӣ ва чандирии шароити хизматрасонӣ қобилияти рақобат намуданро доранд. Аз ин лиҳоз, чун қоида соҳибкорони хурд барои анҷоми фаъолиятҳои худ ба муассисаҳои хурди қарздиҳанда ниёз доранд, зеро барои ин навъ фаъолиятҳои иқтисодӣ, маъмулан, маблағҳои хурд зарур аст ва шароити судури қарзҳои хурд бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои тиҷорати хурд муайян мегардад. Дар айни ҳол, кор ва мудирият аксар вақт ба дӯши соҳибкори инфиродӣ ва ё соҳибкори хурд вогузор карда шудаанд. Соҳибкори хурд одатан ё мустақиман фаъолият менамояд ва ё афроди ба худ наздикро ҷалб менамояд. Бинобар ин, дар ибтидо чунин тиҷорат ҳатто бақайдгирии расмиро талаб намекунад, он асосан дар шакли соҳибкории инфиродӣ амал мекунад. Талабот доир ба идоракунӣ ва ҳисобот ниҳоят одӣ ва сода мебошад. Бисёре аз соҳибкорони хурд ба таври ғайрирасмӣ, бидуни иҷозатнома ва сабти расмии фаъолият ё даромади худ кору фаъолият менамоянд. Доираи фаъолиятҳои иқтисодии ширкатҳои хурд маъмулан шомили кишоварзӣ, тавлиди аввалия, хизматрасонӣ, сохту соз, тиҷорат ва фаровари маҳсулоти кишоварзист.

Бо мақсади тақвияти амалкардҳои низоми қарзӣ ва бо назардошти ноустувории бахши ғайрибонкӣ, алалхусус, бо кумаки давлат ва институтҳои марбут ба он пешниҳоди фазо ва шароити мусоид барои таъсис ва фаъолияти воқеии ташкилотҳои қарзии хурд ва ҳамчунин кооператсияи онҳо зарур арзёбӣ мегардад. Чунин иқдомҳо ба вусъатёбии рақобат дар самти қарздиҳӣ байни бонкҳо ва бахши ғайрибонкӣ мусоидат намуда, он дар навбати худ дар коҳишёбии арзиши воситаҳои қарзӣ барои қарзгирандагон боис мегардад. Рушди бахши ғайрибонкӣ имконоти ҷалби бештари пасандозҳоро ба миён оварда, дар баробари ин, ба афзоиши ҳисоббаробаркуниҳо ва хизматрасониҳои қарзӣ бе ҷалби бонкҳо оварда мерасонад, ки он барои соҳибкорони хурду миёна ва умуман хонаводаҳо пешомади хуб дорад.

Ҷанбаи захиравӣ: бояд қайд намуд, ки маҳз бонкҳо дорои воситаҳои пулии зиёд буда, иқтидори расонидани хизматрасониҳои мухталиф, аз ҷумла қарздиҳии хурдро доранд, аммо онҳо ин бозорро номуносиб, бисёр пурхатар ва пурхарҷ мепиндоранд. Пешбиниҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат нишон медиҳанд, ки барои фаъол шудани бонкҳо дар ин самти фаъолияти иқтисодӣ фурсати каме боқӣ мондааст. Дар ин самт тавсия мешавад, ки таҷрибаи байналмилалии қарздиҳии бонкӣ ба таври систематикӣ мутолиа шавад. Ҳамчунин, масъалаи ҳимояи молиявии ташкилотҳои хурди қарзиро аз тарафи давлат ба унвони иштирокчиёни махсуси низоми қарзӣ бояд таҷдиди назар кард, то иҷрои аҳдофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ таъмин карда шавад.

Ҷанбаи инфрасохторӣ; ба таври амиқ наметавон натиҷа гирифт, ки инфрасохтори хизматрасонии молиявӣ дар бахши қарздиҳии хурд ва дар самти марбут ба хизматрасониҳо вуҷуд дорад, зеро парокандагии бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, ки хоси низомҳои ноустувор ва махсусан низоми нисбатан кӯчаки ҷумҳурии мо мебошад, ба рушди инфрасохтори муосири молиявӣ монеаҳо эҷод менамояд. Ташкилотҳои қарзии хурд аз назари методологӣ ва стандартҳои фаъолият пароканда буда, бахшҳои бозор аз назари мизони фаъолият қобили муқоиса нестанд. Тамоми ташкилотҳои хурди қарзӣ ба таври мустақим ба қарзгирандагон хизмат мерасонанд ва дар сатҳи аввалия фаъолият менамоянд. Ҳамоҳангӣ ва рушди муттафиқонаи бахш дар умум метавонад ба ташаккули институти устувори зинаи дуюми бонкӣ мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Буев В.П. Принципы, опыт и перспективы взаимодействия банков и небанковских микрофинансовых организаций в России (резюме итогового доклада по исследованию) / В.П. Буев и др.; под ред. Шестоперова О.М. – М., 2004. – 20с.
2. Васильева Е.В. Общество взаимного кредита как институт микрофинансирования / Е.В. Васильева // Аудит и финансовый анализ. – 2007. – № 2. – С. 294-314.
3. Балтаджян Г.А. Развитие небанковских кредитных услуг предприятиям малого бизнеса / Г.А. Балтаджян // Финансы и кредит. – 2012. – № 5. – С. 48-51.
4. Михайлова Н.В. Развитие микрофинансирования в России / Н.В. Михайлова // Сборник научных трудов.. “Роль и место цивилизованного предпринимательства в экономике России” Вып. XXI. Ред. В.С.Балабанов. – М.: -2009. – 286 с.
5. Маковецкая Н. Кассы взаимопомощи / Н. Маковецкая // Прямые инвестиции. – 2008. – № 5. – С. 45-56.
6. Махшулов С.Ҷ. Қарзҳои бонкӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми молиявии захираҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ / С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, -Душанбе, -2018.– №11.– С. 6
7. Панаедова Г.И. К вопросу о формировании на Российском рынке системы микрофинансирования / Г.И. Панаедова // Финансы и кредит. – 2009. – № 15. – С. 2-6.
8. Чаянов А.В. Основные идеи и формы организации сельскохозяйственной кооперации / А.В. Чаянов // Избранные труды. – М., 1993.
9. Кульматова Р.У. Микрофинансирование в странах с переходной экономикой: Опыт и практика деятельности кредитных союзов в Кыргызской Республике / Р.У. Кульматова // Финансы и кредит. – 2008. – № 33. – С. 69-77.

УДК: 338.514 (575.3)

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФОИЗҲОИ БОНКӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ

***Ҷумаев Исматулло Қурбонович*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 987230808. E-mail: isma****tjuma1990@mail.ru*

***Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон ба масъалаҳои муҳимтарини назариявии ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ки тавассути фоизҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ ифода меёбанд, таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, ҷузъиёти илмии ин масъаларо бо дарназардошти андешаҳои гуногуни олимони соҳаи иқтисодиёт арзёбӣ намудаанд. Ҳамчунин, гурӯҳбандии равандҳо ва муносибатҳое, ки сатҳи онҳоро меъёрҳои гуногуни фоиз ифода менамояд, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар мақола фарзиёт ва ҷузъиёти асосии моҳияти иқтисодию иҷтимоии фоиз, махсусан, фоизи қарзҳои бонкӣ, ки ҳамчун муаммои доимист, мавриди таҳқиқи назариявӣ қарор гирифтааст.*

*Аз ҳамин лиҳоз, барои мушаххасоти пурраи ин масъала муаллифон ҷузъиёти бештари гурӯҳбандии фоизҳои бонкиро бо шаклу намудҳои он, ки дар доираи амалиёти гуногун ифода ёфтаанд, мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати фоизӣ, меъёр, захираҳо, меъёри захираҳо, муносибатҳои пулӣ, сармоя, фоизи ҳақиқӣ, тақсимоти сармоя, самаранокӣ, тақсими фоида, даромад, пардохт, сармоягузорӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ БАНКОВСКИХ ПРОЦЕНТНЫХ СТАВОК В ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

***Джумаев Исматулло Курбонович*** *- ассистент кафедра банковского дельо Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: 987230808. Электронная почта: ismatjuma1990@mail.ru*

***Махшулов Саидхуджа Джумъаевич*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: 918563308. Электронная почта: saidhuja1986@mail.ru.*

*В данной статье авторы проводят исследование важнейших теоретических вопросов формирования и развития экономических отношений, выраженных в разном процентном соотношении операций и услуг, и дают оценку научных деталей этой проблемы с учетом мнений различных экономистов. Также подробно рассматривается классификация процессов и отношений, уровень которых выражается разными процентными ставками. В статье предположения и основные детали социально-экономической природы процентов, особенно процентов по банковским кредитам, что является постоянной проблемой, являются предметом теоретического исследования.*

*Поэтому для полной детализации данного вопроса авторы изучили детали классификации банковских интересов по их формам и типам, выраженным в контексте различных операций.*

***Ключевые слова:*** *процентная политика, ставки, резервы, норматив резервов, денежные отношения, капитал, реальная прибыль, распределение капитала, эффективность, распределение прибыли, доход, платеж, инвестиции.*

## THEORETICAL BASIS OF BANKING INTEREST RATES IN ECONOMIC RELATIONS

***Dzhumaev Ismatullo Yurbonovich*** *- Assistant, Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, u. Nakhimov 64/14. Tel.: 987230808. E-mail: ismatjuma1990@mail.ru*

***Makhshulov Saidkhuja Dzhumayevich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address:*

*734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, K. Nakhimov 64/14. Tel.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

*In this article, the author conducts a study of the most important theoretical issues of the formation and development of economic relations, expressed in different percentages of operations and services, and evaluates the scientific details of this problem, taking into account the opinions of various economists. The classification of processes and relationships, the level of which is expressed by different interest rates, is also discussed in detail. In the article, the assumptions and basic details of the socio-economic nature of interest, especially interest on bank loans, which is an ongoing problem, are the subject of theoretical research.*

*Therefore, to fully detail this issue, the author studied the details of the classification of banking interests by their forms and types, expressed in the context of various transactions.*

***Key words:*** *interest rate policy, rates, reserves, reserve ratio, monetary relations, capital, real profit, capital allocation, efficiency, profit distribution, income, payment, investments.*

Дар қатори маъмултарин фарзиёти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ифодаи мантиқии нишондиҳандаи сатҳи даромаднокӣ аз ҳисоби ягон амали мақсаднок мебошад, бо фоиз ифода карда мешавад. Дар аксар маврид фоиз ин ҳаҷми зарурӣ ва меъёрии амалиётҳои анҷомдодашуда дар шакли фоида мебошад. Аз таҳқиқи маълумотҳои олимони илми иқтисодӣ гуфтан мумкин аст, ки фоиз ин ҳисса ё иловапулӣ аз тамоми шаклҳои фаъолият мебошад. Дар ҷомеаи иқтисодӣ фоиз бештар ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳо ва дигар муассисаҳои ба инҳо баробар маъруф гаштааст.

Гуфтан мумкин аст, ки фоизи бонкӣ яке аз қадимтарин ихтирооти муҳими инсоният дар сатҳи муносибатҳои молиявӣ мебошад, аммо ба маънои муосир ва дақиқтар, фоизи бонк аз усулҳои қадимии ҷараёни пардохт ҳангоми хариду фурӯши мол бе бонк ба куллӣ фарқ мекунад. Чӣ тавре ки маълумотҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, дар замоне ки пул ва муносибатҳои пулӣ ҳанӯз ихтироъ нашуда буданд, инсон аллакай усулҳои муносибатҳои бозаргониро бо нишон додани иқтидори бештар ва асл истифода мебурд, ки чунин фоида дар ҳамон давра ба мубодила монанд буд.

Ба андешаи П.А. Продолятченко фоизи бонкӣ категорияи иқтисодии ҳосилшудаи аз фоизи қарз буда, танҳо муносибатҳои пулиро барои ҷамъоварии маблағҳои қарзӣ ва ҷойгиркунии захираҳои молиявии худӣ тавассути миёнаравӣ ифода менамояд. Фоизи бонк бояд ҳамчун даромади ташкилоти қарзӣ ҳисобида шавад, ки дар натиҷаи сафарбарсозии захираҳо ва истифодаи мақсадноки захираҳои молиявии ба тағйирёбии даромади бадастомадаи сармоя ба даст омада, як қисми пардохт барои имконияти истифодаи маблағҳои қарзӣ дар бонк мебошад [12].

Дар таҳқиқоти анҷомдода фоизи бонкро дар шакли зерин ифода намудаанд:

1. Фоиз ин ҳаққи аз ҷониби бонк барои қарзи дар шакли пул додашуда аст, ки барои истифодаи муваққатӣ пешбинӣ шуда, ситонида мешавад (фоизи қарзӣ, фоизи захираҳои пешниҳодшуда ва ғайра);

2. Фоиз ин як қисми пардохтест, ки бонк барои имконияти истифодаи маблағҳои ҷалбшуда медиҳад (фоизи амонат, фоизи захираҳои гирифташуда). Аз ҳамин лиҳоз, фоиз дар ҳар ду ҳолат дар шакли фоизи бонкӣ амал мекунад, ки онро ҳамчун нархи ҳуқуқи истифодаи муваққатии амалиётҳои тарафайни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даст меоранд.

Дар фаъолияти ташкилот фоиз ҳамчун омили ташкили муносибатҳои байни тарифҳои амалиёти бонкиро нишон дода, мундариҷаи он вобаста ба тарафҳо фарқ менамояд. Маъмулан дар сатҳи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ супорандаи фоизҳои бонкӣ, ки хусусияти ҳатмии супоридани фоизҳоро аз рӯи қарзҳо ва амонатҳо доранд, берун аз муносибатҳои қарзӣ ва амонатӣ низ вуҷуд дошта метавонанд.

Ҳамин аст, ки фоизи бонкӣ яке аз шаклҳои пешрафтаи фоизи қарзҳо ба ҳисоб рафта, ифодаи пулии фоидаи бадастомада аз ҳисоби қарзи додашуда мебошанд. Ҷараёни ба вуҷуд омадани фоиз дар ҳолате сурат мегирад, ки агар бонк ба сифати яке аз субъектҳои муносибатҳои қарзӣ баромад намояд. Фоиз як ҳиссаи муқарраршудаест, ки қарзгир ба қарздиҳанда аз ҳисоби фоидаи бадастомада пардохт мекунад ва ин маблағ ҳамчун «шакли ғайримуқаррарии нарх»-и сармояи қарзӣ муайян карда мешавад. Ин меъёрро қарзгиранда бар ивази истифодаи қарзи гирифташуда пардохт менамояд. Дар асл фоизҳои бадастомада

ин арзиши изофаи истифодаи маблағ мебошанд ва дар раванди истифодаи самаранок пайдо мешавад. Истифодаи сармояи қарзӣ ва тақсимоти фоидаи гирифташуда ин даромади соҳибкориест, ки қарзгиранда гирифтааст ва ин раванд ба талабот ва шартҳои гузошташуда бояд дуруст бошад [2].

Пешниҳодҳо дар бозори сармояи қарзӣ, ба ибораи дигар, метавон гуфт, ки манфиати муносибати байни қарздиҳанда ва қарзгиранда муносибати худро дар асоси фоизи муайяншуда ба роҳ мемонанд.

Дар ташаккули муносибатҳои қарзӣ ва қабули пасандозҳо фоиз метавонад вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- тақсимоти такрорӣ ин як қисми фоида дар байни корхонаҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ, ки ба манфиати ин ё он тарафҳо бо ёрии фоизҳо мебошад, ки асоси ташаккули даромади изофӣ ва фоидаи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ мебошад;

- иҷрои танзим - ба истеҳсолот тавассути тақсим кардани фонди қарзӣ дар байни соҳаҳои афзалиятнок, ки он ба фаъолияти корхонаҳо ва одамони алоҳида таъсир мерасонад;

- пасандозҳо ва фондҳои таъиноти гуногундошта - на танҳо андозаи ибтидоии захираҳои қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд, балки аз ҳисоби фарқияти фоидаи захираҳои ҷудошуда ва азхудшудаи амалиётҳо ва хизматрасониҳо низ меафзоянд.

Меъёри фоизӣ мувофиқи шартҳои мушаххаси истифодаи сармояи қарзӣ бо дарназардошти муҳлат ва сохтори дороиҳо, вобастагии онҳо муайян карда мешавад ва аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти сатҳи хавфҳо ва фоизи миёнаи имконпазир танзим карда мешавад. Дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ нархи амалиёт ва хизматрасониҳои онҳоро асосан фоиз меноманд. Зеро стратегияи нархгузории бонки тиҷоратӣ ин инъикоси сиёсати ҷалби захираҳои молиявӣ ва сиёсати ҷойгиркунии дороиҳои фоидаовар мебошад. Муносибатҳои байниҳамдигарӣ бояд тавре аён бошанд, ки онҳо тавонанд дар бораи маънои васеътари ягонагии ҳалношудаи «стратегия ва тактикаи бонк барои ҷалби захираҳои бозгашт ва сармоягузорӣ» [11] истифода гарданд. Дар сатҳи низоми бонкӣ хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкӣ метавонанд ба таври назаррас ва васеъ аз ҳамдигар бо як қатор меъёрҳои мушаххас фарқ кунанд. Пеш аз ҳама, афзалиятҳои сиёсати ташаккулёбии манбаъҳои ҷалби захираҳои пулию қарзӣ ва сиёсати сармоягузории онҳо интихоби усули муайян кардани нархи хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкиро пешакӣ муайян мекунанд.

Ҳамин масъаларо дар таҳқиқоти илмии худ ба шакли дигар иқтисодчӣ, профессор И.В. Липситс чунин баён мекунад: «Дар робита бо нархгузории бонкӣ, мо метавонем дар бораи ду усули асосӣ сухан ронем, ки ин аввал, раванди ба хароҷот нигаронидашуда ва дуюм, раванди ба арзиш нигаронидашуда» мебошад [9].

Дар дигар шакл нархи қарзро ҳамчун ифодаи фоиз, ки он як намуди қарз барои истифодаи муваққатӣ ҳамчун арзиши (сармояи қарзӣ) ифода мегардад. Якчанд намуди фоизи қарз мавҷуд аст, ки аз рӯи як қатор хусусиятҳо тасниф карда мешаванд, ба монанди шакли қарзӣ, муносибати қарзӣ, намуди муомила, шартҳои қарз ва ғайра [14].

Яке аз шаклҳои маъмули фоизи бонкӣ ин шакли пешрафтаи фоизи қарзҳо мебошад, ки дар он бонк яке аз субъектҳои муносибатҳои қарзӣ маҳсуб меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сатҳи фоизи бонкҳо дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ ба омилҳои макроиқтисодӣ, ки хоси ҳар як намуди фоизи қарз ва омилҳои ба бонк вобастабуда, ки асоси сиёсати махсуси фоизи бонкӣ мебошанд, муайян карда мешавад ва андозаи фоизҳо ё ворид кардани сармояи пулиро ба бозори дохилӣ аз бозорҳои асъории дигар кишварҳо ё баромади онро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ҷараёни ҳаракати сармояи пулӣ дар ин бозорҳо хеле баланд аст ва ҳаракати он дар байни бозорҳои гуногуни пулӣ дар ифодаи фоизҳо инъикос карда мешавад. Шарти техникии мувофиқат кардани меъёрҳои гуногуни фоизӣ ба ном сатҳи фоизҳо мебошад. Дар иқтисодиёт таркиб ва назарияи фоиз, ки ба муносибатҳои молиявию қарзӣ хос мебошад, гуногун мебошад, ки ифодаи онро пурра ҷадвали 1 нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1 - Ифодаи назарияи таркибии фоиз**[6]

| Номгӯи фоиз | Тафсири мантиқии таркиби фоиз |
|---|---|
| Фоизҳо | Даромадҳое, ки соҳибон дар ивази истифодаи амволи худ ё аз ҷониби дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мегиранд. |
| Маржаи фоизӣ | Маржаи фоизӣ ин фарқияти пардохти фоизи захираҳои ҷалбкардаи бонк ва он фоидаест, ки аз сармоягузорӣ кардани захираҳои озод ё мавҷудбуда ба қарзҳо ва дороиҳои дигар ба даст омадааст. |
| Фоизи шинокунанда | Ин фоизе мебошад, ки барои қарзҳои миёна ва дарозмуддат, ки ҳаҷми он дар тамоми давраи қарз муқаррар карда нашудааст, ифода карда мешавад. Чуноне ки дар таҷрибаи бонкӣ маъмул аст, давра ба давра бо фосилаи мувофиқагаштаи байни қарздиҳанда ва қарзгиранда инъикос карда мешавад. Даврае, ки дар давоми он меъёри фоиз бетағйир боқӣ мондааст, давраи фоизӣ номида мешавад. Ҳангоми истифодаи фоизи шинокунанда, фоизи қарзҳо ба зиммаи қарзгиранда гузошта мешавад. |
| Меъёри фоиз | Меъёри фоизӣ (меъёри фоизӣ) - нархи қарзи дар шакли нақд гирифташуда мебошад, ки дар робита бо таносуби даромади солона аз сармояи қарзӣ гирифта ба маблағи қарзи нақдӣ муайян карда мешавад. |
| Маҳдудиятҳои фоизӣ | Воситаи молиявие, ки ба опсияҳо монанд аст. Харидор мукофотро бар зарари он пардохт мекунад, ки аз ҳисоби зиёд шудани фоизи (масалан, қарзҳои гирифташуда) аз миқдори муқарраршуда ба амал меояд. Фурӯшанда зарари аз ҳисоби афзоиши фоизҳо ба вуқуъ омадани ҳодисаи муайянро ҷуброн мекунад. |
| Фоизи ҳадди ақал | Воситаи молиявие, ки ба опсияҳо монанд аст. Харидор барои муҳофизат аз зиён, ки ӯ ҳангоми сукути фоизҳо (масалан, қарзи бо фоизҳои шинокунанда додааш) камтар аз меъёри муқарраршуда медиҳад, мукофотпулӣ пардохт мекунад. Фурӯшанда зарари вобаста ба сукути фоидаро бо рух додани ҳолати мушаххас ҷуброн мекунад. |
| Меъёри бозтамвил | Меъёри бозтамвил - меъёри ҳадди ақалли фоизе, ки аз рӯи он Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ қарз медиҳад ё меъёри даромаде, ки тибқи он Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзии исломӣ қарз медиҳад (Қонун №1548 аз 3.08.18с.). |

**Таҳияи муаллифон.**

Вобаста ба гуногунии амалиёт ва хизматрасониҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ва берун аз он нишондиҳандаҳои меъёрии фоиз дар сатҳи гуногун вобаста ба хусусиятҳои хоси мол кор ва хизматрасонӣ арзёбӣ мегардад. Ташаккули рушди муносибатҳои молиявӣ дар шароити имрӯза аз нархи хизматрасонӣ ва меъёри фоизи амалиётҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад, зеро нархи хизматрасонӣ ва фоизи амалиёт ба сатҳи истеҳсолот ва талаботи ҷомеа таъсиррасон мебошад.

Аз нуктаи назари як қатор муттахасисони соҳаи иқтисодиёт, ба монанди Г.П. Назаренко, ба як қатор нуктаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд: якум, меъёри пасти фоизҳо ширкатҳо ва шахсони алоҳидаро барои сармоягузории бештар ба сармоя равандҳои ба рушди технологияҳо нигаронидашуда ташвиқ мекунад, ки сарфи назар аз давраи кӯтоҳмуддат, талаботи кориро дар сатҳи бекорӣ коҳиш медиҳад ва давомнокии давраи истеҳсолот афзоиш мёбад. Дуюм, як раванди ғайримантиқӣ, ки он дар маҷмуъ ҳамчун омили пазируфташудаи даромаднокии нисбатан баланди сармоягузоронро водор менамояд, ки сандуқи захиравии худро, ки ҳамчун дороиҳои хатарнок мебошанд, иқтисодиётро ба хавфи бештари ноустувории молиявӣ таҳдид кунанд [9].

Дар масъалаи мушаххасоти мафҳумҳо оиди фоиз ва меъёрҳое, ки ба амалиёт, хизматрасонӣ ва захираҳои бонкӣ марбут мебошанд, дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин шарҳ дода шудаанд:

1. Меъёри фоизи қарз – ифодаи фоизӣ мебошад, ки нисбат ба қарз барои давраи муайяни истифодабарии он муқаррар карда мешавад;

2. Маблағи фоизи қарз – маблағе, ки қарзгиранда ба ташкилот барои истифодабарии қарз барои як давраи муайян вобаста ба меъёри фоизи қарз пардохт менамояд;

3. Меъёри фоизии самараноки солона – ифодаи фоизие, ки бо назардошти пардохтҳои аз ҷониби муштарӣ барои хизматрасониҳои 2 қарз ба ташкилоти маблағгузории хурд (минбаъд-ташкилот) пардохташаванда ҳисоб карда мешавад. Меъёри фоизии самараноки солона меъёри фоизиро ба таври солона, дуруст, самаранок ва муқоисашаванда нишон медиҳад [3].

Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муайян намудани меъёри фоизҳои бонкӣ дар асоси талаботи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба сатҳи иқтисодиёти кишвар тавасути меъёри мақбул муайян карда мешавад. Меъёрҳои мақбул - меъёрҳои иқтисодие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ муқаррар гардида, риояи онҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад (Қонун №782 аз 26.12.11с.) [6].

Дар самти мазкур дуруст қайд гардидааст, ки меъёри фоизие, ки бонкҳои марказӣ муқаррар кардаанд, яке аз воситаҳои муҳим ҷиҳати татбиқи сиёсати иқтисодии дохилӣ ва хориҷие, ки тавассути он танзими фаъолияти бонкҳо арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, ба ҷуз ҷузъи асосии меъёрҳои муқаррагардидаи бозори пул меъёри тахфифи расмӣ ё меъёрҳои ҷорӣ мебошад, ки вобаста ба амалиётҳои Бонки марказӣ, ки ин меъёрҳо аксар вақт нисбат ба дигар қурбҳои бозори пул пасттаранд, амалӣ карда мешавад [2]. Вобаста ба риояи талаботи Бонки марказӣ дар самти нигоҳ доштани мувозинати бозори пулу қарз бонкҳои тиҷоратӣ меъёри фоизи амалиёт ва хизматрасониҳои худро дар асоси меъёрҳои тахфифӣ, ки бонкҳои марказии кишварҳояшон қабул кардаанд, муқаррар мекунанд. Вобаста ба манфиати бонкҳо ва риояи меъёри мустақилияти иқтисодӣ бонкҳои тиҷоратӣ меъёри фоизи қарзро аз рӯи имкониятҳои худ муайян менамоянд. Дар доираи фаъолияти бонкҳо ва аҳамияти захиравии онҳо фоизи пасандозҳои муштариёни дар сохтори нархи дигар амалиёту хизматрасониҳои бонк аҳамияти калон доранд. Фоизҳое, ки бонкҳо ба мизоҷони худ аз ҳисоби ҷалби маблағҳои муваққатан озод ва дигар маблағҳо месупоранд, ҳамеша аз фоизи амалиётҳои пешниҳодгардида камтаранд. Дар масъалаи муайян кардани меъёри фоизи қарзи додашуда ё муқаррароти меъёри фоизи амалиёт ва хизматрасонии бонкӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд.

Нуқтаи асосӣ дар изҳороти дар боло овардашудаи Адам Смит фоизҳоро ҳамчун натиҷаи тақсимоти даромади қарз тавсиф мекунад. Маҳз дар ин сурат классик мазмуни асосии масъалаи даромад ва фоизро муайян мекунад. Мувофиқи ин, А.Смит дар бораи хусусияти тақсимоти фоизҳо ба хулоса омад ва шарҳи мавҷудияти онро пайдо карда муносибати пардохти қарз аз рӯи шартҳои он табиатан одилона аст, зеро онҳо ба ҳамдигар фоидаоваранд.

Дар назарияи А.Смит муҳим аст, ки вобастагии фоизҳо ба боигарии ҷомеа, на танҳо дар сатҳи мустақим, балки баръакс низ мебошад. Ин хулосаро А.Смит бидуни ягон далели иловагӣ баровардааст ва ба назар хеле ғайричашмдошт менамояд: агар истифодаи онҳо камтар фоидаовар бошад, ба онҳо камтар арзон хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки мутобиқи тағйирёбии қурби маъмулии бозор дар як кишвари муайян, фоидаҳои муқаррарии капитал низ бояд тағйир ёбанд - бо кам шудани меъёр, он кам ва афзоиш меёбад [14].

Ҳамин тариқ, Д.Рикардо фоидаро бо арзиши сармояи истеъмолшуда, аз ҷумла сармояи қарзӣ мутаносиб донист, ки ин қисми сармоя, инчунин, қисми махсуси фоидаро ташкил медиҳад, ки баъдтар мавзуи тақсимоти сармояи қарзӣ ба соҳибкор ҳамчун сармояи иловагӣ ифода менамояд [12]. Ҳамзамон, Д.Рикардо таъкид менамояд, ки тағйирёбии фоизҳо зери таъсири ин омилҳо ҳамеша муваққатист. Дар робита ба таъсири ҳалкунанда

ба меъёри фоизӣ, Д.Рикардо ба мавқеи андешаи А.Смит устувор монд. Қайд менамоям, ки дар ниҳоят меъёри фоизҳо танҳо дар асоси «Меъёри фоидаи сармоягузорӣ» танзим мешавад ва комилан аз ҳаҷм ё арзиши пул вобастаанд [12].

Дар доираи андешаи мутафаккирони соҳа қайд кардан бамаврид аст, ки андоза ва муҳлати пардохти (ситонидани) фоизи қарз вобаста ба ҳаҷми қарзи додашуда ва муҳлати баргардонидани он муқаррар карда мешавад. Шартҳои тағйирёбии фоизи қарз ҳангоми дигар шудани вазъи макроиктисодӣ (сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил ва меъёри захираҳои ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон, вобаста аз тағйирёбии меъёри байналмилалии фоизӣ (LIBOR ё FIBOR), инчунин, андозаи ҷарима барои сари вақт напардохтани он мумкин аст дар шартномаи қарзӣ пешбинӣ карда шаванд.

Дар ифодаи мантиқии назарияи А.Смит оид ба нарх ва фоиз К.Маркс, инчунин, боварӣ дошт, ки фоизҳо қисми фоидае мебошанд, ки аз ҳисоби пул ба даст меоянд ва он ба гардиши сармоя дар дасти қарзгиранда табдил меёбад. Ба тариқи дигар, фоизҳо як қисми фоизи миёнае мебошанд, ки дар натиҷаи интиқол барои истифодаи муваққатии арзиши иловашудаи қарзӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз ин рӯ, меъёри фоизҳо дар ҳар як кишвар дар вақти дилхоҳ, ба андозаи муқарраршуда муайян карда мешавад, ки инро дар бораи ҳиссаи миёнаи фоиз гуфтан мумкин нест. Ҳамчун арзиши воқеии додашуда дар сатҳи зарурӣ ҳеҷ гоҳ вуҷуд надорад ва ҳар як давлати мушаххас дар вақти муайян фоизи гуногун ташкил карда мешаванд, ки танҳо ба андозаи миёна наздиктар мешаванд. Хусусияти дохилии фоизи миёнаро на муътадилии беруна, балки он ифода мекунад, ки ҳамчун маркази амал, ки бо тағйирёбии фоизи воқеӣ дода мешавад.

Ба меъёрҳои фоизӣ омилҳои истеҳсолӣ ва ҳатто ғайрииқтисодӣ таъсири назаррас мерасонанд. Ҳамин тариқ, дар ҳар як давлати муайян дар вақти пешниҳод, арзиши пешакии фоизи муайяншуда, ҳамзамон, номаълум аст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари назария ва пешниҳодҳои олимони варзида ва таҳқиқоти анҷомдодашуда саҳми ниҳоӣ дар рушди мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ аз ҷониби Ҷон Стюарт Мил оиди нарх ва фоиз гузошта шудааст. Пеш аз ӯ, тадқиқот дар сатҳи микроиқтисодӣ равона шуда буд ва сатҳи макро ҳамчун як самти мушаххаси тадқиқот намоён набуд. Натиҷаҳои таҳқиқоти пешгузаштагонро ҷамъбаст намуда, Ҷ.С. Мил аввалин модели макроиқтисодиро таҳия кард (пас аз Ф. Коснай) ва таносуби ҳаҷми маҳсулоти миллӣ ва омилҳои асосии эҷоди онро тавсиф кард, ки дар анъанаи сиёсии классикии иқтисодиёт маънои раванди сармояро дошт. Барои таҳлили ин муносибатҳо, Ҷ.С. Мил дар модели худ се бозор - бозори мол, бозори меҳнат ва бозори сармоя ва ду бахши иқтисод - бахши аввалия (кишоварзӣ ва истихроҷ) ва бахши дувум истеҳсолотро дар модели худ таҷассум намуд.

Дар идома додани таҳлили таносуби фоизҳо, сармоягузорӣ, самаранокии ҳадди ақали сармоя ва талабот ба сармоя ва қарзҳо, Ҷ.М. Кейнс чунин хулоса мекунад: «Ҳарчанд қувваҳое мавҷуданд, ки дар доираи онҳо арзиши сармоягузорӣ меафзояд ё кам мешавад, бар замми ин, баробарии самаранокии ҳудуди сармоя ва меъёри фоизӣ низ меафзояд, аммо самаранокии ҳадди ақали сармоя, ки худ ба худ гирифта мешавад, бо меъёри фоиз умуман бартарӣ надорад. Қайд кардан бамаврид аст, диаграммаи ҳосилнокии ҳадди ақали сармоя шартест, ки талабот ба сармояи қарзӣ барои сармоягузории нав муайян карда мешавад, дар ҳоле ки меъёри фоизӣ шартҳои муқарраркардаи ин маблағҳоро муайян мекунад [5]. Аз ин рӯ, меъёри фоизҳо шароити сармояи пулиро муаррифӣ мекунад ва шароити пешниҳоди талабот ба сармояро аз рӯи арзиш муайян кардан мумкин аст. Агар фоидаи ҳадди ақали сармоя ба самаранокии тағйирёбии ҳаҷми ниҳоии сармоягузорӣ бо суръати каме мувозинат таъсир расонад, дар ин маврид ҳар яки онҳо ба таври ҷудогона яксон нестанд.

Ҳангоми таҳлили назарияи фоизҳо, касе наметавонад муаллифи формулаи мусбати сатҳи таваррумро, ки дар ҳама китобҳои дарсии пул ва бонкӣ оварда шудааст, аз ҷониби математик, оморшинос, соҳибкор, ислоҳотхоҳи амрикоӣ ва ҳамзамон як олим-иқтисоддони барҷаста омӯзад, қайд намудааст А.Фишер.

Ҳамзамон, дар китоби худ А.Фишер назарияи манфиатҳо, мафҳумҳои «имконияти сармоягузорӣ» ва «бетоқатӣ» -ро ҳамчун маҳаки асосии консепсияи худ муаррифӣ кард.

Даромад аз дороиҳои асосӣ танҳо сармоя барои даромади оянда мебошад ва аз ин рӯ, А.Фишер онро ҳамчун даромади давраи ҷорӣ ҳисоб намекард. Дар муайян намудани фоиз ӯ бо хулосаи аввал бо маҷмӯи тахминҳо такя намуд.

А.Фишер қайд менамояд, ки марҳила бетоқатӣ буд, ё афзалияти мол ҳоло, дуюм ҳосилнокӣ ва сеюм унсурҳои хавф ин ҳама номуайянӣ буд. Барои муқаррар кардани меъёри фоизӣ, меъёрҳои имтиёзноки ҳадди ақал барои вақт ё бетоқатӣ ва «даромади кам нисбат ба арзиш», ё ҳосилнокӣ (наздик ба ҳосилнокии меҳнатии ҳадди ақали меҳнат) бояд баробар бошанд. Нақшаҳои анъанавии ҷорӣ ва ояндаи А.Фишерро ҳамчун равандҳои имтиёзнок тафсир кардан мумкин аст, ки дар онҳо хатҳои фоизҳо бурида мешаванд, то ҳаракат ба сӯи нуқтаи тамос тақрибан миқдори ниҳоии ҷараёни даромадро ифода кунад [5, с. 18].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар масъалаи фоиз ва фарзиётҳои асосии он дар ҷомеаи илмӣ аз тарафи олимон ва мутахассисони соҳа баҳои якхела додашуда масъалаҳои арзёбигардида дар ин масъала мақсади ягона доранд. Зарурати ифшои асосҳои иқтисодии ин масъаларо пурра дар сатҳи фаъолияти бонкӣ ва муассисаҳое, ки бо пул сару кор доранд, дидан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. Богомолов С.М. Банковский процент: методология и механизмы формирования и использования: дисс. на соис. к.э.н. /С.М. Богомолов. –С.56
2. Горелая Н.В. Коммерческие банки: модели и информационные технологии в процедурах принятия решений: учебное пособие / Н. В. Горелая. - М.: ИД «ФОРУМ» — ИНФРА-М, 2012. – 208 с.
3. Дастурамали № 199 «Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд». Бо Қарори Раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти Бонки миллии Тоҷикистон №705 аз 28 феврали соли 2013 аз “29” ноябри соли 2012, №308 ба қайд гирифта шудааст. – С. 4.
4. Жаботинская Е. И. Экономика и банковский сектор / Е.И.Жаботинская // Деньги и кредит. – 2016. - № 2. – С.27-31.
5. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. - М.: Прогресс, 1978.-960с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ». ш.Душанбе, 19 майи соли 2009 №524. С. 3
7. Лаврушин О.И. Банковское дело/ О.И. Лаврушин. - 3-с изд., перераб. и доп. — М. : Кнорус, 2009. — 352 с.
8. Липсиц И. В. Ценообразование и маркетинг в коммерческом банке: Учеб. пособие. / И. В. Липсиц. - М.: Экономистъ, - 2004. – 124с.
9. Назаренко Г.П. Кризис ссудного процента как одна из проблем современной экономики/Г.П. Назаренко//Символ науки. - 2016. - №11. - С. 120-129.
10. Панова Г. С. Кредитная политика коммерческого банка / Г. С. Панова. -М.: ИКЦ «ДИС», 1997. – 464с.
11. Продолятченко П.А. О роли банковского процента при формировании привлеченных ресурсов кредитной организации.\ Продолятченко П.А. //Дискуссия. – 2012. - № 2 (20). – С. 72-80
12. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Сочинения. Том 1. /Д. Рикардо - М.:Век, 1995. – 369с.
13. Румянцева Е.Е. Новоя экономическая энциклопедия. Четвертое издание. Москва. ИНФРА. 2011- 537с.
14. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А.Смит [Вступ. статья и коммент. канд. экон. наук В. С. Афанасьева]. - Москва : Соцэкгиз, 1962. - 684 с.


**УДК: 338.514 (575.3)**

# БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

***Ҷумаев Шаҳбоз Мирзосаидович -*** *ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Суроға: 734055 Ҷумҳурии*

*Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5. Телефон: +992 935690908. Email:* Shahboz-j91@mail.bk.

*Дар мақолаи мазкур асосҳои сохторӣ ва ташкилии бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва таснифоти он дар замони муосир дарҷ ёфтааст. Инчунин, доир ба нақш ва мақоми бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ таҳлилҳо гузаронида шуда, барои боз ҳам мукаммалгардонии он тавсияҳои назаррас пешниҳод гардидааст.*

*Аз таҳлил ва омӯзиши вазъи имрӯзаи ҳолати иқтисодиёти мамлакат бармеояд, ки нақши бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар рушди ҳамаҷонибаи бахшҳои иқтисоди миллӣ назаррас мебошад. Ҳамчунин, натиҷаҳои корҳои омӯзишию таҳлилии муаллиф дар ин самт нишон медиҳанд, ки моҳияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун механизми асосии рушди иқтисодӣ ва омили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дуруст тавсиф нагардидааст. Бинобар ин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бартариятҳои бозори хизматрасониҳои молиявиро барои таъмини рушди муътадили иқтисоди миллӣ пешниҳод намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасониҳои молиявӣ, хавфи молиявӣ, зерсохтори бозори молиявӣ, бозори асъор, бозори сугурта, бозори когазҳои қиматнок, бехатарии молиявӣ, идоракунии молиявӣ, шартномаҳои фючерсӣ, азнавсугуртакунӣ, кафолат, пардохтпазирӣ, сегментатсия, биржа, соҳибкории молиявӣ, боварии иқтисодӣ.*

## РЫНОК ФИНАНСОВЫХ УСЛУГ И ЕГО КЛАССИФИКАЦИЯ В КОНТЕКСТЕ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

***Джумаев Шахбоз Мирзосаидович*** - *ассистент кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности Института туризма, предпринимательства и сервиса. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: 935690908. E-mail:*Shahboz-j91@mail.bk.

*В статье описываются структурные и организационные основы рынка финансовых услуг, дана его характеристика и классификация в современном мире. Также был проведен анализ роли и состояния рынка финансовых услуг в контексте рыночных отношений и даны важные рекомендации по его дальнейшему совершенствованию.*

*Анализ и исследование состояния экономики страны в настоящее время показал, что рынок финансовых услуг занимает одно из важнейших мест среди многих отраслей экономики. Также, результаты исследования и анализ проведенный автором в данном направлении показал, что сущность рынка финансовых услуг как основной механизм экономического роста и как фактор повышения уровня населения не нашел должного внимания. В связи с этим, автор данного исследования постарался показать отрицательные стороны рынка финансовых услуг и пути их устранения.*

***Ключевые слова:*** *финансовые услуги, финансовый риск, инфраструктура финансового рынка, валютный рынок, страховой рынок, рынок ценных бумаг, финансовая безопасность, управление финансами, фьючерские договора, перестрахование, гарантия, платёжеспособность, сегментация, биржа, финансовое предпринимательство, экономическая надежность.*

## THE FINANCIAL SERVICES MARKET AND ITS CLASSIFICATION IN THE CONTEXT OF THE MODERN ECONOMY

***Jumaev Shahboz Mirzosaidovich*** - *the aassistants of the department of «Economic theory and entrepreneurship» of the Institute of tourism, entrepreneurship and services. Address: 734055 Republic of Tajikistan. Dushanbe, str. Borbad 48/5,* Shahboz-j91@mail.bk. *Tel: 935690908.*

*The article describes the structural and organizational foundations of the financial services market, gives its characteristics and classification in the modern world. Also, the analysis of the role and state of the financial services market in the context of market relations was carried out and important recommendations were given for its further improvement.*

*Analysis and research of the state of the country's economy has shown that the financial services market occupies one of the most important places among many sectors of the economy. Also, the results of the research and the analysis carried out by the author in this direction showed that the essence of the financial services market as the main mechanism of economic growth and as a factor in*

*increasing the level of the population did not find due attention. In this regard, the author of this study tried to show the negative aspects of the financial services market and ways to eliminate them.*

***Key words:** financial services, financial risk, financial market infrastructure, foreign exchange market, insurance market, stocks and bonds market, financial security, financial management, futures contracts, reinsurance, guarantee, solvency, segmentation, stock exchange, financial entrepreneurship, economic reliability.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ нақш ва аҳамияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин замина низ талаботи ҷомеа нисбат ба хизматрасониҳои молиявӣ афзоиш ёфта истодааст.

Иқтисодиёт басо илми мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва хулосабарории ҳар як ҷанбаи он дар алоҳидагӣ роҳи расидан ба мақсади худро дорад.

Бозори хизматрасониҳои молиявӣ яке аз фишангҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, тамоми муаммоҳои ҷойдоштаро дар дигар қисмҳои низоми молиявӣ ҳал менамояд. Аммо ин дар ҳоле ба иқтисодиёт таъсири худро расонида метавонад, ки дорои инфрасохтори мукаммал бошад. Рушди нобаробари қисматҳои инфрасохтори бозор, мавҷуд набудани ягонагии системавӣ дар байни қисматҳои инфрасохтори бозор барои таҳлилу хулосабарориҳо ва муайянкунии модели самараноки рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ мушкилот эҷод мекунад, ки ин бевосита дар замони муосир равшан ба чашм мерасад.

Ҳарчанд ки омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологии бозори хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби олимони хориҷию (Л.И. Абалкина, Г.А. Абдусамадова, Т.Б. Бердникова, И. Валенцева, В.А. Галанова, В.В. Глущенко, А.Г. Грязнова) ватанӣ (А. Ҷабборов, Т.Н. Назарова, Р.К. Раҷабов, З.А. Раҳимов, Ш.М. Раҳимзода, Б. Тағоев ва ғайра) зери таҳлил қарор дода шуда бошанд ҳам, бисёр муаммоҳои рушди нобаробари инфрасохтори бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон таҳия нагардидааст ва ё ба таври мушаххас омӯхта нашудаанд, аз ин рӯ, таҳқиқоти минбаъдаи илмиро тақозо менамояд.

Амалӣ намудани муносибатҳои молиявӣ ба воситаи бозори хизматрасониҳои молиявӣ сурат мегирад, ки дар амалисозии он ҳамаи унсурҳои механизми бозори молия ба таври фаъол иштирок менамоянд.

Бозори хизматрасониҳои молиявӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиест, ки байни иштирокчиёни он дар ташаккули талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳо вобаста ба дороиҳои молиявӣ, доираи фаъолияти иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои молиявӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи тарафайн роҳандозӣ карда мешавад [2, с. 440].

Нақш ва аҳамияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар он аст, ки муносибати байни субъектҳои иқтисодиро вобаста ба масъалаҳои молиявӣ мепайвандад. Бозори хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин, барои муттаҳид кардани онҳое, ки сармоя меҷӯянд ва онҳое, ки сармоя доранд, хизмат мекунад. Дар ин замина, бозори молиявӣ дорои чунин бартариҳо мебошад (нигаред ба расми 1).

**Ҷамъоварӣ ва афзоиши сармоя**
Ин бартарӣ дар он ифода меёбад, ки маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи иқтисодиёт самаранок истифода бурда шаванд.

→

**Таҳвил ва идоракунии хавфҳо**
Дар ин ҷо доираи васеи муносибатҳои молиявӣ ба хотири он зери таҳлил қарор дода мешаванд, ки ҳамаи омилҳои таъсиркунанда ба муносибатҳои молиявӣ муайян гарданд ва хавфҳои он дуруст баҳо дода шаванд.

→

**Савдои байналхалқӣ дар бозори асъор**
Дар шароити муосир ворид шудан ба бозори байналхалқии асъор яке аз фишангҳои асосии васеъ намудани доираи муносибатҳои бозори хизматрасониҳои молиявии ватанӣ ба бозори сармояи ҷаҳонӣ мебошад.

***Расми 1. - Бартариятҳои бозори хизматрасониҳои молиявӣ***
*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мафҳуми «хизмати молиявӣ» ҳамчун маҳаки асосӣ истифода бурда мешавад, ки он

унсурҳои зеринро дар бар мегирад: суғурта (аз ҷумла, азнавсуғуртакунӣ), хизматрасонии бонкӣ, лизинги молиявӣ, кафолат ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, хариду фурӯш бо металлҳои қиматбаҳо ва воситаҳои молиявӣ, иштирок дар ҳама намуди хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, идоракунии дороиҳои молиявӣ, интиқол ва коркарди маълумоти молиявӣ, аз ҷумла таъминоти барномавӣ, машварати молиявӣ, миёнаравӣ ва дигар хизматрасониҳо барои ҳама намуди фаъолияти молиявӣ пешниҳод менамояд. Мафҳуми хизмати молиявӣ дар он ифода меёбад, ки он шаклҳои мушаххаси ташкили ҳаракати захираҳои молиявиро ба воситаи фишангҳои молиявию қарзӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ инъикос мекунад [7, с. 36].

Вобаста ба гуфтаҳои боло, сохтори бозори молиявиро ҳамчун муттаҳидкунандаи хизматрасониҳои молиявӣ чунин тасвир намудан ба мақсад мувофиқ мебошад (нигаред ба расми 2).




**Расми 2. - Сохтори бозори хизматрасониҳои молиявӣ**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асосии маълумотҳои сомонаи* www.fx96.ru. *Финансовый рынок ценных бумаг. 12.11.2014.*

Тавре аз расм бармеояд, доираи фаъолияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ васеъ буда, дар инфрасохтори он амалиётҳои иқтисодӣ дар алоҳидагӣ анҷом дода мешаванд. Сохтори бозори хизматрасониҳои молиявие, ки дар боло дарҷ ёфтааст, таносуби ҷузъҳои объекти омӯзишро инъикос мекунад. Оид ба бозори хизматрасониҳои молиявӣ мо бо таҳлили бозорҳои мухталиф, бо муайян кардани ҳаҷми хизматрасониҳои молиявие, ки дар онҳо фурӯхта мешаванд, хусусиятҳои пешкаши онҳо дар бозорҳои муайян, қобилияти харидорӣ, масоили рушд ва ғайраро инъикос мекунад, диди назар хоҳем кард.

Бозори хизматрасониҳои суғурта гуфта, ҷое дар назар дошта мешавад, ки дар он ҷо талаботу таклифот вобаста ба хизмати суғуртавӣ ба ҳам баробар мешаванд ва тарафайн талаботи худро қонеъ месозанд.

Дар маҷмӯъ, бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ доираи муносибатҳои иқтисодиеро дар бар мегирад, ки дар он тамоми хавфҳои барои саломатӣ ва фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таҳдидкунанда равона гардидааст, ки амалии онро дар ду шакл мушоҳида намудан мумкин аст: суғуртаи ихтиёрӣ ва суғуртаи ҳатмӣ. Дар шароити муосир барои таҳким ва густариши муносибатҳои бозорӣ суғуртаи ихтиёрӣ афзалияти бештар пайдо намудааст, зеро дар он воситаҳои молиявӣ ба таври озод ворид мешаванд. Дар ин радиф, доираи муносибатҳои суғуртавиро чунин тасвир намудан мумкин аст:




**Расми 3. - Унсурҳои бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ**

*Сарчашма: Н. Шаропов. Фаъолияти суғурта. Дастури таълимӣ / Шаропов Н., Ҳомидов А., Буриева М. - Душанбе, 2009. - [7, с. 16].*

Тавре аз расм бармеояд, фаъолияти суғурта дар доираи чаҳор соҳа (суғуртаи шахсӣ, суғуртаи амвол, суғуртаи масъулият, суғуртаи таваккалҳои фаъолияти соҳибкорӣ) амалӣ гардонида мешавад, ки тамоми соҳаҳои мухталифи амалкунандаи ҷомеаро дар бар гирифта, оид ба беҳгардонӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо заминаҳои устувор мегузорад [8, с. 46].

Дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун манбаи таъминоти нигоҳдорандаи воситаҳои пулӣ хариду фурӯши тилло нақши муассир мебозад. Тилло ҳамчун унсури муҳими кафолати муомилотӣ дар ҳама ҳолати иқтисодиёт зуд мубодилашаванда мебошад. Бинобар ин, иштирокчиёни фаъоли бозори тиллоро дар январи соли 2020 дар ҷаҳон мушоҳида хоҳем намуд (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. - 10 давлати пешқадами дорандаи захираи калони тилло дар соли 2020 (тонна)**




*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои “Десять стран-самый большой золотой запас в мире». https.qoldomania.ru [20.11.2020].*

Қисми асосии бозори хизматрасониҳои молиявиро хизматрасониҳои бонкӣ ташкил медиҳанд, ки ин хизматрасониҳо ҳамчун механизми ҳаракатдиҳандаи ин бозор баромад мекунанд. Доираи муносибатҳои иқтисодӣ басо васеъ мебошад ва самаранокии фаъолияти субъектҳои онро хизматрасониҳои бонкӣ таъмин менамоянд. Масалан, дастрасӣ ба сармояи қарзӣ, истифода намудани маблағҳои муваққатан озод, таъмини пардохтпазирии фаъолияти молиявии корхонаҳо ва ғайра. Нақши хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди иқтисоди миллӣ назаррас мебошад. Зеро тавассути ин хизматрасониҳо дастрасии сармоя ба ҳамаи бахшҳои иқтисодӣ таъмин мегардад (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 2. - Қарзҳои бонкҳо аз рӯи соҳаҳо (ҳаз. сомонӣ, бақия дар интиҳои давра)**



*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти бюллетени омори бонкӣ моҳи ноябри соли 2020 (304), с. 45*

Тавре аз маълумотҳои диаграммаи 1 бармеояд, ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи бонкҳо аз рӯи соҳаҳо дар қаламрави мамлакат ба ҳолати моҳи ноябри соли 2020, 8590971 сомониро ташкил медиҳад, ки 35% ва ё 2985700 сомонии он ба соҳаи саноат равона гардидааст. Ба истеъмолот бошад, 1591786 сомонӣ ё худ 19 дар сади ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда рост меяд. Савдои хориҷӣ 1369500 ва ё 16%, сохтмон 958205 (11%), кишоварзӣ 900546 (10%)-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо гувоҳи рушди ин хизматрасониҳо мебошанд [4, с. 45]. Ҳамзамон, ин нишондиҳандаҳо дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар мамлакат мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ муносибатҳои сарбастаи молиявӣ анҷом дода мешаванд, ки он ба тамоми иштирокчиёни бозор алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, унсури дигари мукаммалгардонандаи ин бозор, муомилоти коғазҳои қиматнок мебошанд. Коғазҳои қиматнок ҳамчун воситаи ҷалби маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои иқтисодӣ ва ҷойивазкунандаи пулҳои ҳақиқӣ дар муомилот баромад мекунанд. Сохтори бозори коғазҳои қиматнокро чунин тасвир намудан мумкин аст (нигаред ба расми 4).




**Расми 4. - Сохтори бозори коғазҳои қиматнок**

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф*

Тавре аз расми 4 бармеояд, пойгоҳи асосии сохтори бозори коғазҳои қиматнокро ду унсури муҳим: субъект ва объекти он ташкил медиҳанд. Заминаҳои асосии пайдоиши тамоми бозорҳоро бевосита иштирокчиёни муносибатҳои хариду фурӯши он ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун дорандагони коғазҳои қиматнок (миёнаравҳо, инвестирҳо ва танзимкунандагон) баромад менамоянд. Дар ин бозор бо тамоми намудҳои коғазҳои қиматнок (объекти бозор) амалиётҳо гузаронида мешаванд, ки ба ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ хос мебошанд. Бозори коғазҳои қиматнокро ба ду зина гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа. Дар доираи бозори аввалиндараҷа коғазҳои қиматноке мубодила мешаванд, ки аввалин бор мубодила гардидаанд. Дар бозори дуюминдараҷа бошад, муомилоти коғазҳои қиматнок тавассути биржавӣ ва ғайрибиржавӣ сурат мегирад, ки дар он муносибатҳои муомилотӣ тибқи меъёрҳо сурат мегирад.

Вобаста ба таҳлилҳои дар боло зикргардида, гурӯҳбандии фаъолияти бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар диаграммаи 3 чунин оварда шудааст.

**Диаграммаи 3. - Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои молиявӣ**




*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории сомонаҳои* www.stat.tj ва www.nbt.tj

Тибқи маълумоти дар диаграмма дарҷгардида, фаъолияти унсурҳои бозори хизматрасониҳои молиявӣ чунин баҳо дода шудааст: дар ҷумҳурӣ механизми асосии бозори хизматрасониҳои молиявиро хизматрасониҳои бонкӣ ташкил медиҳанд, ки он 66% тамоми хизматрасониҳои молиявиро дар ин бозор дар бар мегирад, ки нисбат ба соли 2019 6% зиёд мебошад. Хизматрасониҳои суғуртавӣ бошад, дар ин давра 23%-ро ташкил медиҳанд, ки назар ба соли 2019, нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) низоми суғурта дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) бошад, 10,6% зиёд мебошанд. Хизматрасониҳои коғазҳои қиматнок дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ ба дараҷаи паст инкишоф ёфта истодааст ва он ҳамагӣ 4% амалиёти хизматрасониҳои молиявиро анҷом медиҳад, ки иштирокчии фаъоли он давлат мебошад [5, с. 462].

Бозори хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, дар заминаи талаботи беинтиҳои истеъмолгарони бозори муосир ташаккул ёфтааст, ки барои бахшҳои гуногуни иқтисодиёт захира ва воситаҳои молиявиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, ташаккули бозори молиявӣ дар таъмини мунтазами рушди устувори бахши молиявии мамлакат ва инчунин, дар интихоби самтҳои дигаргунсозии тамоми ҳаёти иқтисодӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири эътимод ба бозор аз ҷониби соҳибони захираҳои молиявӣ хизмат мекунад.

Ҳарчанд дар шароити муосир дар бахши молиявӣ ислоҳот гузаронида шуда бошад ҳам, то ҳол муаммоҳои рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ ба таври мушаххас муайян нагардидаанд. Ҳамзамон, барои рушди босамари бозори хизматрасониҳои молиявӣ чунин пешниҳодҳо бамаврид мебошанд:

1. **Ташкили инфрасохтори мукаммали бозори хизматрасониҳои молиявӣ.** Инфрасохтори бозори хизматрасониҳои молиявӣ таъмини субoти муомилотро ифода мекунад. Вобаста ба ин, бояд чунин унсурҳои (хизматрасониҳои коғазҳои қиматнок, биржаҳои фондӣ, азнавсуғуртакунӣ, истифодаи шартномаҳои фючерсӣ) бозори хизматрасониҳои молиявӣ мувофиқ ба шароити иқтисодӣ роҳандозӣ карда шаванд, ки ин ҳамбастагии тамоми қисмҳои иқтисодиро дар бар мегирад.

2. **Ба вуҷуд овардани боварии иқтисодӣ дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ.** Боварии иқтисодӣ дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар ҳолате ба вуҷуд оварда мешавад, ки тамоми уҳдадориҳои молиявӣ, чӣ аз ҷониби фурӯшандаи воситаҳои молиявӣ ва чӣ аз ҷониби харидори воситаҳои молиявӣ, дар ҳамаи намудҳои фаъолияти молиявӣ сари вақт ва бо сифати баланд иҷро гарданд. Ҳавасмандиро дар ин муносибатҳо ҷоннок намудан лозим аст.

3. **Ташкили ассотсиатсияи миёнаравҳои бозори хизматрасониҳои молиявӣ.** Барои тезонидани фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва дастрасии бартариятҳои фурӯши хизматрасониҳои молиявӣ, миёнаравҳои касбии ин бозор зарур мебошанд, ки онро метавон дар ассотсиатсияҳои касбии миёнаравҳо омода намуд.

4. Мавҷуд набудани маълумоти дақиқ дар бораи фаъолияти баъзе унсурҳои (хизматрасониҳои коғазҳои қиматнок, хариду фурӯши тилло, шартномаҳои фючерсӣ, иштирокчиёни касбии хизматрасониҳои коғазҳои қиматнок, ҳисоботҳои актуарӣ) бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар ВАО.

Ҳангоми амалисозии пешниҳодҳои номбаршуда мо метавонем вазъи муътадили бозори хизматрасониҳои молиявиро дар шароити кунунии иқтисодӣ таъмин намоем.

**Адабиёт**


1. Коробовой Г.Г. Банковское дело: Учебник / Под ред. д.э.н., проф. Г. Г. Коробовой. - М.: Экономистъ, 2003. - 560с.
2. Желтоносов В.М. Банковская деятельность и рынок финансовых услуг в регионе/В.М. Желтоносов, М.К. Спружевникова//Финансы и кредит. Москва, 2001. - №13. - С. 12-17.
3. Маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] ULR: www.nbt.tj (санаи муроҷиат:10 ноябри 2020с.).
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2020. - 462с.
5. Тагирбекова К.Р. Основы банковской деятельности. Банковское дело / К. Р. Тагирбекова. – М: Издательский Дом «Инфра-М», 2001. - 352с.
6. Федько В.П - Инфраструктура товарного рынка/В.П. Федько, Н.Г Федько. - Ростов на Дону: Феникс, 2000. - С. 36.
7. Ҷумаев Ш.М. Нақши бозори хизматрасониҳои молиявӣ дар иқтисодиёт / Ш.М. Ҷумаев // Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Саҳми мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18 апрели соли 2020). - С. 290-295.
8. Шаропов Н. Фаъолияти суғурта. Дастури таълимӣ / Н. Шаропов ва диг. - Душанбе, 2010. - 210с.


**ТДУ: 332 (575.3)**

## ВАЗЪ ВА ТАМОЮЛИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Ҳасанова Махфират Иномовна*** *- унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.* ***E-mail: hasanova_m.i@mail.ru.*** *Тел.:(92)715-12-57*

*Дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ технологияи иттилоотӣ ворид гардида, он барои пешбурди ҷараёни муносибатҳои истеҳсолӣ таъсир расонидааст. Аз ин лиҳоз, зарурати рушди технологияи иттилоотӣ дар низоми идоракунии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим буда, барои пешрафти иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард. Дар шароити муосир вобаста ба тағйироти ҷиддӣ дар муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ҳам дар берун ва ҳам дар дохили кишвар зарурати аз нав дарк ва пешниҳод намудани ғояҳои нав дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо ба миён омада истодааст. Дар соҳаҳои хоҷагии халқ, соҳибкорӣ, маориф, тандурустӣ ва, аз ҳама муҳим, дар таҳқиқоти илмӣ сатҳи компютеркунонии истофодабарии технологияи иттилоотӣ мазмун ва мундариҷаи натиҷаҳои бадастовардаро муайян месозад. Чунин тамоюлот дар ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ низ мушоҳида карда мешавад. Бозори молу хизматрасониҳо, меҳнат, молия ва кулли соҳаҳо дар ҷараёни қабулу қарор ба ахбори аниқу зарурӣ, захираҳои иттилоотӣ ниёз дорад. Ҷоизи қайд аст, ки ҷараёни иттилоотонӣ дар шароити муосир яке аз омили пешбарандаест, ки ҳам дар рушди соҳаи истеҳсолӣ ва ҳам дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ таъсири калон мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти иттилоотӣ, иқтисодиёти минтақаҳо, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, иттилоотонӣ, корхонаю ташкилотҳо, иттилоотонии минтақа, компютерҳои фардӣ, истеҳсолот, Интернет.*

## СОСТОЯНИЕ И ТЕНДЕНЦИИ ИНФОРМАТИЗАЦИИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИКОЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Хасанова Махфират Иномовна*** - *соискатель кафедры экономики предприятий и регионов Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Адрес: Республика Таджикистан г.Худжанд. 17 мкр-р., дом 1 Тел.:(92)715-12-57. E-mail: hasanova_m.i@mail.ru*

*В развитых странах мира информационные технологии внедрены во все отрасли экономики, что повлияло на развитие производственных отношений. В связи с этим, необходимость развития информационных технологий в системе управления регионами Республики Таджикистан являются актуальными и будут способствовать развитию экономики страны. В современных условиях, в связи со значительными изменениями в политических, социальных и экономических отношениях, как за пределами, так и внутри страны, возникает необходимость переосмыслить и представить новые идеи в экономическом и социальном развитии регионов. Уровень компьютеризации использования информационных технологий в сфере народного хозяйства, предпринимательства, образования, здравоохранения и, самое главное, в научных исследованиях определяет содержание полученных результатов. Подобные тенденции наблюдаются и в социальной жизни населения. Рынок товаров и услуг, труда, финансов и всех секторов нуждаются в точной и необходимой информации и информационных ресурсах в процессе принятия решений. Следует отметить, что информационный поток в современных условиях является одним из доминирующих факторов, оказывающих существенное влияние на развитие как обрабатывающих, так и непроизводственных производств.*

***Ключевые слова:*** *информационная экономика, региональная экономика, информационно-коммуникационные технологии, информатизация, предприятие и организация, информатизация региона, персональные компютеры, производство, Интернет.*

## SITUATION AND INFORMATION TRENDS IN THE ECONOMIC MANAGEMENT SYSTEM OF SUGHD REGION

***Hasanova Mahfirat Inomovna****, researcher of the Department of Enterprise and Regional Econmics, Tajik State University of Law, Business and Politics (Republic of Tajikistan, Khujand city) E-mail: hasanova_m.i@mail.ru Tel: (92)715-12-57*

*In the developed countries of the world, information technology has been introduced in all sectors of the economy, which has influenced the development of production relations. In this regard, the need to develop information technology in the management system of the regions of the Republic of Tajikistan is very important and will contribute to the development of the country's economy. In modern condition, in connection with significant changes in political, social, and economic relations, both outside and inside the country, it becomes necessary to rethink and present new ideas in the economic and social development of regions. The level of computerization of the use of information technologies in the sphere of the national economy, entrepreneurship, education, healthcare and, most importantly, in scientific research determines the content of the results obtained. Similar trends are observed in the social life of the population. The market for goods and services, labor, finance and all sectors needs accurate and necessary information and information resources in the decision-making process, it should be noted that the information flow in modern conditions is one of the dominant factors that have a significant impact on the development of both manufacturing and non-manufacturing industries.*

***Keywords:*** *information economy, regional economy, information communication technologies, informatization, enterprises and organization, regional informatization, personal computers, production, Internet.*

Дар шароити муосир ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса дошта, ҷараёни он аз сатҳи гузариши иқтисодиёти минтақаҳо ба роҳи иттилоотонӣ вобаста аст. Ташаккули иқтисодиёт ба рушди технологияҳои иттилоотӣ асос ёфта, қадам ба қадам ҳама соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифта истодааст. Дар ин самт дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои махсуси давлатӣ қабул шуда, дар амал барои ҷорӣ гаштан чораҳои зарурӣ қабул гардида истодааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», хусусан, «Барномаҳои иттилоотонӣ» барои ҳар як соҳаи ҳоҷагии халқ, аз қабили маориф, тандурустӣ, андоз, низоми бонк ва ғайраҳоро қайд кардан мумкин аст.

Аз ҳамин нуқтаи назар, сатҳи иттилооткунонии иқтисодиёт яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии минтақа ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он мебошад. Зеро соҳаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ, ки захираҳои иттилоотиро аз эҳё намудан то истеъмолкунанда танзим менамояд, қишрҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидории ҷомеаро бо якдигар мепайвандад ва ҳудуди ягонаи иттилоотӣ пайдо менамояд. Бидуни он дар ҳар як соҳа мавҷудияти кадрҳои баландихтисос, имкониятҳои молиявӣ, ташкили истеҳсолот, баромадан ба бозори беруна сатҳи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро муайян месозад ва дар асоси он имкониятҳои дар ҷараёни истеҳсолот ворид намудани технологияи иттилоотиро муайян мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, масъалаи муайян намудани индикаторҳои иттилоотонии иқтисодиёти минтақаҳо, арзёбии иттилоот бо рушди ҷомеа, омӯзиши таъсири омилҳои гуногуни иқтисодии иҷтимоӣ ба ҷараёни иттилоотонӣ мувофиқи мақсад аст. Муаммои иттилоотонии минтақаҳо дар шароити муосир яке аз масъалаҳои сатҳи аввалияташ хеле баланд аст, зеро сатҳи рушди иттилоотии ҳар як минтақаи кишвар заминаи мусоид барои рушди иқтисодию иҷтимоии босубот шуда метавонад. Иттилоотонии минтақаҳо яке аз зинаҳои асосии мезоиқтисодӣ буда, барои ворид шудан ба ҷараёнҳои глобалӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, таъмини фаъолнокии хоҷагиҳои фаъолиятдошта ва бо ин роҳ дар ташаккули қаламрави ягона бо занҷири «Иқтисодиёти минтақа → Иқтисодиёти кишвар → Иқтисодиёти ҷаҳон» мебошад. Хусусан, аз ҳамин нуқтаи назар, иқтисодиёти ҳар як минтақа ҳамчун объекти таҳқиқотӣ аз нуқтаи назари иттилоотонӣ баромад менамояд. Дар ин радиф метавон самтҳои асосии барномаи иттилоотонии минтақаро бо усул ва фишангҳои мусоид муайян сохт. Дар амалишавии мақсади мазкур, пеш аз ҳама, талаб карда мешавад, ки ҳолати муосири иттилоотонии иқтисодиёти минтақаҳо муайян карда шавад. Дар асоси он равияҳо, рушди минбаъдаи ҷараёни иттилоотонӣ, асоснок намудани чораҷӯиҳои комплексӣ бо мақсади оптимизатсияи иқтисодиёти минтақа таҳия карда шавад.

Боиси қайд аст, ки рушди иттилоотонии минтақа бо тарзи систематикӣ назорат карда мешавад. Бо тарзи оперативӣ ба тағйироти иттилоотии муосири ҷаҳонӣ мутобиқат кунонида, ба ақибмониҳо роҳ дода нашавад. Зеро амнияти иттилоотиро аз даст додан мумкин аст.

Нуқтаҳои қайдгардида водор месозанд, ки ҳама вақт ба рушди иттилоотии минтақавӣ аҳамияти махсус дода, барномаҳои мусоиди рушди соҳаҳои технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ тақвият ва амалӣ гардонида шаванд. Таҳлили муқоисавии иттилоотонии минтақа зарур ва муҳим аст, зеро бо ин роҳ сатҳи иттилоотонии минтақаҳои алоҳида арзёбӣ карда шуда, минтақаҳо ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда мешаванд ва бо ин роҳ бо тарзи инфиродӣ иқтидори рушди иттилоотонии минтақа муайян хоҳад шуд.

Таҳлили омилии рушди иттилоотонии минтақа, сараввал, ба низомбандӣ намудани омилҳои ба дараҷаи иттилоотонии минтақа таъсир мерасонад. Дар натиҷаи таҳқиқот муодилаҳои регрессионии хаттиро аз рӯи ҳар як индикатори иттилоотонӣ таҳия намудан мумкин аст, ки ин имконият медиҳад нақш ва аҳамияти ҳар як омили алоҳидаро дар ҷараёни иттилоотонии минтақа муқоиса намоем. Таҳқиқи сатҳи иттилоотонӣ дар давраи муайян имконият фароҳам меорад, ки тағйироти минбаъдаи рушди минтақаро дар самти иттилоотони пешгӯӣ кунад.

Дар шароити иқтисодиёти реалӣ рушди иттилоотонӣ аз 2 самт вобастагии зиёд дорад: воридшавӣ ва дастрасии технологияҳои иттилоотӣ дар ҷомеа, сатҳи рушди соҳаҳои иттилоотонии ватанӣ, яъне воситаҳои иттилоотонии телекоммуникатсионӣ ва алоқа. Аз ҷониби дигар, он аз иродаи сиёсӣ ва фаъолияти иқтисодии мақомоти давлатӣ вобаста мебошад.

Дар чорчӯбаи таҳқиқӣ мазмун ва хусусиятҳои иттилоотонӣ дар ҷараёни идоракунии иқтисодиёти минтақа нахуст бояд оид ба иқтидори иқтисодиёти иҷтимоии минтақа, сохтори комплекси хоҷагии халқ ҷойгиршавии қаламрави ташкилотҳо ва ғайраҳо маълумот дошта бошем. Қайд намудан бамаврид аст, вақте ки сухан оид ба низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа меравад, бояд маҷмуи ба низом даровардашудаи принсипҳои ташкилии функсионалии усулҳо фаъолияти мақсадноки мақомоти идоракунии

давлатро барои дастрасии ҳадафҳои рушди инноватсионӣ ва сатҳи муайяни сифати рушди минтақаҳо фаро мегирад, бояд фаҳмид. Ҷараёни иттилоотонӣ, ки дар самти идоракунии иқтисодиёти ҳар як минтақа амалӣ карда мешавад, умуман, бо якдигар монанд ва хусусияти якранга дорад. Вале ҳар як минтақа аз нуқтаи назари иқтидори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сохтори хоҷагии халқ, мавҷудияти захираҳои муҳлатӣ хусусиятҳои хос дорад, ки дар ҷараёни иттилоотонӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Вилояти Суғд ҳамчун объекти идоракунӣ дар ҷараёни иттилоотонии минтақа аз нуқтаи назари мусоидат намудан дар рушди иқтисодӣ дар асоси мустақилона истифода бурдани технологияи иттилоотӣ бояд арзёбӣ карда шавад. Дар ҷараёни идоракунии минтақаҳо бо мақсади таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии қаламравҳо диққати махсус ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда, таъминнокӣ бо захираҳои зарурии иқтисодӣ мавқеи хоссаи худро дорад. Вақте ки сухан оид ба захираҳои иқтисодии минтақа меравад, дар қатори захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, фондҳои гардиш ва асосӣ боз заҳираҳои иттилоотӣ низ дар назар дошта мешавад [10]. Ба таври умум, гуфтан мумкин аст, ки муҳити илмии иттилоотӣ дар шароити муосир ба яке аз омилҳои асосие, ки сатҳи рақобатнокии минтақаро муайян месозад, ворид гаштааст.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои пешрафтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар самти ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ба ҷараёни иҷтимоию иқтисодии минтақа фаъол мебошад.

Ҳамчун объекти идоракунӣ вилояти Суғд масоҳати умумиаш 25,2 ҳазор км$^2$ аст, ки 17,8%-и масоҳати умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамояд. Вилояти Суғд аз нуқтаи назари тақсимоти административии минтақавӣ аз 8 шаҳр, 10 ноҳия, ҷамоатҳо иборат аст. Дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғд шумораи аҳолӣ соли 2019 зиёда аз 2707,3 ҳазор нафар одамон иборат буда, аз он 1359,1 ҳазор нафар мардон ва 1348,3 ҳазор нафар занон мебошанд, ки мутаносибан 50,2% ва 49,8%-ро ташкил медиҳад. Аҳолие, ки дар деҳот зиндагӣ менамояд, 2038,6 ҳазор нафар мебошад, ки 75,3%, аҳолии шаҳр бошад, 668,7 ҳазор нафар, яъне, 24,7%-и аҳолии вилоятро ташкил медиҳад. Дар минтақаи вилояти Суғд 659 корхонаҳои саноатӣ фаъолият дошта, дар соли 2019 ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ 47,3% маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро ташкил кард, ки хеле саҳми арзанда мебошад [7]. Аз ин нуқтаи назар, дар иқтисодиёти минтақа саҳми саноат баланд буда, барои гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ заминаи мусоид дорад. Гуфтаҳои дар боло қайдгардида бевосита дар ҷараёни иттилоотонии иқтисодиёт нақши худро доранд, зеро рушди иттилоотонӣ ба саноатикунонӣ, воридшавии технологияҳои нав, ҳаракати қувваи корӣ низ вобастагӣ дорад.

Дар фаъолияти хоҷагидории минтақаҳои вилояти Суғд, ки дар он 4 шаҳр бештар тараққӣ кардааст, зичии аҳолӣ дар чорчӯбаи 1 кв/км баланд буда, иттилоотонӣ дар асоси рушди технологияҳои коммуникатсионӣ нисбатан баланд аст. Вилояти Суғдро, аз нуқтаи назари ҳамчун объекти идоракунӣ, таҳқиқ намоем, қисми таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз нуқтаи назари майдони ҷойгиршавӣ, дар сатҳи дувум пас аз Хатлон ҷойгир аст, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо вилоятҳои Фарғона ва Сирдарёи Ҷумҳурии Узбекистон, вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон, бо минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Халқии Чин ҳамсарҳад менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, вилояти Суғд мавқеи махсусро дар амалишавии стратегияи дарозмуддати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

Яке аз афзалияти ҷойгиршавии ҷуғрофии вилояти Суғд дар он аст, ки бо минтақаҳои фаъоли иқтисодии кишварҳои ҳамсоя ҳамсарҳад буда, тарзи зиндагонии аҳолӣ, урфу одат, хешутаборӣ аз давраҳои қадим монандӣ дорад. Баъзе факту рақамҳое, ки саҳми вилояти Суғдро дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар ҷадвали 1 оварда шудааст (млн сомонӣ).

Аҳамияти бузурги иқтисодиёти вилояти Суғд дар он инъикос меёбад, ки ба дӯши он дар соли 2019 истеҳсоли 29,9% маҷмуи дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми мол ва маҳсулоти саноатӣ бошад, 47,3%, кишоварзӣ 29,2%-ро ташкил медиҳад. Бидуни он, иқтидори содиротии вилояти Суғд низ хеле бузург аст, ки дар ҳаҷми умумии содирот соли 2019 дар ҳаҷми 40,1% ба дӯши вилояти Суғд рост меояд. Солҳои қаблӣ бошад, аз ин

миқдор зиёдро ташкил мекард. Ғайр аз ин, дар сохтори хоҷагии халқи вилоят ҳиссаи саноат нисбати дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле баланд аст.

**Ҷадвали 1. - Вазъи қиёсии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии вилояти Суғд дар миқёси ҶТ**

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| МММ ҷумҳурӣ (млн сомонӣ) | 36535,1 | 40836,2 | 43745,9 | 49921,1 | 56001,8 | 61368,4 | 68691,4 |
| МММ вилояти Суғд (млн сомонӣ) | 10439,9 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 |
| Ҳиссаи МММ дар ММД | 28,6 | 28,2 | 27,5 | 29,4 | 31,3 | 29,9 | 29,9 |
| Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар ҷумҳурӣ (млн сомонӣ) | 9952 | 10535 | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 |
| Маҳсулоти саноатӣ дар вилоят (млн сомонӣ) | 3154,6 | 4103,5 | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 |
| Ҳиссаи саноати вилоят дар ҷумҳурӣ | 31,6 | 39,0 | 40,1 | 46,9 | 50,3 | 48,1 | 47,3 |
| Маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ (млн сомонӣ) | 20358,5 | 21197,3 | 21862,8 | 23008,3 | 24576,0 | 26370,4 | 27750,4 |
| Маҳсулоти кишоварзии вилоят (млн сомонӣ) | 6351,8 | 6567,9 | 6795,6 | 7335,7 | 9590,4 | 9949,2 | 8091,6 |
| Ҳиссаи кишоварзии вилоят дар ҷумҳурӣ | 31,2 | 31,0 | 31,1 | 31,9 | 39,0 | 37,7 | 29,2 |
| Аҳолии ҷумҳурӣ | 8161,1 | 8352,0 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 |
| Аҳолии вилоят | 2400,6 | 2455,5 | 2511,1 | 2560,8 | 2608,5 | 2657,0 | 2705,4 |
| **Ҳиссаи аҳолии вилоят** | | | | | | | |
| Содирот дар ҷумҳурӣ (млн долл.) | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 | 1073,3 | 1174,4 |
| Содирот дар вилоят (млн долл.) | 448,1 | 449,4 | 468,0 | 446,3 | 505,0 | 559,7 | 471,1 |
| Ҳиссаи содироти вилоят дар ҷумҳурӣ | 47,5 | 46,0 | 52,5 | 49,7 | 42,2 | 52,1 | 40,1 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С.207; - С.272; -С.25; - С.300; -С.344; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. - С.180; -С.9; -С.232.

Аз ин нуқтаи назар, дар бисёр маврид онро ҳамчун минтақаи индустриалии шимол низ ном мебаранд. Дар ҳақиқат, дар ин ҷода, пас аз шаҳри Душанбе минтақаи Суғд корхонаҳои саноатии консентратсияи минтақавӣ дорад, ки нисбати дигар минтақаҳо саноатикунонӣ нисбатан 2-3 маротиба зиёд аст. Бо тарзи интенсивӣ амалишавӣ дар шароити имрӯза дар ислоҳоти иқтисодии дар вилояти Суғд низ бо ҷаҳишҳои сохтории назарраси соҳаҳо таъсири худро расонида истодааст. Яъне, соҳаҳои хизматрасонӣ низ бештар тараққӣ карда истодаанд. Умуман, ҳоло дар тақсимоти меҳнатии ҷумҳуриявӣ вилояти Суғд ҳамчун таъминкунандаи асосии молҳои саноатӣ ва, дар навбати худ, молҳои кишоварзӣ низ мебошад.

Дар навбати худ, технологияи иттилоотонии коммуникатсионӣ ҳамчун ҳосила аз иқтидори истеҳсолии вилоят муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бештар паҳн гаштааст, истифода бурда мешавад. Дар ин радиф, баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодиёти вилояти Суғдро дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Чӣ тавре ки маълум аст, иттилоотонии иқтисодиёт бе мавҷудияти техника ва технологияи зарурӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, аз ҳамин нуктаи назар, нишондиҳандаи зерин, яъне шумораи компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар муқоиса дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем (ҷадвали 2), ки дар ин ҷода аломатҳо чунин маъно доранд. I - шумораи компютерҳо, адад; II - шумораи кормандони кироя, ҳазор нафар; III - шумораи компютерҳо ба 100 нафар корманд, адад.

**Ҷадвали 2. - Тамоюлоти шумораи компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар дар миқёси ташкилоту корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2020 | 2021 |
| Хуҷанд | I | 1685 | 1839 | 1857 |
| | II | 40,7 | 39,6 | 39,7 |
| | III | 4,14 | 4,65 | 4,68 |
| Исфара | I | 66 | 89 | 89 |
| | II | 32,2 | 32,3 | 32,3 |
| | III | 0,205 | 0,276 | 0,276 |
| Истаравшан | I | 218 | 280 | 277 |
| | II | 49,4 | 49,7 | 49,7 |
| | III | 0,441 | 0,563 | 0,557 |
| Конибодом | I | 264 | 382 | 382 |
| | II | 14,7 | 23,3 | 23,3 |
| | III | 1,79 | 1,69 | 1,69 |
| Гулистон | I | 130 | 156 | 165 |
| | II | 10,4 | 11,7 | 11,7 |
| | III | 1,25 | 1,33 | 1,41 |
| Панҷакент | I | 420 | 477 | 504 |
| | II | 47,9 | 49,8 | 49,8 |
| | III | 0,87 | 0,96 | 1,02 |
| Истиклол | I | 36 | 43 | 45 |
| | II | 1,4 | 1,4 | 1,4 |
| | III | 2,57 | 3,07 | 3,24 |
| Бӯстон | I | 183 | 270 | 297 |
| | II | 5,6 | 6,9 | 6,9 |
| | III | 3,28 | 3,93 | 4,34 |
| Айнӣ | I | 1157 | 1275 | 1300 |
| | II | 18,7 | 18,7 | 18,7 |
| | III | 6,18 | 6,88 | 6,95 |
| Ашт | I | 91 | 139 | 142 |
| | II | 15,7 | 16,4 | 16,4 |
| | III | 0,580 | 0,85 | 0,86 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Деваштич | I | 285 | 391 | 391 |
| | II | 25,4 | 26,5 | 26,5 |
| | III | 1,12 | 1,47 | 1,47 |
| Бобоҷон Ғафуров | I | 895 | 1144 | 1082 |
| | II | 31 | 32 | 32 |
| | III | 2,88 | 3,58 | 3,38 |
| Зафаробод | I | 13 | 32 | 32 |
| | II | 16 | 16,3 | 16,3 |
| | III | 0,081 | 0,196 | 0,196 |
| Мастчоҳ | I | 227 | 380 | 380 |
| | II | 34,6 | 36,9 | 36,9 |
| | III | 0,656 | 1,03 | 1,03 |
| Спитамен | I | 252 | 270 | 275 |
| | II | 19,9 | 21,5 | 21,5 |
| | III | 1,26 | 1,26 | 1,28 |
| Ҷаббор Расулов | I | 25 | 27 | 27 |
| | II | 23 | 23,8 | 23,8 |
| | III | 0,109 | 0,13 | 0,13 |
| Шаҳристон | I | 393 | 494 | 494 |
| | II | 6,8 | 7,3 | 7,3 |
| | III | 5,79 | 6,77 | 6,77 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | I | 7 | 10 | 10 |
| | II | 8,5 | 8,8 | 8,8 |
| | III | 0,082 | 0,114 | 0,114 |

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси: Ҳисоботи ТИК, формаи №1, 18 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. -С.75.

Аз ҳисоби натиҷаҳои баровардашуда дар ҷадвали боло ба таври умумӣ гуфтан мумкин аст, ки нишондиҳандаи шумораи компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар дар миқёси ташкилоту корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҳоло ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Зеро дар аксарияти қаламрави вилояти Суғд миқдори онҳо аз 10 адад ба 100 коргар низ кам аст. Дар бештар шаҳру ноҳияҳо бошад, ба 100 нафар ҳатто ба 1 ададӣ компютери фардӣ низ рост намеояд. Маълумотҳои ҷадвал нишон дода истодаанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Истиқлол, Бӯстон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон ғайриқаноатбахш бошанд ҳам, нисбатан ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баланданд. Ба таври дигар гӯем, дар ин шаҳру ноҳияҳо миқдори компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар аз 3 то 10 ададро ташкил медиҳанд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ба монанди Конибодом, Гулистон, Деваштич, Спитамен, Панҷакент нишондиҳандаи шумораи компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар шартан нисбатан дар сатҳи миёна қарор дорад, яъне аз 1 то 3 адад компютер рост меояд. Дар миқёси талаботи имрӯза ин нишондиҳандаҳо хеле паст бошанд ҳам, дар миқёси ҷумҳурӣ алҳол онро ба таври миёна маънидод кардан мумкин аст. Аз ҳама ҳолати ташвишовар ва нишондиҳандаи хеле дар сатҳи поён, гуфтан мумкин, шаҳру ноҳияҳои Исфара, Истаравшан, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Кӯҳистони Мастчоҳ, ки нишондиҳандаи шумораи компютерҳои фардӣ ба 100 нафар коргар ҳатто 1 адад намерасад.

Дар хулоса, чунин қайд намудан мумкин аст, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити муосир технологияи иттилоотӣ дар ташаккули дастовардҳои иқтисодии ҳар як минтақаи

алоҳида нақши муҳим дошта, ба ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ворид шуда истодааст, ки истифодабарии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоии аҳолии минтақаҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Суғд низ дар таъмини рушд мебошад. Дар он шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ки дар онҳо соҳаи саноат бештар паҳн гаштааст, дараҷаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ каме бошад ҳам, баланд аст. Дар ин радиф, рушди иттилоотикунонии минтақа бо тарзи мунтазам назорат карда шуда, ба ақибмониҳо бояд роҳ дода нашавад.

**Адабиёт**


1. Бабикова А.В. Информационное обеспечение процесса управления экономическими системами / А.В. Бабикова [и др.]; под. ред. проф. М.А. Боровской, доц. И.К. Шевченко. - Таганрок: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2008. – 340 с.
2. Гигливый А.В. Совершенствование государственного управления на основе его реорганизации и информатизации: мировой опыт/ А.В. Гигливый, Ю.М. Горностаев и др. - М.: Эко-Трендз, 2002. - 264 с.
3. Гриненко Г.П. Информатизация общества и бизнеса в условиях глобализации: монография / Г.П. Гриненко. - Белгород: Изд-во БГТУ, 2013. - 126 с.
4. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура. / М.Кастельс. Пер. с англ. под науч. ред. О.И. Шкаратана. – М.: ГУ ВШЭ, 2000. - 608 с.
5. Кастельс М. Информационное общество и государство благосостояния: Финская модель. Пер. с англ. А. Калинина, Ю. Подороги / М.Калтельс, П.Химанен. - М.: Логос, 2002. -219 с.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, - № 643 “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // mmk.tj.
7. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 12; - С. 18-19.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - С. 207; - С. 272; - С. 25; - С. 300; - С. 344. Омори солонаи вилояти Суғд. - Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. - С. 180. - С. 9; - С. 232.
9. Шебуняева Е.А. Особенности внедрения информационных технологий: зарубежный опыт / Е.А. Шебуняева, А.А. Локотков //Социально-экономические явления и процессы. - 2011. - № 3-4 (025-026). – 342 с.
10. Шнипер Р.И. Конкурентные позиции регионов и их оценка / Р.И.Шнипер// Регион: экономика и социология, 1995. - N1. – С.24-32.



**УДК: 338.514 (575.3)**


## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ДОРОИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ


***Аҳадов Исматилло Қаюмович*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.*



*Дарёфти роҳҳои нави ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоракунии он дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз проблеммаҳои аввалиндараҷа дар низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ аз ҳисоби дороиҳо сатҳи эътимонокии низоми бонкӣ таъмин карда мешавад. Аз ин сабаб, таҳлили мавзӯи мазкур барои пешрафти низоми бонкӣ аҳамияти махсус дорад.*

*Муаллиф дар асоси таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ ва осори олимони ватанию хориҷӣ тавонистааст, ки нақши дороиҳоро дар низоми бонкии муосир пурра таҳлил намуда, заминаҳои ташаккули онро дида барояд. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллиф роҳҳои нави ташаккули дороиҳои бонкӣ ва истифодаи дурусти онро пешниҳод намудааст.*

*Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба заминаҳои ташаккул ва идоракунии дороиҳои бонкӣ пешниҳодҳои мушаххас намудааст, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст.*
***Калидвожаҳо**: бонк, дороиҳои бонкӣ, низоми бонкӣ, сармояи оинномавӣ, сармояи худӣ, портфели дороиҳо, захираҳои бонкӣ, когазҳои қиматнок, сармоя, амалиёти фаъол, амалиёти гайрифаъол.*

## ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ БАНКОВСКИХ АКТИВОВ В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ

***Ахадов Исматилло Каюмович** - ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.*

*Поиск новых способов формирования банковских активов и управления ими в рыночной экономике - одна из приоритетных задач банковской системы. В связи с этим уровень надежности банковской системы будет обеспечиваться на необходимом уровне за счет активов. По этой причине анализ данной темы имеет особое значение для развития банковской системы.*

*На основе изучения экономической литературы и работ отечественных и зарубежных ученых автор смог в полной мере проанализировать роль активов в современной банковской системе и рассмотреть основы ее формирования. На основе исследования данной проблемы автор предлагает новые способы формирования банковских активов и их правильного использования.*

*В заключение автор вносит конкретные предложения по формированию и управлению активами банка, реализацию которых на практике можно считать целесообразной.*
***Ключевые слова:** банк, банковские активы, банковская система, уставной капитал, собственный капитал, портфель активов, банковские резервы, ценные бумаги, капитал, активные операции, пассивные операции.*

## BASIC FORMATION OF BANKING ASSETS IN THE MARKET ECONOMY

***Ahadov Ismatillo Qayumovich** - Assistant of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.*

*Finding new ways to form banking assets and manage them in a market economy is one of the priority problems in the banking system. In this connection, the required level of reliability of the banking system will be ensured at the expense of assets. For this reason, the analysis of this topic is of particular importance for the development of the banking system.*

*Based on the study of economic literature and the works of domestic and foreign scholars, the author was able to fully analyze the role of assets in the modern banking system and consider the basis for its formation. Based on the research on this issue, the author proposes new ways to form bank assets and their proper use.*

*In conclusion, the author makes specific proposals on the formation and management of bank assets, the implementation of which in practice can be considered expedient.*
***Keywords:** bank, bank assets, banking system, authorized capital, equity, portfolio of assets, bank reserves, securities, capital, active operations, passive operations.*

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз масъалаҳои асосии рушди муваффақиятҳои тамоми ташкилотҳои қарзӣ аз оғози фаъолият то мавқеъ пайдо кардани онҳо дар сатҳи низоми бонкӣ ҳаҷми дороиҳои пулию ғайрипулӣ мебошад. Вобаста ба ин, аз ҳисоби дороиҳо сатҳи эътимонокии низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда мешавад. Ташаккули дороиҳо нақшаи стратегии ҳар як ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи имкониятҳои мавҷуда ба мақсади таъмини даромаднокӣ ва сатҳи эътимоднокии онҳо истифода бурда мешаванд. Дар ҳама шароит истифодаи самараноки дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун масъалаи муҳимтарин дар сатҳи низоми муосири бонкӣ қарор гирифта, дар айни замон, диққати асосии мутахассисони ин соҳа барои ҳалли ин мушкилоти нисбатан мураккаб равона карда шудааст. Яъне, истифода ва сафарбарсозии

дурусти дороиҳо дар сатҳи зарурӣ, метавонад дар маҷмӯъ, иқтидори қарздиҳӣ, сатҳи сармоягузорӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, сармояи бонкӣ ва сандуқи қарзиро афзоиш диҳад.

Аз дигар нуқтаи назар бояд гуфт, ки масъалаи дороиҳои бонкро дар аксар маврид дар сатҳи умумӣ арзёбӣ менамоянд, ки ин нишондиҳандаҳоро пурра дар шакли том инъикос карда наметавонад. Яъне зарур аст, ки дороиҳоро дар шакли гурӯҳбандӣ бо ҷузъиётҳояш мавриди таҳлил қарор дод. Гуфтан ба маврид аст, ки дороиҳои бонк сармояи худии бонк ва маблағҳои муштариён (амонатгузорон)-ро ифода мекунанд, ки дар суратҳисобҳо ва тавозуни бонкӣ ҷойгир карда шудаанд.

Дар мавриди дигар, дороиҳо нишондиҳандаҳои умумие мебошанд, ки дар асоси якхелагӣ дар портфелҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда мешаванд ва дар маҷмӯъ, портфели дороиҳоро намояндагӣ мекунанд [9]. Ҳамин аст, ки ҷиҳати фарогирии пурраи дороиҳо дар сатҳи зарурӣ онҳоро гурӯҳбандии пурра кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дороиҳои бонкиро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд, ки ба инҳо пули нақди дар хазинабуда, сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, дигар воситаҳои ба пул баробаркардашуда, қарзҳо бинову таҷҳизот ва ғайра дохил карда мешаванд.

Зарурат ва муҳимияти масъаларо ба инобат гирифта, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар нуқтаи “Дар самти баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ” чунин оварда шудааст, ки: “- пурзӯр намудани иқтидори низоми бонкӣ тавассути афзоиш додани сармояи он...” [10]. Яъне, аз ин ҷо маълум кардан мумкин аст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ низ барои баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ тавассути иқтидори дороиҳои онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, афзоиш додани сармояи онро омили асосии рушди ин соҳа медонад.

Вобаста ба ин, як қатор олимони соҳаи иқтисодӣ ташаккулёбӣ, ғанӣ гардонидани дороиҳои бонкӣ ва сарчашмаи ғанигардонии онро мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода, оид ба ин масъала фикру ақида ва андешаҳои илман асосноки худро иброз намудаанд.

Дар доираи ин олими иқтисодӣ О.И. Лаврушин сармояи худиро сарчашмаи асосии фаъолияти бонкӣ дониста, чунин андеша дорад, ки сармояи худӣ маҷмӯи маблағҳое мебошад, ки бонки тиҷоратӣ барои амалӣ намудани фаъолият ва таъмини сатҳи эътимоди амонатгузорон ва дигар кредиторон таъсис додааст [7]. Дар ҳамин масъала О.И. Лаврушин боварӣ дорад, ки дороиҳои бонкиро тавассути гузаронидани амалиётҳои фаъоли бонкӣ зиёд намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, ӯ чунин мешуморад, ки маъмултарин амалиёти фаъоли бонкҳо инҳоянд:

- **амалиёти қарздиҳӣ**, ки бонкҳо қисми асосии даромади худро ба ин восита ба даст меоранд. Дар сатҳи макроиқтисодӣ аҳамияти ин амалиёт дар он аст, ки тавассути он бонкҳо маблағҳои муваққатии ғайрифаъолро ба фондҳои фаъол табдил дода, равандҳои истеҳсол, гардиш ва истеъмолро ҳавасманд мекунанд;

- амалиёти сармоягузорӣ - дар ҷараёни иҷрои ин амалиёт, бонк ҳамчун сармоягузор баромад намуда, захираҳоро ба коғазҳои қиматнок сармоягузорӣ мекунад ё ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти муштараки иқтисодиро ба даст меорад;

- амалиёти амонатӣ - ҳадафи амалиёти пасандозии бонкҳо дар ташкили захираҳои ҷорӣ ва дарозмуддати воситаҳои пардохт, суратҳисобҳои дар бонки марказӣ (суратҳисоби муросилотӣ ва суратҳисоби захиравӣ) ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ мебошад;

- дигар амалиётҳои фаъол - ин гуна амалиётҳо ба бонкҳо тавассути дигар амалиётҳое, ки аз хориҷа даромади назаррас доранд (амалиёт бо асъори хориҷӣ ва металлҳои қиматбаҳо, трастӣ, миёнаравӣ ва ғайра) таъмин карда мешаванд [7].

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳақиқат сарчашмаи асосии фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ ин дар аввал сармоя ё воситаҳои худии он мебошад, ки тавассути он барои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ замина фароҳам оварда мешавад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” низ ташкилоти қарзӣ наметавонад сармояи худро аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, грантҳое, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд (ба истисноы ташкилоти қарзии давлатӣ), воситаҳои ҷалбшуда ва қарзӣ ташкил ва пурра намояд [5]. Яъне, нақши асосиро дар ташкили фаъолияти бонкӣ сармояи худӣ ва сипас сармояи ҷалбшуда аз ҳисоби дигар воситаҳо мебозад.

Ба ақидаи олими иқтисодӣ И. Сорокина дороиҳои бонкӣ ин захираҳое мебошанд, ки бонк дар ихтиёр дорад, ё онҳоро муваққатан аз худ мекунад [9]. Афзоиши дороиҳои бонк тавассути амалиёти ғайрифаъол сурат гирифта, даромаднокии маблағҳои ташкилотҳои қарзиро бошад, бо сафарбар намудани ин маблағҳо ба амалиёти фаъол таъмин намудан мумкин аст.

Маълум аст, ки бонк на ҳамеша ба муваффақият ноил гардида, фоидаи пешбинишударо ба даст меорад. Дар ҳолате муваффақ гардида, фоидаи назаррасро ба даст меорад ва уҳдадориҳояшро бомуваффақият пардохт менамояд, ки маблағҳои худро барои ба даст овардани даромади зиёд дар оянда ба амалиётҳои фаъоли боваринок сафарбар намояд.

Бо ҳамин мазмун, ба ақидаи Н.И. Куликов захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ин сармояи худӣ ва маблағҳои худии онҳо, инчунин маблағҳое мебошанд, ки бонкҳо дар натиҷаи амалиёти ғайрифаъоле, ки барои амалиёти фаъоли бонкҳо истифода мешаванд, ҷамъоварӣ мекунанд [4].

Дуруст аст, ки амалиёти ғайрифаъол амалиётест, ки бо мукаммалкунии захираҳои бонкӣ алоқаманд буда, дар натиҷа бонкҳои тиҷоратӣ барои ташкили амалиёти фаъол маблағи зарурӣ ҷамъоварӣ менамоянд ва барои ташаккули захираҳои бонк, сохтори дурусти масъалаҳои марбута замина фароҳам меоранд.

Вобаста ба ин масъала, олими дигари соҳаи бонкдорӣ О.И. Лаврушин қайд менамояд: “Сохтори дороиҳои ташкилоти қарзӣ имкон медиҳад, ки таркиб ва хусусияти амалиёти фаъоли он, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, хавфнокӣ, инчунин муносибати байни амалиёти фаъол ва ғайрифаъоли бонк арзёбӣ карда шавад [6]”.

Сохтори дороиҳои бонкиро аз рӯи сохтор, сатҳу сифат ва дигар хусусиятҳои он ба гурӯҳҳо ва намудҳои гуногун ҷудо намудан имконпазир аст (нигоҳ ба нақшаи 1).




**Нақшаи 1. - Сохтори таркибии дороиҳои бонкӣ**

**Таҳияи муаллиф**

Аз рӯи нақшаи 1 муайян кардан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, сохтори дороиҳо метавонанд хусусияти дороиҳоро аз рӯи сатҳу сифат муайян намоянд, ки вобаста ба ин дар бонкҳои тиҷоратӣ дороиҳо ба чор категорияи асосӣ ҷудо мегардад.

Категорияи якуми дороиҳо пули нақди дар ихтиёри бонкбуда (амалиёти кассавӣ), бақияи пули нақд дар суратҳисоби муросилотии бонки марказӣ, бақияи нақд дар суратҳисоби муросилотии дигар бонкҳо мавҷудбуда ва маблағҳое, ки ҳамчун захираи ҳадди ақал дар суратҳисоби махсуси бонки марказӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар бар мегирад:

Одатан, бонк кӯшиш менамояд, ки захираҳои пулии худро дар сатҳи зарурӣ ташаккул диҳад, зеро ин намуди захираҳо метавонад пардохтпазир ва даромаднокии бонкро дар сатҳи лозима таъмин намояд. Ин намуди дороии бонк, ки аз пули нақд иборат аст, чараёни гирдгардиши қарзиро метезонад.

Дороиҳое, ки ба сармоягузории молиявӣ сафарбар карда мешаванд, ҳарчанд дорои хавфҳои гуногуни молиявӣ дошта бошанд ҳам, аммо метавонанд ба бонк даромади зиёд оранд. Сармоягузории молиявӣ ин сармоягузорӣ ба воситаҳои гуногуни молиявӣ, аз ҷумла ба коғазҳои қиматнок мебошад. Онҳо даромадҳои гуногун доранд, ки бевосита ба

намудҳои гуногуни сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок алоқамананд. Мутобиқи стратегияи сармоягузории бонк раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ аз интихоби мақсадноки воситаҳои молиявӣ барои сармоягузории молиявӣ мебошад. Ин стратегия даромади муайянеро пешбинӣ мекунад, ки маблағҳои ба он гузошташударо ба осонӣ дар муддати кӯтоҳ ба пули нақд табдил дода метавонад. Ба ин категория низ коғазҳои қиматноки даромаднок дохил мешаванд.

Дороии бонк, ки ба он даромади заруриро таъмин менамояд, дороии ба қарзҳо равонакардашуда мебошад, яъне яке аз қисмати асосии дороиҳои бонк маблағҳои худии бонк буда, онро ба амалиёти қарзӣ сафарбар менамояд, ки ин амалиёт барои бонкҳои тиҷоратӣ даромади бештар меорад. Чунки ҳиссаи даромади амалиёти қарзӣ дар маҷмӯи даромадҳои бонк аз ҳисоби дигар амалиётҳои бадастомада ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Вазифаи асосии бонк тавассути ҷойгир кардани маблағҳо дар амалиёти гуногуни қарзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон, ба даст овардани даромади зиёд мебошад. Аз ин рӯ, амалиёти қарзӣ ҳамчун як амалиёти мушаххаси даромаднок дар байни дигар амалиётҳои бонкӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар навбати худ, қарздиҳии аз ҳад зиёд боиси пайдоиши мушкили асосии сохтории бонкҳои тиҷоратӣ мегардад, яъне номувофиқии афзоиши қарздиҳӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар мувофиқа бо ҷалби амонатҳо метавонад ба коста шудани ҳаҷми захираҳои бонкҳо ва баланд гардидани хавфҳои бонкӣ оварда расонад. Аз ин сабаб, бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки пеш аз додани қарз бояд ба масъалаи афзоиш додани пасандозҳои дарозмӯҳлат ва пайдо намудани сарчашмаҳои дигари ҷалби маблағҳо аҳамияти махсус зоҳир намоянд.

Дороиҳои дигари бонкӣ ин дороиҳои асосии бонк аз қабили биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайра мебошанд. Ин дороиҳо одатан ба бонк даромад намеоранд ва барои эҳтиёҷоти он истифода карда мешавад, аз ин рӯ, ин дороиҳоро дороиҳои пардохтпазириашон паст гуфтан мумкин аст, ки дар баъзе маврид ҳамчун имконияти иловагӣ истифода мегарданд.

Яке аз қисмати асосии сохтори дороиҳои ташкилоти қарзӣ, ки ҳангоми ба тавозун ҷой кардани он ба дороиҳо мубаддал мегардад, ин захираҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад ва ин захираҳо иборатанд аз маблағҳои худӣ ва маблағҳои ҷалбкардашуда ҷиҳати таъмини устувории молиявӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва хоҷагӣ, инчунин фоидае, ки дар натиҷаи солҳои ҷорӣ ва гузашта ба даст оварда шудааст. Яъне, бо зиёд шудани ҳаҷми сармояи худӣ (сармояи оинномавӣ) ва ҷалбкардашуда (пасандоз, амонат) ҳаҷми дороиҳо низ тамоюли болоравиро касб мекунад, ки ин тамоюлро ба таври динамикӣ дар диаграммаи №1 дидан мумкин аст (нигоҳ ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. - Тағйирёбии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ** (бо млн.сомонӣ)




| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дороӣ | 18640 | 21187 | 20932 | 21201 | 21976 | 26307 |
| сармоя | 2417 | 5497 | 5724 | 5914 | 6227 | 7176 |
| пасандоз | 8614 | 9244 | 9283 | 9724 | 9742 | 11414 |

*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солона, 2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ муайян кардан мумкин аст, ки дороиҳои бонк аз соли 2015 то соли 2020 ба 41,1 фоиз афзоиш ёфта, дигар нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ низ рӯ ба болоравӣ овардаанд, ки сармоя аз соли 2015 то 2020 ба 2,9 маротиба, пасандозҳо бошанд ба 1,3 маротиба афзоиш ёфтанд.

Вобаста ба ин, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ масъалаи захираҳо аз якчанд нуқтаи назар баҳо дода мешаванд, ки онҳо иборатанд аз:

- Сармояи оинномавӣ;
- Маблағҳои бонкии (захираҳо) аз ҳисоби даромади фоизӣ ва ғайрифоизӣ бадастовардашуда;
- Қисми фоидаи тақсимнашудаи бонки тиҷоратии давоми сол бадастоварда.

Сармояи оинномавӣ - сармояи ибтидоии бонк дар шакли пулӣ ва ғайрипулӣ, ки дар оинномаи он тасдиқ шудааст ва аз сармоягузории хусусии муассисон, маблағ аз фурӯши саҳмияҳо ва сармоягузории давлатӣ иборат аст. Таркиби сармояи оинномавӣ метавонад на танҳо дар шакли маблағҳои пулӣ, балки дар шакли амволи ғайриманқул, дар шакли биноҳо, замин, инчунин объектҳои моликияти зеҳнӣ: патентҳо, литсензияҳо ва лоиҳаҳо бошад. Сармояи оинномавӣ заминаи моддӣ, пулӣ ва илмию техникиро барои фаъолияти ташкилоти таъсисёфта таъмин намуда, дар қисмати дороиҳои тавозуни ҳар як ташкилоти қарзӣ ва монанди он инъикос карда мешавад.

Қисми ғайрипулии сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби дороиҳои моддӣ, махсусан: таҷҳизоти ташкилоти қарзӣ (техникаи ҳисоббарор, мебели корӣ ва кондитсионер) ва биноҳо (манзилҳо), ки он ҷо ташкилоти қарзӣ ҷойгир аст, ба ҷуз сохтмонҳои баанҷомнарасида, ташаккул меёбад ва он ҳангоми ҳисобкунии сармояи танзимшаванда ба инобат гирифта намешавад [3].

Аз ин лиҳоз, сармояи оинномавии бонкро асоси таъмини устуворӣ, самаранокии фаъолият ва пардохтпазирии бонк шуморидан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, афзоиши фоида аз самаранок истифода кардани дороиҳои бонк вобастагии зиёд дошта, фаъолияти бонк бояд барои зиёд намудани даромади саҳмдорон равона гардад. Бинобар ин, сиёсати бонк бояд ба муътадил нигоҳ доштан ё зиёд намудани даромад дар шакли фоиз, ба даст даровардани даромати ғайрифоизӣ ва назорат аз рӯи хароҷот равона карда шавад.

Яке аз қисматҳои таркибии сармояи худии корхона ин фоидаи тақсимнашуда, ки он аз маблағи баъд аз пардохти андозҳо боқимонда иборат мебошад. Фоидаи тақсимнашударо ба фоидаи софи корхона дар давраи ҳисоботӣ баробар медонанд ва он бояд дар байни саҳомон, иштирокчиён ва муассисон ҳамчун даромад ё двиденд тақсим карда шавад.

Барои таъмини қобилияти ҳаррӯзаи бонк дар иҷрои уҳдадориҳои худ, сохтори дороиҳои бонки тиҷоратӣ бояд ба талаботи пардохтпазирии сифат ҷавобгӯ бошад. Аз ин рӯ, портфели дороиҳои бонкӣ маҷмӯи дороиҳои бонкӣ мебошад, ки ҳадафмандона ташаккул ёфта, бо назардошти хусусиятҳои муҳити бозор ба ҳадафҳои рушди бонк пайваста ноил мешаванд [11].

Ҳадафҳои асосии бонк дар ташаккули сандуқи дороиҳо ин аз кам кардани хавфи умумии сандуқ ва таъмини амнияти баланди сармоягузорӣ, баланд бардоштани даромаднокӣ, таъмини сатҳи баланди пардохтпазирӣ, афзоиши ҳаҷми сандуқи дороиҳо, ворид шудан ба бозорҳои нав, васеъ кардани заминаи муштариён ва ғайра иборат ҳастанд.

Роҳҳои рафъи номувофиқатии ҳамгироии дороиҳои бонкӣ бо уҳдадориҳои он талаб мекунад, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд маблағҳои ҷалбшударо бидуни коҳиш додани даромаднокӣ, яъне сари вақт ба намудҳои гуногуни амалиёт равона сохта, муҳлати баргаштани онро низ қатъӣ назорат намояд.

Барои ташаккули захираҳои бонкӣ ва сафарбар намудани онҳо ба амалиёти активӣ бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, то ба коғазҳои қиматнок табдилдиҳии (секюртизатсияи) дороиҳо ва суғуртакунонии хавфҳои бонкиро аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ истифода намуд. Секюритизатсия (аз ибораи англисии Securities гирифта шуда, маънои «коғазҳои қиматнок»-ро дорад) - мафҳуми молиявиест, ки маънои яке аз шаклҳои ҷалби маблағгузорӣ тавассути барориши коғазҳои қиматнокро бо дороиҳое дорад, ки

чараёни устувори пулро ба вуҷуд меорад (масалан, сандуқи қарзҳои ипотекӣ, қарзҳои автомобилӣ, дороиҳои лизингӣ, амволи ғайриманқули тиҷоратӣ, ки даромади устувори иҷора ба даст меорад ва ғайра). Секюртизатсияи (ба коғазҳои қиматнок гардондани дороиҳо) - чун тарзи мубаддалгардонии уҳдадориҳои қарзии бонк ба олоти бозоргирии бозори сармоя, тавассути интишори коғазҳои қиматноке, ки бо дороиҳои бонк таъмин мебошанд, маънидод мешавад. Секюртизатсияи дороиҳо сарчашмаи ғайрибалансии ташаккулёбии захираҳои молиявии бонк мебошад.

Тибқи пешниҳоди Х.П. Бэр секюритизатсия ба маънои васеъ ва маҳдуд ҷудо карда мешавад:

- секюритизизатсия ба маънои васеъ ин ҷойивазкунии бозори қарзгирӣ аз қарздиҳии классикии бонк дар самти маблағгузорӣ дар бозори ғайришахсии пул ва бозори сармоя тавассути эмиссияи коғазҳои қиматнок мебошад;

- секюритизизатсия ба маънои маҳдудаш усули инноватсионии маблағгузорие мебошад, ки он аз хориҷ кардани дороиҳои молиявӣ аз тавозуни корхона, ҷудо кардани онҳо аз қисми боқимондаи дороӣ ва интиқол ба миёнарави махсуси молиявӣ, маблағгузорӣ тавассути эмиссияи коғазҳои қиматнок дар бозорҳои байналмилалии пул ва сармоя ё гирифтани қарзи синдикатӣ сарчашма мегирад [2].

Мақсади таҳқиқоти дар мақола пешниҳодшуда ташаккули дороиҳои бонкӣ, самаранок истифода шудани онҳо ва афзоиши фоида мебошад. Аз ин сабаб, сиёсати бонк бояд ба масъалаҳои устувор нигоҳ доштан ё зиёд намудани даромади соф ба шакли фоиз, ба даст даровардани даромади ғайрифоизӣ, назорат аз рӯи хароҷот, таъмини пардохтпазирӣ ва ғайра равона карда шаванд.

Ба таври оқилона омезиш додани манбаъҳои ташаккули захираҳои бонкӣ ва самтҳои ҷойгиркунии онҳо барои дар сатҳи баланд расонидани пардохтпазирии бонк ва даромаднокии фаъолияти он аз санъати менеҷменти бонкӣ аз қобилияти он вобастагии калон дорад. Яке аз вазифаҳои роҳбарияти бонк дар чараёни идора кардани амалиёти активӣ доштани захираҳои пулӣ мебошад, ки он метавонад пардохтпазирии бонкро таъмин намояд.

Дар ин асос, роҳбарияти бонк ҳамеша нишондодҳои молиявиашро зери назорат гирифта, онро пайваста таҳлил менамояд. Ҳангоми пайдо намудани камбудӣ дар фаъолияти молиявӣ онҳоро зарур аст, чораҳои зарурирo оид ба бартараф кардани ин камбудиҳо андешанд, ки ин аз барориши иловагии коғазҳои қиматнок, зиёд намудани сармояи оинномавӣ, ҷалби пасандозҳои иловагӣ ва дигар чораҳо ҷиҳати таъмини пардохтпазирӣ буда метавонад.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк: Васоити таълимӣ / Н. Ашуров. - Д.: Матбуот, 2011. - 314 с.
2. Бэр Х.П. Секъюритизация активов: секъюритизация финансовых активов - инновационная техника финансирования банков; пер. с нем. Ю.М. Алексеева, О.М. Иванова./ Х.П.Бэр. - М.: Волтерс Клувер, 2006. - 624 с.
3. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» №143 аз 12 ноябри с.2019, [манбаи электронӣ] URL: https://www.nbt.tj/2016.11.19.pdf/. саҳ.4, (санаи муроҷиат: 30.08.2019).
4. Куликов Н.И. Банковские ресурсы, их формирование и эффективное использование : монография / Н. И. Куликов, Н. П. Назарчук. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2014. - 108 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» №782 аз 26.12.11с. саҳ. 14.
6. Лаврушин О. И. Банковское дело: учебник /О. И. Лаврушин, И. Д. Мамонова, Н. И. Валенцева и др.; Под ред. О. И. Лаврушина. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: КНО-РУС, 2011. - 302 с.
7. Лаврушин О.И. Банковское дело. /О.И. Лаврушин. - М., 1992. - 353 с.
8. Николова Л.В., Омельяненко А.Р. Секъюритизация банковских активов в современных реалиях национальной н кредитной системы России// Научно-технические

ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2014. - №4 (199). - С.128. [электронный ресурс].
9. Сорокина И. Основы банковской аналитики. Урок 6/1. URL: http://bankir.ru/publikacii / 20090923 / osnovi-bankovskoi-analitiki-yrok-61-2436601 / (дата обращения: 30.08.2019).
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. - 71 с.
11. Чичуленков А. Особенности управления портфелем банковских активов/ А. Чичуленков // Финансы и кредит. Банковский менеджмент. - 2009. - 12 (348) –С. 41-46

**УДК: 331.556.4**

## ТАДБИРҲОИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА ДОИР БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАИ НОРАСОИИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Кабиров Шарофудин Раҳмудинович*** *- омӯзгори кафедраи молияи ДДБ ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.: 919-25-45-55. E-mail.* Sharof_kabirov@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи тадбирҳои мамлакатҳои хориҷаро доир ба нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар замони пандемия мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ таъсири Ковид-19-ро ба соҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷират, истеҳсолот, содирот ва воридот, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ баррасӣ намудааст.*

*Муаллиф ҳангоми таҳлил муайян намудааст, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ тадбирҳои кам кардани маҳдудиятҳои ҳаракат барои коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ, тамдиди раводиди корӣ барои муҳоҷирони муваққатӣ ва мавсимӣ, ба корҳои кишоварзӣ ҷалб намудани коргарони маҳаллӣ, ҷалби гурезаҳо ба корҳои кишоварзӣ роҳандозӣ карда шуда, натиҷаҳои хуб додааст.*

*Муаллиф ҷамъоварии беталафоти ҳосили бадастомадаро дар замони пандемия аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи нарасидани қувваи корӣ масъалаи рӯзмарра меҳисобад, зеро он ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар таъсир мерасонад.*

***Калидвожаҳо***: *қувваи корӣ, муҳоҷират, кишоварзӣ, коргарони мавсимӣ, коргарони маҳаллӣ, ҷалби гурезаҳо, мамлакатҳои хориҷӣ, идоракунӣ, кишт, ҷамъоварии ҳосил.*

## МЕРЫ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПРИ РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМ НЕХВАТКИ РАБОЧЕЙ СИЛЫ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

***Кабиров Шарофудин Рахмудинович*** *- преподаватель кафедры финансов Государственного университета им. Носири Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел.: 919-25-45-55. E-mail.* Sharof_kabirov@mail.ru

*Автор в статье анализирует меры, принятые зарубежными странами для решения проблемы нехватки иностранной рабочей силы в сельском хозяйстве во время пандемии. Он рассматривает влияние Ковид-19 на секторы экономики Республики Таджикистан, включая миграцию, производство, экспорт и импорт, инвестиции и банковское дело.*

*В ходе анализа автор отмечает, что в зарубежных странах приняты меры по снижению ограничений на передвижение сезонных сельскохозяйственных рабочих, продлению рабочих виз для временных и сезонных мигрантов, привлечению местных рабочих и беженцев для работы в сельском хозяйстве, что дали хорошций результат.*

*Безубыточный сбор полученного урожая во время пандемии в условиях нехватки рабочей силы мигрантами автор считает актуальной задачей, так как это влияет на продовольственную безопасность страны.*

***Ключевые слова:*** *рабочая сила, миграция, сельское хозяйство, сезонные рабочие, местные рабочие, привлечение беженцев, зарубежные страны, менеджмент, выращивание, сбор урожая.*

## MEASURES OF FOREIGN COUNTRIES TO SOLVE THE PROBLEM OF A SHORTAGE OF FOREIGN LABOR IN AGRICULTURE

***Kabirov Sharofudin Rakhmudinovich*** *- Teacher of Finance Department of Nosiri Khusrav State University. Address: 735140 Bokhtar, Ayni street, 67. Tel: 919-25-45-55. E-mail. Sharof_kabirov@mail.ru*

*In his article, the author analyzes the measures taken by foreign countries to address the shortage of foreign labor in agriculture, and Kovid-19 has negatively affected the economic sectors of the Republic of Tajikistan, including migration, manufacturing, exports and imports, investment and banking. During the analysis, the author noted that in foreign countries, measures have been taken to reduce restrictions on movement for seasonal workers in agriculture, extend work visas for temporary and seasonal migrants, attract local workers to work in agriculture, attract refugees.*

*The author considers the break-even harvesting of the resulting crop during a pandemic in the context of a shortage of labor to be an urgent task, as this affects the country's food security.*

***Keywords:*** *labor force, migration, agriculture, seasonal workers, local workers, refugee attraction, foreign countries, management, cultivation, harvesting.*

Тавре маълум аст, паҳншавии беморин ҳамагири COVID-19 ба ҳамаи соҳаҳо дар тамоми ҷаҳон таъсири манфӣ расонид, махсусан, ба иқтисодиёт ва алалхусус ба муҳоҷирати меҳнатӣ, зеро дар муддати дароз рафту омади одамон миёни давлатҳои гуногун қатъ гардид.Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири буҳрони COVID- 19 дар канор намонд. Табиист, ки пас аз афзоиш ёфтани шумораи мубталоёни коронавирус дар кишварҳои ҳамсоя ва минтақа робитаи ҳавоӣ ва заминӣ қатъ ва маҳдуд гардид. Ҳукумати кишвар ба хотири ҳифзи саломатии мардум ва тақвияти чораҳои бедоштӣ тадбирҳо андешид. Аз ҷумла, ба тавсиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии Ковид-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саривақтӣ ва муҳим буд. Ҳукумати кишвар тадбирҳои таъхирнопазирро дар самти таъмини устувории макроиқтисодӣ, беҳтаргардонии вазъи низоми бонкӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ, пурра ва сари вақт пардохт намудани уҳдадориҳои иҷтимоии давлат ва зиёд намудани истеҳсолу захираи маҳсулоти ниёзи аввал роҳандозӣ намуда, ҷиҳати андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба таъмини фаъолияти мунтазами тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан, саноату кишоварзӣ ва дар маҷмуъ, рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар тамоми чораҳои зарурира амалӣ намуд. Ҳамзамон, барои фаровонии бозорҳо, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷоннок намудани кишту кори баҳорӣ ва кишти такрорӣ, сафарбар намудани мардум ба истифодаи мақсадноки заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва махсусан заминҳои наздиҳавлигӣ ва таъмини мардум бо маҳсулоти хӯрокворӣ тадбирҳои саривақтӣ андешида шуданд.

Яке аз тадбирҳои ба таври васеъ паҳншуда дар мубориза ба муқобили коронавирус ин маҳдуд намудани ҳаракат ва ба таври пурра бастани сарҳадоти давлатҳо мебошад. Дар аксари кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳатто ҳаракатҳои дохилиро маҳдуд намуданд. Дар натиҷаи маҳдудиятҳо ин беморӣ ба чунин соҳаҳои иҷтисодӣ таъсири манфӣ расонид, ки мо онро дар расми 1 пешниҳод намудем.




**Расми1. Таъсири Ковид-19 ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Манбаъ: Таҳияи муаллиф**

Вобаста ба соҳаҳои пешниҳодшуда, гуфтан мумкин аст, ки чораҳои маҳдудкунанда, минҷумла ба содироти қувваи корӣ ё худ муҳоҷират, ки асоси пешбурди зиндагии мардум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон мебошад, таъсири манфӣ расонид. Вобаста ба ҳамин, таҳқиқгари ватанӣ Ғ.У. Ғоибназаров дар рисолаи илмии худ дар мавзуи "Таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон дар шароити таъсири таконҳои беруна" ҳолатҳои Ковид-19-ро таҳлил намуда, чунин қайд кардааст: "Ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонии пандемияи COVID-19 дар таъмини амнияти иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро ба ҳамаи самтҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар самти муҳоҷирати беруна, содирот, воридот, дар низоми бонкдорӣ, қурби асъор ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ расонида истодааст"[1, с.108].

Бемории коронавирус ба ҳама кишварҳои ҷаҳон, бахусус Россия ва Чин, ки шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, таъсири манфӣ расонид ва таъсири он ба иқтисодиёти мамлакати мо расид. Аз ҷумла коҳишёбии ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёт ва саривақт татбиқ нагардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад ба суст шудани суръати рушди соҳаҳои иқтисодиёт, хусусан савдои дохилию хориҷӣ, бахши хизматрасонӣ ва сайёҳӣ таъсири манфии худро зиёдтар расонад.

Дар ин робита, бисёре аз кишварҳои тараққикарда дар бахши кишоварзии худ ба нарасидани қувваи корӣ, ки дар он асосан коргарони хориҷӣ машғул ба кор буданд, рӯ ба рӯ шуданд. Бавижа ин масъала дар соҳаҳои меҳнатталаб (мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ), ки талабот ба кори мавсимӣ, аксаран кори кишт ва ҷамъоварии ҳосил баланд аст, мушоҳида гардид.

Ба ақидаи Т.И. Заславская ва Л.Л. Гибановский, муҳоҷирати аҳолӣ шакли махсуси зудҳаракатӣ ва чун мафҳуми муҳоҷирати иқтидорӣ ва воқеӣ ҳисоб меёбад. Мутаҳаррики омодагии аҳолӣ ба тағйири мақоми территориявии худ мебошад [2, с.10].

Дар ин асос, бо назардошти баёни фавқ, дар адабиёти иқтисодӣ ду муносибат ба таҳлили ҷараёни муҳоҷират мавҷуд аст [8, с.18].

Тибқи ақоиди муосир доир ба муҳоҷирати байналмилалии иқтисодӣ, ки ба муносибати нави классикӣ мансубанд, ҳар як шахс маҳсулоти ниҳоии меҳнати худро мегирад ва истеъмол менамояд. Тарафдорони ин консепсия муътақид бар онанд, ки муҳоҷират ба рушди некуаҳволии мамлакати қабулкунанда оварда мерасонад, ҳамзамон, рушди иқтисодии давлате, ки муҳоҷир аз он ҷо омадааст, тағйир намеёбад.

Аммо К.С. Одинаев оид ба моҳияти мафҳумҳои «муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳаракати аҳолӣ» дар миёни олимон андешаи ягона вуҷуд надорад. Ба андешаи ӯ, ҷанбаи демографии ҳаракати аҳолӣ тағйири макон кардани аҳолӣ аз лиҳози фазоӣ, физикӣ ё ҷуғрофиро ифода мекунад ва аз ҷанбаи иҷтимоии ҳаракати аҳолӣ, ки дар он тағйири мавқеи фард (масалан, тағйири шуғл) ба амал меояд, фарқ дорад [7, с.10]. Мо характери назариявии муҳоҷиратро ба таври муфассал баррасӣ намекунем ва мегузарем ба масъалаи таҳқиқотиамон, ки тадбирҳои мамлакатҳои хориҷа доир ба нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ аст.

Норасоии қувваи кории хориҷӣ ба иллати баста шудани сарҳадҳои байналмилалӣ ва маҳдуд шудани ҳаракатҳо дар дохили мамлакат як мушкилии хеле калон мебошад, ки метавонад ба нархҳо ва дастрасии баъзе маҳсулот таъсири ҷиддӣ бирасонад. Бахусус, ин қазия ба таври назаррас метавонад ба соҳаҳои меҳнатталаб, ба монанди растанипарварӣ ва чорводорӣ таъсиргузор бошад.

Тадбирҳоеро, ки ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ доир ба паст кардани хавфҳои нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба кор гирифтаанд, онҳоро мо дар расми 2 гурӯҳбандӣ намудем.




**Расми 2. Тадбирҳои мамлакатҳои хориҷа доир ба паст кардани хавфҳои нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ.**

**Таҳияи муаллиф**

Акнун мегузарем ба таҳлили ҳар як тадбири пешгирифта.

1. **Кам кардани маҳдудиятҳои ҳаракат барои коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ**. Коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ шахсоне мебошанд, ки дар дастгирии бахшҳои ҷудогонаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини маводи озуқаворӣ иштирок мекунанд. Дар ИМА ва Канада интихоби коргарон барои корҳои мавсимии кишоварзӣ бо каме тағйироту иловаҳо дар тартиботи барасмиятдарорӣ ва риояи тадбирҳои эҳтиёткорӣ барои саломатӣ ва бехатарӣ идома дорад. Департаменти давлатии ИМА суҳбатҳои шахсии дархосткунандагонро барои ба даст овардани раводиди H-2A (раводиди муваққатӣ барои кормандони ғайримутахассиси кишоварзӣ)-ро бекор намуд, қаблан ин тартибот ҳатмӣ буд [10]. Дар кишвари Канада низ интихоби коргарони мавсимӣ аз дигар давлатҳо барои корҳои соҳаи кишоварзӣ идома дорад, аммо он коргарон баъд аз он ки ба Канада ворид шуданд, бояд дар муддати 14 рӯз дар карантин бимонанд ва фақат пас аз карантин дар сурати зоҳир нашудани нишонаҳои бемории коронавирус метавонанд ба иҷрои корҳои худ оғоз намоянд. Аммо мушкилиҳое пеш меоянд, марказҳои раводиддиҳанда ҳам дар ИМА, Канада ва кишвари Мексика, ки ба унвони кишварҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирон мебошанд, бастаанд ва ин амал тартиботи бюрократияро боз ҳам мушкил гардонид. Ба ғайр аз ин, вазъият ба иллати парвозҳои ғайримуназзам мушкил гардид, дар ин ҳолат зарур буд, ки парвозҳо бо ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва монанди инҳо ба танзим дароварда шаванд [10].

Вазъияти мураккабе дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низ ба мушоҳида мерасад. Сухан дар бораи ҷалби коргарон аз хориҷи кишвар намеравад. Аммо тадбирҳое дар заминаи коҳиш додани маҳдудиятҳо доир ба ҳаракати коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ дар дохили Иттиҳоди Аврупо ва шомил намудани рӯйхати ин гуна коргарон ба рӯйхати мутахассисони нисбатан муҳим дар баробари табибон ва дипломатҳо ба кор гирифта шуд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки на ҳамаи коргарон мехоҳанд аз кишварҳои худ берун биравад, онҳо дар ташвиши онанд, ки мубталои бемории коронавирус мешаванд, ё ин ки ба кишвари худ баргашта наметавонанд.

Олмон дар навбати худ дар бораи коҳиш додани маҳдудиятҳо ҷиҳати воруди коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ эълон намуда, барномаи овардани коргаронро аз кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба Олмон қабул намуд. Ширкати ҳавопаймоии Eurowigs барои ҷалби муҳоҷирон қарордод ба имзо расонида, интиқоли онҳоро ба Олмон анҷом медиҳад. Фермерҳо дар бораи талаботи худ ба қувваи корӣ ба ширкати ҳавопаймоӣ хабар медиҳанд ва вобаста ба ин дархост ширкат теъдоди муайяни коргаронро интихоб намуда,

ба ҷойи лозима мерасонад. Пас аз бақайдгирӣ ва омадани теъдоди лозимаи муҳоҷирон онҳоро дар портали ассотсиатсияи фермерҳо ба қайд мегиранд. Ин маълумотҳо ба идораи пулиси федералӣ ва хадамоти муҳоҷират барои барасмиятдарорӣ ва инчунин мақомоте, ки бобати қабули тадбирҳои карантинӣ масъуланд, пешниҳод карда мешаванд. Коргарон бояд пас аз назорат ва муоинаи ҷиддӣ ва риояи беҳдоштӣ ба Олмон парвоз карда оянд. Пас аз расидан ба маҳалли кории хеш муҳоҷирон аз дигар коргарон ва фермерҳо ду ҳафта ҷудо бошанд, воситаҳои беҳдоштӣ ва фосилаи иҷтимоиро риоя кунанд. Аввалин парвози ҳавопаймо шомили коргарони муҳоҷири мавсимӣ аз Руминия ба Дюсселдорф ва Берлин омада расид, инчунин, хатсайрҳое дар масири Карлсруэ, Лейптсиг, Нюрнберг ва Франкфурт ба нақша гирифта шудааст [4].

**2. Тамдиди раводиди корӣ барои муҳоҷирони муваққатӣ ва мавсимӣ**

Тадбирҳои зиёде дар кишварҳое, ки дар он ҷо қувваи корӣ намерасад, ба тамдиди раводиди корӣ барои муҳоҷирони муваққатӣ ва мавсимӣ нигаронида шудааст, барои он ки онҳое, ки ба мамлакат барои кор меоянд, имкон дошта бошанд корро дар соҳаи кишоварзӣ идома диҳанд. Барои мисол, Ҳукумати Италия дар ҷавоб ба масъалаи нарасидани қувваи корӣ муҳлати корти иқоматро барои шаҳрвандоне, ки аз кишварҳои ғайри Иттиҳоди Аврупо мебошанд ва чанд вақт дар мамлакат ба сар мебаранд, тамдид намуд [9]. Ба ғайр аз ин, пешниҳод шуда буд, ки ҳузури коргарони хориҷиеро, ки бе корти иқомат дар мамлакат қарор доранд, ба расмият дароварда, дарёфти иҷозат барои корҳои кишоварзиро сода гардонанд ва монанди инҳо.

Дар ИМА Вазорати меҳнат уҳдадор шудааст, ки коргарони муҳлати қарордоди кориашон баитмомрасидаро дубора киро намуда, барои кор ба дигар ширкатҳои кишоварзӣ равона намояд. Дар шароитҳои маъмулӣ коргароне, ки раводиди H-2A-ро дарёфт кардаанд, метавонистанд фақат барои як корфармо, яъне бо оне, ки қарордод бастаанд, кор кунанд. Пас аз поён ёфтани муҳлати қарордод муҳоҷирон бояд ба кишвари доимии худ баргарданд. Ҳангоми пандемия, ё ин ки хуруҷи бемории коронавирус Ковид-19 ин шароитро иваз карданд.

**3. Ба корҳои кишоварзӣ ҷалб намудани коргарони маҳаллӣ**

Нарасидани қувваи кориро дар корҳои саҳроӣ на танҳо аз ҳисоби коргарони хориҷӣ, балки аз ҳисоби коргарони худӣ, ки ҳангоми хуруҷи бемории коронавирус Ковид-19 кори худро аз даст додаанд, таъмин мекунанд. Дар мамлакатҳои Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Испания, Канада ва дигар мамлакатҳо барномаҳои вижаи ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои саҳроӣ мавҷуд мебошад [12].

Барои мисол, дар Олмон платформаи иттилоотие сохта шудааст, ки дар он корфармоён ва корҷӯён маълумотҳои худро ҷой медиҳанд. Яке аз чунин вебсайтҳо (https://www.CaslanChilft.Ce/) мебошад, ки барои барқарор кардани иртибот дар байни фермерҳо ва довталабоне, ки омодаанд ҳангоми ҷамъоварии ҳар гуна зироатҳо ба фермерон кумаку ёрӣ бирасонанд, роҳандозӣ шудааст. Дар ин сомона пешниҳодҳо дар бораи расонидани ёриву кумак ва инчунин муҳлат, миқдори соатҳои корӣ, вазъияти кор, мавҷуд будани корти ронандагӣ, нақлиёт, тахассус ва собиқаи корӣ ва амсоли инҳо эълон дода мешавад. Ба ғайр аз ин, дар ин сомона дар бораи ҷойҳои кории холӣ дар соҳаи кишоварзӣ эълон дода мешавад, ки дар он ба таври муфассал зикр мегардад, ки чӣ навъи кор аст, чанд соат вақт мегирад, чӣ қадар маош пардохт карда мешавад, шароити кор ва дигар масъалаҳои лозима дар робита ба кор ва амсоли инҳо ҷой дода мешавад.

Иттилооти муфассал ба одамоне равона карда шудааст, ки кори онҳо дар ҳолати пандемия муваққатан қатъ карда шудааст ва инчунин ба донишҷӯёне нигаронида шудааст, ки имтиҳонҳои онҳо мутаваққиф ва ё ба муҳлати дигар гузаронида шудааст. Чунин тадбирҳо дар Фаронса низ андешида шудааст. Дар он ҷо сомонае бо номи (https://Cesbraspourtonassiette.wizi.farm/) низ барои фермерон ё коргароне, ки кор мекобанд ва ё онҳое, ки хоҳишманди кор кардан дар соҳаи кишоварзиро доранд, сохта шудааст. Бештар аз 240 ҳазор нафар ба ин сомона таваҷҷуҳ зоҳир карда, аллакай, 5 ҳазор нафари онҳо кор пайдо карда, ба кор шуруъ кардаанд [3].

Дар Испания ҳукумат қарор қабул кард, ки аҳолии маҳаллии дар корҳои мавсимии соҳаи кишоварзӣ иштироккунанда метавонанд кумакпулиеро, ки аз давлат барои бекориашон дарёфт мекарданд, минбаъд низ ҳангоми анҷом додани корҳои мавсимии саҳроӣ бигиранд. Ин тадбирҳо дар бахши кишоварзӣ то 30 июни соли 2020 идома кард. Аммо фермерон чунин меҳисобанд, ки ин тадбирҳо кофӣ нестанд ва коргарони маҳаллӣ

норасоии қувваи кориро ба пуррагӣ ҷуброн карда наметавонанд. Дар Гузориши ассотсиатсияи кишоварзони Испания гуфта шудааст: «Наздики 80% қувваи корие, ки барои мо барои корҳои мавсимӣ лозим аст, аз хориҷа меояд ва аз ин рӯ, дар сурати набудани имконият барои ворид кардани неруи корӣ аз хориҷа ин бахши корҳо бекоргар мемонанд» [3]. Дар музофоти Уэлваи Испания, яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони қулфинай дар Аврупо, иттиҳодияи кишоваразон маъракаи ҷалби коргарони маҳаллиро барои корҳои мавсимии кишоварзӣ ба роҳ монд, чунки ба иллати бемории коронавирус 9 ҳазор коргари мавсимии аз Марокаш ба Испания оянда, омада натавонистанд [6].

Фермерҳои Британияи Кабир пас аз хориҷ шудани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо ба нарасидани қувваи корӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимии саҳроӣ дар Британияи Кабир натиҷаи хуб ба бор наовард, фақат каме аз шаҳрвандон омода шуданд, ки даст ба корҳои саҳроии мавсимӣ бизананд [5]. Соли 2018 Барномаи таҷрибавие барои ҷалби коргарони мавсимӣ ба корҳои кишоварзӣ аз ҳисоби муҳоҷироне, ки шомили Иттиҳоди Аврупо нестанд, қабул карда шуд.

**4. Ҷалби гурезаҳо ба корҳои кишоварзӣ.**

Ба ғайр аз ин, дар бисёре аз кишварҳои аврупоӣ тасмим гирифта мешавад, ки барои ба фермерон кумак расонидан аз ҳисоби гурезаҳои тоза ба Иттиҳоди Аврупо омада дастаҳои корӣ ташкил карда шавад. Ба ҳамин минвол, дар Италия барасмиятдарории хориҷиёни ба таври ғайриқонунӣ ба ин кишвар омада сурат мегирад. Дар Фаронса ва Олмон барои ҷамъоварии ҳосили пухтарасидаи маҳсулоти кишоварзӣ гурезаҳо ҷалб карда мешаванд ва бо онҳо қарордод ба имзо расонида, маоши минималие пардохт карда мешавад [5].

Аммо фермерон изҳори нигаронӣ карда, асосан шаҳрнишинон ва гурезаҳо, ки таҷрибаи кории кишоварзӣ надоранд ва онҳо ба реҷаи кори кишоварзӣ, ки новобаста ба боду ҳаво бояд ҳосил ҷамъоварӣ карда шавад, тоқат оварда наметавонанд. Моликон маҷбур мешаванд ба гурезаҳо ва коргарони маҳаллӣ, ки аз шаҳрҳо омадаанд, тарзи ҷамъоварии ҳосилро ёд бидиҳанд ва ба онҳо биомӯзанд, ки ҳосилро бе талафот ҷамъоварӣ намоянд, ин корҳо дар навбати худ маблағ ва вақтро талаб мекунанд. Ба ғайр аз ин, шавқу ҳаваси ихтиёриён вақте ба мушкилоти корҳо ва маоши паст рӯ ба рӯ мешаванд, паст гардад. Ба назар чунин мерасад, ки ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимии кишоварзӣ масъаларо пурра ҳаллу фасл намекунад, аммо хароҷоти иловагиро пеш меорад.

Дар маҷмуъ, шароити пандемия водор мекунад, ки дар сохтори кори кишоварзӣ тағйирот ворид карда шавад. Сарфи назар аз он ки кадоме аз коргарон дар саҳро ба кор машғуланд, муҳоҷирон ё коргарони маҳаллӣ, корфармо вазифадор аст, ки онҳоро бо абзори беҳдоштӣ ва ҳифозат таъмин намояд, коргарон дар дар навбати худ бояд фосилаи иҷтимоиро риоя намоянд, ҳаққи рухсатӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ дошта бошанд ва монанди инҳо.

Бояд гуфт, ки ҷамъоварии беталафоти ҳосили бадастомада дар замони пандемия дар замони нарасидани қувваи корӣ масъалаи басо рӯзмарра мебошад, зеро он ба таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар таъсир мерасонад.

**Адабиёт**


1. Ғоибназаров Ғ.У. Таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон дар шароити таъсири таконҳои беруна: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD). / Ғ.У. Ғоибназаров. – Душанбе.- 2021. -108с.
2. Ионцев В. А. Миграциология / В. А.Ионцев, Б.А. Денисенко, Б.С. Хореев. – МГУ, 1989. – 96 с. - С. 4-10.
3. Европейские правительства пытаются найти сельскохозяйственных рабочих для сбора урожая // FinancialTimes. [электронный ресурс] URL: https://www.ft.com/content/601a4dd9-b996-4c49-bc22-8f49bfd06ea0 (дата обращения: 13. 04.2020 г).
4. Коронавирус: фермы Канады сталкиваются с нехваткой рабочей силы, несмотря на то, что TFW разрешил путешествовать // Immigration.ca. [электронный ресурс] URL: https://www.immigration.ca/coronavirus-canadas-farms-face-labour-shortage-de-spite-tfws-being-allowed-to-travel (дата обращения: 02. 04. 2020 г.)
5. Кэрролл Р. Фермеры по всей Европе делают ставку на импровизированные армии сборщиков, чтобы спасти урожай/Р.Керрол, С.Джонс, А.Джуффрида, К.Виллшер, К.Коннолли // TheGuardian. 3 апреля 2020 г. [электронный ресурс] URL:

https://www.theguardian.com/world/ 2020 / апр / 03 / farmers-through-europe-bank-on-implvised-armies-of-pickers-to-save-урожай (дата обращения: 03. 04. 2020 г.)
6. Олдерман Л. Фермеры-мигранты, сбор урожая которых в Европе заблокирован на границах/Л.Олдерман, М.Эдди, А.Цанг // Нью-Йорк Тайм. 27 марта 2020 г. [электронный ресурс] URL: ttps: //www.nytimes.com/2020/03/27/business/coronavirus-farm-labor-europe.html (дата обращения: 27.03. 2020 г.)
7. Одинаев К.С. Асосҳои назариявии тамоюлҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / К.С. Одинаев. – Душанбе, 2018. – 134 с.
8. РыбаковскийЛ.Л. Миграция населения/Л.Л.Рыбаковский. – Москва: Наука, 2001.-114 с.
9. Ansa R. Confagricoltura, beneprorogapermessi di soggiorno a stagionali // T&G Mondo Agricolo. 24 marzo 2020. [электронный ресурс] URL: https://www.ansa.it/canale_terraegusto/notizie/ mondo_agricolo/2020/03/24/ confagricoltura-bene-proroga-permessi-di-soggiorno-a-stagionali_c1dd8d6d-3494-4031-aa41-1dda7db7bbf2.html (дата обращения: 24.03. 2020 г.)
10. Important announcement on H2 Visas // Travel.State.Gov. 26 March 2020. [электронный ресурс] URL: https://travel.state.gov/ content/travel/en/News/visas-news/important-announcement-on-h2-visas.html (дата обращения: 26.03. 2020 г.)
11. Rising D. Germany flies in seasonal farm workers to help agriculture sector hit by coronavirus travel bans // Time USA. 9 April 2020. [электронный ресурс] URL: https://time.com/5818428/germany-farm-workers-coronavirus/ (дата обращения: 09.04. 2020 г.)
12. Фасеҳзода И.С. Нақши идоракунии давлатӣ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №01. - С. 71-77.

---

**УДК: 330.5**

# БАҲОДИҲИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рофизода Саидбек Ҳасан*** *- ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 16/4. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru. Телефон: 93-523-06-66.*

*Дар мақола заминаҳои ташаккулёбии назария ва методологияи сатҳи зиндагӣ, алалхусус, муайян кардан ва сафарбар намудани имкониятҳои асоснокгардонии рушди ҳамвори минтақаҳо ҳамчун объекти омӯзиш қарор дода шудааст. Масъалаи мазкур дар робита ба васеъ ба роҳ мондани омӯзиши ҷиҳатҳои консептуалии нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ мувофиқан ба самтҳои стратегии баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мебошад.*

*Дараҷаҳои интенсивнокии иқтидори даромад ва хароҷоти аҳолӣ вобаста аз ҳаҷм ва таркиби онҳо дар минтақаҳо таҳлил карда бароварда мешавад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки баркашии иқтидори дараҷаи некуаҳволӣ ва асоснокии методологии онро барои ҳамоҳангсозӣ ва идора намудани таъсисёбии заминаҳои моддии минтақаҳо дар маҷмуъ ва хусусиятҳои он аз тариқи ташаккул ёфтани нишондиҳандаҳои натиҷавии сатҳи зиндагӣ дар ҳамоҳангӣ бо рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ равона гардонад. Ҳамин тавр, омӯзиш ба самте нигаронида шудааст, ки дар ҳолати мавҷуд будани омӯзиши алоқамандӣ, имконияти гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигари низоми хоҷагидорӣ ва ташаккули даромадҳо мунтазам ба эътибор гирифта шавад. Дар ин асос имконияте фароҳам меояд, ки таҳияи модели баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволӣ дар асоси маълумотҳои оморӣ ва рушди минтақаҳо характери мушоҳидавӣ ва таҳлилӣ гирад.*

*Баҳодиҳии вазъи макроиқтисодии минтақаҳо аз ҳисоби дарёфт ва сафарбар кардани имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, алалхусус, минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ ва мазмунгирии ҷараёни интенсивнокии майли даромад ва хароҷот барои чен кардани рушди сатҳи зиндагӣ сафарбар карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ташаккулёбии даромад, хароҷоти аҳолӣ, имкониятҳои иқтисодии минтақа, нишондиҳандаи натиҷавӣ, қобилияти вусъатгирӣ, сатҳи некуаҳволӣ, таркиби нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ, дараҷаи тафриқавии аҳолӣ, музди меҳнат, сифати зиндагӣ.*

## ОЦЕНКИ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Рофизода Саидбек Хасан*** *- ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово – экономического университета. Республика Таджикистан, г. Душанбе, р. Сино, ул. Мухаммадиев 16/4. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru. Телефон: 93-523-06-66.*

*В статье расмотренны основные предпосилки формирования теории и методологии уровня жизни, особенно выявления мобилизации и возможность стабильного развития регионов. Данная проблема связано с повсеместным изучением концептуальных аспектов благополучия в соответствии со стратегическими направлениями повышения уровня жизни.*

*Степень интенсивности доходов и расходов населения изучена с позиции объема и их структуры в регионах. Автор пытался обосновать методологии взвешивание потенциала уровня благосостояния и управления формирования материальной базы регионов в зависимости от развитие отраслей производства и оказание услуг. Таким образом, исследование направлено на выявление возможности перехода из одного состояния в другое при наличии связи в рамках функционирования и изменения механизма хозяйствования. На этой основе выявляется возможности разработки модели оценки уровня благосостояния на основе совершенствования статистических данных и развития регионов, который будет носить наблюдательный и аналитический характер.*

*Оценка макроэкономической ситуации в регионах будет мобилизована посредством выявления и мобилизации возможностей для повышения уровня жизни, особенно в РРП, а также содержания интенсивности доходов и расходов для измерения развития уровня жизни.*

***Ключевые слова****: формирование дохода, расходы населения, экономические возможности региона, результативные показатели, расширение способность, уровень благосостояния, состав показателей благосостояния, дифференцированное население по уровню, заработная плата, качество жизни.*

## ESTIMATES OF THE STANDARD OF LIVING OF THE POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Rofizoda Saidbek*** *– an assistant of the economic theory department in Financial and Economic University of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Muhammadiev 16/4. E-mail:saidbek. rofizoda@mail.ru. Phone: 93-523-06-66.*

*The article discusses the basis for the formation of the theory and methodology of the standard of living, in particular, to identify and mobilize opportunities for the smooth development of regions. This problem relates to the widespread study of conceptual aspects of well-being in accordance with strategic directions for improving living standards. The author has analyzed the level of income intensity and expenditure potential of the population depending on their number and composition in the regions. The author seeks to assess the potential of the standard of living and its methodological justification for the coordination and management of the formation of the material base of the region as a whole, through the formation of performance indicators in accordance with the development of production and services. Thus, the study is aimed at identifying the possibility of transition from one state to another in the presence of a connection. On this basis, it is possible to develop a model for assessing the level of well-being based on statistical data and regional development, which will be observational and analytical.*

*The assessment of the macroeconomic situation in the regions will be mobilized by identifying and mobilizing opportunities for improving living standards, especially in the regions of republican subordination, as well as the content of income and expenditure intensity to measure the development of living standards.*

***Key words:*** *income generation, population expenditures, economic opportunities of the region, performance indicators, expansion of ability, level of well-being, composition of indicators of well-being, differentiated population by level, wages, quality of life.*

Дар ҳар давру замон мафҳуми некуаҳволӣ ҳамчун зуҳуроти бисёрпаҳлу истифода шуда, мушаххас гардидани он то ба имрӯз дар назарияи иқтисодӣ идома дорад. Таъмини некуаҳволии мардум яке аз масъалаҳои муҳими сатҳи амалия низ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини зиндагии шоистаи мардумро дар мадди аввал мегузорад. Перомуни масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 қайд намуданд: «Ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат таъмин намудани рушди устувори иқтисодии кишвар тавассути баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дарёфти манбаъҳои нави рушд, тараққӣ додани соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, инкишофи неруи инсонӣ ва бо ҳамин роҳ мунтазам беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад» [5].

Бинобар ин сабаб, дар ин самт тадқиқотҳои олими ватанӣ хело назаррас аст. Масалан, дар таҳқиқоти худ доир ба арзёбии ҳолати кунунии некуаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳисоби шохиси рушди неруи инсонӣ Х.Қ. Юнусзода чунин қайд мекунад: “Яке аз нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Азбаски муайян кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ нишондиҳандаи асосие мебошад, ки дараҷаи рушди давлатро муайян мекунад, омӯзиш ва арзёбии ин нишондиҳанда вазифаи зарурии мутахассисон мебошад. Ғайр аз ин, омӯзиши ин мавзуъ имкон медиҳад, ки некуаҳволии аҳолӣ муайян карда шуда, рушди минтақаҳои кишвар баҳо дода шавад” [10, с. 94].

Аз ин бар меояд, ки дар самти омӯзиш ва таҳлилу баҳодиҳии ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ на танҳо олимони назарияи иқтисодӣ, балки давлату Ҳукумат низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Васеъ истифода бурдани ибораҳои қонеъкунанда барои шахсони алоҳида, шароитҳо дар робита ба хусусиятҳои фаъолияти зист хеле муҳим шуморида мешавад. Зиёда аз ин, мушкилиҳои ҳалли ин масъала дар муддати тӯлонӣ ба эътибор нагирифтани афкор ва таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами ғарбӣ буд. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолӣ дода мешуд. Ҳамзамон, дар робита ба ҳамин, фарқияти аниқи байни сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволӣ ба эътибор гирифта намешуд. Дар бисёр маврид ин мафҳумҳо ҳаммаъно шарҳ пайдо мекарданд. Чунин мавқеъ, аз назари мо, амал намудани равияҳои гуногун ба фаҳмида гирифтани фаҳмиши некуаҳволӣ дар сатҳҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ буд.

Аз назарияи илми иқтисод чунин бар меояд, ки баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум на ин ки тавсифи умумии тараққиёти ҷамъият, инчунин, шарти зарурии рушд мебошад. Алалхусус, дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи тағйирёбии дараҷаи рушди дохилӣ ва берунии кишварҳо. Дар натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур ба мо маълум гардид, ки ин масъала аз аввал ҳамчун бахши таркибии самти неоклассикӣ мебошад. Асоси ташаккули мавқеи ниҳодии омӯзиши масъалаи мазкур корҳои А.Смит, Д.Рикардо, А.Маршалл, Л.Валрас ва В.Парето ба шумор рафта, таҳқиқоти илмии онҳо моҳиятан масъалаҳои арзишнокии неъматҳои моддӣ, ташаккули бойигарӣ ва тақсимоти он ва шароитҳои ба амал омадани ҳолати мувозинати бозориро дар бар мегирифт.

Ба ақидаи мо, сатҳи зиндагӣ, дар маҷмуъ, аз таъсири омилҳои табиию иҷтимоӣ вобаста мебошад. Дар робита ба минтақа, омилҳои ҷуғрофӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва тағйирёбии муҳити табиӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳамин тавр, мавқеи мо нисбати масъалаи мазкур аз он бар меояд, ки ба омӯзиши сатҳи некуаҳволӣ аз нигоҳи таъсири омилҳои гуногун ба роҳ монда шавад. Дар ин самт вазъи демографӣ, шароитҳои маишӣ ва истеҳсолӣ, ҳаҷм ва сифати молҳои истеъмолӣ таъсири назаррас доранд.

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир мебошад, зеро ки дар рушди иқтисодии кишвар ифода меёбад. Дар асоси ин, маблағгузории он нишондиҳандаҳое, ки ба рушд ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд, аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад [11, с. 165].

Барои дуруст ба роҳ мондани баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ риоя намудани принсипҳои зерин муҳим мебошад [7, с.68]: а) принсипи комплексӣ, яъне ба инобат гирифтани таъсири тамоми нишондиҳандаҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасон; б)

принсипи истифодаи ченакҳои баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ; в) принсипи меъёрӣ, яъне баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ бояд дар асоси истифодаи меъёрҳои иҷтимоӣ-иқтисодии амалкунандаи мамлакат ба роҳ монда шавад, аз чумла: ба инобат гирифтани стандартҳои иҷтимоӣ, бузургии ақаллияти рӯзгузаронӣ, сабади истеъмолӣ, ҳадди ақалли музди меҳнат, нафақа ва ғ.; г) ба инобат гирифтани хусусияти минтақавӣ, аз ҷумла шароити географӣ, иқлим; ғ) принсипи ба инобат гирифтани характери иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ, аз ҷумла ҳаҷми сабади озуқаворӣ, бузургии ақаллияти рӯзгузаронӣ, аҳолии қобили меҳнат ва ғ.

Дар шароити имрӯза, вобаста ба талаботи рақамикунонии равандҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, рушди минтақаҳо, вазъи техника ва технология бо дарназардошти ҳолати фарҳангӣ, аҳамияти калон пайдо карда истодааст. Натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба мо маълум кард, ки некуаҳволӣ мазмунан аз ҳисоби воқеан фарогир будан бо неъматҳо барои қонеъгардонии талаботи моддию маънавӣ бар меояд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муҳим пеш гирифтани чорабиниҳои умумӣ дар таъмингардонии мунтазамии дараҷаи миёнаи сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ низ аз он шаҳодат медиҳанд, ки камшавии воқеии сатҳи камбизоатӣ пай дар пай ба чашм мерасад. Ҳамзамон, дар сатҳи Ҳукумати кишвар чорабиниҳое қабул карда шуданд, ки фарқият дар дараҷаи сатҳи зиндагӣ байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ, ки дар шароитҳои гуногуни рушди минтақавӣ қарор гирифтаанд, муваффақ гардидем.

Ҳамин тариқ, ибораи некуаҳволӣ ин майдони васеъ ва бисёрҷабҳаи рушди талаботи инсонӣ буда, аз дараҷа ва сатҳи қонеъгардонӣ дар соҳаҳои асосии фаъолият вобаста мебошад ва аз омилҳои комплексӣ вобастагии зич дорад.

Раванди ташаккулёбии талабот гуногун ба амал меояд. Чунин ҷараён аз нигоҳи миқдор ва сифат фарқкунанда мебошад. Вобаста ба ин аз тарафи мутахассисон талаботи аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа аз якдигар фарқ менамоянд (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Сохт ва таркиби пайдоиши талабот**

| № р/т | Пайдоиши талабот | |
|---|---|---|
| 1. | ***Талаботи аввалиндараҷа*** | |
| | Озуқа, об, ҳаво, шароити зист | Вобастагӣ аз физиологияи одам, ҳамчун намуди биологӣ |
| 2. | ***Талаботи дуюмдараҷа*** | |
| | Таҷрибаи ҳаётӣ, малакаю маҳорат, | Ҷараёни ҳаётӣ, ҳамчун маҳсули равонӣ ва вобастагӣ аз шароитҳои зист, таъсис гирифтани меъёрҳои рафтор дар ҷомеа |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси адабиёти 1 тартиб додааст.*

Ба ақидаи мо, талаботи дар боло дарҷгардида, дар маҷмуъ, аз миқдор ва сифати ҷойгиршавии табиию иқлимӣ вобастагии зич дошта, мувофиқан зарурати баҳодиҳии дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолиро тақозо менамояд. Маҳз ҳамин ҷиҳат ҳамчун заминаи истифодаи равияҳои гуногун дар мавриди баҳодиҳии сатҳи некуаҳволӣ кумак мекунад. Бо назардошти таҳқиқи асосҳои назариявии масъалаи омӯхташаванда метавон қайд намуд, ки шароитҳои иҷтимоӣ дар баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ доранд. Дар мавриди талаботи аз ҷиҳати миқдор ва сифат фарқкунанда мувофиқан равияи гуногуни баҳодиҳиро ба миён меорад. Бинобар ҳамин, талаботи аҳолӣ ва дараҷаи он, имкониятҳои дастрасӣ доштан барои қонеъгардонӣ, дар маҷмуъ, дараҷаи некуаҳволии мардуми минтақаро бо дарназардошти хусусиятҳои ҷойгиршавии онҳо таҷассум менамояд.

Ҳамаи ин, дар маҷмуъ, аз ташаккулёбии нишондиҳандаҳои мушаххас вобастагӣ дорад. Яъне, низоми нишондиҳандаҳои амалкунанда дар ин самт ба худ мазмун ва мундариҷаи воқеӣ касб менамояд. Ҳолати мазкурро ба таври мантиқӣ пешниҳод менамоем (ниг. ба расми 1).




***Расми 1.** Таркиби нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ*

Нишондиҳандаҳои таркибиро ҳамчун асос қабул намуда, дар мавриди низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ мантиқан чунин ҳисобида мешавад, ки дараҷаи некуаҳволӣ дар худ чунин нишондодҳоро фаро мегирад: а) нишондиҳандаҳои дараҷаи зиндагӣ; б) нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи сатҳи қонеъгардонии талаботи моддӣ ва маънавии аҳолӣ; ба ҳам алоқаманд будани нишондиҳандаҳои мазкур (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Қисмҳои баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволӣ**

| **Мазмун ва таркиби нишондиҳандаи индикативӣ** |
|---|
| **1. Даромад ва хароҷоти аҳолӣ** |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, қобилияти харидории даромадҳои пулии сарикасӣ дар қиёс бо бастаи ҳадди ақалли зиндагӣ, ҳиссаи аҳолӣ бо даромадҳои пулии камтар аз ҳадди ақалли зиндагӣ, индекси муҷассамгардии даромадҳо ё коэффитсиентҳои фондҳо, ҳиссаи хароҷот барои истеъмол дар хароҷоти истеъмолии аҳолӣ. |
| **2. Таъминот бо манзил ва моликият** |
| Ҳисоби масоҳати умумии фонди манзил ба ҳар як истиқоматкунанда, ҳиссаи масоҳати умумии фонди манзил, ки ба моликияти шахсии шаҳрвандон тааллуқ дошта, ҳиссаи фонди манзили ҳолати фарсуда ва садамавӣ, ҳиссаи аҳолии дар навбати манзил ба қайд гирифташуда, таъмини аҳолӣ бо автомашинаҳои сабукрав таъминбуда. |
| **3. Таъминоти ҷамъият бо иқтидори инфрасохторӣ** |
| Зичии роҳҳои автомобилии истифодаи умум бо рӯйпӯши сахт, сатҳи истифодаи воситаҳои алоқаи телефонӣ. |

***Манбаъ:** муаллиф дар асоси адабиёти 2 тартиб додааст.*

Ҳамин тавр, бо мақсади таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои баҳодиҳӣ дараҷаи некуаҳволии қисмҳои дар ҷадвали 2 овардашуда муҳимтар ба шумор рафта, дар робита ба қабул кардани чорабиниҳои асосҳои назариявӣ ва илмӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ хело таъсирбахш баромад карда метавонанд.

Дар мавриди баҳодиҳии дараҷаи некуаҳволӣ яке аз муаммои тавсифи дараҷаи некуаҳволӣ ин шароитҳои ташаккул ёфтани тафриқаи аҳолӣ аз рӯи дараҷаи даромадҳо мебошад. Чунин ҳолат ба тамоми низоми иқтисодӣ хос буда, таносуби объективонаи байни гурӯҳҳои аҳолӣ мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин дараҷаи тафриқавӣ аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ бар омада, дар воқеият боиси дигаргунии истеъмоли мол ва хизматҳо баромад мекунад. Дар шароити дигаргуншавии вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ҳамин тавр, зарурати аз нав дида баромадани бисёр паҳлуҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ёфтани дараҷаи сатҳи зиндагӣ ба миён меояд. Алалхусус, дар сатҳи минтақаҳо ба эътибор гирифтани ташаккули тафриқаи дараҷаи музди меҳнат, дараҷаи маълумотнокӣ ва доштани моликият, аҳамияти

калони иҷтимоӣ-иқтисодӣ пайдо намудаанд. Ҳамзамон, дар робита ба ин омӯзиши шароит ва дараҷаи ташаккулёбии сатҳи даромадҳо барои хоҷагиҳои хонагӣ хеле зарур мебошад. Бо назардошти дараҷа ва сатҳи гуногунро фаро гирифтани даромадҳо, теъдоди хонаводаҳо ҳамчун объекти таъсирбахши баҳодиҳӣ дар самти ташаккул ёфтани некуаҳволӣ баромад карда метавонад. Бо пайдо шудани табақаҳои нави иҷтимоӣ дар заминаи пайдоиши соҳибкорон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва сафи бекорон майдони тафриқавӣ васеъ гардида, ин дар ниҳояти кор, боиси вусъат пайдо кардани нобаробарии иҷтимоӣ ва талаботи нав дар таъсиси асоснокгардонии назария ва методологияи омӯзиш ва тавсифи некуаҳволиро мегирад. Дар ин замина пеш гирифтани шаклҳои нисбатан нави мушоҳидаи субъектҳои иқтисодӣ ва мувофиқан мукаммалгардонии тарзи кор ва фаъолият барои рушди иқтисод дар минтақаҳо мебошад.

Дигаргуниҳое, ки дар кишвар ба амал омаданд, ба таври объективӣ қобилияти вусъатгирӣ ва мустақилона ҳал намудани муаммоҳои маҷмуии дараҷаи некуаҳволиро таъмин намуданд. Рафти омӯзиш ва таҳқиқоти дигаргуншавии дараҷаи некуаҳволӣ дар мамлакат нишон дод, ки онҳо ҷараёнгирии тағйироти ислоҳоту дигаргунсозиҳо дар соҳаи иқтисодиёт мебошанд. Дараҷаи тафриқавии аҳолӣ аз рӯи сатҳи некуаҳволӣ аз бисёр ҷиҳат аз рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар кишвар, васеъ шудани муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Албатта, таҳқиқи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бе омӯзиш ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои номбаргардида ғайриимкон аст, лекин масъалаи аз ҳама муҳим ин афзоиши босуръати шумораи аҳолии деҳот ва ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолии давлат мебошад, ки дар асоси он мувофиқа кардани масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳалталаб низ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, барои таҳқиқи омории ин масъала ҳолат ва тамоюли зиёдшавии аҳолии деҳотро дида мебароем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос дорад. Бо назардошти он, ки солҳои охир мунтазам тамоюли зиёд гардидани шумораи аҳолии деҳот ба назар мерасад, бинобар ин, аҳамиятнокии масъала меафзояд. Динамикаи афзоиши шумораи аҳолии деҳотро аз рӯи маълумотҳои омори расмӣ дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Динамикаи афзоиши шумораи аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Соли 2019 нисбат ба соли 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии деҳот (ҳазор наф.) | 5990,2 | 6136,5 | 6290,9 | 6442,3 | 6577,0 | 6729,8 | 6874,9 | 14,8 |
| Бо % дар шумораи умумии аҳолӣ | 73,4 | 73,8 | 73,6 | 73,7 | 73,6 | 73,7 | 73,8 | 0,5 б.ф. |
| Суръати афзоиши аҳолии деҳот | - | 2,4 | 2,5 | 2,4 | 2,1 | 2,3 | 2,2 | |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. - С. 25, 27 ва 28.

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвали 3 дарҷгардида маълум мегардад, дар соли 2019 нисбат ба соли 2013 шумораи аҳолии деҳот 14,8% афзуда, ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ қариб бетағйир аст, лекин суръати миёнасолонаи афзоиши аҳолӣ 1,02% буда, ба ҳисоби миёна шумораи аҳолии деҳот ҳар сол 2-2,3% зиёд гардида истодааст. То 01.01.2020 шумораи умумии аҳолии деҳот 6874,9 ҳазор нафарро ташкил намудааст. Аз ин шумора 2435,6 ҳазор нафар ё 35,4%-ро аҳолии хурд - ғайри қобили меҳнат ва 4038,3 ҳазор нафар ё 58,7%-ро аҳолии қобили меҳнат ва 401,0 ҳазор нафар ё 5,8%-ро аҳолии аз синну соли қобили меҳнат калонтар дар бар гирифтааст. Дар шумораи умумии аҳолии деҳот ҳиссаи ҷавонони синни 14-30-сола 30,4% ё 2091,1 ҳазор нафарро ташкил намуда, дар муқоиса бо соли 2013, ки ҳиссаи ҷавонон 34,4%-ро ташкил мекард, ин нишондиҳанда дар

давраи таҳлилшаванда 3,3 б.ф коҳиш ёфтааст. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар сохтори синнусолии аҳолии деҳот тағйирот ба вуҷуд омада, ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умумии аҳолии деҳот мунтазам кам гардида, тамоюл ё ҳолати пиршавии аҳолии деҳотро дидан мумкин аст. Ҳамзамон, тасдиқи ин далел тағйир ёфтани синну соли миёна мебошад, ки дар аҳолии деҳот ин нишондиҳанда соли 2012 ба 24,6 сол ва соли 2019 то 26,1 сол боло рафта, синну соли медианӣ дар ин муддат аз 21,2 то 23,1 сол афзудааст. Албатта, тағйир ёфтани сохтори синнусолӣ ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бе таъсир намемонад. Ин ҳолат тамоюли тағйирёбии коэффитсиенти сарбории демографиро ба вуҷуд меорад. Ин нишондиҳанда ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бевосита алоқаманд буда, таъсири ҷиддии худро мерасонад. Коҳиш ёфтани ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки мушкилӣ ё вазнинӣ ба уҳдаи аҳолии синни қобили меҳнат камтар мегардад. Агар ба маълумотҳои оморӣ рӯй оварем, мебинем, ки соли 2012 коэффитсиенти сарбории демографии аҳолии деҳот 699 промил буда, ин нишондиҳанда соли 2019 то 697 промил кам гардидааст, лекин ин тағйирот он қадар зиёд набуда, ҳоло ҳам мушкилии аҳолии синни қобили меҳнат дар деҳот нисбат ба шаҳр зиёдтар буда, имконияти беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо камтар мешавад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 вилоят, 51 ноҳия, аз ҷумла 4 ноҳия дар шаҳри Душанбе, 18 шаҳр, 62 шаҳрак, ва 370 ҷамоати деҳот иборат мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи маълумотҳои дар китоби «Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодгардида, шумораи деҳаҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ 4223 адад нишон дода шудааст, ки мувофиқи ин феҳрист номи 753 деҳа (17,8%) иваз гардидааст. Аз рӯи маълумотҳои омори расмӣ шумораи деҳаҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 01.01.2018, 4099 ададро ташкил додааст (нисбати маълумотҳои қаблӣ 124 адад кам), ки аз ин шумора 3641 деҳа расман тасдиқ гардида, 458 деҳа қарор надоранд, аз он ҷумла 167 деҳаи хурд. Тамоюли зиёд гардидани шумораи аҳолии деҳот ба он оварда мерасонад, ки шумораи аҳолии дар ин ҷо истиқоматкунанда низ босуръат зиёд гардидааст. Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзиши омории сатҳи зиндагии аҳолӣ ин, пеш аз ҳама, ошкор намудани қонуниятҳои тағйирёбии ҳолати некуаҳволии аҳолие, ки дар деҳот истиқомат мекунанд ва дар ин асос андешидани чораҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ баҳри беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо мебошад. Бо назардошти маълумотҳои натиҷаи дурнамоӣ ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва беҳтар намудани инфраструктураи рушди деҳот муҳим ҳисобида мешавад. Бо ин мақсад таҳқиқоти гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва синнусолии аҳолии деҳот гузаронида шуда, натиҷаи ба даст овардашуда таҳлил ва ба тамоми аҳолӣ мансуб дониста мешавад. Мақсади ниҳоӣ аз ин таҳқиқот тавсифи ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии деҳот ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоию демографии он буда, омилҳои ҷудогонаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, доираи фарогирии ин равандҳо таҳқиқ карда мешавад, ки мақсади асосиаш муайян ва ошкор намудани табақаҳои гуногун ва эҳтиёҷмандии аҳолии деҳот ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ, дараҷаи зисту зиндагии мардуми Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳо майли мусбат дорад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Нишондиҳандаҳои ташаккули дараҷа ва тағйирёбии некуаҳволӣ**

| р/т | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2019 |
|---|---|---|---|
| 11. | Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн.сомонӣ | 22346,2 | 47986,3 |
| 22. | Хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ, млн.сомонӣ | 27202,1 | 48857,2 |
| 33. | Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 694,89 | 1335,52 |
| 44. | Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ | 228,27 | 303,21 |
| 55. | ММД ба ҳар сари аҳолӣ бо сомонӣ | 5019,1 | 8388,3 |
| 66. | Ба истифода додани масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ҳазор м$^2$ | 1056,1 | 1456,1 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. - С. 11,12 ва 13.

Чӣ тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 бар меояд, сатҳи некуаҳволии мардум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2013-2019 майли муфид гирифта, дараҷа ва сатҳи зиндагии аҳолиро аз рӯи рушди заминаҳои моддии зиндагӣ ифода менамояд. Асоси ташаккул ёфтани нишондиҳандаҳои мазкур ин маҷмуи маҳсулоти дохила мебошад, ки ба ҳар сари аҳолӣ 1,671 дар давраи омӯзишӣ афзудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳа, ки ба кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта шудааст, дар ҳамин давраи таҳлилӣ ба ҳисоби умумӣ дар ҷумҳурӣ бо сомонӣ ба 2,222 маротиба афзуда, нисбатан дар вилояти Суғд ва вилояти Хатлон мувофиқан 2,49 ва 2,50 маротиба бештар мебошад. Ва ин бевосита аз дараҷаи рушди истеҳсолоти воқеӣ ва дараҷаи нисбатан баландтари даромадҳои аҳолӣ ба ҳар як нафар вобаста аст [2, с.126].

Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки дар мавриди таҳқиқи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, умуман минтақа, инчунин, нишондиҳандаи муайяни истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳои алоҳида ба ҳар сари аҳолӣ, оила, аз рӯи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, минтақа ё ҳудудҳои муайян, нишондиҳандаи таъмини молҳои истифодаашон тӯлонӣ, ҳолати таъминоти аҳолӣ бо манзил ва ғайраҳо низ истифода мегарданд. Ҳамчунин, ин нишондиҳандаҳо дар шакли натуралӣ ва арзишӣ ифода карда мешаванд. Аз раванди таҳқиқот бармеояд, ки баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ нишондиҳандаи комплексӣ мебошад. Барои ҳаматарафа ба ин масъала таваҷҷуҳ намудан аз низоми шаффофи маълумотҳои оморӣ, қабул ва риоя намудани тарзу усули такмилёфтаи ҳисоби онҳо, шакли мукаммалгардидаи мушоҳида ва пешниҳоди онҳо вобаста аст.

**Адабиёт**


1. Абакумова Ц.Н. Политика доходов и заработной платы. Учеб. пособие / Ц.Н. Абакумова, Р.Я. Подовалова. - Новосибирск: ИГАЭиУ; - М.: ИНФРА-М, 2004. - 81 с.
2. Майер В.Ф. Планирование социального развития и повышения уровня жизни народа. Учеб. пособие / В.Ф. Майер. – МГУ, 1988. - 270 с.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. - Душанбе, 2019. - 478 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019. КВД КТН “Шарқи озод”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 20 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]. – 26.01.2021. - ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 14.06.2021).
6. Пигу А. Экономическая теория благосостояния. Т.2 / А. Пигу. – М.: Прогресс, 1985. - 388с.
7. Политика доходов и качества жизни населения / под.ред. Н.А. Горелова. - СПб, 2003. - 82 с.
8. Сафиуллин А. Р. Экономика благосостояния: теория и практика. Учеб. пособие / А. Р. Сафиуллин. – Ульяновск, 2007. - 111 с.
9. Эрхард Л. Благосостояние для всех: Репринт. Воспроизведение: Пер. с нем. / Л. Эрхард. - М.: Дело, 2001. -140 с.
10. Юнусзода Х.К. Оценка социально-экономического развития региона Республики Таджикистан на основе анализа уровня жизни населения (на примере города Душанбе) /Х.К. Юнусзода//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). - Душанбе. - 2019. - № 2 (66). - С. 93-104.
11. Юнусзода Х.К. Оценка социально-экономического развития регионов на основе бюджетной поддержки местных органов /Х.К.Юнусзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - № 3. - С. 163-168.

УДК: 339.52:061.1 (100)

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ САВДОИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Мирзоқурбонов Наҷибулло Ҳуснуддинович*** *– унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.* ***Тел.****: 987-15-08-58,* ***E-mail****: mirzoqurbonov91@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои рушди савдои хориҷӣ ва таъсири он ба иқтисоди миллӣ, амнияти озуқаворӣ, беҳтаргардонии талаботи бозори дохилӣ ва бозори молиявӣ, инчунин, беҳтарсозии вазъи тавозуни пардохт, қобилияти нигоҳ доштани мустақилияти иқтисодии мамлакат, кам кардани қарзи берунаи давлат ва ҷалби сармояи хориҷӣ таҳлил гардидааст. Идора ва такмил додани содирот, рақобатпазир гардонидани молҳои истеҳсоли ватанӣ, амалӣ намудани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо дигар давлатҳо низ мақсади ниҳоии мақола мебошад, ҳамчунин, ҳалли муаммоҳои дар соҳаи савдо ҷойдошта, беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва як қатор вазифаҳои дигар баррасӣ ва таҳлил гардидааст.*

*Дар робита ба ин, дар мақола ҷиҳати такмилдиҳии фаъолияти савдои хориҷӣ, мукаммалгардонии низоми иқтисодӣ, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, гузариши иқтисодиёти миллӣ ба моделҳои нави муосир, коркарди захираҳои табиӣ ва содироти пахтаю алюминий, усулҳои нави танзими содирот, рушди саноатикунонии кишвар ва дарк кардани инноватсияҳо, истифодаи самараноки технологияҳои ҳозиразамон аз ҷониби сохторҳои тиҷоратӣ барои вусъатёбии корхонаҳои саноатӣ дониста шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *савдои хориҷӣ, сиёсати фритредерӣ,(савдои озод) тавозуни пардохт, содирот, воридот, фазои сармоягузорӣ, васеъномаи истеҳсолот, саноатикунонии кишвар, фаъолияти илмию техникӣ, динамикаи рушди иқтисодӣ, бозори молиявӣ, қурби асъор, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ.*

# ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ ЭКОНОМИКУ

***Мирзокурбонов Наджибулло Хуснуддинович*** *– соискатель и ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета.* ***Адрес****: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.* ***Тел.****: 987-15-08-58.* ***E-mail****: mirzoqurbonov91@mail.ru*

*В данной статье рассмотрены некоторые проблемы развития внешней торговли и ее влияние на национальную экономику, продовольственной безопасности, улучшение спроса внутреннего рынка, финансового рынка, улучшение состояния платежного баланса, способность сохранения экономической свободы, сокращение внешнего государственного долга, привлечение иностранных инвестиций, управление и улучшение экспорта, конкурентоспособность отечественных товаров, реализация экономико-социальных отношений с другими странами, решение проблем в сфере торговли, улучшение государственного статуса на мировой арене и др.*

*В связи с этим, в статье приведены причины улучшения внешней торговли, устранение традиционной экономической системы, интеграция науки и производства, переход национальной экономики на новую экономическую модель, переработка экономических ресурсов и экспорт хлопка и алюминия, новые методы регулирования экспорта, развитие индустриализации страны и восприятие технологических инноваций со стороны коммерческих структур для развития промышленных предприятий.*

***Ключевые слова:*** *внешняя торговля, фритредерство, платежный баланс, экспорт, импорт, сфера инвестиций, производственная диверсификация, индустриализация страны, научно-техническая деятельность, динамика экономического роста, финансовый рынок, курс валюты, привлечение прямых иностранных инвестиций.*

# FOREIGN TRADE DEVELOPMENT PROBLEMS AND ITS IMPACT ON THE NATIONAL ECONOMY

***Mirzokurbonov Najibullo Khusnuddinovich -** post-graduate student of the Department of Economic Theory, assistant of the Department of Economic Theory of the Tajik State Financial and Economic University. **Address**: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. **Tel.**: 987-15-08-58. **E-mail**: mirzoqurbonov91@mail.ru*

*This article examines some of the problems of the development of foreign trade and its impact on the national economy, food security, improving the demand of the domestic market, the financial market, improving the balance of payments, the ability to maintain economic freedom, reducing external public debt, attracting foreign investment, managing and improving exports. , the competitiveness of domestic goods, the implementation of economic and social relations with other countries, the solution of problems in the field of trade, the improvement of the state status in the world arena, etc.*

*In this regard, the article provides the reasons for the improvement of foreign trade, the elimination of the traditional economic system, the integration of science and production, the transition of the national economy to a new economic model, the processing of economic resources and the export of cotton and aluminum, new methods of export regulation, the development of the country's industrialization and perception technological innovation from commercial structures for the development of industrial enterprises.*

***Key words**: foreign trade, free trade, balance of payments, export, import, investment, industrial diversification, industrialization of the country, scientific and technical activities, dynamics of economic growth, financial market, exchange rate, attracting foreign direct investment.*

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои нави иқтисодӣ савдои хориҷӣ яке аз омилҳои рушди муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, амалӣ гаштани муносибатҳои бозорӣ ва ривоҷ ёфтани равандҳои ҷаҳонгароӣ тавассути мубодилаи савдои хориҷӣ сурат мегирад. Ин мубодила таърихи чандин асраро доро мебошад, ки аз амалиётҳои хурди тиҷоратӣ то ба амалиётҳои бузурги тиҷоратӣ омада расида, мамлакатҳои дунёро дар низоми ҷаҳонишавии иқтисодӣ муттаҳид мекунад.

Дар шароити имрӯза, ҷараёни инкишофи (динамикаи) рушди иқтисодии аксари кишварҳои ҷаҳон аз савдои хориҷӣ вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, давлатҳо метавонанд аз тиҷорати байналхалқӣ афзалиятҳои мусбӣ ба монанди истифодаи самараноки захираҳои мавҷудбуда дар мамлакат ба даст оранд. Чӣ тавре ки Б.Г.Сафаров қайд менамояд, чӣ қадаре ки давлатҳо ба низоми ягона ҳамроҳ шаванд, ҳамон қадар ҳаҷми молҳо дар хоҷагии ҷаҳонӣ зиёд мешавад [8].

Аммо дар бозори ҷаҳонӣ тамоюлҳо дар зери таъсири омилҳои гуногун мунтазам тағйир меёбанд. Зеро барои дастрас намудани техника ва технология ва истифодаи дастовардҳои ҷаҳонӣ, инчунин, ба таври пурра қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ байни мамлакатҳо рақобати шадид барпо мегардад. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ қарор дошта, савдои хориҷӣ муҳаррики муҳими рушди иқтисодӣ буда метавонад. Гузашта аз ин, савдои хориҷӣ на танҳо вазъи тавозуни пардохтро дар кишвар хуб менамояд, балки метавонад бозори молиявӣ, қурби асъор, қобилияти нигоҳ доштани мустақилияти иқтисодӣ ва кам кардани қарзи берунаи давлатиро ба танзим дарорад. Инчунин, метавонад барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар бозори молиявии ҷаҳонӣ мусоидат кунад.

Аз ин рӯ, омӯзиши савдои хориҷӣ бо мақсади идора ва такмил додани содирот, рақобатпазир гардонидани молҳои истеҳсоли ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва амалӣ намудани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо давлатҳои хориҷӣ зарур меояд. Масъалаҳои рӯзмарра ва он камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ҳадафи асосии тадқиқоти мақола ба шумор рафта, инчунин, омӯзиши савдои хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ, муайян кардани механизми таъсири он дар асоси мушоҳидаҳои назариявӣ тавассути нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ аз савдои хориҷӣ ва таъмин намудани суръати баланди рушди иқтисодиро дорост. Чӣ тавре ки А.А. Солеҳзода қайд менамояд, сифат ва дараҷаи ҳамгироии хоҷагии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ дар шароити афзоиши рақобати минтақавӣ ва байналмилалӣ

такмили пайвастаро тақозо менамоянд. Дар робита ба ин, сиёсати макроиқтисодӣ ва иқтисоди хориҷии давлат бояд ба коҳиш додани вобастагии иқтисоди кишвар аз таконҳои беруна, сиёсати тиҷоратию иқтисодии кишварҳои шарик, инчунин, баланд бардоштани сатҳи неруи иқтисодӣ дар сатҳи минтақа нигаронида шавад [9].

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки омӯхтани таъсири савдои хориҷӣ ва самтҳои рушди он аҳамияти хосса дорад. Масъалаҳое, ки марбут ба таҳлили макроииқтисодии фаъолияти иқтисоди хориҷии Тоҷикистон равона шудаанд, зери омӯзиши муҳаққиқони ватанӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди он ки таҳқиқот ва таҳлилҳо дар ин самт зиёд назаррасанд, камбудиҳои зиёде низ ҷой доранд, ки мо метавонем каме ҳам бошад, роҷеъ ба ин масъалаҳо равшанӣ андозем.

Агар то солҳои 90-уми асри гузашта сухан оид ба азнавсозӣ ва шаҳрсозӣ мерафт, акнун роҳҳои нави барқароркунӣ ва саноатикунонӣ, диққати иқтисоддонон ва сиёсатмадоронро ба худ ҷалб намудааст. Чунки то солҳои 90-ум дар низоми банақшагирии мутамарказ Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳварҳое дошт, ки бо онҳо якҷоя қадам мезад. Акнун моро лозим аст ин пайроҳаро танҳо тай намоем. Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи барқарор намудани сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ, ки бо талошу кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, ислоҳоти низоми иқтисодиро тавассути гузариш аз низоми банақшагирии мутамарказ ба низоми иқтисоди бозоргонӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом додааст. Алалхусус, ба вуҷуд омадани гуногуншаклии моликият, ташкил ва пешбурди мухталифи фаъолияти хоҷагидорӣ, ислоҳоти пули миллӣ, озоднамоии нархҳо, барпонамоии корхонаҳои муштарак ва ташкили савдои хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ мебошанд. Аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фритредерӣ (яъне сиёсати дарҳои кушод ё тиҷорати озод)-ро ба роҳ монд, ки дар ин самт саҳми савдои хориҷӣ хеле бузург аст.

Ташкил ва ба роҳ мондани савдои хориҷӣ ва таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро аз як тараф, дар низоми иқтисоди бозорӣ давлатҳо метавонанд тавассути савдои хориҷӣ муаммоҳои дар соҳаи савдо ҷойдоштаро бартараф намоянд. Аз тарафи дигар бошад, барои беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва раддабандии (рейтингҳои) байналмилалӣ мусоидат менамояд. Таъмини бозори истеъмолии кишвар, беҳтар гардонидани сифати молҳо ва таъмини рақобати солим дар бозори истеъмолӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии кишвар табдил ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки сиёсати пешгирифтаи Тоҷикистон дар самти густариши робитаҳои хориҷӣ боиси он гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои иқтисоди кушод шиносанд. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда бо 176 кишвари дунё ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро ба роҳ мондааст [2]. Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозӣ дар соҳаи савдои хориҷӣ, ислоҳот ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ дар ин самт, барои рушди минбаъдаи савдои хориҷӣ фазои мусоид фароҳам намуда истодааст.

Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии созишномаҳои бисёрҷониба дар бораи савдои озоди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Ҳамкории минтақавии Осиёи Марказӣ мебошад. Қобили тазаккур аст, ки ворид шудан ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) низоми савдои хориҷии кишварро шаффоф намуда, монеаҳои дар ин самт ҷойдоштаро тадриҷан бартараф намуда истодааст. Ҳамин тавр, агар дар соли 1991 гардиши савдои хориҷӣ ба 131,1 млн доллари ИМА баробар шуда бошад, дар соли 2020 ин нишондиҳанда 4,557 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ 34,7 маротиба афзоиш ёфтаст [5]. Ин гуна тамоюлёбии босуръат шароит фароҳам овард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ таъмин карда шавад. Ин барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намуд. Барои равшану возеҳ шудани гардиши савдои хориҷӣ ба нишондиҳандаҳои оморӣ назар менамоем.

**Диаграммаи №1. - Гардиши савдои хориҷӣ дар солҳои 2016-2020 (млн. доллари ИМА)**




***Манбаъ:*** *дар асоси нишондиҳандаҳои Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муаллиф ҳисоб карда шудааст[4].*

Аз диаграммаи 1 бармеояд, ки сол ба сол гардиши савдои хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст. Гарчанде дар соли 2020 бинобар сабаби сар задани пандемия, ки он боиси карахт шудани гардиши савдои хориҷӣ дар ҷаҳон гардида бошад ҳам, аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки аз савдои хориҷӣ натиҷаи мусбӣ ба даст орад. Соли 2020 нисбат ба соли 2019 гардиши савдои хориҷӣ то 0,7%, ё ин ки ба 33,3 млн доллари ИМА афзоиш ёфт.

Дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содироту воридот нақши калидиро иҷро мекунанд. Мутобиқи муқаррароти Созмони Милали Муттаҳид омори гардиши савдои хориҷӣ бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) ҳисоб карда мешавад. Одатан, барои ҳисоб намудани гардиши савдои хориҷӣ давлатҳо аз баробарии зерин истифода мекунанд [1].

$$\text{ГСХ} = \text{С} + \text{В}$$

Яъне дар ин ҷо:

ГСХ - ин гардиши савдои хориҷӣ;

С – содирот;

В -воридотро дар бар мегирад.

Ҳукумати кишвар барои сифатан дигаргун сохтани сохтори савдои хориҷӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодааст. Гарчанде асоси савдои хориҷиро дар ҷумҳурӣ воридот ташкил медиҳад, аммо динамикаи афзоиши содирот сол аз сол афзун гардидааст.

Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020-ум ба 4,557 млрд доллари ИМА баробар шуд, ки аз ин 1,4 млрд доллари ИМА содирот ва 3,6 млрд доллари ИМА воридотро ташкил медиҳад. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ тарози манфӣ дошта, воридот нисбат ба содирот 2,5 маротиба зиёд мебошад [7]. Бояд қайд намуд, ки дар сохтори содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми молҳои содиротӣ аз қабили сабзавот ва бехмева, мева ва чормағз, намак, маъдан, неруи барқ, пахта, либос, сангҳои қиматбаҳо, металли сиёҳ, алюмин назаррас мебошанд.

Тибқи маълумотҳои Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироти металлҳои қиматбаҳо, аз қабили тилло ба давлати Швейтсария фиристода шуд, ки дар давраи пандемия ба ҷумҳурӣ кумак расонид, инчунин аз ҷумлаи молҳои бештар содиршуда алюминий, пахта ва маъдан мебошанд [3].

**Ҷадвали №1. - Содирот аз рӯи гурӯҳи маҳсулот**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Даромад аз фурӯш дар соли 2019 (млн долл. ИМА) | Даромад аз фурӯш дар соли 2020 (млн долл. ИМА) | Дар қиёс (млн долл.ИМА) |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Алюминий | 173,2 | 136,2 | -37,0 |
| **2.** | Пахта | 139,6 | 136,0 | -3,6 |
| **3.** | Минералҳо | 296,9 | 158,2 | -138,7 |
| **4.** | Мева ва сабзавот | 18,2 | 19,5 | 1,3 |
| **5.** | Чормағзу бодом | 0,5 | 0,3 | -0,2 |
| **6.** | Семент | 68,1 | 59,8 | -8,3 |
| **7.** | Тамоку | 2,5 | 4,6 | 2,1 |
| **8.** | Пӯст ва маҳсулоти пӯстӣ | 2,6 | 2,9 | 0,3 |
| **9.** | Неруи барқ | 93,1 | 56,4 | -36,1 |

***Манбаъ:** дар асоси маълумотҳои Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон аз тарафи муаллиф таҳлил карда шудааст [7].*

Аз маълумотҳои омории дар ҷадвал овардашуда бар меояд, ки дар соли 2020 даромад аз фурӯши алюминий, пахта, чормағз, семент ва неруи барқ нисбат ба соли 2019 коҳиш ёфтааст, аммо афзоиши меваю сабзавот, тамоку ва чарм нисбатан зиёд гардидааст. Сабаби кам шудани ҳаҷми фурӯши алюминий, пахта, чормағз, семент ва неруи барқ ин таъсири пандемия ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва муваққатан банд шудани сарҳадҳо мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки пандемия ба воридоти Тоҷикистон таъсири худро расонид. Соли 2019 агар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ширкатҳои хориҷӣ гандум ва ғалла, маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишворӣ, гази моеъ, таҷҳизоти нақлиётӣ ва техникӣ мехарид, дар соли 2020 бошад, хариди гандум, орд, равғани растанӣ, нуриҳои менералӣ, гази табииро афзоиш дод. Ҳамзамон, хароҷот барои хариди шакар, маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, сӯзишвории ҳавоӣ кам карда шуд.

**Ҷадвали №2. - Воридот аз рӯи гурӯҳи маҳсулот**

| № | Номгӯйи маҳсулот | Даромад аз фурӯш дар соли 2019 (млн долл. ИМА) | Даромад аз фурӯш дар соли 2020 (млн долл. ИМА) | Дар қиёс (млн долл. ИМА) |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Гандум | 222,8 | 243,0 | 20,2 |
| **2.** | Орд | 21,1 | 23,5 | 2,4 |
| **3.** | Шакар | 72,6 | 57,1 | -15,5 |
| **4.** | Равғани растанӣ | 82,7 | 89,4 | 6,7 |
| **5.** | Маҳсулоти нафтӣ | 328,5 | 272,6 | -55,9 |
| **6.** | Сӯзишворӣ | 32,9 | 17,5 | -15,4 |
| **7.** | Нуриҳои менералӣ | 34,1 | 44,8 | 10,7 |
| **8.** | Гази моеъ | 194,2 | 177,4 | -16,8 |
| **9.** | Гилхок | 105,8 | 89,0 | -16,8 |
| **10.** | Гази табиӣ | 17,5 | 28,5 | 11,0 |
| **11.** | Ангишт | 0,7 | 2,2 | 1,5 |

**Манбаъ**: *дар асоси маълумотҳои Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон аз тарафи муаллиф таҳлил карда шудааст[7].*

Сохтори воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили молҳои истеъмолӣ: орд, гандум, шакар, равған, маҳсулоти нафтӣ, сӯзишвории реактивӣ, нуриҳои менералӣ, гази моеъ, гилхок, гази табиӣ ва ангишт иборат мебошад. Чӣ тавре дар боло қайд карда шудааст, дар соли 2020 хариди гандум, орд, равғани растанӣ, нуриҳои менералӣ, гази табиӣ ва ангишт зиёд карда шудааст. Сабаби ҳаҷман зиёд харидорӣ намудани ин молҳо дар давраи пандемия сар задани талаботи ҳаннотӣ (ажиотажный спрос) ба молҳои зерин ва

кам шудани захираи онҳо дар ҷумҳурӣ мебошад. Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон содироти нисбатан зиёд бар воридотро дар доду гирифт бо кишварҳои зерин ба роҳ мондааст: Швейтсария - 682,0 млн долл. ИМА, Туркия - 83,4 млн долл. ИМА, Афғонистон - 69,0 млн долл. ИМА, Белгия - 28,5 млн долл. ИМА, Гурҷистон - 11,1 млн долл. ИМА, Ҷазираҳои Вирҷин 6,7 - млн долл. ИМА, Латвия - 6,3 млн долл. ИМА, Хорватия - 4,4 млн долл. ИМА, Покистон - 2,7 млн долл. ИМА [6].

Чӣ тавре ба мо маълум аст, бо мақсади тақвият бахшидан ба рушди содироти кишвар ва кам намудани вобастагии бозори дохилӣ аз таъсири омилҳои беруна, Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020» -ро қабул намуда буд. Аммо ҳанӯз ҳам, ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ зиёд аст ва ин метавонад ба амнияти озуқаворӣи кишвар таъсири манфии худро расонад.

Хубтар мешуд, агар чунин барномаҳои давлатӣ барои солҳои минбаъда таъсис дода шавад, зеро ин гуна барномаҳо метавонанд ҳимояи бозори дохилиро таъмин намоянд. Бояд тазаккур дод, ки ҳимояи бозори дохилӣ, аз як тараф, рушди содирот ва сифати онро хуб намуда, аз тарафи дигар бошад, таъмини рақобати озод ва фазои соҳибкориро дар ҷумҳурӣ беҳтар менамояд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки ҳиссаи молҳои воридотӣ зиёд аст ва он метавонад ба амнияти озуқаворӣи кишвар таъсири манфии худро расонад, ҷиҳати пешгирӣ кардани омилҳои номбаршуда чорабиниҳои зеринро аз ҷониби вазорату идораҳои марбута зарур мешуморем:

- Бо мақсади маҳдуд намудани воридоти молҳои пастсифат ва зараррасон, таҳия ва пешкаш кардани низомномаҳо дар бораи бехатарии озуқаворӣ аз тарафи мақомоти дахлдор;
- Назорати ҷиддии молҳои ғайрирасмӣ воридшуда аз тарафи Хадамоти гумрук;
- Маҳдуд намудани воридоти молҳое, ки истеҳсолашон дар дохили кишвар ба роҳ монда шуда ва талаботи бозори дохилиро пурра қонеъ карда метавонанд;
- Дастгирӣ ва такмили корхонаҳои саноатӣ, афзоиш ва коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзие, ки ба содирот нигаронида шудаанд;
- Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ бо мақсади таъсиси корхонаҳои саноатӣ;
- Мукаммалгардонии базаи қонунгузорӣ, ки манфиатҳои субъектони фаъолияти хоҷагидориро дар рушди истеҳсол ва содирот ҳимоя мекунад.

**Адабиёт**


1. Загоруйко В.В. Мегаэкономика. 4.1. Учебное пособие для студентов экономических и неэкономических специальностей./ В.В. Загоруйко. - М.: МИИТ, 2011. - 136 с.
2. Нишасти матбуотии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://www.mfa.tj/main/view/7127/barguzorii-nishasti-matbuotii-vazorati-korshoi-khoriji (санаи муроҷиат: 24.01.2020)
3. Нишасти матбуотии Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // [манбаи электронӣ] URL: http://tpp.tj/tj/2020/01/31/nishasti-matbuotii-palatai-savdo-va-sanoati-%b2%b7um%b2%b3urii-to%b2%b7ikiston/ (санаи муроҷиат: 31.01.2020)
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. - 467 с.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 с.
6. Савдои хориҷӣ: содирот ва воридоти Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: http://komron.info/crp/SavdoihoriciSodirotvaVoridotiTocikiston_crp/ (санаи муроҷиат: 12.12.2018 с.)
7. Савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2020. 27.01.2021, Sputnik… // [манбаи электронӣ] URL: https://sputnik-tj.com/20210127/Savdo-khoriji-Tojikiston-2020-1032709387. (санаи муроҷиат: 27.01.2021)
8. Сафаров Б.Г. Мезо - уровневая интеграция как результат самодвижения открытой экономики регионов страны/ Б.Г. Сафаров // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). – Душанбе, 2020. - №4 (24). – С. 20-26.

9. Солехзода А.А. Оценка качественных характеристик малой открытой экономики Таджикистана/ А.А. Солехзода // Финансово-экономический вестник (научно-практический журнал). – Душанбе, 2019. - №3(19). - С. 12-19.

УДК: 336.778.5

## МАСЪАЛАИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ НАВ

***Мамадбекова Насаб. Алибековна*** - *ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.* E-mail.ru: *nasaba@mail.ru. Тел: 937130304*

*Дар мақола масъалаи ҳамкориҳои Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар давраи буҳронӣ вобаста ба хуруҷи бемории COVID-19 баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Ҳукумати кишвар ҷиҳати муътадил гардидани вазъияти эпидемиологии вобаста ба паҳншавии бемории COVID-19, инчунин Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ оид ба пешгирӣ ва кам кардани хавфҳои эҳтимолии берунӣ ба иқтисоди миллӣ тамоми тадбирҳои таъхирнопазир ва чораҳои заруриро мавриди амал қарор дода истодааст. Аз ҷумла, маблағҳои сармоягузоришуда барои харидории техникаи муосир ва соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, бахши кишоварзӣ ва обёрӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар самтҳо равона мегарданд.*

*Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф хулоса мебарорад, ки татбиқи пурраи лоиҳаҳои самоягузорӣ барои суръатбахшии барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва дар натиҷаи ин афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.*

***Калидвожаҳо:*** *гумрук, муътадилгардонӣ, сармоягузорӣ, лоиҳаҳо, эпидимологӣ, назорати гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, пардохт.*

## ВОПРОСЫ ИНВЕСТИЦИЙ В ТАМОЖЕННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В НОВЫХ УСЛОВИЯХ

***Мамадбекова Насаб Алибековна*** - *ассистент кафедры таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:. 734067, РТ, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.:* 937130304. E-mail.ru: nasaba@mail.ru.

*В статье рассматриваются вопросы таможенного сотрудничества в части реализации инвестиционных проектов в период пандемии Covid-19. Автор отмечает принятые правительством страны меры по предупреждению и минимизации возможных внешних угроз национальной экономики. Так, инвестированные в таможенную сферу средства направлены в основном на восстановление и развитие транспортной и энергетической системы, приобретение современной техники и жилищно-коммунальное обслуживание, сельское хозяйство и водоснабжение, а также на реализацию проектов в сфере здравоохранения, образования, социальной защиты, государственного управления и других сфер.*

*В результате исследования автор резюмирует, что полная реализация указанных инвестиционных проектов способствует ускорению процедур таможенного оформления и таможенного контроля, правильному исчислению и взиманию таможенных платежей, предупреждению и раскрытию фактов нарушений таможенных правил, что приведет к увеличению объемов внешнеторгового оборота.*

***Ключевые слова***: *таможня, нормализация, инвестиции, проекты, эпидемиология, таможенный контроль, таможенное оформление, оплата.*

## ISSUES OF INVESTMENT IN CUSTOMS ACTIVITIES IN NEW CONDITIONS

***Mamadbekova Nasab Alibekovna****, assistant of the Customs Department of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. E-mail.ru: nasaba@mail.ru.Tel: 937130304*

*The article discusses the issue of cooperation between the customs services in the implementation of investment projects during the crisis related to the outbreak of COVID-19. The author notes that the Government of the Republic of Tajikistan, within the limits of its authority to prevent and reduce potential external risks to the national economy, takes all necessary and urgent measures to stabilize the epidemiological situation related to the spread of COVID-19 disease. is given. In particular, the funds invested in the rehabilitation and development of the transport and energy system, in the customs system - for the purchase of modern equipment and housing and communal services, agriculture and irrigation, as well as the implementation of projects in health, education, social protection and social protection are directed.*

*As a result of the study, the author concludes that the full implementation of these investment projects to accelerate the clearance and control of customs, the correct calculation and collection of customs payments, prevention and detection of violations of customs regulations and, as a result, increase turnover*

***Keywords:*** *customs, normalization, investments, projects, epidimological, customs control, customs clearance, payment.*

Густариши равобити иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дуру наздик, раванди ҷаҳонишавӣ, инчунин, хатарҳои глобалии асри навин, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии гумрукии мутақобилан судмандро бо ҳамаи кишварҳои дунё тақозо менамояд.

Моддаи 2-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мақсаду вазифаҳоро дар ин самт чунин муайян намудааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва амалияи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ иштирок менамояд.

Ба ибораи дигар, ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои гумрукӣ ва пайвастан ба Созмони умумиҷаҳонии гумрук, инчунин, густариши равобити муфиди бисёрҷониба ва дуҷониба бо мақомоти гумруки кишварҳои хориҷӣ зарурати воқеиро доро мебошад.

Бо мақсади мутобиқсозии пурраи самтҳои фаъолияти гумрукӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ, дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, “Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024” таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, таҳти №537 тасдиқ гардидааст.

Бахри дар амал татбиқ намудани Барнома, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дар ин замина, бартараф намудани монеаҳои мавҷуда дар самти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ, бунёд ва таҷдиди дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳо бо воситаҳои техникии назорати гумрукӣ, баланд бардоштани иқтидори барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шарикони рушд ба роҳ монда шудаанд.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва иститутҳои молиявӣ дар доираи лоиҳа ва барномаҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук, Иттиҳоди Аврупо “БОМКА”, Иттиҳоди Аврупо “ТРАСЕКА”, Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ “USAID”, Агентии Ҷопон оид ба рушди байналмилалӣ (JICA), Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон (UNDP), Бонкии осиёии рушд, Бонки умумиҷаҳонӣ, Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Олмон “GIZ” Дафтари СММ оид ба пешгирии маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ дар Аврупо “САҲА”, Раёсати СММ оид ба мубориза бо маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ ҳамкории зич дорад.

Яке аз шартҳои рушди босуръати иқтисодиёти мамлакат рушди равандҳои сармоягузорӣ ба шумор рафта, стратегияи сармоягузорӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим ва калидӣ ба шумор меравад. Стратегияи рушди сармоягузорӣ суръат ва самаранокии

бозсозии сохтории маҷмӯи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро дар системаи рақобатпазирии хоҷагии бозорӣ муайян карда, дурнамои ҷалби сармоягузории стратегиро дар мамлакат пешгӯӣ мекунад.

Муҳимияти тадқиқот дар самти омӯзиш ва таҳияи стратегияи сармоягузорӣ бо сабабҳои зерин муайян карда мешавад:

- нокифоягии захираҳои сармоягузорӣ ба тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ расонида, барои ноил шудан ба суръати рушди иқтисодии чашмдошт имкон намедиҳад. Чунин ҳолат зарурати таҳияи чорабиниҳои самаранокро дар самти ташкили шароити мусоиди сармоягузорӣ, ки метавонад воридоти муътадили сармояро таъмин кунад, тақозо менамояд.
- вобаста ба он ки тамоюлҳо ва қонунияти рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон майли равшан ба самти манфиатҳои тиҷоратӣ дорад, муайян кардани роҳҳои нави ташаккули онҳо бо мақсади таъмини афзоиши сифати сармоягузорӣ, ки дар зиёд шудани самаранокии иқтисодӣ ва буҷетӣ инъикос мешавад, талаб карда мешавад.
- бо назардошти маҳдуд будани захираҳои буҷетӣ, ҳамчунин, бо сабаби якхела набудани сатҳи самаранокии иҷтимоию иқтисодии сармоягузорӣ дар рушди иқтидори сармоягузории минтақаҳо ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии мамлакат, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои интихоби афзалиятҳои иштироки давлат дар беҳтар намудани шароити сармоягузорӣ барои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат зиёд мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз афзоиши нисбии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар солҳои охир, таносуби сармоягузорӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ паст боқӣ мемонад. Ҳамчунин, суръати нав кардани фондҳои асосӣ дар аксари соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ хеле паст мебошад. Бинобар ин, мавзуи стратегияи сармоягузорӣ дар шароити имрӯза яке аз мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад. Сармоягузориро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан лозим аст (ҷадвали 1):

**Ҷадвали 1. - Таснифоти сармоягузорӣ**

| **Аз рӯи объекти сармоягузорӣ** | **Аз рӯи иштирок дар сармоягузорӣ** | **Аз рӯи давраи сармоягузорӣ** | **Аз рӯи намуди фаъолият** | **Аз рӯи тақсимоти минтақавӣ** |
|---|---|---|---|---|
| сармоягузории реалӣ; сармоягузории молиявӣ. | сармоягузории мустақил: сармоягузории ғайримустақил. | сармоягузории дарозмуддат; сармоягузории кутоҳмуддат. | сармоягузории давлатӣ; сармоягузории хусусӣ; сармоягузории муштарак; сармоягузории хориҷӣ. | сармоягузорӣ дар дохили кишвар; сармоягузорӣ берун аз кишвар. |

*Коркарди муаллиф*

Таҷрибаи ҷаҳон гувоҳӣ он аст, ки равандҳои ҳамгироӣ ба таъмини суръати баланду устувори рушд, тақсими беҳтари захираҳои иқтисодӣ, афзудани ҳосилнокии меҳнат, тезонидани татбиқи инноватсияҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд. Яке аз шаклҳои беҳтари ҳамгироӣ ба хоҷагии ҷаҳон барои Тоҷикистон иштирок дар тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Яке аз омилҳои муҳими рушди он бошад, ташкили низоми пурсамари хизматрасонии гумрукӣ аст, ки барои тоҷирон хариду фурӯши шаффоф, озод ва босуръати молро таъмин менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол тавонистааст, ки дар як муддати кутоҳи таърихӣ роҳи беш аз садсолаи рушдро тай намуда, ба комёбиҳои азими иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ ва илмию маънавӣ ноил гарданд. Бо таваҷҷуҳ ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар то ба эътидол омадани вазъияти эпидемологии вобаста ба паҳншавии бемории COVID-19 Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ оид ба пешгирӣ ва кам

кардани хавфҳои эҳтимолии берунӣ ва дохилӣ ба иқтисоди миллӣ тамоми тадбирҳои таъхирнопазир ва чораҳои заруриро мавриди амал қарор дода истодааст. Чунончӣ, содироти лавозимоти зарурӣ, аз ҷумла воситаҳои ҳимояи тиббӣ, сару либоси тиббии худмуҳофизаткунанда ва маводи безараргардонӣ аз ҳудуди гумрукии кишварамон муваққатан манъ карда шуд. Инчунин, барасмиятдарории гумрукии воридоти молу мавод, таҷҳизот, лавозимоти тиббӣ ва маводи ташхисию озмоишгоҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал ва ба таври содагардонидашуда ба роҳ монда шуда, аз соли 2020 содироти маҳсулоти хӯрокаи аввалия, аз ҷумла орд, гандум, равған, биринҷ ва шакар муваққатан манъ карда шудааст.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ, дар чор моҳи аввали соли 2020 воридоти маҳсулоти хӯрокаи аввалия нисбати соли 2019 нишондодҳо чунин мебошанд (ҷадвали 2):

**Ҷадвали 2. - Воридоти маҳсулоти хӯрокаи аввалия дар солҳои 2019-2020**

| Маҳсулот | Вазн (ҳазор тонна) | | |
|---|---|---|---|
| | 2019 сол | 2020 сол | Фарқият |
| Гандум | 352,8 | 342,4 | -10,4 |
| Орд | 23,1 | 31,5 | +8,4 |
| Шакар | 37,4 | 69,5 | +32,1 |
| Равғани растанӣ | 33,6 | 31,5 | -2,1 |
| Картошка | 107 | 11,6 | +9,9 |

*Сарчашма: Маълумотҳои омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2020*

Бояд қайд намуд, ки новобаста ба хуруҷи бемории каронавирус ва таъсири он ба шарикони рушди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда, тавонист иҷроиши нақши пардохтҳои гумрукӣ ва уҳдадории аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо барзиёд таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки вобаста ба вазъи рухдода дар кишвар, баҳри пешгирӣ намудани хавфи эҳтимолоти оқибатҳои манфии бемории сироятии коронавирус (COVID-19) барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, бо фармоиши Хадамоти гумрук аз 20 марти соли 2020 ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 50 000 (панҷоҳ ҳазор) сомонӣ кумаки молиявӣ расонида шудааст. Бо назардошти вазъияти ҷаҳонии баамаломада воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз баъзе кишварҳое, ки дар он бемории COVID-19 авҷ гирифтааст, бо мақсади ҳимояи амнияти миллӣ, ҳаёт ва саломатии инсон муваққатан манъ гардида, дар сурати ба эътидол омадани вазъият аз нав роҳандозӣ мегардад.

Инчунин, бо мақсади содагардонии барасмиятдарории гумрукӣ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии содиротӣ ва муҳайё сохтани шароити мусоид барои субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии гумрукии Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Хадамоти федералии гумрукии Федератсияи Россия Созишномаҳо «Дар бораи долони содагардонидашудаи гумрукӣ» ба имзо расонида шуданд.

Аз таҳлили маълумоти оморӣ бармеояд, ки агар нақшаи пешбинигардидаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар семоҳаи аввали соли 2020 1300,9 млн. сомониро ташкил медод, дар асл иҷроиши он ба 1460,4 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба нақша 159,5 млн. сомонӣ барзиёд иҷро гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба 225,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад, яъне нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба 112,3 фоизи нақшаи пешбинишуда иҷро гардидааст [6, с. 43].

Сабаби асосии барзиёд иҷро шудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дар семоҳаи аввали соли 2020, ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ворид гардидани молу воситаҳои нақлиёт нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 мебошад, ки амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо ҷиҳати такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, аз қабили татбиқи дурусти қонунгузории амалкунанда дар самти муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёти ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ воридшуда, таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукии молҳои ниёзи мардум, гузаронидани машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр намудани фаъолият

дар самти пешгирӣ аз воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми солҳои 2019-2020 ва 9 моҳи соли 2021 ба маблағи 231 млн. сомонӣ зарари молиявӣ аз ҳисоби камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ ошкор шудаанд.

Бино ба маълумоти расида аз Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон, соли 2020 ба иқтисоди кишвар дар ҳаҷми 428 миллион доллар ИМА сармоягузории хориҷӣ ворид шудааст. Илова ба ин, зиёда аз 150 миллион доллар ИМА аз Чин, 39 миллион доллари ИМА аз Арабистони Саудӣ ва 38 миллион доллари ИМА сармоя аз Филиппин ҷалб шудааст. Тавре маълум аст, дар ҳудуди 162 миллион доллар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба сармоягузориҳои мустақим рост меояд. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки дар муқоиса ба соли 2019 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди ҷумҳурӣ ба андозаи 53 дарсад кам шуданд [7, с. 24].

Тибқи ахбори созмонҳои молиётии байналмилалӣ, соли 2020 дар саросари дунё ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба миқдори 42 дарсад коҳиш ёфтааст.

Бояд таъкид дошт, ки айни замон дар Тоҷикистон 70 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 3,5 млрд доллари америкоӣ мавриди амал қарор дорад.

Ҳудуди 50%-и маблағгузории лоиҳаҳои амалишаванда бар асоси қарзҳо ва 45% - бар асоси кумаки бебозгашт (грант) сурат гирифта, боқимондаро ҳиссаи маблағгузории ҳукумат ташкил медиҳад.

Ин маблағҳо ба барқарор кардану инкишоф додани низоми нақлиёту энергетика, дар низоми гумрук - барои харидории техникаи муосир ва соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, бахши кишоварзӣ ва обёрӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар самтҳо равона мегарданд. Дар самти таҳким ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии гумрукӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, бо вохӯриҳо бо масъулини гурӯҳи коршиносони мақомоти гумруки Корея, намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ, директори Маркази минтақавии ҳамоҳангсозии иттилоотии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, намояндагиҳои Созмони Милали Муттаҳид, Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, сафири фавқулода ва мухтори Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори генералии Департаменти гумруки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сафирон ва масъулини сафоратҳои Федератсияи Россия, ИМА, Бразилия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Ҷопон, Фаронса, Озарбойҷон ва Белорус гузаронида шуд. Дар соли 2018 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вусъат бахшидани корҳо роҷеъ ба муроҷиати шаҳрвандон, қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарони аввали вазорату идораҳо ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст.

Дар доираи Лоиҳаи “Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ”, азхудкунии маблағҳо аз давраи оғози татбиқи лоиҳа 4787840 доллари ИМА ё 52%-и маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз ҷумла, азхудкунии маблағҳо 1395600 доллари ИМА ё 91,%-ро ташкил додааст.

Қобили зикр аст, ки ҳанӯз дар давоми солҳои 2017-2018 мақомоти гумруки Корея ҷиҳати омӯзиши технологияҳои “Системаи иттилотии автоматонидашудаи ягона" ва “Равзанаи ягона”-и Хадамоти гумрук 25 млн доллар ИМА ҷудо намудааст.

Инчунин, дар натиҷаи тадқиқоти якҷоя бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Корея, дар навбати аввал муҷаҳҳазгардонии Системаи иттилотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук ба маблағи 4,2 млн. доллари ИМА аз моҳи августи соли 2018 оғоз гардидааст. Тибқи Созишномаи грантии №RIBS -0341 TAJ, ки байни Бонки осиёии рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хадамоти гумрук татбиқи низоми “Равзанаи ягона” дар доираи Лоиҳаи “Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ” оғоз гардида, ки соли 2020 амалӣ шуд.

Маблағи умумии Лоиҳа 11120,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. Тибқи маълумотҳои оморӣ, аз оғози татбиқи Лоиҳа то ба ҳолати 1 январи соли 2020, азхудкунии

маблағи Лоиҳа 6747080,0 доллари ИМА ё 73,32%-и маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар соли 2019 азхудкунии маблағҳо 1959240 доллари америкоиро ташкил додааст. Лоиҳаи мазкур ба сохтмони Дидбонгоҳи гумрукии “Гулистон” ва татбиқу такмили минбаъдаи Системаи иттилоотии Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар доираи он сохтмон, азнавсозӣ ва таъмини таҷҳизоти Дидбонгоҳи гумрукии “Гулистон”, воқеъ дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд ба маблағи умумии 2294,4 ҳазор доллари ИМА, пурра ба анҷом расонида шудааст. Дар натиҷаи силсилавохӯриҳо ва аз нав баррасӣ намудани қарордод бо Ширкати байналмилалии машваратии “Кроун Эйҷентс”, ки дар моҳи июли соли 2015 бо мақсади дастгирии институтсионалӣ ва техникии равзанаи ягона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1 943 516,0 доллари ИМА ба имзо расонида шуда буд, бо ширкати мазкур қарордод аз нав дар моҳи августи соли 2019 ба маблағи 815340,07 доллари ИМА ба имзо расонида шуд [5, с. 16].

Дар ҳамин ҳол, азхудкунии маблағҳо дар доираи ин қарордод маблағи 587 410,41 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Яъне, ин аз қарордоди қаблан тасвибшуда ба маблағи 1 128175,93 доллари ИМА кам карда шуда, аз ин ҳисоб маблағи 700000,0 доллари ИМА барои хариди таҷҳизотҳои компютерӣ равона карда шуд [5, с. 19].

Ба туфайли баррасии такрории қарордод бо Ширкати байналмилалии машваратии “Сорбон Экономикс”, ки барои хизматрасонии мушовирӣ ба маблағи 520 183,0 доллари ИМА ба имзо расонида шуда буд, бинобар сабаби сифатнок иҷро нагардидани супоришҳои техникии қаблан муайяншуда, айни замон лоиҳаи қарордод барои қатъ намудани қарордод бо ин ширкат дар баррасии Бонки осиёии рушд қарор дорад. Маблағи сарфамешуда аз ҳисоби қатъ намудани ин қарордод 270,0 ҳазор долларро ташкил медиҳад.

Дар доираи татбиқи муқаррароти Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, ҳамкориҳои мутақобилан судманди Хадамоти гумрук бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ боис шуданд, ки масрафи сармоя барои рушди техникию молиявии мақомоти гумрук ба нақша гирифта шавад.

Чунончӣ, Ҳукумати Корея дар ҳаҷми 4,2 млн. доллари ИМА ҷиҳати мукаммал намудани зерсистемаи Идораи таваккали Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук ҷудо карда, иҷроиши корҳоро Агентии байналмилалии CUPIA-и назди Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Корея ба зимма гирифт.

Тибқи Созишномаи гранти №RIBS -0341 TAJ, ки байни Бонки осиёии рушд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, дар Хадамоти гумрук татбиқи низоми “Равзанаи ягона” дар доираи Лоиҳаи “Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ” аз моҳи январи соли 2014 оғоз гардида, муҳлати амалишавии он то моҳи июли соли 2018 пешбинӣ ва баъдан то 31 декабри соли 2020 тамдид карда шуд. Маблағи умумии Лоиҳа 11 млн. 120 ҳазор доллари ИМА, аз ҷумла 9 млн. 202 ҳазор доллари ИМА аз ҳисоби гранти Бонки осиёии рушд ва 1 млн. 918 ҳазор доллари ИМА ҳамчун ҳиссаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли озод намудан аз андозҳо ва пардохтҳо пешбинӣ гардидааст [5, с.13].

Нақшаи молиявии аввалаи Лоиҳа барои соли 2020 маблағи умумии банақшагирифташуда 2856930 доллари ИМА-ро пешбинӣ мекард, ки аз он: саҳми БОР 2454920 доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 402010 доллари ИМА мебошад. Бар асари ҳамагирии бемории сироятии COVID-19 нақшаҳои молиявӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тайғирёбӣ қарор гирифт. Дар нақшаи нави молиявии Лоиҳа барои соли 2020 маблағи умумии банақшагирифташуда 1820020 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки аз он: саҳми БОР 1574270 доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 245750 доллари ИМА мебошад [5, с.16 ].

Аз оғози татбиқи Лоиҳа то ба ҳолати 31 декабри соли 2020, азхудкунии маблағҳои Лоиҳа 7454910,00 доллари ИМА ё 81,01%-и маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз ҷумла, аз 1 январ то 31 декабри соли 2020, азхудкунии маблағҳо 707830,00 доллари амрикоиро ташкил додааст, ки ин ба 44,96 % баробар мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар фоизи азхудкунии маблағҳо асосан бо се сабаб ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама, паҳншавии бемории сироятии коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон, бо дермонӣ баргузор гардидани озмуни “Хариди таҷҳизоти компютерӣ ва ҷиҳоз (мебел) барои дидбонгоҳҳои гузаргоҳи сарҳадӣ ва низоми “Равзанаи ягона” аз ҳисоби маблағҳои сарфагардида ва сарфа

гардидани маблағ дар ҳаҷми 450 ҳазор доллари ИМА аз қарордод бо ширкати байналмилалии “АйЮНетвокрс“-и Ҷумҳурии Арманистон [4, с. 22].

Фасли якуми Лоиҳа, ки ба сохтмони дидбонгоҳи гумрукии “Гулистон”-и Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд ва чорабиниҳо оид ба хариди таҷҳизот равона шуда буд, ба итмом расид. Сохтмон, азнавсозӣ ва таъмини таҷҳизоти Дидбонгоҳи гумрукии “Гулистон”, воқеъ дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд ба маблағи умумии 2294,4 ҳазор доллари ИМА пурра ба анҷом расонида шуд [5, с. 21].

Мо муътақид бар ин ҳастем, ки татбиқи пурраи лоиҳаҳои самоягузории мазкур шароити мусоидро барои суръатбахшии барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, дуруст ҳисоб кардану ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ фароҳам оварда, боиси афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ хоҳад гардид.

Ташаккул ва рушди Хадамоти гумруки Тоҷикистон бо таърихи давлатдории мустақил робитаи ногусастанӣ дорад. Тайи ин солҳо беҳтарин фарзандони кишвар дар сафи пеш истода, аз манфиатҳои иқтисодии давлат ҳимоят карданд. Фаромӯш набояд кард, ки тиҷорати бе андозу боҷ вуҷуд надорад ва бисёре аз чорабиниҳои иҷтимоӣ барои беҳбудии мардуму давлати Тоҷикистон маҳз аз ҳисоби боҷу андозҳо маблағгузорӣ карда шудаанд.

Масъалаи ҳамкориҳои хадамоти гумрукӣ дар самти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар давраи бӯҳронӣ вобаста ба хуруҷи беморӣи COVID-19 баррасӣ карда шудааст. Ҳукумати кишвар ҷиҳати муътадил гардидани вазъияти эпидемологии вобаста ба паҳншавии бемории COVID-19, инчунин Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ оид ба пешгирӣ ва кам кардани хавфҳои эҳтимолии берунӣ ба иқтисоди миллӣ тамоми тадбирҳои таъхирнопазир ва чораҳои зарурира мавриди амал қарор дода истодааст. Дар натиҷаи тадқиқот ба хулосае омадам, ки татбиқи пурраи лоиҳаҳои самоягузорӣ барои суръатбахшии барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ, дуруст ҳисоб кардану ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва дар натиҷаи ин афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах РТ» от 28 июня 2011 года № 723 (в редакции Закона РТ от 19.03.2013г. от 12.11.2013г. №1027) [манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: https://tamognia.tj/index.php/2020-10-12-17 (санаи дастрасӣ 20.12.2021)
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротӣ» аз 03.06.2014 №377.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ» аз 08.08.2018 №399.
4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Нашриёти КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - 450
5. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон нашриёти КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. - 1003 саҳ.
6. Беляшов М. Таможенный энциклопедический словарь в 2-х томах. / М. Беляшов. – М.:Летописец, 1999. – 564с.
7. Мираков Қ. М. Назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ. Китоби дарсӣ /Қ.М. Мираков, А.Б.Муминов, О.Д. Шомудинов. – Душанбе: Нашриёти «Баҳманруд», 2020. – 472 с.
8. Маҷаллаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 20-солагии АНМН ПҶТ. - Душанбе: 2019. №4. - С. 4-9.
9. Маҷаллаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Гумрук». - 2020. - №2 (50). – 38с.
10. Оймаҳмадов М.О. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / М.О. Оймаҳмадов. – Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1998. - 544 с.

**УДК: 331.347.99**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

***Шералии Сайдалӣ*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Телефон: (+992) 987 62 63 62, E-mail: Sherali-19922@mail.ru.*

*Мақолаи илмӣ ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат нигаронида шудааст. Дар мақола сатҳи таҳқиқи масъалаи омӯхташаванда дида баромада шуда, саҳми олимони хориҷию дохилӣ дар ҳалли мушкилоти бозори меҳнат нишон дода шудааст. Инчунин, нуқтаи назари мутафаккирони илми иқтисод оид ба назарияи бозори меҳнат ба низоми муайян даровarда шуда, аз натиҷаи омӯзиши он хулосабароҳо низ карда шудааст.*

*Дар мақола паҳлуҳои барномаи кенсионии мубориза бо бекорӣ оварда шуда, қайд карда мешавад, ки корҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, бунёд ва таъмири роҳҳо, сохтмони беморхонаҳо ҳамчун чораҳои тактикии барнома метавонанд барои коҳиш додани бекорӣ мусоидат намоянд. Муаллиф барномаи мазкурро воситаи идоракунии бозори меҳнат арзёбӣ менамояд.*

*Муҳаққиқ оид ба ҳолати кунунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ ёдовар шуда, бо иллати таъсири манфии баъзе аз омилҳо паҳлуҳои ноустувории онро зикр кардааст. Дар қисмати ҷамъбастии мақола хулоса ва пешниҳодҳои характери назариявию амалидошта баровардa шудааст, ки натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *бозори меҳнат, қувваи корӣ, идоракунӣ, шуғл, бекорӣ, мувозинати бозори меҳнат, талабот, таклифот, сармоягузорӣ, иқтисоди бозорӣ.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ РЫНКА ТРУДА

***Шералии Сайдали*** *- ассистент кафедры биржевого дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел .: (+992) 987 62 63 62 E-mail: Sherali-19922@mail.ru*

*Научная статья посвящена изучению теоретических вопросов управления рынком труда. В статье обсуждается уровень исследований изучаемой проблемы и вклад зарубежных и отечественных ученых проявляется в решении проблем рынка труда. Также систематизированы взгляды экономических мыслителей по теорию рынка труда и сделаны выводы по результатам изучения.*

*В статье очерчены аспекты программы по борьбе с безработицей, отмечено, что общественные работы в области строительства производственной и социальной инфраструктуры, строительства и ремонта дорог, строительства больниц как тактическая мера программы могут способствовать снижению безработицы. Автор рассматривает эту программу как инструмент управления рынком труда.*

*Исследователь обратился к текущему состоянию рынка труда в стране и отметил его нестабильность из-за негативного воздействия ряда факторов. Заключительная часть статьи содержит выводы и предложения теоретического и практического характера, которые являются результатом исследования.*

***Ключевые слова:*** *рынок труда, рабочая сила, управление, занятость, безработица, баланс рынка труда, спрос, предложение, инвестиции, рыночная экономика.*

# THEORETICAL BASIS OF MANAGEMENT LABOR MARKET

***Sheralii Saydali,*** *Ph.D., Assistant of the Department of Exchange Business, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14, tel.: (+992) 987 62 63 62, E-mail: Sherali-19922@mail.ru*

*The scientific article is devoted to the study of theoretical issues of labor market management. The article discusses the level of research on the problem under study and the contribution of foreign and domestic scientists is manifested in solving the problems of the labor market. Also, the views of*

*economic thinkers on the theory of the labor market are systematized and conclusions are drawn based on the results of its study.*

*The article outlines aspects of the program to combat unemployment, it is noted that public works in the field of construction of industrial and social infrastructure, construction and repair of roads, construction of hospitals as a tactical measure of the program can help reduce unemployment. The author considers this program as a tool for managing the labor market.*

*The researcher turned to the current state of the labor market in the country and noted its instability due to the negative impact of a number of factors. The final part of the article contains conclusions and proposals of a theoretical and practical nature, which are the result of the research.*

***Key words:*** *labor market, labor force, management, employment, unemployment, labor market balance, demand, supply, investment, market economy.*

Бозори меҳнат ва идоракунии он яке аз объекҳои муҳими таҳқиқшаванда дониста мешавад. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар корҳои илмии як қатор олимону иқтисодчиёни хориҷию ватанӣ ҷой дорад. Асосҳои базавии таҳқиқоти мушкилоти бозори меҳнат ва шуғлро ақидаи асосгузорони ғояҳои иқтисодии хориҷӣ ба монанди Ҷ.М. Кейн, К. Маркс, А. Маршалл, Д. Риккардо, П. Самуэлсон, А. Смит, С. Фишер ташкил медиҳад. Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба бунёди бозори меҳнат ва мушкилоти фаъолияти он дар корҳои илмии олимону иқтисодчиёни ватанӣ: Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Ҳ.Н. Фақиров, Р. Улмасов, Т.Р. Ризоқулов, С.Ҷ. Комилов, Т.Д. Низомова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар корҳои илмии таҳқиқотчиёни болозикр аслан мушкилоти рушди бозори меҳнат, таъмини шуғли аҳолӣ, омодакунии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аммо масъалаҳои марбут ба идоракунии бозори меҳнат то кунун ба пуррагӣ омӯхта нашудааст, ки ҳолати мазкур барои рушди устувори бозори меҳнат монеа эҷод менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат бо мақсади дарёфти роҳу усулҳои алтернативии идоракунӣ муҳим ва айни замон актуалӣ дониста мешавад.

Воқеан, идоракунии бозори меҳнат бо мақсади таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, мувозинати талаботу таклифот дар бозори меҳнат амалӣ карда мешавад. Перомуни масъалаи таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти бекорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки: «Мо ба масъалаи таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳем» [9]. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта масъулин вазифадор карда шуданд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намоянд. Ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ кунанд ва Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешанд.

Оид ба омӯзиши бозори меҳнат ва механизми фаъолияти он роҳҳои гуногуни назариявӣ мавҷуд аст. Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд роҳҳои консептуалии омӯзиши бозори меҳнат вуҷуд дорад (ниг. ба ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. - Назарияҳо оид ба бозори меҳнат**

| Назарияҳо | Нуқтаҳои асосии назарияҳо |
|---|---|
| **Назарияи классикӣ** (Д. Риккардо, Ж.Б. Сэй, Д.С. Милл, А. Маршал) | Рақобат дар бозори меҳнат бекории зарурӣ (бекорӣ аз рӯи ноилоҷӣ)-ро аз байн мебарад. Дилхоҳ хоҳишманд метавонад бо меъёри музди меҳнати бозори муайян ба осонӣ кор ёбад. Чунин фишанги танзими бозорӣ, ба монанди тағйироти меъёри фоиз ва чандирии муносибати нарх ва музди меҳнат қобилияти нигоҳдории шуғли пурраро дар иқтисодиёт ва дар ниҳоят табдил додани онро ба ҳолати муқаррарӣ дорад. Дастгирии давлатии фаъолияти иқтисодиёт нодаркор ва зараровар мебошад. |

| | |
|---|---|
| **Назарияи неоклассикӣ** (Ч. Перри, М. Фелдстайн, Р. Холл) | Бо ёрии нархи меҳнат ва ё музди меҳнат талабот ба қувваи корӣ ва таклифоти он танзим карда шуда, мувозинати онҳо нигоҳ дошта мешавад. Нархи қувваи корӣ ба таври чандирӣ ба талаботи бозор таъсир карда, вобаста ба талабот ва таклифот зиёд ва кам мешавад. Дар ҳолати ҷой доштани мувозинат дар бозори меҳнат мавҷудияти бекорӣ ғайриимкон аст. Бекорӣ характери ихтиёрӣ дошта, сабаби он радияи коргарон бо сабаби музди меҳнати паст мебошад. Ҷустуҷӯи ҷои кор бошад, ҳолатеро дар назар дорад, ки аз ноустувории бозори меҳнат шаҳодат медиҳад. Таъсири иттифоқҳои касаба, меъёрҳои минималии музди меҳнати аз тарафи давлат муайянкардашуда, мавҷуд набудани иттилоот оид ба ҷойҳои кори холӣ ва қувваи кории озод аз номукаммалии бозори меҳнат шаҳодат медиҳанд. |
| **Назарияи марксистӣ** (К. Маркс, Ф. Энгелс) | Меҳнат мол нест ва набояд ба сифати предмети хариду фурӯш баромад кунад. Аммо дар ҳолати кироякорӣ фурӯши қувваи корӣ дар назар дошта мешавад, яъне қобилияти потенсиалии корманд нисбат ба меҳнат. Арзиши қувваи кориро вақти корӣ муайян менамояд, ки барои такрористеҳсоли он зарур аст, яъне арзиши воситаҳое, ки барои ҳаёти корманд ва оилааш муҳим мебошанд. Майл ба афзоиши фоида ба пастшавии хароҷоти пардохти меҳнат оварда мерасонад. Мукаммалгардонии техникии истеҳсолот бошад, пастшавии талаботро ба қувваи корӣ ва барзиёдии аҳолии дар иқтисодиёт шуғлнадошта (бекорон)-ро ба миён меорад. |
| **Назарияи кенсионӣ** (Ҷ.М. Кейнс, Р. Гордон) | Дар иқтисодиёт ягон механизме вуҷуд надорад, ки таъмини шуғли пурраро кафолат диҳад. Шуғли пурра нисбат ба қонуният яқинан тасодуфӣ мебошад. Бо ёрии тағйироти меъёри фоиз ва чандирии муносибати мутақобилаи нарх ва пардохти музди меҳнат дар бозори меҳнат таъсиррасон будан ғайриимкон мебошад. Нархи қувваи корӣ ба таври устувор муайян карда шудааст ва амалан тағйир намеёбад, хусусан аз ҷиҳати пастшавии сатҳи он. Нархи қувваи корӣ танзимкунандаи бозори меҳнат шуда наметавонад. Нақши танзимкунандаи бозори меҳнатро бояд давлат аз тариқи камкунӣ ва зиёдкунии маҷмуи талабот, барҳамдиҳии номувозинатии бозори меҳнат иҷро кунад. Танзими талабот ба қувваи кориро на тағйироти нархи бозорӣ ба меҳнат, балки маҷмуи талабот ё ҳаҷми истеҳсолот амалӣ менамояд. Бекорӣ бошад, характери ноилоҷӣ (аз рӯйи зарурат) дошта, аксар вақт ихтиёрӣ низ шуда метавонад. |
| **Назарияи институтсионалистӣ** (Т. Веблен, Р. Коуз, Д. Гэлбрейт, У. Ростоу) | Фаъолияти бозори меҳнат дар аксар мавридҳо зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ қарор дорад, аз ҷумла: ҳуқуқ, этика, мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба. Тайироти конъюнктураи бозори молӣ на ҳамеша ва на ба зудӣ тағйироти талабот ба меҳнат ва нархи онро ба вуҷуд меорад. Сохтори иҷтимоии қувваи корӣ омили асосии ба қисмҳо ҷудокунии бозори меҳнат буда, дар навбати худ бозори аввалия (кормандони имтиёзнок) ва такрориро аз ҳам ҷудо менамояд. Тақсимоти шуғлдоштагон дар |

| | |
|---|---|
| | сохтори ҷойҳои корӣ вобаста ба мураккабгардии стандартҳои иҷтимоӣ ва мувофиқати онҳо ба афзалиятҳои интихоби касбӣ аз тарафи корфармоён ва кормандон амалӣ карда мешавад. Сабаби маҳдуд шудани (дискриминация) ҳуқуқҳо дар бозори меҳнат таъсири омилҳои институтсионалӣ мебошад. |
| **Назарияи монетаристӣ** (М. Фридмен, Ф. Кеген, Д. Майзелман, К. Бруннер, А. Молтсер) | Низоми иқтисоди бозорӣ бо неруи дохилӣ устувории худро таъмин намуда, характери худтанзимкунӣ дорад. Агар номутаносибӣ ва ё вайроншавии хоҷагии бозорӣ ба вуҷуд ояд, пас яқинан он дар натиҷаи дахолати берунӣ ба вуҷуд омадааст. Дахолати давлат ба вайроншавии рушди муътадили хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Шумораи танзимкунандаҳои давлатиро то ҳадди минималӣ ихтисор намудан лозим аст (ба истиснои танзими андозию буҷетӣ). Музди меҳнати ҳадди ақали муайянкардаи давлат, мавқеи пурқуввати иттифоқҳои касаба, мавҷуд набудани иттилоот оид ба мавҷудияти ҷойҳои кори холӣ ва қувваи кории захиравӣ нобаробарии бозориро устувор намуда, омилҳои манфии бозори меҳнат мебошанд. Бо мақсади таъмини мувозинати бозори меҳнат фишангҳои зерини ба мақсад мувофиқро истифода намудан зарур аст:<br>а) меъёри баҳисобгирифташудаи бонки марказӣ;<br>б) ҳаҷми захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби бонки марказӣ. |

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси адабиёти 5, 7, 19 тартиб додааст.

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, ҳар як назария фаъолияти бозори меҳнатро бо тартиби муайян пешниҳод кардаанд. Дар қисмате аз назарияҳо бошад, принсипҳо ва механизмҳои танзими бозори меҳнат оварда шудааст.

Дар **назарияи иқтисодии классикӣ** (XVII ва охирҳои асри XIX) бозори меҳнат ҳамчун низоми худтанзимкунанда, ки таъминкунандаи мувозинати бозорӣ буд, дида баромада мешуд. Вобаста ба ин, талабот ба меҳнат зиёд мешавад, агар ҳосилнокӣ баланд шавад ва нархи бозории маҳсулоти ниҳоӣ дар навбати худ афзоиши меъёри пардохти музди меҳнатро ба миён меорад. Агар нархи маҳсулот ба пастӣ майл кунад, пас талабот ба меҳнат низ кам шуда, баъдан рақобат байни бекорон устувор мегардад ва ба онҳо зарурат пеш меояд, то ба музди меҳнати кам ҳам шартномаи меҳнатӣ банданд. Намояндагони назарияи классикӣ чунин мешуморанд, ки низоми бозорӣ истеъмолоти пурраи захираҳоро таъмин менамояд, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ [7, с. 15]. Аз ин рӯ, шуғли пурра меъёри иқтисоди бозорӣ мебошад ва дар ин низоми иқтисодӣ бекорӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба нуқтаҳои зикршуда иштироки давлат дар танзими бозори меҳнат номувозинатии механизми худтанзимкуниро ба вуҷуд меорад.

Тарафдорони **назарияи неоклассикии** назарияи иқтисодӣ ба сифати танзимкунандаи асосии механизми бозори меҳнат музди меҳнатро меҳисобанд. Аз нигоҳи онҳо дар натиҷаи зиёдшавии музди меҳнат шумораи шуғлдоштагон кам мешавад ва дар натиҷа, бекорӣ ба вуҷуд меояд. Азбаски музди меҳнати баланд афзоиши хароҷоти истеҳсолиро ба вуҷуд меорад, аз ин рӯ, зарурати ихтисори шуғлдоштагон низ ба миён меояд. Дар баробари ин, пастшавии хароҷоти истеҳсолӣ боиси пастшавии нархи маҳсулоти молӣ мегардад. Дар натиҷа, қобилияти харидории аҳолӣ зиёд гардида, талаботи иловагӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳолати мазкур васеъшавии доираи истеҳсолот ва шуғлро ба вуҷуд меорад. Аз нигоҳи тарафдорони назарияи неоклассикӣ, бекорӣ ин натиҷаи интихоби бошууронаи коргар мебошад, ки барои фурӯши меҳнати худ бо нархи (музди меҳнат)-и дар бозор дар натиҷаи муносибати талаботу таклифот муайянкардашуда розӣ нест. Бинобар ин, аз диди онҳо танзими давлатии таъмини шуғли пурра зарур нест.

**Назарияи марксистӣ** оид ба фаҳмиши моҳият ва табиати шуғлу бекорӣ ба он асос меёбад, ки хусусиятҳои қувваи корӣ ҳамчун мол дониста мешавад. Аз нигоҳи тарафдорони ин равия, ба сифати предмети хариду фурӯш дар бозори меҳнат қувваи корӣ баромад мекунад, яъне қобилият ба меҳнат истеҳсоли маҳсулотеро таъмин мекунад, ки арзиши он аз арзиши қувваи корӣ зиёд аст. Ба ақидаи намояндагони ин назария, истеҳсолкунандагон мехоҳанд ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд, арзиши аслии онро паст ва маҳсулоти истеҳсолкардашударо бо арзиши иловагии максималӣ фурӯшанд [7, с. 16]. Амалӣ намудани ҳолати мазкур дар ҳоле имконпазир аст, ки агар дар истеҳсолот мукаммалгардонии техникӣ ва технологӣ ҷорӣ карда шавад, то ба камшавии хароҷоти вобаста ба пардохти музди меҳнат оварда расонад. Дар баробари рушди прогресси техникӣ ҳиссаи аҳолӣ дар пешбурди истеҳсолот кам мешавад, ки ҳолати мазкур бекориро ба миён меорад.

Ҷон Мейнард Кейнс бунёдгузори «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» (1936), асосгузори равияи кенсионӣ дар назарияи иқтисодӣ мебошад. Иқтисодчӣ роҳи нави таҳлили шуғл ва сабабҳои бекориро кашф намуда, исбот намудааст, ки хоҷагии муосири бозорӣ механизми худтанзимкунанда надорад, яъне низоми иқтисоди бозорӣ ба таври автоматикӣ имконияти барқарор намудани мувозинатро дар иқтисодиёт надорад. Бинобар ин, иқтисодчӣ танзими давлатии иқтисодиётро зарур мешуморад. Аз нигоҳи Ҷ.М. Кейнс самтҳои танзими давлатии иқтисодиёт бояд чунин бошад: а) хароҷоти мустақими буҷет ба афзоиши пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағгузорӣ (субсидякунонӣ) барои бунёди ҷойҳои нави корӣ, ташкили корҳои ҷамъиятӣ сафарбар карда шаванд; б) ба роҳ мондани тағйироти сиёсати фискалӣ, яъне аз тариқи паст намудани андозҳо таъмини афзоиши фаъолнокии сармоягузории соҳибкорон, рушди истеҳсолот ва зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ.

Тарафдорони **назарияи институтсионалистӣ** ҷабҳаҳои гуногуни шуғл ва бекорӣ, ки зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ, касбӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва таъсири онҳоро ба сохтори қувваи корӣ ва сатҳи музди меҳнат мавриди таҳлил қарор додаанд. Аз нигоҳи тарафдорони ин равия, ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ба ислоҳоти институтсионалӣ, ки ба танзими бозори меҳнат ва таъмини мувозинати он равона гардидааст, вобаста мебошад [19, с. 315]. Яке аз омилҳои муҳими институтсионалӣ давлат мебошад, ки фаъолияти он ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа таъсирнок арзёбӣ мегардад.

Дар **назарияи монетаристӣ** пул ба сифати воситаи асосии таъминкунандаи худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ баромад мекунад. Миқдори пули дар муомилот ба таври мустақим ба бузургии хароҷоти аҳолӣ ва соҳибкорон таъсир мерасонад, чунки зиёдшавии ҳаҷми пул талабот ба мол ва хизматрасониро зиёд менамояд. Ба ақидаи тарафдорони ин назария, афзоиши пешниҳодоти пул ба беқурбшавии он оварда мерасонад, бинобар ин, маблағгузории дарозмуддати аҳолӣ ба саҳмияҳо, гузоштани маблағҳо ба муассисаҳои бонкӣ, истифодаи маблағҳо аз ҷониби соҳибкорон барои рушди истеҳсолот манфиатнок мебошад. Ҳамин тавр, афзоиши сармоягузорӣ ба афзоиши шуғл оварда мерасонад. Аммо ин дар ҳоле имконпазир аст, ки афзоиши нарх ба суръати рушди иқтисодӣ ҳамоҳанг бошад, чунки таварруми тасодуфӣ ба афзоиши бекорӣ низ оварда мерасонад. Дар чунин шароит зарур аст, то шиддати иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат маҳдуд карда шавад, хароҷотҳои буҷети давлатӣ ихтисор карда шуда, маблағҳо барои татбиқи барномаҳои дастгирии шуғли пурра равона карда шаванд. Иҷрои чунин амал имконият медиҳад, то воситаҳо дар ҳаҷми калон ба самти сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт сафарбар карда шаванд ва дар ин замина, фаъолнокии кории субектҳо баланд бардошта шавад.

Бозори меҳнат аз ду паҳлуи асосӣ иборат аст, шуғл ва бекорӣ. Агар таъмин будани шуғли аҳолӣ аз фаъолияти мусбии бозори меҳнат гувоҳӣ диҳад, пас бекорӣ ноустувории бозори меҳнатро нишон медиҳад. Ин ду категория ба якдигар алоқаманд буда, афзоиши шуғл бекориро кам менамояд ва афзоиши бекорӣ аз коҳиш ёфтани шумораи шуғлдоштагон шаҳодат медиҳад. Олимони соҳаи иқтисод роҳҳои гуногуни коҳиш додани бекориро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Яке аз роҳҳои мубориза ба бекорӣ барномаи кейнсионии мубориза бо бекорӣ мебошад, ки аз ду қисмати чорабиниҳо иборат аст [5, с. 118] (ниг. ба расми 1.).




**Расми 1.** Барномаи кенсионии мубориза бо бе

Қисмати якуми барнома (чораҳои тактикӣ) ба самти маҳдудкунии бекорӣ дар давраи кутоҳмуддат нигаронида шудааст, дар ҳоле, ки ҳанӯз тағйироти мусбӣ дар иқтисодиёт ҳиснашаванда аст. Чораҳои тактикӣ аслан корҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат ташкил карда мешавад ва давлат низ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохти иҷрои корҳои мазкурро анҷом медиҳад. Корҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ тавсия дода мешавад, аз ҷумла бунёд ва таъмири роҳҳо, сохтмони беморхонаҳо ва ғайра.

Қисмати дуюми барнома (чорабиниҳои стратегӣ) бошад, низоми чораҳои стратегиеро дар назар дорад, ки барои ҷоннок намудани конъюнктураи бозор ва ташкили сармоя мусоидат карда, боиси пайдоиши талаботи истеъмолии аҳолӣ, зиёдшавии ҳаҷми мол ва шуғли аҳолӣ мегардад. Ин қисмати барнома аз ду фишанги асосӣ иборат аст: а) фармоишҳои давлатии ширкатҳои бузург; б) кам кардани меъёри ҳисобии фоизҳо бо роҳи зиёд намудани хароҷотҳои давлатӣ. Фишанги дуюм асосан дар шароити афзоиши молиякунонии буҷетии ба дефитсит (касри буҷет) асосёфта истифода бурда мешавад. Қобили қайд аст, ки фармоишҳои давлатии ширкатҳои бузург муносибатҳои хоҷагидории калонро ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷа, фаъолияти сармоягузорӣ васеъ мегардад. Қабули фармоишҳои давлатӣ аз ҷониби шумораи зиёди ширкатҳо имконият медиҳад, то талабот ба қувваи корӣ зиёд шуда, мушкилоти бекорӣ аз байн бурда шавад.

Нуқтаи назари иқтисодчиёни ватаниро оид ба масъалаҳои вобаста ба ташкили бозори меҳнат ва мушкилоти фаъолияти он дида мебароем. Профессор Ҳ.У. Умаров дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд менамояд, ки «навкунии сохтори иқтисоди Тоҷикистон аз кор сабукдушкунии кормандони соҳаҳои моддӣ ва ғайримоддиро ба миён оварда, боиси пайдо гардидани мушкилоти бекорӣ, аз ҷумла бекории ғайрирасмӣ гардид. Гузариш аз низоми марказонидашудаи хоҷагидорӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ боиси пайдоиши тағйирот дар муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ гардида, тезутунд шудани мушкилоти шуғлро ба миён овард. Аз нигоҳи иқтисодчӣ дар шароити кунунӣ стратегияи шуғли ҷомеаи мо бояд дар асоси принсипи ноилгардӣ ба шуғли босамар амалӣ карда шавад» [16, с. 189].

Иқтисодчии ватанӣ профессор Т.Ҷ. Усмонова дар мақолаи илмии худ зери унвони «Зарурат ва имконияти рушди ҷомеа дар асоси донишҳо» қайд менамояд, ки дар ҷумҳурӣ байни одамоне, ки мехоҳанд дар бозори меҳнат қарор дошта бошанд ва одамоне, ки дар ниҳоят дар бозори меҳнат мемонанд, парокандашавии бузург ҷой дорад [17, с. 154]. Аз нуқтаи назари иқтисодчӣ бармеояд, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни талаботу таклифоти қувваи корӣ фарқияти ниҳоят калон дида мешавад, ки мушкилии асосии он нокифоягии миқдори ҷойҳои корӣ нисбат ба шумораи қувваи корӣ мебошад.

Олими шинохта, профессор Ҳ.Н. Фақиров дар яке аз мақолаҳои худ иброз медорад, ки пайдоиши ихтисосҳои нав дар заминаи маълумоти такрорӣ номутобиқатии талаботи бозори меҳнат ва меъёрҳои амалкунанда (ихтисосҳои мавҷуда)-ро ба вуҷуд меорад [18, с. 84]. Аз нигоҳи д.и.и., профессор Р.У. Улмасов бошад, рушди соҳаи шуғл, аз ҷумла бунёди ҷойҳои кории пурмаҳсул дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои сиёсати

иқтисодии мамлакат дониста мешавад [15, с. 53]. д.и.и., профессор Т.Р. Ризоқулов қайд менамояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ ва зарурати такмили сифатии сохтори захираҳои меҳнатӣ ҷой дорад [11, с. 113].

Д.и.и., профессор С.Ҷ. Комилов муҳаққиқи масъалаи вобаста ба бозори меҳнат аз мавқеи инноватсионӣ чунин нуқтаи назар дорад, ки дурнамои рушди бозори меҳнат дар шароити пешрафти инноватсионӣ аз бунёди низоми миллии инноватсионӣ вобаста мебошад [6, с. 73]. Д.и.и., профессор Т.Д. Низомова рушди бозори меҳнатро аз устувории нерӯи кадрӣ вобаста дониста, қайд менамояд, ки дар шароити дивверсификатсияи маҳсулот, ҷорӣ гардидани инноватсия зарурати тарбия ва бозомӯзии кадрҳо пеш меояд [8, с. 195]. Ҳамчунин, аз нигоҳи Т.Д. Низомова, мақомоти марбутаи соҳа, аз ҷумла Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, то барои хатмкунандагони мактабҳо барои интихоби касбу ҳунар тадбирҳо андешанд, низоми пешниҳоди иттилоотро доир ба бозори меҳнат беҳтар намоянд ва аз таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ дар самти идоракунии бозори меҳнат истифода намоянд.

Татбиқи чорабиниҳои иқтисодии стратегии давлат бо истифодаи дигар воситаҳои самаранок, ки талаботи сармоягузориро ба вуҷуд меоранд, дар назар аст, яъне арзонкунии қарз бо роҳи паст намудани меъёри ҳисобии фоизи он. Қобили қайд аст, ки қарзи арзон барои доираи васеи қарзгирандагон дастрас буда, рушди фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд ва бекориро аз байн мебарад.

Аслан идоракунии бозори меҳнат масъалаи сатҳи амалӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯза ҷой доштани мушкилоти бекорӣ то андозае аз донишу малакаи назариявию амалии шаҳрвандони кишвар низ вобаста мебошад. Мусоидат ба таъмини шуғли аҳолӣ бояд бо роҳи ҷорӣ намудани квотаҳо, омодагии касбӣ ва баландбардории тахассусмандии шаҳрвандон амалӣ карда шавад [13, с. 118]. Тавре борҳо аз баромадҳои Роҳбари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон шунида мешавад, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар ин замина, омода намудани мутахассисони ҷаобгӯ ба талаботи бозори меҳнат талаботи замон мебошад. Ҳукумати мамлакат низ вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳадафи стратегии худ интихоб намудааст. Вобаста ба ин, идоракунии бозори меҳнат тавре ба роҳ монда шавад, ки таъмини шуғл ва кам кардани бекориро дар ҷумҳурӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифадор мебошад, ки дар ҳамкории қавӣ бо Вазорати маориф ва илм сифати таҳсилот ва касбомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар созад. Мақомотҳои болозикр бо назардошти талаботи бозори меҳнат бояд ихтисосу ҳунарҳоеро роҳандозӣ намоянд, ки имконияти ба шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус ҷавононро дошта мебошанд.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои назариявии вобаста ба идоракунии бозори меҳнат ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бозори меҳнат ҳамчун механизми таъминкунандаи тавозуни талаботу таклифоти қувваи корӣ барои рушди иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Чунки такрористеҳсоли қувваи корӣ, таъмини шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ аз фаъолияти бозори меҳнат вобаста мебошад.

Дар бораи идоракунии бозори меҳнат олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ шуруъ аз мутафаккирони классикӣ то иқтисодчиёни замони муосир нуқтаи назари худро доранд. Муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар ҳар давру замон вобаста ба низоми иқтисодии амалкунанда, хусусияти таъсири омилҳои дохилию берунӣ сифатан дигаргун мешаванд, бинобар ин, идоракунии бозори меҳнат низ махсусияти худро пайдо менамояд.

Аз натиҷаи таҳқиқот хулосаю пешниҳодҳои зерин бароварда шудаанд, ки ба инобат гирифтани онҳо метавонад то андозае барои ҳалли мушкилоти низоми идоракунии бозори меҳнат мусоидаткунанда бошад:

- таҳқиқотҳои илмии бозори меҳнат бояд амиқ бошанд, то таҳлилу омӯзиши мушкилоти воқеии ҷойдошта ба роҳ монда шавад. Яъне, мушкилоти бозори меҳнат бояд аз ҷониби институти илмӣ-таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимони соҳа зери таҳқиқ қарор дода шавад;

- муҳим будани рақобати комил дар бозори меҳнат;

- мувофиқ будани музди меҳнати кормандон дар корхонаю ташкилотҳо, ки тавонад такрористеҳсоли қувваи корӣ ва мувозинати талаботу таклифоти онро таъмин намояд. Таъмини музди меҳнати мувофиқ бо роҳи баландбардории ҳосилнокии меҳнат имконпазир мебошад;

- соҳибкасб будани қувваи корӣ имконияти зиёди таъмини шуғл ва коҳиш додани бекориро дорад, новобаста аз он ки дар бозори меҳнат таъсири омилҳои гуногун дар назар аст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта фаъолнокии марказҳои бозомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос бояд таъмин карда шавад;

- фаъол будани фишангҳои низоми иқтисоди бозорӣ мувозинати талаботу таклифоти бозори меҳнатро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, низоми мукаммали иқтисоди бозорӣ шароити рушди бозори меҳнат мебошад;

- баланд шудани сатҳи ҳосилнокии меҳнат талабот ба меҳнатро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа, аз ҳисоби афзоиши нархи бозории маҳсулоти ниҳоӣ музди меҳнат афзоиш мeёбад;

- зарурати танзими давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла ҷорӣ намудани ислоҳоти институтсионалӣ, ки ба танзими бозори меҳнат ва таъмини мувозинати он равона гардидааст;

- афзоиши маблағгузории дарозмуддати аҳолӣ ба саҳмияҳо, гузоштани маблағҳо ба муассисаҳои бонкӣ, истифодаи маблағҳо аз ҷониби соҳибкорон барои рушди истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои корӣ;

- татбиқи чораҳои тактикӣ ва стратегии барномаи кенсионии мубориза бо бекорӣ метавонад барои идоракунии босамари бозори меҳнат аз тариқи маҳдудкунии бекорӣ, ҷоннок намудани конъюнктураи бозор ва ташкили сармоя мусоидат кунад.

- дар шароити нокифоя будани захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ татбиқи чораҳои иқтисодии стратегии давлатӣ зарур шуморида мешавад. Паст намудани меъёри фоизи қарзи бонкӣ аз тариқи рушди рақобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ ва таъсиси қарзҳои имтиёзнок, ки барои васеъ намудани ҷойҳои корӣ мусоидат менамоянд, роҳҳои ҳалли мушкилии зикршуда мебошанд.

**Адабиёт**

1.Антропова М.Н. Исследование проблемы занятости студенческой молодежи в сфере социально-трудовых отношений/М.Н. Антропова //Вестник КемГУ.-2010. - №3. - [электронный ресурс] http://cyberleninka.ru/article/n/ issledovanie-problemy-zanyatosti-studencheskoy-molodezhiv-sfere-sotsialno-trudovyh-otnosheniy (дата обращения: 4.08.2021г.).

2.Базыленко Т.Ю. Роль государственной службы занятости в регулировании рынка труда на региональном уровне: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Т.Ю. Базыленко. - Москва, 2013. - 239 с.

3.Белохвостова, Н.В. Современные тенденции управления занятостью населения / Н.В. Белохвостова // Современные проблемы науки и образования.- 2015. – № 1-1. – С.582-588.

4.Захарова, Т.И. Уровень безработицы и меры по снижению напряженности на рынке труда / Т.И. Захарова // Вестник АГАУ. - 2012. - №8. - [электронный ресурс] http://cyberleninka.ru/article/n/uroven-bezrabotitsy-i-mery-posnizheniyu-napryazhennosti-na-rynke-truda (дата обращения: 4.08.2021г.).

5.Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж. М. Кейнс. - М., 2002. - 339 с.

6.Комилов С.Д. Особенности занятости в условиях индустриально-инновационного развития / С.Д. Комилов, Шодибеки С. // Таджикистан и современный мир. 2019. - №5(68). - С. 68-78.

7.Муминова Н.Р. Обеспечение сбалансированности национального рынка труда: Дис. ... к-та экон. наук: 08.00.05 / Н.Р. Муминова. - Худжанд, 2019. - 188 с.

8.Низамова Т.Д. Ключевые направления обеспечения эффективной подготовки и пререподготовки кадров в Республике Таджикистан / Т.Д. Низамова // Таджикистан и современный мир. - 2018. - №4(63). - С. 191-199.

9.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - [Манбаи электронӣ] www.prezident.tj (санаи мурочиат: 30.07.2021 с.).

10.Рацлаф, А. А. Теоретические подходы к исследованию рынка труда/А.А. Рацлаф, А.В. Седова // Молодой ученый. - 2014. - №13. - С. 164-166.

11.Ризокулов Т.Р. Взаимосвязь развития интеграционных процессов и занятости населения в экономике таджикистана / Т.Р. Ризокулов, Ш.Ю. Акрамов, Ш.С. Мухитдинова //Вестник ВЭГУ. - 2018. - №6(98). - С. 109-115.

12.Рофе, А.И. Экономика труда: учебник / А.И. Рофе. - Москва: КНОРУС, 2011. - 392 с.

13.Саидов Р.Н. Пути уменьшения безработицы и снижения инфляции в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. - №2/4 (204). - С. 114-121.

14.Сальникова Л. Ю. Управление развитием конкурентоспособности выпускников вузов на рынке труда Уральского федерального округа /Л.Ю. Сальникова // Регион, экономика. Теория и практика. - 2010. - №17. - С. 34-39.

15.Улмасов Р.У. Таджикистан в зеркале миграции: монография / Р.У. Улмасов, Дж. Икромов. – Душанбе:ЭР-граф, 2016. - 132 с.

16.Умаров Х.У. Влияние рыночных реформ на развитие отраслей социальной сферы в Таджикистане / Х.У. Умаров, К.Г. Якубова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2019. - №8. - С. 187-192.

17. Усманова Т.Дж. Необходимость и возможности развития общества, основанного на знаниях / Т.Дж. Усманова // Вестник Технологического университета Таджикистана. - 2011. - №4(18). - С. 152-157.

18.Факеров Х.Н. Образование - основной фактор развития инновационной экономики /Х.Н. Факеров, З.Х. Ибодова, В.А. Разыков // Вестник Таджикского технического университета. - 2013. - №1(21). - С. 81-86.

19.Федченко А.А. и др.; Экономика труда: теоретический и практический анализ: учеб. / А.А. Федченко и др. - М.: Из-во «Экзамен», 2007. - 510 с.

**УДК 338.124.4**

## УНСУРИ АСОСИИ НИЗОМИ АСЪОРИ МИЛЛӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН

***Ҷулиев Музаффар Ҳалимович*** *- ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 985012220*

*Дар шароити муосир равандҳо ва муносибатҳои давлат, новобаста аз вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ, бо иқтисодиёти давлатҳои дигар алоқамандии зич дорад, ки яке аз ин омилҳо муносибатҳои асъорӣ ва сиёсати асъорӣ мебошад.*

*Низоми асъории ҳамаи давлатҳои ҷаҳон маҷмуи муносибатҳои иқтисодиётро, ки бо ташаккулёбии асъор ва бозори асъор ба роҳ мондани он (мавҷудияти ниҳодҳои дахлдор, корҳои ташкилӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ) алоқаманданд, инъикос менамояд.*

*Дар мақолаи мазкур муносибатҳои асъорӣ бо хариду фурӯши молу хизматҳо, сармоягузорӣ, робитаҳои иқтисодии беруна, қарзи байналхалқӣ, амалиёти асъорӣ, ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар муносибатҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ташкили муносибатҳои самараноки иқтисодию сиёсӣ зарурати истифодаи муносибатҳои асъориро пеш меорад. Бинобар ин, дар мақола муаммоҳои муосири низоми ҷаҳонии асъор дида баромада шудааст, ки онҳо бевосита бо сатҳи тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии зич доранд. Қайд карда мешавад, ки иқтисодиёти давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта аз сатҳи бавуҷудоии таваккалҳои гуногун ва бартарии асъори хориҷӣ вобастагӣ доранд.*

*Дар мақола, инчунин, пайдоиши бозингарони нави калони бозори асъорӣ, пеш аз ҳама, давлатҳои Осиё, ки асъори онҳо мавқеи худро дар бозори асъорӣ мустаҳкам намудаанд, барои*

*иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заруратро ба пеш меоранд, ки мо низ дар ин самт кӯшишҳоро ба харҷ диҳем.*

**Калидвожаҳо:** *асъор, пули миллӣ, устувории асъор, қурби асъор, мубодилаи асъор, бозори асъор, танзими асъор, сиёсати асъор, низоми асъор.*

## КЛЮЧЕВОЙ ЭЛЕМЕНТ НАЦИОНАЛЬНОЙ ВАЛЮТНОЙ СИСТЕМЫ И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ

***Джулиев Музаффар Халимович*** *– ассистент кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 985012220.*

*В современных условиях каждое государство независимо от ее экономической и политической ситуации тесно связано с экономикой других стран. Валютная система всех стран мира представляет совокупность экономических отношений, связанных с формированием валюты и форм их организации (наличием соответствующих институтов: организаций, учреждений, правовых норм).*

*В статье отмечается, что валютные отношения взаимосвязаны с покупкой и продажой товаров и услуг, инвестициями, внешнеэкономической деятельностью, мировой ссудой, валютными операциями, научно – техническим сотрудничеством и другими экономическими отношениями. Создание эффективных экономических и политических отношений приводит к необходимости валютных отношений.*

*В статье рассматриваются проблемы современной мировой валютной системы, которые неразрывно связаны с уровнеми развития экономики Таджикистана. Отмечается, что экономика стран с переходным периодом зависимы от уровня возиконовения различных рисков и превосходством инностранных валют.*

*В статье также отмечается важность появления (возникновения) новых крупных игроков, прежде всего страны Азии, чьи валюты значительно укрепили свои позиции на мировом валютном рынке и в существующих условиях таким странам как Таджикистан необходимо также занимать свои позиции и осуществлять финансовые операции.*

***Ключевые слова:*** *валюта, национальная валюта, валютная стабильность, обмен валют, обменный курс, валютный рынок, валютное регулирование, валютная политика, валютная система.*

## KEY ELEMENT OF THE NATIONAL MONETARY SISTEM AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT

***Juliev Muzaffar Halimovich*** *- Assistant of the Department of Economic Analysis, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 985012220*

*In modern conditions, every state, regardless of its economic and political situation, is closely connected with the economies of other countries. The monetary system of all countries of the world is a set of economic relations associated with the formation of currency and the forms of their organization (the presence of relevant institutions: organizations, institutions, legal norms).*

*The article notes that currency relations are interrelated with the purchase and sale of goods and services, investments, foreign economic activity, world loan, foreign exchange transactions, scientific and technical cooperation and other economic relations. Creating effective economic and political relations leads to the need for monetary relations.*

*The article discusses the problems of the modern world monetary system, which are inextricably linked with the level of development of the economy of Tajikistan. It is noted that the economies of countries in transition are dependent on the level of occurrence of various risks and the superiority of foreign currencies.*

*The article also notes the importance of the emergence (emergence) of new major players, primarily the countries of Asia, whose currencies have significantly strengthened their positions in the world currency market and in such conditions as countries like Tajikistan it is also necessary to hold their positions and carry out financial operations.*

***Keywords:*** *currency, national currency, currency stablility, rate, exchange currency, currency market, currency regulation, monetary policy, monetary sistem.*

Таҳаввулоти ҷаҳони муосир собит намуд, ки иқтисодиёт имрӯза торафт ба ҳам пайваста ва аз ҳам вобаста шуда истодааст. Ҳар як мамлакат новобаста аз вазъи иқтисодию сиёсиаш бо кишварҳои дигар муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ дорад, ки дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, бо дигар мамлакатҳо равобити дипломатӣ дорад. Дар самти муносибатҳои пулию қарзӣ сиёсати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамбастагии беруниқтисодӣ дорад. Вобаста ба ин қайд кардан бамаврид аст, ки пули миллии мо дар хориҷи кишвар мавриди истифода қарор намегирад, зарурати хариду фурӯши асъори хориҷӣ ба миён меояд. Ҳамчун анъана, фурӯши асъор дар бозори асъор, ки вазифаи асосии он мусоидат кардан ба сармоягузорӣ ва рушди тиҷорат мебошад, амалӣ гардонида мешавад. Муносибатҳои асъорӣ ба хариду фурӯши мол, воридоти сармоя, қарзгирӣ, амалиёти асъорӣ, ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои сиёсӣ аз ҳамкориҳо дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, ташкилу идораи созмонҳои байнидавлатӣ ва минтақавию умумиҷаҳонӣ иборатанд. Ташкили дурусту самараноки муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ зарурати муносибатҳои асъориро ба миён меоранд.

Вобаста ба таҷриба низоми асъорро аз ду нуктаи назар баррасӣ кардан мумкин аст:

- Аз нуктаи назари иқтисодӣ (функсионалӣ) – маҷмуи муносибатҳои асъорӣ-иқтисодии субъектҳои бозори ҷаҳониро дар бар мегирад, ки таърихан дар заминаи байналмилалии робитаҳои хоҷагӣ ташаккул ёфтааст.
- Аз нуктаи назари ҳуқуқӣ (институтсионалӣ) - шакли давлатӣ-ҳуқуқии (байнидавлатии) ташкили муносибатҳои асъорию иқтисодӣ мебошад [8, с.84].

Ҳамчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки низоми асъориро вобаста ба хусусиятҳои соҳа ба се қисмат гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст, ки онро дар расми 1 мушоҳида мекунем:




**Расми 1. Гурӯҳбандии низоми асъор**

Вобаста ба сарчашмаҳои таърихӣ пайдоиш ва густариши низоми асъорӣ муносибатҳои зиёди илмию пажӯҳишӣ дорад. Ҳамчунин, он аз марҳилаҳои ташкилӣ иборат мебошад.

Қисмати аввал - ташкили низоми асъорӣ бори нахуст низоми миллии асъор дар заминаи қонунҳои миллӣ бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи дохилии давлат пайдо шудааст. Низоми миллии асъор ин қисми таркибии сиёсати пулию қарзии мамлакат буда, принсипҳои ташкил ва танзими муносибатҳои асъории давлатро мувофиқи қонунҳо муайян мекунад.

Вобаста ба сарчашмаҳои илмию пажӯҳишӣ низоми миллии асъор одатан мустақилияти нисбӣ дорад, чунки аз сатҳи инкишоф ва вазъи робитаҳои иқтисоди хориҷии мамлакат вобаста буда, асрҳои 16 ва 17 ба вуҷуд омадааст [3, с.39].

Низоми миллии асъор ва татбиқи ин дар вазифаҳои мушаххаси он зоҳир мегардад, ки вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташкил ва истифодаи захираҳои асъорӣ;
- таъмин намудани алоқаҳои иқтисодии берунаи мамлакат;
- таъмин намудани шароитҳои муътадили хоҷагии миллӣ ва ғайра [1, с.101-102].

Унсури асосии низоми миллии асъор – асъори миллӣ ё пули миллӣ мебошад, воситаи аз тарафи қонун муайян кардашудаи ҳамин давлат (сомонӣ дар Тоҷикистон, рубл дар Россия) маҳсуб меёбад. Ҳама гуна воҳиди пули миллӣ, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода мешавад, ба асъор табдил меёбад ё номи асъорро мегирад.

Унсури махсуси низоми миллии асъор, асъори захиравӣ (резерв) мебошад, яъне асъоре, ки бо он давлат дороиҳои зудфурӯши дохилӣ, минтақавӣ ва байналхалқии худро (доллари ИМА, еврои ИА, юани Чин, тиллову сангҳои қиматнок, коғазҳои қиматноки давлативу ширкатҳо ва монанди инҳо) барои танзими равандҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи иқтисодиёт нигоҳ медорад. Унсури дигари низоми миллии асъор ин аз бозори асъор, реҷа (режим)-и қурби асъор ва паритети бартарии асъор иборат аст, ки мо онҳоро дар ҷадвали №1 таҳлил намудаем (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Фарқиятҳо байни унсурҳои низоми байналхалқии асъор ва низоми миллии асъор**

| Унсурҳои асосии низоми байналхалқии асъор | Унсурҳои асосии низоми миллии асъор |
|---|---|
| 1. Воҳидҳои асъории захиравии миллӣ ва коллективӣ | 1. Асъори миллӣ (Пули миллӣ) |
| 2. Тартиб ва сохтори активҳои пардохтпазири байналхалқӣ | 2. Шарти табдилпазирии асъори миллӣ |
| 3. Механизми паритети асъор ва қурби асъор | 3. Режими қурби асъор |
| 4. Шарти табдилёбии асъор | 4. Маҳдудиятҳои асъорӣ |
| 5. Шаклҳои ҳисоббаробаркунии байналхалқӣ | 5. Ҳисоббаробаркуниҳои давлат бо хориҷа |
| 6. Режимҳои бозорҳои асъории байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонии тилло | 6. Режими бозорҳои миллии асъор ва тилло, амалиёт бо сангҳои қиматбаҳо |
| 7. Ташкилотҳои байнидавлатие, ки муносибатҳои молиявӣ – асъориро танзим менамоянд. | 7. Мақомотҳои миллии хизмат-расонанда ва танзимкунандаи муносибатҳои асъорӣ |

**Маъхаз: ҳисоби муаллиф аз рӯйи ахбороти маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон. 2020. - №12 (305)**

Аз ҷадвали мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки байни мафҳуми асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ фарқиятҳои зиёде мавҷуд мебошад. Умуман, давлате, ки мехоҳад асъори миллии он дар сатҳи ҷаҳонӣ баромад намояд, бояд иқтисодиёташ устувор бошад. Яке аз нишонаҳои иқтисодиёти устувор ин ба таври таббиӣ муайян гаштани қурби асъори миллии он нисбати дигар асъорҳо мебошад.

Асъори миллӣ воситаи аз тарафи қонун муайянкардашудаи ҳамин давлат (сомонӣ дар Тоҷикистон, рубл дар Россия, доллар дар ИМА, евро дар ИА ва ҳоказо) мебошад. Танзими раванди асъор ва мушкилоти асъориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” танзим менамояд. Асъор пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Ҳамчунин, асъори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонӣ мебошад, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст [7, с.1]. Ҳама гуна воҳиди пули миллӣ, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода карда мешавад, ба асъор табдил меёбад. Иқтисодиёти бозоргонӣ барои пешрафти тиҷорати байналхалқӣ зарурати интихобу истифодаи пули ҷаҳонӣ ё ба таври дигар асъори ҷаҳониро ба миён овардааст, ки он дар навбати худ зарурати ташкили низоми асъорӣ: бозори асъор, қабулу истифодаи қоидаҳои ягонаи табдили асъор, таъмини устувории қурби он ва ҳалли масъалаҳои дигари ба он алоқамандро талаб кард.

Албатта, ҳар як кишвар дорои низоми миллии асъори худ мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

- воҳиди пули миллӣ (масалан, сомонӣ);
- реҷаи қурби пул (басташуда ва ё озодшинокунанда) ва таъмини устувории он;
- шартҳои табдили пули миллӣ;

- тартиби фаъолияти бозорҳои пул ва тилло;
- тартиби ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ дар кишвар;
- таркиб ва тартиби идораи захираҳои тиллоию асъории кишвар;
- ҳуқуқи муассисаҳои танзимкунандаи муносибатҳои пулӣ дар кишвар [7, с.124-125].

Рушди босуботи муносибатҳои иқтисодию сиёсии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомҳои асъори миллӣ ташкил карда шуда, низоми олии асъории байналхалқӣ гардидааст. Мақсади ташкили он ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ, қарздиҳию дастгирии якдигар, нигоҳдошти намояндагиҳои дипломатӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари байналхалқӣ мебошад.

Асъори миллӣ, пеш аз ҳама, барои баамалбарории пардохти берунӣ дар заминаи пайдошавии уҳдадорӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо асъори хориҷӣ иваз карда мешавад. Аз нигоҳи дигар, роҳҳои асосии воридоти асъори хориҷӣ ба мамлакат ин грантҳо, сармоягузорҳо, қарзҳои дарозмуддати давлатӣ, интиқоли маблағ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат ва монанди инҳо мебошанд.

Зарурати ин масъаларо ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 201 миллион сомонӣ ё 3 фоиз зиёд мебошад. Вобаста ба ин, Бонки миллиро вазифадор кард, ки барои зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ ва махсусан, ба соҳаҳои истеҳсолӣ, нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои қатъӣ андешанд. Соли 2018 ҳиссаи пули нақде, ки берун аз низоми бонкӣ дар муомилот қарор дошт, дар гардиши умумии пулии кишвар 64 фоизро ташкил кард [9, с.4].

Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, давлате, ки соҳиби пули миллӣ мебошад, он давлат дорои тамаддун ва таърихи қадима аст. Доштани пули миллӣ яке аз нишонаҳои соҳибхтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ мебошад. Соҳибхтиёрӣ ва соҳибистиқлолии ҳар як давлат дар Конститутсияи он дарҷ гардидааст. Мо мардуми тоҷик низ дорои Конститутсия ва пули миллии худ ҳастем [5, с.1]. Боиси ёдоварист, ки аз қадим мардуми тоҷик ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буд, ҳаст ва мемонад. Фаъолияти соҳибкориро бе гардиши пулӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таърихи пайдошавии муомилоти пулӣ дар қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асрҳои 5-4 то мелод сарчашма мегирад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (н. Қубодиён) дорикҳои тиллои Ҳахоманишиниро пайдо намуданд. Дар ин тангаҳои ёфтшуда тасвирҳое, ки ба дини Зардуштӣ алоқамананд, акс ёфта буданд. Дар асрҳои миёна, дар давраи давлатдории аввалин давлати мутамаркази тоҷикон – Сомониён, муомилоти пулӣ ба авҷи аълои тараққиёти худ расид. Вобаста ба ин академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» чунин қайд кардааст: «Дар давраи аҳди Сомониён дар миқёси Самарқанду Бухоро зиёда аз 30 сиккахонаҳо (дӯконҳои тангасозӣ) амал мекарданд. Дар он давраҳо тангаҳои дар муомилотбуда ба худ номҳои дирҳам, динор ва исмоилияро доро буданд. Дирҳамҳои сомонӣ на танҳо дар ҳудуди ин давлат, балки берун аз он низ дар муомилот истифода бурда мешуданд.

Баъд аз барҳам хӯрдани давлати Сомониён, ҳар як қабилае, ки ба сари тахт меомад, низоми муомилоти пулии худро ҷорӣ мекард. Дар ҳудуди Осиёи Миёна то солҳои 1920 тангаҳои филизӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода бурда мешуданд. Пайдоиши аввалин пулҳои коғазӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба давраҳои ҳукмронии охирин амири Бухоро Амир Олимхон рост меояд. Ин пулҳои коғазӣ «танга» ном доштанд. Пулҳои коғазӣ арзиши номиналии 20, 50, 100, 300, 500, 1000, 2000, 5000, 10000 – тангаро доро буданд [4, с. 44].

Соли 1920 Ҷумҳурии Шӯрои Бухоро таъсис ёфт, ки чопи пулҳои коғазии пешинаро танҳо бо як аломати фарққунанда идома дод. Ин аломат дар қисмати болои рӯи рости онҳо навиштаҷоти «Бо фармони аълоҳазрат бароварда шудааст», ба рамзи пролетарӣ – тасвири дос ва дарзаи гандум иваз шуда буд. Соли 1922 матбааи Бонки халқии Бухоро бо таҷҳизоти нав муҷаҳҳаз гардид, ки дар он пулҳои коғазӣ бо усули офсет чоп шуда, бо сифати нисбатан баланди худ фарқ мекарданд. Ин пулҳо то барҳамхӯрии Ҷумҳурии Шӯрои Бухоро, яъне то соли 1924 дар муомилот буданд [2, с. 56].

То 10-уми майи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоти пулӣ бо номи «рубль» (интишори Бонки маркази Россия) амал мекард. Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [6, с.34]. Қурби пули миллиро Бонки миллии Тоҷикистон муайян ва онро интишор намуда, дар васоити ахбори омма чоп мекунад. Мувофиқи қарори Комиссияи махсуси давлатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ бо номи «рубли точикӣ» ба муомилот бароварда шуд ва он то 1.04.2001 дар муомилот буд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 30.10.2000 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди пули нав бо номи «Сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд [11, с. 41]. Ин пул бо номи Асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст. Пули сомонӣ арзиши номиналии 1, 3, 5, 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ дар шакли коғазӣ, инчунин 1, 5, 10, 20, 25, 50 - дирам ва 1, 3, 5 – сомонӣ дар шакли тангагӣ дар муомилот гардиш менамояд.

Қисмати дувум - низоми минтақавии асъор муносибатҳои асъориро дар байни якчанд давлатҳои як минтақа ифода менамояд. Умуман, низоми минтақавии асъор дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ қабулшудаи шакли ташкили муносибатҳои асъории давлатҳост, ки мустақилона амал карда ба ҳаракати байналхалқии молҳо ва омилҳои истеҳсолот хизмат мекунад.

Таърихи барқароршавӣ ва инкишофи низоми минтақавии асъор мустақиман ба барқарор гаштани сохтор ва таъсири мутақобили мамлакатҳои иқтисодиёти рушди устувор алоқаманд аст. Низоми минтақавии асъор яке аз низомҳое мебошад, ки байни низомҳои милливу ҷаҳонии асъор ва гурӯҳҳои ҳамгироии давлат хизмат мерасонад. Ҳамин аст, ки дар замони муосир ду намуди низоми минтақавии асъор вуҷуд дорад:

1. Иттиҳоди асъорӣ-иқтисодии Африқо «ҳудуди франки фаронсавӣ», ки давлатҳои фаронсавизабони Африкоро дар бар мегирад.

2. Низоми асъории Аврупо (ЕВС) аввали ташкилёбиаш дар чорчӯбаи низоми иқтисодии соли 1979-ум мебошад. Вазифаи он танзим намудани сатҳи таваррум дар давлатҳо - иштироккунандагон ва таъмин намудани қурби асъори онҳо дохил мешуд. Механизми фаъолияти Низоми асъории Аврупо дар асоси ба истифодаи ҳисоби асъори ягона - ЭКЮ пайдо гашт. Рушди тиҷорат ва пурзӯр шудани интегратсияи саноатии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ барои рушди тиҷорати фаъол ба воҳиди ягонаи асъори аврупоӣ евро гузаштанд. Евро асъори тартибӣ буда, дар баробари асъори миллии давлатҳои Аврупо гардиш намуда, зиёда аз 15 давлати ин минтақа онро эътироф ва қабул намудаанд. Ташкил намудани низоми ягонаи асъори Евро кайҳо пайдо шуда, он соли 1969-ум қонунан дар нақшаи ташкилии иттиҳоди асъори аврупоӣ ба қайд гирифта шудааст.

Назарияи гузариш ба асъори ягона дар Аврупо аз тарафи олими амрикоӣ аз Донишгоҳи Колумбия Роберт Манделло пешниҳод шуда буд. Дар корҳои худ, аз он ҷумла дар китобаш «Низоми монетарии байналхалқӣ (1965) якумин шуда шароитҳоеро пешниҳод намуд, ки то якчанд давлатҳо ба асъори ягона рӯй оваранд. Ба сифати дастовардҳои истифодаи асъори ягона Ф.Манделло паст шудани низоми фоиз ҳангоми ивазшавии қурби асъор ва савдои байниҳамдигарии давлатҳоро пешниҳод намуд [10, с.193].

Қисмати сеюми низоми байналхалқии асъор низоми қонунан ташкилёфтаи муносибатҳои асъории давлатҳои аъзои созмонҳо мебошад, ки мақсади он ташкил, танзим ва назорати устувории асъор мебошад. Асосан, ҳисоби байналхалқӣ бо роҳи ғайринақдӣ ба воситаи бонкҳо бо роҳи муқаррар кардани муносибатҳои корреспондентӣ (шарномавӣ) байни ташкилотҳои қарзии мамлакатҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд.

Бо ҳамин мақсад бонкҳо бо ҳамдигар созишномаҳои корреспондентӣ (оид ба кушодани ҳисобҳо) мебанданд (ностро-суратҳисоби бонки мазкур дар бонкҳои дигар ва лоро-суратҳисоби дигар бонкҳо дар бонки мазкур), ки дар онҳо тартиби ҳисобҳо, ҳаҷми подоши комиссионӣ, инчунин, методҳои пуркунии ҳисоби корреспондентӣ бо баробари харҷи воситаҳо нишон дода шудаанд.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки барои дар амал татбиқ намудан ва рушди низоми байналхалқии асъор ҷорӣ намудани масъалаҳои зерин муҳим ва зарурӣ мебошанд: аз тарафи давлату Ҳукумат пешгирӣ намудани фаъолияти корхонаҳои монополистӣ, ки сабаби баланд гардидани нархҳо дар мамлакат онҳо мебошанд; мустаҳкам намудани низоми пулии мамлакат дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ; нагузоштани маҳдудият ба аҳолӣ ҳангоми хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; чораҳои зарурӣ андешидан ба кормандони нуқтаҳои мубодилаи

асъории тамоми ташкилотҳои қарзӣ, бинобар сабаби бо нархи гаронтар фурӯхтани асъори хориҷӣ аз нархномаи муайянгардида. Маҳз бо ҳамин роҳҳо мо метавонем афзалиятҳои рушди асъори миллиро ба даст орем.

**Адабиёт**


1. Абдуҳамидова Г. Танзим ва назорати асъор (комплекси таълимӣ-методӣ) / Г.Абдуҳамидова. - Душанбе, 2011. - 231 с.
2. Ашуров Н. Муомилоти пул ва қарз / Н.Ашуров, А.Н.Ашуров. – Душанбе: Матбуот, 2006. - 232 с.
3. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк / Н.Ашуров. - Душанбе, 2011. - 336 с.
4. Иброҳимов И.Р. Муомилоти пул, қарз ва бонк / И.Р.Иброҳимов, М.А.Ниёзов. – Душанбе: «Ирфон», 2010. - 285 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 6.11.1994 с. - 21 с.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», ш. Душанбе, №722, 28.06.2011с. - 47 с.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ш. Душанбе, №964, 13.06.2013 с. - 12 с.
8. Муминов А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б.Муминов, Т.Т.Муслихова. - Душанбе, 2014. - 126 с.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
10. Островский Л.Е. Внешне экономическая деятельность предприятия / Л.Е. Островский. - Москва, 1999. - 434 с.
11. Ҷураев Б.М. Пул, қарз ва бонк / Б.М.Ҷураев. - Душанбе, 2012. - 114 с.


---


**УДК: 331.101.52**


## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ-МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ РУШДЁБАНДА


*Самадов Р.Г. докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/16. E-mail: ramazon.029595@gmail.ruТел.: (+992) 905-02-95-95.*



*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи моҳияти хусусиятҳои хоси ташаккулёбии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнати рушдёбанда бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, сарфи назар аз он, ки дар илми иқтисодӣ афзоиши аҳолӣ ва мутаносибан ба ин, зиёдшавии захираҳои меҳнатиро ҳамчун ангезаи рушди иқтисодӣ тафсир мекунанд ва аҳолии сершумор доштани дилхоҳ давлатро ҳамчун калон будани ҳаҷми бозори истеъмолӣ мефаҳманд, ки самараи миқёси истеҳсолот ва коҳиши хароҷоти истеҳсолиро таъмин намуда, арзаи қувваи кории арзонро барои боз ҳам зиёдтар кардани ҳаҷми истеҳсолот ба вуҷуд меорад, самараи мазкур танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври мӯътадил кор карда, имкони бо ҷойи кори сазовор таъмин намудани захираҳои афзояндаи меҳнатиро дошта бошанд. Аммо, муаллиф динамикаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро дар солҳои охир таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки афзоиши босуръати аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ таҳти таъсири дигаргуниҳои давраи гузариш на танҳо самараи матлуб нададоаст, балки дар баробари дигар оқибатҳои бӯҳронӣ боиси боз ҳам зиёд гардидани шумораи бекорон ва муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ гардидааст.*



***Калидвожаҳо**: муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, фаъолияти меҳнатӣ, захираҳои меҳнатӣ, бозори меҳнат, фаъолияти муфиди меҳнатӣ, шуғл, подоши меҳнат, маҳсулнокии меҳнат, ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, сатҳи шуғлнокӣ, андозагирии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ.*


## СПЕЦИФИКА СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ РАЗВИВАЮЩЕГОСЯ ТРУДОВОГО РЫНКА


*Самадов Р.Г. докторант PhD по специальности 6D050600 – Экономика Института туризма, предпринимательства и сервиса. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: ramazon.029595@gmail.ru Тел.: (+992) 905-02-95-95.*

*Настоящая статья посвящена исследованию сущности особенностей формования социально-трудовых отношений в условиях развивающихся трудовых рынков. По мнению автора, несмотря на то, что в экономической литературе прирост населения и вместе с тем, трудовых ресурсов интерпретируется как стимулы экономического роста, и многочисленность населения любого государства понимают как большой объем потребительского рынка, который обеспечивают эффект масштаба производства и создают предложение дешевой рабочей силы для еще большего увеличения объемов производства, данный эффект станет возможным только тогда, когда все отрасли народного хозяйства будут работать стабильно и имеют возможность обеспечить достойными рабочими местами увеличивающихся трудовых ресурсов. Но, автор, исследуя динамику социально-экономического развития страны в последние годы, приходит к выводу, что ускоренные темпы прироста населения и трудовых ресурсов под воздействием преобразований переходного периода не только не дали ожидаемый эффект, но наряду с другими критическими последствиями стали причиной еще большего увеличения количество безработных и миграции трудовых ресурсов.*

***Ключевые слова**: социально-трудовые отношения, трудовая деятельность, трудовые ресурсы, рынок труда, полезная трудовая деятельность, занятость, компенсация труда, продуктивность труда, глобализация, интеграция, уровень занятости, измерение социально-трудовых отношений*

## THE SPECIFICITY OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN THE CONDITIONS OF A DEVELOPING LABOR MARKET

*Samadov R.G. PhD candidate in specialty 6D050600 - Economics of the Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. E-mail: ramazon.029595@gmail.ru Tel.: (+992) 905-02-95-95.*

*This article is devoted to the study of the essence of the features of the formation of social and labor relations in the conditions of developing labor markets. According to the author, despite the fact that in the economic literature, population growth and, at the same time, labor resources are interpreted as incentives for economic growth, the population of any state is understood as a large volume of the consumer market, which provides economies of scale and creates a supply of cheap labor for an even greater increase in production volumes, this effect will become possible only when all sectors of the national economy work stably and are able to provide decent jobs for the growing labor force. But, the author, studying the dynamics of the country's socio-economic development in recent years, comes to the conclusion that the accelerated growth rates of the population and labor resources under the influence of the transformations of the transition period not only did not give the expected effect, but, along with other critical consequences, caused an even greater increase in the number of unemployed and labor migration.*

***Keywords:** social and labor relations, labor activity, labor resources, labor market, useful labor activity, employment, labor compensation, labor productivity, globalization, integration, employment rate, measurement of social and labor relations.*

Дар шароити шиддатёбии тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ва равандҳои ҳамгироии сатҳи гуногун, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани фоидаи ҳадди аксари имконпазир аз инкишофи босуръати демографӣ, суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоию иқтисодӣ, ба қувваи кории баландихтисос ниёз дорад. Ин омил вазифаи рушди заминаҳои сармояи инсониро дар ҷумҳурии мо дар мадди аввал мегузорад, зеро он барои рушди иқтисодӣ бо мусоидати бахши хусусӣ бениҳоят зарур аст.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ниҳояти кор ба кушода будани дилхоҳ иқтисодиёти миллӣ оварда мерасонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд истисно набуда, ба таври фаъолона ба равандҳои ҳамгироии сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ворид шудааст, ки ҷанбаҳои муҳимтарини он дар таҳқиқоти олимони ватанӣ дар шакли як назарияи бутун дода шудааст [14]. Фақат ҳамин қадарро хотиррасон карданием, ки назарияи иқтисоди хурди кушода дар давраи гузариш, ба зарурат, принсипҳо ва усулҳои амалӣ намудани сиёсати иқтисодии превентивӣ такя мекунад [6]. Биноан, роҳандозии дурусти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти кушод

татбиқи як қатор чораҳои пешгирикунандаро тақозо мекунад, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси иқтисоди миллӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ сурат мегиранд.

Аз ҷумла, андӯхти сармояи инсонӣ як қисми муҳими стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт мебошад. Гарчанде ки кишвар дорои захираҳои бойи табиӣ ва инчунин имкониятҳои истифоданашудаи рушд аст, илова ба шароити мусоиди сиёсати иқтисодӣ, он бояд қувваи кории истеҳсолии ҳам аз нуқтаи назари таҳсилот, малака, ғизои хуб ва ҳам саломатии хуб дошта бошад. Сиёсати давлатӣ ва барномаҳои татбиқшаванда дар ин самт дар оянда сифати сармояи инсониро баланд бардошта, боиси соҳиб шудан ба бартарияти рақобатӣ дар бозорҳои рақобаташон ба таври рӯзафзун шиддатёбанда мегарданд.

Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнат, ки дар кишвар татбиқ мегардад, ба беҳтарсозии имкониятҳо барои меҳнаткашон нигаронида шуда, ҳадафаш афзоиш додани фаъолнокии меҳнатӣ, афзоиши шуғл аз ҳисоби муҳити корӣ ва бунёди бозори меҳнати чандир, босубот ва барои ҳамагон дастрас мебошад [15]. Аҳолии қобили кор айни замон аз сабаби камбуди ҷойҳои кофии корӣ, музди пасти меҳнат, осебпазирии худ дар пешорӯйи мушкилоти ҷаҳонӣ ва минтақавии иқтисодӣ азият мекашад.

Ҳол он ки “тамоюлоти глобалӣ бештар вақт муҳтаво ва тамоилҳои ислоҳоти иқтисодиро дар кишварҳои алоҳида муайян мекунанд” [9, с. 29].

Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ категорияи махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ буда, ҳам истеҳсолоти моддӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии муҳити меҳнатро фаро мегиранд. Бояд қайд кард, ки доир ба муайян кардани муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди кушода равишҳои мухталиф вуҷуд доранд. Дар доираи яке аз онҳо ин муносибатҳо амалан ҳамчун муносибатҳои фурӯши хизматрасонӣ дар бозори меҳнат маҳдуд карда шудааст. Дар таҳқиқоти иқтисодчиён диққати асосӣ ба сохтани моделҳои абстрактии ташаккули тақозо ва арза дар бозори меҳнат, механизмҳои бозории муайян кардани музди меҳнат, шартҳои ноил шудан ба тавозуни бозорӣ дода шудааст. Бо ин равиш, меҳвари диққати асосӣ шартҳои қарордод оид ба фурӯши хизматрасонӣ байни коргар ва корфармо маҳсуб меёбад.

Аз чунин фаҳмиши муносибатҳои меҳнатӣ бармеояд, ки дар лаҳзаи бастани қарордоди меҳнатӣ, муносибатҳои байни корманд ва корфармо оғоз мешавад. Минбаъд онҳо дар ҷараёни кор идома ёфта, чунин масъалаҳои муҳимеро, ба монанди низоми подошдиҳӣ барои кор, реҷа ва талабот оид ба интизоми меҳнат, шароит ва ҳимояи меҳнат, ташкили меҳнат, дурнамои рушди касбӣ ва болоравии зина ба зина дар ҷойи кор, дарки фарҳанги корпоративӣ, муҳити хурд дар коллективи меҳнатӣ, кафолати ҳифзи ҷойи кор ва амсоли онро дар бар мегиранд. Истеъмоли шахсии корманд дар соҳае, ки такрористеҳсоли (такмил додани қувваҳо, неруе, ки дар ҷараёни меҳнат харҷ мешавад, хароҷоти эҳсосӣ)-и корманд ва оилаи ӯ ҷараён дорад, мустақиман бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, муносибатҳои меҳнатӣ ҷанбаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла низоми кафолат ва имтиёзҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Дар сатҳи корхонаҳои кишоварзии минтақаи алоҳида, ки меҳнати кирояро истифода мебаранд, муносибатҳои меҳнатӣ байни ду субъекти иҷтимоӣ: аз як тараф, роҳбарон ё корфармоён ва аз тарафи дигар, кормандони кироя ва намояндагони онҳо, ташаккул меёбанд. Дар ташкили кор муносибатҳои иҷҷтимоӣ-меҳнатӣ низоми ҳамбастагӣ ва фаъолияти муштараки байни ин субъектҳоро ташкил медиҳанд, ки ба рушди ҳамаҷонибаи омилҳои истеҳсолӣ ва инсонии истеҳсолот нигаронида шудааст. Албатта, вазъи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар ташкилот аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии чораҳои сиёсати корпоративӣ оид ба рушди неруи инсонӣ муайян карда мешавад.

Чунончи, ҳангоми вазъи хеле қулаю мусоид тиҷорат метавонад сатҳи баланди масъулияти иҷтимоиро дар назди кормандон нишон диҳад, аммо дар сурати набудани муносибати доимӣ дар байни субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ин масъулият кафолат дода намешавад. Устувории низом танҳо дар сурати мавҷуд будани механизмҳои муассири шартномавӣ собит мегардад, ки бо таъмини иштироки коргарон дар қабули қарорҳое, ки ба онҳо имконият медиҳад ба сифати меҳнат таъсир расонанд, алоқаманд мебошад. Ба сифати субъекти асосии муносибатҳои шартномавӣ аз ҷониби коргарон одатан иттифоқҳои касаба, ки инчунин мониторинги риояи кафолатҳои давлат низ ба доираи вазифаҳои онҳо медароянд, баромад мекунанд.

Консепсияҳои маъруфи муносибатҳои меҳнатӣ ба як тарҳ дар чорчӯбаи мантиқи ягона намеғунҷанд, вале омезиши онҳо баъзе асосҳои методологиро ҷиҳати рушди соҳаи нисбатан

нави таҳқиқот муҳайё мекунанд, ки инъикоскунандаи сифати муносибатҳои меҳнатӣ буда, барои дар амал муқоиса намудан имкон медиҳанд. Одатан, нишондиҳандаҳо дар чор самти асосӣ: танзим (заминаи қонунгузорӣ); субъектҳо (давлат, иттифоқҳои касаба, корфармоён); равандҳо (гуфтушунидҳо, низоъҳо, аз ҷумла корпартоӣ, муколамаи иҷтимоӣ ва ғайра); натиҷа (ҷамъбаст) - шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳои ҷамъиятӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Дар айни замон, муносибатҳои мураккаб ва бисёрҷанбаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ на он қадар ченшаванда мебошанд. Аз ин рӯ, давоми муддати дуру дароз, ин падидаҳо асосан бо ёрии хусусиятҳои сифатӣ тавсиф карда мешуданд. Бо вуҷуди ин, кӯшиши чен кардани ҳолати МИМ такрор ба такрор сурат мегирифт. Дар сатҳи макро, чунин як кӯшиш ба воситаи мониторинги миллӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳам аз ҷиҳати метод ва ҳам хусусияти иттилооти ҷамъоваришуда ва ҳам аз ҷиҳати шунавандагони мақсаднок фарқ мекунад. Ба ин мисол шуда метавонад низоми канадагии “Мониторинги муносибатҳои меҳнатӣ”, ки онро маркази мустақил (Маркази меҳнат ва тиҷорат дар Канада - Canadian Labour and Business Center) татбиқ мекунад. Манбаи маълумот дар бораи вазъи бозори меҳнат, сифати корҳо ва қувваи корӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ, илова бар омори давлатӣ, пурсиши мунтазам кормандони кироя, ҳайати воломақоми роҳбарикунандаи бахши давлатӣ буданд [13, с. 276].

Дар Россия ҳам чунин таҳлил аз соли 1994 то 2004 дар асоси омор ва пурсишҳои оммавӣ (ВЦИОМ) бо супориши Вазорати меҳнат гузаронида шудааст [3, с. 50-65].

Сатҳи рушди муносибатҳои меҳнатии шартномавӣ тавассути нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешаванд (расми 1).




**Расми 1. Нишондиҳандаҳои муайянкунии сатҳи рушди муносибатҳои меҳнатии шартномавӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар байни параметрҳое, ки дараҷаи рушди муносибатҳои меҳнатиро муайян мекунанд, мутахассисон андозаҳоеро ба монанди муташаккил будани тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, дахолати давлат ба муносибатҳои саноатӣ, сатҳи низоъ, криминализатсияи муносибатҳои меҳнатӣ ва амсоли он ҷудо мекунанд [12, с.71-78].

Ҳамин тавр, вазъи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазир бо нишондиҳандаҳои гуногун, ба таври мустақим ё ғайримустақим, дар асоси маълумоти объективӣ ё арзёбиҳои субъективӣ амалия, захираҳо ва натиҷаҳои ҷориро дар ин самт тавсиф мекунанд. Арзёбии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ тавассути ҳафт гурӯҳи нишондиҳандаҳои интегралӣ (индексҳо) муайян карда мешавад (расми 2).




**Расми 2. Арзёбии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ тавассути ҳафт гурӯҳи нишондиҳандаҳои интегралӣ (индексҳо)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳар яке аз ҳафт индекс, дар навбати худ, тавассути системаи ҷузъҳо ё нишондиҳандаҳо (аз 5 то 24 компонент), арзёбӣ карда мешавад, ки ҳақиқат доранд. Хусусияти муҳими методологӣ муқоисаи нишондиҳандаҳои объективӣ (оморӣ) ва субъективӣ (сотсиологӣ) мебошад, ки аз манбаъҳои гуногун гирифта шудаанд.

Дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани фоидаи ҳадди аксари имконпазир аз инкишофи босуръати демографӣ, суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоию иқтисодӣ, ба қувваи кории баландихтисос ниёз дорад. Дар назди кишвар вазифаҳои рушди заминаи сармояи инсонӣ қарор доранд, зеро он барои рушди иқтисодӣ бо мусоидати бахши хусусӣ бениҳоят зарур аст. Ҷамъоварии сармояи инсонӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт мебошад. Ҳамин тариқ, гарчанде ки кишвар дорои захираҳои бойи табиӣ ва инчунин имкониятҳои истифоданашудаи рушд аст, илова ба шароити мусоиди сиёсати иқтисодӣ, он бояд ҳам аз нуқтаи назари таҳсилот, малака, ғизои хуб ва ҳам саломатии хуб, қувваи кории истеҳсолӣ дошта бошад. Сиёсатҳо ва барномаҳое, ки минбаъд сифати сармояи инсониро баланд мебардоранд, аз бартарии таъмин намудани рушди умумӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии мардум ба кишвари устувору шукуфон бархурдор мешаванд.

Маъмулан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати афзоиши солонаи шумораи аҳолӣ хеле баланд буда, ба ҳисоби миёна ҳамасола ба андозаи 2,4% ва захираҳои меҳнатӣ бошанд то 2,6% меафзоянд [10, с. 25]. Вале ин нишондиҳандаро, бо назардошти маҳдуд будани захираҳо ва камзаминии кишварро, манфӣ арзёбӣ кардан нашояд. Зеро дар илми иқтисодӣ афзоиши аҳолӣ ва мутаносибан ба ин, зиёдшавии захираҳои меҳнатиро ҳамчун ангезаи рушди иқтисодӣ тафсир мекунанд. Чунончи, ба андешаи олимон, аҳолии сершумор доштани дилхоҳ давлат маънои бузург будани ҳаҷми бозори истеъмолиро дорад, ки самараи микёси истеҳсолот ва коҳиши хароҷоти истеҳсолиро таъмин намуда, арзаи қувваи кории арзонро барои боз ҳам зиёдтар кардани ҳаҷми истеҳсолот ба вуҷуд меорад [2, с. 90].

Аммо, ин самараи суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври муътадил кор кунанд ва қобилияти бо ҷойи кори сазовор таъмин намудани захираҳои афзояндаи меҳнатиро дошта бошанд.

Мутаассифона, чуноне ки динамикаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат дар солҳои охир нишон медиҳад, афзоиши босуръати аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ таҳти таъсири

дигаргуниҳои давраи гузариш на танҳо самараи матлуб надодааст, балки дар баробари дигар оқибатҳои бухронӣ боиси боз ҳам зиёд гардидани шумораи бекорон ва рӯ ба муҳоҷират овардани захираҳои меҳнатӣ гардидааст (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. Шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол, аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020**

| *Нишондиҳандаҳо* | *2015* | *2016* | *017* | *018* | *2019* | *2020* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол **(ҳаз. нафар)** | 8351,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9444,2* |
| 2. Шумораи захираҳои меҳнатӣ **(ҳаз. нафар)**<br>бо % нисбат ба шумораи аҳолии доимӣ | 5111,0<br>**61,2%** | 5224,0<br>**59,7%** | 5326,0<br>**59,6%** | 5427,0<br>**59,4%** | 5521,0<br>**59,3%** | 5603,0*<br>**59,3%** |
| 3. Қувваи корӣ (аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) **(ҳаз. нафар)**<br>бо % нисбат ба захираҳои меҳнатӣ | 2437,0<br>**47,7%** | 2438,0<br>**46,7%** | 2460,0<br>**46,2%** | 2478,0<br>**45,7%** | 2514,0<br>**45,5%** | 2537,0*<br>**45,3%** |
| **Аз ҷумла**: аҳолии машғули кор **(ҳаз. нафар)**<br>бо % нисбат ба қувваи корӣ<br>бо % нисбат ба захираҳои меҳнатӣ (***Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ)*** | 2380,0<br>**97,7%**<br>**46,6%** | 2384,0<br>**97,8%**<br>**45,6%** | 2407,0<br>**97,8**<br>**45,2%** | 2426,0<br>**97,9**<br>**44,7%** | 2463,0<br>**97,9**<br>**44,6%** | 2482,7*<br>**97,8**<br>**44,3%** |
| бекорони расман эътирофшуда **(ҳаз. нафар)**<br>бо % нисбат ба қувваи корӣ (***Сатҳи бекории расмӣ***) | 57,0<br>**2,3%** | 54,0<br>**2,2%** | 53,0<br>**2,15%** | 52,0<br>**2,1%** | 51,0<br>**2,0%** | 51,0<br>**2,0%** |
| 4. Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол **(ҳаз. нафар)**<br>бо % нисбат ба захираҳои меҳнатӣ | 2674,0<br>**52,3%** | 2786,0<br>**53,3%** | 2866,0<br>**53,8%** | 2949,0<br>**54,3%** | 3007,0<br>**54,5%** | 3087,0*<br>**54,7%** |
| **Аз ҷумла**: хонандагони ҳама зинаҳои таҳсилоти касбӣ **(ҳаз. нафар)** | **2056,1** | **2122,9** | **2208,3** | **2289,2** | **2376,2** | **2460,0*** |
| - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 243,6* |
| - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 95,0* |
| - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 26,3 | 21,5 | 23,9 | 22,9 | 22,3 | 22,5 |
| - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (1-11) | 1784,4 | 1837,8 | 1906,3 | 1970,0 | 2033,9 | 2098,9* |
| 5. Шумораи умумии нафақахӯрон **(ҳаз. нафар)**<br>- аз ҷумла шумораи нафақахӯроне, ки кор мекунанд **(ҳаз. нафар)** | **617,4**<br>31,5 | **642,8**<br>48,1 | **664,8**<br>45,1 | **687,1**<br>42,3 | **711,2**<br>39,0 | 734,2*<br>- |
| - шумораи кормандоне, ки ба 1 (як) нафақахӯр рост меоянд (наф) | 3,9 | 3,7 | 3,6 | 3,5 | 3,5 | 3,4 |
| 6. Шумораи умумии маъюбон | **142,4** | **144,9** | **146,5** | **145,8** | **149,7** | **151,1*** |
| - шумораи кормандоне, ки ба 1 (як) маъюб рост меоянд (**наф.**) | 16,7 | 16,4 | 16,4 | 16,6 | 16,4 | 16,4 |
| 8. Шумораи аҳолии қобили меҳнат | 5175,5 | 5273,2 | 5379,7 | 5473,9 | 5567,4 | 5662,0 |
| 9. Шумораи аҳолии аз синни қобили меҳнат хурд | 2938,9 | 3009,6 | 3063,6 | 3129,9 | 3195,6 | 3259,5 |
| 10. Шумораи аҳолии аз синни қобили меҳнат калонсол | 436,8 | 460,0 | 487,8 | 522,8 | 559,9 | 590,0* |
| 11. Синну соли миёнаи аҳолӣ (**сол**) | 25,7 | 25,7 | 26,1 | 26,3 | 26,7 | 26,7* |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маълумоти маҷмуаи «Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва маҷмӯаи «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2020.

Чуноне ки аз ҷадвал бармеояд, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол нисбат ба захираҳои меҳнатӣ дар соли 2015 47,7% -ро ташкил дода, дар соли 2020 то ба 45,3% коҳиш ёфтааст. Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ бошад, дар соли 2015 46,6% ва дар соли 2020 – 44,3%-ро ташкил додааст.

Бозори меҳнат ба танзими давлатӣ ниёз пайдо кардааст, чунки ба таъсири як қатор омилҳои вижае дучор мешавад, ки ба сатҳи шуғлнокии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ки андешаи муҳаққиқони ватанӣ, онҳоро дар баробари андешидани тадбирҳои иқтисодӣ, инчунин, бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат бартараф намудан мумкин аст [ 5, с. 137-138 ]

Имрӯзҳо масъалаи таъмини хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла, комплекси агросаноатии он бо кадрҳои соҳибкасбу соҳибтахассус ва ба роҳ мондани низоми самараноку муассири кор бо кадрҳо таҳти таъсири вазъияти начандон хуби иҷтимоию иқтисодии аксар корхонаҳои кишоварзӣ, ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва авзои рӯҳии сокинони деҳот қарор дорад. Муҳити иҷтимоии деҳот дар солҳои охир бо сатҳи баланди номуайянии иқтисодӣ, мутмаин набудани аҳолии деҳоти кишвар ба фардои худ ва ба дурнамои фаъолияти касбии худ, каме аз муҳити шаҳрӣ фарқ мекунад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин падида на танҳо ба кишвари мо, балки ба кулли кишварҳои пасошӯравӣ хос мебошад. Чунончӣ, мутахассисон қайд кардаанд, ҷаззобияти касбҳои хоси хоҷагии қишлоқ ва обрӯю нуфузи заҳматкаши деҳотӣ дар замони муосир дар сатҳи хеле паст қарор доранд [1, с. 9].

Ҳол он ки чунин шароит набояд тааҷубовар бошад, чунки корхонаю ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ба мутахассисони ҷавон шароити хуби меҳнат ва маоши баланд, кафолатҳои иҷтимоӣ ва бо суръати тез сабзиданро дода наметавонанд ва ин ҳолат боиси ба вуҷуд омадани тамоилҳои манфӣ мегардад. Ҳамаи ин омилҳо дастрасӣ ба касбияту соҳибтахассуси кадрҳои комплекси агросаноатиро қариб ки ғайриимкон мекунад. Касбияти кормандони соҳаи кишоварзӣ маънои аз худ намудани касберо дорад, ки дар комплекси агросаноатӣ серхаридор буда, дар ҷомеа низ мавриди сазовору эҳтиром мебошад. Соҳибкасб кардани кадрҳои КАС маънои бо ихтисоси хатмкардаи худ ҷойи кор пайдо кардан, малакаю маҳорати касбии худро сайқал додан ва дар ивазаш бо ҳавасманадии моддӣ қадрдонӣ шудан ва бо ҳимояи иҷтимоӣ фаро гирифта шуданро дорад.

Аз ҷиҳати иҷтимоию тахассусӣ мавриди ҳимоя қарор нагирифтани кормандон, ангезаҳои паст ва дигар омилҳои номатлуб на ба рушди касбият, на ба омодасозии кадрҳо ва на ба сатҳи худомӯзӣ мусоидат карда наметавонад.

Самтҳо ва роҳҳои самараноки мукаммалсозии соҳибкасбии кадрҳои комплекси агросаноатии бахши кишоварзӣ аз ташаккули симои мусбии кормандони деҳот, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии онҳо ва бо ҳифзи иҷтимоӣ таъмин будани онҳо иборат мебошад, ки онҳоро дар шакли нақша гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст ( расми 3).

Расидан ба самти аввал тавассути баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии моддӣ тавассути механизмҳои давлатии дастгирии молиявӣ имконпазир аст. Барномаҳои рушди иҷтимоии деҳа ва рушди устувори ҳудудҳои деҳот бояд ба ҳалли масъалаи дуюм равона карда шаванд. Амалисозии самти сеюм тавассути барномаи давлатии қарздиҳӣ ба талабгорон имконпазир аст. Аммо, ин тадбирҳо кофӣ нестанд.

Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодиеро таҳия кардан лозим аст, ки он бояд ба муносибати нав ба деҳот асос ёфта, онро на танҳо ҳамчун соҳаи агросаноатӣ, балки ҳамчун як зерсистемаи иҷтимоию ҳудудӣ, ки доираи васеи вазифаҳои иқтисодии миллиро иҷро мекунад, ба назар гирад. Соҳаи кишоварзӣ дар деҳот аҳамияти ҳалкунанда дорад ва дастрасии ҷойҳои корӣ аз сатҳи рушди кишоварзӣ ва ва мутаносибан сатҳи шуғл ва сатҳи некӯаҳволии иҷтимоии аҳолӣ вобаста мебошад.




**Расми 3.– Самтҳои пешниҳодшавандаи мукаммалгардонии касбияти кадрҳои соҳаи кишоварзӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар давраи баъд аз ислоҳот дар деҳот як вазъияти таззодомезе ба вуҷуд омад: бо вуҷуди дар сатҳи паст қарор доштани таъмини сокинони деҳот бо шуғл, дар як вақт дар ташкилотҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ норасоии коргарон мушоҳида мешуд. Ин боиси он мегардад, ки барои ба итмом расонидани миқдори зарурии корҳои кишоварзӣ корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ аз меҳнати мавсимӣ истифода менамоянд [8, с. 16].
Дар асари трансформатсияи бозории шуғл аз соҳаи хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти деҳот хориҷшавии кормандон ногузир буда, ҳамзамон мушкили ҷустуҷӯи кор барои шахсони аз ин шумора нав ба бозори меҳнат воридшуда ва проблемаи ҳифзи иҷтимоии кормандони деҳот махсусан мубрам мегардад. Оқибатҳои иҷтимоии таъсири дигаргуниҳои иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва тамоюлҳои манфии дар робита ба ин дар бозори меҳнати деҳот бавуҷудомада беҳсозии куллиро, аз ҷумла дар сатҳи минтақаҳо тақозо мекунад.

Рӯ овардан ба деҳа ба унвони зерсистемаи фаъолияташ бисёрҷанбаи ҷомеа маънои онро дорад, ки дар мавзеи деҳот бидуни ҷудо кардани аломатҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, дар ҳама ҷо дар ниҳояти кор бояд шароити хуби зисти аз ҷиҳати сифатӣ ба шароити шаҳрӣ монанд эҷод карда шавад.

Ҳадафҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавии деҳот, ба андешаи мо, бояд инҳо бошанд:

- бунёди шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ва дигар вазифаҳои умумихалкии деҳот;
- баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- баланд бардоштани сатҳи шуғл, дараҷаи зиндагӣ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот то ба сатҳи нишондиҳандаҳои зиндагии шаҳрӣ;
- тадриҷан афзоиш додани нишондиҳандаи давомнокии умри сокинони деҳот;
- ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;
- нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани нерӯи фарҳангии деҳот.

Дар доираи ноил шудан ба мақсадҳои гузошташудаи рушди деҳот вазифаҳои зеринро ҳал намудан лозим аст:

1. Фароҳам овардани шароит барои фаъолона пойбанд кардани ҷавонон дар деҳотҷойҳо;
2. Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисӣ тавассути афзоиш додани дастгирии давлат ва тасдиқи стандартҳои давлатии таъмини аҳолии деҳот бо хизматрасониҳои ҷамъиятӣ;
3. Ташаккул додани нуқтаҳои пойгоҳии деҳотӣ, ки вазифаи хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва савдою маиширо дар байни деҳот иҷро мекунанд;
4. Дастгирии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҳудуди деҳоти кишвар, коркарди стандартҳои нави истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ безарар; сертификатсиякунонии истеҳсолкунандагони деҳот, мукаммалгардонии низоми сертификатдиҳӣ ба маводи хоми озуқаворӣ ва маҳсулоти ғизоӣ, андешидани чораҳои дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;

5. Беҳтар намудани дастрасӣ ба замин ва дигар захираҳои табиӣ;

6. Дастгирии гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолии деҳот, тавсеаи дастгирии молиявии оилаҳои серфарзанд дар деҳот, ҳавасмандсозии соҳибкории ҷавонон ва ғайра.

Татбиқи амалии ин вазифаҳо бояд дар заминаи бартарии муқоисавии ҳудудҳои деҳот, муайян намудан ва дастгирӣ кардани самтҳои рушди онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии ташаккулёбӣ ва истифодаи сармояи инсонӣ ба роҳ монда шавад. Усулҳои танзими давлатӣ ва худтанзимкунии бозориро бо ҳам омезиш дода, маблағгузории рушди деҳотро бо мақсади танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мутобиқи принсипи бисёрзинагӣ ба роҳ мондан мумкин аст: аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва буҷетҳои маҳаллии ноҳияҳо, фондҳои ғайрибуҷетӣ, маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки барои амалисозии барномаҳои иҷтимоӣ ҷалб карда мешаванд.

Таҳқиқоти мо нишон доданд, ки танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ бояд бо роҳи таъсиррасонии мақсадноки субъектҳои гуногуне, ки вазифаҳои танзимкунандаро иҷро мекунанд, гузаронда шавад. Ба сифати субъектҳои танзимкунанда бояд мақомоти зерин баромад кунанд: давлат дар симои институтҳои мухталиф, мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимият, роҳбарони баландпояи муассисахо ва ташкилотхо дар ҳар як сатҳи номбаршуда.

Бисёр мушкилоти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ вобаста ба норасоиҳои механизми мавҷудаи хизматрасонии онҳо ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, мисли дигар соҳаҳо, ҳамеша тахти таъсири омилҳои сершумор қарор дошта, дар давраҳои муайяни вакт дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ падидаҳое ба миён меоянд, ки таъсири танзимкунандаро тақозо мекунанд.

Низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар комплекси агросаноатӣ ба андешаи мо бояд чунон шакл гирад, ки сатҳи рушди онҳо устуворӣ ва самаранокии кори кадрҳои идоракунанда ва мутахассисони соҳаро таъмин намуда, масъалаи пурра кардани ҷойҳои холӣ, муҷаҳҳазгардонии онҳо бо таҷҳизот, риояи меъёру қоидаҳои аз тарафи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайянгардида ва подоши сазоворро ҳал мекунад. Зарурати танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, вобаста ба миқёси аҳамиятнокии хоҷагии қишлоқ, ҳамчун соҳае, ки фаъолияташ ба нигоҳдорӣ, беҳтарсозӣ ва барқарорсозии қобилияти кории заҳматкашони деҳот ногузир мегардад. Азбаски ҳар як корманди хоҷагии қишлоқ дар давраи фаъолияти меҳнатии худ ба татбиқи амалии бартариятҳои рақобатии худ ва гирифтани даромади шоиста саъю талош мекунад, бинобар ин, мавзӯи муҳимми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ин шуғл, шароити меҳнат, сатҳи музди меҳнат, шаклҳои ҳавасмандсозии моддӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, дар замони ҳозира раванди танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар хоҷагии қишлоқ бояд бо ҳамон тағйироти сифатие мутобиқ карда шавад, ки дар шароити нави хоҷагидорӣ сурат мегиранд. Баръакси ҳол, таззодҳо зиёд гардида, ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳам дар сатҳи ноҳияи алоҳида ва ҳам дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ таъсири ногувор хоҳанд расонид.

**Адабиёт**

1. Акимов А.К. Социально-трудовая сфера России в переходный период: реалии и перспективы [Текст] / А.К. Акимов, Н.А. Волгин – М.: Молодая гвардия, 2006. – 835с.

2. Алиджанов Д.А. Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Дис. на соиск. уч. ст. д.э.н. – Худжанд, 2021. – 316 с.

3. Антосенков Е. Мониторинг социально-трудовой сферы РФ [Текст] // Социологические исследования. 1995. № 9.-С.50-65

4. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020 [Матн] / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.

5. Гоибзода М.А. Общетеоретические проблемы развития социального законодательства в Республике Таджикистан [Текст] / Дис. на соиск. уч. ст. к.ю.н. – Душанбе, 2018. – 180.

6. Корномаи олим [Матн] / Мураттиб: Ф.К. Убайдуллоев. Муҳаррири масъул А.А. Солеҳзода. – Душанбе: «Ирфон», 2019. – 384 саҳ. ISBN 978-99975-1-140-9.

7. Латифов К.А. Регулирование социально-трудовых отношений в таможенной системе в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан) [Текст] / Дис. на соиск. уч. ст. к.э.н. – Душанбе, 2016. – 159с.

8. Левченко Е.А. Регулирование социально-экономических отношений в АПК региона [Текст] / Е.А. Левченко, Е.И. Ловчикова – “Экономика”, Курск. 2010.
9. Мухитдинова Ш.С. Формирование и развитие национального рынка труда в условиях глобализации (на материалах Республики Таджикистан) [Текст] / Ш.С. Мухитдинова – дисс.к.э.н., Худжанд, 2017. – 145с.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 [Матн] / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. С. 25.
11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020 [Матн] / Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020
12. Песчанский В. Промышленные отношения в России: к демократии или авторитарности? [Текст] / В. Песчанский // Мировая экономика и международные отношения. 1997. № 3. С.71-78.
13. Проблемы и практики социального партнерства в Канаде [Текст] // Становление трудовых отношений в постсоветской России. М.: Академический проект, 2004. –С. 276.
14. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. Монография. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. – 288с.
15. Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Душанбе, 02.06.2011, №277 // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ ADLIA. Версияи 7.0.

---

**УДК: 33.658.64 (575.3)**

## ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКИИ РУШДИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ХУРД БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Урунова Сайёра Сухробовна*** - *докторанти курси 1-ум аз рӯи ихтисоси (PhD) 6D050600 – молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: +(992) 918180416.*

*Қарздиҳии хурд яке аз механизмҳои муосири дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна буда, рушди он барои пешрафти кишвар мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, бо назардошти рушди ҳаматарафаи соҳа муаллиф дар мақола ба масъалаҳои муҳимтарини низоми қарздиҳии хурд дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна аҳамияти аввалиндараҷа додаанд. Вобаста ба ин, масъалаи такмили низоми қарздиҳии хурд ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз он ҷумла соҳибкории хурду миёна, масъалаи калидӣ маҳсуб ёфта, барои татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии давлат нақши ҳалкунанда дорад. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки дар аксар давлатҳои пешрафта соҳибкории хурду миёна мавқеи калидӣ дошта, 70-80% - и иқтисодиёти ин давлатҳоро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти зарурат ва аҳамияти ин соҳаҳои муҳим, ки ба якдигар алоқамандии зич доранд, як қатор таҳлил ва таҳқиқҳои қобили қабул коркард гардида, вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳодҳои ҳадафманд гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иҷтимоиёт, иқтисодиёт, қарздиҳии хурд, соҳибкорӣ, қарз, стратегия, макроиқтисодӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ, коршинос, истеҳсолот, пул, бехатарӣ, арзёбӣ.*

## ДИНАМИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ МИКРОЗЕМИРОВАНИЯ В ПРОИЗВОДСТВЕННО-ХОЗЯЙСТВЕННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Урунова Сайёра Сухробовна*** - *докторант 1 курса специальности (PhD) 6D050600 – финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: + (992) 918180416.*

*Микрокредитование является одним из современных механизмов поддержки малого и среднего бизнеса и через него способствует развитию этого действительно современного сектора. В связи с этим, учитывая всестороннее развитие отрасли, автор в статье отдал приоритет наиболее важным вопросам системы микрокредитования в деятельности малого и среднего бизнеса. В этой связи вопрос совершенствования системы микрокредитования различных секторов экономики, в том числе малого и среднего бизнеса, является ключевым вопросом и играет решающую роль в реализации стратегических целей государства. Ведь мировой опыт доказал, что в большинстве развитых странах малый и средний бизнес*

*занимает ключевую позицию и составляет 70-80% экономики этих стран. Учитывая необходимость и важность этих тесно взаимосвязанных областей, был разработан ряд приемлемых анализов и исследований, а также даны целевые рекомендации для решения проблем.*

***Ключевые слова:*** *социальность, экономика, микрокредитование, бизнес, кредит, стратегия, макроэкономика, мировой опыт, эксперт, производство, деньги, безопасность, оценка.*

**DYNAMIC ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF MICRO LOANING SYSTEM IN THE MANUFACTURING ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Urunova Sayora Sukhrobovna*** *- 1st year doctoral student of the specialty (PhD) 6D050600 – finance of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: + (992) 918180416.*

*Microcredit is one of the modern mechanisms for supporting small and medium-sized businesses and through it contributes to the development of this truly modern sector. In this regard, taking into account the comprehensive development of the industry, the author in their article gave priority to the most important issues of the microcredit system in the activities of small and medium-sized businesses. In this regard, the issue of improving the microcrediting system in various sectors of the economy, including small and medium-sized businesses, is a key issue and plays a decisive role in the implementation of the strategic goals of the state. After all, world experience has proven that in most developed countries, small and medium-sized businesses occupy a key position and make up 70-80% of the economy of these countries. Given the need and importance of these closely related areas, a number of acceptable analyzes and studies have been developed and targeted recommendations for problem solving have been provided.*

***Key words:*** *social, economics, microcrediting, business, credit, strategy, macroeconomics, world experience, expert, production, money, security, assessment.*

Дар шароити бошиддат тағйир ёфтани муносибатҳои гуногунҷабҳа дар бахши иҷтимоию иқтисодии тамоми давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили як сохтори истеҳсолии муосири аз лиҳози манофеи миллӣ ҳамафарогир дар дохили кишвар мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити кунунии мо таъсиси низоми мукаммали фаъолияти соҳибкории хурду миёна аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки доираи рушди онро маблағҳои озоди тамоми бахши институтсионалӣ ташкил медиҳанд. Зарурати айнии ин соҳаи ҳаётан муҳимро ба инобат гирифта, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраҳои то соли 2030 оид ба масъалаҳои асосӣ ва появии рушди соҳа як қатор пешниҳоду коркардҳои конкретӣ инъикос гардидаанд. Гарчи мутобиқ ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои дигари ҳукуматӣ аз ин баъд ба соҳаи саноат диққати бештар дода мешавад, таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои дигар, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ҳамчун вазифаи асосии сохторҳои давлатӣ боқӣ мемонад. Зеро пешбурди сиёсати самараноки иқтисодӣ рушди мутавозини ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халкро талаб мекунад ва вайрон кардани принсипҳои чунин сиёсат метавонад боиси болоравии нархҳо, иҷро нашудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва мушкилиҳои иҷтимоӣ дар кишвар гардад [3, с.136].

Дар ҳошияи ин масъалаи такмили низоми қарздиҳии хурд ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз он ҷумла соҳибкории хурду миёна, масъалаи калидӣ маҳсуб ёфта, барои татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии давлат нақши ҳалкунанда дорад. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки дар аксар давлатҳои пешрафта соҳибкории хурду миёна мавқеи калидӣ дошта, 70-80%-и иқтисодиёти ин давлатҳоро ташкил медиҳад. Барои ташкили ин соҳаҳо низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили низоми қарздиҳии хурд авлавияти бештар дорад, зеро рушди соҳибкории хурду миёнаро наметавон дар аксар маврид бе таъмини захираҳои молиявӣ пеш бурд, ки ин масъаларо тавассути қарзҳои хурд ҳаллу фасл намуд.

Вобаста ба ин масъала, нуктаи назари Н.В. Схададзе бамаврид мебошад, ки ӯ ҳангоми омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи рушди қарздиҳии хурд қайд

менамояд, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди суст тараққикарда ва шумораи зиёди камбизоатон, миқдори ками шумораи шаҳрвандони худмаблағгузорро зиёд мекунанд ва ба ин васила бо камбизоатӣ мубориза мебаранд. Дар гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва пешрафта вазифаи асосии қарздиҳии хурд рушди бахши тиҷорати хурд ва миёна мебошад. Сарфи назар аз он ки қарздиҳии хурд асосан фаъолияти фоидаовар аст, он дар бисёр кишварҳо ба ҳайси тиҷорати иҷтимоӣ амал мекунад [6, с.101]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ асосан тиҷорати хурду миёнаро тиҷорати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки он сарфи назар аз имкониятҳои мавҷуда ба қарздиҳии хурд эҳтиёҷ дорад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои хурд гуфта, “қарзе дар назар дошта мешавад, ки ба қарзгиранда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо шарти пардохти фоиз ва дар муҳлати муқарраршуда баргардонидан, дода мешавад ва ҳаҷмаш аз андозаҳои муқарраркардаи санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон зиёдтар нест” [1].

Хусусиятҳои хоси дигари қарздиҳии хурдро дар дигар шакл олимон ва коршиносон дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар шаклу ҳаҷмҳои гуногун баён менамоянд.

Қарздиҳии хурд дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад [8];

шунавандагони мақсаднок — соҳибкорони хурду миёна ва шаҳрвандоне, ки бо пул таъмин намебошанд;

ҳаҷми қарзҳои хурд (дар ҳар як давлати алоҳида аз рӯи талаботи меъёрӣ қарзҳои хурд гуногун буда, он аз 5000 то 10000 доллар мебошад);

кӯтоҳмуҳлат будани қарздиҳӣ;

алоқамандии зичи сари вақт баргардонидани қарзҳои гирифташуда;

муқоисаи меъёри фоизи баланди қарздиҳӣ ва ғайра.

Дар татбиқи равандҳои амалигардии рушди низоми қарздиҳӣ ба субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ раванди фаъолияти қарздиҳӣ ва дастгирӣ аз тарафи ин бахши институтсионалӣ дар доираи имкониятҳо бояд сода карда шуда, зарурати бехатарии ташкилотҳои қарздиҳанда ба инобат гирифта шавад.

Якум, зарур аст, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд ба соҳибкорон рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани қарз ва тавсияҳои методӣ барои таҳия ва арзёбии рушди фаъолияти ҳаматарафаи худ пешниҳод намоянд.

Дуюм, дар марҳилаи қарздиҳӣ ба соҳибкорони хурду миёна зарур аст аст, ки барои дурнамо маълумотҳои воқеиро дар бораи дастгирии минбаъдаи фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Сеюм, фаъолияти субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ дар ҷараёни истеҳсолот ё амалӣ намудани ягон намуди фаъолият дорои инноватсия бошад, то аз рӯи ҳадаф боназардошти дастрасӣ ба истифодаи захираҳои давлатӣ ва тақсимоти сармояи мустақим пешбинӣ гардад, ки дар он масъалаи суғурта ва кафолатҳои ҳукумат барои пардохти қарзҳо пайваст бошанд. Ҳамчунин, фондҳои дастгирии соҳибкорӣ бояд ба ҷалби сармояи аз аҳолӣ ҷиҳати татбиқи дастгирии лоиҳаҳои саноатӣ ва инноватсионӣ барои афзоиш додани ҳавасмандии қарздиҳии хурд мусоидат намояд. Вобаста ба ин Б.Хоҷаев дуруст қайд менамояд, ки дар шароити маҳдудияти имконият ва захираҳо қарзҳои хурд воситаи ягонаи ташкили фаъолият ва таъмини дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба захираҳои молиявӣ мебошад. Қарзҳои хурд ва тавсеаи таҷрибаи пешниҳоди он низ маҳз дар заминаи тақвияти нақши муҳими он дар дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ ва мавзеи деҳот густариш ёфта, дар ҷаҳони муосир фишанги маъмул ва самараноки баландбардории дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад [5, с.9].

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо, ба назари мо, фаъол сохтани раванди дастгирии молиявию қарзӣ ва сармоягузории субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна, муттаҳидсозӣ ва оптимизатсияи манбаъҳои гуногуни молиявӣ шароити мусоидро барои татбиқи ҳадафҳои соҳибкорони истеҳсолӣ фароҳам месозад. Равандҳои васеъ намудани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба захираҳои қарзӣ ва манбаъҳои молиявӣ бо усулҳои такмили механизмҳои молиявӣ ҷараёни такрористеҳсолро фаъол намуда, муаммоҳои дар ҳар ду тараф ҷойдоштаро бартараф месозад.

Бо назардошти ҳама имконоти мавҷуда ва зарурати конкретии соҳа, тибқи ҳисобҳои коршиносон, тамоюли асосии рушди бозори сармояи хурд дарояндаи наздик метавонад

боиси афзоиши рақобат бо бонкҳо дар мубориза барои ҷалби муштариён, пеш аз ҳама, тавассути баланд бардоштани сатҳи технология ва тамоюли талаботи муштариён гардад. Истифодаи фаъоли технологияҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, маҳсулоте, ки раванди баргардонидан ва пардохти қарзҳоро автоматӣ мекунанд, афзалияти рақобатии ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар самти пешниҳоди ҳиссаи бештари қарзҳо ифода менамояд [4, с.67].

Танзими фаъолияти сармоягузории хурд ба усули таваккал асос ёфтааст, ки маънои фарқ кардани талабот ба одамони гуногуни дар ин бозорро дорад. Барои ҳимояи ҳуқуқи қарзгирандагони ташкилотҳои қарздиҳии хурд диққати махсус додан лозим аст, ки дар робита ба он коҳиш додани ҳаҷми ҳадди уҳдадориҳои қарзгир дар назди қарздиҳанда, ташкили талабот оид ба риояи арзиши бозпасгардонии қарзҳо зарур аст.

Дар айни замон, бо назардошти мушкилоти мавҷуда яке аз роҳҳои муосири дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ таъмини субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ ин қарзҳои низоми бонкӣ мебошанд. Дар заминаи пешниҳоди қарзҳои гуногуни низоми бонкӣ метавон то як андоза фаъолияти субъектҳои соҳибкориро ҷоннок намуд. Имрӯз метавон ҳиссаи низоми бонкиро дар дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ метавон мусбат арзёбӣ намуд, аммо ин масъала вобаста ба шароит ва сатҳи талабот қаноатмандкунанда нест. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ додашуда бо таъсири як қатор омилҳо тамоюли коҳишёбӣ доранд, ки раванди ин ҷараёнро дар диаграммаи 1 дидан мумкин аст.

**Диаграммаи 1. - Ҳиссаи қарзҳои ба бахши соҳибкорӣ додашуда дар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (бо фоиз)**




**Сарчашма:** Бюллетенҳои омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2020

Гарчанде ҳиссаи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар маҷмуи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2008-2015 17,7 банди фоизӣ (аз 46,8 то 64,5 фоиз) афзоиш ёфтааст, ҳиссаи қарзҳои ба он додашуда дар дар ин солҳо ҳамагӣ 1,3 банди фоизӣ (аз 19,37 то 20,7 фоиз) афзудааст у халос. Соли 2016 бошад, вобаста ба вазъи ногувори иқтисодӣ ин нишондиҳандаҳо нисбати соли 2015 мутаносибан 4,1 ва 8,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтаанд. Дар такя ба маълумотҳои омории нимсолаи аввали соли 2017 ҳиссаи қарзҳо дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 7,2 фоиз поён хоҳад рафт, ки аз мушкилиҳо дар ин самт дарак медиҳад.

Вобаста ба нишондиҳандаҳои диаграммаи мазкур тамоми ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар такя ба таҳлили ҳаматарафаи роҳбарон ва коршиносони қарзӣ роҳҳои имконпазири рушди соҳаро дарёфт намуда, дастгирии қарзии субъектҳои соҳибкориро пеша намоянд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, як қатор омилҳое, ки ҳамчун нуқсони ҷиддӣ дар вақти қарздиҳӣ ва қарзадокунӣ эътироф мегардад, он фарҳанги ташкилии худро бо мақсади рушди хизматрасонии қарздиҳии хурд ба вуҷуд меоянд. Масъалаи дуюм, ин набудани дастаи алоҳидаи менеҷмент мебошад, зеро шуъбаи алоҳида аз ҷониби бонки

асосӣ идора карда мешавад. Ин, дар навбати худ, метавонад боиси нофаҳмиҳо ва тақсимоти нодурусти захираҳои бонкӣ барои рушди бахши қарзҳои хурд гардад [7].

Вобаста ба ин қарздиҳии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки одамоне, ки қарзҳои хурд гирифтаанд, на танҳо аъзоёни оилаи худро бо кор таъмин месозанд, балки боз ҷойҳои иловагии корӣ сохта, бо ҳамин ба афзоиши даромади хонаводаҳои худ ва баромадан аз ҳолати камбизоатӣ мусоидат намуда, ҷиҳати коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ҷиноятkорӣ дар мамлакат саҳми назаррас мегузоранд. Барномаҳои хурди молиявӣ аз барномаҳои маъмулии бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯи методологияи амалиётӣ, сохтори ташкилӣ ва принсипҳои тақсими фоидаи ташкилот ба куллӣ фарқ мекунанд [5, с.9]. Ҳамзамон, вобаста ба ин Р.Мурзоибраим ва дигарон қайд менамоянд: «Дар марҳилаи муосири рушд қарздиҳии хурд омили муҳимтарини ҳавасмандгардонии тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ, коҳиши уҳдадориҳои иҷтимоии буҷет, воситаи афзунсозии объектҳои андозбандӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад» [2, с.129].

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва кафолати фаъолияти озоди соҳибкорӣ аз ҷониби давлат нақш ва мақоми ташкилотҳои қарзии хурд ва маҳсулоти гуногуни онҳо зиёд гардида, тавсеаи фаъолияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии аҳолии деҳот ба қарзҳои хурд алоқамандии бевосита дорад. Вобаста ба ин, инкишофи механизми қарздиҳии хурд дар деҳот имконият медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар самту бахшҳои гуногун густариш ёфта, масоили таъмини шуғл ва ғанӣ гардонидани бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ҳалли худро пайдо кунад. Ҳамзамон, бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумат рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ низ дар сатҳи деҳот таъмин карда шавад. Ғайр аз ин, дар коҳиш ёфтани шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ як қатор тағйиротро дар ҳаҷми қарзҳои хурди ба соҳаҳо додашаванда ба миён овард, ки дар ҷадвали 2.1.2 онро мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.1.2. - Ҳиссаи қарзҳои хурд дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ (млн. сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | 2019/ 2012 тағйи -рот (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Ҳамаи қарзҳои хурд | 3138,1 | 4707,5 | 6189,8 | 5366,4 | 3626,4 | 3817,1 | 4812,4 | 6003, 9 | 91,3 |
| Кишоварзӣ | 766,6 | 1 000,5 | 1 395, 7 | 1 247, 3 | 772,7 | 828,7 | 963,4 | 1 213, 9 | 58,3 |
| Саноат | 362,1 | 495,7 | 695,7 | 528,8 | 378,3 | 342,0 | 385,0 | 415,5 | 14,7 |
| Сохтмон | 172,5 | 264,0 | 393,2 | 305,4 | 144,4 | 122,6 | 201,9 | 187,1 | 8,4 |
| Нақлиёт | 34,6 | 52,7 | 75,5 | 44,7 | 24,3 | 11,4 | 28,0 | 58, 6 | 69,3 |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 36,9 | 36,8 | 43,5 | 37,5 | 24,9 | 17,3 | 22,1 | 25,1 | - 32,0 |
| Хизматрасонӣ | 219,0 | 439,9 | 569,0 | 561,4 | 367,6 | 386,4 | 576,3 | 653, 4 | 1,9 мар |
| Савдои хориҷӣ | 665,4 | 867,2 | 985,6 | 831,1 | 558,1 | 658,7 | 773,5 | 733, 9 | 10,2 |
| Миёнаравии молиявӣ | 12,5 | 27,8 | 417 | 1,0 | 781 | 2,7 | 260 | 1,0 | -91,2 |
| Истеъмолот | 617,2 | 1 249,1 | 1 762,4 | 1541,0 | 1128,2 | 1351,0 | 1722,3 | 1240,0 | 100,9 |
| Дигар самтҳо | 362,1 | 495,7 | 695,7 | 528,8 | 378,3 | 342,0 | 385,0 | 415,5 | 14,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ солҳои 2012-2019 [9].

Ғайр аз ин, ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми қарзҳои хурд дар тамоми соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ тамоили зиёдшавиро касб намуда, дар бахши кишоварзӣ дар соли 2019 нисбат ба соли базавӣ 58,3%, дар соҳаи саноат 14,7%, сохтмон 8,4%, нақлиёт 69,3% ва соҳаҳои истеъмолӣ бошад, ба андозаи 100,9% зиёд гардидааст. Лекин дар як қисми соҳа, ба монанди хӯроки ҷамъиятӣ 32% ва миёнаравони молиявӣ 91,2% кам гардидааст.

Ташкилотҳои қарзии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари бонкҳои дараҷаи дуюм ва ташкилотҳое, ки навъҳои ҷудогонаи хизматрасонии бонкиро анҷом медиҳанд, дараҷаи сеюми низоми қарзиро ташкил медиҳанд. Вазифаи давлат дар такмили равишҳои мафҳуми ба рушди низоми қарздиҳии хурд дастгирии ҳаматарафаи ин бахш барои баланд бардоштани ҷаззобияти ташкилотҳои қарзии хурд ва дар оянда барои сармоягузорони имконпазир зоҳир мегардад.

Ташкили додани қарзҳои хурд ба корхонаҳои хурду миёна имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои нисбатан мувофиқ ва имтиёзнокро пешниҳод намоянд. Барои рушд ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хурду миёна қарзҳои хурд тавсия дода мешавад, то хароҷоти ҷорӣ кам ва сатҳи даромад афзоиш дода шавад. Қарзи хурд бояд тибқи шартҳо ва имтиёзҳо бо роҳи ҷуброни фарқияти қисми фоизи қарзи додашуда аз ҳисоби буҷет пардохт карда шавад.

Захираҳои қарзии тамоми ташкилотҳои қарзӣ барои соҳибкорони хурду миёна вобаста ба имконияту иқтидори онҳо, пеш аз ҳама, камхарҷ, кӯтоҳмуддат ва бехатар бошанд. Дар асоси тартиби додани қарзҳои хурд ва ба инобат гирифтани шароити мавҷудаи соҳибкории хурду миёна бояд раванди додани қарз сода ва самаранок бошад.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯза дар масъалаи пешниҳоди маҳсулоти нави бонкӣ дар асоси фаъолияти фаъоли ташкилотҳои қарзӣ барои корхонаҳои хурду миёна аҳамияти калон дорад. Мавқеи муҳимро дар густариш додани дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои қарзӣ бояд тавассути қарздиҳии ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барои мусоидат ба рушди соҳибкорӣ, истифодаи хатҳои қарзӣ аз тарафи давлат ва ҷорӣ намудани роҳи имтиёзноки қарздиҳии корхонаҳои хурду миёна дар заминаи кафолати давлат аз ҳисоби маблағҳои буҷет ба ёрии бонкҳои тиҷорӣ таъмин карда мешаванд. Ҳамчунин, як қатор лоиҳаҳое, ки ба дастгирии соҳибкорони хурду миёна равона карда шудаанд, метавонанд аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда шаванд. Дастгирии соҳаи мазкур аз ҳисоби давлат дар доираи ҳамкорӣ бо фондҳои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, оҷонсиҳо ва дигар сохторҳои дастгирӣ роҳандозӣ мегардад. Таҳлили қарздиҳии корхонаҳои хурду миёна ба мо имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои зеринро барои беҳтар кардани дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои қарзӣ пешниҳод намоем:

1. Ҷараёни қарздиҳии хурд аз тарафи ташкилотҳои институтсионалӣ бо назардошти таъмини бехатарии фаъолияти онҳо бояд ба қадри имкон сода карда шавад;
2. Ташкилотҳои қарзӣ бояд ба соҳибкорон рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳои заруриро барои гирифтани қарз ва тавсияҳои методӣ барои таҳия ва арзёбии фаъолияти самараноки онҳо пешниҳод намоянд.

Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда соҳибкорони хурду миёнаро зарур аст, ки дар бораи дурнамои самти фаъолияти худ ва бозпасгардонии маблағҳои ба қарз гирифташуда аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд.

Фаъолияти дорои хусусияти инноватсиядошта барои татбиқи ҳадафи асосии ҷиҳати истифодаи захираҳои давлатӣ бояд тақсимоти сармояи мустақим набошад, балки суғурта ва кафолатҳои ҳукумат барои пардохти қарзҳо мавқеи асосӣ доранд. Фондҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна бояд ба ҷалби сармояи хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои саноатӣ ва инноватсионӣ барои рушди қарздиҳии хурд ба таври фаъол мусоидат кунанд. Дар асоси мушаххасоти сарчашмаҳо, ба андешаи мо, фаъол сохтани дастгирии молиявию қарзӣ ва сармоягузорӣ ба соҳибкории хурд ва миёна, муттаҳидсозӣ ва оптимизатсияи манбаъҳои гуногуни молиявӣ зарурати айнӣ дошта, овардани шароити воқеӣ бояд аввалият дошта бошад.

Тавассути васеъ намудани дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба манбаъҳои молиявӣ ва қарзӣ ва такмил додани механизмҳои дастгирии молиявӣ ва қарзӣ барои

истифодаи корхонаҳои хурду миёна ҷудо намудани меъёри муайяни буҷа мувофиқи мақсад мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии қарздиҳии хурд зарурати бунёди як низоми воқеан муассир ва таъсиррасони қарздиҳии хурд ба соҳибкории хурду миёна айни муддао буда, дар заминаи он сохтани як низоми муосири қарздиҳии хурд мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, бо назардошти шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи таҷрибаи хориҷӣ сохтани як низоми қарздиҳии самаранок ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна айни муддаост. Ҳамзамон, дар ташкили чунин як низом пешниҳодҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

1. Таъсиси фондҳои марказонидашудаи давлатӣ бо ҷалби маблағҳои нисбатан озоде, ки муҳлати дароз доранд. Чунин фондҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурду миёна дар асоси имтиёзҳои мувофиқ пешниҳод мегарданд.
2. Фароҳам овардани шароити қарзгирӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ аз тарафи давлат ва дар заминаи он таъмини кафолати пардохти фоизи сарИвақтии қарзҳои гирифташуда аз тарафи давлат.
3. Сода гардонидани ҷараёни ҳуҷҷатгузории пешниҳоди қарзӣ дар заминаи устувории самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ.
4. Додани имтиёзҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатие, ки тағйири меъёрҳои мувофиқи онҳо дар зери салоҳиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.
5. Аз байн бурдани сатҳи хавфҳое, ки ба сандаҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста мебошанд ё аз онҳо рушди бевоситаи фаъолияти соҳибкории хурду миёна вобастагии калон дорад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” аз 16 апрели соли 2012, №816.
2. Мурзаибраим, У. Р. Роль микрокредитования в экономике/ У.Р.Мурзаибраим //Научные стремления. - 2018. - №24. - С.129
3. Раҳимзода Ш. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. / Ш.Раҳимзода. – Душанбе: «Эр-Граф», 2019. – 136 с.
4. Уксусова М.С. Микрофинансирование: содержание, особенности, проблемы. /М.С.Уксусова// Экономический журнал. – 2018. -№3 (51). - С. – 50-67.
5. Хоҷаев Б.Б. Рушди низоми қарздиҳии хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.10 / Б.Б. Хоҷаев. – Душанбе, 2021. – 32с.
6. Цхададзе Н.В. Микрофинансирование за рубежом: опыт решения социальных задач // Экономика. Налоги. Право. - 2017. Т. 10. - №1. - С. 101–109.
7. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ [манбаи электронӣ] URL: https://www.nbt.tj/upload/iblock/d45/November_11.pdf (Санаи мурочиат 25.01.2020)
8. Микрокридотование как фактор развития малого бизнеса в Росссии [электронный ресурс] URL: http://www.dslib.net/finansy/mikrokreditovanie-kak-faktor-razvitija-malogo-biznesa-v-rossii.html#4786261 (дата обращения 18.06.2021)
9. http://www.bishelp.ru (Санаи мурочиат 25.01.2020)

МУНДАРИЧА


| ИҚТИСОДӢ | |
|---|---|
| *Раҳимзода Ш., Дембегиев М.С.* ВАЗЪИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРРАСОН ДАР ШАРОИТИ ПАНДЕМИЯ (COVID-19) | 7 |
| *Кошонова М.Р.* УНСУРҲОИ ИҶТИМОИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 16 |
| *Бегматов А.А., Рустамзода М.Р.* ИҚТИДОРИ САНОАТИИ МИНТАҚА: ҲОЛАТ ВА САМТҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН | 27 |
| *Сафаров Б.Г.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ҶАНБАИ МИНТАҚАВӢ) | 33 |
| *Убайдов Ф.С.,* Деҳқонов С.А. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ | 39 |
| *Муслихова Т.Т.* ПОЯҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ РАВИШИ МАКОНӢ ДАР РУШДИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ | 45 |
| *Нуров Ш.С., Шарифов А.П.* НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР | 53 |
| *Оймаҳмадов Г.Н., Сафаров Ш.* СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ МИНТАҚАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 60 |
| *Мирзоева Е.Ш., Амиров М.С.* ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САН**ОАТӢ** | 65 |
| *Қараев Р.Х., Солиев Н.А.* БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК: МУАММО ВА ТАМОЮЛИ РУШД | 74 |
| *Муслихова Т.Т.* ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МАКОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ | 80 |
| *Попов Н.А., Саидзода Д.С.* ШАРОИТИ АМАЛИГАРДОНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ | 89 |
| *Шодиев К.Қ.* ОМИЛҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ | 94 |
| *Кабиров А.Т., Иноятов Ф.А.* ҲАЛЛИ ОПТИМАЛИИ МАСЪАЛАҲОИ ГУНОГУНИ ИҚТИСОДӢ БО ТАТБИҚИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ | 101 |
| *Раҳимова А.В.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ҶОМЕА | 109 |
| *Раҷабов Б.С.* РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН | 115 |
| *Қурбонова Ш.Б.* БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ ТУРИЗМ | 124 |
| *Эшбеков Т.Ҳ., Усмонов П.Н.* МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ: САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 131 |
| *Маҷидов Н.А.* ЗАМИНАҲОИ ТАБИӢ ВА ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТАШКИЛИ КОМПЛЕКСҲОИ АГРОСАНОАТИИ МАҲАЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ ВОДИИ РАШТ) | 137 |
| *Баротов А.Х.* АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ АНДОЗҲО ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ ИҶРОИШИ БУҶЕТ | 145 |
| *Муллоев П.Н.* ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАШКИЛИ ШАРОИТИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 151 |
| *Мусофирова Ф.С.* ТАКМИЛДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНИ ТАВАРРУМ ТАВАССУТИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ | 158 |
| *Сатторова М.Л.* МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ГУРӮҲБАНДИИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА ТАҒЙИРЁБИИ ҚУРБИ АСЪОР | 164 |
| *Қарахонова Н.М., Ҷураев Х.Ғ.* НАҚШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР РУШДИ | 172 |

| | |
|---|---|
| ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ | |
| *Абдулхайров Ф.М.* НАҚШ ВА МАҚОМИ АУДИТ ДАР НИЗОМИ МОНИТОРИНГИ СИФАТИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВИИ БОНКҲО | 178 |
| *Миришабов Ф.М.* ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА | 187 |
| *Ёфтаков А.Ш.* МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ХУРД ДАР КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ ГУЗАРИШ ҚАРОРДОШТА | 194 |
| *Ҷумаев И.Қ., Махшулов С.Ч.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФОИЗҲОИ БОНКӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДӢ | 199 |
| *Ҷумаев Ш.М.* БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР | 205 |
| *Ҳасанова М.И.* ВАЗЪ ВА ТАМОЮЛИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД | 212 |
| *Аҳадов И.Қ.* ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ДОРОИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ | 219 |
| *Кабиров Ш.Р.* ТАДБИРҲОИ МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА ДОИР БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАИ НОРАСОИИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ | 226 |
| *Рофизода С.Ҳ.* БАҲОДИҲИИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 232 |
| *Мирзоқурбонов Н.Ҳ.* МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ САВДОИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ | 240 |
| *Мамадбекова Н.А.* МАСЪАЛАИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ НАВ | 246 |
| *Шералии С.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ | 253 |
| *Ҷулиев М.Ҳ.* УНСУРИ АСОСИИ НИЗОМИ АСЪОРИ МИЛЛӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН | 261 |
| *Самадов Р.Г.* ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ-МЕҲНАТӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ РУШДЁБАНДА | 267 |
| *Урунова С.С.* ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКИИ РУШДИ НИЗОМИ ҚАРЗДИҲИИ ХУРД БА ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 276 |


СОДЕРЖАНИЕ


| | |
|---|---|
| ЭКОНОМИЧЕСКИЕ | |
| *Рахимзода Ш., Дембегиев М.С.* СИТУАЦИЯ НА РЫНКЕ БАНКОВСКИХ УСЛУГ И ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА НЕЕ В УСЛОВИЯХ ПАНДЕМИИ (COVID-19) | 7 |
| *Кошонова М.Р.* СОЦИАЛЬНЫЕ СОСТАВЛЯЮЩИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 16 |
| *Бегматов А.А., Рустамзода М.Р.* ПРОМЫШЛЕННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РЕГИОНА: СОСТОЯНИЕ И НАПРАВЛЕНИЯ ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ | 27 |
| *Сафаров Б.Г.* ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (РЕГИОНАЛЬНЫЙ АСПЕКТ) | 33 |
| *Убайдов Ф.С., Дехконов С.А.* ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РОЛИ ГОСУДАРСТВА В РАЗВИТИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ | 39 |
| *Муслихова Т.Т.* ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОСТРАНСТВЕННОГО ПОДХОДА К РАЗВИТИЮ ТЕОРИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ | 45 |
| *Нуров Ш.С., Шарифов А.П.* РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ОСУЩЕСТВЛЕНИИ СТРАТЕГИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ | 53 |
| *Оймахмадов Г.Н., Сафаров Ш.* РЕГИОНАЛЬНАЯ БЮДЖЕТНО-НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 60 |
| *Мирзоева Е.Ш., Амиров М.С.* МИРОВОЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ | 65 |

| | |
|---|---|
| *Караев Р.Х., Солиев Н.А.* РЫНОК ЦЕННЫХ БУМАГ: ПРОБЛЕМЫ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ | 74 |
| *Муслихова Т.Т.* МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОСТРАНСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ | 80 |
| *Попов Н.А., Саидзода Д.С.* УСЛОВИЯ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ВОСПРОИЗВОДСТВА В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ | 89 |
| *Шодиев К.К.* ФАКТОРЫ И ПОКАЗАТЕЛИ, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЕ УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОЙ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ | 94 |
| *Кабиров А.Т., Иноятов Ф.А.* ОПТИМАЛЬНОЕ РЕШЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗАДАЧ С ПРИМЕНЕНИЕМ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ | 101 |
| *Рахимова А.В.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ОБЩЕСТВЕ | 109 |
| *Раджабов Б.С.* К ВОПРОСУ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА ТРУДА И ЗАДЕЙСТВОВАНИЕ ТРУДОВЫХ РЕЗЕРВОВ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 115 |
| *Курбонова Ш.Б.* НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА | 124 |
| *Эшбеков Т.Х., Усмонов П.Н.* МЕЖБЮДЖЕТНЫЕ ОТНОШЕНИЯ: ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ИХ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 131 |
| *Маджидов Н.А.* ПРИРОДНЫЕ И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ОРГАНИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНЫХ АГРОПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ КОМПЛЕКСОВ (НА ПРИМЕРЕ РАШТСКОЙ ДОЛИНЫ) | 137 |
| *Баротов А.Х.* ОЦЕНКА НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА И ЕГО РОЛЬ В ИСПОЛНЕНИИ ГОСБЮДЖЕТА | 145 |
| *Муллоев П.Н.* К ВОПРОСУ ФОРМИРОВАНИЯ УСЛОВИЙ РАЗВИТИЯ МОЛОДЕЖНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 151 |
| *Мусофирова Ф.С.* МОДЕРНИЗАЦИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ УПРАВЛЕНИЯ ИНФЛЯЦИОННЫМ ПРОЦЕССОМ С ПОМОЩЬЮ МОНЕТАРНОЙ ПОЛИТИКИ | 158 |
| *Саттарова М.Л.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ КЛАССИФИКАЦИИ ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА ИЗМЕНЕНИЕ ВАЛЮТНОГО КУРСА | 164 |
| *Карахонова Н.М., Джураев Х.Г.* РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ | 172 |
| *Абдулхайров Ф.М.* РОЛЬ И СТАТУС АУДИТА В СИСТЕМЕ МОНИТОРИНГА КАЧЕСТВА КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ В БАНКАХ | 178 |
| *Миришабов Ф.М.* ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА | 187 |
| *Ёфтаков А.Ш.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СИСТЕМЫ МИКРОФИНАНСИРОВАНИЯ В СТРАНЕ С ПЕРЕХОДНОЙ ЭКОНОМИКОЙ | 194 |
| *Джумаев И.К., Махшулов С.Дж.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ БАНКОВСКИХ ПРОЦЕНТНЫХ СТАВОК В ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ | 199 |
| *Джумаев Ш.М.* РЫНОК ФИНАНСОВЫХ УСЛУГ И ЕГО КЛАССИФИКАЦИЯ В КОНТЕКСТЕ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ | 205 |
| *Хасанова М.И.* СОСТОЯНИЕ И ТЕНДЕНЦИИ ИНФОРМАТИЗАЦИИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИКОЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ | 212 |
| *Ахадов И.К.* ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ БАНКОВСКИХ АКТИВОВ В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ | 219 |
| *Кабиров Ш.Р.* МЕРЫ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ПРИ РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМ НЕХВАТКИ РАБОЧЕЙ СИЛЫ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ | 226 |
| *Рофизода С.Х.* ОЦЕНКИ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 232 |
| *Мирзокурбонов Н.Х.* ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ ЭКОНОМИКУ | 240 |
| *Мамадбекова Н.А.* ВОПРОСЫ ИНВЕСТИЦИЙ В ТАМОЖЕННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В | 246 |

| | |
|---|---|
| НОВЫХ УСЛОВИЯХ | |
| *Шералии С.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ РЫНКА ТРУДА | 253 |
| *Джулиев М.Х.* КЛЮЧЕВОЙ ЭЛЕМЕНТ НАЦИОНАЛЬНОЙ ВАЛЮТНОЙ СИСТЕМЫ И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ | 261 |
| *Самадов Р.Г.* СПЕЦИФИКА СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ РАЗВИВАЮЩЕГОСЯ ТРУДОВОГО РЫНКА | 267 |
| *Урунова С.С.* ДИНАМИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ МИКРОЗЕМИРОВАНИЯ В ПРОИЗВОДСТВЕННО-ХОЗЯЙСТВЕННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 276 |


THE CONTENTS


| ECONOMY | |
|---|---|
| *Rahimzoda Sh., Dembegiev M.S.* THE SITUATION IN THE BANKING SERVICES MARKET AND FACTORS AFFECTING IT IN THE CONTEXT OF A PANDEMIC (COVID-19) | 7 |
| *Koshonova M.* SOCIAL ORIENTED PUBLIC FINANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 16 |
| Begmatov A.A., Rustamzoda M.R. INDUSTRIAL POTENTIAL OF THE REGION: STATE AND DIRECTIONS OF ITS USE | 27 |
| *Safarov B.G.* THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASIS OF RESEARCH OF THE EXTERNAL ECONOMIC SAFETY OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN (REGIONAL ASPECT) | 33 |
| *Ubaidov F.S., Dekhkonov S.A.* THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE ROLE OF THE STATE IN THE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMIC SYSTEM | 39 |
| *Muslikhova T.T.* THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE SPATIAL APPROACH TO THE DEVELOPMENT OF THE THEORY OF REGIONAL ECONOMY | 45 |
| *Nurov Sh.S., Sharifov A.P.* THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENT IN THE INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY | 53 |
| *Oymakhmadov G.N., Safarov Sh.* REGIONAL BUDGET AND TAX POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 60 |
| *Mirzoeva E.Sh., Amirov M.S.* GLOBAL EXPERIENCE OF FINANCIAL RISK MANAGEMENT IN INDUSTRIAL ENTERPRISES | 65 |
| *Karaev R.Kh., Soliev N.A.* SECURITIES MARKET: PROBLEMS AND DEVELOPMENT TRENDS | 74 |
| *Muslikhova T.T.* METHODOLOGICAL ASPECTS OF SPATIAL DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY | 80 |
| *Popov N.A., Saidzoda D.S.* CONDITIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF REPRODUCTION IN AGRICULTURE | 89 |
| *Shodiev K.K.* FACTORS AND INDICATORS DEFINING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF RURAL SOCIAL INFRASTRUCTURE | 94 |
| *Kabirov A.T., Inoatov F.A.* PPLICATION OF DIFFERENTIAL EQUATIONS IN SOLVING ECONOMIC PROBLEMS | 101 |
| *Rakhimova A.V.* THEORETICAL BASIS OF DEVELOPMENT OF CREDIT RELATIONS IN SOCIETY | 109 |
| *Radjabov B.S.* TO THE QUESTION OF REGULATION OF THE LABOR MARKET AND THE USE OF LABOR RESERVES IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 115 |
| *Qurbonova Sh.B.* SOME THEORETICAL ISSUES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF TOURISM | 124 |
| *Eshbekov T.H., Usmonov P.N.* THE INTERBUDGETARY RELATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PRIORITY DIRECTIONS OF THEIR DEVELOPMENT | 131 |

| | |
|---|---|
| *Mazhidov N.A.* NATURAL AND SOCIO-ECONOMIC LANDS OF LOCAL AIC ORGANIZATIONS (BY THE EXAMPLE OF THE RASHT VALLEY) | 137 |
| *Barotov A.H.* EVALUATION OF TAX CAPACITY AND ITS SHARES IN PERFORMANCE OF THE BUDGET | 145 |
| *Mulloev P.N.* ON THE QUESTION OF FORMING CONDITIONS FOR THE DEVELOPMENT OF YOUTH ENTREPRENEURSHIPIN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 151 |
| *Musofirova F.S.*INFLUENCE OF INFLATION LEVEL ON ECONOMIC GROWTH | 158 |
| *Sattarova M.L.* THEORETICAL QUESTIONS OF THE CLASSIFICATION OF FACTORS AFFECTING THE THE EXCHANGE RATE | 164 |
| *Karakhonova N.M., Juraev Kh.G.* ROLE OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY | 172 |
| *Abdulkhairov F.M.* THE ROLE AND STATUS OF AUDIT IN THE SYSTEM OF MONITORING THE QUALITY OF CORPORATE GOVERNANCE OF BANKS | 178 |
| *Mirishabov F.M.* ANALYSIS OF FOREIGN EXPERIENCE IN SUPPORT AND DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP | 187 |
| *Yoftakov A.Sh.* THEORETICAL ISSUES OF THE SYSTEM OF ICRO FINANCING IN A COUNTRY WITH ECONOMY IN TRANSITION | 194 |
| *Jumaev* I.Y., *Makhshulov S.Dz.* THEORETICAL BASIS OF BANKING INTEREST RATES IN ECONOMIC RELATIONS | 199 |
| *Jumaev Sh.M.* THE FINANCIAL SERVICES MARKET AND ITS CLASSIFICATION IN THE CONTEXT OF THE MODERN ECONOMY | 205 |
| *Hasanova M.I.* SITUATION AND INFORMATION TRENDS IN THE ECONOMIC MANAGEMENT SYSTEM OF SUGHD REGION | 212 |
| *Ahadov I.Q.* BASIC FORMATION OF BANKING ASSETS IN THE MARKET ECONOMY | 219 |
| *Kabirov Sh.R.* MEASURES OF FOREIGN COUNTRIES TO SOLVE THE PROBLEM OF A SHORTAGE OF FOREIGN LABOR IN AGRICULTURE | 226 |
| *Rofizoda S.* ESTIMATES OF THE STANDARD OF LIVING OF THE POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 232 |
| *Mirzokurbonov N.Kh.* FOREIGN TRADE DEVELOPMENT PROBLEMS AND ITS IMPACT ON THE NATIONAL ECONOMY | 240 |
| *Mamadbekova N.A.* ISSUES OF INVESTMENT IN CUSTOMS ACTIVITIES IN NEW CONDITIONS | 246 |
| *Sheralii S.* THEORETICAL BASIS OF MANAGEMENT LABOR MARKET | 253 |
| *Juliev M.H.* KEY ELEMENT OF THE NATIONAL MONETARY SISTEM AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT | 261 |
| *Samadov R.G.* THE SPECIFICITY OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN THE CONDITIONS OF A DEVELOPING LABOR MARKET | 267 |
| *Urunova S.S.* DYNAMIC ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF MICRO LOANING SYSTEM IN THE MANUFACTURING ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 276 |

**Ба таваҷҷуҳи муаллифон!**

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 12 саҳифаи компютерӣ кам набошад.

2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.

3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.

4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 3 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост – 2 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

5. Дар саҳифаи аввали мақола УДК, номи мақола, ному насаб ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) ва ташкилот ё муассиса, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон нишон дода мешаванд.

6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 10 сатр). **Калидвожаҳо** тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.

7. Маълумот дар бораи муаллиф (бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (он), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12)

8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 8 - 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.

9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.

10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.

11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.

12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

**К сведению авторов**

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).

3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».

4. Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj), размер шрифта основного текста – 14, списка литературы – 12, интервал 1,5, абзацный отступ – 1,25. Размер полей: сверху – 3 см, снизу – 2,5 см, слева – 3 см, справа – 2 см. Все страницы статьи должны быть пронумерованы.

5. Титульная страница должна содержать: УДК, название статьи (шрифт прописной 14), фамилию и инициалы автора (авторов), учреждение или организация (полностью) на трех языках.

6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов (шрифт строчный 12, курсив) на том языке, на котором написана статья и продолжить аннотациями на другом языке (таджикском или русском) и английском языках. Аннотация должна ясно излагать основное содержание статьи и быть пригодной к публикации отдельно от статьи (не менее 10 строк). **Ключевые слова** должны обеспечить наиболее полное раскрытие содержания статьи, является кратким изложением содержания научного произведения, дающим обобщенное представление о его теме и структуре, оформляются через запятую (8-10 слов).

7. Сведения об авторе должны содержать: фамилию и инициалы (полностью) автора (авторов), его ученую степень, звание, должность, место работы и контактную информацию (почтовый адрес, телефон, E-mail) (шрифт строчный 12, курсив) на таджикском, русском и английском языках.

8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.

9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.

10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.

12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Котиби масъул: Носиров С.Ш.
Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Ҳакимова Р.Н., Ҷобиров Н.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4
Сомонаи маҷалла: www.vestnik.tgfeu.tj
Сомонаи ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Носиров С.Ш.
Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Хакимова Р.Н., Джобиров Н.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус
Сайт журнала: www.vestnik.tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

Responsible editor: Nosirov S. Sh.
Editors: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh., Khakimova R.N., Jobirov N.M.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.
Webpage journal: www.vestnik.tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

**Тарҳ ва дизайни Ф. Убайдуллоев**

Ба чоп супорида шуд 24.12.2021. Ба чоп иҷозат шуд 26.12.2021
Формати 60x84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 18,25 ҷ. ч.. Теъдод 100 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

**Верстка и дизайн Ф. Убайдуллоев**

Сдано в набор 24.12.2021. Подписано в печать 26.12.2021
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 18,25 усл. печ.л. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

**Layout and design F. Ubaidulloev**
Signed to print on 24/12/2021
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 11,3 conv. b.p. Circulation 100 copies.
Printed in the printing house of TSUFE